ISSN 2791-366X

Маҷаллаи илмӣ-омӯзишии
муҳаққиқони ҷавон

МУҲАҚҚИҚ

МУАССИС:

Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ

№ 3 (56)

Душанбе – 2022

Сармуҳаррир: **Мирбобоев А.**

Муовини сармуҳаррир: **Ҷаматов С.**

Котиби масъул: **Валиев Ҷ.**

Муҳаррири техникӣ: Мардонов С.

ҲАЙАТИ МУШОВИРОН:

Ибодуллозода А. - ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илми таърих, профессор

Сангинзод Д. - муовини ректор оид ба илм, доктори илми ҳуқуқшиносӣ, профессор

Қурбонзода Р. - муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ доктори илми филология, профессор

Нуъмонов М. - доктори илми педагогӣ, профессор

Бандаев С. - доктори илми химия, профессор

Раҳматуллозода С. - доктори илми филология, профессор, узви вобастаи АМИТ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

Худойдодов А. - доктори илми филология, профессор

Сулаймонов И. - номзади илми филология, дотсент

Ҳусейнов А. - доктори илми таърих, профессор

Маҷидова Б. - доктори илми педагогӣ, профессор

Умаров У. - номзади илми педагогӣ, дотсент

Назариев Р. - доктори илми фалсафа, профессор

Ҷумаев М. - номзади илми химия, дотсент

Сатторов Т. - доктори илми биология, профессор

Муҳаббатов Х. - доктори илми география, профессор

Пиров Р. - доктори илми физикаю математика, профессор

Ғафорзода Ҷ. - номзади илми иқтисодӣ, дотсент

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 феврали соли 2020 таҳти шумораи 145/МҶ-97 сабти ном гардидааст.

Дастхату аксҳои ба идораи маҷалла воридшуда баргардонида намешаванд. Саҳеҳияти далелҳо ва маълумоти илмӣ бар уҳдаи роҳбарони илмӣ ва кафедраҳои марбута вогузор мегардад.

ФЕҲРИСТ

ҶАҲОНИ ЗАБОН

1. ***Латифов С.З.***
Маросими ҷуфтбарорӣ дар деҳаи Рэн ноҳияи Ишкошим 6
2. ***Носирова З.***
Сарчашмаҳои вожаҳои иқтибосӣ дар забони англисӣ 9
3. ***Норова Н.***
Нақш ва ҷойгоҳи ибора ва иборасозӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ 12
4. ***Назирова Н.***
Нақши пешояндҳо ва пайвандакҳои забони англисӣ дар созмони воҳидҳои синтаксисӣ 14
5. ***Назаров Б. Ҷ.***
Гурӯҳбандӣ ва таснифи нидо дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ 18
6. ***Мунисаи М.***
Корбасти муродифот дар «Ҳамлет»-и Уилям Шекспир 21
7. ***Исматова М.***
Таҳлили муқоисавии гурӯҳи замонҳои мутлақ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ 25
8. ***Абдуллоева А.***
Алоқаи грамматикии ҷумлаи пайрави хабар бо сарҷумла ва хусусиятҳои онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ 28
9. ***Хусенова М.***
Наименования лиц по профессии в таджикском языке 31
10. ***Кодири М.***
Жанрово-коммуникативные особенности студенческих печатных изданий 34
11. ***Имомбердиева З.***
Роль метафор в научной публицистики 37
12. ***Султонова Н.***
Заимствованные неологизмы в таджикском и английском языках 40
13. ***Султонова Н.***
Определение понятия и термина «неологизм» 42
14. ***Умаров Ф. А.***
Таҳлили муқоисавии пешояндҳои «by-» ва «for-» дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ 45
15. ***Марупова С. Н.***
Аз таърихи ташаккул ва таҳаввули забон ва хатти форсӣ 49
16. ***Валиев Ҷ. А., Тураев М.***
Таҳқиқи калимаҳои иқтибосӣ дар мисоли ҳикояҳои «Холи Девзӯр» ва «Ишқи Сайёд» аз романи «Сармаддеҳ»-и Баҳманёр 52
17. ***Хоҷаева М. Ф.***
Забон ва сабки баёни Бозор Собир 55
18. ***Ҷурабеков Р.***
Воситаҳои наҳвии ифодаи истилоҳоти демографӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ 58

ГУЛШАНИ АДАБ

19. ***Маҳинаи С.***
Масъуди Саъди Салмон - шоири қасидасаро 62
20. ***Назарова М.***
Масъалаҳои дӯстӣ ва вафодорӣ дар ғазал ва фардиёти Саъдии Шерозӣ 65
21. ***Раҳимова М.***
Аълохон Афсаҳзод – муҳаққиқи адабиёти классикӣ 69
22. ***Давлатова М.***
Ҷойгоҳи фарзанд ва таълиму тарбияи он дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус 72
23. ***Нигматова Р.***
Зиндагинома ва таълифи нахустин повести Болта Ортиқов 75
24. ***Зиёева Д. Ш.***
Категория молитвы в поэзии А.С.Пушкина и её исследование в литературоведении 79
25. ***Муминова М.***
Перевод произведений Ивана Бунина на таджикский язык 83
26. ***Бобохонова Г. Д.***
Перевод произведений Л.Н.Толстого на таджикский язык 86

ТАЪРИХ, ФАЛСАФА, СИЁСАТ ВА ҲУҚУҚ

27. ***Валиев Ҷ. А., Ҳалимзода Ш. А.***
Саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таъсисёбии Артиши миллӣ 89
28. ***Раҳимзода Д. М.***
Экспансияи мустамликавии Англия ба Афғонистон (Сиёсати Британияи Кабир дар Афғонистон дар охири асри 19 ва ибтидои асри 20)..... 92
29. ***Зокиров А.***
Ҳаёт ва фаъолияти Алфред Фон Шлиффен 96
30. ***Азимова М.***
Мудохилаи Шуравӣ ва дигар кишварҳои Ғарб ба Афғонистон 99
31. ***Дустова Ш. Ҷ.***
Вазъи муассисаҳои таълимии ноҳияи Шаҳринав дар давраи Истиқлолият 101
32. ***Асророва Ш.***
Сабабҳо ва омилҳои афзоиши муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... 105
33. ***Қозизода Ш.***
Азхудкунии заминҳои дашти Дилварзин ва муҳоҷирати мастчоҳиён ба заминҳои нав..... 109
34. ***Беҳбудова Ф.***
Инъикоси ҳукмронии Мирподшоҳ дар Бадахшон дар «Таърихи Бадахшон»-и Сангмуҳаммади Бадахшӣ ва Мирзо Фазлалибеки Сурхафсар..... 113
35. ***Ҳусейнова Ҳ.***
Шаҳрҳои замони Кушонӣ дар ҳудуди Бохтари Қадим тибқи бозёфтҳои бостоншиносӣ 116
36. ***Сафаров М.***
Робитаҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин..... 119

ИЛМ ВА ФАНОВАРӢ

37. ***Қурбонов Ҳ. М.***
Унсурҳо ё маъданҳо 122
38. ***Ғазабзода Ҳ.***
Маълумоти ибтидоӣ оиди забони барномасозии VISUAL BASIC (VB)..... 125
39. ***Ёрова Х. С.***
Робитаи байнифанни математика бо география 130

ТАБИАТ ВА МУҲИТ

40. ***Бердиева Н. Д.***
Витаминҳо ва аҳамияти онҳо барои ҳаёти инсон..... 132
41. ***Абдукаримов Б. Б.***
Баҳодиҳӣ ба фаъолияти узвҳои ҷинсии занона аз рӯи таҳлили ситологии молишаки маҳбал .. 136
42. ***Абдукаримов Б. Б.***
Безурётии эндокринии занона 140
43. ***Дӯстов Ҷ.***
Муайян намудани пигментҳои пластидҳои растаниҳои гандум ва ҷав 144
44. ***Айдарова М. Б.***
Тағйирёбии миқдори лейкоситҳо ҳангоми сирояти шадиди бактериявӣ..... 147
45. ***Раҳматова З. К.***
Таркиби ҳуҷайраҳои хун ва дигаргуншавии он вобаста ба мавсими сол 151
46. ***Фатҳуллоев Б. С.***
Хусусиятҳои биологии вируси гепатити Е..... 155
47. ***Ғафуров С.***
Пиряхи Хирсон ва тавсифи умумигеографии он..... 158
48. ***Сатторова С. Р.***
Ташаббуси Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди проблемаи об ва тағйирёбии иқлим 161

ИҚТИСОД ВА РУШД

49. ***Хайдаров С. Д.***
Исследование проблем страхового рынка Республики Таджикистан 166
50. ***Хайдаров С. Д.***
Анализ финансово-экономической деятельности страховой компании ооо страховая организация «Бима»..... 172
51. ***Чулибаев В. Ю.***
Индексное страхование: понятие и сущность 178
52. ***Бегимов А. Д.***
Мафҳумҳои асосӣ оиди моделҳои иқтисодӣ ва татбиқи онҳо дар системаҳои компютерии математикӣ..... 183

53. ***Қосимова А.***
Аудити ҳисоббаробаркуниҳо оиди музди меҳнат ва дигар ҳисоббаробаркуниҳо 185
54. ***Ҳайдаров О. М.***
Мавқеи бизнеси хурду миёна дар робитаҳои иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон 188
55. ***Ашурова С.***
Хулосаи аудиторӣ ва тартиби пешниҳод намудани он..... 195
56. ***Ботиров Р. Т.***
Асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии санҷиши андоз..... 198
57. ***Амонова С.***
Аудити стратегӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ, ҷанбаҳои назариявӣ ва методикаи баҳодиҳии он .. 201
58. ***Сафоева Г.***
Таҳлили истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ва фонди пардохти музди меҳнат дар муассисаҳо..... 203

ОМӮЗИШ ВА ПАРВАРИШ

59. ***Набиев С. А.***
Муносибати иҷтимоъшавӣ ва омилҳои таъсиррасонии он дар ташаккули коллективи хонандагони синни хурди мактабӣ 207
60. ***Раҷабова М.***
Мушкилиҳои психологии оилаҳои муосир..... 211
61. ***Ғафурова М. Ш.***
Раванди рушди фаъолияти иртибототӣ дар кӯдакони гирифтори аутизм 215
62. ***Каримова Ш.***
Мафҳуми фард, шахс ва шахсият дар илми психология 218
63. ***Норбутазода Х.***
Омӯзиши фарҳанги экологӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ..... 221
64. ***Додоҷонова Ҷ. Ҷ.***
Воситаҳои ислоҳ намудани нуқсони нутқ ва ба мактаб омода намудани кӯдакони ақлан ақибмонда 224
65. ***Гулова Б.***
Профайлинг 227
66. ***Мусоева Ф. З.***
Фарҳанги зебоипарастӣ ва ташаккули санъати ороишӣ..... 229
67. ***Латифзода С. З., Бозоров А.***
Ҷанбаҳои психологии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ 232
68. ***Одинабекова М. С.***
Нақши технологияи иттилоотиву иртибототӣ дар дарсҳои забони олмонӣ 236
69. ***Ахмедова Д.***
Тарбияи ҳуқуқии хонандагони синфҳои хурдсол дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ..... 239
70. ***Одинаева М. Б.***
Ташаккули малакаҳои полилогии донишҷӯёни курсҳои болоӣ бо забони англисӣ..... 242
71. ***Олимова М.***
Изучение семантики фразеологизмов 244
72. ***Абдуллоева И. А.***
Ташаккули салоҳияти фарҳанги этникии омӯзгори ояндаи забони олмонӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот 247
73. ***Азизхонова Б.***
Оқибатҳои тиббӣ-иҷтимоии зӯроварии оилавӣ нисбат ба кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз давраи истиқолият 250
74. ***Ахунова Ф. Ғ.***
Буҳрони наврасӣ ва хусусиятҳои он..... 253

РАВИШИ ТАДРИС

75. ***Убайдуллоев Ш. Д.***
Истифодаи машқҳои логопедӣ дар талаффузи овозҳо бо воситаи бозӣ 256
76. ***Лайлои Ш.***
Рушди қобилияти эҷодкорӣ дар фаъолиятҳои мусаввирӣ бо истифодаи маводҳои табиӣ..... 259
77. ***Шарипова С.***
Истифодаи бозиҳои касбӣ барои баланд бардоштани қобилияти иртибототии донишҷӯён 261
78. ***Шокирова Ҳ.***
Вайроншавии фаъолияти силсилаи такягоҳ ва ҳаракат дар кӯдакон ва роҳҳои пешгирии онҳо 266

ҶАҲОНИ ЗАБОН

Латифов Собир Зарифбекович,
корманди илмии Институти забон
ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ

МАРОСИМИ ҶУФТБАРОРӢ ДАР ДЕҲАИ РЭНИ НОҲИЯИ ИШКОШИМ

Дар деҳаи Рэни ноҳияи Ишкошими ВМКБ дар ҷашни Наврӯз одатан маросими «ҷуфтбаророн» ки бо забони ишкошимӣ «кәжук нварӧк» ё «теғәм нәварӧк » меноманд ва бо як русумоти махсус анҷом анҷом дода мешавад.

Маҳз дар ҳамин рӯз деҳқон аввалин донаҳои умедро ба замин мекорад. Оиди маросими чуфтбарорӣ дар Бадахшон мардумшиносони русу тоҷик А. А Бобринской [1, 1908, 97-98]; М. С Андреев [2, 60-65]; И. М. Стеблин-Каменский [3, 468-471-474]; И.М. Муҳиддинов, [4, 5, 25-93]; Н. Шакармамадов [6, 50-53]; Э. Ҳоҷибеков [7,168]; Рисолаи деҳқонӣ, таълифи Баҳодурбеки Шарифзода (дастхат) [8, 1285 ҳ.ш.]; –Ш.Юсуфбеков [9, 169-178-181ва дигарон мақолаҳо ва китобҳои илмӣ нашр намудаанд [ниг. 1, 2,3,4]. Вале доир ба маросими чуфтбарории деҳаи Рэни ноҳияи Ишкошим ба таври алоҳида то кунун ягон кас маълумоти нисбатан пурра надодааст. Бинобар ин, дар мақолаи мазкур иҷрои маросими “Ҷуфтбарорӣ” « Ҷәфтнварӧк » ё « Теғәм нәварӧк»-и деҳаи Рэни Ишкошимро муффасалтар аз нуқтаи назари этнографӣ матраҳ намоем.

Чуноне ки зикр намудем дар деҳаи Рэн ҳамонанди дигар навоҳии Ишкошими ВМКБ дар ҷашни Наврӯз одатан маросими «Ҷуфтбарорӣ» баргузор мекунанд, ки онро даромадани Офтоб дар бурҷи Ҳамал меноманд. Дар рӯзи даҳуми апрел, ки “замин тафи худро баровардааст ва омодаи кишт аст”, дар деҳа кишту кор оғоз мегардад ва деҳқонон заминҳои киштро бо ҳисоби махсус, ки онро аз “даҳи баҳор то навади баҳор (амрод)” ба ҳисоб гирифтаанд, ки кишти заминро оғоз мекунанд.

Тибқи маълумотҳои шифоҳии куҳансолон, дар давраи пеш дар деҳаи Рэни ноҳияи Ишкошим ва водии Вахон ҷашни Наврӯз ба рӯзҳои 16 – 18 моҳи март рост меомад. Барои иҷрои маросими ҷуфтбарорӣ, соати некро калонсолони деҳ бо кӯмаки халифа ё донандаи илми нуҷум муайян мекунанд. Тибқи маълумотҳои И. Муҳиддинов, ҳатто вобаста ба мавқеи ҷойгиршавии сайёраҳо аз кадом хона баровардани барзаговҳоро низ маълум мекунанд. Барои соати неки ҳар кори хайр онҳо, пеш аз ҳама, мавқеи ҷоигиршавии сайёраҳо, бахусус “ситораи Ақраб” “ситораи Наҳс”- ро муайян мекарданд [5, 25].

Маҳз дар рӯзи «Ҷуфтбарорӣ» яке аз деҳқонони таҷрибанок, ки қадами шогунӣ (нек)доштаро дар деҳа, ки рамзи «Бобои деҳқон» аст[1], дар қитъаи замини, як ҷуфт барзаговро ба сари замин бурда, рӯи барзаговонро сӯи қибла карда, бо нияти нек юғро ба гардани барзаговҳо андохта ба шоху гардану сумби барзагов равған мемолиданд. Равған дар боварҳои мардум ҳамчун рамзи баракату серҳосилӣ ба шумор рафта, ҳамчунин ин узвҳои барзаговро аз ҷароҳату осеб эмин медорад. Деҳқон баракату фаровониро орзу карда, чунин дуо мехонад: “ ***фат(ҳ)и кор футуҳи рӯзагор, муборакатии шогуни баҳор, як дона – ҳазор, ҳазори Шумо бешумор, ба ҳар донаи Шумо – бахт, давлат, рӯзӣ, ба ҳақи хоҷа Абдуллоҳи деҳқон, Аллоҳоу Акбар***. ” Шакли дигар дуо чунин аст: «Фатҳи кор, футӯҳи рӯзгор, муборакии шогуни баҳор. Аз як донаи мо – ҳазор, аз ҳазори мо – бешумор, ба ҳар донаи шумо бахт, саодат, нишот даррасад аз даргоҳи Парвардигор».

Сипас баъди дуо заминро бо ҷуфти барзаговҳо бо нияти нек се-чо роғ (ҷӯй) шудгор мекунанд, ки дар Ишкошим онро соатгир меноманд. Аз ҳамин рӯз сар карда, деҳқонон то чордаҳ рӯзи бо ҷуфти барзаговҳо заминро шудгор мекунанд ва ин рӯзҳоро ба забони ишкошимӣ (хнәк дайӧк) –(машқи корӣ) мегӯянд. Ҳар рӯз бо соати муайян ду ё се соат бо ҷуфти барзаговҳо заминро шудгор мекунанд, то ба ҳамин минвол барзаговҳо ба бардоштани юғ одат кунанд ва дар вақти шудгори замин дасту по ва гарданашон дардманд нашавад. Ва ин аст усули одаткунонидани барзаговҳо ба юғ. Э. Ҳоҷибеков, чунин маънидод кардааст: “Баъди кӯфтани ғалла ва гузаронидани кишти тирамоҳӣ (яъне аз тирамоҳ то баҳор) моҳҳои дароз бекор мондани барзаговон аз ин ҷиҳат «кор кардан»-ро қариб, ки фаромӯш карда, танбал шуда мондаанд. Пас, ба гуфти деҳқонони асил чун одати қадими бобоён аввал пеш аз оғоз намудани шудгори баҳорӣ бояд чанд рӯзи он барзаговони кориро бо забони шуғнонӣ «ханук» (машқи

∗ Ш. Юсуфбеков ва А Шоинбеков зикр мекунанд, ки дар деҳаи Вранги водии Вахон ба номи хоҷа Абдуллои Ансорӣ зиёратгоҳе боқӣ мондааст, шояд таъсири ҳамин зиёратгоҳ бошад, ки номи Шоҳ Абдуллои Ансориро ба ҷои Бобои Деҳқон дар ин мавзеъ истифода мекунанд.

корӣ) аз тарафи деҳқон ва ё яке аз писаронаш, ки кори деҳқониро хуб медонист, дода мешуданд. Барои одаткунонии барзаговон ба кор дар рӯзи аввали шудгор бояд он барзаговон ҳамагӣ чун машқи нахустин бояд 2-3 «роғ» (ҷӯяк) мекашиданд ва баъди ин онҳоро зуд оварда, ё ба даруни оғил медаровардаанд. Аммо агар он рӯзи баъди Наврӯз офтобӣ бошад, пас он барзаговонро дар ҳавлӣ ё назди саҳни оғил баста мемонданд [7, 168].

Давраи пеш дар деҳаҳои Ишкошим деҳқонони таҷрибаноке буданд, ки онҳо аз охири моҳи январ барои барзаговони корӣ, хӯрок (алаф)-и махсус тайёр мекарданд. Аз аввали моҳи феврал сар карда, ҳар рӯз, як косаи андозааш на он кадар калон орди боқило (бо забони ишкошимӣ "боқла улук"), бо коҳи сафед ва коҳи сабз бо об ва намак омехта карда, барои барзаговон то саршавии шудгор мехӯронданд, то неруи кориашон барқарор шавад.

Дар маросими ҷуфтбарорӣ русумоти дигар низ иҷро мешуданд. Дар деҳаи Рэн вақти иҷрои маросими «Ҷуфтбарорӣ» кадбонуи хона хӯроки миллии кочӣ пухта, онро бо нияти нек ба ҷуфти барзагов дода, каме орд ба пешонии барзаговҳо пошида ва шохҳояшонро равған карда аз оғил то сари замин мебарад. Баъди шудгор кардани чанд роғ (ҷӯяк)-и рамзӣ ба ҷуфтбароронкочӣ омода мешуд.

Ҷуфт баровардан дар рӯзи Наврӯз, ки он рӯзи дуюм сурат мегирад ва расми «ҷуфтбароронмаросими «тухмбароронбад-ин минвол аст: дар деҳаи Рэни ноҳияи Ишкошим, баъди шудгори нахуст, марди соҳиби хона ба воситаи равзан қисми аз донаҳои тухмиро ба дохили хона мепошад. Кадбонуи хона қошуқи чӯбиро аз дохили хона тавассути равзан ба болои бом мепартояд, ки он рамзӣ аст: агар қошуқ ба пушт афтад, ҳосили он сол фаровон нест, агар қошуқ ба рӯ афтад, рамзи фаровонии ҳосил аст. Пас аз ин донаҳои гандумро аз дохили хона ҷамъ карда, дар рӯзи оғози кишт бо гандуми тухмӣ омехта карда ба замини кишт мепошанд. Дар антропология чунин расм ҳамчун "сеҳри шинохтӣ" (контагиозная магия) маъруф аст.

Дар деҳаи Рэн вақте ки тухми гандумро ба майдони кишт мебароранд, занони соҳибхона, ҳамчун ба нияти фаровон шудани ҳосил пӯстинро чаппа пӯшида, таоми маҳаллии "кочӣ"-ро гирифта ба сари замин мебаранд. Дар бораи ин расм мардумшинос Муҳиддинов И. чунин маълумот додааст: " Дар ноҳияи Ишкошим деҳаи Рэну водии Вахон баъди пешин ҳангоме, ки сайёраи Аторуд оғоз меёбад, сардори хона берун баромада, гулхорро гирифта ба хона бармегардад. Пас дар як зарфча тухмии гандум дар зарфчаи дигар «буйи хуш» -ро дар як табақ ширбиринҷро бо ду нон тайёр карда мемонад. Дар нисфи сабад пору андохта, дар болои он тухми гандум, юғу сипор ва навдаҳои бедро бо банд баста, болои онҳоро бо гулхор мепӯшонад. Марде бо писар ё бародараш ҳамаи ин ашёҳоро гирифта, ба сари замин мебаранд. Ҳангоми аз хона бармадан бояд онҳоро касе набинад. Бо ҳамин тавр гулхорро дар замин гузошта, дар байни он пору холӣ мекунанд ва сипорро ба замин халонда мемонад. Яке аз деҳқонзодаи асил як каф тухмро ба рӯи замин пошида, расман ба кишту кор оғоз мебахшад".

И. Муҳиддинов аз истиқоматкунандаи деҳаи Рэни ноҳияи Ишкошим Латиф Бодурбеков «Рисолаи дехқонӣ» дастрас кардааст, ки дар он оид ба рисолати кишоварзон маълумот дода шудааст. Аз ҷумла дар он омадааст: "Дар чаҳор маврид бояд аз кори деҳқонӣ худдорӣ кард: якум, дар ҳар моҳ ҳафт рӯз ё «Ҳафтрӯзон» (сеюм, панҷум, сенздаҳум, шонздаҳум, бистуякум, бистучаҳорум ва биступанҷум) барои сар кардани кори хайр номуносиб ҳисоб мешаванд. Ҳафт рӯзи моҳ наҳс бошад. Дуюм, кишоварзӣ ба таҳорат вобаста аст. Сеюм, дар вақти оғоз кардани корҳои деҳқонӣ (шудгор, кишт, хирманкӯбӣ ва чоштгирӣ – С.Л.) касе набояд аз пеш барояд ва чаҳорум, дар рӯзу соати муқаррарӣ ба кишти зироат сар кардан лозим аст" [8, 5].

Бояд тазаккур дод, ки дар ин рисола номи ҳаждаҳ деҳқони асил зикр шудааст бо ин тартиб: Аввал – ҳоҷа Абдулхалили Машриқӣ, дуюм – хоҷа Абдулкарими Мағрибӣ, севум – хоҷа Абдулраҳмони Шимолӣ, чаҳорум –Абдулазизи Мағрибӣ, панҷум – хоҷа Наҷмиддини Мисрӣ, шашум - хоҷа Нуриддини Самарқандӣ, ҳафтум – Абдураҳмони Хоразмӣ, ҳаштум – хоҷа Абдуссаттори Миёнколӣ, нуҳум – хоҷа Лутфуллоҳи Ҳисорӣ, даҳум – хоҷа Абдулхолиқи Куҳистонӣ, ёздаҳум – хоҷа Неъматуллоҳи Саффорӣ, дувоздаҳум – хоҷа Иброҳими Бухорӣ, сездаҳум – хоҷа Абдуллоҳи Ҳамадонӣ, чаҳордаҳум – хоҷа Сарирмуҳаммади Тошкандӣ, понздаҳум – хоҷа Муҳаммади Туркистонӣ, шонздаҳум – хоҷа Шамсиддини Табрезӣ, ҳабдаҳум – хоҷа Абдулвоҳиди Канъонӣ ва силсилаи деҳқонӣ аз Одам сафияллоҳ то хоҷа деҳқон бо ин тариқ гузаштаанд.

Ва дар боби дигар оид ба одоби ғалла аз хирман бардоштан навишта шудааст, ки бо тартиби муайян метавонад деҳқон хирманро бо усули махсус ҷамоварӣ намояд. Бояд тазаккур дод, ки ин рисолаи деҳқонӣ "дар рӯзи якшанбе ғарраи моҳи зулҳиҷҷат-ул-ҳаром аз дасти фақир-ул-ҳақири саропо тақсир, мулло Баҳодурбеки Шарифзода тамом шуд".

Таҷрибаи умри инсон нишон медиҳад, ки касбу кори деҳқонӣ озодагию покизагиро талаб

дорад ва аз ин сабаб оғози Наврӯзу кори деҳқон дар як фасл оғоз мегирад, ки он ҳам даромади Офтоб дар бурҷи Ҳамал мебошад. Ҷуфтбарорӣ оғози кори деҳқон буда, деҳқон аз Худованд талаби баракату фаровонӣ ва серию пуриро дорад.Ба ҳамин тариқ, расми оғози киштукор таърихи қадимӣ дошта, пас аз густариши ислом мундариҷа ва тобишҳои исломиро касб кардааст.

Адабиёт:

1. Андреев М.С. Таджики долины Хуф. – Вып. 2. – Сталинабад, 1958. – С.60-65.
2. Бобринской А.А. Горцы верховье Пянджа (Ваханцы, ишкашимцы). – М., 1908. – С.97-98
3. Мухиддинов И. Земледелие памирских таджиков Вахана и Ишкашима в XIX начало XX века. – М.: Наука. Гл. ред.васт Лит., 1975. - С. 25-29, 90-93.
4. Мухиддинов И. Реликты доисламских обычаев и обрядов у земледельцев западного Памира (XIX начало XX в). – Душанбе: Дониш, 1989. – С.6-12; 13-91; 94.
5. Нисормамад Ш. Оинҳои Наврӯзӣ дар Бадахшон. – Хоруғ, 2012. - С.50-53.
6. Рисолаи деҳқонӣ, таълифи Баҳодурбеки Шарифзода (дастхат). – 1285 ҳ.ш.
7. Стеблин-Каменский И. М Этимологический словарь вахаского языка. Санкт – Петербуг, 1999. – С.468-471-474.
8. Ҳоҷибеков Э. Очеркҳо оиди этнологияи - Бадахшон (маҷмӯаи мақолаҳо). Қисми 2. – Душанбе, 2016. – 186 с.
9. Шодихон Ю., Аловиддин Ш. Шогуни Баҳор «Хидир Айӯм». – Хоруғ: Логос Плюс, 2016. – С.32-33-62.

Калидвожаҳо: *Наврӯз, деҳаи Рун, русум, ҷуфтбаророн, кишт, замин, оғози киштукор, деҳқон, тухмӣ, гандум, шудгор, Бобои деҳқон, сеҳри шинохтӣ, кишоварзӣ, зироат.*

Аннотация

ЦЕРЕМОНИЯ НАЧАЛА ПАХОТЫ В СЕЛЕНИИ РЫН ИШКАШИМСКОГО РАЙОНА

В статье речь идет об одном из церемоний праздника Навруз, связанной с началом сева в селении Рын Ишкашимского района. Автор на основе личных наблюдений и сведений научных работ рассматривает этнографические особенности церемонии начала пахоты в этом горном селении. В статье подчеркивается, что церемония начала пахоты имеет древнюю историю и связана с культурой древнеиранской эпохи, которая после распространения исламской религии получила новые исламские оттенки и содержания.

Ключевые слова: *Навруз, селение Рын, обычаи, церемония начала пахоты, сев, земля, начало посевных работ, земледелец, семья, пшеницв, пашня, Дед-земледелец, когнитивная магия, земледелие, культура.*

Annotation

PLOWING CEREMONY IN RYN VILLAGE OF ISHKASHIM DISTRICT

This article illustrates one of the ceremonies of Nawruz feast, which is associated with the beginning of sowing in village Ryn in Ishkashim district. Based on personal observations and information from research works, the author explores the ethnographic peculiarities of the start of the plowing ceremony in this mountain village. The article stresses that the plowing ceremony has ancient history and is linked to the culture of ancient Iranian era, which acquired new Islamic features and contents following the spread of Islam.

Keywords: *Nawruz, village Ryn, customs, plowing ceremony, sowing, land, beginning of sowing, farmer, family, wheat, arable land, Grandfather farmer, cognitive magic, agriculture, culture.*

Маълумот доир ба муаллиф: Латифов Собир, корманди илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ. Телефон: +992 935913216. mail obxarv2011@mail.ru

Роҳбари илмӣ: номзади илми филология, дотсент Мирбобоев А.

Сведение об авторе: Латифов Собир, научный сотрудник Института языка и литературы им. Рудаки НАНТ. Телефон: +992 935913216. mail obxarv2011@mail.ru

Научный руководитель: кандидат филологических наук, доцент Мирбобоев А.

About the author: Латифов Собир, научный сотрудник Института языка и литературы им. Рудаки НАНТ. Тел.: +992 93 591 32 16. mail obxarv2011@mail.ru

Sceitifict director: Candidate of philological sciences, associate professor Mirboboev A.

Носирова Зевар,
магистранти соли аввали факултети забони англисӣ

САРЧАШМАҲОИ ВОЖАҲОИ ИҚТИБОСӢ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Аҳамияти вожаҳои иқтибосӣ дар забонҳои гуногун якхела намебошад, ва вобаста аст аз шароитҳои таърихии рушди ҳар як забон. Дар забони англисӣ шумораи вожаҳои иқтибосӣ нисбат ба забонҳои дигар хеле зиёд мебошад. Забони англисӣ нисбат ба дигар забонҳо имконияти хеле хуби иқтибос намуданро дошт, зеро он, аввалан, дар зери таъсири забти ҷазираҳои Британия аз ҷониби қабилаҳои гуногун қарор гирифт, баъдан дар шароити ғасби иқтисодӣ ва рушди мустамликадории худи англисҳо он калимаҳои гуногуни бегонаро ба забони худ қабул намуд.

Баъзеҳо ба он ақидаанд, ки шумораи калимаҳои аслан англисӣ дар забони англисӣ ҳамагӣ 30%-ро ташкил менамояд. Ин ҳолат ба бисёре аз муҳаққиқон асос дод, ки забони англисиро на забони германӣ, балки забони романӣ-германӣ номанд, зеро таркиби луғавии он хело гуногун мебошад. Вале баъзе аз олимон (Комиссаров В. Н., Маслов Ю. С.) мегуфтанд, ки ҳатто ба луғати забонҳои рушдёфта элементҳои ғайр хело осон ворид мегарданд, ки ин ҳолат барои ин забонҳо ғайриоддӣ мебошад [6].

Ба гурӯҳи вожаҳои иқтибосии забони англисии қадим мебояд танҳо калимаҳоеро ворид намуд, ки онҳо пас аз асри V, пас аз онки забони англисӣ аз гӯишҳои дигар қабилаҳои маскуни ҷазираи Британия ҷудо шуд, ба забони англисӣ ворид гардиданд. Албатта, гӯиши қабилаҳое, ки аз қитъаи Аврупо ба ҷазираҳои Британия омаданд, дорои хусусиятҳои ба худ хос буданд, ки онҳоро аз якдигар фарқ мекарданд. Бинобар ин, вожаҳои иқтибосии ин даврароро мебояд калимаҳои даврааи насронигардонӣ ва шумораи ками калимаҳое, ки англосаксонҳо аз келтҳо қабул намуданд, шуморид [5, 120].

Вожаҳои иқтибосӣ дар таркиби луғавии забони англисии муосир ба якчанд навъ ҷудо мешаванд: аз рӯи муносибаташон ба забони баромадашон ва он нақше, ки онҳо дар забони англисӣ иҷро мекунанд. Пас аз таҳқиқи ин навъҳо мо ба хулосае меоем, ки қисми зиёди вожаҳои иқтибосии забони англисӣ характери нисбиро доро мебошанд. Аммо шумораи ками онҳо хусусияти забони аслиашонро нигоҳ доштаанд, вале айни замон онҳо начандон дар истеъмоли омма қарор доранд ва чун намояндагони забони ғайр дониста мешаванд [3,87].

Равобити вожаҳои иқтибосӣ ва таркиби луғавии забони қабулкунандаи онҳоро мо метавонем дар мисоли калимаҳои ифодакунандаи мафҳуми «кор кардан», ки муродифи калимаи аслии англисии to work мебошанд, дида бароем, ки намунаҳояш ба забони англисӣ дар асрҳои миёна иқтибос гардидани феълҳои: labouren – меҳнат кардан, кӯшиши зиёд кардан (аз забони фаронсавии қадим labourer ва лотинӣ laborare) ва travaillen – меҳнати гарон кардан (аз забони фаронсавии қадим travailler ва лотинӣ trepaliarc азоб додан) мебошанд. Феъли якум, яъне labouren, ки муродифан ба феъли аслии забони англисӣ swincan наздикӣ дошт, онро аз забони омма берун кард.

Феъли дуюм бошад, яъне travaillen дар рақобат бо феъли аслии забони англисӣ werken тоб наоварда, дар сохти маъногии худ тағйиротҳои назаррасро аз сар гузаронд. Аз асри XVI сар карда маънои асосии он «саёҳат кардан» буд (дар забони англисии муосир to travel). Бо ин мазмун он феъли аслии забони англисӣ lithen – саёҳат карданро аз забон берун кард, аммо то пайдоиши феъли travaillen он аллакай камистеъмол шуда буд. Баъдан, ҳамчун калимаи нав ба забони англисӣ аз забони фаронсавии қадим исми travail, ки «меҳнати гарон»-ро ифода мекунад, иқтибос карда мешавад.

Дар забони англисии қадим, калимаи burgh ифодакунандаи қалъа, кӯшк ва шаҳри мустаҳкамшуда буд. Дар асри XI баронҳои нормандӣ бо ҳамроҳи худ калимаи castel – хурдкуниро оварданд, ки он аз калимаи лотинӣ, ки он ифодакунандаи қалъаҳое буд, ки баронҳои нормандӣ онҳоро месохтанд ва дар онҳо зиндагӣ мекарданд.

Забонҳо аз якдигар то андозае фарқ мекарданд, ки дар байни намояндагони онҳо дарки матлаби ҳамдигар ғайриимкон буд. Дар ин ҳолат билингвизм, яъне дузабонӣ ба вуҷуд омад, ки табақаи болоии ҷамъият, яъне феодалон бо забони фаронсавӣ сухан мегуфтанд. Забони фаронсавӣ забони давлатӣ ба шумор мерафт ва бо ин забон мурофиаҳои судӣ баргузор мегардиданд ва онро дар мактабҳо меомӯхтанд. Аксарияти аҳолии Англия новобаста аз он ки онҳо ҳардуи ин забонҳоро медонистанд, бо забони модарии худ сухан мегуфтанд. Ҳамаи ин сабаб гардид, ки ба таркиби луғавии забони англисӣ калимаҳое ворид гардиданд, ки онҳо

ифодакунандаи ҳаёт ва расму оини феодалони нормандӣ буданд. Баъдан, вақте ки забони англисӣ аз тамоми соҳаҳои давлатӣ забони фаронсавиро берун кард, ба забони англисӣ бисёре аз истилоҳоти сиёсии забони фаронсавӣ ворид гардиданд.

Ҳамин тариқ, вожаҳои иқтибосии забони фаронсавӣ дар ин давр на ба фонди асосии луғавӣ, балки ба қишрҳои муайяни таркиби луғавӣ ворид мегардиданд. Ин қишрҳоро, дар навбати худ, талаботҳои таърихии иқтибос муайян мекунанд.

Пеш аз ҳама, ин калимаҳое мебошанд, ки ба муносибатҳои феодалӣ алоқаманданд: feudal, baron, vassal, liege, chivalry. Баъзе аз ин калимаҳо дар он давр дар мазмуни худ идеалогияи феодализмро ифода мекарданд ва баъдан мазмуни васеътарро соҳиб гаштанд. Ба монанди: command, obey, serve, noble, glory, danger.

Рушди мазмуни калимаи охирин, яъне «danger» хело аҷиб мебошад. Зеро, аввалан, он «ҳокимияти феодал»-ро ифода мекард ва бо ҳамин мазмун иқтибос карда шуд, вале баъдан дар Фаронса он мазмуни «хатарнок»-ро соҳиб гашт ва дафъаи дувум ба забони англисӣ иқтибос карда шуд.

Қариб ҳамаи унвонҳо, ба истиснои king, queen, earl, lord ва lady дигар ҳамаашон асоси фаронсавӣ доранд: peer, prince, count, duke то ҳатто sir ва madam.

Калимаҳое, ки ба идоракунии давлатӣ ва худи давлат дар умум алоқа доранд: state, realm, people, nation, government, power, authority, court, crown ва ғайра.

Калимаҳое, ки ба муносибатҳои иқтисодӣ алоқа доранд: money, property.

Калимаҳое, ки муносибатҳои оилавиро ифодамекунанд: parent, spouse, cousin, uncle, aunt, nephew, niece.

Шумораи зиёди истилоҳот ва калимаҳое, ки ба соҳаи ҳарбӣ алоқа доранд: army (нигоҳ накрда ба он ки калимаҳои қадимаи англисии here ва fyrd то асри XVвуҷуд доштанд), battle, arms, victory, war, navy, troops, guard ва номгӯи ҳамаи рутбаҳои ҳарбӣ.

Шумораи зиёди калимаҳое, ки айшу ишратро ифода мекунанд: feast, leisure, pleasure, delight, ease, comfort, chase, trump, ace,cards.

Истилоҳоти ҳуқуқӣ: accuse, court, crime, felony, plaintiff, defendant, attorney ва ғайра.

Ҳатто пешаи ҳунармандоне, ки барои феодалҳо хизмат мекарданд, бо забони фаронсавӣ номида шуда буданд: tailor,butcher, painter, carpenter, joiner [5, 127].

Вожаҳои иқтибосии фаронсавиро баъзан аз вожаҳои иқтибосии лотинӣ фарқ кардан мушкил аст, аниқтар карда гӯем, аслан вожаҳои иқтибосии мустақили лотиниро аз ғайримустақил фарқ кардан мушкил аст. Масалан, калимаи figure метавонист мустақилан аз забони лотинӣ figura ояд ё ин ки аз забони фаронсавӣ figure. Дар ҳарду ҳолат шакли калима figure боқӣ мемонад, чунки вожаҳои иқтибосии лотинӣ шаклашонро айнан ба мисли вожаҳои иқтибосии фаронсавӣ тағйир медиҳанд. Бисёре аз вожаҳои иқтибосии фаронсавӣ баъдан тағйир дода шуданд ва ба калимаҳои мувофиқи лотинӣ монанд шуданд: dette – debt, descrive -describe, doute –doubt [7, 107].

Шумораи вожаҳои иқтибосии лотинӣ дар забони англисӣ хело зиёд мебошанд. Баъзе муҳаққиқон мегӯянд, ки ¼ ҳиссаи тамоми таркиби лағавии забони англисиро калимаҳои лотинӣ ташкил мекунанд.

Калима ва ибораҳои юнонӣ дар низоми истилоҳоти илмии ҳамаи давлатҳо васеъ истифода бурда мешаванд ва мисли калимаҳои лотинӣ онҳо аллакай ба калимаҳои байналмиллалӣ мубаддал гаштаанд.

Иқтибос аз забони итолёвӣ ин нишонаи муносибатҳои мадании миёни Англия ва Итолиё мебошад, ки аслан ба соҳаҳои гуногуни санъат алоқаманд мебошад. Аксарияти ин калимаҳо, ба туфайли оне ки Итолиё дар таърихи рушди санъат ва мусиқии Аврупо нақши хело муҳимро бозидааст, ба калимаҳои байналхалқӣ мубаддал гардиданд: violin, piano, concert, opera, sonata, baritone, soprano, bass, sonnet, stanza, staccato, colonnade, balcony, studio ва ғайра.

Иқтибос аз забони испанӣ дар қиёс бо забони итолёвӣ нисбатан камтар мебошад. Масалан: negro (дар забони испанӣ он ифодакунандаи ранги сиёҳ мебошад), comrade (аз калимаи испании camarada рафиқи ҳамҳуҷра, яъне шахсе, ки низ дар ҳамон ҳуҷра зиндагӣ мекунад), armada – дар забони испанӣ он умуман флоти баҳриро ифода мекунад, дар он вақте ки дар забони англисӣ он маҳз флоти баҳрии Испания, ё ин ки ба маънои маҷозӣ гурӯҳи киштиҳоро ифода мекунад [6, 187].

Вожаҳои иқтибосӣ одатан ба худ як ё якчанд маъноҳои гуногунро, ки аз ҷиҳати семантикӣ ба онҳо монанд мебошанд ва пеш аз онҳо дар забон вуҷуд доштанд, қабул мекунанд. Дар натиҷа аз нав гурӯҳбандӣ дар сохти маъноии онҳо ба амал меояд. Масалан: ягон маънои

дуюмдараҷа метавонад ба маънои марказӣ мубаддал гардад ё ин ки баръакс. Баъзан ҳодисаи аз забон берун шудани калимаҳое, ки аз ҷиҳати маъно ба калимаҳои нав монанд буданд, ба вуқуъ мепайвандад.

Адабиёт:

1. Arnold I. V. The English word. – M, 1973.
2. Аракин В. Д. История английского языка: Учебное пособие для студентов педагогических институтов по специальности «Иностранные языки». – М, 1985.
3. Борисова Л. М. History and mystery of the English words. – М, 1994.
4. Заботкина В. И. Новая лексика современного английского языка. – М, 1989.
5. Комиссаров В. Н. Лингвистика перевода. – М, 1980.
6. Медникова Э. М. Проблемы и методы исследования словарного состава (на материале английского языка). – М.: МГУ, 1972.

Калидвожаҳо: *вожаҳои иқтибосӣ, луғат, забони англисӣ, забонҳои рушдёфта, гӯиш, таркиби луғавӣ, феъл, рушд, унвон, мазмуни калима, ибора, метод, семантикӣ, талаффуз, натиҷа, ғанигардонии забон.*

Аннотация

ИСТОЧНИКИ ЗАИМСТВОВАНЫХ ТЕРМИНОВ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

Данная статья посвящена источникам заимствованных терминов в английском языке. Автором отмечено, что значительность заимствованых терминов в разних языках является не единообразным. В английском языке численность заимствованых терминов намного больше чем в других языках. Следует напомнить, что в данной статье речь идёт об использовании видов заимствованых терминов в старом и современном английских языках. Новизной данной статьи является рассмотрение новых заимствованных терминов в английском языке, выявление причины происхождения, с какого языка были заимствованы и их влияние на современном английском языке. Следовательно, автором сделан вывод, что английский язык в своём многовековом истории взаимодействует с другими языками и за их счет обогащает свой лексический состав.

Ключевые слова: *заимствованые термины, словарь, английский язык, развивающие языки, диалект, лексический состав, глагол, развитие, заглавие, содержание слова, фраза, метод, семантический, произношение, результат, обогащение языка.*

Annotation

SOURCE OF BORROWED TERMS IN ENGLISH

This article is devoted to the source of borrowed terms in English. The author noted that the significance of borrowed terms in different languages is not uniform. The number of borrowed terms in English languages is very much than in other languages. It should be recalled that this article deals with the use of types of borrowed terms in the old and modern English languages. One of the novelty of this article is the consideration of new borrowed terms in English language, the reason for the origin, from which language they were borrowed and their influence in modern English. Consequently, the author concluded that the English language in its centuries-old history collides with other languages and at their expense enriches its lexical composition.

Keywords: *borrowed terms, dictionary, English, developing languages, dialect, lexical composition, verb, development, title, word content, phrase, method, semantic, pronunciation, result, language enrichment.*

Маълумот доир ба муаллиф: Носирова Зевар, магистранти соли аввали факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Тел.: +992 985536237

Роҳбари илмӣ: д.и.ф., дотсент Каримов Ш. Б.

Сведение об авторе: Насирова Зевар, магистрантка первого курса факультета английского языка Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. Тел.: +992 985536237

Научный руководитель: д.ф.н., доцент Каримов Ш. Б.

About the author: Nosirova Zevar, the master of 1-st year of English Language Faculty, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. Tel.: +992 985536237

Норова Нигора,
магистранти соли аввали факултети забони англисӣ

НАҚШ ВА ҶОЙГОҲИ ИБОРА ВА ИБОРАСОЗӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Яке аз забоншиносони намоёни рус Бодуэн де Куртенэ бамаврид қайд намудааст: «Мо забонҳоро қатъи назар аз хешигариашон ва иртиботи таърихиашон комилан метавонем муқоиса намоем. Мо ҳамеша дар забонҳое, ки аз нигоҳи таърихӣ ва ҷуғрофӣ ба ҳам бегона ҳастанд, вижагиҳои якранг, тағйиротҳои якранг ва раванди таърихӣ ва ба куллӣ дигаршавии якрангро дарёфт менамоем» [5, 175].

Ҳаминро бояд ёдовар шуд, ки забон ягон василаи пайвандкунандаи инсонҳо мебошад. Чун дигар низомҳои маъмул, забон ҳам низоми хоси худ ва ду ҷабҳаи аслиро соҳиб аст. Нахуст, он аз воҳидҳои гуногун мисли фонема, морфема, калима ва баъдан аз сохтор ё таркиб иборат мебошад. Дар зери мафҳуми «сохтори забон» мо унсурҳои дохилии он ва истимои онҳоро дар раванди муошират нутқ мефаҳмем. Тавассути таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи забонҳои ҷудогона мо зуд дарёфт менамоем, ки дар бештари забонҳо аломатҳо ё вижагиҳои монанд ҷой доранд.

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки калимаву ибора, ҷумлаи содда ва ҷумлаи мураккаб воҳидҳои муҳимтарини наҳвии ҳар як забони муқоисашаванда ба шумор рафта ҳамарӯза мавриди омӯзиш ва пажуҳиши омӯзандагони ин забон ба таври васеъ истифода мегардад. Зеро калимаву ибора воҳиди махсуси наҳв набошад ҳам, вазифаи худро маҳз дар таркиби ибора ва ҷумла иҷро менамояд, вай дар ташкили воҳидҳои махсуси наҳв фаъолона иштирок менамояд. Калимаи мустақил мувофиқи имконияти луғавию грамматикӣ дигар калимаҳоро ба худ тобеъ менамояд ва ба онҳо тобеъ мешавад ва ба ин восита таркибҳои наҳвиро созмон медиҳад. Калима шаклҳои гуногун дорад, ки дар ташкили ҳамаи воҳидҳо ва категорияҳои наҳвӣ иштирок менамоянд [1, 30].

Ибора дар ҳарду забон аз ду ва ё зиёда калимаи мустақилмаъно бо роҳи алоқаи тобеъ ташкил меёбад. Ибора дар ҷумла ҳамчун мавод истифода мешавад. Аз ин рӯ, ибора мисли калима танҳо ба воситаи ҷумла ба системаи воситаҳои иртибототии забон дохил мешавад. Ибора мисли калима ба гурӯҳи воситаҳои номинативии забон дохил шуда, муносибати байни предмету ҳодиса ва аломату амалро мефаҳмонад. Ибора, баръакси калима, мафҳуми ба қисмҳо ҷудошавандаро ифода менамояд. Ҷузъҳои ибора дар шакли калима воқеъ мешаванд, ки ҳар кадоми онҳо дорои аломатҳои грамматикии калима мебошанд. Ин мустақилияти грамматикӣ имконият медиҳад, ки дар байни ҷузъҳои ибора дигар калимаҳои эзоҳдиҳанда дохил шаванд. Инчунин абстрактсияи калима аз абстрактсияи ибора хеле бештар аст [2, 85].

Ба таври дигар ифода намоем, тафовут ва монандии ибора дар ҳар ду забони муқоисашаванда гуногун буда, бисёр масъалаҳоро дар бар мегирад, ки дар як таҳқиқ ба таври кушоду васеъ ҳал кардани онҳо аз имкон берун аст. Хусусан, ба таври ҷудогона омӯхтани маънои ибораҳо; аниқтар тадқиқ кардани воситаҳои муайянкунандаи маънои онҳо; ба таври муфассал таъин кардани мавқеи ибораҳо дар жанру услубҳои гуногуни ду забон; пурратар таҳқиқ кардани ҳодисаҳои ба ибора табдил додани дигар ҳиссаҳои нутқ ва муносибати онҳо; чуқуртар омӯхтани вазифаҳои услубии ибораҳо ва монанди инҳо ҳоло ҳам мунтазири таҳқиқ қарор доранд.

Чӣ тавре ки қайд кардем, ибораҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ чунин навъҳо дорад:

noun phrases – ибораҳои исмӣ: *дили модар – the heart of mother*, *дарахти зардолу – the apricot tree*,

adjective phrases – ибораҳои сифатӣ: *духтари зебо – the beautiful girl*, ҷавони нозук – the tender young,

numeral phrases – ибораҳои шуморагӣ: *соли 1917 – the 1917 year*, *рӯзи бистум – twentieth days, роҳи сеюм – the third way*, [3,189]

pronoun phrases – ибораҳои ҷонишинӣ: *хонаи мо – our home, марҳамати шумо – you are wellcome, фармони ӯ – his order*,

verb phrases – ибораҳои феълӣ: *фурсати рафтан – the time going, ёрони рафта, ғайрати ғап задан, ҷавонии гузашта – the passing younger*.

Мисол: *He is standing near a wall – Вай дар наздикии девор истодааст* [7, 500].

Ибораҳои исмӣ дар навбати худ бо дигар ҳиссаҳои номии нутқ аз он ҷумла бо худи исм, сифат, шумора ва ҷонишин омада, ибораҳои исмӣ бо исм, ибораҳои исмӣ бо сифат, ибораҳои исмӣ бо шумора ва ибораҳои исмӣ бо ҷонишинро ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, ибораҳои исмӣ бо сифати феълӣ ва масдар якҷоя омада, ибораҳои исмӣ бо сифати феълӣ, ибораҳои исмӣ бо масдарро месозанд. Ибораҳои сифатӣ бо пешояндҳо омада, ибораҳои сифатии пешояндӣ ва

ибораҳои сифатӣ бо пешояндҳои номиро ташкил медиҳанд.

Ибораҳои ҷонишинӣ ва феълӣ намудҳо ва зернамудҳои хоси худро ба мисли ибораҳои исмӣ, сифатӣ ва шуморагӣ надоранд. Вале ибораҳои феълӣ серистифодатарин ибораҳои синтаксисӣ мебошанд ва як гурӯҳ исмҳо бо феъл бо роҳи ҳамроҳшавӣ тобеъ мегарданд [6, 100].

Дар забони тоҷикӣ гурӯҳи калони ибораҳоро ибораҳои исмӣ ва ибораҳои сифатӣ ташкил диҳанд, вале дар забони англисӣ гурӯҳи калони ибораҳоро фақат ибораҳои исмӣ ташкил медиҳанд.

Адабиёт:

1. Абдураҳимов С. Ибораҳои исмӣ // Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, Қ. 2. – Душанбе: Дониш, 1986. – С. 29-50.
2. Бархударов Л. С., Штейлинг Д. А. Грамматика английского языка. – М.: Русский язык, 1973. – 325 с.
3. Виноградов В. В. Вопросы изучения словосочетания // Вопросы языкознания. – 1954. - №3. - С. 3-24.
4. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. – Сталинобод: Наш.дав.тоҷ., 1956. – 231 с.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ. 1. – Душанбе: Маориф, 1983. – 353 с.
6. Рустамов Ш. Таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва мавқеи исм. – Душанбе: Маориф, 1972. – 205 с.
7. Усмонов К. У. Грамматикаи назарии забони англисӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2006. – 131 с.
8. Morris, Mary; Morris, William Morris dictionary of word and phrase origin. – 2nd ed. – New York: Harper & Row, 1988. – 669 p.

Калидвожаҳо: *калима, ибора, ҷумла, ҷумлаҳои содда, ҷумлаҳои мураккаб, наҳв, таркиби калима, забони муқоисашаванда, ибораҳои исмӣ, сохтори забон.*

Аннотация

РОЛЬ И МЕСТО СЛОВОСОЧЕТАНИЙ И ИЗ ОБРАЗОВАНИЯ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье речь идет о словах и словосочетаниях, которые являются наиболее важными грамматическими единицами любого сопоставимого языка и широко используются при изучении и исследованиях изучающих этот язык на повседневной основе. Хотя словосочетание не является особой грамматической единицей, оно выполняет свою функцию именно в структуре предложения, активно участвует в образовании специальных грамматических единиц. Самостоятельное слово по своим лексическим и грамматическим возможностям подчиняет себе другие слова и, таким образом, образует грамматические конструкции. Слово имеет разные формы, которые участвуют в образовании всех грамматических единиц и категорий.

Ключевые слова: *слово, фраза, предложение, простые предложения, сложные предложения, грамматика, структура слова, сопоставимый язык, словосочетания с существительными, структура языка.*

Annotation

THE ROLE AND PLACE OF PHRASE AND PHRASE FORMATION IN ENGLISH AND TAJIK

The article deals with words and phrases, simple sentences and complex sentences that are the most important grammatical units of any comparable language and are widely used in the study and research of students of this language on a daily basis. Although a word or phrase is not a special grammatical unit, it performs its function precisely in the structure of a phrase and sentence, actively participates in the formation of special grammatical units. An independent word, by its lexical and grammatical capabilities, subordinates and subordinates other words to it and, thus, forms grammatical constructions. The word has different forms that are involved in the formation of all grammatical units and categories.

Keywords: *word, phrase, sentence, simple sentences, complex sentences, grammar, word structure, comparable language, phrases with nouns, language structure.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Норова Нигора, магистранти соли дуюми факултети забони англисии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: н.и.п., дотсент Сангинова М. Б.

Сведения об авторе: Норова Нигора, магистрантка второго курса факультета английского языка Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.

Научный руководитель: к.п.н., доцент Сангинова М. Б.

About the author: Norova Nigora, a first-year master's student at the English language faculty of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.

Supervisor: Ph.D., associate professor M.Sanginova

Назирова Нилуфар,
магистранти соли аввали факултети забони англисӣ

НАҚШИ ПЕШОЯНДҲО ВА ПАЙВАНДАКҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР СОЗМОНИ ВОҲИДҲОИ СИНТАКСИСӢ

Вақтҳои охир, чи дар бахши забоншиносии умумӣ ва чи дар соҳаи забонҳои алоҳида оиди мақому ҷойгоҳи калимаҳое, ки одатан пешоянд ва пайвандакҳо номида мешаванд, мубоҳисаи дуру дарозе идома дорад. Азбаски ин як масъалаи баҳсбарангези назарияи умумии забоншиносӣ мебошад, ба назар чунин мерасад, ки он сазовори баррасии ҳаматарафа аст ва бо мақсади ба даст овардани натиҷае, ки объективона исбот карданаш имконпазир аст ва фикру мулоҳизаҳои то ин дам баёншударо ба назар гирифта, арзишиҳои нисбии онҳоро баҳогузорӣ менамоем.

Саволҳое, ки дар ин робита ба назар мерасанд, инҳоянд:

1) Оё пешоянду пайвандакҳо маънои луғавӣ доранд ё не?

2) Агар онҳо дорои маънои луғавӣ бошанд, пас алоқаи байни маънои луғавӣ ва грамматикии онҳо аз чӣ иборат аст? Оё ин муносибат ба муносибати миёни мазмуни луғавӣ ва грамматикии исмҳо, сифатҳо ва феълҳо шабоҳат доранд?

3) Вақте мо мегӯем, ки калима калимаи шаклсоз аст (калимаи ёридиҳанда), дар ҳақиқати ҳол мо чиро дар назар дорем?

4) Хусусиятҳои фарқкунандаи байни пешвандҳо ва пайвандакҳо аз рӯи кадом принсип асос ёфтааст?

5) Муносибати байни пешояндҳо ва пайвандакҳо, аз як ҷониб, ва зарфҳо, аз ҷониби дигар дар чӣ зоҳир мегардад?

Албатта, ин саволҳо танҳо бо забони англисӣ маҳдуд нестанд. Дар ин ё он шакл ин саволҳо инчунин бояд бо истинод ба бисёр забонҳои дигар гузошта шаванд. Ҳангоми муҳокимаи онҳо, мо кӯшиш мекунем, ки ҷиҳатҳои умумии проблемаҳои мутаваҷҷеҳро дар назар дошта бошем. Дар баробари ин, ҳамзамон, хусусиятҳои хоси забони англисии муосирро ба инобат мегирем.

Нахустин саволе, ки дар боло зикр гардид, ба маънои луғавии пешояндҳо ва пайвандакҳо рабт дошта, онро баррасӣ мекунад. Марбут ба масъалаи мазкур фикру мулоҳизаҳои гуногун баён карда шудаанд. Мо бо изҳороти умумии ҷавобҳои имконпазир ба ин савол оғоз хоҳем кард.

Пас, ҷавобҳои эҳтимолӣ дар ин ҷо чунин ба назар мерасанд:

1) Пешояндҳо ва пайвандакҳо, ки «калимаҳои шаклӣ» (form words), мебошанд, аз «калимаҳои маънодор» бо он фарқ мекунанд, ки дар онҳо байни маънои луғавӣ ва грамматикӣ тафовут ҷой надорад. Ҳамин тариқ, дар ҳоле ки, масалан, дар исмҳо, маънои грамматикӣ барои ҳама исмҳо умумӣ аст, ба монанди «моддият», маънои луғавӣ, ки ҳар як исми алоҳидаро тавсиф мекунад, ба мафҳуме, ки аз тарафи он исми алоҳида рамзгузорӣ шудааст, ишора мекунад: ҳамин тавр, дар ҳоле ки ҳарду калимаи **house** ва **necessity** маънои умумии грамматикии моддиятро доранд, мазмуни алоҳида, яъне, маънои луғавии ин ду исм аз ҳамдигар ба таври чашмгир фарқ доранд: якум, ашёии муайяни моддиро ифода мекунад; дуюм, ҳолати муайяни чизҳоро ифода мекунад, ки аз ҷониби баъзе инсонҳо баҳо дода шудаанд ва ғ. Дар бораи «калимаҳои шаклӣ» (form words), мувофиқи ин нуқтаи назар, тафовут дар он дида намешавад: онҳо ҳеҷ гунаи маънои луғавие надоранд, ки аз маънои грамматикии худ фарқ кунанд. Ба ин боз як мулоҳизаро метавон илова кард: дар ҳоле ки калимаҳои мафҳумӣ, яъне маънодор (исмҳо - nouns, сифатҳо - adjectives, феълҳо - verbs ва ғ.) ягон падидаҳои воқеиро (олами ғайризабонӣ) ифода мекунанд (чизҳо - **things**, хосиятҳо - **properties**, амалҳо - **actions** ва ғайра**),** «калимаҳои шаклӣ» ҳеҷ гуна зуҳуроти экстралингвистиро ифода намекунанд, балки танҳо барои ифодаи муносибатҳои байни воҳидҳои забонӣ (калимаҳо - **words** ё қисмҳои ҷумла - **parts of a sentence** ва ғ.) хизмат мекунанд.

2) Назари дигари эҳтимолӣ ин аст, ки тафовут байни «калимаҳои шаклӣ» ва «калимаҳои маънодор» тамоман ба қоидаҳои дар боло зикршударо итоат намекунанд. «Калимаҳои шаклӣ» ба мисли «калимаҳои маънодор», баъзе падидаҳои ғайризабониро ифода мекунанд ва алоқаи миёни маънои грамматикӣ ва маънои луғавӣ дар онҳо ба мисли алоқаи байни калимаҳои маънодор аст (nouns, adjectives, verbs, etc.): маънои грамматикӣ барои ҳамаи калимаҳое, ки ба

ягон ҳиссаи нутқ мансубанд, умумӣ аст (ва ё class of words), дар ҳоле ки ҳар як калимаи алоҳидаи ба ҳиссаҳои нутқ (ё гурӯҳ) мутааллиқ мазмуни алоҳидаи худро дошта, маънои луғавӣ онро аз дигар калимаҳои мансуби ҳамони ҳиссаи нутқ тафовут мегузорад. Ҳамин тавр, дар ҳоле ки ҳам ***in*** ва ҳам ***on*** ба як ҳиссаи нутқ мансуб аст, (яъне ҳардуи онҳо пешоянд мебошанд) ва ҳарду дорои маънои грамматикӣ (муносибати миёни падидаҳо) буда, ҳар яки онҳо дар худ мазмуни алоҳидаи луғавӣ дорад, ки онро аз дигар фарқ мекунонад: ***in*** як навъ алоқаро ифода мекунад (=inside), дар ҳоле ки ***on*** навъи дигари алоқаро (=on the surface of), ва ғ.

Акнун, аввалин нуқоти назар перомуни «калимаҳои шаклӣ», яъне пешоянду пайвандакҳо гарчанде васеъ муаррифӣ шуд, ба ҳолати чигил мебарад ва ҳатто гуфта метавон ба ҳолати бемаънигӣ. Дар ҷои аввал, агар пешояндҳо дар бораи худи воҳидҳои забонӣ танҳо иттилоот дода бошанд, ғайриимкон аст фаҳмид, ки чаро теъдоди онҳо ин қадар зиёд аст. Барои мисол мегирем, ибораҳои ***the picture on the table, the picture under the table, the picture above the table, the picture near the table, the in the table,*** ва ғайра. Ба назар чунин менамояд, ки ягон заминаи эътимоднок вуҷуд надорад барои ибрози он ки ҳар яке аз инҳо муносибатҳои гуногунро байнии калимаи ***picture*** ва калимаи ***table*** ифода мекунад. Дар ҳақиқат, муносибат байни онҳо дар ҳамаи ин ибораҳо айнан яксон аст. Ин гуна аст: калимаи ***table*** ба калимаи ***picture*** тобеъ аст, чун ки он то андозае расмро муайян мекунад. Ин аст ҳама он иттилооте, ки пешоянд (дар ҳар ҳолат) дар бораи муносибати байни калимаи ***table*** ва калимаи ***picture*** пешниҳод мекунад. Ҳамин тавр, агар пешояндҳо танҳо он навъи иттилоотро пешкаш кунад, пас як пешоянд барои ҳама ҳолатҳо баробар хизмат мерасонад. Сарфи назар аз ин, мусаллам аст, ки миёни он ки гӯи «***the picture on the table»*** ва «***the picture above the table***» тафовути бузург вуҷуд дорад. Ин тафовут ба иттилооти ғайризабонӣ муносибат дорад, ки аз тарафи пешояндҳо пешниҳод шудааст: ҳар яке аз онҳо алоқаи махсусеро миёни ашёҳои аз ҷониби исмҳои ***picture*** ва ***table*** ишорат карда шудаанд, ифода мекунад, яъне, мавқеи нисбии ҷойгиршавии онҳо аз якдигар. Мудом ки ҳар як пешоянд муносибати махсусеро ифода мекунад, возеҳу равшан аст, ки ҳар як пешоянд маънои алоҳидаи худро дорост ва бешак, он маънои луғавии он аст.

Ин мулоҳиза ҳамзамон ба масъалаи дуюме, ки мо гузоштем, ҷавоб мегардонад, яъне дар бораи алоқаи миёни мазмуни луғавии пешоянди алоҳида ва мазмуни грамматикӣ, ки ба ҳама пешояндҳо хос аст. Посух ҳамин аст, ки ин ду мазмун дар пешояндҳо ба мисли мазмуни луғавӣ ва мазмуни грамматики бо ном калимаҳои маънодор ба якдигар алоқаи умумӣ доранд: исмҳо, сифатҳо, феълҳо ва ғ. Ҳамин тавр, аз ин нуқтаи назар байни ба ном «калимаҳои шаклӣ» ва «калимаҳои маънодор» ҳеҷ гуна тафовуте вуҷуд надорад. Агар тафовуте ҷой дошта бошад, пас он бояд дар кадом як бахши дигар ёфт шавад.

Саволи дигари мо чунин буд, ки мо чиро дақиқ дар назар дорем вақте мо изҳор медорем, ки ин ё он калима «калимаи шаклӣ» (ва ё ёрирасон) аст? Чунончи нишон додем, вижагии калимаи шаклӣ метавонад на дар ҳа мту ифодакунии чизе доир ба калимаҳо таҷассум ёбад, на дар ифодакунии воқеияти ғайрзабонӣ. Ҳамин тавр вижагиҳои хоси пешояндҳо ва пайвандакҳо дар он зоҳир мегардад, ки онҳо, яъне калимаҳои шаклӣ, дар созмон додани алоқаи синтактикӣ ин ё он вазифаро иҷро мекунанд, оё он дар сатҳи ибора бошад ё дар сатҳи ҷумла. Ҳамин хел, гарчанде такрор шавад, мо якчанд намунаҳои дар боло алакай ёдоваршударо меорем (***the picture on the table, the picture above the table*** *ва г)*, ки дар онҳо дида мешад пешояндҳо албатта нақши муҳимро дар созмони ибораҳои муносиб мебозанд. Комилан фаҳмо аст, ки ибораи **«the picture the table»** (бе пешоянд) тамоман имконнопазир аст. Бинобар ин, пешоянд, бешубҳа, калимаи шаклӣ (ба ин маънӣ) маҳсуб меёбад, аммо ин назар дар ҳамзамон ба ҳеҷ ваҷҳ ба эҳтимоли калимаи «маънодор» будани он монеъ намешавад, чунки он, албатта, як навъ муносибатеро ифода мекунад, ки дар воқеияти ғайрзабонӣ мавҷуд аст.

Дар алоқамадӣ бо ин моро мебояд, ки ба масъалаи муносибати байни мазмуни калимаи шаклӣ ва вазифаи грамматикии он назаре кунем. Андешаҳои ғалат оиди ин масъала пешниҳод шудаанд. Ба ҳамин тариқ, вақт исбот карда мешавад, ки мазмуни луғавии калимаҳои шаклӣ ва вазифаи грамматикии онҳо бо ҳамдигар мувофиқ меоянд.

Акнун ин нуқтаи назар на танҳо ғалат аст; он чизеро тасдиқ мекунад, ки дар ҳар ҳолат дуруст буда наметавонист: имконнопазирии комил. Мазмуни калима (чи луғавӣ ва чи грамматикӣ) ҳеҷ гоҳ наметавонад бо вазифаи грамматикиаш мувофиқат кунад, чунки мазмун ва вазифа ду мафҳуми аслан гуногун буда, ба ҷанбаҳои гуногуни калима дахл доранд. Мазмун ба соҳаи лексикология ва морфология хос аст ва ҳеҷ алоқаи ситаксисӣ надорад, дар ҳоле ки вазифа калима комилан ба синтаксис марбут аст.

Айни ҳол рӯй меорем ба пайвандакҳо ва ҳамон хулосабарорӣ мунозираҳое, ки мо дар боло бо истинод ба пешояндҳо овардем, инҷо мавриди корбурд бояд қарор дода шаванд.

Саволе, ки оё пайвандакҳо ягон зуҳуроти забониро ифода мекунад ё намекунад, ва ё онҳо танҳо чизеро ифода мекунанд, ки ба худи ҷузъиётҳои забон алоқаманд аст, худро дар шакле ошкор мекунад, ки дар бахши пешояндҳо дида баромадем. Андашаи хеле маъмул ин аст, ки мазмуни пайвандакҳо ифодаи алоқаи байни калимаҳо, ё ҷумлаҳо, ва ё дар ҳар сурат алоқаи байни воҳидҳои забон мебошад. Шубҳаовар ин аст, ки агар пайвандакҳо танҳои вазифаи алоқаи байни воҳидҳои забониро иҷро кунанд, пас барои чӣ теъдоди онҳо (навъи пайвасткунанда - **the subordinating**) ин қадар зиёд аст? Алоқаи байни калимаҳо ва алоқаи байни ҷумлаҳо маълум аст, ки танҳо аз ду навъи он шаҳодат медиҳад: онҳо ё пайвасткунанда ва ё тобеъкунанда буда метавонанд. Ҳамин тавр, агар мазмуни пайвандакҳо танҳо ифодаи алоқаи байни ин воҳидҳои забон буд, онҳо метавонистанд ҳамагӣ ду пайвандак бошанд: пайвандакҳои пайвасткунанда ва тобеъкунанда. Дар воқеъ, бо вуҷуди ин, теъдоди онҳо хеле зиёдтар аст. Масалан, байни пайвандакҳои ***before*** ва ***after*** ё миёни пайвандакҳои ***because*** ва ***though*** тафовут ҷой дорад. Ҳар яки инҳо мазмуни луғавии хешро доранд, ва ҳар як онҳо алоқаи муайянеро миёни падидаҳои воқияти ғайризабонӣ ифода мекунанд. Ба назар менамояд, ки мисолҳо дар инҷо воқеан ҳам зарур нестанд.

Барои ҳамин ҳам воҷиб аст, ки хусусияти фарқунандаи байни маънои пайвандакҳо равшану возеъ пешниҳод гарданд. Ин хусусияти фаққунанда алоқаҳои муайяни мавҷудаи байни зуҳуротҳои дар ҷаҳони ғайризабонӣ ва вазифаи синтаксисии онҳоро, ки аз пайваст кардани калимаҳо, ибораҳо, ва ҷумлаҳои пайрав (баъзан, ҷумлаҳо) иборат аст, ифода мекунад.

Пайвандакҳо ҳамчун ҳиссаи нутқ ҳама дорои як маънои грамматикӣ мебошанд; онҳо алоқаи байни зуҳуротҳои ҷаҳони ғайризабониро ифода мекунанд, дар ҳоле ки ҳар як пайвандаки алоҳида як алоқаи махсуси байни он зуҳуротҳоро ифода мекунад

Ин мулоҳиза, бо вуҷуди ин, мавзуи ин мақоларо ҳал намекунад. Масъала дар он зоҳир мегардад, ки оё тафовут байни **«муносибатҳо - relations»** ва **«алоқаҳо - connections»** ба қадри кифоя фаҳмо аст, то заминаи боэътимоде барои фарқ кардани ду ҳиссаи нутқ гузошт. Ин савол беш аз пеш мубрам менамояд, чунки дар забони англисӣ ***after*** пешоянд (муносибатро ифода мекунад) ва ***after*** пайвандак (алоқаро ифода мекунад) дорем. Ҳамин ҳолат ба калимаҳои ***before*** ва ***since*** низ рабт дорад. Илова бар ин, маълум аст, ки мазмуни луғавии ***after*** пешоянд ба ҳеҷ вақҳ аз мазмуни луғавии ***after*** пайвандак тафовут надорад ва айнан ҳамин ҳолат дар бораи ***before*** ва ***since*** гуфта мешавад.

Чи гунае ки дар оғоз изҳор гардида буд, дар ҳудуди як мақола тамоми вижагиҳои пешоянду пайвандакҳоро мавриди баррасӣ қарор додан ғайри имкон аст. Лозим ба ёдоварӣ аст, ки калимаҳои шаклӣ дар мисоли пешояндҳо ва пайвандакҳо як қабати мураккаби грамматикаро ташкил дода, аз рӯи мазмуни луғавӣ ва грамматикӣ аз ҳамдигар тафовут доранд. Илова бар ин теъдоди калони чунин калимот мавҷуданд, ки ҳар яке дорои вазифаи мушаххаси худ мебошанд.

Адабиёт:

1. Барабаш Т. А. Пособие по грамматике современного английского языка (A Guide to Better Grammar). – М.: Международные отношения, 1975. – 288 с.
2. Беляева М. А. Грамматика английского языка. Изд. 6-е. Учеб. пособие для неяз. вузов. – М.: Высш. школа, 1977. – 333 с.
3. Бжилянская И. А. Английская грамматика в таблицах и упражнениях: Учеб. пособие для неязыковых спец. вузов заочн. обучения. – М.: Высш. школа, 1986. – 135 с.
4. Markova L. S. Short English Grammar Reference. – M., 1972. – 208 p.
5. Kaushanskaya V. L., Covner, R. L., Cozhevnikova, O. N., Procof`eva, E. V., Raynes, Z. M., Scvirskaya, S. E., Tsirlina, F. Y. A Grammar of the English language. – M.: Ayres-press, 2018. – 384 p.

Калидвожаҳо: *пешоянд, пайвандак, калимаҳо, мазмуни луғавӣ, мазмуни грамматикӣ, вазифа, хусусиятҳои фарққунанда.*

Аннотация

РОЛЬ АНГЛИЙСКИХ ПРЕДЛОГОВ И СОЮЗОВ В ОБРАЗОВАНИИ СИНТАКСИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ

Настоящая статья посвящена статусу слов, которые обычно называются предлогами и союзами. Цель темы относится к исследованию лексических и грамматических значений, в то же время их функций при образовании слов, фраз и предложений, а иногда и предложений. Это различие на синтаксическом уровне, безусловно, недостаточно важно, чтобы помешать объединению предлогов и союзов в одну часть речи, что предлагается определением их соответствующих грамматических значений.

Ключевые слова: *предлог, союз, служебное слово, лексическое значение, грамматическое значение, функция, отличительный признак.*

Annotation

THE ROLE OF ENGLISH PREPOSITIONS AND CONJUNCTIONS IN FORMATION OF SYNTACTIC UNITS

The present article is dedicated to the status of words which are usually termed prepositions and conjunctions. The aim of the topic refers to the investigation of the lexical and grammatical meanings, at the same time their functions in formation of words, phrases, and clauses, and, occasionally, sentences. This difference on the syntactical level is certainly not important enough to prevent uniting prepositions and conjunctions into one part of speech, which is suggested by definition of their respective grammatical meanings.

Keywords: *Preposition, conjunction, form word, lexical meaning, grammatical meaning, function, distinction.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Назирова Нилуфар Давлатбеговна, магистранти соли аввали факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Тел.: +992 919648671

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ Каримов Ш. Б.

Сведение об авторе: Назирова Нилуфар Давлатбеговна, магистрантка первого курса факультета английского языка Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. Тел.: +992 919648671

Научный руководитель: доктор филологических наук Каримов Ш. Б.

About the author: Nazirova Nilufar Davlatbegovna, master of 1-st year of English Language Faculty, Tajik State Pedagogical University named after S.Ayni. Tel.: +992 919648671

Назаров Бахтиёр Ҷураевич,
магистранти соли дуюми факултети забонҳои романӣ-германӣ

ГУРӮҲБАНДӢ ВА ТАСНИФИ НИДО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ФАРОНСАВӢ

Маълум аст ки ҳиссаҳои нутқ гурӯҳи калони калимаҳоро дар бар гирифта, бо мафҳуми семантикию грамматикӣ, хусусиятҳои морфологӣ ва вазифаҳои синтаксисии худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар ин навбат забоншиносон як гурӯҳ калимаҳоро ба мустақил (исм, сифат, феъл, ҷонишин, шумора, зарф) ва қисми дигарро ба унвони ёридиҳанда ном мебаранд.

Ба гурӯҳи ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ калимаҳое дохил мешаванд, ки дар худ маънои луғавӣ надоранд, яъне предмет аломату хусусият, амалу ҳолатро номбар намекунанд, балки барои ифодаи муносибати грамматикии байни калимаҳои мустақил, ибора ва ҷумла хизмат мекунанд. ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқро ҳиссаҳои номустақили нутқ низ меноманд. Маънои грамматикии калимаҳои ёридиҳанда дар айни замон маънои луғавии онҳо ба шумор меравад. Тавре ки маълум аст, ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ, вазифаи номинативӣ надоранд ва дар ин баробар аъзои мустақили ҷумла шуда наметавонанд. Ба гурҳҳи ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ пешоянд (пасоянд-хоси забони тоҷикӣ), пайвандак, ҳиссача, артикл ва нидо дохил мешаванд.

Чуноне ишора намудем, нидо як гурӯҳи калимаҳоеро ташкил менамояд, ки аз маънои аслии луғавӣ фориғ буда, онҳо ҳиссиёти ботинӣ, зоҳирӣ ва иродаи гӯяндаро ба нутқи ҳамсӯҳбат, предмет ва ҳодисаҳои олами воқеӣ ифода менамоянд.

Нидо бо имою ишорат ва оҳангнокии калимаҳо зич алоқаманд буда, маънои онҳо аслан дар овоз ва тарзи гуфтори гӯянда вобастагии зич дорад. Оҳанги гуфтор дар нутқи гӯянда хусусияти ба худ хосеро соҳиб аст.

***Вой** мурам, шавҳари маро чӣ кор кардетон?! – фарёд кашида гиря кард занак* [3, 89]. – ***Oh**, que je meure sur place ! Qu'avez-vous donc fait de mon mari! se mit à hurler la pauvre femme* [5, 108].

***Oh bien!** dit Sorel d'un ton de voix traînard, il ne reste donc plus qu'à nous mettre d'accord sur une seule chose: l'argent que vous lui donnerez* [6, 20]. – ***Хӯш**, — оҳиста мад кашид Сорел — Акнун, яъне, дар пеши мо фақат як масъалаи ҳалнашуда монд: ба ӯ чӣ қадар маош таъин мекунед?* [4, 25].

Вобаста ба оҳанги гуфтор онҳо ба аъзоҳои дигари ҳиссаҳои нутқ оҳанг, рангу бори дигар медиҳанд ва дар ин баробар таассуб, ҳайрат ва ҳаяҷонро ифода менамоянд. Дар ин маврид метавон гуфт, ки ҳиссаи нутқе ки ҳаяҷону ҳиссиёти гуногун ва изҳори иродаро ифода мекунанд, нидо номида мешаванд.

Нидо – ин гурӯҳи калимаҳои тағйирнаёбанда буда, барои ифодаи ҳиссиёту ҳаяҷон, ҳолати руҳӣ ва изҳори ирода истифода мешавад.

Миёни ҳиссаҳои нутқ, нидо гурӯҳи махсусро ишғол менамояд. Нидо ҳамчун ҳиссаи нутқ, маънои луғавӣ надошта, ба гурӯҳи ҳиссаҳои номинативии нутқ дохил намешавад. Тавре ки дар ин хусус забоншиноси шинохта А.И. Германович қайд менамояд, аз рӯи хусусият ба нидо гурӯҳи калимаҳои тақлидӣ дохил шуда, предмету ҳодисаҳои олами воқеиро ифода менамоянд: *виж-виж, бай-бай, чуҳ-чуҳ, ҳейт-ҳейт, бош-бош, ҷигӣ-ҷигӣ, пиш-пиш, баҳ-баҳ, ту-ту, киш-киш, мяв-мяв* ва *ее-ее, ha-ha, haw-haw, he-he(hee-hee), ho-ho-(ho), sh-sh, tut-tut-tut, bah-bah*.

Нидо дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ аз рӯи пайдоиш ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешавад: нидоҳои ифодакунандаи ҳиссиёту ҳаяҷон (эмотсионалӣ) = les interjections à valeur émotive ва нидоҳои ифодакунандаи ирода (амрӣ ё ин ки императивӣ) = les interjections à valeur impérative.

Бояд тазаккур дод ки дар забонҳои мазкур нидоҳои эҳсосӣ маънои луғавӣ ва шаклҳои муқаррарии калимасозӣ надоранд. Маънои онҳо дар нутқ ба воситаи интонатсия (оҳанг) ифода мегардад. Интонатсияи (оҳанг) нидоро ҳамеша имою ишораи мувофик ҳамроҳӣ мекунад. Дар ин маврид мавқеи интонатсия бузург арзёбӣ мегардад. Забоншиноси шинохтаи тоҷик Б. Камолиддинов доир ба интонатсия чунин қайд мекунад: «…интонатсия яке аз воситаҳои муҳимми ифодаи нозукиҳои маънӣ ба шумор меравад. Ҳангоми ифодаи фикр дар оҳанги гуфтор, интонатсияи нутқ ноқисие рӯй диҳад, боиси тағйири маънӣ ё тира ифода ёфтани он мегардад. Ҳодисаи ба пурсиш бо савол ҷавоб гардондан бештар дар он ҳолат ба миён меояд, ки ҷумлаи саволӣ бо интонатсияи равшани пурсиш гуфта нашавад, тартиби ҷойгиршавии аъзоҳои ҷумла ба ифодаи мақсад мусоидат накунад, задаи таъкид ба калимаи матлуб наафтад ва ҳоказо. Ҳол он ки интонатсияи пурсиш нисбат ба интонатсияи ахбор вазифаи бештар ва мураккабтарро адо мекунад: дар саволи аслӣ ва хусусан ғайриаслӣ ё риторикӣ маъно ва тобишҳои маъноӣ

модалӣ, муносибатҳои мусбат ё манфии гӯянда нисбат ба мундариҷаи фикри баёншаванда ё мусоҳиб ифода мегардад» [2, 33]. Матлаберо, ки бо калима (ғам хӯрдан=regretter, хурсанд шудан=être heureux, шубҳа кардан=douter, сарзаниш намудан=reprocher, ба ваҷд омадан= blâmer, нафрат кардан= avoir du dégoût pour, афсӯс хӯрдан=regretter ва ғ.) баён кардан мушкил аст, метавон ба воситаи фонемаи (овозӣ) муайян ва имою ишораи махсус ифода кард.

«Нидо муносибати инсонро бо ҳастии воқеӣ мухтасар ва образнок нишон медиҳад. Ин муносибат бо имою ишора таъкид ва мустаҳкам мешавад. Нидо садо ва имою ишораро бевосита муттаҳид месозад. Имою ишора ба сифати як навъ воситаи алоқа низ хизмат мекунад» [1, 336].

Тавре маълум аст имою ишора ба монанди интонатсия мазмуни калимаро тағйир дода метавонад. Масалан, бо як ҳаракати чашм инсон метавонад боварӣ ва ҳиссиётро аз байн барад. Бо як оҳанги мулоими ҳиллагарона ва номи таскинбахш ба ҳамсуҳбатамон «Ман шуморо беандоза эҳтиром мекунам» мегӯему ба шахси сеюм нигоҳ намуда, чашмакӣ мезанем, ки дар натиҷа дуруғ будани суханонамон ошкор мегардад.

Тасаввур намудани нутқи ҳаяҷоннок ва пурэҳсосро бе интонатсия ва имою ишораи рӯй, даст, сар, чашм, даҳон, лаб, китф ва ғайра тасаввур намудан душвор аст. «Хизмати интонатсия ва имою ишора барои зуҳури равшантари нидоҳое, ки аз маънои луғавӣ тамоман маҳрум мебошанд, басо калон аст. Нидо аз бобати интонатсия ва имою ишора нисбат ба дигар ҳиссаҳои нутқ бойтар аст. Бинобар ин дар нутқи хаттӣ, махсусан, дар адабиёти бадеӣ аксар интонатсияи нидо шарҳ дода мешавад ва ё дар назди нидо имою ишораро тасвир мекунанд. Аксаран аввал имою ишорати дастӣ нишон дода шуда, баъд аломатҳои ҷунбонидани калла, дарҳам кашидани китфҳо, хоридани пушти сар, мавридҳои гуногуни тағйир ёфтани тарҳи рӯй ва ғайра тасвир карда мешавад» [2, 337].

Мисол: ***Вой*** *мурам, шавҳари маро чӣ кор кардетон?! – фарёд кашида гиря кард занак.* - *Вай аз касе қарз нагирифта буд ва агар қарз мегирифт, мо ба ин ҳоли зор намебудем* [3, 89]. – ***Oh****, que je meure sur place ! Qu'avez-vous donc fait de mon mari! se mit à hurler la pauvre femme. Il n'a jamais rien emprunté à personne. Nous n'en avions pas besoin* [5, 108].

Тавре ки аз ҷумлаи дар боло овардашуда маълум мегардад, дар он ҳиссиёти зане дарҷ гардидааст, ки аз азоб, ранҷу шиканҷа дарак медиҳад ва он дар забони адабии ҳозираи тоҷик тавассути нидои эмотсионалии «вой» ифода ёфта, дар забони фаронсавӣ муодили онро «oh» ба ҷо овардааст.

Хулоса, дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ сарфи назар аз хусусиятҳои умумиашон нидоҳои эмотсионалӣ (les interjections à valeur émotive) аз нидоҳои амрӣ (les interjections à valeur impérative) аз рӯи сохт, маъно, вазифаи синтаксисӣ ва этимологӣ фарқ мекунанд.

Адабиёт:

1. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. Зерир таҳрири: Ш. Рустамов, Ҳ. Каримов, А. Маниёзов, А. Мирзоев, Д. Тоҷиев, Р. Ғаффоров. – Душанбе: Дониш, 1985. – 354 с.
2. Камолиддинов Б. Хусусияти услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ. – Душанбе: Маориф, 1992. – 128 с.
3. Икромӣ Ҷ. Духтари оташ. – Душанбе: Адиб, 2009. – 560 с.
4. Стендал. Сурх ва сиёҳ. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 544 с.
5. Ikromi Dj. La fille de feu. Traduit de russe par A. Mazzi. Editions du progrès. – Moscou, 1966. – 611 p.
6. Stendhal. Le rouge et le noir. – Paris: Librairie garnier frères, 1955. – 513 p.

Калидвожаҳо: *нидо, нидоҳои амрӣ, нидоҳои ҳиссӣ, ҳиссиёт, ҳаяҷон, интонатсия, забони тоҷикӣ, забони фаронсавӣ.*

Аннотация

ГРУППИРОВАНИЕ И КЛАССИФИКАЦИЯ МЕЖДОМЕТИЙ В ТАДЖИКСКОМ И ФРАНЦУЗСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье рассматривается группирование и классификация междометий в таджикском и французском языках. Автор приходит к выводу, что междометие не имеет номинативную функцию и не может быть самостоятельной часть речи. Обосновывается мысль о том, что в сопоставляемых языках междометия делятся на: побудительные = les interjections à valeur émotive и императивные = les interjections à valeur impérative. Они выражают прямого побуждения или волеизъявления для совершения определенных действий.

Ключевые слова: *междометие, побудительные междометия, волеизъявительные междометия, чувство, волнение, интонация, таджикский язык, французский язык.*

Annotation

CLASSIFICATION OF INTERJECTIONS IN TAJIK AND FRENCH LANGUAGES

This article deals with classification and characteristics of interjections in Tajik and French. The author comes to the conclusion that interjections do not have a nominative function and cannot be an independent part of speech. The author substantiates the idea that in the compared languages interjections is divided into: incentive = les interjections à value emotive and imperative = les interjections à value imperative. They express direct motivation or will to perform certain actions.

Keywords: *interjections, motivational interjections, emotional interjections, feelings, excitement, intonation, Tajik language, French language.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Назаров Бахтиёр Ҷураевич, магистранти кафедраи забони фаронсавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Тел.: +992 907818440

Роҳбари илмӣ: н.и.ф., дотсент Олимов Р.

Сведения об авторе: Назаров Бахтиёр Ҷураевич, магистрант кафедры французского языка Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. Тел.: +992 907818440

Научный руководитель: к.ф.н., доцент Олимов Р.

About the author: Nazarov Bakhtiyor Juraevich, master of the French Department of the Tajik state pedagogical University named after S. Ayni. Tel.: +992 907818440

Мунисаи Маҳмуд,
магистранти соли аввали факултети забони англисӣ

КОРБАСТИ МУРОДИФОТ ДАР «ҲАМЛЕТ»-И УИЛЯМ ШЕКСПИР

Дар забони адабии муосири тоҷик, ки асоси пайдоиш ва рушду нумӯи онро забони қадимаи ниёгон ва эҷодиёти шифоҳии халқ ташкил медиҳад, муродифот ба таври фаровон истифода карда мешаванд. Чи дар қарнҳои гузашта ва чи дар забони муосири тоҷик калимаҳое зиёданд, ки аз ҷиҳати маънову мафҳум ягонаанд, яъне маънои ба ҳам наздикро ифода мекунанд, вале аз ҷиҳати шакли навишту тарзи талаффузу ифода гуногунанд. Муродифҳо дар ҳама давру замонҳо сериستеъмол буда, адибон, нависандагону шоирон, донишмандону хирадмандон бо мақсади таъсирбахшу диққатҷалбкунанда ва ҷаззобу хушоҳанг баромадани мақсад, маром ва идеали худ аз онҳо ба таври фаровон истифода мекарданд. Шоирону нависандагон, файласуфону донишмандони илми адаб вобаста ба мазмун, мундариҷа ва муҳтавои асосии асарҳо, матну гӯишҳои шифоҳию хаттӣ аз муролдифот ба мақсади муассирӣ ва нисбат ба шунавандаву хонанда мақбулият доштан корбаст менамуданд. Ҳамчунин, онҳо бо мақсади хушоҳангию ҷолибият вобаста ба мақсади хеш аз маҷмуи муродифҳо якеро интихоб ва дар баёни афкор истифода мекарданд.

Масалан, калимаҳои **хур, офтоб, шод, шамс, хуршед** муродиф мебошанд ва қариб метавонанд ҳам якдигарро иваз намоянд: гуфтан мумкин аст: **офтоб баромад,** вале **хур баромад** гуфтан андаке гӯшхарош мебарояд, ба таври дигар гӯем ғайри табии менамояд ва калимаҳои хур хоси забони назм аст.

«Мо метавонем **дӯсти қадим, дӯсти кӯҳна, дӯсти дерина** гӯем ҳами ин ибораҳо як маъниро ифода мекунанд, аммо агар ба ин ибораҳо ба ифодаи ҳамон маъни **дӯсти пештара** ё **дӯсти пешро** ҳамроҳ кунем, хато хоҳад шуд» [1, 25].

Муродифҳои дар фавқ овардашуда ҳаминро равшан месозанд, ки марбут ба як ҳодисае воқеият аз нуқтаи назари мухталиф маъниёдод мешаванд ва чунин хулоса бароваранд мумкин аст, ки дар забони тоҷикӣ муродифҳои мутлақ ба маънои томи ин калима вуҷуд надоранд.

Муродифҳо сарфи назар аз ин гуна хусусиятҳои худ дар забони адабии муосири тоҷик хеле фаъол ва дар истеъмоли умуманд. Бешубҳа, дар тули дарозои ҳаёт ва фаъолияти кулли инсоният муродифҳо дар истеъмол мондаанд то ба ҳол.

«Синоним (муродиф) аз калимаи юнонии sunonumos (ҳамном) гирифта шудааст…» [1, 25].

Дар китоби забони адабии тоҷик шарҳи муродифат тариқи зайл омадааст:

Калимаҳое, ки аз ҷиҳати мано ба якдигар наздик буда, аз рӯи таркибии овозиашон гуногун мебошанд ва маъноҳои бо ҳамдигар наздикро ифода мекунанд. Мисол: қалб-дил; деҳқон –барзгор-кишовар; гард-чанг-ғубор;… [5, 15].

Профессор Н. М. Косимова бастаи муродифҳо (синонимҳо чунин овардааст; «Синонимҳо (муродифҳо) калимаҳои шаклан гуногуну аз ҷиҳати маъно бо ҳам хеле наздиканд, баъзан якхелаанд» [4, 96].

Муродифот дар ҳама намудҳои жанрҳои адабӣ истифода мешаванд, аз ҷумла дар асарҳои драмавӣ низ.

Чунончӣ: is the main motive of ouv pvepatatoon [6, 12].

Ваҷҳи ин **талотупу ғалоғула**.

Муродифи **талотӯпу ғалоғула** дар ҷумлаи болоӣ **шӯру ғавғо, фарёду фиғон. мағал, тупаланг** буда, ифодакунандаи эҳсосот, шӯру ғалаён ва ифодагари ҳаяҷони қаҳрамони марказии драма мебошад.

Масалан: (*тарҷума* аз англисӣ)

Пас гирифтан ба талошу ба **зӯр** [6, 12].

Зӯр муродифоти зиёде дора два он дар асар дар шакли сода корбаст гардидааст. Муродифи мазкурро дар мавриди зарурӣ (аз рӯи эҳтиёҷ) калимаҳои зерин, ки аз ҷиҳати маъно ва мазмун ба калимаи **зӯр** хеле наздикӣ доранд, иваз карда метавонад ва ба мазмун халал ворид намесозанд:

1. Қувва, қудрат, тавоноӣ, иқтидор.
2. Қодир, қавӣ, бақувват.
3. Тавоно, паҳлавон, ғолиб [8, 463-464].

«Ба воситаи синонимҳо (муродифот) хусусиятҳои эмотсионалии сухани гӯянда, тобишҳои гуногуни маъноию услубии сухан муайян карда мешавад» [5, 15].

Ба англисӣ нависед.

Латиф, нозук, дилкаш, аммо бебақо [6, 30].

Калимаи **латиф**-ро муродифҳои зиёде фарогиранд:

1. Зариф, нарм, нозук.
2. Хушрӯ, хушнамо, маҳин, раъно.
3. Хушмаза, гуворо, дилпазир, дилкаш.
4. Хуштабъ, накукор [6, 594].

Дар забони драмаи «Ҳамлет» калимаҳое дучор меоянд, ки онҳо муродифҳои беш доранд ва дар пурсишро ифода кардани онҳо нақши муҳим мебозанд. Калимаи **хаёл** исм аст, исми маънӣ, вале тавассути бандаки хабарии аст, ки бевосита ба он тобеъ гардидааст, мазмуни саволиро ба худ гирфтааст:

Ба англисӣ нависед.

Бигӯ, он чи ҳоло дидӣ **хаёл** аст?

Хаёл бо калимаҳои поён ӣ гарчи аз рӯи таркиби овозиашон мухталиф бошанд ҳам, маъноҳои ба якдигар наздикро ифода мекунанд:

1. Фикр, андеша, пиндошт, тасаввур, гумон.
2. Ваҳм, воҳима.
3. Акси чиз (предмет)

Дар забони тоҷикӣ, англисӣ, русӣ, украинӣ ва кулли забонҳо ҳар як калима муродифот ва ҷои истеъмол ва корбасти худро дорад.

Муроифҳои бастаи маъно гуногунанд ва метавонанд ашё, аломат, амал, ҳолат ва замону маконро баён намоянд ва корбасти муродифҳо, ки дорои хусусиятҳои гуногуни услубианд дар асари нависанда-драманависи машҳури англис Уилям Шекспир «Ҳамлет» (дар тарҷумаи нависандаи шинохтаи адабиёти муосири тоҷик Сотим Улуғзода) ба таври фаровон истифода шудаанд:

Dared to the combot….

Он **далер** Ҳамлети машҳури ҷаҳон, мағрур Фортинбрасро ҳалок карда буд [6, 12].

Дар намунаи фавқӣ муродифи **далер** калимаҳои зер маҳсуб меёбанд:

1. Диловар, шуҷоъ, ҷасур, нотарс.
2. Паҳлавон, зӯр, баҳодур, тавоно.
3. Маҷозан-густох, бешарм, беҳаё [6, 316].

Лексикаи забони ҳар як халқияту миллат аз ҳисоби калимаҳои забони зинда ва нутқи шифоҳӣ бой гардидани фонд ва таркиби луғавиро таъмин менамояд ва албата, калимаҳо муддати тӯлонӣ, баъди рехтаву суфта гардидан ба истеъмоли умум ноил+ мегарданд. Ҳамчунин, аз ҳисоби калимаҳое, ки аз забонҳои хориҷ иқтибос мегарданд, ба бою ғанӣ гардидану инкишоф ёфтани лексика боис мегарданд.

Дар асари фоҷиавии мазкур муродифҳои зиёде вомехӯранд, ки онҳо, аз як тараф, барои ифодаи афкори қаҳрамонҳои марказӣ истифода шаванд, аз тарафи дигар, барои ифодаи хислат, характер ва кушодани симои марказӣ ва ҷаҳони рӯҳӣ (психологӣ)-и онҳо хизмат менамоянд:

Thou art a seholar.

Грацио, ту ки марди **фозил** ҳастӣ, гап зан бо вай [6, 9].

Калимаи **фозил** муродифҳои зеринро фарогир аст:

1. Барзиёд, зиёдатӣ, афзун.
2. Олӣ, афзал, бартар, беҳтар.
3. Олим, доно, дошнишманд, соҳибфазилат, соҳибфазл, соҳибкамол [2, 438].

Шекспир дар драмаи ҷовидонаи худ ба забони зинда ва нутқи шифоҳии халқ такя намуда, калимаю ибораҳоеро корбаст намудааст, ки муродифҳои худро доранд:

Фач, бемаза, ҷанҷол, ҷӯра (гӣ) ва амсол ба инҳо.

Ҳазар бикун аз **ҷанҷолу** низоъ [6, 32].

Муродифҳои калимаи фавқӣ (ҷанҷол), хархаша, ҷидол, ғавғо, ғалоғула, ғирев [7, 467] ва амсоли инҳо мебошад. Корбаст намудани муродифоте, ки ҳамқадами мардуми одӣ ва дар истеъмоли умум аст, барои нишонрас ва ба фаҳми хонанда наздику муассир баромадани фикру андеша ва амалҳои персонажу қаҳрамонони асарҳои бадеӣ тахрезию корбаст мегарданд.

Муродифҳо баста ба сохту таркиб ба чаҳор хел ҷудо мешаванд:

1. Муродифҳои сода. Муродифҳои сода танҳо аз як реша сохта мешаванд: шабаҳ-сиёҳӣ, сиёҳранг, тира, тирагун, суроб, рӯҳ.

2. Муродифҳои сохта. Ин намуди муродифҳо тавассути ба решаи калимаҳо илова гардидани пешванду пасвандҳо таркиб меёбанд: бешарм, беизо, беҳаё, шодӣ-фараҳмандӣ-хурсандӣ-шодмонӣ-мамнунӣ, чашм-дида-наргис. Кин-душманӣ-адоват-интиқом-қасос, ҷанг-

муҳориба.

3. Муродифҳои мураккаб. Муродифҳои мураккаб аз ду ва ё зиёда решаҳо сохта мешаванд: каппӣ-маймун-бузина. Латофат-нозукӣ-борикӣ, зарифӣ-хутабъӣ-покӣ-покизагӣ-беғуборӣ-назокат-мавзунқоматӣ.

4. Муродифҳои таркибӣ. Муродифҳои таркибӣ бо роҳи бо ҳам омадани ду ва ё зиёда калимаҳо сохта мешаванд: озурда шудан-ранҷидан-хафа шудан-малол шудан, рӯзи дароз-тамоми рӯз-аз субҳ то шом, ба ғазаб омадан-ҷаҳл гирифтан-бадқаҳр шудан.

Дар «Ҳамлет»-и Уилям Шекспир марбут ба чаҳор хели муродифҳо зиёд дучор омадан мумкин аст, ки дар рафти ибрози афкор муаллиф аз шаклҳои дигари онҳо истифода намудааст ва он калимаҳое, ки муродифҳояшон дар асар корбаст гардидаанд, ба таври намуна оварда мешаванд.

Муродифҳои сода: содиқ (саҳ.7), шаккок (8), тобон (равшан), фозил (9), хаёл (10), чашм, офтоб (13), фитна (11), айёр, зӯр (12), чеҳра (19), шавқ (23), лутф (18), тарс (30), хасис, сахӣ, сард, аблаҳ (34), фароғат (35) ва амсоли инҳо.

Муродифҳои сохта: тавассути пешвандҳо-бошитоб (12), беҳтарин (18), бовиқор (25), бебақо (30), бешарм (32), бефаҳм (32)… ва мададгор (16), миннатдор (16), офаридгор (21), андӯҳгин (27), камолот (37), хаёлот (18), пӯшок (19), тирагун (19), шабонгоҳ (25), баландтар (30) ва монанд ба инҳо.

Муродифҳои мураккаб: даҳшатангез (8), пуршавқат (10), дилбанд (20), мурдахона, дастархон (24), ҳукмдор, кулаҳхӯд (27), хуштолеъ (31), қиматбаҳо (32), нозуктабъ (32), фармонбардор (35) ва амсол ба инҳо.

Муродифҳои таркибӣ: озурда шудан (10), шӯру ошӯб (12), ҷангу ҷидол (13), сидқу сафо (15), равон шудан (16), дӯсти азиз (23), чашми ваҳмида (25), сидқу вафо (20,29), бӯи хуш (30), айшу ишрат (31,36), карру фар (32), фачу бемазза, ҷанҷолу низоъ, савганд хӯрдан (34), нопоку ноҳақ (35), ҳаёҳуи мастона (36) ва монанди инҳо.

Ҳамин тавр дар «Ҳамлет»-и Уилям Шекспир муродифҳои зиёде мавҷуданд, ки таҳқиқоти махсусро тақозо дорад.

Адабиёт:

1. Забони адабии ҳозираи тоҷик. қисми 1. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 446 с.
2. Қосимова М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои 9-10), ҷилди 1. – Душанбе, 2011. – 528 с.
3. Луғати мухтасари синонимҳои забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1983.
4. Муҳаммадиев М. Синонимҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1962.
5. Саидов Р., Аюбӣ Н. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. – Душанбе, 2008. – 268 с.
6. Уилям Шекспир «Ҳамлет» (тарҷумаи Сотим Улуғзода). – Душанбе: Ирфон, 1978.
7. Фарҳангӣ забони тоҷикӣ. Зери таҳрири М. Ш. Шукуров ва дигарон. Қисми 1. – Москва: Советская энциклопедия, 1969. – 951 с.

Калидвожаҳо: *муродиф, тоҷикӣ, англисӣ, хел, сохт, сода, сохта, мураккаб, ҷумла, калима, маъно, истеъмол.*

Аннотация

УПОТРЕБЛЕНИЕ СИНОНИМОВ В ПРОИЗВЕДЕНИИ УИЛЬЯМА ШЕКСПИРА «ГАМЛЕТ»

В данной статье автор рассматривает проблему употребления синонимов в драматургическом произведении известного английского писателя Уильяма Шекспира, где тема раскрывается путём сравнения синонимов в английском и таджикском языках. Автор статьи, взяв в основу продуктивность синонимов, уделяет внимание на их роль, как в устной, так и в письменной речи, а также их разновидности по составу, что является достаточно убедительными сведениями. При раскрытии темы с большим мастерством использованы доступные читателю красочные слова и словосочетания литературного языка, которые близки живому таджикскому народному языку.

Ключевые слова: *синонимы, таджикский, вид, состав, сложное, простое, составное, слова, предложение, значение, употребление.*

Annotation

THE USE OF SYNONYMS IN THE WORKS OF WILLIAM SHAKESPEARE «HAMLET»

In this article, the author researches the use of synonyms in a dramatic work of famous English writer William Shakespeare, where the topic is revealed by comparing synonyms in English and Tajik. Taking the productivity of synonyms as a basis, the author of the article surprises the attention to their role both in oral and written speech, as well as their varieties in composition, distinctive and common features between English and Tajik languages, which is quite convincing information. When revealing the topic, with great skill, colorful words and a phrase of the literary language available to the reader were used, which are close to the living folk language.

Keywords: *synonyms, Tajik, kind, composition, complex, simple, compound, words, sentences, meaning, use.*

Маълумот дар бораи муалиф: Мунисаи Маҳмуд, магистранти соли аввали кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Тел.: +992 988179741

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ Қосимов О.

Сведение об авторе: Мунисаи Махмуд, магистрантка первого курса кафедры языказнания и сравнительнный типологии Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни Тел.: +992 988179741

Научный руководитель: доктор филологических наук Косимов О.

About the author: Munisai Mahmud, firsth yaer master of the linguistics and comparative typology department, of the Tajik State Pedagogicai University named after S. Aini Phone: +992 988179741

Sceitifict director: Doctor of Philology Qosimov O.

Исматова Малика,
магистранти соли аввали факултети забони англисӣ

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ГУРӮҲИ ЗАМОНҲОИ МУТЛАҚ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Таҳқиқи замонҳои мутлақ дар грамматикаи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар замони муосир яке аз масъалаҳои хеле мубрам ба ҳисоб меравад. Доир ба таҳлили муқоисавӣ ва хусусиятҳои грамматикии фарқкунандаи гурӯҳи замонҳои мутлақ аксари забоншиносон эътибори хосса додаанд.

Ба ақидаи А. И. Смирнитский замонҳои мутлақ гуфта, категорияи махсуси грамматикиро (вобаста ба ҳудуд ва замон) меноманд, ки он нисбияти замониро ифода менамояд [11, 135]. Забоншиносони дигар Л. С. Бархударов, Д. А. Штелинг ва дигарон низ ин ақидаро тарафдорӣ намуданд. Забоншинос Е. Н. Аксютина бо ақидаҳои дар боло қайдгардида доир ба замонҳои мутлақи феъл ҳамфикрӣ баён намуда, қайд намуд, ки онҳо на танҳо нисбияти замониро, балки нисбияти мутлақӣ ё нисбияти бевоситаро низ ифода мекунанд [1, 98].

Аз ин рӯ, Г. М. Райхел ақидаи Ҳ. Суитро ҷонибдорӣ намуда, дуруст қайд менамояд, ки пеш аз ягон амал ба вуқӯъ омадани амали дигар, яке аз се маънои тартиби иҷрошавии амал, яъне амали ҳозира, амали гузашта ва амали ояндаро ифода мекунад. Г. М. Райхел шакли Present Perfect Tense – ро аз назар гузаронида, баён намуд, ки феъли замони ҳозираи мутлақ он амалу ҳолатеро мефаҳмонад, ки аллакай иҷро шуд ва натиҷаи он маълум аст, яъне замони ҳозираи мутлақ (**Present Perfect Tense**) маъноҳои амали алакай иҷрошуда ва амали баанҷомрасидаро дорад [8, 36].

Оид ба хусусиятҳои грамматикии гурӯҳи замонҳои мутлақ дар забони тоҷикӣ низ якчанд корҳои илмӣ таълиф шудааст. Таҳлили муқоисавии замонҳои мутлақ низ аз тарафи наҳвиёни тоҷик мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд. Онҳо замони мутлақро нисбат ба ҳангоми нутқ муносибати амал ё нисбат ба ҳангоми дигари нутқ зоҳиршавии замон,ки муносибати феълро ифода мекунад,иброз намудаанд. Дар забони тоҷикӣ замони гузаштаи мутлақ аз асоси замони гузаштаи феъл, замони ҳозираи мутлақ ва ояндаи мутлақ дар асоси замони ҳозираи феълӣ сохта мешаванд. Аз ин ҷост,ки асосҳои феълӣ аз ҷиҳати замон ба якдигар муқобил гузошта шудаанд,бинобар ин категорияи замон дар забони тоҷикӣ махсусан равшан ифода мегардад [4, 130]. Алоқаи пайдарпайии шакли мутлақи (**навиштаам, менавиштаам,навишта будаам, навишта истода будаам**) - ро ҳамчун замони гузаштаи мутлақи забони англисӣ меноманд,ки дар забони тоҷикӣ онро низ замони гузаштаи дур меҳисобанд [3, 30].

Ақидаҳои болоиро Н. Туйғунов ва Ф. Сангинов таҳлил намуда, баён менамоянд, ки замони мутлақи ҳозира-амали гузаштаеро ифода мекунад,ки ба замони ҳозира алоқамандӣ дорад. Умуман,Present Perfect амали замони гузаштаро ифода мекунад. Дар вақти истифодаи он гӯянда ва шунаванда вақти иҷрои амал зарур нест, вале натиҷаи амал муҳим аст: I **have read** the English book. Ман китоби англисиро хондам (яъне хонда тамом кардам). Замони мутлақи гузаштаро бошад,амали дар гузашта дар лаҳзаи муайян воқеъшударо ифода мекунад. He **had received** the letter by Monday. -Ӯ то рӯзи Душанбе мактубро гирифта буд. Past Perfect -Замони гузаштаи мутлақ бештар дар ҷумлаҳои мураккаби пайваст истифода бурда мешавад, ки агар нутқ тобишҳои пайдарҳамӣ дошта бошад. He was asked a lot of questions as he applied for a job. Then he was listened to with a great interest by the director, as he **had worked** there before. – Аз баски ӯ барои кор мурочиат кард, ба ӯ суолҳои зиёд доданд. Баъд ӯро роҳбар бо таваҷҷуҳ гӯш кард, чунки ӯ онҷо пештар кор карда буд. Ин замон дар забони тоҷикӣ бо феъли замони «**гузаштаи дур**» ифода меёбад [4, 69-75].

Оид ба хусусиятҳои грамматикии гурӯҳи замонҳои мутлақ дар забони тоҷикӣ метавон ақидаи забоншинос Н. Маъсумиро овард, ки чунин қайд менамояд: «Феъли гузаштаи дур амали гузаштаро мефаҳмонад, ки фосилаи замонаш мутлақо ё нисбатан дур мебошад. Забоншинос Н. Маъсумӣ замони гузаштаи мутлақро дар забони тоҷикӣ **замони гузаштаи дури нақлӣ** номида, ин ақидаро пешниҳод намудааст: «Замони гузаштаи дури нақлӣ аз шакли феъли ҳол, сифати феълии феъли асосӣ бо иловаи бандакҳои хабарӣ сохта шуда, дар шакли танҳо ва ҷамъ ба таври зерин тасриф меёбад: ман **шунидаам** -мо **шунидаем**,ту **шунидай**- шумо **шунидаед**, вай (ӯ) **шунидааст** -онҳо **шунидаанд**. Феъли гузаштаи дури нақлӣ мефаҳмонад, ки гӯянда воқеъ шудани амалро аз рӯи шунид ва баёни сарчашмаҳои дигар нақл мекунад. Феъли замони гузаштаи дури нақлӣ амали воқеъшудаеро мефаҳмонад, ки натиҷааш маълум аст. Масалан:Маълум шуд, ки

роҳи оҳанро одамони амир **вайрон карданд** (Икромӣ); Аз дах дақиқа **гузаштааст**,- ҷавоб дод Ҷамила ба соати тиллоии худ нигоҳ карда [6, 255].

Забоншинос Б. Н. Ниёзмуҳаммадов низ замони мутлақи ҳозираро замони гузаштаи одии номуайян ва дар таҳқиқоти минбаъдааш ба монанди дигар забоншиносон замони мутлақи гузаштаро «**замони гузаштаи дур**» [7, 193] зикр карда буд. Муҳаққиқ А. З. Розенфелд замони мутлақи ҳозираро гузаштаи одӣ номида, қайд менамояд, ки аз рӯи таҳлилҳои грамматикӣ ин замон метавонад амалро бо тартиб иҷро намуда, дар натиҷа хулосаҳои мантиқиро барорад. Аммо ӯ замони мутлақи гузаштаро гузаштаи дур номида, қайд менамояд,ки аз рӯи таҳлилҳои грамматикӣ ин замон метовонад амалро дар гузаштаи дур иҷро намояд [9, 42-45].

Таҳлили муқоисавӣ ва хусусиятҳои грамматикии ин гурӯҳи замонҳо дар «Грамматикаи забони тоҷикӣ « инъикоси худро ёфтааст [10, 134-137].

Забоншиносони тоҷик хусусиятҳои грамматикии замонҳои мутлақро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунанд:

а) шакли «**мегуфтааст** « замони мутлақи давомдор;

б) шакли «**гуфта будааст**» замони мутлақи гузаштаи дур;

в) шакли «**гуфта истода будааст**» замони муайяни мутлақ;

Забоншиносон Л. С. Бархурдаров, Д. А. Штелинг, И. Б. Хлебникова, К. В. Авдеев ва дигарон низ гурӯҳи замонҳои мутлақро ба замони гузаштаи дури давомдор (**Past perfect continuous tense**) мувофиқ мешуморанд [2, 23]. Забоншинос И. Б. Хлебникова собит менамояд, ки гурӯҳи мутлақи феълҳои забони англисӣ аз ҷиҳати маъно ду хеланд: амале, ки пеш аз амали дигар ба вуқӯъ меояд, яъне замони мутлақи ҳозира (**Present perfect tense**); амале, ки бо амали дигар дар як замон ба вуқӯъ меояд, амали ҳамзамон,яъне замони мутлақи гузашта (**Past perfect tense**) номида мешавад; Гурӯҳи дигаре аз забоншиносон ақидаҳои забоншинос А. И. Смирнитскийро тарафдорӣ намуда,оид ба таҳлили муқоисавии гурӯҳи замонҳои мутлақ таърифҳои худро пешниҳод намуданд. Забоншинос Е. Н. Аксютина дар мақолаи худ «**Системаи ягонаи феъл**» монандии хусусиятҳои феълро дар забони англисӣ қайд намуда,таърифи замонҳои мутлақро ба таърифе,ки аз тарафи профессор А. И. Смирнитский доир ба хусусиятҳои грамматикии гурӯҳи замонҳои мутлақ пешниҳод шуда буд, таърифи худро манзур мекунад. Ба ақидаи ӯ: «Хусусиятҳои грамматикии гурӯҳи замонҳои мутлақ ба иҷро расидани як амал нисбат ба лаҳзаи дигар ё нисбат ба амали дигарро нишон медиҳад» ва ӯ ду шакли замонҳои мутлақро ҷудо менамояд: нисбияти мутлақи бевосита (**Immediate Correlation**) ва нисбияти мутлақи муқобил (**Perfect Correlation**) [11, 13].

Аз таҳлили гуфтаҳои дар боло зикршуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки таҳлили муқоисавӣ доир ба хусусиятҳои грамматикии гурӯҳи замонҳои мутлақ дар забони англисӣ ҳаракатеро ифода менамоянд,ки то лаҳзаи нутқ ба анҷом расидааст. Онро дар забони тоҷикӣ бо истилоҳи «**замони гузаштаи мутлақ**»ё «**замони гузаштаи дур**» маънидод мекунанд. Барои исботи гуфтаҳои болоӣ ба мисолҳои зерин такя мекунем:

I am a little frightened for I **have lost** my way (Dickens). Don't buy any more meat tomorrow until you **have spoken** to the mistress about it (Bennet). By this time Cowperwood **had written** Aileen under no circumstances to try to see him. (Dreiser) The ride **had lasted** about ten minutes, when the truck suddenly swerved to a halt. (Heym) We **have worked** at the problem for several months. (The fact is emphasized.) We **have been working and working** at the problem for months and I don't think we are likely to solve it (Locke) [5, 99-100].

Аз таҳлили муқоисавии гурӯҳи замонҳои мутлақ аз ақидаҳои дар боло буда, чунин хулосаҳо овардан мумкин аст:

1) хусусиятҳои грамматикии гурӯҳи замонҳои мутлақ дар забонҳои муқоисашаванда бо услуби аналитикӣ таркиб меёбад: дар забони англисӣ – бо сифати феълии II ва феъли ёридиҳандаи «**to have**» ва дар забони тоҷикӣ бошад, низ бо сифати феълии замони гузашта ва феъли ёридиҳандаи «**будан**» (**ҳаст**) дар шаклҳои тасрифшаванда ифода карда мешавад. Маънои грамматикии гурӯҳи замонҳои мутлақ чун дар забони англисӣ ва дар забони тоҷикӣ низ ифодаи амалеро мефаҳмонад, ки дар як лаҳзаи муайяни вақт воқеъ шуда, амалу ҳолати баанҷомрасидаро ифода мекунад.

2) вобаста ба матн, ҳолат ва ифодаҳои адвербиалие, ки бо онҳо гурӯҳи замонҳои мутлақ истифода мешаванд, маънои бевосита алоқаи паёпайии байни амалҳо ва амали гузаштаро ифода менамоянд.

3) дар забонҳои муқоисашаванда таҳлили грамматикии гурӯҳи замонҳои мутлақ баъзан бо мазмуни муайяни вақт ифода меёбад.

4) таҳлили муқоисавӣ ва хусусиятҳои грамматикии гурӯҳи замонҳои мутлақ дар забони англисӣ бо ду шакли фарқкунанда бо забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад: агар дар забони англисӣ хосияти амал ду хел бошад, «мутлақӣ» ва «нақлӣ» амал бо як шакл иброз карда ва дар забони тоҷикӣ бошад, он бо феълҳои гузаштаи наздик ва дур ифода меёбад.

5) гурӯҳи замонҳои мутлақ дар забони тоҷикӣ назар ба забони англисӣ бо ду шакли замонӣ баён мешаванд: замони ҳозира ва гузаштаи дур, дар ҳолате ки дар забони англисӣ шакли мутлақи давомдор (**Perfect continuous tense**) низ мавҷуд аст, дар забони тоҷикӣ асосан бо ҳолатҳои лексикӣ иброз мешаванд.

Барои изҳори замони мутлақи давомдор (**Perfect continuous tense**) дар забони тоҷикӣ шаклҳои махсус вуҷуд надоранд ва онҳо бо тарзи лексикӣ иброз мешаванд. Чунон ки маълум аст, дар забони

англисӣ шаклҳои «**Present Perfect Tense**, **Past Perfect Tense**,**Future Perfect Tense** and **Perfect Continuous Tense**» мавҷуд ҳастанд ва минбаъд доир ба хусусиятҳои грамматикӣ ва таҳлили муқоисавии онҳо дар мақолаҳои оянда маълумоти мухтасар хоҳем овард.

Адабиёт:

1. Аксютина Е. Н. Единая система глагола и комплексный путь обучения. – М.,1965. – 258 с.
2. Бархурдаров Л. С. Очерки по морфологии современного английского языка. – М., 1965. – 296 с.
3. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Қисми 1. – Сталинобод, 1956. – 230 с.
4. Грамматикаи забони англисӣ. Н. Туйғунов, Ф. Сангинов. – Душанбе, 2013. – 140 с.
5. Каушанская В. Л. Грамматика английского языка. – Ленинград, 1963. – 322 с.
6. Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди II нашри дуввум. Забоншиносӣ. – Душанбе: Адиб, 2005. – 351 с.
7. Ниёзмуҳаммадов Б. Забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1982. – 230 с.
8. Райхел Г.М. Грамматика и история английского языъўка. – М., 1973. – 258 с.
9. Розенфельд А.З. Глагол. Очерки по грамматике современного таджикского языка. – Сталинабад, 1954. – 321 с.
10. Рустамов Ш. Забони адабии ҳозираи тоҷик (ЗАҲТ). – Душанбе, 1982. – 248 с.
11. Смирницкий А. И. Грамматика английского языка. – М., 2002. – 256 с.

Калидвожаҳо: *феъл, категорияи феъл, замони мутлақ, замони мутлақи хозира,замони мутлақи гузашта,замони мутлақи оянда, амали ҳамзамон, замони мутлақи давомдор.*

Аннотация

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ГРУППЫ СОВЕРШЕННОЙ ВРЕМЕНИ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье подвергается сравнительному анализу понятие совершенное время в английском и таджикском языках. Видовые формы в языках чаще указывают на совершенные действия в соответствии с их значением. Эти две формы имеют собственную оппозицию в соответствии с категорией вида, что указывает на завершенные или продолжающиеся действия. В таджикской языковой системе нет такой грамматической категории, хотя в некоторой степени её можно обнаружить в приведённых в исследовании примерах. Отмечается, что в таджикском языке нет: формы для выражения совершенное продолженное время.

Ключевые слова: *глагол, категории глагола, совершенное время, настоящее совершенное время, прошедшее совершенное время, будущее совершенное время, одновременные действия, совершенное продолженное время.*

Annotation

COMPERATIVE ANALYSIS OF THE GROUP OF PERFECT TENSES IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

The article dwells comperative analysis of the group of perfect tenses in English and Tajik languages. These two aspectual forms existing in the studied languages indicate to terminated actions in accordance with their meaning. The forms in question have their own opposition in compliance with the category of aspect pointing to an action either accomplished or continuing. In the system of the Tajik language there is no such grammatical category though its approximate patterns can be observed to some extent in a number of certain examples. It is underscored that in the Tajik language there is no special form for expressing continuous perfect inherent in the English language.

Keywords: *verb, the category of verb, perfect tense, present perfect tense, past perfect tense, future perfect tense, simultaneous actions, preceding action, perfect continuous tense*

Маълумот доир ба муаллиф: Исматова Малика Раҳматуллоевна, магистранти соли аввали факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Тел.: +992 917884403

Роҳбари илмӣ: н.и.п., дотсент Эмомов И. Б.

Сведие об авторе: Исматова Малика Рахматуллоевна, магистрантка первого курса факультета английского языка, Таджикского государственного педагогического Университета им. С. Айни. Тел.: +992 917884403

Научный руководитель: к.п.н., доцент Эмомов И. Б.

About the author: Ismatova Malika Rahmatulloevna, the the 1st year Master Student in English Language Faculty, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. Tel.: +992 917884403

Scientific director: PhD, Associate Professor Emomov I. B.

Абдуллоева Асмоа,
магистранти соли аввали факултети забони англисӣ

АЛОҚАИ ГРАММАТИКИИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ ХАБАР БО САРҶУМЛА ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОНҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Чуноне маълум аст, ҷумлаҳо аз рӯйи сохт ба ду гурӯҳ дастбандӣ шудаанд, ки дар навбати худ онҳо боз ба қисматҳои зиёд табақабандӣ гардиданд.

Ба гурӯҳи якум ҷумлаҳои сода ва ба гурӯҳи дуюм ҷумлаҳои мураккаб дохил мешаванд, ки бо хусусиятҳои ҷудогонаи худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан, ҷумлаҳои сода аз калимаҳои алоҳида ташкил ёфта, бо ҳам алоқаманд мегарданд, ки ин яке аз вижагиҳои фарққунандаи ҷумлаҳои сода аз ҷумлаҳои мураккаб маҳсуб меёбад. Хусусияти дигари фарққунанда дар он инъикос мешавад, ки дар ҷумлаҳои сода баъзан мубтадо чида шуда бо як хабар меоянд ва ё баръакс, хабар чида шуда бо як мубтадо тобеъ мегарданд.

Ҷумлаҳои мураккаб бошанд, аз ду ва ё зиёда ҷумлаҳои сода таркиб меёбанд. Инчунин дар ҷумлаҳои мураккаб ду ва ё бештар ҷумлаҳои сода бо хабарҳои гуногун ифода ёфта, аз сарҷумла ва ҷумлаи пайрав иборат мебошанд.

Мусаллам аст, ки ҳар як ҷумлаи содаи дохили ҷумлаҳои мураккаб аз чанд мубтадо (агар ду ҷумла бошад ду мубтадо, се ҷумла бошад се мубтадо...) ва хабарҳои ҷудогона дошта метавонанд, яъне ҳар ҷумлаи содаи дохили ҷумлаи мураккаб мубтадо ва хабари худро доранд.

Дар ташкил ва ё дар ба вуҷуд овардани ҷумлаҳои мураккаб мавқеи пайвандакҳо, ки аз навъҳои гуногун иборатанд, вазифаҳои пайвасткунии муҳимро ба ҷо меоранд. Чун ҷумлаҳои мураккаб дар навбати худ ба ду гурӯҳи калон – ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҷудо мешаванд, аз ин ҷиҳат, онҳо мувофиқи сохт ва хусусиятҳояшон аз ҳам фарқ мекунанд ва дорои пайвандакҳои махсуси худ мебошанд. Бинобар ин, тибқи чунин вижагиҳо муҳаққиқони забоншинос пайвандакҳоро аз рӯйи маънову вазифаашон ба ду даста: пайвасткунанда ва тобеъкунанда гурӯҳбандӣ кардаанд, ки онҳо низ аз хелҳои гуногун иборатанд.

Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ аз ҷумлаҳои мураккаби пайваст бо бархе аз вижагиҳояшон дорои тафовут мебошанд. Аз сарчашмаҳои илмӣ маълум мешавад, ки ҷумлаҳои мураккаби пайваст ҷумлаҳои сода мустақилии худро то андозае нигоҳ дошта метавонистаанд. Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бошад, ҷумлаҳои пайрав ба сарҷумлаҳо тобеъ мешаванд. Бинобар ҳамин, онҳо аз ягон ҷиҳат: замон, макон, сабаб, мақсад, шарт, натиҷа ва амсоли инҳоро шарҳу эзоҳ дода метавонанд. Дар баробари ин хусусияти фарқияти дигар низ мавҷуд аст, ки ин тафовути пайвандакҳои ҷумлаҳои мураккаби тобоъ аз пайвандакҳои ҷумлаҳои мураккаби пайваст мебошад.

Ҷумлаҳои пайрав дар навбати худ ба чунин хелҳо дастбандӣ шудааст: ҷумлаҳои пайрави мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда, андозаву миқдор, тарзи амал, монандӣ, замон, макон, сабаб, мақсад, шартӣ, хилофӣ, натиҷа. Ин хели ҷумлаҳои мураккаби пайравро метавон дар нақша ба таври зайл нишон дод:

Ҳадафи таҳқиқот ҳамаи ҷумлаҳои пайрав набуда, танҳо ҷумлаи пайрави хабар мебошад, ки мо ин навъи ҷумлаҳоро то ҷои имкон ва аз рӯйи қудрату тавоноӣ дар муқоиса бо забони англисӣ мавриди таҳлил ва пажухиш қарор медиҳем.

Ба ҳамин минвол, мо ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои мубрам ва мураккаби забоншиносӣ-ҷумлаҳои пайрави хабар дар муқоиса ба забони англисӣ бахшида мешавад. Дар он роҳу воситаҳои грамматикӣ ва сохту таркиби ҷумлаҳри мураккаби хабар дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баррасӣ мегардад. Инчунин тобишҳои гуногуни маъноии ҷумлаҳои пайрави хабар ва навъҳои онҳо дар муқоиса бо забонҳои номбурда муълумот дода мешавад.

Чуноне аз таърихи забон маълум аст, забони тоҷикӣ яке аз забонҳои қадима ва куҳанбунёд аст, аз ин ҷиҳат сарвати луғавии он хеле ғанӣ мебошад. Бо вуҷуди он ки масъалаҳои пажуҳиши граматикӣ, инчунин вижагиҳои луғавию маъноӣ ва роҳу воситаҳои калимасозии забони тоҷикӣ дар ҳар давру замон аз нуқтаи назари муҳаққиқони забоншинос дар канор намонда бошад ҳам, омӯзиши баррасии мукамалу ҳамаҷонибаи хусусиятҳои сарфӣ ва наҳвияш дар шакли мукаммал аз нимаи аввали садаи сипаришуда оғоз ёфта, то ҳол идома дорад. Дар китобҳои дарсии солҳои 20-уму 40-ми асри XX, ки барои мактабҳои ҳафтсола ва миёна таҳия гардидаанд, роҷеъ ба вижаҳои грамматикӣ маълумоти кутоҳу иҷмолӣ ва умумӣ ироа шудааст (Ализода, 1926; Арзуманов 1946; Беленицкий, Ҳоҷизода, 1936; Бузургзода, 1941; ГЗАҲТ, 1977; Грамматикаи

забони тоҷикӣ, 1948).

Дар забоншиносии тоҷик бштар воситаҳои шаклсозӣ, унсурҳои грамматикии иборасозӣ ва ҷумлабандӣ диққати пажуҳишгарони соҳаро ба худ кашидааст. Бинобар ҳамин, таҳқиқотҳои бунёдӣ ва мукаммал оиди ин масъала ба вуҷуд омадааст. Дар омӯзиш ва пажуҳиши хусусиятҳои грамматикии забони тоҷикӣ масъалаи таҳқиқи ҷумла роҳу воситаҳои наҳвии ҷумласозӣ, хелҳои ҷумла аз нигоҳи сохту таркиб мавқеи муҳимро касб намудааст. Сабаби муҳим ва асосӣ дар он инъикос меёбад, ки фикр ба воситаи ҷумла ифода ёфта, ҳамчун воситаи мубодилаи афкори одамон ба кор меравад.

Бад-ин хотир, пас аз соҳои 50-уми садаи XX муҳаққиқони забоншиноси шинохта ва маъруфи тоҷик, аз ҷумлаи Б. Ниёзмуҳаммадов (1960), Д. Т. Тоҷиев (1971), Ш. Рустамов (1968), Х. Ҳусейнов (1960), Н. Қосимова (1961), С. Атобуллоев (1975), К. Қаландаров (1971), Ф. Зикриёев (1976) дар бораи вижагиҳои грамматикӣ ва лексикӣ-грамматикии алоқаи ҷузҳои ҷумлаҳои мурракаби тобеъ маълумот додаанд. Инчунин мавқеи ин воситаҳои алоқаро дар ифодаи муносибатҳои синтаксисӣ ва таснифоти (гурӯҳбандии) ҷумлаҳои пайрав бо далелҳои бо эътимоду боварибахш собит кардаанд. Дар бархе аз пажуҳишҳои муҳаққиқони номбурда ба таври муқоиса роҷеъ ба алоқаи ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва робитаи ғайри пайвандакӣ низ маълумот ироа гардидааст.

Мусаллам аст, ки ҷумлаҳои мураккаб ва ҷои ҷумлаҳои пайрав вобаста ба пайвандакҳо таҳлилу таҳқиқ гардидаанд. Бо вуҷуди ин муҳаққиқи ин соҳа Б. Ниёзмуҳммадов пайвандакҳоро воситаи ягонаи алоқаи сарҷумла ва ҷумлаи пайрав намеҳисобад. Ӯ ба ҷумлаҳои мурракаби тобеи бе пайвандак низ таввақуи махсус зоҳир намудааст.

Компьютеризация используется в различных областях науки и техники, что приводит к появлению большого числа терминологических неологизмов. Например, в сфере лингвистики: translation - «машинный перевод», interlingual - «искусственный язык для машинного перевода на несколько языков», electronic - translator - «ЭВМ-переводчик»; в биометрии, в частности для обозначения биометрических средств защиты от воров: biometric security - «биометрическая защита», biometric systems - «биометрические средства защиты», biometric locks - «биометрические замки», computerized card - «карточки с биометрическим устройством, позволяющим открывать дверь, сейф и т.п. «, finger-print-scanner - «биометрическое устройство,

распознающие отпечатки пальцев» (т.е. «узнающее» отпечатки пальцев того, кому можно открыть дверь, сейф и т.п.), biometric eye-scanner - «биометрическое устройство, распознающее особенности радужной оболочки глаза» (в разговорной речи это устройство получило название Eye-Dentity - своеобразный каламбур со словом identily), voice verification - «биометрическое устройство, распознающее голос»; в медицине: telemonitory systems\unit -»аппаратура, позволяющая врачу лечить больлных на расстоянии» (в разговорной речи данная аппаратура получила название Buddy System, to electronically monitor - «лечить больных на расстоянии с помощью соответствующей аппаратуры».

Большое количество неологизмов возникло с развитием прессы.

Bigger bang for a buck - эффективное использование ассигнований на оборону, в основном за счет ядерных средств сдерживания.

Big lie - большая ложь, гитлеровская пропаганда.

Black hats - злодеи, негодяи.

Can carrier - козел отпущения.

Green power - власть денег.

Jane Crow - дискриминация женщин.

Larger than life - невероятный, сказочный, преувеличенный.

Log-roller - политический толкач.

Man on horseback - военный диктатор.

Pot-culture - образ жизни наркоманов.

Put-down - резкий ответ.

Trade off - компромисс.

Roll-call - перекличка для проверки наличия.

В области изобразительного искусства происходит бурный процесс экспериментирования, создаются новые манеры письма картин и других художественных произведений [1, 198]. Так, в 60-е гг. XX века появилось абстрактное изобразительное искусство, построенное на основе геометрических форм, и в связи с этим направлением возникли следующие синонимичные неологизмы: minimal art, minimalism, rejected art, reductivism. В эти же годы появились и другие художественные направления: ABC art - «искусство, упрощающее и разлагающее на элементарные составные части цвет и форму», soft art - «искусство, использующее мягкие материалы», kinetic art - «искусство, использующее движущиеся предметы (обычно части машин) «, luminal art - «искусство, использующее световые эффекты», optical art (op art) - «искусство, использующее оптические эффекты», pop art - «поп-арт, поп-искусство» (неавангардистское искусство, черпающее образы и формы из рекламных плакатов, комиксов и т.п. и создающее из них произвольные комбинации), action painting - «живопись, использующая приемы разбрызгивания, нашлепывания красок, revivalism - «школа современной живописи, возвращающаяся к старым формам и приемам живописного искусства».

Английский язык, так же как и другие языки мира, активно обогащается за счет лексики, присущей представителям различных профессий, социальных групп, возрастов [2, 76]. Так, например, одна только необходимость в названиях различных профессиональных жаргонах породила множество неологизмов со вторым компонентом -speak: Artsspeak - «жаргон художников», Sportsspeak - «жаргон спортсменов», Medspeak - «жаргон медиков», Teacherspeak - «жаргон учителей», Videospeak - «жаргон пользователей видеоаппаратуры», Cablespeak - «жаргон работников кабельного телевидения» и др. Характерные лексики высшего общества неологизмы типа dial-a-meal, dial-a-taxi стали общеизвестными. Известность приобрели и многие слова и выражения, присущие подросткам, например: Drugs! - «Согласен!», «Хорошо!», «Правильно!» (употребляются вместо OK), sweat - «бег на длинные дистанции», task - «домашнее сочинение», brunch (сокр. от breakfast+lunch) - «поздний завтрак» и др.

Таким образом, большое количество новых лексических единиц появилось в связи с развитием компьютерной техники. Новой семантической группой являются неологизмы, связанные с предполагаемыми посещениями земли пришельцами из космоса.

Неологизмы обычно образуются по законам соответствующего языка, по его продуктивным моделям словообразования. Однако литературно-книжные неологизмы иногда создаются и непродуктивными способами словообразования. В таких случаях действенная сила словообразовательных средств становится рельефнее, нагляднее, ощутимее. Самые средства образования новых слов поэтому выступают часто как стилистический прием.

Наиболее характерными способами образования неологизмов в языке современных английских писателей являются словосложение, конверсия и изменение значений слов.

Литература:

1. Арнольд И. В. Семантическая структура слова и методика ее исследования. – М.: Просвещение, 2006. – 166 с.
2. Беляева Е. И. Семантическое содержание и прагматический диапазон языковых форм // Семантические и функциональные аспекты германских и романских языков. Тезисы докладов и сообщений межвузовской научной конференции. – Курск, 2002. – С.23-25.
3. Волохов Ю. К. Словарные заимствования, пополнившие английскую лексику в XX в.: Автореф. дис. канд. филол. наук. – К., 1974. – 20 с.
4. Жлуктенко Ю. А. Английские неологизмы /Ю.А. Жлуктенко, В.П. Березинский, И.И. Борисенко и др. – Киев: Наукова думка, 1983. – 164 с.
5. Эйто Дж. Словарь новых слов английского языка. – М.: Рус. яз., 1990. – 434 с.
6. Barnhart C.L. A Dictionary of New English(1963-1973). – London, 1973. – 1324 p.
7. Barnhart C.L. The Second Barnhart Dictionary of New Eng. – N. Y, 1980. – 1231 p.
8. Berg P. C. A Dictionary of New Words in English. – Lndon: Allen Unwin., 1953. – 176 p.

Ключевые слова: *концепт, слово, неологизм, средство, важное, фактор, узнавание, структура, глобализация, языкознание.*

Аннотатсия

ШАРҲИ МАФҲУМ ВА ИСТИЛОҲИ НЕОЛОГИЗМ

Мақолаи мазкур, аз як тараф, ба зарурати омӯзиши лексикаи нав ҳамчун воситаи инъикоси тағйирот дар фарҳанги забоншиносии муосир таҳти таъсири омилҳои муҳими иҷтимоӣ, аз қабили компютерикунонӣ, иттилоотисозӣ, ҷаҳонишавӣ ва ғайра бахшида шудааст. Аз тарафи дигар, дар давраи тағйирёбии парадигмаҳои забонӣ дар остонаи ҳазорсола таваҷҷӯҳи забоншиносон ба омӯзиши сохторҳои маърифатӣ, ки бо шаклҳои забонӣ объективонида шудаанд, меафзояд.

Калидвожаҳо: *мафҳум, вожа, неологизм, воситаҳо, муҳим, омил, шинохтӣ, сохтор, ҷаҳонишавӣ, забоншиносӣ.*

Annotation

DEFINITION OF THE CONCEPT AND TERM NEOLOGISM

This article is devoted, on the one hand, to the need to study new vocabulary as a means of reflecting the changes taking place in modern linguistic culture under the influence of such socially significant factors as computerization, informatization, globalization, etc. On the other hand, in the period of changing linguistic paradigms at the turn of the millennium, the interest of linguists in the study of cognitive structures objectified by linguistic forms is growing.

Keywords: *concept, term, neologism, means, significant, factor, cognitive, structure, globalization, linguistic.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Султонова Нодира, магистранти соли дуюми факултети забони англисии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ Каримов Ш. Б.

Сведения об авторе: Султонова Нодира, магистрантка второго курса факультета английского языка Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.

Научный руководитель: доктор филологических наук Каримов Ш. Б.

About the author: Syltonova Nodira, a second-year master's student at the English language faculty of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.

Scientific adviser: Doctor of Philology Karimov Sh. B.

Умаров Фаридун Абдуллоҷонович,
магистранти соли аввали факултети забони англисӣ

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ПЕШОЯНДҲОИ «BY-» ВА «FOR-» ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ ДАР ЗАМИНАИ АСАРИ «ЁДДОШТҲО»-И С. АЙНӢ

Муқоисаи пешояндҳои забони англисӣ ва тоҷикӣ мавзуи басо доманадор буда, паҳлӯҳои гуногунро ифода менамоянд. Онҳо дар ташкил ва сохтани вожаҳо мавқеи басо густурдаеро сохибанд. Пешояндҳо дар ифодаи муносибати маъноӣ ва грамматикии калимаҳо дар ибора ва ҷумла, дар сохтани қолабҳои синтаксисӣ ва ифодаи фикр вазифаи асосиро иҷро менамоянд. Пешояндҳо дар забони англисӣ асосан аз зарфҳо, исм, аҳён-аҳён аз сифатҳо ва ё сифати феълӣ ташкил ёфтаанд, ки мутаносибан ба 1) пешоянҳои зарфӣ (adverbial), 2) исмӣ (nounal), 3) феълӣ ва ё аз сифати феълӣ ба вуҷуд омада (verbial or participial) тақсим мешаванд.

Пешояндҳо зарфӣ дар навбати худ метавонанд ба гурӯҳои пешояндҳои содда ва ё аслӣ (simple or primary), ки дар гузаштаи дур аз зарфҳои макон (in, on, for, ва ғ) ба вуҷуд омадаанд, ва мураккаб (compound) ки аз ду ва ё зиёда зарфҳо ва ё худ пешояндҳо ба вуҷуд омадаанд, тақсим карда шаванд.

Ҳамаи пешояндҳои аслӣ ва қисме аз пешояндҳои мураккаб ва таркибӣ ба қабати қадимаи лексикаи забон ишорат мекунанд. Пешояндҳои аслӣ дар баробараи калимаҳои решагӣ – феъл ва исм ба қатори ҷузъиётҳои устувори забон, ки ҳанӯз дар давраи қадим ба миён омадаанд, таалуқ доранд. Ҳамчуноне ки забоншинос

Б. Н. Арсененко қайд мекунад «дар миёни чил пешоянди муҳим ва асосие ки ӯ дар асараш [1, 318] қайд мекунад, ҳамагӣ даҳтои он ба гурӯҳи пешояндҳои содда ва ё худ аслӣ дохил мешаванд. Ба ин гурӯҳи номбурда пешояндҳои зеринро шомил месозад: at, by, for, from, in, of, off, on, though, too.

Ба ин даҳ пешоянди аслии англисӣ якқатор пешояндҳои дигари сохта бо суффикси er ва wards (after, over, under, towards, with) илова мешаванд, ки аз ҳама муҳимтарин ва серистеъмолтарин пешояндҳои забони англисӣ ба шумор мераванд [1, 318].

Пешоянди - «by» аз вожаи қадимии англисии «bi» бавуҷуд омадааст. Ин вожа ба сифати пешоянд танҳо дар давраи забони англисии асримиёнагӣ истифода шудааст. Сараввал он маънои наздик, қариб, наздикӣ ба чизеро ифода мекард.

Шуруъ аз асри 16 он маънои лексикии худро дар забон вусъат додаст, ки яке аз аввалин маъноҳое, ки он ба худ касб кард, ифодаи сабаб ва ё асоси амал буд. Дар замони муосир маънои асосии пешоянди by муносибати гӯянда нисбат ба амал, объекти амал, ва ҳолати амал мебошад. Ҳангоми истифода ин пешоянд дар забон баъзе мушкилиҳо дар робита ба истифода пешояндҳо дигар ба монанди in, with ва through вомехӯранд, ки дар ифода наздикӣ доранд.

Ҳолати аввале, ки пешоянди «by» ифода мекунад, ин наздик будан ба макони амал мебошад: дар наздикӣ, қарибӣ, дар ҳамсоягӣ- а) ҳаракат тавассути наздикӣ ба чизе, ки вожаи past дар ин ҳолат синоним шуда метавонад; б) ҳаракат тавассути (дар, тиреза), ки вожаи ***through*** дар ин ҳолат синоним шуда метавонад.

Масалан: The house described above was in the village of Mahallai Bolo, and had been built ***by*** my paternal grandfather for himself and his family - Он ҳавлие, ки дар боло тасвир ёфт, ҳавлие буд дар деҳаи Маҳалаи Боло, ки бобои парариам барои истиқомати мувақатии худ ва авлоди худ сохта будааст [2, 42].

Ҳамин тавр, пешоянди «by» бо ҳама вожаҳое, ки ҳаёти ҳаррӯзаи одамонро дар робита ба мусолиҳа бо қонунҳо, фармонҳо, ҳукмномаҳо, қоидаҳо, боваркуниҳо, ваъдаҳо, ҳиссиётҳо, тарҷрибаҳои ҳаётӣ, маълумотҳои илмӣ ва ҷузъиётҳои мушаххаси ба онҳо ҳамчун ишоракунанда нишон медиҳанд, истифода мешавад.

Дар умум пешоянди «by» дар забони англисӣ бо чунин маъноҳо ба забони тоҷикӣ ҳангоми истифода ва тарҷума омаданашон мумкин аст: 1) дар назди: by the window – дар назди тиреза; 2) аз паҳлӯи: He passed by me. ~ Ӯ аз паҳлӯи ман гузашт; 3) то, тоба: by six oclock − то соати шаш; 4) аз: to take by the hand – аз даст гирифтан; 5) ба: The room is three by four metres. ~ Утоқ се ба чор метр мерасад; 6) азрӯи, тавассути: to know by the experience – тавассути таҷриба донистан; by his order – аз фармоиши ӯ; He made his living by teaching. ~ Ӯ тавассути муаллимӣ пулкор мекард; 7) соҳибиятро нишон медиҳад:

The hole property was about one hundred and fifty yards from east to west, ***by*** about two hundred yards long - Барои инхавли аз гарб ба шарк тахминан саду панчох метр будаб дарозиаш аз чануб ба шимол тахминан дусад метро ташкил медодю [2, 58].

Бояд зикр кард, ки дар фарҳангу асарҳои гуногуни забонӣ маъноҳои мухталиф ва дар таркиби ибораҳо пешниҳод шудаанд.

Масалан, by candle – бошамъ; by the arm – аз оринҷ гирифтан; day by day – рӯзазрӯз; by dozens − бодаҳякҳо; perish by starvation – аз сабаби гуруснагӣ фавтидан; by agreement – тавассути шартнома; by profession − азрӯикасбукор [1, 189].

Умуман, истифодаи маъноҳои дар боло зикр ёфтаро дар асарҳои илмӣ ва бевосита тарҷума шуда дарёфткардан мумкинаст, ки ҳамин тобишҳои маъноиро тасдиқ мекунанд:

«You're not going to Bukhara for another two years, and ***by*** then I will have paid back the loans and we'll have money for your studies - То Бухороравии ту ду соли дигар ҳаст, то онҷо ман қарзҳоро меканам ва барои харҷи таҳсили ту пул ҳам меёбам [2, 45].

Пешоянди – «for» дар забони англисӣ ба гурӯҳи пешояндҳои қадимии забон дохил шуда, маънои аввалаи ба мо маълуми он пеш, ба пеш,ба пеш ба сӯи мебошад. Тадриҷан дар баробари пеш рафтани забон он ҳам маъноҳои худро такмил ва вусъат дод. Ҳаракат ба самти мақсади мушаххас ҳамчун ҳаракат ба самти ҳама гуна амал фаҳмида шуд ва аз инҷо маънои мақсаддорӣ ба миён омад, ки ба созмон ёфтани маънои маҷозии сабаб, сабаби амал, ҳаракат ба мақсад ба миён омад. Дар ифодаи маъно мавқеи васеъро пешоянди «for» дар ифодаи иштиёқи баланди иҷрои амале инъикос мекунад.

Масалан, ҳаракат барои ба ҳадаф ноил шудан ягона маънои конкретии пешоянди «for» мебошад.

«You're not going to Bukhara ***for*** another two years - То ба Бухороравии ту ду соли дигар ҳаст [2, 45].

Дар забони англисӣ якқатор феълҳоеро пайдо кардан мумкинаст, ки барои ифодаи самти ҳаракат корбаст мегарданд: leave for – баҷое рафтан; run for – ҳаракат кардан ба чизе; race for – ба чизе саъй кардан ва ғ.

Meanwhile, my father and the others were running all over the place looking ***for*** my older brother and Ergash, and this commotion distracted me from my playing - Дар ин вақт бародари калонам ва Эргашро кофта ба ҳар тараф саросемевор давидани падарам ва дигарон ба нақоранавозии ман халал расонид [2, 40].

Бояд қайд кард, ки дар бисёр ҳолатҳо истифодаи инфеълҳоро бо вожаи after во мехӯрем, ки андаке тобиши маъноии дигареро касб мекунанд ва он ҳам вобаста аз маънои феъл тагйир меёбад.

Масалан, run+for- аз барои чизе баҷое давидан, дарҳоле, ки run+after- аз паи касе рафтан, давидан ва ғ.

Дар ҳолатҳои дигар фаҳмиши мақсади иҷрокунандаи амал дар маънои маҷозӣ тавассути истифодаи пешоянди «for» ифода карда мешавад.

Масалан: Time did strange things to people. There was much to be done for them. ~ Вақт ба одамон амалҳои ғайри оддиро ба миён меовард. Бисёр корҳоро лозим буд барои онҳо амалӣ кард. (Инҷо дар ҷумлаи дуввум нияти, иштиёқи беҳтар гардонидани сифати зиндагӣ тавассути пешоянди «for» ифода гардидааст) [1, 119].

Дар аксар маврид пешоянди for бо вожаҳои ифода кунандаи ҳиссиёт, рағбат, машғулият, ҳисси ватандустӣ, ҳурмат, тозакорӣ, муҳаббат, хасисӣ, майл, меояд. Дар ҳамин ҳол якқатор вожаҳои дигар натанҳо ин пешоянд омада метавонад, балки пешояндҳои after, of, to about дар ифодаи ҳамон як маъно омада метавонанд: inspiration (to) – илҳом бачизе; friendship (towards) – дустӣ нисбат ба; weakness (of) – заифии чизе ва ғ.

As for handicraft, he won't have anything to do with it - Аз ҳунари кандакори бошад ҳеҷ ба гардан намегирад [2, 80].

Ба сифати пешоянди ифодакунанди замон пешоянди «for» якқатор маъноҳоро дорад, ки тез-тез бо маъноҳои вожаҳои «through, over» шабоҳат пайдо мекунанд. Дар ҳолате, ки амал даргузашта бо пешояди «for» омада бошад, он вақт он давомнокии амалро ифода мекунад, «during» равиши амалро ифода мекунад ва пешоянди in дар ин маврид баҳолатҳо бетафовут аст ва он танҳо ба ҷудо кардани амал ишорат мекунаду бас.

Масалан: This house, however, did not belong to our family alone, ***for*** all our relatives lived there, and each of them owned a part of the large building and grounds -

Аммо он хавли аз хонадони мо набуд, дар як доираи васеъ хамаи хешовандон чойгир буданд ва хар кадом кисме аз ин доираро сохиби менамуданю [2, 58].

Чуноне, ки аз таҳлилҳои боло бармеояд, пешоянди for дар забони англисӣ роҳҳои гуногуни ифода худро дорад. Дар умум, он асосан бомаъноҳои зерин во мехӯрад: 1) ба /дар муддати (вақт): He worked for an hour. ~ Ӯ дар муддати як соат кор кард. 2) ба масофае: He ran

for a mile. ~ Ӯ ба масофаи як мил давид.3) барои: It's for you. Ин барои шумо . It Is difficult for you to do that. ~ Ин корро кардан барои шумо мушкиласт. 4) аз барои (сабаб), ба мақсади: for a joke – барои шухӣ; for many reasons – бо сабабҳои гуногун; 5) басуд, банафъ, ба тарафдории касе/чизе. We are for peace. ~ Мо тарафдори сулҳ ҳастем. 6) ба қиммати, бонархи, бо арзиши: I bought this book for 8$. ~ Ман ин китобро ба қиммати 8 доллар харидам. 7) ба тарафи (самт): Is this a train for London? ~ Ин қатора батарафи Лондон сафар мекунад? 8) баҷои, дар ивази: to use fork for spoon – баҷои шохақо шуқист ифода бурдан [1, 340].

Адабиёт:

1. New Webster's Dictionary of the English Language. College Edition, USA, Fifth Print, 1989. – 1856 p.
2. Oxford American Dictionary: Colleges Edition. – New York, 1986. – 1094 p.
3. Айнӣ С. Ёддоштҳо. – Душанбе: 2009. – 680 с.
4. Арсененко Б. Н. Предлоги английского языка. – М., 1956. – 318 с.
5. Туйғунов Н. Луғати мухтасари синонимҳои англисӣ-тоҷикӣ: дастури таълимӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ. – Душанбе, 2010. – 140 с.

Калидвожаҳо: *пешояндҳо, сохтор, грамматика, категория, синтаксис, имконот, забон, ҷонишин, тарҷума, сохтори ҷулаҳои бешахс, тафовут, хусусияти хос, умумият.*

Аннотация

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ПРЕДЛОГОВ «BY-» И «FOR-» В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ НА ОСНОВЕ «ВОСПОМИНАНИЙ» С.АЙНИ

В последние годы в языкознании особое внимание уделяется частям речи. В этом процессе особое внимание к предлогам заметно вырос. Предлоги занимают особое место как грамматическое и семантическое средство связи предложений. Вспомогательные слова, в том числе предлоги, относится к с специальной группе слов потому, что они не имеют основных признаков других частей речи. Вспомогательные слова в предложении имеют самостоятельную синтаксическую основу. Они особенно являются связанными с другими частями речи, служат для соединения членов предложения. В данной статье автор рассматривают особенности сложных предлогов в английском переводе «Воспоминания» С. Айни и анализируют их с сравнительной точки зрения. Предлоги на таджикском и в английском языках имеют свои особенности. В связи с этим, в статье автор старается анализировать данный вопрос с учетом других мнений языковедов и предлагать свои выводы. Анализ показывает, что при сравнение сложных предлогов в рассматриваемых языках имеются некоторые различие. Эти различия особенно можно видеть в ходе перевода так, как важность передачи мысли становится ясным в ходе перевода.

Ключевые слова: *предлоги, структура, грамматика, категория, синтаксис, возможности языка, предлоги, перевод, предложения, разница, особенности, общность.*

Annotation

COMPARATIVE ANALYSIS OF PREPOSITIONS «BY» AND «FOR» IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES BASED ON THE «REMINISCENCES» OF S. AINI

In recent years in linguistics special attention has been paid to parts of speech. In this process, special attention to the prepositions has grown significantly. Prepositions occupy a special place as a grammatical and semantic means of communication of sentences. Prepositions are auxiliary words. Before, as a way of expressing the grammatical semantic relations of the members' environments of the sentence occupied by one of the main position of the language, the prepositions constituted the basis of the high main words. Auxiliary words - including prepositions refer to a special group of words, because they do not have the basic attributes of other parts of speech. The auxiliary words in the sentence have an independent syntactic basis. They are especially related to other parts of speech, serve to join sentence members. In this article, the authors examine the features of complex prepositions in the English translation of S. Aini's «Memoirs» and analyze them from a comparative point of view.

Prepositions in Tajik and in English have their own peculiarities. In this connection, in the article the differences and similarities of complex prepositions became the subject of analysis and the authors tried to take their conclusions into account with the other opinions of linguists. The article deals with the main translated sentences from «**Reminiscences**» by S. Aini. Analyzes show that when comparing complex prepositions in the languages under consideration, there is some difference. This distinction can be seen especially during translation, since the importance of transmission becomes clear during translation.

Keywords: *prepositions, structure, grammar, category, syntax, language features, prepositions, translations, sentences, differences, features, community.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Умаров Фаридун, магистранти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. E-mail: umarov_faridun@mail.ru

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ Каримов Ш. Б.

Сведения об автора: Умаров Фаридун, магистрант кафедры иностранных языков Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. E-mail: umarov_faridun@mail.ru

Научный руководитель: доктор филологических наук Каримов Ш. Б.

About the author: Umarov Faridun, the master's degree of the Department of Foreign Languages, Tajik State Padagogical University of Tajikistan after named by S. Ayni. E-mail: umarov_faridun@mail.ru

Scientific adviser: Doctor of Philology Karimov Sh. B.

Марупова Сулҳия Нусратхӯҷаевна,
магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷик

АЗ ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА ТАҲАВВУЛИ ЗАБОН ВА ХАТТИ ФОРСӢ

Таҳқиқи нахустин намунаҳои сабтшудаи забони тоҷикӣ яке аз муҳимтарин ва мубрамтарин масалаҳои илми забоншиносӣ ва таърихи хат мебошад. Аксари пажӯҳишгарон аввалин намунаҳои насриву назмии осори забони моро дар сарчашмаҳои ба хати арабӣ навишташуда ҷустаанд, ки он, яктарафа мебошад. Забони тоҷикӣ пеш аз он ки аз алифбои арабӣ истифода кунад, собиқаи зиёда аз 800-солаи истифодаи расмӣ доштааст. Дар таърихи башарият ихтирои хат яке аз дастовардҳои барҷастаи таърихӣ ба шумор меравад. Зиндагии инсоният то ихтирои хат даврони хоб ва баъд аз ихтирои он давраи бедорӣ мебошад. Имрӯз муҳаққиқони соҳа забонҳои дунёро ба ду навъ ҷудо кардаанд: бохат ва бехат. Сабти намунаҳои забонӣ тавассути хат, қадами муҳимме дар рушду густариши забон аст, ки он дараҷаи инкишофи ҳуввияти миллии халқҳоро нишон медиҳад. Муҳимтарин вижагии хат аз он иборат аст, ки нишонаҳои маҳалпарастиву қавмпарастиро аз байн рабуда, ҷиҳати ташаккули халқияти воҳид роҳи васеъ мекушояд. Пайдоиш ва ташаккули он тадриҷан сурат гирифта, давраҳои тулонӣ таърихиро дар бар мегирад ва имрӯз низ бисёре аз халқҳои олам роҳҳои такмилу ислоҳи худро меҷӯянд. Аксарияти хатҳои ҷаҳон решаи умумӣ доранд, бисёр муҳаққиқон бар он андешаанд, ки хати оромӣ, ки дар асоси он хатҳои дигар ба вуҷуд омаданд, решаи ориёӣ дошта, тавассути хетҳо ба Байнан-наҳрайн оварда шудааст. Миллати тоҷик - ҳамчун яке аз қадимтарин халқҳои дунё, ҳанӯз дар даврони моқабли таърих соҳибхат будааст, ки далели ин гуфта Авесто ва катибаҳои бозёфтшуда мебошанд, ки таърихи беш аз 6000-ҳазорсола дорад.

Масъалаи то истифодаи алифбои арабӣ вуҷуд дошатани хатҳои дигар барои мо суолеро ба миён меорад: оё шакли имрӯзаи забони мо аз замони таҳаввули забони бохтарӣ ва дигар забону лаҳҷаву гӯйишҳои Эронӣ ба шакли тоҷикиву форсию дарӣ дар хатҳои маъмули он замон таҷассум ёфтааст ё не?

Набояд фаромӯш кард, ки таърихи ташаккули забони тоҷикӣ танҳо он даврaро дар бар намегирад, балки зикр гардид, тоҷикон яке аз халқҳои бостонии соҳибхалқ будаанд. То истилоҳи араб дар сарзамини ориёи шарқӣ, ки сарзаминҳои кунунии Тоҷикистон, Афғонистон, Эрони шарқӣ, Узбекистону Туркманистон, бахше аз Қазоқистону Қирғизитсон ва Чини ғарбӣ (Хутану Кошғар ва Тахористони сағир)-ро фаро мегирифт, хатҳои гуногун (юнониву оромӣ - дар шаклҳои паҳлавӣ, суғдӣ, хоразмӣ, монавӣ, ҳиндӣ ва ғайра) истифода мегардид [1, 86].

Бозёфтҳои гуногун аз ин минтақаҳо исботи ин гуфтаҳост, ки дар бахши таҳқиқи забонҳои форсии бостон, миёна, портӣ, бохтарӣ, суғдӣ, хоразмӣ ва ғайра аз ҷониби муҳаққиқони соҳа тадқиқоти зиёде анҷом дода шудааст [2, 516].

Тавре ки аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, пас аз истилои араб ва ташаккули тамаддуни исломӣ, забон ва хатти арабӣ дар саросари қаламрави хилофат, аз ҷумла дар Хуросону Мовароуннаҳр, забони расмии давлатдорӣ ва илму адаб гардид, илова бар ин дар Шарқи Наздику Миёна вазифаи забони байналмилалиро касб намуд.

Адибону донишмандони форситабор: Ибни Муқаффаъ (721-753), Муҳаммад ибни Мӯсои Хоразмӣ (780-847), Абӯмаъшари Балхӣ (786), Ибни Хурдодбеҳ (820-912), Муҳамад ибни Ҷарири Табарӣ (838-923), Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ (865-925), Саъолибӣ (961-1038, муаллифи «Ятимату-д-даҳр», ки рочеъ ба 119 шоири арабизабони Мовароуннаҳру Хуросон ва мероси адабии онон маълумот додааст) ва даҳҳо донишмандон мероси худро ба забони арабӣ таълиф намуданд.

Хати арабӣ монанди хати порсии миёна (паҳлавӣ) таърихан аз системаи хати финиқии оромӣ баромадааст. Нисбат ба системаҳои дигари сомӣ (суриёӣ) алифбои арабӣ шакли мукаммалтари алифбои оромиасос буд. Ҳуруфоти арабӣ бо аломатҳои иловагӣ (нуқта ва ҳаракат) тамоми овозҳои забони арабиро дуруст ифода мекарданд.

Дар оғози асри VII-и мелодӣ дар нимҷазираи Арабистон давлати бузурги руҳонӣ (теократӣ) ба амал омада, рӯ ба тасарруф кардани хоки мамлакатҳои ҳамсоя менамояд. Соли 633-и мелодӣ дар канори дарёи Фурот - назди шаҳри Ал-Ҳиро аввалин бор арабҳо ба форсҳо ҳуҷум оварда, онҳоро мағлуб гардониданд.

Империяи Сосониҳо, ки зиёда аз 400 сол ҳукмронӣ карда буд, дар замони аввалин ҳуҷуми арабҳо сусту заъиф шуда буд ва ҳокимони вилоятҳои тобеи империяи Сосонӣ ба марказ, яъне Ҳукумати мутамаркази Сосонӣ итоат намекарданд ва ин парешониву номутамарказии ақвоми

форс боиси он гардид, ки рафта-рафта, дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ империяи Сосонӣ шикаст дода шуда, тамоми вилоятҳои тобеи ин империя ба зудӣ зери тасарруфи хилофати араб дароварда шуд.

Муборизаи арабу форс, ки бо ин муҳориба сар мешавад, ба ҳалокати охирин шоҳаншоҳи сосонӣ - Яздигурди сеюм (651м.) ва забти Балх (652м.) аз тарафи арабҳо оварда мерасонад.

Баъд аз тасарруфи Хуросон, арабҳо ба истилои Ворорӯд (Мовароуннаҳр) сар карданд. Пас аз ҷангҳои шиддатнок соли 722-и мелодӣ Хуҷанд ва соли 737-и мелодӣ Хатлон забт гардиданд.

Аз аввали истилои араб ва ҳатто баъд аз он, ки арабҳо ҳокимияти хилофаташонро барқарор намуданд, муборизаи халқҳои форситабори Осиёи Миёна ва Хуросон давом дошт ва баъзан ба камоли авҷ мерасид.

Адами давлати Сосонӣ ба таносуби нави халқиятҳои гуногуни форситабор дар давлатдорӣ оварда расонд. Забони порсии миёна (паҳлавӣ) ҳам, ки забони зардуштият ва забони расмии давлатдории Сосониён ба ҳисоб мерафт, аҳамияташро гум кард ва рафта-рафта ҷояшро забони арабӣ ишғол кард.

Забони порсии миёна баъди омадани арабҳо номи «забони форсӣ»-ро гирифт, чунки дар забони арабӣ ҳарфи «П» вуҷуд надорад. Бинобар ҳамин, онҳо ба ҷои фонемаи порсии «п» фонемаи арабии «ф»-ро гузоштанд ва вожаи «порсӣ» ба «форсӣ» табдил шуда, тарзи талаффузи арабӣ дар тамоми эронзамин ба ҳукми анъана даромад.

Берун аз ҳудуди Хуросон забонҳо ва лаҳҷаҳои мухталифи форсӣ мустаъмал буданд. Ғарбтар ва ҷануби ғарбтари Дашти Кабир (Ҷибол ва Форс) ба лаҳҷаҳое гуфтугӯ мекарданд, ки онҳо аз забони дарӣ фарқи хеле калон доштанд. Яке аз ин лаҳҷаҳо давраи дуру дарозе чун забони «паҳлаваг» маълум буд. Дар доманаҳои қаторкӯҳи Загрос (Эрон) забони курдӣ ва дар Хузистон (Эрон) бошад, забони ғайриэронӣ ва ғайриҳиндуаврупоӣ забони эламӣ (эломӣ) дар доираи истеъмол буданд. Дар минтақаи ҷануб ва ҷануби шарқии Хуросон тоифаҳои эронии балуҷ ва афғон (пашту) зиста, ба забонҳои балуҷӣ ва пашту гуфтугӯ мекарданд. Дар шимолу шарқии Афғонистони имрӯза бошад, мунҷиҳои шарқиэронӣ сукунат доштанд ва ҳоло ҳам теъдоди зиёди мардуми кӯҳистони Афғонистон бо ин забон ҳарф мезананд, ки он ба забонҳои помирӣ, аз ҷумла ба забони вахонӣ хеле наздик аст.

Қайд кардан лозим аст, ки дар минтақаҳои гуногун ҷамъиятҳои калони араб муқим шуда буданд, ки онҳоро одатан тозӣ (тозӣ арабро гӯянд ва аспи арабӣ, ки почадарозу даванд аст, дар ҷаҳони қадим шуҳрат дошта, онро аспи тозӣ гӯянд.

Дар баъзе шаҳрҳо (Нишопур, Кошон, Қум, Ҳамадон ва ғайра) нисфи аҳолиро арабҳо ташкил медоданд. Агарчи ватани аслии забони форсӣ (пешомади забони тоҷикии имрӯза баъди гӯйиши порсии забони паҳлавӣ, яъне порсии миёна) Хуросон бошад ҳам, аммо ин забон дар Ворорӯд (Мовароуннаҳр) мавқеи хеле бузургеро дошт.

Паҳлавӣ забони минтақаи Фаҳла (Fahla) буд, ки он минтақа аз музофотҳои Исфаҳон, Рай, Ҳамадон, Моҳ-Наҳованд ва Озарбойҷон иборат буд.

Дарӣ забони шаҳрҳои бузурги Истахр (Шероз) ва Тайсафун (Ал-Мадоин) буд ва дар дарбори шоҳон мустаъмал буд, яъне забони дару дарбор. Ин чунин маъно дорад, ки забонҳои мазкур забони ашрофият (аристократия) буд, на забони кӯчаву бозор. Ин забон танҳо дар Хуросон ва дар қисматҳои дигари шарқии давлати Сосониён, махсусан дар Балх чун забони оммаи мардум хидмат мекард.

Забони форсиро шахсони саводнок, донишмандон, адибон, ҳакимон, доноён ва монанди инҳо истеъмол мекарданд ва он забони билоди Форс буд.

Забони хӯзӣ бошад, аз тарафи шоҳон ва аъёну ашроф дар хилват, ҳангоми базму бозӣ ва дар доираи оила хоссатан истеъмол мешуд.

Забони суриёнӣ забони дабирон, котибон, муншиҳо ва мирзоҳо (хаттотон, ҳуҷҷатнигорон, номанависон)-и дарбор буд ва як шеваи махлут аз забони суриягӣ (ғайриэронӣ ва ғайриҳиндуаврупоӣ) ва форсӣ буд (мисли забони урду, ки дар аҳди Темуриҳо ҳамчун забони аристократии дарборӣ аз забонҳои ҳиндӣ ва форсии дарӣ ё дарии тоҷикӣ сохта шуда буд).

Ин маълумотҳои Ибни Надим дар сарчашмаҳои дигари замон далелнок мешавад [1988, 164].

Аз худи ибтидои давраи ташаккули забони адабии форсӣ тамоми сарчашмаҳои он (ба истиснои як гурӯҳи камчини маъхазҳо) ба хати оромиасоси арабӣ навишта шудаанд. Ин ҳолат дар натиҷаи он рӯй дод, ки забони арабӣ чун забони расмии давлатӣ ва дини ислом ба ҳисоб

мерафт ва ба забонҳои маҳаллӣ таъсири ниҳоят калоне мерасонд. Аммо дар равнақу инкишофи илму адаби араб мероси мадании эрониён нақши муҳимме бозид. Яке аз забардасттарин намояндагони маданияти эрониён Рӯзвеҳ ибни Додӯеи Форсӣ (Абдуллоҳ ибни ал-Муқаффаъ, ваф.757) мебошад, ки маҷмуаи «Калила ва Димна» (унвони ҳиндуияш «Панчатантра», муаллифаш Барзӯ) ва достони Xvadāynāmaq (муаллифаш Донишвари Сосонӣ)-ро аз форсии миёна ба арабӣ тарҷума кардааст.

Забони дарӣ-тоҷикӣ аз забонҳои дигари эронӣ бисёртар калимаҳои портӣ ва суғдиро иқтибос намудааст. Сабабаш он аст, ки забони дарии тоҷикӣ дар марзи Хуросони бузург ташаккул ёфтааст ва маълум аст, ки Хуросон дар ҳудуди давлати Порт воқеъ гашта буд. Забони портӣ (забони эронии ғарбии давраи миёна ва давоми мантиқии забони моддии қадим, забони модарии сулолаи Ашкониён буд ва хонадони ашконӣ асосгузорон ва шоҳони давлати Порт буданд) баъд аз вожгун шудани тахти подшоҳии онҳо ҳам аҳамияташро дар муддати дароз нигоҳ дошта тавонист.

Адабиёт:

1. Эмомалӣ Р. Забони миллат – ҳастии миллат. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 516 с.

Калидвожаҳо: *забон, форсӣ, адиб, қалам, таърих, хат, забон, шоҳ, араб.*

Аннотатсия

ИЗ ИСТОРИИ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ПЕРСИДСКОГО ПИСЬМА

Большинство исследователей искали истоки наших первых прозаических и поэтических произведений в источниках на арабской графике, что является однобоким. Таджикский язык прежде чем стал использовать арабскую графику, имел более 600-летный опыт письменности, связанный с арамейской графикой, а до нее с клинописью.

Изобретение письма считается одним из высших достижений в истории человечества.

Ключевые слова: *язык, персидский, литератор, перо, история, письмо, язык, царь, араб.*

Annotation

ON THE HISTORY OF THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE PERSIAN LANGUAGE WRITING

Most researchers have looked for the first examples of prose and poetry in the works of our language in sources written in Arabic script, which is one-sided. The Tajik language had more than 800 years of formal use before using the Arabic alphabet. In the history of mankind, the invention of the line is one of the most important historical achievements.

Keywords: *language, Persian, writer, pen, history, calligraphy, language, king, Arabic.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Марупова Сулҳия Нусратхӯҷаевна, магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: дотсент Саидолим К.

Сведения об авторе: Марупова Сулхия Нусратхучаевна, магистрантка второго курса факультета таджикской филологии ТГПУ имени С. Айни.

Научный руководитель: доцент Саидолим К.

About the author: Marupova Sulhiya Nusratkhujaevna, first year of Master Student, Faculty of Tajik philology of TSPU named after S. Aini.

Scientific adviser: Associate Professor Saidolim K.

Валиев Ҷамшед Абдурасулович,
ассистенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ

ТАҲҚИҚИ КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСӢ ДАР МИСОЛИ ҲИКОЯҲОИ «ХОЛИ ДЕВЗӮР» ВА «ИШҚИ САЙЁД» АЗ РОМАНИ «САРМАДДЕҲ»-И БАҲМАНЁР

Калимаҳои иқтибосӣ гуфта, мо калимаҳоеро дар назар дорем, ки он калимаҳо аз як забон ба забони дигар ворид шудаанд. Аслан калимаҳои иқтибосӣ бо ду роҳ аз забон ба забон мегузаранд: 1) Ба воситаи муошират, додугирифт, тиҷорат байни ду мамлакат, ки ин роҳро роҳи озод меноманд. 2) Роҳи дигари иқтибоси калимаҳо, ин ба таври иҷборӣ мебошад, яъне вақте ки як давлат, давлати дигарро тасарруф намуда, зери итоати худ мегирад, хоҳ нохоҳ таъсири урфу одат, расму оин ва дар ин баробар таъсири забонии худро ҳам мегузорад.

Калимаҳои арабӣ. Протсесси ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ дохил шудани калима ва ибораҳои арабӣ аз асрҳои VII – VIII, аз давраи Эрону Осиёи Миёнаро истило кардани арабҳо, сар карда то Инқилоби Октябр давом намудааст [2, 32].

Ба ҳамин тариқ, дар асрҳои IX-X дар шароите, ки забони тоҷикӣ бо дигар забонҳо муқобилат карда, дар ин мубориза таркиби луғавии худро аз ҳисоби манбаъҳои аслӣ ва калимаҳои иқтибосӣ то рафт такмил медод, ба забони тоҷикӣ дохил шудани калима ва ибораҳои арабӣ то як андоза аз рӯи зарурат ва эҳтиёҷ сурат меёфт ва ба роҳи қонунии аз ҳисоби иқтибос такмил ёфтани забони тоҷикӣ мувофиқат мекард.

Аз гурӯҳи калимаҳои арабии ба забони тоҷикӣ дохилшудаи ин давра калимаҳоеро номбар кардан мумкин аст, ки ҳамаи онҳо дар истеъмоли забони тоҷикӣ тақрибан то ба замони мо расидаанд ва то кунун ба соҳибони забон то як андоза мафҳум ва мъулуманд. Масалан: ***айн, мадҳ, давлат, фазл хилофат, халифа, шеър, навъ, нақл, васл, ишқ, насиб, вуҷуд, даҳр, ло, қазо тараб, аҳсан, фунун, хасм, раъд, мунсиф, му ълам, маъзун, кошиф, ратл, анвар, муқайяд, ҷурм, лаим, карим, ҳақ*** ва ғайра [2, 33].

Ҳамон навъе ки ба назар мерасад, забардасттарин шоиру олимони он давра Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Абӯалӣ Сино (дар асарҳои тоҷикиаш) ва дар эҷодиёти худ калима ва иборҳои арабиро дар ҳолатҳои ногузир ва ба қадри эътидол кор фармудаанд. Фирдавсии бузург дар навиштани достони бузурги худ «Шоҳнома», ки аз ҷиҳати инъикоси луғавии он замон асари намунавиест, бештар аз 900 калимаи арабиро ба кор бурдааст. Бисёрии ин гуна калимаҳои арабӣ дар он замон то ба дараҷае дар забон ҳал шуда буданд, ки барои арабӣ будани онҳоро муайян кардан як татқиқоти лингвистии муфассале лозим шудааст [2, 33].

Калимаҳои арабӣ то имрӯз дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ ҷойгоҳи махсус доранд. Баҳманёр, ки яке аз адибони давраи муосир мебошад, зимни баёни андешаҳояш аз вожаҳои арабӣ фаровон истифода намудааст. Мо ин ҷо тасмим гирифтем, мавқеи истифодаи калимаҳои арабиро дар ҳикояҳои «Холи Девзӯр» ва «Ишқи Сайёд» – и Баҳманёр аз назар гузаронем.

Ҳоло мо ҷумлаеро аз ҳикояи «Ишқи Сайёд» меорем, ки дар он калимаҳои арабӣ дида мешавад: ***Аммо*** *зиндагӣ, чунон ки ҳамвора бо* ***инсон*** *мекунад, ба ин ду* ***ошиқ*** *низ* ***имтиҳоне*** *бифиристод* [1, 141].

Дар ин ҷумле, ки мо ин ҷо қайд намудем, калимаҳои ***аммо, инсон, ошиқ, имтиҳон*** арабӣ мебошанд.

Ё ин ки дар ҷумлаи дигар чунин омадааст: ***Байни*** *онҳо чи суханҳое радду бадал мегашт,* ***ғайр*** *аз сангу буттаҳо ва ин кӯҳи ба* ***тафккур*** *ғутида дигар касе* ***хабар*** *надошт* [1, 141].

Дар ҷумлаи зерин бошад, калимаҳои ***бйн, ғайр, тафаккур, хабар*** арабӣ аст**.**

Дар ҷои дигар чунин омадааст: *Азбаски кунда* ***вазнин*** *ва* ***суръати*** *об зиёд буд* [1, 140].

Ҷумлае, ки ҳоло зикр намудем, калимаҳои арабиаш инҳо мебошанд: ***вазнин, суръат, зиёд.***

Акнун ҷумлаҳоеро аз ҳикояи «Холи Девзӯр» дида мебароем, ки калимаҳои арабӣ истифода шудаанд: ***Вақте*** *ки вай* ***майдон*** *мебаромад, мардум* ***қаблан*** *медонистанд, ки* ***маслухро маҳз*** *Бабрак ба пиллаҷо мебарад ва касе* ***қудрати*** *ба ин* ***монеъ*** *шудан надорад* [1, 64-65].

Калимаҳои арабӣ дар ин ҷумла инҳо мебошанд: ***вақт, майдон, қаблан, маслух, маҳз, қудрат*** *ва* ***монеъ****.*

Ҷумлаи дигарро аз ҳамин ҳикоя дида мебароем, ки калимаҳои арабӣ чигуна истифода шудаанд: *Яъне ки аз ҷой хест Холу китфашро аз зери шиками аспи Бабрак даровард асп ва саворро озод бардошта, як давр занонда, боз ба замин гузошт* [1, 65]. Дар ҷумлаи мавриди назар калимаҳои арабӣ инҳо мебошанд: ***яъне, китф, озод, давр***.

Калимаҳои туркӣ-муғулӣ. Як миқдори ками калимаҳои таркиби луғавии забонамонро вожаҳои туркиву муғулӣ ташкил медиҳанд. Дар адабиёти мавҷудаи илмӣ, дастуру мақолаҳои методӣ чунин калимаҳо бо истилоҳоти гуногуни ӯзбекӣ, туркӣ, муғулӣ, туркиву ӯзбекӣ, туркиву муғулӣ ба қалам дода шудаанд. Ба назари мо, дар ифодаи ин гурӯҳи калимаҳо қабули танҳо истилоҳи туркиву муғулӣ ба мақсад мувофиқ аст, зеро ки он ба умумияти таърихии ин забонҳо далолат карда, маҷмуи калимаҳои аз онҳо воридшударо ба пуррагӣ дар бар гирифта метавонад [1, 108].

Ба тавре ки сарчашмаҳои илмиву адабӣ шаҳодат медиҳанд, робитаи байни форсии дарӣ ва забонҳои мухталифи туркӣ хеле брвақт шурӯъ шуда будааст. Баъзе муҳақиқон ибтидои ин робитаро ба даврони пеш аз Ислом нисбат додаанд. Дар ҳар сурат аввалин калимаҳои туркиву муғулиро дар «Шоҳнома» – и Абулқосим Фирдавсӣ ва «Луғати фурс»-и Асадии Тусӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

Барҳам хӯрдани давлатдории милии тоҷикон ҳанӯз дар ибтидои асри XI ва ба сари қудрат омадани хонадонҳои гуногуни турку муғул боиси паст гардидани мақоми форсии дарӣ нагаштааст. Албатта, муҳити нави зист, ки баъд аз даврони Сомониён ба вуҷуд омада буд, дар ин забон ба пайдоиши як идда калимаҳои туркиву муғулии ифодагари мафҳумҳои тоза замина гузошта буд. Калимаҳои туркиву муғулӣ, ки оҳиста – оҳиста ба забонҳои зиндаи мардум ворид мешуданд, яку якбора ба забони адабиёти бадеӣ қабул нашудаанд. Дар асрҳои XI-XIII онҳо дар сарчашмаҳои таърихӣ назар ба адабиёти бадеӣ зиёдтар вомехӯранд. Тадқиқи лингвистии асарҳои машҳури «Таърихӣ Байҳақӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ ва «Таърихи ҷаҳонкушо»-и Атомалики Ҷувайнӣ ин ақидаро тақвият медиҳанд. Калимаҳои муғулии ***суюрғол*** «иқтоъ, мулке, ки ба тобеъони худ мебахшанд», ***ёсоқ*** «қонунномаи муғулҳо», ***ёрлиғ*** «фармони подшоҳӣ», ***ҳоқон*** «хони хонҳо», ***боскок*** «фармондор, ноиби подшоҳ дар ягон вилоят», ***ёрғу*** «маҳкама, қозихона», ***доруға*** «пешвои қабила», ***ёсат*** «оин», ***ҳаровул*** «қисми пешгарди лашкар», ***элхон*** «лақаби шоҳони муғул» натиҷаи иқтибосҳои луғавии ҳамон давраанд [4, 109].

Калимаҳои иқтибосии туркиву муғулӣ низ чун гурӯҳҳои иқтибосии дигар дорои як қатор нишонаҳои хоси савтиву маъноӣ мебошанд, ки ба тавассути онҳо дар муқоиса бо калимаҳои худӣ фарқ карда меистанд.

1) Нишонаҳои савтии калимаҳои туркиву муғулӣ. Аз нуқтаи назари қиёфаи овозӣ вожаҳои туркиву муғулӣ ба як қатор хосиятҳои махсус соҳибанд, ки онҳоро дар гурӯҳҳои дигари калимаҳо дидан мумкин нест. Чунин калимаҳо, махсусан, бо қолабҳои овозии муназзами худ, ки таносуби истеъмоли садонокҳо ва ҳамсадоҳоро талаб мекунанд, бо овозҳои хосса ва таркибҳои овозии нодири худ, аз вожаҳои дигар фарқ мекунанд:

а) Овози *«қ»* ҳамчун нишонаи калимаҳои туркиву муғулӣ. Ба тавре ки дар фасли гузашта хотирнишон шудем, ин овоз дар калимаҳои иқтибосии арабӣ ва як гурӯҳ вожаҳои муарраб ҳам дида мешавад. Барои муайян кардани арабӣ ва ё туркиву муғулӣ будани калима онро аз рӯи қолабҳои мустаъмали арабӣ тасриф кардан мумкин аст. Агар дар ин маврид решаи калима нашиканад ва шаклу калимаҳои нав ба вуҷуд наоянд, он пайдоиши туркиву муғулӣ дорад. Калимаҳои туркиву муғулие, ки дар таркибашон овози *«қ»* доранд, дар забонамон ниҳоят зиёданд: ***талқон*** «тути кӯфта», ***инҷиқ*** «пурнозу нуз», ***тӯқум*** «полони хар», ***ямоқ*** «васла, дарбеҳ», ***қӯқа*** «тугма», ***чоқ*** «бардам, фарбеҳ», ***чақмоқ*** «барқ, оташак». Аксари чунин калимаҳо бо овози ***«қ»*** шурӯъ шуда бо ҳамон овоз ба охир мерасанд: ***қитиқ*** «хориши ноҳинҷор», ***қӯшоқ*** «ҳамбастагӣ», ***қайроқ*** «санги тезкунӣ», ***қашоқ*** «нодор, камбағал», ***кундоқ*** «дастаи милтиқ.

б) Овози ***«ӯ»*** дар мавқеи аввали калима нишонаи сирф туркиву муғулӣ будани он аст: ***ӯрда*** «қароргоҳ», ***ӯлпон*** «андози замин», ***ӯғур*** «ҳован», ***ӯлат*** «паҳншавии амроз», ***ӯба*** «хайма», ***ӯлҷа*** «ғанимат», ***ӯрду*** «лашкар», ***ӯра*** «чоҳ» ва ғайра. Агар дар калимаи яковозаи аслии тоҷикӣ «ӯ» «вай» дар ин маврид истисно карда шавад, пас дар фарҳангу луғатҳои муосир ягон калимаи дигаре, ки бо «ӯ» шурӯъ шаваду тоҷикӣ бошад, оварда нашудааст [4, 111-112].

2) Нишонаҳои маъноиву услубии калимаҳои туркиву муғулӣ. Калимаҳои туркиву муғулӣ баробари ифодаи мафҳумҳои воқеӣ, оҳангҳои куҳнашудаву таърихӣ, тобишҳои густохи, ва дуруштиро низ дар бар гирифтаанд:

а) Ифодаи оҳангу маъноҳои куҳнашуда ва аз истеъмол баромада. Калимаҳои ифодагари чунин оҳангу маъноҳо имрӯз дар истеъмол нестанд, онҳо дар захираи таркиби луғавии забонамон маҳфуз дошта мешаванд ва ҳар яке нишонае аз воқеияти гузаштаи зиндагии мардуми мо мебошанд: ***мингбошӣ*** «саркардаи лашкар», ***хоқон*** «подшоҳ», ***иноқ*** «яке аз рутбаҳои олӣ дар аморати Бухоро», ***ясав*** «қатор», ***қӯнуш*** «манзил, бошишгоҳ» ***ҳаровул*** «қисми пешгарди лашкар».

б) Ифодаи мафҳумҳои ҳаётан муҳими воқеӣ. Ин гуна калимаҳо ашё ва ҳодисаҳои мушаххаси зиндагиро бе ягон рангубори махсус ифода кардаанд. Онҳо ифодагари ягонаи мафҳумҳо дар забон буда, муродифи дигар надоранд: ***қавурдоқ*** «як навъи гӯштбирён», ***босмачӣ*** «йигити дастаи ғоратгарон», ***овул*** «маҳалли зисти кӯчманчиён», ***баковул*** «сардори ошпазҳо», ***қима*** «гӯшти кӯфта», ***қоқма*** «матои аз пашм бофташуда», ***қоз*** «навъе аз парандаҳои оби».

в) ифодаи оҳангу тобишҳои пурэҳсос. Чунин калимаҳо баробари ифодаи мафҳумҳои мухталифи ҳаёти воқеӣ ҳамчунин бетакаллуфӣ, густохӣ, дурушгӣ барин ҷилваҳои эҳсосиву эҳтиросиро низ дар бар гирифтаанд. Ҷиҳати назарраси онҳо дар ҳамин зоҳир мешавад, ки аксарияти онҳо дар шакли калимаҳои тоҷикӣ муродиф доранд: ***бӯйдоқ*** «муҷаррад», ***қудуқ*** «чоҳ», ***кӯндаланг*** «рӯйирост, рӯбарӯ», ***қава*** «ҳапс», ***мижморуқ*** «пажмурда», ***тумтароқ*** «дарози бемаънӣ», ***бӯзбала*** «ҷавони тануманд», ***юндуқ*** «саркут», ***узот*** «гусел», ***пахмоқ*** «ҳамвор» ва дигарҳо [4, 113-114].

Адабиёт:

1. Баҳманёр. Сармаддеҳ. (Роман дар қисса ва ҳикояҳо). – Душанбе: Деваштич, 2002. – 394 с.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. – Душанбе: Ирфон, 1982.
3. Маҳмадҷонов О., Шоев Р. Забони адабии муосири тоҷик. (Бахши лексикология). – Душанбе, 2016. – 127 с.
4. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷ. 1. Луғатшиносӣ. – Душанбе, 2007. – 243 с.
5. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд/ «Советская энциклопедия». – Москва, Ҷ. 2, 1969. – 949 с.
6. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд/ Ҷилди 2. – Душанбе, 2010. – 1096 с.
7. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехта. Ҷ. 1. – Душанбе, 1963.

Калидвожаҳо: *калимаҳои иқтибосӣ, забони тоҷикӣ, робитаи забонҳо, забони арабӣ, забонҳои туркӣ, калимаҳои аслӣ, муродифот, куҳнашуда, нишонаҳои савтӣ, нишонаҳои маъноию услубӣ.*

Аннотация

АНАЛИЗ ЗАИМСТВОВАННЫХ СЛОВ НА ПРИМЕРЕ РАССКАЗОВ «ХОЛ-СИЛАЧ» ВА «ЛЮБОВЬ ОХОТНИКА» ИЗ РОМАНА «САРМАДДЕХ» БАХМАНЁРА

В статье рассматривается стилистические оттенки использования заимствованных слов в двух рассказах Бахманёра. На основе многочисленных примеров показывается особенности употребления заимствований в исследуемых рассказов писателя и определяется основные пути проникновения заимствованной лексики в лексический состав таджикского языка. Большинство заимствововованных слов составляют слова арабского и тюрко-монгольского происхождения. На базе конкретного языкового материала рассматривается структура лексического заимствования из вышеназванных языков.

Ключевые слова: *заимствованные слова, таджикский язык, языковые связи, арабский язык, тюркские языки, исконные слова, синонимы, устаревшие, фонетические признаки, семантико-стилистические признаки.*

Annotation

ANALYSIS OF BORROWED WORDS ON THE EXAMPLE OF THE STORIES "HOL-STRONGER" VA "LOVE OF THE HUNTER" FROM THE NOVEL "SARMADDEH" BY BACHMANER

The article examines the stylistic shades of the use of borrowed words in two stories by Bachmanner. On the basis of numerous examples, the features of the use of borrowings in the studied stories of the writer are shown and the main ways of penetration of borrowed vocabulary into the lexical composition of the Tajik language are determined. Most of the borrowed words are words of Arabic and Turkic-Mongolian origin. On the basis of specific language material, the structure of lexical borrowing from the above-mentioned languages is considered.

Keywords: *borrowed words, Tajik language, language links, Arabic, Turkic languages, original words, synonyms, obsolete, phonetic features, semantic-stylistic features.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Валиев Ҷамшед Абдурасулович, ассистенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Телефон: +992 907048591

Сведения об автора: Валиев Джамшед Абдурасулович, ассистенти кафедра теория и практики лингвистика ТГПУ им. Садриддина Айни. Телефон: +992 907048591

About the author: Valiev Jamshed Abdurasulovich, assistant of the Department of Theory and practice of linguistics, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Phone number: +992 907048591

Хоҷаева Мунира Файзуллоевна,
магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷик

ЗАБОН ВА САБКИ БАЁНИ БОЗОР СОБИР

Ҳамчу сарват шоире гум кардан осон асту лек,
Ҳамчу шуҳрат шоире дарёфтан бас мушкил аст.

Устод Бозор Собир шоире бузург ва Инсоне бузург аст ва ин бузургӣ дар ҳадди бузургии қавми ӯ, яъне мардуми тоҷик аст. Ва тамоми умр тоза ҷуставу тоза гуфта, бо заҳматҳои ҷонкоҳаш падидае нодир дар шеъри порсист. Меҳру муҳаббати шоир ба воситаи забону баёни ширину зебо ва образҳои тозаи дилрас, ба хонанда асар мекарду ҳар вақаб хок, ҳар санг ва ҳар хасу хори онро дӯст медошт.

Тоҷикистон мекунам шукри каму бисёри ту
Мекунам шукрона аз озарму аз озори ту.
Аз ту ман сарват намехоҳам Ватан ҳасти бас аст,
Бо хасу хорат баробар зиндагӣ кардан бас аст.

Тасвирҳои тозаву рӯшану дилнишин ба ҳар шоири муосир таъсире гузоштаву маҳбуби ҳазорон хонандагони хушзавқ шудааст. Ҳар шеъри шоир чун асари бузурги мондагорест, ки аз номи фарзанди беҳад соҳибдилу дилогоҳу дилсӯз саҳнаҳои муассиру омӯзандаи дирӯзу имрӯзи халқу Ватана-монро тасвир намудааст. *«Шеър мисли ҳама чиз маҳсули замон аст»; «Шеър бо зиндагии инсон оғоз карда ва бо зиндагии инсон тамом мешавад»; «Олитарин шеърҳо, чун мехоҳед ҷавҳари шеъри воқеиро дониста бошед, марбут ба ҷаҳони худи шоир аст»....»Шоир бояд битавонад худаш ҳама кас бошад. Муваққатан битавонад аз худ ҷудо шавад. Умда ин аст».*

Гарчи мардум ҳарчи мегӯянд
Кӣ чу ман дар орзуи номи
ҳофизвор нест;
Кӣ намехоҳад, ки якто не,
Камтарин бошад, валекин
шоире бошад,
Шоҳкоре не, агар байте
бимонад ёдбуд,
Дар забони миллати худ...

Ана ҳамин тозакориҳо дар ашъори устод Бозор Собир бармало мушоҳида шудааст, ки дар шеъри муосири мо беназир аст. Аммо шеърҳои зиёде дорад, ки бо онҳо метавонад дар таърихи адабиёти мо мақоми абадӣ дошта бошад.

Тозагиву равонӣ ва равшанбаёнӣ имкон додаанд, ки нахуст ашъораш касро ба дунёи беғаши кӯдакӣ, деҳа, чаппотӣ, тути сарбурида, олучаи лат-тадор, чакидани зардоби халтаи чаккаи модар ва...касро ба ёди зодгоҳ, ки ба Меҳан пайванд аст, мебарад.

Тоҷикистон, Тоҷикистон,
Ҳар кӯҷое рафтам аз оғӯши ту.
Доманамро раҳ ба раҳ то сарҳадат,
Бар замин афшонда рафтам.
Аз паям то кам нагардад
зарае хоки камат.
Ҳар кӯҷое об дидам,
Ман гирифтам заррае дар чашм,
То кунам оби туро як қатра бисёр.

Шеъри устод Бозор Собир тасвирӣ мебошад, вақте кас онро мехонад, тасвири шоирро дар пеши чашми худ мисли намоишнома ва филм мебинад. Ё худ шеъри дигари шоир «Дубора моҳ бадар шуд чаро намеой?», чунон нохун ба торҳои эҳсос мезанад, ки ногуфтанист. Кас наметавонад баъд аз шунидани мисраҳои Ҳамон бинои баланде Ватан бувад номаш,

Ба устухони падар шуд, чаро намеой?, ба вақд наояду дар фикри ободии сарзамини хештан наафтад. Ва хидмати дигари устод Бозор Собир дар ғанигардондани забони тоҷикӣ таҷассум меёбад. Ин қадар вожаву ибораҳои нозанин аз забони халқ барчиду боз бар забони тамоми мардуми Тоҷикистон гузошт, сармояи ҷовидонии мост. «Маска», «чакка», «ширинии тутӣ», «шируғани маҳтоб», «гаҳвораи малакутӣ», «чапотӣ», «шиннӣ», «шабдарав», «шилшила»,

«ҳилҳила», «чилчила», «титупит», «патупут», «ҳушт-ҳушт», «пустак», «тирак», «шабкурак», «дарақ-дарақ», «палак», «гардансафед», «хуштарош», «каҳреза», «ноништа» ва даҳҳо боз намунаҳои дигарро дар забонамон зинда кард:

Қишлоқаки ман бӯи чаппотӣ дорад,
Ширинии ширинии тутӣ дорад.
Аз чуби дарахти бед дар ҳар хона,
Гаҳвораи сабзӣ малакутӣ дорад.

Мардуми тоҷик бори аввал таҷриба кард ва нек дарёфт, ки бо чунин шеваву шаҳди гуфтор ҳарф задан, миллияту ҳувияти забони моро неруи дигар мебахшад ва ин вожаҳо хушоянду хушсадо ҳам ҳастанд. Бисёр «бозёфтҳо»-и ки дар ашъори шоир падидомада ҳангоми фаъолият дар мулки Афғонистон буданд. Ва албатта, бозёфтҳои забони худро дар шеъраш истифода мебурд, то ҳарфи ӯ аз ҳарфи дигарон мумтозтар бошад.

Манзури мо бо алоқамандони шеър танҳо ошно кардани хонандагон бо андешаҳои адабии як нафар поягузори мактаби нав дар шеъри муосири тоҷик аст.

Аз содагии ман нест,
Шеъре, ки сода гуфтам.
Худро ба мактаби худ,
Ман ёд дода гуфтам,

-ишора кадааст ӯ. Маҳз омӯзишу ҷустуҷӯйи пайваста, сари ҳар калима, ибора ва сатр заргарона нури чашм сарф кардани Бозор Собир ӯро ба мартабаи баланди шоирӣ расонд; соҳибмактаб низ кард.

Забони шеъри Бозор Собир аз ду ҷиҳат, ҳам аз ҷиҳати луғат ва ҳам аз ҷиҳати услуб қобили таваҷҷуҳ аст. Вай то ҳадди имкон мекӯшад, ки мазмуни реалии суханро афзояд, пайвастагии калима, ибораҳои табий, забони шеъраш ба забони халқ наздик бошад. Устод бо содагии услуб мекӯшад, мазмунҳои амиқ ва таассуроти муракабро ҳам бо содагӣ ифода мекунад, забони шеърҳо-яш солим ва пухта мебошад:

Дар ҳаду сарҳадшиносии ҷаҳон,
Сарҳади тоҷик, забони тоҷик аст.
То забон дорад, ватандор аст ӯ,
То забондор аст, бисёр аст ӯ.

Ҳақиқат ин аст, ки пеши назари мо чанд насли хонандаи тоҷик танҳо бо шарофати шеъри «забони ватан»-и устод Бозор бештар ба гиромидоштани забони модарӣ, рӯ овардан ба таърихи ниёгон, сабақ гирифтан аз фоҷиаҳо, ҳифзи арзишҳои миллӣ камар бастанд.

Дар ашъори Бозор Собир қариб, ки ҳамаи санъатҳои бадеӣ истифода гардидааст. Яъне, ташбеҳ, истиора, тавсиф, талмеҳ..айни замон мо ҷиҳати мисол талмеҳро мегирем.

Талмеҳ дар луғат нигоҳи сабук кардан ба сӯи чизест. Агар «талмеҳ»-ро қалбан «талмеҳ» қарор диҳем, ба маънои малеҳ кардан-намакин кардан меояд ки ин ҳам дуруст аст.

Аммо дар адабиёти бадеӣ ишорат кардан ба воқеаҳои таърихӣ, асотирӣ, қиссаву афсонаҳо ва ба ягон шеъри маъруфи яке аз саромандони сухан санъати талмеҳ номида мешавад.

Аз хуни Сиёвушем, ҳамхуни Сиёвушем,
Аз ҷомасафедонем, ҳар ҷома намепӯшем.
Ҳамсоли «Авасто»-ем, ҳамоташи Зардуштем,
Мо оташи Зардуштӣ нокушта намекуштем.

****

Ҳамтешаи Фарҳодем, андеша намекардем,
Ҷуз решаи Оҳарман мо теша намекардем.
Аз давраи Деваштич дар кӯзаи мо девест,
Ин деви адоват нест, ин деви ватанхоҳист.

Ин шеър, ки аз ҳафт банди чормисрагӣ иборат мебошад рамзан симои инсонии як соҳибватан ва масъулияти инсонии ӯро ба тасвир гирифтааст, дар ин шеър яке аз масъалаҳои ҷидди мавриди пажуҳиш қарор мегирад. Қадри сухан барои ӯ ниҳоят баланд аст. Шоир вақте маъниву ҳадафи худро шоирона ба тасвир мегирад, дар радифи гузаштагон ба ҳикматҳои файласу-фона ва пандомез гоҳо маъниҳоеро илқо мекунад, ки хонанда метавонад аз онҳо панд бардорад.

Ба-дин тариқ ашъори устод Бозор Собир аз назари фарогирии мавзӯъ, ҳам аз назари гузориши масъалаҳои ҷиддӣ ҳаётӣ, иҷтимоиву фалсафӣ, масъалаҳои инсонӣ ва ғайра хеле ҷолиб мебошад.

Адабиёт:

1. Зеҳнӣ Т. Н. Санъати сухан. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 107 с.
2. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. – Душанбе: Маориф, 1990. – 46 с.
3. Абдураҳмони А. // Адабиёт ва санъат. 28.11.2019. №48 с-12.

Калидвожаҳо: *забон, сабк, услуб, Бозор Собир, тасвир, зиндагӣ, шеър, ғазал, рубоӣ, дубайтӣ.*

Аннотация

ЯЗЫК И СТИЛЬ ВЫРАЖЕНИЯ БОЗОРА СОБИРА

Автор статьи попытается учесть особенности стиля поэзии Бозора Собира и определить её особенности. Как известно, Бозор Собир известен как великий созидатель образов. В этой статье собраны и обобщены привлекательные образы поэта. Автор статьи фокусируется на изысканности и новизне приемов поэта и определяет его умение создавать новые слова. Кроме того, изучаются особенности языка поэзии Бозора Собира, рассматриваются народные слова, диалектизмы и национальные элементы, такие как «чакка», «титупит», «тирак», «палак» и т.д.

Ключевые слова: *язык, стиль, Бозор Собир, описание, жизнь, поэзия, газель, рубаи, дубайти.*

Annotation

THE LANGUAGE AND STYLE OF EXPRESSION OF BOZOR SOBIR

The author of the article tried to take into account the peculiarities of the poetry style of Bozor Sobir and determine its features. As you know, Bozor Sobir is known as a great creator of images. This article has collected and summarized the attractive images of the poet. The author of the article focuses on the sophistication and novelty of the poet and determines his ability to create new words. In addition, the language of poetry by Bozor Sobir is studied, folk words, dialects and national elements such as «chakka», «titupit», «tirak», «palak», etc. are examined.

Keywords: *language, style, Bozor Sobir, description, life, poetry, gazelle, quatrain, dubaiti.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Хоҷаева Мунира Файзуллоевна, магистранти соли дуюми факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.
Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои филологӣ, дотсент Қурбонов М.

Сведение об автор: Ходжаева Мунира Файзуллоевна, магистрантка второго курса факультета таджикской филологии ТГПУ им. С. Айни.

Научный руководитель: кандидат филологических наук, доцент Курбанов М.

About the author: Khojaeva Munira Faizulloevna, the second year master of the facultyof philology, TSPU named after S. Aini.

Ҷурабеков Рамазон,
магистранти соли дуюми факултети забони англисӣ

ВОСИТАҲОИ НАҲВИИ ИФОДАИ ИСТИЛОҲОТИ ДЕМОГРАФӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ дар марҳлаи инкишофи забоншиносии муосир мақоми махсус дорад. Фаъолияти таҳқиқи муқоисавии забон ба мақсади таҳқиқоти ҳаматарафаи забоншиносии муқоисавӣ бо ҳадафи баррасии ҳамаҷонибаи таркиб ва махсусиятҳои таркиби забон дар маҷмуъ ва гурӯҳҳои он дар алоҳидагӣ мебошад. Обекти таҳқиқоти муқоисавӣ дар ин ҷанба масъалаҳои мубрам ва зарурин забоншиносии муосир, ки қобилияти фаъоли коркарди назарияҳои ҳамаҷониба ва муқаррар намудани таҳлили ***конструктивӣ*** мебошад. Сарчашмаҷои забоншиносии муқоисавӣ дар корҳои илмӣ- таҳқиқотии И. И. Мещанинова [1954, 6], Е. Д. Поливанова, Л. В. Щербы, Ш. Балли, Кацнельсон ва дигарон мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор ёфтааст.

Ба сифати ифодаҳои демографӣ воҳиди синтаксисӣ – ибора ҳам баромад мекунад. Ибора – гурӯҳи калимаҳои мустақилмаъно, ки дар таркиби ҷумла аз рӯи синтаксис алоқаманд мебошанд ва ҳамчун ҷумла ҳам метавонанд нақш бозанд [4, 124]. Сохтори синтаксисии иборарo омӯхта, мо метавонем, вобаста ба мавҷуд будани ин ё он намуди алоқа байни ҷузъҳои бевоситаи ибора, гурӯҳбандии онро муайян созем:

1. Ибораҳои тобеъ *(subordinate phrases)*, ки ҷузъҳояшон бо алоқамандии тобеъ муттаҳид шудаанд: *chronological age - синну соли таърихӣ (ҳақиқӣ) (хронологический возраст); relatively fecund - таносули нисбӣ (относительная плодовитость); de jure enumeration - рӯйхати ҳуқуқии аҳолӣ (юридическая перепись (регистрация) населения (де-юре); civil data - маълумот дар бораи аҳолӣ (данные о населении);*

2. Ибораҳои пайваст *(coordinate phrases)*, ки ҷузъҳояш бо алоқамандии пайвасткунанда муттаҳид шудаанд: *population growth - афзоиши аҳолӣ (прирост населения); employment rate - дараҷаи таъмини аҳолӣ бо кор (коэффициент занятости населения).*

Чунин ибораҳо бо қолабҳои мазкур сохта мешаванд:

1). Adj + N > N: *old age - синну соли пиронсолон (престарелый возраст); infant death - фавти кӯдакони пас аз синни яксола (детская смертность в возрасте от 1 года); fertile age - синну соли таваллудкунӣ (детородный возраст); female cohort - гурӯҳи занон (женский контингент);*

2). Adj + -ic + N > N: *demographic behavior - рафтори демографӣ (демографическое поведение); endogenic age - синну соли табиӣ (естественный возраст); demographic inquiry - тафтиши демографӣ (демографический опрос);*

3). Adj + -al + N > N: *partial census - рӯйхати нопурра (частичная перепись); actual cohort - гурӯҳи ҳақиқӣ (фактическая когорта); differential demography - демографияи дифференсиалӣ (дифференциальная демография);*

4). Adj + -ive + N > N: *excessive fertility - таваллудкунии ҳадди аққал (максималӣ) (максимальная рождаемость); collective immigration -муҳоҷирати оммавӣ (массовая миграция);*

5). Adj + -ent/-ant + N > N: *dependent age - безурётии синнусолӣ (то 15 ё баъди 65 сола) (непроизводительный возраст (до 15 и после 65 лет)); emigrant alien - муҳоҷир (мигрант);*

6). Adj + -ian + N > N: *civilian immigration – муҳоҷирати шаҳрвандон (иммиграция гражданских лиц);*

7). R + -age + Compound Noun > N: *average household – оилаи миёнаҳол (средняя семья); parentage law - қонуни волидайншавӣ (закон об отцовстве);*

8). N + -less + N > N: *childless family - оилаи бефарзанд (бездетная семья); childless couple (бездетная супружеская пара);*

9). N + N > N: *check enumeration - рӯйхати зери назорат (контрольная перепись); couple fertility - таваллудкунии никоҳӣ (брачная плодовитость);*

10). N + N + N > N: *baby bust boom - зуд пастшавии таваллуд (резкое падение рождаемости);*

11). V + -tion + N > N: *education policy - сиёсат дар соҳаи маориф (образовательная политика); migration demography – демографияи муҳоҷират (демография миграции);*

12). V + Part I + N > N: *falling fertility – таваллудкунии пастшуда (снижающаяся плодовитость);*

13). Part II + N > N: *estimated fertility - таҳлили таваллудкунӣ (оценка рождаемости);*

14). Adj + ity + N > N: *fertility graduation – ҷадвали таваллудкунӣ (шкала плодовитости); mortality - index нишондиҳандаи фавт (коэффициент смертности).*

Қолаби **N + N** бештар сермаҳсул ба ҳисоб меравад.

Дар он ҳолатҳое, ки вайронкунии қоида зоҳиран мушоҳида мешавад, кашиши ибора ба калимаи мураккаб ҷой дорад, ки он бо тире қайд карда мешавад: *native-born individual - сокини маҳаллӣ (местный уроженец); age-sex classification - тақсими аҳолӣ ба гурӯҳи синнусолӣ ва ҷинсӣ (распределение населения по возрастно-половым группам); birth-and-death data - маълумот дар бораи миқдори таваллудшудагон ва фавтидагон (данные о рождаемости и смертности); age-to-age differences - фарқи байни гурӯҳҳои синнусолӣ (различия между возрастными группами)* ва ғ [4, 47].

Ба чунин таркибҳо дар забони англисӣ бар хилофи забони тоҷикӣ пайдарҳамии муайян хос аст.

Дар забони англисӣ мураккабшавии ибораҳои субстантивӣ аз ҳисоби паҳншавии асос метавонад ба амал ояд, дигархел карда гӯем, асоси ибораҳои субстантивӣ на танҳо як калима, балки тамоми ибора шуда метавонад. Масалан, чунин таркибҳоро дар истилоҳоти демографӣ муқоиса мекунем:

1). Қолаби N + al + N + N > N: *natural population growth – афзоиши табиии аҳолӣ (естественное движение населения);*

2). Қолаби Adj + N + N > N: *mean birth interval - фосилаи миёнаи байни зоиши пай дар пай (средний интервал рождений);*

3). Қолаби Adj + N > N: *national group - гурӯҳи одамони як миллат (группа лиц одной национальности);*

4). Қолаби Part II + N + N > N: *projected population growth – пешгӯии миқдори аҳолӣ (прогнозируемый рост населения);*

5). Қолаби Part II + N > N: *estimated fertility - таваллуди таҳлилшуда*

(оценка рождаемости);

6). Қолаби N1 + N2 + N3 > N: *time comparability factor – омили ислоҳпазири нишондиҳандаи фавт бидуни баҳисобгирии фарқи вақт (поправочный коэффициент для показателей смертности, вычисленных без*

учета различия во времени);

7). Қолаби N + V > V: *birth-control - назорат кардан, маҳдуд кардани таваллудкунӣ (регулирование рождаемости, ограничение рождаемости).*

Дар забони тоҷикӣ ибораҳои субстантивӣ аз рӯи қолабҳои зерин сохта мешаванд:

1). Қолаби N + -и + Adj: *таваллуди никоҳӣ (сатҳи таваллудкунӣ) - fertility rate (уровень рождаемости); оилаи бефарзанд - (бездетная семья); муҳоҷирати оммавӣ - mass migration (массовая миграция).*

2). Қолаби N + N: *камшавии таваллуд - decrease of fertility (падение рождаемости); рӯйхати аҳолӣ - population census (перепись населения); гурӯҳи занон - women cohort (группа женщин).*

Ибора аз ду ва зиёда калимаҳо иборат мебошад, ки муносибати байни ашё ва ҳодиса, аломат ва амалро ифода мекунад. Дар забони тоҷикӣ ду гурӯҳи калони ибораҳо мавҷуд мебошанд: ибораҳои озод ва устувор. Ибораҳои озодро ибораҳои синтаксисӣ меноманд, ибораҳои устуворро бошад – фразеологӣ. Аз рӯи сохташон ибораҳо дар забони тоҷикӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд:

а) содда: *таваллудкунии умумӣ - general fertility (общая плодови-тость); зоиши занон - fertility (рождаемость); ҳайати оила - family composition (состав семьи); насли занон - women generation (женское поколение); рӯйхати умумӣ - common census (общий список); қонуни муҳоҷирон - immigration law (законы об иммиграции); муҳоҷирати оилаҳо - migration of the families (миграция семей); қайдкунии навзодон - registration of the infants (регистрация новорожденных);*

б) ибораҳои сохта: *муҳит+и зист+и одам – environment (окружающий мир); сокинон+и шаҳрҳо+и калон+и сераҳолӣ – overspill (жители перенаселённых крупных городов); нишондиҳанда+и суръат+и*

миёна+и афзоиш+и солона+и аҳолӣ - average annual rates of increase (средний годичный коэффициент воспроизводства населения).

Ибораҳо аз рӯи нишонаи морфологии ҷузъи асосӣ метавонанд исмӣ бошанд *(хушбахтии одамон - people's happiness (счастье народа); барзиёдии аҳолӣ - excess of population (избыток населения);* феълӣ *(баргаштани муҳоҷирон - returning of migrants (возвращение мигрантов); додани кӯмакпулӣ - paying allowance (выделение пособия);* сифати феълӣ *(зани талоқгирифта -*

devocee (разведённая); ҷавонони навхонадоршуда - married couple (новобрачные); таваллудкунии танзимшаванда - controlled fertility (регулируемая рождаемость); шумораги *(оилаи дуюм - secondary family (вторичная семья); заниякум - first wife (первая жена).*

С. Абдураҳимов дар забони тоҷикӣ 6 намуди ибораҳои субстантивиро муайян мекунад:

- исм + исм N+N
- исм + сифат N+Adj
- исм + ҷонишин N+Pron
- исм + шумора N+Num
- исм + сифати феълӣ N+Part
- исм + исми феълӣ N+Verbal Noun [1, 23].

Роҳҳои асосии ташкили ибораҳо дар забони тоҷикӣ – изофат, бо ёрии пешоянду пасояндҳо, тартиби калима ва бо ёрии интонатсия мебошанд. Дар забони муосири тоҷик дар ибораҳо изофат ва пешояндҳо васеъ паҳн шудаанд. Изофат, ки айнан маънои афзуданро дорад, илова – шакли махсуси алоқаи муайяншаванда бо муайянкунанда, ба забони тоҷикӣ ва як қатор забонҳо дигар хос мебошад. Дар забони тоҷикӣ он бо ёрии бандаки изофӣ (*-и*) сохта мешавад, ки баъд аз муайяншаванда ва пеш аз ҳар як муайянкунандаи баъд аз он меомада ҷойгир мешавад. Таркиби изофатӣ метавонад як, ду ва зиёда муайянкунандаро дарбар гирад. Масалан, сифат аломат ва сифати ашёро ифода намуда, ба исм бо ёрии бандаки изофӣ (*-и*) тобеъ мешавад: *оила+и миёнаҳол – average household (средняя семья); модар+и танҳо - bachelor mother (мать-одиночка); маош+и рӯзбайъ - daily wages (ежедневная заработная плата); ақд+и никоҳ+и такрорӣ - remarriage (вторичный (повторный) брак); сохт+и синнусоли+и аҳолӣ - age structure (возрастная структура); оила+и одди+и биологӣ - kinship-model family (простая биологическая семья); нишондиҳанда+и ақд+и никоҳ+и такрорӣ - remarriage rate (коэффициент*

вторичных (повторных) браков); қисм+и таркиби+и афзоиш+и демографи+и аҳолӣ - components of population change (составная часть демографического роста населения).

Ба ғайр аз ин, дар забони тоҷикӣ боз ду намуди ибораҳо мавҷуд аст: тобеъ ва пайваст.

Дар ибораҳои тобеъ ҳамаи ҷузъҳо муттаҳид мешаванд:

а) бо ибораҳои изофатӣ: *буҷаи оилавӣ - family budget (семейный бюджет); аҳолии барзиёд - excess of population (избыток населения); муҳоҷирати инфиродӣ - individual immigration (индивидуальная иммиграция).* Бо ёрии бандаки изофӣ калимаҳои гуногунсохт ва гуногунмазмун муттаҳид мешаванд. Дар ибораҳои тобеъ ҷузъи аввал қариб ки ҳамеша мазмуни асосиро дорост, ҷузъи дуюм бошад, ба ҷузъи якум тобеъ мешавад;

б) бо ибораҳои пешояндор: *ба рӯйхат гирифтани аҳолӣ - census enumeration (перепись населения); ба қайд гирифтани таваллудшавӣ -registration of a birth (регистрирование рождения).*

Дар ибораҳои пайваст ҳамаи ҷузъҳо баробарҳуқуқ буда, аз рӯи мазмун бо ҳам нестанд. Дар ибораҳои пайваст баъзе ҳиссаҳои нутқ метавонанд иваз шаванд, масалан, сифат, исм: *аълохону пешқадам - excellent and advanced (отличник и передовик); зебову барно (красивая и молодая); хурду калон - children and grown-ups (дети и взрослые); муаллимону студентон - teachers and students (преподаватели и студенты); мардону занон - men and women (мужчины и женщины); рӯйхати оилаҳо - family census (перепись семей).*

Ҳамин тавр, калимаи мураккаб яке аз усулҳои калимасозӣ буда, бо роҳи якҷоя намудани ду ё се асос ташкил меёбад. Бояд қайд кард, ки бо чунин роҳи калимасозӣ он калимаҳои мураккабе сохта мешаванд, ки ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ доранд, аммо дар байни онҳо бештарпаҳншуда исмҳо мебошанд. Дар забони тоҷикӣ чунин намуди истилоҳоти мураккаби демографӣ вуҷуд надорад. Ҳамчун усули махсуси ташкили истилоҳоти демографӣ дар забонҳои муқоисашаванда намудҳои гуногуни кӯтоҳкунии калимаро ҷудо мекунанд. Дар умум чунин усули калимасозӣ ба забони англисӣ хос мебошад.

Адабиёт:

1. Абдураҳимов С. Словосочетания с именем существительным в современном таджикском литературном языке. – Канд. дисс. – Душанбе, 1967. – 23 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди I. – Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди II. – Душанбе: Дониш, 1986. – 372 с.
4. Дадаҷонова И. Б. Таҳлили забоншиносии истилоҳоти демографӣ дар забоншиносии тоҷик. – Душанбе, 2011. – 165 с
5. Даниленко В. П. Терминологизация разных частей речи (термины- глаголы // Проблемы языка науки и техники. – М.: Наука, 1970. – С. 40-51.
6. Мешанинова И. И.Член предложения и части речи/ И.И. Мещанинов. – М. – Л., 1954. – 222 с.

Калидвожаҳо: *воситаҳои наҳвӣ, истилоҳ, демография, таҳлил, омӯзиш, муқоиса, таҳлил ва ибора.*

Аннотация

СИНТАКСИЧЕСКИЕ СРЕДСТВА ВЫРАЖЕНИЯ ДЕМОГРАФИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье автор исследует проблему синтаксических средств выражения демографических терминов в таджикском и английском языках.

Следует отметить, что рассмотрение синтаксических средств выражения демографических терминов в таджикском и английском языках и их различия в описуемых языках являются одним из актуальных проблем современного сопоставительного языкознания.

Ключевые слова: синтаксические *средства, термин, демография, исследование, сопоставление языков, анализ, фраза.*

Annotation

SYNTAXIC MEANS OF EXPRESSING DEMOGRAPHIC TERMS IN THE TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

In this article, the author explores the problem of syntactic means of expressing demographic terms in Tajik and English.

It should be noted that the consideration of syntactic means of expressing demographic terms in Tajik and English and their differences in the described languages is one of the urgent problems of modern comparative linguistics.

Keywords: *syntactic means, term, demography, research, comparison of languages, analysis, phrase.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҷурабеков Рамазон, магистранти соли дуюми ихтисоси забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Телефон: +992 933111492

Роҳбари илмӣ: н.и.ф., дотсент Муҳаммадсолеҳи М.

Сведения об авторе: Джурабеков Рамазон, магистрант второго курса факультета английского и восточных языков Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни. Телефон: +992 933111492

Научный руководитель: к.ф.н., доцент Мухаммадсолехи М.

About the author: Jurabekov Ramazon, the 2nd year of Master Student of English language Faculty, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Tel.: +992 933111492

ГУЛШАНИ АДАБ

Маҳинаи Сайдаҳмад
магистранти соли аввали факултети филологияи тоҷик

МАСЪУДИ САЪДИ САЛМОН - ШОИРИ ҚАСИДАСАРО

Қасида, яке аз шаклҳои маъмултарини шеър дар назми классикии форсу тоҷики халқҳои Шарқи наздик ва Осиёи миёна ба ҳисоб меравад. «Маънои луғавии қасида қасд шуда ва истилоҳиаш дар сунати адабии форсӣ тоҷикӣ қолаби шеър аст» [2, 3]. Мавзуҳоӣ қасида бисёртар дар шарҳи шоҳон, вазирон,бузургони давлату дин ва фарҳанг, таҳнияти ҷашнҳо, алалхусус баҳору Наврӯз, ҷашнҳои Меҳргону Сада инчунин ситоиши лашкаркашӣ, ваъзу насиҳат, мавзуҳои ахлоқӣ, динӣ, ҳикматӣ,тавсифи шаҳр, суруда мешаванд. Бояд гуфт, ки қасида дар адабиёт жанри омехтаи назм буда, он тамоми мавзуҳоӣ шеърӣ, ишқ, мадҳия, васф, хамр, фахр, марсия ва ғайраро ифода мекунад.

Дар қасидаи мадҳия, мавзуъи мадҳ, асосан ба подшоҳону бузургони дин, ситоиши қудратмандон ва шахсони мувофиқ бахшида мешуданд. Дар аввали асри XIII қасидаи мадҳия бахши аз ҳама зиёди қасидаро ташкил менамуд. Қасида асосан шеъри расмии дарбор буд ва қисми зиёди қасидаи мадҳӣ аз ҳамин мақом дар ҷомеа дарак медод.

Аз ҷумлаи бузургтарин қасидасароёни адабиёти форсӣ шоирон Рӯдакӣ, Унсурӣ, Манучеҳрӣ, Фаррухӣ, Муизӣ, Масъуди Саъди Салмон, Анварӣ, Камол, Исмол ва дигрон ба ҳисоб мераванд.

Ҳабсия як навъидигари қасида мебошад, ки шоирон дар зиндон месуруданд, мавзӯи ҳабсия талаби омӯрзиш, шикоят аз рӯзгор ва бахшиш аст. *«Яке аз шоирони қасидасаро, ки дар сурудани навъи ҳабсия маъруфгаштааст, ва нуздаҳ соли пуразиши худро дар зиндонгузаронидааст Масъуди Саъди Салмон мебошад»* [3, 169-171].

Масъуди Саъди Салмон яке аз суханварон ва донишмандони сулолаи Ғазнавиён ба ҳисоб рафта, дар ин даврон яке аз шоирони муваффақи қасидасаро шинохта мешуд. Падари Масъуд асосан аз шаҳри Ҳамадонӣ Эрон буда, баъди он ки Султон Маҳмуди Ғазнавӣ якчанд маротиба ба Ҳиндустон лашкар кашида, онро забтмекунад, падари Масъуд ҳамроҳи писари Маҳмуд ба Лоҳур меравад ва он ҷо зиндагӣ мекунад. Баъзе муҳаққиқон такя ба осоришоир соли таваллуди ӯро дар байни солҳои 438-439 ҳичрӣ муайян кардаанд. Давраи кӯдаки ва ҷавонии шоир дар шаҳри Лоҳур гузоштааст. Илмҳои замонаашро дар мактабу мадрасаҳои зодгоҳаш омӯхтааст. Шавқу ҳавас ва зеҳни тезу истеъдоди баланди шоир ба ӯ имконият дод, ки дар як муддати кӯтоҳ дарсоҳаҳои мухталифи илму адаб дониши мукаммал пайдо кунад.Ӯ мустақилона адабиёти шоирони муқаддима:устод Рӯдакӣ,Абӯшакури Балхӣ, Фирдавсӣ, Асадии Тусӣ ва ашъори беҳтарини ҳамзамонони худро пайваста мутолиа мекард ва аз бар менамуд. Инчунин забони арабӣ ва ҳиндиро аз худ намуда, минбаъд бо инзабонҳо ашъори дилписанд офарид. Писари Султон Маҳмуди Ғазнавӣ, Иброҳим Сафуддавла Маҳмуд дар Лоҳур ҳокимият мекард ва Масъуд дар дарбори ӯ зиндагӣ карда қасидаҳои зиёде гуфтааст ва яке аз одамони наздики шоҳзода баҳисоб мерафт.

Табиист, ки дар шароити рақобат ва кинаву адовати дарборҳои подшоҳони он замон чунин саодат ва давлату изати Масъуди Саъди Салмон дер давом карда натавонист. Аз сабабе, ки бадхоҳону ҳасудон нисбати Масъуди Саъди Салмон зиёд буда, шоиро бе гуноҳ зиндони мекунанд.

Чуноне, ки шоир мегӯяд.

На Саъди Салмон панҷоҳ сол хидмат кард,
Ба даст кард ба ранҷ ин ҳама зиёву иқор.
Ба ман супурду зи ман бистонданд фиръавнон,
Шудам ба аҷзу зарурат зи хонумон овор...[1, 114-115]

Шоир таъкид мекунад, ки бе гуноҳ зиндонӣ шудааст ва ҳоли ӯ монанди гургест, ки бародарони Юсуф пироҳани Юсуфро ба хунӣ гӯсфанд олуда карда гургро дар хӯрдани вай дар назди Яъқуб муттаҳам карданд.

Масъуди Саъди Салмон қисми зиёди ҳаёти худро дар зиндонҳои Даҳак, Су, Ной гузаронид. Шоир ирдоаи матин ва дили бузург дошт, иродаи ӯро ҳама зулму азобу ранҷи беҳисоби зиндонҳо шикаста натавонист. Масъуд дар нази ашхоси пасти нолоиқ ва золиму

хунхор сари таъзим хам карданро муносиб намедонад, ӯ ҳангоми ба сари инсон омадани ҳама душворию сахтии рӯзгор монанди санги осиё устувор буданро талаб мекунад.

«*Масъуди Саъди Салмон пас аз зиндон шудан ҳаётузиндагиро дуруст дарк карда, дар ин муддат шеъру қасидаҳоизиёде эҷод кардааст» [4, 131-145]».*

Қасидасароёни асри XI-XII аз ҷумлаи Масъуди Саъди Салмон, Саъдии Шерозӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Салмони Совачӣ, Убайди Зоконӣ ва дигарон мебошанд. Носири Хусрав ашъораш то ҳадде бо Масъуди Саъди Салмон қобили муқоиса аст. *«Албатта ӯ дар маҳдудае ба номи зиндон кашиданашудааст, аммо дараи тарснок, ки солҳо тани дардманди ӯро дароғӯш кашида буду паногоҳи вай ба ҳисоб мерафт васф мекунад» [5].*Монандии мазмун дар қасидаҳои Масъуди Саъди Салмон бо Носири Хусрав танҳо дар байёни ҳолати дардмандии онҳо дар қасидаҳояшон дида мешавад. Асосан қасидаҳои арабии Саъдии Шерозӣ дар даврони таҳсилоту сафарҳояш эҷод гардидаанд, ва онҳо дар бораи шикасти Аббосиён аз муғул баён гардидаанд. Дар қасидаҳои Саъдии Шерозӣ мавзуъи ахлоқ дар мазмун мавқеъи бузург дорад. Ахлоқ на танҳо дар қасидаҳои мадҳии эшон ба назар мерасад, балки 14 қасида аз маҷмуъи қасидаи форсии ӯ дорои мазмунҳои ахлоқӣ ва ишқӣ мебошад.*»Саъдӣ бовуҷуди он ки дар қасидасароӣ, анъанаи гузаштагони адабиёти форсу тоҷикро идома додааст, вале дар равиш ва сунати қасидасароӣ, ибтикоре ворид намудааст» [3, 101-106].*

Таъсири Масъуди Саъди Салмон ба шоирони дигар мушоҳида карда, мешавад. Бисёре аз мазмуну ташбеҳоте, ки дар қасидаҳои шоир омадааст, дар қасидаҳои шоирони пас аз вай низ ба кор рафтааст ва ин иқтибос ё ҷанбаи такомулӣ дорад, яъне шоирони иқтибосгар бо ҳамон мазмунҳое, ки аз Масъуд гирифтаанд, қасидаи беҳтар аз вайсохтаанд, ба монанди Саъдиву Ҳофиз. Танҳо нуқтае, ки акнун метавон гуфт, ин аст ки бегумон қасидаҳои Масъуди Саъди Салмон дар шоирони ҳабсиясарои дигар таъсири босазое кардааст.

Вобаста ба оне ки Масъуди Саъди Салмон то кадом дараҷа дар ин ҷода муваффақ гаштааст дар қасидае аз ашори эшон метавон қонеъ гашт, ки шоир дар қасидаи мазкур хешро дар ин ҷода комёб меҳисобад.

Ба назму наср касеро гарифти хор сазост,
Маро сазост, ки имрӯз назму наср марост.
Ба ҳеҷ вақт маро назму наср кам нашавад,
Ки назму насрам дур (р) асту табъи манн дарёст.
Ба лафз оби равонаст табъи ман, лекин,
Ба гоҳи касрату қувват чу оташ асту ҳавост...[1, 188-189].

Хулоса Масъуди Саъди Салмон дар адабиёти форсу тоҷик саҳми арзандае гузоштаст, аз ин хотир менавон гуфт, ки қасидаҳои шоир аз лиҳози сабки баён соддаву бетакаллуф ва табии буда, ва идомаи сабки гузаштаи адабиёти форсу тоҷик аст.

Адабиёт

1. Гулшани адаб. – Душанбе: Эҷод, 1975. – 455 с.
2. Казакова У. Қасида ва суннатҳои қасидасароӣ дар адабиёти форсу тоҷик (қарнҳои XIII-XIV). – Душанбе: Эҷод, 2017. – 335 с.
3. Казакова У. Қасида дар қарнҳои XIII-XIV. – Душанбе: Эҷод, 2006. – 400 с.
4. Сайдализода Шодмон Абдувоҳид. Масъуди Саъди Салмон ва адабиёти араб. – Душанбе: Эҷод, 2019. – 574 с.

Калидвожаҳо: *Масъуди Саъди Салмон, қасида, форс,шоир,адабиёт,мадҳия, ҳабсия, Ғазнавиён, донишманд, аср, адабӣ.*

Аннотация

МАСУД САДИ САЛМАН - ПЕВЕЦ КАСИДЫ

В этой статье автор приводит информацию о жанре касиды и е ё видах. В частности, он упоминает известных мастеров этого жанра в поэзии XI-XII веков. Фактичиски, главными темами таких стихотварения в то время были воспевание, мораль, религия и другие, которые подвергаются анализу в данной статье. Самим изветным певцом касиды того периода был Масуд Салман, создавший все возможные виды касиды.

Ключевые слова: *Масуд Саади Салман, касида, персидский, поет, литература, воспевание, религия, мораль, газневиды, ученый, век.*

Annotation

MAS`D SA`DI SALMAN A POET OF POETRY

In this article, the young recarcher provides information on the genre of kasida and its typec. In particular, he was able to mention the famoys poets of the XI th-XII centyries. In fact, the main themes of the poem at that time were hymns, arrectc, moralc, religion, atc, about which they gav information. The most famouccasidasara of theat period was Mas`d Salman, who created all cends of casidas.

Keywords: *Mas`dSa`di Salman, kasida, Persian, poet, literature, hymn, arrest, ghaznavid, cholar, century, literature*

Маълумот дар бораи муаллиф: Маҳинаи Саидаҳмад, магистранти соли аввали факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: +992 988427370

Роҳбариилмӣ: доктори илми филология, профессор Казакова Умриниссо

Сведения об автор: Махинаи Саидахмад, магистрантка первого курсо факультета таджикской филологии ТГПУ па имени С. Айни. Телефон: +992 988427370

Научный руководитель: доктор филологических наук, профессор Казакова Умриниссо

About the author: Mahinai Saidahmad, 1st year Master Student at the Tajik Philology Faculty of Tajik State Pedagogical University by named after S. Aini. Phone number: +992 988427370

Supervisor: doctor of philology, professor Kazakova Umrinisso

Назарова Мадина,
магистрантии соли аввали факултети филологияи тоҷик

МАСЪАЛАҲОИ ДӮСТӢ ВА ВАФОДОРӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТ ВА ФАРДИЁТИ САЪДИИ ШЕРОЗӢ

Масъалаи дӯстию вафодорӣ дар эҷодиёти Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Ғояи дӯстиву вафодорӣ ва иттифоқи мардум дар таълимоти тарбиявӣ ахлоқии Саъдӣ бо гуманизми ӯ алоқаи узвӣ дорад. Тамоми осори Саъдии Шерозӣ, хусусан дар фардиёти ӯ андешаҳои дӯстӣ ва вафодорӣ ҷои намоён дорад. Дар ин бора фикри адабиётшиноси маъруфи Эрон Алии Даштӣ хеле ҷолиби диққат аст: «Саъдӣ дар «Бӯстон», «Гулистон» қасоид, қитъаҳо, ғазалиёт ва фардиёти худ симои хирадманди дунёдидаеро дорад, ки дар фикри саломати замон аст ва мехоҳад мардумро ба шоҳроҳи салоҳ, ҳусни ахлоқ, дӯстиву рафоқат роҳнамун шавад» [1, 266].

Дӯстӣ ва вафодориро Саъдии Шерозӣ яке аз хислатҳои беҳтарини инсонӣ медонад, дӯстӣ ба қавли Саъдӣ чизест, ки дар ҳаёт ҳама вақт лозим аст. Дар ҳақиқат ҳам, худи ҳаёт аз пастию баландиҳо, талхию ширинихо иборат аст. Инсон ба кадом мусибат гирифтор нашавад, дастгири он пеш аз ҳама ёру дӯст ва одамони наздики он мебошад. Аз гуфтаҳои шоир маълум мегардад, ки ӯ дар таҳти калимаи дӯстӣ ҳам рафиқи худ, ҳам маъшуқа ва ҳам ёри ҳақиқии худро дар назар дорад. Саъдӣ дӯстони самимиро ситоиш намуда, ҳаётро умуман бе дӯст хеш намедонад. Дӯст аз тамоми молу сарват авлотар меистад:

Дунё хуш асту мол азизасту тан шариф,
Лекин рафиқ бар ҳама чизе муқаддам аст.
Мумсик барои мол ҳамасола тангдил,
Саъдӣ ба рӯи дӯст ҳамарӯза хуррам аст [2, 13].

Аз рӯи гуфтаи ӯ, барои барқарор кардани дӯстии ҳақиқӣ ҳар кореро кунӣ, меарзад. Ҳатто аз ҳамаи сарватҳои зиндагӣ дида, аввало дили дӯстонро ба даст овардан лозим аст. Дар ин бора чунин мегӯяд:

То дили дӯстон ба даст орӣ,
Бӯстони падар фурӯхта беҳ [4, 407].

Дӯст ганҷи бебаҳоест, ки онро ба даст овардан, бисёр мушкил аст. Дӯстии наздик ба дард даво шуда, дидори дӯст реши дилро даво мебахшад:

Гар хуни тоза меравад аз реши аҳли дил,
Дидори дӯстон, ки бинанда марҳам аст [4, 369].

Ё ин ки:

Субҳи муборак аст назар бар ҷамоли дӯст,
Бархӯрдан аз дарахти умед висоли дӯст.
Бахтам нахуфта буд, ки аз хоби бомдод,
Бархостам ба шамъи фархунда фоли дӯст [4, 384].

Дар ҳақиқат ҳам одами танҳо, бе рафиқу дӯст, ҳарчанд молу сарвати бисёре дошта бошад ҳам, танаи хушкест, ки аз он боре сабз нахоҳад шуд.

Ба ақидаи Саъдӣ зиндагӣ бе дӯст хушку холӣ аст. Одам, мегӯяд шоир, ҳатто ба коре завқе ҳам пайдо намекунад. Ҳаёт бо дӯстон хушу хурсандона мегузарад ва фақат бо дӯстию вафодорӣ аз ҳаёт баҳраманд шудан мумкин аст. Дар дунё зиндагиро бо дӯстон, рафиқони оқил гузаронидан, як лаззате дорад:

Завқе чунон надорад бе дӯст зиндагонӣ,
Дудам ба сар барояд з-ин оташи ниҳонӣ [4, 401].

Ё ин ки:

Хуш он соат нишинад дӯст бо дӯст,
Ки сахтӣ гардад ошӯби рақибон.
Сазои душманон ин баски бинанд,
Ҳабибон рӯй дар рӯи ҳабибон [4, 684].

Шоир қадру қимати дӯстро чунон баланд медонад, ки аз сад сол бо ишрат зиндагӣ кардан дида, як нафас бо дӯст буданро авлотар мешуморад:

Даме бо дӯст дар хилвате, беҳ аз сад сол дар ишрат,
Ман озодӣ намехоҳам, ки бо Юсуф ба зиндонам [4, 331].

Шоир дар ҳама мавридҳо, сахтӣ ва тангии аҳвол дӯстро мададгор ва дастгирии дӯст мешуморад. Ҳар нафаси бо дӯстон гирифта, ҳар сухани бо дӯстон гуфтаро қимат медонад.

Шоир ҳатто пеши дӯст занҷирбанд буданро аз он, ки бо бегонагон дар бӯстон озод бошӣ беҳтар ва авлотар медонад:

Пой дар занҷир пеши дӯстон,
Беҳ ки бо бегонагон дар бӯстон [4, 171].

Саъдӣ тайёр аст, ки ҳазор хешу ақрабои бемуруватро қурбони як бегонаи бомурувват кунад ва ин андешаи шоир заминаи реалӣ дошта, аз рӯзгор бархостааст:

Ҳазор хеш, ки бегона аз Худо бошад,
Фидои як тани бегона, ки ошно бошад [4, 196].

Саъдӣ ба сухани онҳое, ки аз дӯсти дурушт, ёри бад даст бардоштанро ба ӯ талқин мекунанд, гӯш намекунад ва таъкид мекунад, «ки дӯст гарчи бадхӯ ва дурушт аст, ба ӯ набояд хиёнат кард» [3, 164]. Ҳар як ранҷу роҳати аз дӯст расидаро нек мешуморад. Саъдӣ ин фикрашро чунин баён мекунад:

Гӯянд: «Раҳо кунам, ки ёри бадхӯст,
Хубиш наярзад ба дуруштӣ, ки дар ӯст,»
Биллоҳ бигузоред миёни ману дӯст!
Неку баду ранҷу роҳат аз дӯст накӯст! [4, 416].

Шоир таъкид мекунад, ки дӯст аз гавҳар дида болотар аст ва бинобар ин дӯстро аз даст додан лозим нест. Дар ин бора чунин гуфтааст:

Домони дӯст ба дунё натавон дод аз даст
Ҳайф бошад, ки диҳӣ домони гавҳар ба хасе [4, 382].

Ба фикри Саъдӣ дар ҳаёт дӯстии одамон ҳамеша лозим хоҳад шуд. Махсусан дар вақти ба ягон мусибат ва бадбахтие гирифтор шудани одам, ба ӯ дӯсти наздик лозим аст. Дӯстон пушту паноҳ ва ҳимоягари якдигар мебошанд. Дӯстии мустаҳкам одамро аз қасди душман, эмин медорад.

Чунончӣ, Саъдӣ мегӯяд:

Дӯстони сахтпаймонро зи душман бок нест,
Шарти ёр он аст, к-аз пайванди ёраш нагсалад.
Сад ҳазорон ҳайти якторо набошад қуввате,
Чун ба ҳам бартофтӣ, Исфандиёраш нагсалад [4, 40].

Дар ин фикри Саъдӣ ғояи ваҳдат ва ягонагӣ ҳам инъикос ёфтааст. Саъдӣ дар ин ҷо ба воситаи иттифоқ қувваи бузург ҳосил кардани одамонро нишон медиҳад, ё ин ки дар ҷои дигар оид ба ин масъала чунин мегӯяд:

Ҳар ки бо машварат кунад тадбир,
Ғолибаш ба ҳадаф наёяд шир.
Бехи бемашварат, ки биншонӣ,
Бар наёрад ба ҷуз пушаймонӣ [4, 409].

Чӣ тавре, ки дар боло қайд намудем, дӯстӣ барои ҳаёти инсон зарур аст, вале танҳо дар ҳамон вақт фоида мерасонад, ки мустаҳкаму пойдор бошад.

Саъдӣ якчанд шарти дӯстии самимиро ба миён мегузорад.

А) яке аз шартҳои пойдор шудани дӯстӣ самимият мебошад.

Дӯстии самимӣ ҳамин маъноро дорад, ки дӯстон аз якдигар тамаъ надошта бошанд, бо якдигар меҳрубону дилсӯз ва ҳамдард бошанд. Онҳо шодию хурсандиҳои ҳаёт, сахтию бадбахтиҳои онро бояд бо ҳам бинанд. Махсусан дар вақтҳои дармондагӣ ба якдигар бояд ёрмандӣ расонанд. Чунончӣ: «Дӯстон дар зиндагӣ ба кор оянд, ки бар суфра ҳамаи душманон дӯст намоянд»:

Дӯст машмор он ки дар неъмат занад,
Лофи ёрию бародархондагӣ,
Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст,
Дар парешонҳолию дармондагӣ [4, 23].

Саъдӣ мехост, ки ҳамеша, дӯст дар пеши назараш бошад, шоири инсондӯст, як лаҳза ҳам аз дӯст дил канда наметавонист. Дар як рубоии худ чунин изҳори ақида кардааст:

Он дӯст, ки диданаш биёрояд чашм,
Ба диданаш аз дида наёсояд чашм.
Моро зи барои диданаш бояд чашм,
В-ар дӯст набинӣ ба чӣ кор ояд чашм [4, 743].

Саъдӣ аз ҳамаи неъмати ҳастӣ дӯстиро болотар мегузорад. Барои Саъдӣ асоси нишоти хуррамӣ дӯст мебошад.

Саъдӣ ба одамон таъкид мекунад, ки доимо алоқаҳои дӯстиро бо якдигар устувор кунанд, зеро инсон бе дӯстиву рафоқат хушу хуррамона зиндагӣ карда наметавонад: «Дӯстӣ қуввааст, ки инсон ба туфайли он худро муқтадир медонад ва метавонад, ки ҳамаи душвориҳои зиндагиро паси сар кунад» [3, 174].

Ба қавли Саъдӣ зиндагӣ дар байни дӯстон ба монанди биҳишт аст ва дур аз онҳо ҷаҳаннам:

Бо дӯст кунҷи фақр биҳишт асту бӯстон,
Бе дӯст хок бар сари ҷоҳу тавонгарӣ.
То дӯст дар канор набошад ба коми дил,
Аз ҳеҷ неъмате нотавонӣ, ки бар хурӣ [4, 352].

Агар дӯсту рафиқ беодобу бадахлоқ ва бефаросат бошад, ӯ обрӯи дӯстро паст мекунад, бинобар он аз дӯсти бад ҳазр кардан ва нисбат ба дӯсти накӯкор хушмуомила будан, ба некии дӯстон бо некӣ ҷавоб гардонидан, ба онҳо ҳама вақт шафқат ва меҳрубонӣ карданро Саъдӣ шарти зарурии ахлоқи наҷиби инсонӣ шуморидааст:

Вагар бар рафиқон набошӣ шафиқ,
Ба фарсанг бигрезад аз ту рафиқ.

Б). Вафодорӣ ва садоқат яке аз шартҳои муҳими дӯстӣ ба шумор меравад. Шарти асосии пойдор гардидани дӯстӣ вафодории дӯстон аст. Саъдӣ дӯстро бевафодорӣ тасаввур карда наметавонад. Ин фикри ӯ дар ин фард чунин ифода ёфтааст:

Писареро падар васият кард,
К-эй ҷавонмард, ёд гир ин панд.
Ҳар ки бо аҳли худ вафо накунад,
Нашавад дӯстрӯю донишманд [4, 112].

Дар ҷои дигар чунин мегӯяд:

Ба вафои ту, ки гар хишт занад аз гили ман,
Ҳамчунон дар дили ман меҳру вафои ту бувад [4, 455].

Модоме, ки дӯстон аҳду паймон кардаанд, бояд як умр аз аҳду паймони худ нагарданд. Вафодорӣ ва садоқат дӯстиро мустаҳкам ва пойдор менамояд, эътибори дӯстонро дар назди якдигар баланд мебардорад:

Вафодорӣ куну неъматшиносӣ,
Ки бадфарҷомӣ орад носипосӣ [Девони Саъдӣ, саҳ. 410].

Чӣ тавре ки маълум аст, асоси дӯстиро садоқат ташкил медиҳад ва бинобар ин бояд азҳар гуна рафтору хислати ношоиста холӣ бошад, Саъдӣ талаб дорад, ки дар муносибат бо дӯстон мувофиқи аҳволи онҳо бояд рафтор кард:

Хоҳӣ ки бо табъи ҳама кас дорад дӯст,
Бо ҳар ки даруфтӣ чунон бош ки ӯст [4, 680].

Ба қавли Саъдӣ ҳама кас дӯсти ҳақиқӣ шуда наметавонад, бинобар ҳамин ҳам ба ҳар дӯст асрори дилро баён кардан дуруст нест, аввал ӯро санҷидан лозим аст, дар як матлаи рубоияш таъкид мекунад: «бо дӯст чунон ки ӯст мебояд дошт, ва агар ӯ дӯсти ҳақиқӣ бошад», «хуноба даруни пӯст мебояд дошт». Дар ҷои дигар чунин мегӯяд:

Гар коми дил аз замона тасвир кунӣ,
Бефоида худро зи гамон пир кунӣ.
Гирам ки зи душман гила орӣ бари дӯст,
Чун дӯст ҷафо кунад, чӣ тадбир кунӣ [4, 662].

Шоир дар ин ҷо дӯстӣ ва вафодории ду тарафро салоҳ мешуморад ӯ ин фикри худро дар мисоли шамъу парвона, ки байни худ муносибати яктарафа доранд чунин ифода кардааст:

Кас аҳди вафо чунон ки парвонаи хурд,
Ба дӯст ба поён нашунидам ки бурд.
Миқроз ба душманӣ сараш бармедошт,
Парвона ба дӯстиш дар по мемурд [4, 741].

Ҳамин тавр, шоир дар дӯстию вафодорӣ хеле эҳтиёт буданро шарт мешуморад. Маҳз бо эҳтиёткорию санҷиш ёру дӯсти ҷониро ба даст овардан, пайдо кардан мумкин аст. Бо ёри ҷонӣ аз рӯи ақидаи шоир тамоми вуҷуду ҳастии худ ва ҳатто ҷони худро қурбон кунӣ ҳам меарзад:

Маро гояти мақсуд аз ҷаҳон эй дӯст,
Ҳазор ҷони азизат фидои ҷон эй дӯст.
Чунон ба доми ту улфат гирифт мурғи дилам,
Ки ёд мекунад аҳди ошён эй дӯст [4, 387].

Вафои дӯстон аз он иборат аст, ки дӯстро дар тангдастӣ дастгирӣ намояд:

То ба гиребон нарасад дасти марг,
Даст зи доман накунемат раҳо.
Дӯст набояд, ки ба ҳақиқат, ки ӯ
Дӯст фаромӯш кунад дар бало [4, 342].

Хулоса, масъалаҳои дӯстӣ ва вафодорӣ яке аз мавзуъҳои ҷолиб ва матраҳ дар ғазалиёт ва фардиёти Шайх Саъдӣ буда, дар маҷмуъ, дар осори бузурги ӯ ҷойгоҳи намоён дорад.

Адабиёт:

1. Алии Даштӣ. Қаламрави Саъдӣ. – Теҳрон, 1960. – 348 с.
2. Матни комили девони Шайх Саъдии Шерозӣ, бо кӯшиши Мазоҳири Мусаффо. – Теҳрон, 1939. – 452 с.
3. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 2. – Душанбе: Маориф, 1978. – 480 с.
4. Саъдии Шерозӣ. Девон. Таҳияи С. Сиддиқов (Куллиёт). Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 342 с.

Калидвожаҳо: *Саъдии Шерозӣ, таълимот, газал, фардиёт, осор, дӯстӣ, вафодорӣ, гоя, тарбия, масъала.*

Аннотация

ПРОБЛЕМЫ ДРУЖБЫ И ПРЕДАННОСТИ В ГАЗЕЛЯХ И ОТДЕЛЬНЫХ БЕЙТОВ САДИ ШИРАЗИ

Муслихиддин Саади Ширази является одним из выдающих поэтов и писателей персидско-таджикской литературы, а в его произведениях разработаны и анализированы множество важных жизненных проблем и трудностей. Проблема дружбы и преданности занимает важное место в произведениях Саади Ширази, в том числе в газелях и отдельных бейтов. Идея дружбы, преданности и единства народов в нравственно-этических взглядах Саади Ширази имеет тесное отношения с его гуманизмом. Во всех произведениях Саади Ширази, в том числе в отдельных бейтах (фардиёт) проблемы дружбы занимают достойное место.

Ключевые слова: *Саади Ширази, учение, газель, отдельные бейты (фардиёт), творчество, дружба, преданность, идея, воспитание, проблема.*

Annotation

THE PROBLEMS OF FRIENDSHIP AND LOYALTY IN LYRICS AND SEPARATE POEMS OF SAADI SHEROZI

Muslihiddin Saadi Sherozi is one of the well known poet and writer of the Persian-Tajik literature, where in his work most of the daily problems of humanity are being discussed. The problem of friendshipand loyalty plays an important role in the work of Saadi Sherozi. The categories of friendship,loyaltyand the unity of people in his moral-ethic doctrine have strong connection with humanism. In all his work, especially in his separate poems the problem of friendship and loyalty have a significant pleace.

Key words: *Saadi Sherozi, doctrine, lyrics, separatepoems, category, educating, problem.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Назарова Мадина, магистранти соли аввали факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Тел.: +992 771013121

Роҳбари илмӣ: д.и.ф., профессор Элбоев В.

Сведения об автора: Назарова Мадина, магистрантка первого курса факультета таджикской филологии ТГПУ им. С. Айни. Тел.: +992 771013121

Научный руководитель: д.ф.н., профессор Элбоев В.

About the author: Nasarova Madina, 1st year of Master Student in Tajik Philology Faculty, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Tel.: +992 771013121

Scientific director: Professor Elboev V.

Раҳимова Миҷгона,
магистранти соли аввали факултети филологияи тоҷик

АЪЛОХОН АФСАҲЗОД – МУҲАҚҚИҚИ АДАБИЁТИ КЛАССИКӢ

Дар фаъолияти илмию эҷодии донишманди бузурги тоҷик, доктори илми филология, профессор, Арбоби илму техникаи Ҷумҳурии тоҷикистон Аълохон Афсаҳзод (1935-1999) таҳқиқи масъалаҳои муҳимтарини адабиёти тоинқилобии тоҷик мавқеи калоне дорад ва ӯ дар ин соҳа яке аз мутахассисони шинохтаи илми ҷумҳурии мо ва, умуман, шарқшиносии собиқ Шуравӣ ба шумор меравад.

Аълохон Афсаҳзод, дар баробари тадвину танзими илмии матни осори гузаштагон ва тадқиқу таҳқиқи муфассали ҷанбаҳои гуногуни ҳаёту эҷодиёти Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ пайваста ба таҳқиқу баррасии мушкиливу муаммоҳои сершумори адабиёти бостонии форсии тоҷикӣ низ машғул будааст, ки ин самти фаъолияти пурсамарашро чунин хулоса кардан мумкин аст:

Ба назари аввал чунин менамояд, ки хонандаи тоҷик имрӯз аз шебу фарози зиндагӣ ва эҷодиёти сухангустарони мозӣ батамом огоҳӣ дорад, ҷамъашонро медонаду мехонаду мефаҳмад. Аммо, дар асл, ба истиснои чанд адиби маъруфи гузаштазамон, ки ҷараёни рӯзгору муҳтавои осорашонро ҳамватанонамон хуб медонанд, ҳанӯз аҳволу асрори даҳҳову садҳо қаламкашони соҳибмақому кутуби зиқимати адабиёти ғановатманди форсии тоҷикӣ номаълуму номакшуфу номатбуъанд, ки диққати донишманди дилсӯзу ҳадафшиноси тоҷикро ҳамора ҷониби худ кашидаанд.

Дар ҳақиқат, Аълохон Афсаҳзод «аз пурмаҳсултарин адабиётшоносонест, ки ба тадқиқи адабиёти пурсарвати классикии тоҷику форс машғуланд. Рисолаҳои ӯ «Ҳофизи Шерозӣ» (1971), «Ҳофизнома» (1971), «Камоли Хуҷандӣ» (1976), мақолаҳои сершумораш, ки дар маҷмуаҳои илмӣ ва маҷаллаву рӯзномаҳо интишор ёфтаанд, ба омӯзиши масъалаҳои гуногун таърихи адабиёт ва шиносонидани хонандагони тоҷик бо суханварони маъруфи гузаштаамон Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Фаррухии Систонӣ, Унсурӣ, Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Ҳоқонӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Суҳайлӣ, Ҳотифӣ, Давлатшоҳи Самарқандӣ, Мактабии Шерозӣ ва амсоли инҳо бахшида шудаанд» [3, 265].

Афзуданист, ки Аълохон Афсаҳзод дар ҷараёни таҳқиқу баррасии муаммиёти ҳаёту эҷодиёти хомафарсоёни давраи қадим аз содда ба мураккаб, аз ҷузъ ба кул, аз омӯзиши жарфи мавзуъ ба ҳаллу фасли густардаи он қадам бармениҳад, ки суннату қоидаи кори донишмандони забардасти кулли давру замонҳо ва халқу маконҳо буда, дар адабиётшиносии муосири тоҷик Устод Айнӣ, Абдулғанӣ Мирзоев, Шарифҷон Ҳусейнзода, Холиқ Мирзозода, Муҳаммадҷон Шукуров, Расул Ҳодизода ва дигарон ҷиддан риояташ кардаанд. Барои мисол, ӯ даставвал саропойи навиштаҷоти Хоҷа Ҳофизу ҷаҳони фикру андеша, сабку услуби нигориш ва паҳнои мактаби эҷодиашро «ба майдони пажӯҳиш кашидаву дар қолаби мақолаҳои «Муғаннии Шарқ» (1970), «Ҳофиз ва Камол» (1970), «Ринди оламсӯз» (1971), «Ҷомӣ ва Ҳофиз» (1971), «Инсондӯсти бузург» (1971) ва «Ҳофиз»(1971) дар ихтиёри умум гузорида, сипас рисолаи «Ҳофизи Шерозӣ» (Душанбе, 1971) - ю мақолаҳои гаронсанги «Шарҳи «Девон» - и Ҳофиз» (1986)- у «Тафсири ғазали Ҳофиз «Дӯш дидам, ки малойик дари майхона заданд» (1993) - ро мунташир гардонидааст» [7, 11].

Рисолаи «Ҳофизи Шерозӣ» (Душанбе,1971), ки ҳанӯз дар айёми баргузории ҷашни 650 - умин солгарди зодрӯзи нобиғаи ғазалсаро касмаёб гардида буд, алҳол ягона тадқиқоти мустақил адабиётшиносии дар Тоҷикистон роҷеъ ба лисонулғайби Шерозӣ мунтабиъгардида ҳисоб меёбад, ки хеле фасеҳу балеғу хотирнишин ба қалам омадааст.

«Ҳофизнома» (Душанбе, 1971), ки зодаи ранҷу машаққатҳои мутамодии муъаллиф ва манқабатномаи муфассалу мудаллали суханвари қудсист, яке аз намунаҳои волои силсилаи ватании «Рӯзгору афроди наҷиб» ба шумул омадааст. Ва нашри манқабатномаи «Абдураҳмони Ҷомӣ» (Душанбе, 1978), ки давому ривоҷи бобарори суннату салиқаи мазкур аст, бори дигар ифшо намуд, ки Аълохон Афсаҳзод дар офариниши қиссаву романҳои мусаннади бадеӣ ҳам истеъдоди комилу дасти тамоме дорад. Ва беҳуда нест, ки дар вақташ устод Сотим Улуғзода ба ин офаридаи таъсирбахши таърихии бадеӣ, ки дар ибтидо таҳти унвони «Дарёи нур» интишор ёфта буд, баҳои баланди касбӣ дода, «нигорандаи тафтадилашро барои таълифи минбаъдаи чунин асарҳои шойиставу хонданӣ ғайрату ҷасорат бахшидаанд» [7, 14].

Самараи ҳамин гуна фотиҳаи сафеди устодон, хушбинию дастгирии ҳамагон ва ҷуръату малакаи инфиродии эҷодкор бояд бошад, ки баъдан Аълохон Афсаҳзод ин равиши писандидаи илмиву адабиро дар пажӯҳиши рӯзгору навиштаҳои Низомии Ганҷавию Камоли Хуҷандӣ низ уҳдабароёна ҳусни амал бахшидааст. Аз ҷумла, дар тӯли даҳсолаҳо зодагони табъи ганҷофарини ганҷавиро мунташир гардонидаву ҷанбаҳои гуногуни ҳаёту навиштаҷоташро тавассути дебочаву мақолаву маърӯзаҳои «Лайли ва Маҷнун» (1981, 1989), «Достони ишқу умед» (1982), «Низомии Ганҷавӣ» (1989), «Ганҷофарин» (1991) ва «Қодирсухан» (1992) рӯшанӣ бахшида, дар фарҷоми ҷӯйишҳо рисолаи муфассалу фарозандаи «Низомии Ганҷавӣ» (Душанбе, 1995)-ро ба майдон меовард, ки дар ҳоли ҳозир мукаммалталтарин асар ойид ба ҳаёту фаъолияти эҷодии Ҳаким Низомист.

Ва ё дар ибтидо роҷеъ ба ҷараёни ҳаёту мушаххасоти ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ силсилаи рисолаву мақолаҳои «Ҳофиз ва Камол» (1970), «Камоли Хуҷандӣ» (Душанбе, 1976), «Камоли Хуҷандӣ» (1983, 1989) ва «Хуҷандиям» (1986) - ро ба қалам овардаву дар тадқиқоти ба сайри таърихи ғазали форсии тоҷикӣ тахсисдодааш ин мавзуъро ҳам тафсилу тавзеҳ бахшида, дар ниҳояти кор асари пурқимати «Камоли Хуҷандӣ - устоди ғазал» (Душанбе, 1996) - ро меофарад, ки дар олами камолшиносӣ сухани тозаю бикре мебошад.

Аълохон Афсаҳзод, на фақат аҳволу осори чиҳраҳои маъруфи адабиёти бостонии форсии тоҷикро ба риштаи пажӯҳиш мекашад, балки хонандаро муттасил рӯзгори осори хомафарсоёни камтар омӯхташудаву фаромӯшгашта шиносо мекунад, ки мақолаҳои дар хусуси Абдулғафури Лорӣ, Абӯдулаф, Айнулқуззот, Амирӣ, Ансорӣ, Асадии Тӯсӣ, Асъади Самарқандӣ, Авҳад, Адоӣ, Азизӣ, Алавӣ, Алии Дурдузд, Алишоҳи Машҳадӣ, Амин, Амир, Рӯҳуллоҳ, Асирӣ, Ассор, Афзали Кирмонӣ, Аъраҷи Бухороӣ, Орифии Ҳаравӣ ва дигарон офаридааш гувоҳи рӯшани даъвостанд.

Ҳамчунин, Аълохон Афсаҳзод тавассути асару мақолаҳои «Хоқонии Шервонӣ» (1962), «Низомии Арӯзӣ дар бораи шоирӣ» (1963), «Суҳайлӣ - шоири ҳамасри Ҷомӣ» (1967), «Маҳзани ҳикмат» (1967), «Лайлию Маҷнун» - сароӣ дар асри XV» (1967), «Қиссаи «Вомиқу Узро» (1970), «Баҳсе, ки давом дорад» (1974), «Амир Хусрав намирад ҳеҷ гоҳе» (1975), «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Суҳайлӣ» (1976), «Амир Шайхам Суҳайлӣ ва эҷодиёти ӯ»(1977), «Билқис ва Сулаймон» (1978), «Варқа ва Гулшоҳ» (1978), «Вомиқу Азро» (1978), «Гаршосп» (1980), Масъуди Саъди Салмон» (1984), ва ғайра диққати алоқамандонро ба як қатор масоили умдаи таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ва ҳаёту эҷодиёти намояндагони барҷастаи он нигаронида, шахсан дар ҳаллу фаслашон устодиву пешдастӣ нишон додааст.

Таърихи пайдоишу таҳаввулу густариши баъзе анвоъи шеърии адабиёти классикии фору тоҷик, монанди рубоӣ, дубайтӣ, муаммо, ғазал, мусаммат, маснавӣ ва ғайра, мавриди баррасии маъдуде аз донишмандони ватанию хорҷӣ қарор гирифта бошад ҳам, дар ин ҷода иқдаҳои нокушуда, хулосаҳои носанҷида ва даъвиҳои машкуки зиёде ҷо доранд.

Аз ин сабаб, Аълохон Афсаҳзод дар раванди ҷустуҷӯҳои илмӣ барои қазовати ҳаққу ботили масъалаи мазкура саъю ибтикори самарфарҷоме ба харҷ овардааст. Мин ҷумла, тавассути мақолаҳои «Назира» (1984, 1989), «Панднома» (1984), «Андарз» (1988), «Андарзнома» (1988), «Масал» (1988) ва «Муаммо» (1989), фишурдаи донишу мушоҳадаҳои бисёрсолаи худро бедареғ пешкаши умум кардааст, ки шакку шубҳаҳоро дар ин бобат аз миён бармедоранд.

Ҳамчунин, ба василаи мақолаҳои «Ҳофиз ва Камол» (1970), «Тафсири ғазали Ҳофиз «Дӯш дидам, ки малойик дари майхона заданд» «(1993) ва ҳоказо, ки дар авроқи маҷмуаву маҷаллаву ҷаридаҳои гуногун интишор ёфтаанд, ва бобҳои «Нигоҳе ба сайри таърихии ғазал то Ҷомӣ», «Назирасароӣ дар асри X, хусусиятҳо ва моҳияти он», Ҷомӣ ва ғазалнависони пешин», «Сохт ва композитсияи ғазалҳои Ҷомӣ», «Ғазалиёти Ҷомӣ ва ғазалнависии нимаи дувуми асри XV», ки дар таркиби рисолаи «Ҷомӣ - шоири ғазалсаро» ба ҳам омадаанд, «аксари проблемаҳои:

пайдоишу таҳаввули ғазали форсӣ то аҳди Ҷомӣ ва баъди он;

замону сарчашмаҳои зуҳури «ғазали ҳунармандӣ» дар адабиёти тоҷик;

эҳёи ғазал дар адабиёту муосири тоҷику форсизабонон ва ҳусну қубҳи он ва хурду резаҳои дигари ҷараёни ғазалу ғазалнигорӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ хеле мӯшикофона, бурдборона, бурҳондорона ва устодона гиреҳкушоӣ шудаанд, ки гувоҳи дар ин суфраи донишу биниш ҳам мӯйро нозукона аз хамир ҷудо карда тавонистани Аълохон Афсаҳзоданд» [1, 23-56].

Таърихи адабиёти мардумони гуногуни олам далолат бар он медиҳад, ки равобити ҳасанаи байни адибону адабиёт аз авомили муассири рушду нумуи мутақобила мебошанд, ки чунин қазияро чанде аз навиштаҷоти Аълохон Афсаҳзод ҳам ба сарҳади субут расонидаанд. Аз ҷумла, дар мақолаҳои «Суҳайлӣ - шоири ҳамасри Ҷомӣ» (1967), «Лайлӣ ва Маҷнун» - сароӣ дар асри XV» (1967), «Ҳофиз ва Камол» (1970), «Ҷомӣ ва Ҳофиз» (1971, 1993), «Амир Шайхам

Суҳайлӣ ва эҷодиёти ӯ» (1977), ва «Драмаи Абдусалом Деҳотӣ ва Мирзо Турсунзода «Хусраву Ширин» (1984; ба забони русӣ) ба муносибати эҷодкоронаи шуарои муосири тоҷик бо Низомии Ганҷавӣ, ки самараи дилхоҳе додааст, дар тақризномаю мақолаҳои «Оинаи дӯстӣ» (1960), «Аҳду вафо» (1968), «Навоӣ» (1989), Абдураҳмони Ҷомӣ, ки қофиласолори корвони дӯстии мардумони ҳамҷавори мост, бахшида шудаанд.

Зубдаи мақолаву маърузаву тақризномаҳои зикрёфта, баробари рисолаву навиштаҳои дигари Аълохон Афсаҳзод, дар авроқи маҷмуаҳои «Дар сафи бузургон» (Душанбе, 1986), (1), «Пайванди қарнҳо» (Душанбе, 1989), (2), «Суннатҳои устувор ва навпардозиҳои эҷодкор» (Душанбе, 1989), (3), ва «Корвони сухан» (Душанбе, 1994), (4) фароҳам омада, барои хидмату ёрмандии минбаъдаи ҳамзамону ояндагони ҳидояту раҳнамунӣ шудаанд.

Хулоса, саҳми Аълохон Афсаҳзод дар пешрафти илму маорифи Тоҷикистон бо суханрониҳо, иштирок дар маҷолису ҷамъомадҳо низ зиёд аст ва як идда ҷавонони соҳибзавқу дӯстдори илму донишро роҳнамоӣ кардаву то ба зинаҳои камолоти илмӣ- номзадӣ ва докторӣ расонидааст.

Адабиёт:

1. Афсаҳзод А. Дар сафи бузургон. – Душанбе, 1986.
2. Афсаҳзод А. Пайванди қарнҳо. – Душанбе, 1989.
3. Афсаҳзод А. Суннатҳои устувор ва навпардозиҳои эҷодкор. – Душанбе, 1989.
4. Афсаҳзод А. Корвони сухан. – Душанбе, 1994.
5. Болдырев А.Н. Еще раз к вопросу о Ходжа – Ахраре// Духовенство и политическая жизнь на Ближнем и Среднем Востоке в период феодализма. – Москва, 1985, стр.51.
6. Муллоаҳмадов Мирзо. Шиносоӣ бо муаллиф (охирсухан) // Аълохон Афсаҳзод. Суннатҳои устувор ва навпардозиҳои эҷодкор. – Душанбе, 1989, С. 265.
7. Осорномаи Аълохон Афсаҳзод. Таҳияи А.Раҳмонфар ва В.Элбойзода. –Душанбе: Деваштич, 2004.

Калидвожаҳо: *Аълохон Афсаҳзод, муҳаққиқ, адабиёти классикӣ, матн, донишманд, мутахассис, шарқшиносӣ, таҳқиқ, илм, маориф, шоир, нависанда.*

Аннотация

АЪЛОХОН АФСАХЗОД - ИССЛЕДОВАТЕЛЬ КЛАССИЧЕСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

В научно-творческой деятельности выдающего таджикского учёного, доктора филологических наук, профессора, Заслуженного деятеля науки и техники Республики Таджикистан Аълохона Афсахзода занимает достойное место исследование важнейших проблем дореволюционной литературы таджиков и он в этом направлении он является знаменитим специалистом не только в нашей республики, но и в востоковедческих кругах бывшего Советского Союза. Аълохон Афсахзод наряду с исследованием и текстологическим анализом классических текстов и ислледованием жизни и творчества Мавлоно Абдуррахмана Джами непрерывно занимался многими другими проблемами персидско-таджикской классической литературы.

Ключевые слова: *Аълохон Афсахзод, исследователь, классическая литература, текст, учёный, специалист, востоковедение, исследование, наука, просвещение, поэт, писатель.*

Annotation

ALOKHON AFSAHZOD- RESEARCHER OF CLASSICAL LITERATURE

In scientific and creative activities, an outstanding tajik scientist, doctor of philological science, professor scientist and technologist of Republic of Tajikistan Alokhon Afsahzod the study of the most important proof pre- revolutionary literature of tajiks occupies a worthy place and in this oriental sciences of the former Soviet Union. Alokhon Afsahzod along with study and ordering of classical texts and studying of life and work of Mavlono Abdurahmon Jami continuously dealt with many problems of the Persian- Tajik classical literature.

Keywords: *Alokhon Afsahzod, researcher, classical literature, text, scientist, specialist, oriental study, study (research), science, and writer.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Раҳимова Миҷгона Зафаровна, магистранти соли аввали факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Суроға: шаҳри Турсунзода, маҳаллаи 4 бинои 19. Тел.: +992 933200075

Роҳбари илмӣ: д.и.ф., профессор Элбоев В.

Сведения об авторе: Рахимова Мижгона Зафаровна, магистрантка первого курса факультета таджикской филологии ТГПУ имени Садриддина Айни. Адрес: город Турсунзоде, 4 мкр 19 дом. Тел.: +992 933200075

Научный руководитель: д.ф.н., профессор Элбоев В.

About the author: Rakhimova Mijgona Zafarovna, first-year master's student of the Tajik Philology Faculty of the TSPU named after Sadriddin Aini. Address: Tursunzoda city. Tel: + 992 933200075

Scientific adviser: Professor Elboev V.

Давлатова Мадина,
магистранти соли аввали факултети педагогика

ҶОЙГОҲИ ФАРЗАНД ВА ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ОН ДАР «ҚОБУСНОМА»-И УНСУРУЛМАОЛИИ КАЙКОВУС

Тарбияи насли наврас махсусан ҷавонон яке аз масьалаҳои мубрами ҳаёти мардуми ҷаҳони муосир ба шумор рафта, аз ҳалли дурусти он пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ичтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии мардуми давлатҳои дунё вобастагии калон дорад. Консепсияи милии тарбия сиёсати кунунӣ ва дурнамои давлатро дар соҳаи тарбияи миллии оммаи васеи аҳолӣ махсусан насли наврас, таьлиму тарбияи фарзанд муайян месозад. Он моҳият, мақсаду вазифаҳо ва мазмуни тарбияи миллиро дар марҳилаи нави таърихӣ ба танзим оварда, нақш ва мақоми онро дар ташаккули шахсияти инсони комил муайян месозад, ки яке аз вазифаҳои муҳими имрӯзу ояндаи давлат ва ҷомеа дониста мешавад. Тарбияи наврасону ҷавонон аз замонҳои қадим дар маркази диққати олимону донишмандон будаву ҳаст. Дар ин самт суханони Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши созанда ва бунёдкорона дорад. «Имрӯз, ки мо зери парчами Ватан ва давлати соҳибистиқлол гирд меоем, бояд пеш аз ҳама, ҷавонони мо мазмуну моҳияти арзишҳои истиқлолият, худшиносӣ ифтихори миллӣ ва ваҳдату ягонагии миллатро аз худ намоянд».

Сарвари давлати мо бешак такя ба ҷавонони эҷодкор меҳнатдӯсту дорои тафаккури созанда карда ояндаи Ватану миллати азизамонро дар дасти онҳо мебинад. Бузургону хирадмандони тоҷик бо заҳмату талоши пайвастаашон тавонистанд, ки бароямон як фарҳанги волою ғанӣ ва инсонсозро ба мерос гузоранд. Унсурулмаолии Кайковус дар «Қобуснома»-и худ ба писараш Гелоншоҳ беҳтарин панду ҳикматро ба мерос гузоштааст, ки он на танҳо дар замони худ балки то имрӯз қадру қиммат ва бузургии худро нигоҳ доштааст. «Қобуснома» дар таьрихи адабиёти классикии форсу тоҷик ҳамчун асари тарбиявию ахлоқӣ шинохтаву эътироф шудааст. Қобуснома дорои 44 боб буда, ҳар яке аз бобхо ба масьалаҳои мухталифи ахлоқу одоб оиладорӣ, таҳсили илму дониш, омӯзиши касбу ҳунар ва масьалаҳои дигари ҳаётӣ бахшида шудаанд.

Хусусан, дар боби бисту ҳафтум, ки ном дорад «Андар фарзанд парваридан ва оини он». Дар ин боб Унсурулмаолии Кайковус аз баьзе вазифаҳое, ки бар дӯши падару модар аст сухан рондааст. «Бидон эй азизи ман ки агар Худои туро писаре диҳад аввал номи хуш бар вай неҳ, ки аз ҷумлаи ҳақҳои падарон яке ин аст. Дуввум он ки ба доягони меҳрубон супор ва ба вақти хатна кардан суннат ба ҷой овар ва ба хасби тоқати хеш шодӣ кун, ки ҳофизи Қуръон шавад. Чун бузург шавад агар раият бошӣ вайро пешае биомузӣ ва агар аҳли силоҳ бошӣ ба илми силоҳаш диҳӣ» [1, 77].

Ин баъзе аз таъкидхо аз ҷониби устод Унсурулмаолии Кайковус ба волидон аст, ки он бояд аз тарафи падару модар риоя шавад. Қобусномаи Унсурулмаолии Кайковус саршор аз панду ҳикматҳои дорои чанбаҳои илмӣ мебошад. Баъзан қисматҳои таълиму тарбиявии ин асар, ки қариб ҳазор сол пеш аз ин дар шароиту муҳити тамоман дигар баён шудаанд, то ҳол ҷомеаи имрӯза ба он дастуру ҳидоятхо ниёз дорад. Аз ин рӯ айнан пазируфтану дар амал татбиқ кардан ва ба ҳамаи асар яъне, «Қобуснома» тақлиду пайравӣ намудан аз аҳмият холӣ нест.

Чунончи дар боби бисту ҳафтуми «Қобуснома»-и худ У. Кайковус дар бораи «Андар корзор кардан» гуфтааст. «Эй писар, чун дар корзор бошӣ, он ҷо дирангу сустӣ шарт нест. Чунончи, ки пеш аз он он, ки хасм бар ту шом хурад ту бар вай чошт хӯрда бошӣ. Ва чун дар миёни корзор афтода бошӣ ҳеҷ таксир макун ва бар ҷони худ мабахшой, ки касеро, ки бар гӯр бояд хуфтан, ба хона нахӯспад ба ҳеч ҳол» [1, 25].

Рубоӣ:

Су душман бишир ту дорӣ рамуна,
Наҳаросум вири мири киҳун вардуна.

«Қобуснома»-и У. Кайковус асарест, ки дар он ҳама самтҳои панду андарз ва маслиҳатҳои муфид дар боби «Зан хостан» гуфтааст.

«Эй писар, чун зан хости, ҳурмати худро неку дор. Агарчанд чиз азиз аст, аз зану фарзанд азизтар нест ва чизе зуд аз зану фарзанд дареғ мадор, аммо аз зани босалоҳ ва фарзанди фармонбардору меҳрубон. Ва ин корест, ки ба дасти туст, чунон, ки ман дар байте гӯям.

Байт:

Фарзанд чу парварию зан чу дорӣ,
Бояд, ки ба гуфти оқилон гӯш орӣ.

Аммо чун зан кунӣ, талаби моли зан макун ва талабгори ғояти некӯии зан мабош, ки ба сабаби некӯии маъшуқа гиранд. Зан бояд, ки покиза ва покдин ва кадбону ва дӯстдори шӯй ва шармноку порсо ва кӯтоҳдасту кӯтоҳзабон ва чизнигоҳдоранда бошад, то нек бувад, ки гуфтаанд, ки зани нек офияти зиндагӣ бувад [4, 101].

Яьне, дар ин боб таъкид бар он кардааст У. Кайковус, ки агар зан хостӣ, аз оилаи ботақво ва фозилу бохирад бихоҳ ва дар бобати онҳо, яъне зану фарзанд чизеро дареғ мадор. Ин гуфтаҳои Кайковус, ки дар асри худаш гуфтааст, то ҳол қиммати худро гум накардаанд.

Панду андарзҳо зиёданд ва ҳамаи олимони гузаштаву ҳозира дар бораи тарбияи насли наврас ақидаҳои худро пешниҳод кардаанд, ки истифодаи онҳо аз аҳмият холӣ нест. «Ҳамчунин гӯянд, ки нахуст вазири Ҷопонро пурсидаанд, ки чӣ гуна онон ба чунин пешрафте даст ёфтаанд ва дар маҷоли фановари (технология) ва илм пешсафи ҳама ҷаҳониён гаштанд. Посух додааст, ки «Мо ба омӯзгор моҳҳонаи вазир, масъулияти дипломат ва обрӯи императорро додем ва ин аст натиҷааш» [3, 45].

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки ҳама дар тарбияи насли наврас масъуланд, лекин ҷойгоҳи устодро дар тарбияи ҷавонон касе ва чизе иваз карда наметавонад. Чӣ хеле, ки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомали Раҳмон қайд мекунад, «Ҷавонон бояд сабақҳои истиқлолиятро ҳамаҷониба омӯзанд, аз равандҳои сиёсати имрӯзаи кишвар огаҳ бошанд, таърихи гузаштаву ҳозираи халқи худро гаштаю баргашта аз худ карда, аз Ватан, миллат, забон ва фарҳанги худ ифтихор намоянд». Сарвари давлат дар роҳи бунёду таҳкими давлати соҳибтамаддун ва бофарҳанг, нигоҳ доштани истиқлолияти давлатӣ нақш ва мақому мартабаи ҷавононро хело муҳим арзёбӣ менамояд. Маҳз ҳамин истиқлолияти давлатӣ буд, ки барои рушду ташаккулёбии ҷаҳонбинӣ ва тафаккури созандаи онҳо ҳамчун нерӯи пешбарандаи ҷомеа тадбирҳои зиёде ба тасвиб расиданд, ба мисли Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», «Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон», «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2020» ва ғайраҳо. Ин гуфтаҳо далели онанд, ки давлату миллати мо ба ҷавонони соҳибистеъдоду бофарҳанг ва бо илму ҳунар дастгиранд ва ба онҳо боварӣ доранд, ки дар оянда ин миллату ин давлатро соҳибӣ мекунанд. Зеро бузургони мо ганҷинаи пурқиммате ба мо ба мерос гузоштаанд. Бузургону хирадмандони тоҷик бо заҳмату талоши пайвастаашон тавонистанд, бароямон як фарҳанги волою ғанӣ ва инсонсозро ба мерос гузоранд. Ин фарҳанг чун ҳикмати ҳаёти саропо хайр аст, парчами хирадварзӣ, башардӯстӣ, эътиқод, сулҳу дӯсти ва ободию осудагии инсонҳост.

Қобуснома, ки саропо панду андарз аст масъалаҳое гуфта шудаанд, ки метавон онро бо баъзе суханони имрӯза қиёс кард. Аз қабили волидон дар тарбияи фарзанд нақши аввалиндараҷа доранд,чунки асоси тарбия ин оила ба шумор меравад. Мушоҳидаҳо собит месозанд, ки иддае аз волидон дар тарбияи фарзандон ҳоло низ беаҳмиятӣ мекунанд. Беаҳмиятии онҳо то ҷое мерасад, ки фарзандони онҳо ба ҳизбу ҳаракатҳои ғайриқонунӣ шомил мешаванд ва ҳаёти худро зери хатар мегузоранд. Падару модарро мебояд, ки масъулиятшиносона аз пайи сабақандӯзии фарзандон бошанд, ҳаргиз роҳ надиҳанд, ки онҳо ба роҳи бад раванд. На танҳо гузаштагони мо балки ҳар як шахсияти масъули ҷомеа вазифадор аст, ки дар тарбияи насли наврас саҳми худро гузорад. Тарбияи насли наврас махсусан ҷавонон, яке аз масъалаҳои мубрами ҳаёти мардуми ҷаҳони муосир ба шумор рафта аз ҳалли дурусти он пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии мардуми давлатҳои дунё вобастагии калон дорад. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар замоне ба вуқӯъ пайваст, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ба он сахт ниёз дошт. Мақсад аз қабули қонуни мазкур беаҳмият набудани падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон буд.

Мевае ширинтар аз фарзанд набвад дар ҷаҳон,
То тавони ин самар бо рангу бӯи хуш расон,
Ранги хуш рӯи хуш асту, бӯйи хуш ақли расост,
Гар набошад ин ду хислат зиндаги моро хатост.

Як нуқтаро ба инобат гирифтан лозим аст, ки фарзанди солеҳ ва бомаърифат давоми умри падару модар мебошад ва ба ин хотир барои таълиму тарбияи онҳо ҳеҷ чизро набояд дареғ

дошт. Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тарбияи кӯдакону наврасон ва ҷавононро дар руҳияи арзишҳои суннатию башарӣ яке аз вазифаҳои муҳими имрӯзу ояндаи давлат ва ҷомеа дониста, масъалаҳои демографӣ ва танзими оиларо ҳамчун омили асосии ҷомеаи солим ба миён гузоштаанд, ки роҳу усули самараноки амали намудани онҳо дар қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2006 дар «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Тарбияи насли наврас, махсусан ҷавонон, яке аз масъалахои асосии ҷомеа ба шумор меравад.

Хулоса, нависанда дар асари худ аз забони бузургон чун Анушервон, Бузургмеҳр, Афлотун, Суқрот панду ҳикматхои судманд баён намуда, мардумро ба роҳи рост ҳидоят менамояд. Гуфтан ҷоиз аст, ки панду андарзҳои « Қобуснома» на танҳо барои ҷавонону наврасон, балки ба шахсони сину соли гуногун ҳам аз аҳмият холӣ нест.

Адабиёт:

1. Афзалов Х., Рахимов Б. Таърихи педагогикаи халқи точик. – Душанбе: Маориф, 1994. – 320 с.
2. Раҳимов Х., Нуров А. Педагогика. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 300 с.
3. Унсурулмаолии К. Қобуснома. – Душанбе: Адабиёти бачагона, Ирфон, 2014. – 335 с.
4. Унсурулмаолии К. Қобуснома. – Душанбе: Маориф, 1979. – 458 с.
5. Усмонов Ғ., Шамсиддинов М. Дар роҳи тарбияи насли солим. – Хуҷанд, 2013. – 350 с.
6. Шарифзода Ф. Педагогика. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 258 с.

Калидвожаҳо: *одоб, ахлоқ, волидайн, тарбия, фарзанд, насли наврас, панду ҳикмат, бузургон.*

Аннотация

МЕСТО РЕБЁНКА, ЕГО ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ В «КОБУСНАМЕ» КАЙКОВУСА

Автор на основе конкретных примеров из произведения Унсурулмаоль Кайковуса анализирует роль обучения и воспитания в жизни ребенка. Он подчеркивает, что писатель в своем произведении приводит мудрости и наставления таких великих деятелей как Анушервон, Бузургмехр, Платон, Сократ и этим призывает людей становиться на путь истины. Также надо подчеркнуть, что наставление «Кобусномы « имеют важность не только для подрастающего поколения, а также людей любых возрастов.

Ключевые слова: *вежливость, нрав, воспитание, дитя, подрастающее поколение.*

Annotation

THE PLACE OF THE CHILD, HIS EDUCATION AND UPBRINGING IN "KOBUSNAM" KAIKOVUS

Based on specific examples from the work of Unsurulmaol Kaikovusa, the author analyzes the role of education and upbringing in the life of a child. He emphasizes that the writer in his work cites the wisdom and instructions of such great figures as Anushervon, Buzurgmehr, Plato, Socrates, and this encourages people to take the path of truth. It should also be emphasized that the instructions “Kobusnomas" are important not only for the younger generation, but also for people of all ages.

Keywords: *politeness, disposition, upbringing, child, younger generation.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Давлатова Мадина Тоҷиддинова, магистранти соли аввали факултети педагогика ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Тел.: +992 771771758.

Роҳбари илмӣ: н.и.п., дотсент Фозилов С.

Сведения об авторе: Давлатова Мадина Тоджидинова, магистрантка первого курса факультет начального образования Таджикского государственного педагогичский университета им. С. Айни. Тел.: +992 771771758.

Научный руководитель: к.п.н., доцент Фозилов С.

About the author: Davlatova Madina, is a first-year master’s student at the primary education of Tajik State University named after S. Ayni. Tel.: +992 771771758.

Scientific adviser: Associate Professor Fozilov S.

Нигматова Раджабгул,
магистранти соли аввали факултети филологияи тоҷик

ЗИНДАГИНОМА ВА ТАЪЛИФИ НАХУСТПОВЕСТИ БОЛТА ОРТИҚОВ

Адабиёти ҳар халқ дар заминаҳои муайяни таърихию иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд ва ташаккул мёбад. Ҳамин гуна ҷунбишҳо ва таҳаввулоти муҳими сиёсиву иҷтимоӣ дар охири асри Х1Х ва ибтидои аср ХХ, ки бо таъсири шароити Осиёи Миёна, ҳаракатҳои инқилобии меҳнаткашони Россия ва партияи болшевикии он ҳаракати маорифпарварӣ ба амал овард ва вобаста ба ин дар доираҳои зиёиёни пешқадами тоҷик дар нимаи аввали асри ХХ масъалаи усули нави таълиму тарбияи насли наврас аҳамияти калон пайдо кард. Дар натиҷаи ин, дар бораи зарурати ба вуҷуд овардани адабиёти махсусе барои бачагон фикру мулоҳизаҳои ҷиддӣ ба миён омад.

Дар таърихи адабиёти муосири тоҷики нимаи дуюми садаи бистум, алалхусус солҳои шастум-ҳаштодуми он, як давраи навсозӣ ва такомули жанрҳои бадеӣ ва тозагиҳо дар хусусиятҳои ғоявию мавзӯи ва услубию бадеии онҳо маҳсуб мегардад. Мо ин даврароро бо пуррагӣ метавонем як марҳилаи нави таҳаввули жанрҳои асосии насри бадеӣ ба мисоли ҳикоя, қиссаву роман дар адабиёти наврасону бачагон номгузорӣ намоем, ки рушди ин нави адабиёт бо номи П.Толис, А.Шукуҳӣ, Болта Ортиқов ва Раҷаб Амонов, Д.Раҷабӣ, А.Баҳорӣ, М.Шарқӣ ва дигарон ба майдони адабиёт қадам ниҳоданд, ки дар таҳаввули жанрҳои ҳикоя ва қиссаи бачагона саҳми муассир гузоштаанд. Аз ҷумла, Болта Ортиқов аз нависандагони пуркори муосири тоҷик буда, бо ҳикояву қиссаҳои ҷолиб дар адабиёти муосири кӯдакон мавқеи хос дорад. Фаъолияти эҷодии ин нависанда асосан аз солҳои 1953 оғоз ёфтааст.

Бояд таъкид кард, ки Болта Ортиқов дар ҷодаи адабиёти бачагона саҳми арзандае дорад. Ӯ аз солҳои панҷоҳуми садаи бистум фаъолияти нависандагии худро оғоз намуда, дар тӯли умри пурбаракати хеш садҳо ҳикояҳои ҷолиби диққат ва дар ҳудуди бист қиссаи бачагона таълиф ва нашр кардааст, ки бо ин осор ӯро ҳамчун нависандаи соҳибсабки адабиёти бачагона муаррифӣ кардаанд. Имрӯз насри адабиёти бачагонаи тоҷикро бе қиссаву ҳикояҳои нависанда Болта Ортиқов - «Таътил», «Полвон», «Бачаҳои Лолазор», «Гули садбарг», «Қиссаи мумиё» ва ғайра тасаввур кардан имконнопазир мебошад. То имрӯз ҳаёту фаъолияти Болта Ортиқовро дар адабиёти муосири тоҷик ва адабиёти бачагонаи тоҷик Муродов Алишер Аслонхонович дар диссертатсияи худ бо мавзӯи «Болта Ортиқов ва таҳаввули насри бачагонаи тоҷик дар нимаи дуюми асри ХХ» бо мавриди таҳқиқу таҳлил қарор додааст.

Солҳои 60-80-уми садаи бист дар таърихи адабиёти бачагонаи тоҷик ҳамчун даврааи таҳаввули насри бачагонаи тоҷик яке аз давронҳои пурбору бобаракат маҳсуб меёбад. Дар ин давра адибоне мисли Пӯлод Толис, Абдулмалик Баҳорӣ, Аминҷон Шукуҳӣ, Д.Раҷабӣ ва дигарон дар адабиёти бачагонаи тоҷик барои устувор ва пайдо гардидани жанрҳои ҳикоя ва қисса хеле саҳмгузор мебошанд.

Яке аз ин гуна нависандагоне, ки барои таҳаввули жанри ҳикояву қиссагӯйи дар адабиёти бачагонаи тоҷик саҳми назаррас гузоштааст, ин Болта Ортиқов мебошад.

Болта Ортиқов 5-уми майи соли 1924 дар деҳаи Боғимайдони шаҳри Самарқанд дар оилаи мӯзадӯз таваллуд ёфтааст. Падари ӯ Қосимов Ортиқ то расидани Инқилоби Октябр чоряккорӣ намуда, пас аз Инқилоб бо мӯзадӯзӣ шуғл кардааст. Соли 1932 дар оилаи Ортиқовҳо мӯсибате рӯй дода, падараш аз олам чашм мепӯшад ва тарбияи Болта бар зиммаи модараш Назарова Марям мегузарад, ки дар колхоз кор карда мактаби ҳафтсоларо хатм менамояду сипас, соли 1942 мактаби миёнаро хатм мекунад. Пас аз хатми мактаби миёна Болта Ортиқов бо сабаби вазнин будани шароитӣ оилавӣ дар колхозе, ки модараш кор мекард то солҳои 1950- ум дар вазифаҳои оврон, чӯпон, ҳисобчӣ кор мекунад. Дар баробари ҳаштсоли меҳнати худ дар колхоз аз ҳаёти боғдорону боғбонон, чӯпонон аз наздик шинос шуда, таҷрибаи зиндагии онҳоро омӯхт ва хуллас, ин солҳои нависандаи оянда барабас нарафт. Гарчанде, ки дар ин солҳо Болта Ортиқов ҳатто фикру хаёли нависанда шуданро надошт, китобҳои бадеиро зиёд қироат мекард, аз забони калонсолон қиссаҳои бисёриро мешунид ва албатта, ба адабиёти бадеӣ шавқи беандоза дошт. Дар яке суҳбатҳои худ бо нависанда Н.Раҷабов ӯ чунин мегӯяд: «.... Дар бачагӣ орзуву ҳавасҳои ман тамоман дигар буданд. Ягон воқеаи тасодуфие низ ба нависанда шудани ман сабаб нашудааст. Умуман, дар мактаб ба фанни адабиёт шавқу ҳаваси калон доштам, китобҳои бисёр мехондам. Аз забони пирамардону пиразанҳо шунидани қиссаву ривоятҳоро

дӯст медоштам. Овони кӯдакиям пур аз ҳодиса, воқеаҳои аҷоибу ғароиб буд. Азбаски вақти таҳсил дар мактаби миёна ба китобхонӣ мароқи зиёд доштам, пас аз хониши мактаб таҳсилро дар факултети филологияи донишкадаи муаллимон давом додам» [5, 107].

Соли 1950 шавқу рағбати беандозаи ӯ ба фанни адабиёт Болта Ортиқовро ба факултети филологияи Донишкадаи омӯзгории Самарқанд меоварад ва соли 1952 ӯ ин маҳзани маърифатро бомуваффақият хатм карда, дар мактаби ҳафтсолаи ба номи Чайковскии ноҳияи Кофарниҳон (ҳоло шаҳри Ваҳдат) муаллимӣ кардааст. Маҳз дар ҳамин дабистон қобилияти нависандагии Болта Ортиқов ошкор мегардаду нахустин навиштаҷотҳои худро дар рӯзномаи девории мактаб ва пасон дар саҳифаҳои матбуотӣ ҷумҳурӣ ба табъ мерасонад. Собиқ директори мактаби ҳаштсолаи ба номи Чайковскии ноҳияи Кофарниҳон Табар Абдураҳмонов даврони омӯзгории Болта Ортиқовро чунин ба ёд меоварад: ...Болта Ортиқзода соли 1952, баъди мактаби омӯзгориро дар Самарқанд хатм кардан, барои кор рост ба мактаби мо омад. Ҷавони орому хушфеъл буд. Аз рӯзҳои аввали омаданаш ба корҳои ҷамъиятӣ ёрӣ медод. Рӯзномаҳои девории мактабамон хубтар шудан гирифт.Сонӣ фаҳмидам, ки хурд-хурд хабарҳо менавиштааст. Лекин барои ман хурсандиовараш ҳикоянависии ӯ буд. Вақте ки аввалин ҳикояаш бо номи «Сӯхтор» дар рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» чоп шуд, аз Болта Ортиқзода ман бештар хурсанд шудам.

Аз мактаби мо ҳам нависанда мебаромадааст,- гуфта шодӣ мекардам. Агар хато накунам, ин соли 1953 буд. «Ана дидӣ, мактаби мо чи хел бахосият аст»,- мегуфтам ба муаллимӣ самарқандӣ. Боз ҳикояҳои дигар навишт, ки саҳифаҳои маҷаллаи «Машъал» ва «Пионери Тоҷикистон» -ро зеб доданд. Дере нагузашта ӯро ба маҷаллаи «Машъал « ба кор даъват карданд. Мо ифтихор доштем, ки вай дар мактаби мо нависанда шуд ва аз ҳамин ҷо рӯ ба пойтахт парвоз кард» [5, 113].

Соли 1954 Болта Ортиқов барои кор ба ҳайси мудири шуъбаи мактубҳои маҷаллаи «Пионер» ба Душанбе меояд ва то соли 1955 дар инҷо фаъолият мекунад. Баъд ба сабаби бемориаш як сол аз кор бозмемонаду гашта ба ҳайси омӯзгор ба мактаби ноҳияи Ваҳдат бармегардад. Аз апрели соли 1958 Болта Ортиқов боз ба кори матбуот бармегардад ва то соли 1963 ба вазифаи хабарнигори махсуси рӯзномаи «Маориф ва маданият « ба кор мепардозад. Ин солҳо ҳамчун солҳои пурбору чӯшу хурӯши зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии Болта Ортиқов маҳсуб меёбанд, ки теъдоди зиёди муҳимтарин ҳикоя ва қиссаҳои нависанда дар ҳамин давра эҷод шудаанд. Дар Душанбе, санаи 16-17 декабри соли 1959 конфронси адибони ҷавон баргузор гардида, дар бахши наср, очерк ва публисистикаи он нахустин қиссаи Болта Ортиқов бо номи «Таътил» мавриди муҳокима қарор дода шуд. Аз нигоҳу назари устоди насри муосири тоҷик Сотим Улуғзода қиссаи мазкур баҳои баланд гирифт ва худи ҳамон сол ин қисса ба шакли китоби алоҳида ба табъ расида, аз тарафи аҳли илму адаб пазируфта шуд. Муҳаррирони қиссаи «Таътил» Пӯлод Толис ва Фазлиддин Муҳаммадиев онро чун асари беҳтарини нависанда Болта Ортиқов ва ҳамчун яке аз асарҳои хуби адабиёти бачагонаи тоҷик донистанд. Пӯлод Толис соли 1960 дар бораи «Таътил» чунин навиштааст: «Дар бадали ин ҳафт сол рафиқ Болта Ортиқов барои хонандагони ҷавон хеле очерку ҳикоя ва ду повест навиштааст, ки аз байни онҳо повести «Таътил»-ро алоҳида қайд кардан лозим аст. Повести мазкур чи аз ҷиҳати ғоя ва чи аз ҷиҳати санъат дар эҷодиёти рафиқ Болта Ортиқов як қадами калоне ба пеш мебошад. Дар ин асар нависандаи ҷавон муваффақ шудааст, ки сюжетро завқовар сохта, характери қаҳрамононро (алалхусус қаҳрамонони хурдсолро) фардӣ кунонад, аз дидактикаи зиққунанда тамоман даст кашидааст» [6, 6].

Дар бораи повести «Таътил» Фазлиддин Муҳаммадиев чунин гуфтааст: «Хубтарин асари эҷодкардаи Болта Ортиқов «Таътил» аст. Нависанда дар ин повест дар асоси материалҳои нав, мушоҳидаҳои тоза, бо забони фасеҳу равон чунин фикрро бори дигар талқин мекунад, ки иштироки бачаҳо дар меҳнати ҷамъиятӣ яке аз самарабахштарин роҳҳои тарбия ва такомул ёфтани онҳост» [6, 6-7]. Маҳз ҳамин сол боз ҳодисаи хурсандиовар он буд, ки Болта Ортиқзода бо тавсияҳои Боқӣ Р аҳимзода, Пӯлод Толис ва Фазлиддин Муҳаммадиев чун узви Иттифоқи нависандагон қабул карданд. Маслиҳатҳо ва тавсияҳои арзандаи устодони сухан ва масъулиятнокии узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон воқеан ҳам дар фаъолияти эҷодии ояндаи Болта Ортиқов натиҷаҳои хубро ба даст овард. Аз соли 1964 то 1984 ӯ асосан ба кори эҷодӣ машғул гашта зиёда аз 20 маҷмуаи осор ва қиссаҳои алоҳидаро нашр кардааст. Маҳз, пас аз қиссаҳои «Таътил» ва «Полвон» дар ин давра қиссаҳои нав ба қабили «Гули садбарг», «Бачаҳои лолазор», «Доғи хун», «Қиссаи мумиё», «достони «Самарқанд», «Магнитофон» ва

ғайра таълиф ёфтаанд. Аз солҳои ҳафтодум зиндаги ва фаъолияти меҳнатии нависанда Болта Ортиқов дар зодгоҳаш шаҳри Самарқанд сурат гирифта бошад ҳам, бо Душанбе алоқаи ӯ ногусаста буд. Робитаро наканда ҳар вақте, ки ба Душанбе меомад барои аёдати адибони муқимнишин мерафт, аз ҷумла махсус ба зиерати устод Сотим Улуғзода рафта бо ӯ соатҳо суҳбат меорост

Нависанда Н.Раҷаб дар яке аз чунин вохӯриҳои Болта Ортиқов ва Сотим Улуғзода воқеъ афтода буд, чунин хотира мекунад: «Ҳамин тавр, мо ба даргоҳи Сотим Улуғзода омадем. Болта Ортиқзода канор кушода бо устод вохӯрӣ кард ва маро низ «Ин кас Насим Раҷаб аз таваллуд шуданаш инҷониб дар рӯзномаи кӯдакон кор мекунад».- гӯён муаррифӣ кард. Сипас дар байни ду устод суҳбат тасфид. Болта Ортиқзода дар бораи қиссаи наваш «Юсуфи Самарқанд», ки нусхаи аввалаш «Ғори ошиқон» ном дошт, бо ҷӯшу хурӯш ҳарф мезаду устод бо диққат мешунид.

-Муаллим, бисёр ҷустуҷӯву кофтуков карда бошам ҳам, дар бораи Ғори ошиқон ривояти ибратбахше пайдо карда натавонистам»,- гуфт дар хотимаи суханаш Болта Ортиқзода.

-Дурри мақсуд ба осонӣ ба даст намедарояд,- гуфт дафъатан Сотим Улуғзода,- вале набояд аз ин малол шуд. Худ ривояте тозаву ибратбахше нависед. Сипас ӯ ривоятеро тахминан чунни навиштанатон мумкин, - гӯён маслиҳати мухтасар ва муфид дод, ки аз он Болта Ортиқзода бениҳоят мамнун шуд. Ман ба қувваи ҳофизаи устод қоил будам. Он вақт синни вай вз ҳафтоду панҷ гузашта бошад ҳам, ба адиби аз худаш сенздаҳ сол хурд маслиҳатҳои пуразриш медод» [5, 59].

Вале бинобар ин қадар заҳматҳои нависанда дар ин муддати зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии ӯ, яъне аз солҳои 1984 то охири умраш дар матбуоти даври ва адабиётшиносии Тоҷикистон оид ба асарҳои ин нависандаи мумтоз на нақде на тақризе ба назар намерасад. Яке аз ҳуҷҷатҳои нодире, ки дар давраи фаромӯшӣ оид ба зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии Болта Ортиқов маълумот медиҳад, қарори маҷлиси шӯрои адабиёти кӯдакон ва наврасони Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аз 19 июни соли 1991 аст, ки дар он нависандаи маҳбуби наврасон ба унвони фахрии «Ходими шоистаи маданияти Тоҷикистон» пешниҳод гардидааст, ки дар маҷлис адибону мунаққидони шинохтаи адабиёти кӯдакону наврасон Убайд Раҷаб, Ҷонон Бобокалонова, Юсуф Аҳмадзода, Латофат Кенҷаева, Раҷаб Амонов, Абдулмалик Баҳорӣ, Б.Шермуҳаммедов, Али Бобоҷон, Ҷӯра Ҳошимӣ, Н. Адиева ва дигарон иштирок варзида, хидматҳои Болта Ортиқовро дар рушди адабиёти наврасону кӯдакон зикр намудаанд ва ӯро барои дарёфти унвони фахрии «Ходими шоистаи маданияти Тоҷикистон» сазовор донистанд. Ҳамин тариқ, аз қарори мазкур муайян мегардад, ки нависанда Болта Ортиқов барои хизматҳои арзандааш дар рушди адабиёти кӯдакон ва наврасони тоҷик ба унвони фахрии «Ходими шоистаи маданияти Тоҷикистон» пешниҳод гардидааст, вале чуноне ки маълум аст, ӯ соҳиби ин унвон нагаштааст.

Болта Ортиқов якчанд даҳсолаи ҳаёти худро дар ҳавлии худ дар деҳаи Боғимайдони Самарқанд ба сар бурда, муҳимтарин асраҳои худро низ дар ҳамонҷо таълиф кардааст, ки дар бораи ин лаҳзаҳо Насим Раҷаб чунин мегӯяд:» Ин манзили ҷаннатосо боғи нависандаи маҳбуб Болта Ортиқзода аст. Агар ҳаво гарм бошад, мизбон меҳмонро ба хонаи салқине ҳидоят мекунад. Хонаи барҳавои дарун ба дарун. Суҳбати гарму гуворо оғоз меёбад, суҳбат доир ба адабиёт, хосса дар бораи адабиёти кӯдакону наврасон...» [5, 111].

Ҳарчанд ки нависанда Болта Ортиқзода якчанд даҳсолаи умри худро дар Самарқанд ба сар бурда бошад ҳам, вале адабиёти кӯдакону наврасони тоҷик, алахусус насри бадеии онро дар ин давра низ бе қиссаву ҳикояҳои мондагори ӯ тасаввур кардан имконпазир аст.

Хидмати бузурги дигари Болта Ортиқов дар равшан доштани чароғи адабиёти тоҷик дар Самарқанд ва муддати зиёде сарварии адибони тоҷикзабони муҳити адабии ин шаҳри қадимиро бар зимма доштани ӯст. Бар замми ин, ӯ аъзои Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон низ буда, ба туфайли асраҳои ба ӯзбекӣ навиштаи худ бамисоли «Афандининг ӯғли», «Амир Темур аркининг қисмати», «Боғибаланд анжири» ва инчунин тарҷумаҳои ба ин забонҳо кардааш ва робитаҳои адабиаш бо намояндагони ҳар ду адабиёт ҳамчун пайвандгари миёни адабиёти тоҷик ва ӯзбек шинохта шудааст. Адиби зуллисонайн Болта Ортиқов 19-уми ноябри соли 2001, дар синни 77 солагиаш дар зодгоҳи худ шаҳри Самарқанд аз олам чашм пӯшидааст. Имрӯз ҳамчун нависандаи сермаҳсулу дар ташаккули жанри ҳикоя дар адабиёти бачагона Болта Ортиқов бо эътироф ва эҳтироми хоса аз тарафи хонандаи даврони соҳибистиқлоли Тоҷикистон омӯзонида мешавад. Бевосита бо ташаббуси Пешвои муаззами миллат, Президенти

кишварамон Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола дар қаламравии кишварамон озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ» гузаронида мешавад ва ҳамагон худ шоҳиди он мегардем, ки бештари насрхонони номинатсияи адабиёти муосир ва адабиёти бачагона албатта, аз ҳикояҳову қиссаҳои ҷолиби диққати Болта Ортиқов маълумот медиҳанд ва бори дигар исбот мегардад, ки то имрӯз мавқеи осори Болта Ортиқов қимати худро доро буда, аз тарафи хонандагони ҳама синну сол пазируфта шудааст.

Адабиёт:

1. Адибони Тоҷикистон. Маълумотнома. [Мураттиб Гулназар Келди]. – Душанбе: Адиб, 2003. – 735 с.
2. Адибони Тоҷикистон. Маълумотномаи мухтасари шарҳиҳолӣ. [таҳия ва танзими Асрори Сомонӣ ва Маҷид Салим]. – Душанбе: Адиб, 2014. – 320 с.
3. Айнӣ С. Мактуби кушода ба рафиқ Толис \\ Шарқи сурх. 1948, №4. – С.34-40.
4. Айнӣ С. Куллиёт: дар 15ҷилд. [Тартибдиҳанда К.Айнӣ]. – Душанбе: Матбуот, 2005. – 270 с.
5. Раҷаб Н. Ҳикояҳо аз ҳаёти адибон. – Душанбе: Маориф, 2012. – 208 с.
6. Убайд Раҷаб. Дӯсти бачаҳо. У. Раҷаб., Б. Ортиқов. Мунтахобот. – Душанбе: Маориф, 1976. – 107 с.

Калидвожаҳо: *таҳаввул, насри бачагона, ҳикоя, қисса, повест, жанр, осор, адабиёт, бачаҳо.*

Аннотация

БИОГРАФИЯ И НАПИСАНИЕ ПЕРВОГО ПОВЕСТА БОЛТЫ ОРТИКОВА

В статье дается краткие сведения о рассказах писателя Болты Ортикова «Каникулы», «Полвон», «Дети Лолазора», «Роза», «Легенда о мумии», а затем приводит биографический очерк писателя. Далее речь идет о том, что после завершения учебы в Самаркандском педагогическом институте он приступил к работе в семилетней школе им. Чайковского Кафирниганского района (ныне г. Вахдат). Его первая статья «Пожар» напечатана на страницах газеты «Пионери Точикистон». Автор подчеркивает, что с 1964 по 1984 гг. Болта Ортиков занимается творческой деятельностю, плодом которой являются более 20 сборников и отдельных рассказов. По мнению автора, Болта Ортиков является двуязычным писателем и признан как соединителем двух литератур – таджикского и узбекского.

Ключевые слова: *развитие, детская проза, рассказ, легенда, повесть, жанр, произведения, литература, детская.*

Annotation

BIOGRAPHY AND WRITING OF THE FIRST STORY OF BOLTY ORTIKOV

The article provides brief information about the stories of the writer Bolta Ortikov "Holidays", "Polvon", "Children of Lolazor", "Rose", "The Legend of the Mummy", and then provides a biographical sketch of the writer. Further, it is said that after completing his studies at the Samarkand Pedagogical Institute, he began to work at the seven-year school named after. Tchaikovsky Kafirnigansky district (now the city of Vahdat). His first article "Fire" was published on the pages of the Pioneer Tochikiston newspaper. The author emphasizes that from 1964 to 1984. Bolta Ortikov is engaged in creative activity, the fruit of which are more than 20 collections and individual stories. According to the author, Bolta Ortikov is a bilingual writer and is recognized as a connector of two literatures - Tajik and Uzbek.

Keywords: *development, children's prose, story, legend, story, genre, works, literature, children's.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Нигматова Раджабгул, магистранти соли аввали факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: н.и.ф., профессор Саидов С.

Сведение об автор: Нигматова Раджабгул, магистрантка первого курса факультета таджикской филологии ТГПУ им. С. Айни.

Научный руководитель: к.ф.н., профессор Саидов С.

About the author: Negmatova Radjabgul, the first year Master Student of the faculty of philology, TSPU named after S. Aini.

Scientific adviser: professor Saidov S.

Зиёева Дилором Шамсидиновна,
магистрантка первого курса факультета русского языка и литературы

КАТЕГОРИЯ МОЛИТВЫ В ПОЭЗИИ А.С.ПУШКИНА И ЕЁ ИССЛЕДОВАНИЕ В ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИИ

Как известно, в литературоведении имеются такие проблемы, которые мало изучены или вообще не изучены. Такой проблемой или темой является литературная молитва как в творчестве А. С. Пушкина, так и в русской словесности вообще, связанной с доминантным для российской культуры типом православно-христианской духовности. В нашей статье с применения адекватной предмету исследования методологии, общефилологических, литературоведческих и богословских категорий, которые дают возможность более глубоко и всесторонне изучить предмет исследования.

В течение последних десятилетий в литературоведении наблюдается стабильная заинтересованность в изучении русской словесности в контексте православной христианской традиции, что выразилось в появлении целой серии опирающихся на эти принципы литературоведческих работ, посвященных рецепции русской словесности, освобожденной от идеологических запретов и стереотипов, а также теоретическому обоснованию православной духовной традиции. Это труды С. С. Аверинцева, Н. П. Видмарович, И. А. Виноградова, В. А. Воропаева, Е. А. Гаричевой, В. М. Гуминского, М. М. Дунаева, И. А. Есаулова, В. Н. Захарова, В. П. Зверева, А. Л. Казина, В. Н. Касаткиной, В. М. Кириллина Н. И. Пак, А. М. Панченко, Б. Н. Тарасова, В. Н. Топорова, А. Н. Ужанкова и других.

Данное научное направление непосредственно связано с идеями русских религиозных философов конца XIX в. — начала XX в., размышляющих об истоках русского культурогенеза (Н. А. Бердяев, И. А. Ильин, протоиер. В. Зеньковский, А. Ф. Лосев, В. В. Розанов, В. С. Соловьев, Е. Н. Трубецкой, Г. П. Федотов, П. А. Флоренский, протоиер. Г. Флоровский, С. Л. Франк).

Этот аспект филологии, характерный для последних десятилетий, связан с попытками описания ценностно-онтологических оснований поэтического творчества и изучением православного контекста.

«Искусство русское, самыми недостатками к развитию удержанное в пределах религиозного стиля до позднейшего времени во всей чистоте без всяких посторонних примесей, осталось искусством церковным», — отмечает Ф. И. Буслаев (1). Исторически закономерен тот факт, что корневой системой и основой русской классической словесности стала православная духовная традиция. По мнению С. С. Аверинцева, «Библия была нормой для каждой христианской культуры, а значит, камертоном, по которому старалась себя настроить каждая христианская литература <...>« (2).

Как показывают современные исследования, русская классика сохраняет единство духовно-нравственных установок, названное В. А. Котельниковым «христианским текстом» русской литературы, прочитывающимся «как сквозной для большинства литературных явлений семантический слой, возникающий в результате ассоциативного сохранения или новой филиации в светскую словесность собственного «церковного текста» культуры»3.

В едином православном контексте рассматривает русскую литературу И. А. Есаулов и в связи с этим фактом говорит о необходимости применения к истолкованию текстов отечественной словесности категорий, специфических для ее адекватного понимания. В качестве особых «трансисторических скреп», объединяющих русскую культуру, или категорий филологического анализа, Есаулов называет соборность, пасхалъностъ, христоцентризм, закон и благодать (4).

В качестве основных смыслообразующих и формообразующих мотивов в «христианском тексте» Т. Г. Мальчукова изучает явление кенозиса на материале творчества А. С. Пушкина (в поэтическом изображении природы) (6). В. Н. Захаров обосновывает категорию умиления (в поэтике Ф. М. Достоевского) (7), Е. А. Гаричева и Г. В. Мосалева — категорию преображения (на примере произведений А. С. Пушкина8, Ф. М. Достоевского (9), И. С. Шмелева (10). В. В. Лепахин — категорию как стержневую категорию русской словесности в свете феноменов старчества и иконичности Г. В. Мосалева выделяет «храмостроительство», на основании присутствия образа храма и мотивно-тематического храмового комплекса в подавляющем большинстве произведений русской классической словесности: «Рожденная монастырской культурой, в Храме, русская книжность включается в процесс «храмостроительства» текста.

Словесная материя русского текста стремится принять форму храма, поэтому текст изначально рождается как «словесная храмина». <...> Связь церковного искусства с богослужением обуславливает его сакральную природу и ориентацию на канон. Следовательно, любой вид искусства содержит в себе богословие образа» (3).

Область церковно-поэтического творчества, пронизанная новозаветным духом и имеющая общекультурное значение, оказала огромное влияние на всю русскую поэзию. Проблема влияния молитвы как феномена церковно-литургического творчества на русскую поэзию на сегодняшний день является одной из самых актуальных в литературоведении. Посредством раскрытия образных, структурных и функциональных соответствий поэтических молитв православным молитвословиям, тем или иным частям богослужебного текста в художественных произведениях реконструируются скрытые христианские смыслы.

По определению А. Н. Веселовского, история литературы есть «история общественной мысли, насколько она выразилась в движении философском, религиозном и поэтическом и закреплена словом», и «если <...> в истории литературы следует обратить особенное внимание на поэзию, то сравнительный метод откроет ей в этой более тесной сфере совершенно новую задачу — проследить, каким образом новое содержание жизни, этот элемент свободы, приливающий с каждым новым поколением, проникает старые образы, эти формы необходимости, в которые неизбежно отливалось всякое предыдущие развитие» (6). Следуя мысли Веселовского, представляется важным исследовать христианскую идиоматику классической русской поэзии вообще и поэзии А. С. Пушкина в частности, в которой «национальные идеалы русского народа полнее всего выражены» (6).

Анализируя определенную тему, образный ряд, мотив или категорию поэтического произведения классического периода русской словесности, можно убедиться, что художественный текст непосредственно отражает православное мироотношение поэта, и более того, поэзия оказывается тесно связанной с догматической, онтологической и антропологической системой христианской традиции.

В нашем исследовании мы обращаемся к обоснованию необходимости еще одной филологической категории, позволяющей объяснить глубинные семантические уровни поэтики русской классики вообще и поэзии А. С. Пушкина в частности, — к категории молитвы. Термин «категория» (греч. катг)уор(а — высказывание, обнаружение, обозначение, признак) нами понимается в предельно общем значении слова, как научное понятие, выражающее наиболее общие свойства, связи явлений действительности (8).

Личность и творчество А. С. Пушкина являются в России символом культуры. Феномен всемирной отзывчивости Пушкина состоит в непосредственной открытости творческому духу, умении вбирать в себя и применительно к отечественной аксиологической парадигме преобразовывать мировой культурно-исторический и духовно-нравственный опыт.

При анализе «молитвенного» текста Пушкина может естественно возникнуть ощущение некой идилличности в рассмотрении как художественного мира Пушкина, так и самого поэта. В «молитвенной» поэзии Пушкин показал самое утонченное направление духовной культуры.

В. С. Непомнящий, анализируя взаимосвязи поэзии Пушкина и его духовной биографии, замечает не всеми видимый фундаментальный и ключевой принцип «пушкинской картины мира»: «Автор «Бориса Годунова» и «Евгения Онегина» смотрит на жизнь не из задаваемых ею условий, условий «адской бездны» («Ангел») падшего мира, но с точки зрения идеального человеческого назначения, как бы из иного пространства, где взгляд не затемнен и не искажен логикой падшего мира <...>; откуда все видно иначе — в свете божественной сущности человека, попираемой на каждом шагу, но все-таки живой даже в самой темной душе; в той перспективе христианского идеала, которой новоевропейская логика определила название обратной [разрядка — В. С. Непомнящего]» (10). Это очень важный принцип пушкинского построения текста.

Подчеркнем основные моменты поэзии А. С. Пушкина и места в ней категории молитвы:

1. Категория молитвы в поэзии Пушкина генетически связана с гимнографическим творчеством и православным богослужением, что, с одной стороны, способствует сакрализации и универсализации поэзии Пушкина, а с другой стороны, приводит к формированию индивидуальных свойств его поэтики.

2. Являясь феноменом религиозно-эстетического ряда, молитва в поэзии Пушкина отражает устойчивое стремление поэта выражать богооткровенные истины с помощью художественно-образного языка.

3. «Молитвенное» слово в поэзии Пушкина способствует совершенствованию ее формы, движущейся от эмоционально-чувственного к духовно-аскетическому мироосмыслению, от живописной изобразительности слова к иконической ясности и иератизму; от европейского стиле- и формотворчества к содержательной глубине святоотеческого наследия.

4. Категория молитвы в поэзии Пушкина наряду с такими субстанциальными элементами, как храм и икона, способствует образованию храмово-литургической структуры текста, обнаруживающей глубинную связь поэзии Пушкина с церковным преданием.

Говоря о русской культуре как культуре христианской традиции, И. А. Ильин обнаруживает истоки русского искусства в «действии молитвенном». Русская словесность вообще и классическая литература XIX века в особенности несут в себе черты и свойства «слова духовного — славословящего и поучающего» (11). В «Основах христианской культуры» Ильин приходит к выводу, что «произведение искусства художественно не тогда, когда «эффектна» и «оригинальна» его эстетическая материя, но тогда, когда оно верно своему сокровенному, духовному предмету. <...>.

Литература:

1. Аверинцев С. С. Между «изъяснением» и «прикровением»: ситуация образа в поэзии Ефрема Сирина // Поэты. – М., 1996. – С. 43-96.
2. Есаулов И. А. Категория соборности в русской литературе. – Петрозаводск: Изд-во Петрозаводского ун-та, 1995. – 288 с.
3. Захаров В. Н. Умиление как категория поэтики Достоевского // Теория Традициихристианство и русская словесность. – Ижевск, 2009. – С. 163-185.
4. Ильин И. А. Основы христианской культуры. О сопротивлении злу силой. – М.: А СТ, 2007. – 318 с.
5. Ильин И. А. Основы художества. О совершенном искусстве [Текст] /И. А. Ильин//Собр. соч. В Ют. Т. 6. Кн. 1. – М., 1996. – С. 51-182.
6. Ильин И. А. О тьме и просветлении. Книга художественной критики: Бунин - Ремизов - Шмелев [Текст] / И. А. Ильин // Собрание сочинений в Ют. Т.6. Кн.1. – М., 1996. – С. 183-406.
7. Ильин И. А. Пророческое призвание Пушкина // Пушкин в русской философской критике. – М., 1990. – С. 328-355.
8. Лепахин В. В. Икона в поэзии и прозе А. С. Пушкина // Икона в русской художественной литературе: Икона и иконопочитание, иконопись и иконописцы. – М., 2002 – С. 114-144.
9. Мосалева Г. В. Категория преображения в творчестве А. С. Пушкина // Пушкинские чтения 2011. «Живые» традиции в литературе:жанр, автор, герой текст. – СПб., 2011. – С. 254-262.
10. Мосалева Г. В. «Храмостроительство» русской словесности: старчество и икона // Духовная традиция в русской литературе. – Ижевск, 2009. – С. 74-97.
11. Непомнящий В. С. Феномен Пушкина и исторический жребий России. К проблеме целостной концепции русской культуры //Московский пушкинист - III. – М., 1996. – 39 с.

Ключевые слова: *категория молитвы, христианский текст, культура, традиция, духовность, литературоведение.*

Аннотатсия

КАТЕГОРИЯИ ИБОДАТ ДАР ШЕЪРИ А.С.ПУШКИН ВА ОМӮЗИШИ ОН ДАР АДАБИЁТ

Дар мақола ҳамчун мавод ашъори Пушкин: шеърҳо, достонҳо, роман дар назм ва афсонаҳо истифода шудаанд. Мақсади мақола омӯзиши таъсири категорияи ибодат ҳамчун унсури муҳими модели православии ҷаҳон ба ашъори Пушкин мебошад. Дар мақола кӯшиши муайян кардани миқёси корбурди категорияи дуо дар ашъори Пушкин, ба низом даровардани матнҳои шеърӣ, ки ибодатро дар бар мегиранд, табиати дуоҳоро меомӯзанд, навъҳои намояндагии онҳоро нишон дода, динамикаи таҳаввулоти матнҳои «дуо»-и Пушкин пайгирӣ карда шуда, маҷмуаи матнҳои Пушкин, аз ҷумла дуо, аз ҷумла версияҳо ва таҳрирҳо дар робита бо маҷмуаҳои мотивӣ-мавзуӣ, унсурҳои сохторӣ-муҳтавоии онҳо баррасӣ гардидаанд.

Калидвожаҳо: *категорияи дуо, матни насронӣ, фарҳанг, анъана, маънавият, адабиётшиносӣ.*

Annotation

THE CATEGORY OF PRAYER IN THE POETRY OF A.S. PUSHKIN AND ITS STUDY IN LITERARY STUDIES

The purpose of the article is to study the influence of the category of prayer as a substantial element of the Orthodox model of the world on Pushkin's poetry. The article attempts to determine the scale of the use of the category of prayer in Pushkin's poetry, systematized poetic texts that include prayer, studied the nature of prayers, highlighting their representative types, traced the dynamics of the evolution of Pushkin's «prayer» texts, considered the body of Pushkin's texts, including prayer, including draft versions and editions in connection with their motivational thematic complexes, structural and content elements the genetic and typological features of the embodiment of the category of prayer are determined, and thus the specificity of the reflection of Orthodox axiology through Pushkin's genre, plot-compositional, characterological, and stylistic preferences is revealed; the parameters of Pushkin's poetics are specified in connection with the obtained results.

Keywords: *category of prayer, Christian text, culture, tradition, spirituality, literary criticism.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Зиёева Дилором Шамсидиновна, магистранти соли аввали факултети забон ва адабиёти руси ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: +992 939988972

Роҳбари илмӣ: д.и.ф., профессор Нозимов А. А.

Сведение об автора: Зиёева Дилором Шамсидиновна, магистрантка первого курса факультета русского языка и литературы, ТГПУ им. С. Айни, Телефон: +992 939988972

Научный руководитель: д.ф.н., профессор Нозимов А. А.

About the author: Ziyoeva Dilorom Shamsidinovna, 1st year Master Student of the Faculty of Russian Language and Literature of the TSPU named after S. Aini. Phone.: +992 939988972

Муминова Махина,
магистрантка первого курса факультета русского языка и литературы

ПЕРЕВОД ПРОИЗВЕДЕНИЙ ИВАНА БУНИНА НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

Сейчас главная работа в форме с концепции художественного перевода с произведениями великого русского поэта и писателя XX века исследует характер поэтического текста, поэтому в современной литературе занимает развитие этой темой.

Надо отметить, что одна из форм художественного перевода с одной формы на другой формы языка в произведениях великого писателя XX века, Ивана Алексеевича Бунина повестей и рассказов из другие языки, а также стихи и романы, которые имеют различные сюжеты, связанные с реальной жизненной ситуации из формы России, где русский писатель беседовал на другие языки народов мира и имеют различные формы художественной проблемы человека.

В художественной книге известного русского поэта и писателя XX века Ивана Бунина, особенно в рассказе «Братья Муравья» «Серебряного века», которой показаны положительные формы жизни России и их нравственные проблемы, которые развиваются в этом произведении. В форме рассказа русского писателя мы встречаем различные образы, которые были взяты из реальной жизни и особенностью таких проблем, как культуры других народов, философские проблемы, которые исследованы в вопросах человеческой формы.

Шакуров М. писал: « Литература русского народа, который показывает высокие проблемы, как характеры людей, до настоящего время для таджикских переводчиков являются трудным для перевода» [2, 56-59].

Формирование и совершенствование современной русской литературы на примере творчества великого русского писателя и поэта XX века Ивана Бунина, который писал роман и повести и рассказы говорит о том. что это в литературной форме, которой в развитии культуры и в таджикской литературе была не развитым и понятной и по характеру с различной формы и вопросы с совершенствовании формы, которая имеет по качествой с поэтическими содержаниями определенной жизни, для реальной решении самого произведения.

Таким образом, эта форма работа имеет некоторые особенности некоторые переводы произведений поэтов серебрянного века на таджикский язык имеются некоторые различия в многочисленных переводах различные методы характера перевода произведений русского поэта на таджикский язык, где допускали, как прозаическую, так и поэтическую форму при помощи воплощения авторского воплощения.

Основные сюжетные воплощения русского романа является различные вопросы нравственного и дидактического, а также сатирического и социального вопросов, которые встречаются в различных поэмах великого русского поэта XX века Ивана Бунина. Популярность стихов Бунина в Таджикистане достигает пика к концу 1960-х гг, когда за некоторое время появляются ряд их поэтических произведений и интерпретаций.

Одним из переводчиков был таджикский поэт Э. Мулокандов, который выступил в 1969 г. В Душанбе книгу под названием «Вера в людей», где иллюстрируются русская социальная жизнь.

Яковлев Н.П. писал: «В своих произведениях великий русский писатель Ивана Бунина показал различные темы русской жизни и развивал нравственные темы и сюжетов из реальной действительности и сатирически развивал в своих произведениях» [5, 254].

Центральное место в современной русской литературе занимает предисловия, где занимали произведения таджикского поэта, который показал в своем произведении различные проблемы современной реальной жизни истории таджикского народа,

Ахмедов А.Р. писал «Особенности в Таджикистане, но в таджикской классической литературе можно применить произведения, относящихся к Востоку, которые писали восточные поэты приемлемым приемом в показателе проблемы нравственных жизни» [1, 68].

Один из таджикских переводчиков произведений русского поэта классика мировой литературы является Э. Мулоканов, который исследовал темы патриотическую жизнь стихотворения, когда начинается произведений, где развивается нравственные вопросы в своих произведениях, где в каждой из них он развивает глобальные вопросы современной реальной жизни, которые и сейчас стали актуальными.

Основная тема романа классика мировой литературы Ивана Бунина «Господин из Сан-Франциу» является исследование жизни в Америке и в этой отношения названия самого произведений является нравственные проблемы классика русской литературы двадцатого века.

Другое произведение классика русской литературы является роман «Темные аллеи», гду автор поэта «серебренного века» перевели это произведение на таджикский язык, где для таджикских переводчиков, был очень сложным и автор является переводчик очень много романов, повестей и рассказов на таджикский язык и знакомил таджикских читателей.

Классик мировой русской литературы, лауреат Нобелевской премии Иван Бунин писал такие произведений «Господин из Сан-Франциу», «Темные аллеи», «Жизнь Арсеньева», «Оконные дни», «Антоновские яблоки», «Легкое дыхание», которые сыграли огромную роль в деле воспитание молого поколения, Эти произведения занимают центральное место в истории мировой литературы.

В этих романах и повестей, которые были переведены на таджикский язык великий таджикский переводчик Шамси Собир показывает многочисленные литературоведческие вопросы устного народного творчества русского народа.

Пейзажная жизнь и картины реальной жизни, а центральное место характера романов и повестей показывают о том, что классик мировой литературы исследовал в своих произведениях очень много проблем современной реальной жизни.

Бунин И. А. в письме к С. Андрееву приводит цитату, взятую у Наполеона: «Великие имена возникают на Востоке». Перефразирую высказывание Наполеона, можно сказать, что на Востоке появляются не только великие имена, но и совершаются значительные события. Именно здесь поэт находит те условия и характеры, которые помогают ему раскрыть замысел и идею произведения. Персия, Кавказ неизменно волновали творческое воображение поэт» [2, 68].

Следует отметить, что симпатия русского поэта ярче видно в жизни народов Кавказа, за жизнь и освобождения. Эту тему мы встречаем в романе классика мировой литературы Ивана Бунина в романах «Легкое дыхание», где русских поэт воспевает уважение к русскому народу и вообще присуще русской литературе XX века.

Свободная лирика русского поэта, на примере такие произведения классики мировой литературы Ивана Бунина как «Белая ночь», «Благодарю тебя», «Будь, пожалуйста, послабее», «Была судьба», «В сиреневых сумерках», «Вальс прощания» были близки и понятны таджикскому читателю. И не случайно они в первую очередь были переведены на таджикский язык.

Очень много романов и повестей русского поэта и необычайного интереса показала и сама личность русского поэта. Таджикские переводчики А.Ахмедов, Б.Боронов, Э. Молоканов, А. Умори, А.Мухтар, Шукрулло писали о русском поэте. Так, А.Мухтар в журнале «Садои Шарк» (1961, №5) опубликовал стихотворение «Шоири рус», посвященное русскому поэту.

Они исследовали в своих произведениях и видели в русском поэте великого поэта великого поэта, который писал о свободе человеческой личности и интернационального за свободу жизни людей.

Художественный перевод автора при анализа использовали другие фразы для художественного перевода Ивана Бунина.

Таким образом при анализе переводов Бунина видно, что таджикские переводчики использовали проблемы в философские вопросы в романах этого писателя и поэта.

Сейчас исследования художественного перевода русского поэта с формы современной русской жизни для каждого исследователя является актуальным, поэтому таджикскому переводчику Э. Муллокандов для перевода стихов русского поэта предоставляют более широкий кругозор. Переводы произведений русских поэтов, следует обратить особое внимание на характер названий художественных произведений.

Поэтому автор воссоздан с подлинным художественным вкусом и мастерством. Таджикские переводчики правильно истолковывают образы стихотворения, язык отличается лаконизмом и богатством красок, главное, ему удается сохранить гневную интонацию подлинника.

Таджикский переводчик очень внимательно работает над каждым словами фразой русского поэта. Так, он отказывается от слова «счастье», считая, сто оно придает образу иное освещение. Определив главное в характере героя – корыстолюбие, корьеризм, презрение ко всему русскому, переводчик акцентирует эти качества. Для большей выразительности он использует определение «беватан» - «безродный», слово, которого использует в подлиннике, но оно логически обусловлено ранее сказанным о герое басни, и потому удивительно верно, в духе оригинала, определяет герою. Остается лишь признать, что «беватан» - счастливая находка переводчика. Так, уловив главное, переводчик сумел предельно приблизиться к подлиннику. А

такие находки, ка «беватан», «хаёти нав», «рафтан», делают повествование субъективно-лирическим, придают ему ту эмоциональность, которая является характерней чертой лирики.

Художественный перевод из произведений в переводе Э.Муллокандова, на первый взгляд ни в чем не отступает от оригинала. Тем не менее он не передает смысловой глубины и эмоциональной окрашенности подлинника.

Сейчас таджикские переводчики показывают широкие темы нравственного характера в своих переводах, где развивали бытовые темы современной действительности. При анализе переводов таджикских переводчиков мы исследовали развитие моральные формы нравственных произведений русского поэта. Поэтому, надо обратить, на проблемы нравственных стихов русского поэта, где автор обращает большое внимание на воспитание людей и показывает моральную проблему творчества Пушкина.

Поэтому таджикский переводчик и поэт Х. Юсуфи, который развивает моральные вопросы большой нравственный характер и изменяет в своем художественном переводе слова.

Таджикский литературовед М. Шукуров писал: «Некоторые темы, которые встречаются в произведениях русских поэтов, имеют нравственный характер в стихах, которые встречаются в произведениях таджикских поэтов и писателей классической литературы» [4, 276].

И. Бунин оказывал и продолжает оказывать воздействие на таджикскую литературу в целом, на совершенствование и обогащение художественного мастерства и ее отдельных представителей. Его влияние заметно в поэзии таджикских поэтов.

Поэтому, проблемы, которые показаны в произведениях русского поэта имеют дидактических характер и в переводах на таджикский язык развивается успешно со стороны таджикских поэтов. Надо подчеркнуть и моральную сторону этого вопроса, где мы показали в этой научной работе.

Литература:

1. Ахмедов А. Р. Особенности развития перевода// Памир. №4, 2018. – С.45-55.
2. Бунин И. А. Полное собр. соч. – М.: Наука, 2010. - Т. 5. – 56 с.
3. Смирнов А. Н. Особенности творчества Р. И. Рождественского. – М: Наука, 2021. – 276 с.
4 Шукуров М. Обновление. – М: Наука, 1998. – 276 с.
5 Яковлев Н. П. Характеристика творчества русского поэта Рождественского Р.И. – М: Наука, 2002. – 254 с.

Ключевые слова: *перевод, художественный, оригинал, содержание, текст, творчество, Бунин, писатель, поэт, издание, таджикский язык.*

Аннотатсия

ТАРҶУМАИ БАДЕИИ АСАРҲОИ ИВАН БУНИН БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар ин мақола муаллиф мушкилоти интиқоли мундариҷаи матни аслиро ҳангоми тарҷумаи асари бадеӣ таҳлил кардааст. Муаллифи мақола дар асоси миқдори зиёди мавод мушкилоти интиқоли мундариҷаи матни аслиро ҳангоми тарҷумаи асари бадеӣ нишон додааст. Проблемаи тарҷумаи матни бадеӣ дар адабиёти муосир ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад.

Калидвожаҳо: *тарҷума, бадеӣ, аслӣ, мундариҷа, матн, эҷодкорӣ, осори Бунин, нависанда, забони тоҷикӣ.*

Annotaion

TRANSLATION OF WORKS OF IVAN BUNIN INTO TAJIK LANGUAGE

This article, the author analyzes the problems of conveying the content of the original text when translating a work of fiction. The author of the article, on the basis of a large amount of material, shows the problems of transferring the content of the original text when translating a work of art. The problem of translating literary text occupies a special place in modern literature.

Keywords: *translate, artistry, initial, table of contents, text, creation, traces, writer, Tajik language.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Муминова Маҳина, магистранти соли аввали факултети забон ва адабиёти руси ДДОТ ба номи С.Айнӣ: Телефон: +992 888686873

Роҳбари илмӣ: н.и.ф., дотсент Валиев Н. У.

Сведение об авторе: Муминова Махина, магистрантка первого курса факультета русского языка и литературы ТГПУ имени С. Айни. Телефон: +992 888686873

Научный руководитель: к.ф.н., доцент Валиев Н. У.

About the author: Muminova Mahina, the 1st year master student in the Russian Language and literature Department of the TSPU named after S. Aini. Tel.: +992 888686873

Scientific adviser: Candidate of Philological Sciences, Associate Professor Valiev N. U.

Бобохонова Ганджина Джурахоновна,
магистрантка второго курса факультета русского языка и литературы

ПЕРЕВОД ПРОИЗВЕДЕНИЙ Л.Н.ТОЛСТОГО НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

Сейчас проблема перевода в литературоведении является актуальной темой. Важным фактором общественной формы является взаимодействия народов и культур. Изучение проблем взаимосвязей литератур остается одним из актуальных в современном литературоведении, как в историко-литературном, так и в теоретическом аспекте. При рассмотрении таджикско-русских литературных взаимосвязей большое значение имеет изучение вполне конкретных литературных контактов, в частности, не только переводы-переложения, точные переводы, подражания, но и критические или историко-литературные суждения одного народа о литературе или отдельных писателях другого народа, преломление явлений.

В России встречаются различные поэты, которые имеют огромные количество писателей и поэтов мирового масштаба. К этим поэтам и писателям, классикам мирового масштаба являются А.С.Пушкин, М.Ю.Лермонтов, Н.В.Гоголь, И.С.Тургенев, И.А. Крылов, Н.А.Некрасов, Л.Н.Толстой, А.П.Чехов, А.М.Горький и другие.

Различные проблемы современной жизни, которые встречаются в творчестве русского поэта, которые являются нравственное воспитание молодого поколения, любовь к Родине и другие проблемы встречаются в творчестве русского поэта XIX века И.С.Тургенева.

Особое место занимает богатый материал, который представлен в XX веке в творчестве этого писателя.

Еще в 1931 году один из основателей новой таджикской школы Абдулкодир Шакурии Самарканди под названием «Чомеъ-ул-ҳикоёт» создал книгу, где кроме воспитательные рассказы из классической таджикской литературы, он опубликовал несколько Тургенева.

В настоящее время исследование таджикско-русских литературных связей значительно возрос по отношению к драним проблемам литературы. Взаимодействие литературы между Республикой Таджикистан и Российской Федерации, которые развивались в конце XX века.

Он писал: «Эзоп не годится для нашего времени. Сейчас несложно придумать сюжет для басни, да и, к слову сказать, нет необходимости придумывать его: берите готовый: главное – уметь рассказать его, уметь использовать его»: «Когда однажды, пишет он, – кто-то сказал: медведь в баснях Крылова – это русский медведь, курица – это русская курица», – где в этих словах мы встречаем сатирическое отношение к русскому народу. Но в баснях русского поэта Крылова встречаются различные животные, которые характеризуют различные черты характера людей. Он высмеивает буржуазное общество, где в образе волки, лисицы львы показывает реальные людей богатых людей.

«Сила Толстого – в их реализме - писал русский критик В.Г.Белинский, - какое бы явление, какой бы персонаж ни возьми, он, используя в качестве фона современную ему действительность, раскрывает характерными штрихами их качества и признаки, не отделяя их от социального содержания».

Этот жанр литературы встречаются и в таджикской литературе в творчестве известного таджикского поэта Убайди Зокони, который писал очень много басен различного характера.

Очень много произведений русского писателя Толстого – в 1944 году перевел на таджикский язык и распространил среди таджиков таджикские поэты и переводчики А. Дехоти, М. Миршакар, К. Улуг-заде- Благовешченская. Ознакомившись еще в ту пору с русской классикой, они перевели на таджикский язык очень много произведений из русской литературы.

Нравственные романы Толстого Л.Н. в частности такие произведения, которые показывают различные проблемы реальной жизни были знакомы в Республике Таджикистан.

Таджикские поэты А.Дехоти, А.Умари, Хикмат Рахмат создали произведения о Тургеневе. Так, Л.Хайдаршох в газете «Точикистони Совети (1983, 27 февраля) опубликовал свои стихотворения «Дар назди хайкал», которое посвященное Толстого Л.Н..

Традиция творчества Толстого Л.Н. можно встречать в творчестве таджикских поэтов, которые писали басни и показали в своих произведениях различные проблемы реальной жизни.

Он писал: «глубоко современная в обстановке все расширяющихся культурных связей между народами мира, в новых условиях острой идеологической борьбы - проблема изучения взаимосвязей и взаимодействия литератур определилась как одно из важнейших направлений современной филологической науки» [1, 285].

Литературные связи в настоящее время продолжается в творчестве ряда таджикских поэтов, которые пишут различные темы современной жизни. Известный таджикский критик А. Сайфуллоев писал: «появившиеся в таджикском литературоведении специальные работы, посвященные проблеме взаимосвязи литератур, воздействия одной литературы на другую, лишь первые шаги нашего литературоведения. Воздействие русской классической и современной литературы на таджикских писателей, их учеба у русских классиков, процесс творческого освоения опыта русской литературы не нашли пока еще своего конкретного и глубокого освещения» [2, 56].

Таджикский поэт и переводчик Мирзо Турсунзаде писал: «С наибольшей страстью и любовью я переводил нравственные романы Толстого. Работа эта духовно обогатил меня и сделал серьезной школой мастерства» [3, 54].

Следует сказать, что один из таджикских переводчиков сказал, что очень многое он учился в этого писателя.

Хикмат Рахмат отмечал: «Благодаря чтению и изучению Толстого, особенно переводу его на таджикский язык наши поэты постигли секреты мастерства Толстого Л.Н..» [4, с.67].

Таджикский поэт и переводчик А.Дехоти является поэтом лирического направления, который избрал для перевода нравственные романы Толстого Л.Н.. Надо отметить, что на литературное творчество этого поэта повлияло этого писателя.

На самом деле это не совсем так: еще в конце XIX века имя Толстого Л.Н. было известно в Таджикистане.

Одним из источников сведений о поэте и его творчестве была литература тюркских народностей, в частности узбекская, азербайджанская и татарская. Известно, что переводы произведений Толстого Л.Н. на татарский язык появились еще во второй половине XIX века. Но в большинстве случаев они представляют собой, своеобразные переделки, приспособленные к новым условиям.

Проблема перевода и взаимосвязи национальных литератур представляет собой сложное и многообразное, системное целое, которое можно исследовать с различных точек зрения.

Следует обратить внимание на специально мировоззренческих аспектах данной проблемы. В контексте взаимосвязи национальных литератур с разнононаправленностью духовных, ценностно-этических и конфессиональных идеалов возникает множество проблем, без решения которых невозможно до конца разобраться в сущности взаимосвязи литератур, глубинных механизмах взаимовлияния и взаимообогащения двух культур.

Мы здесь анализируем два перевода одной великого русского писателя Льва Николаевича Толстого на таджикский язык. Этот роман перевели известный таджикский поэт Абдусалом Дехоти и соврменный таджикский поэт Хикмат Рахмат.

Литература:

1. Абдулхаев Дж. Л. Толстой // Коммунист Таджикистана. 1960. – 24 нояб. – С.3.
2. Айни С. Тахзиб-ус-сибён: учеб. пособие для новометодной школы. – Душанбе, 1994. – 62 с.
3. Аташбараб Х. Русская литература в Иране: цикл «Персидские мотивы» С. А. Есенина: автореф. дис. канд. филол. наук:10.01.03. – М., 2010. – 24 с.
4. Аҳрорӣ Ҳ. Сӯҳбат аз санъати тарҷума. [Беседа из переводческого искусства]. – Душанбе: Ирфон, 1984. - С.165-166.

Ключевые слова: *перевод, художественный, оригинал, содержание, текст, творчество, Толстий, материал, основа, текст.*

Аннотатсия

ТАРҶУМАИ АСАРҲОИ ТОЛСТОЙ БО ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар ин мақола муаллиф мушкилоти интиқоли мундариҷаи матни аслиро ҳангоми тарҷумаи асари бадеӣ таҳлил намудааст. Муаллифи мақола дар асоси миқдори зиёди мавод мушкилоти интиқоли мундариҷаи матни аслиро ҳангоми тарҷумаи асари бадеӣ нишон додааст. Проблемаи тарҷумаи матни бадеӣ дар адабиёти муосир ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад.

Калидвожаҳо: *тарҷума, бадеӣ, аслӣ, мундариҷаи матн, эҷодкорӣ, осор, Толстой, шоир. забони тоҷикӣ.*

Annotation

TRANSLATION OF WORKS OF TOLSTOY INTO TAJIK LANGAUGE

This article, the author analyzes the problems of conveying the content of the original text when translating a work of fiction. The author of the article, on the basis of a large amount of material, shows the problems of transferring the content of the original text when translating a work of art. The problem of translating literary text occupies a special place in modern literature.

Keywords: *translation, artistic, original, content, text, creativity, Tolstoy, material, basis, text.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Бобохонова Ганҷина Ҷурахоновна, магистранти соли дуюми факултети забон ва адабиёти руси ДДОТ ба номи С.Айнӣ

Роҳбари илмӣ: дотсент Валиев Н.У.

Сведения об авторе: Бобохонова Ганчина Джурахоновна, магистрантка второго курса факультета русского языка и литературы ТГПУ им.С.Айни

Научный руководитель: доцент Валиев Н.У.

Aabout the author: Bobokhonova Ganjina Jurakhonovna, 2nd year master student of the Faculty of Russian Language and Literature, TSPU named after S. Aini

Scientific adviser: associate professor Valiev N.U.

ТАЪРИХ, ФАЛСАФА, СИЁСАТ ВА ҲУҚУҚ

Валиев Ҷамшед Абдурасулович,
ассистенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ
Ҳалимзода Шоҳрух Абдунаим,
магистранти соли аввали факултети филологияи тоҷик

САҲМИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ-ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАЪСИСЁБИИ АРТИШИ МИЛЛӢ

Таърих гувоҳ аст, ки баъди аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба даст овардани Истиқлолиятӣ комили давлатӣ нофаҳмиҳои муамоангез бо мардуми тоҷик рӯ ба рӯ гашт. Якбора дигаргун сохтани тарзи идораи давлат, норозигӣ баён кардани баъзе афроди муайян ва қисман аҳолии кишвар дар ин миён роҳбари аввалини мамлакат Қаҳҳор Махкамовро аз вазифаи Президент сабукдӯш сохт.

Бо мақсади ба даст овардани оромӣ ва муттаҳиди дар кишвар, Раҳмон Набиев ба сари ҳокимият омад. Гарчанде мардум аз Президенти тозаинтихоби худ орзуҳои нек доштанд, вале мутаассифона ин шахсият орзуҳои мардум ва ҳайати ҳукуматро қонеъ карда натавонист. Мардум инак шахсеро меҷӯстанд, ки дар ҳақиқат қудрат, симо ва заковати сиёсиву фарҳангӣ дошта бошад. Хушбахтона баъди ҷаласаҳои пайдарҳами Шӯрои Олӣ дар ҳақиқат шахсияте пайдо гашт, ки ин орзуву омоли мардумро бароварда тавонад. Ин шахсияти таърихӣ ва яке аз сиёсатмадори ҷаҳон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд. Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои нахустини роҳбарии худ тавонист, ки мардумро ба якдиливу якпорчагӣ даъват кунад ва онҳоро муттаҳид созад.

Ин ҷо бояд нуктаеро қайд кунем, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар замоне ба сари ҳокимият омаданд, ки дар кишвар аллакай ҷангӣ шаҳрвандӣ оғоз гардида буд. Аз хавфи ҷангӣ шаҳрвандӣ, аз кор рафтани баъзе кормандони кумитаву идораҳои давлатӣ ва пароканда шудани ҷузъу томҳо ва қариб, ки намондани кормандони Вазорати мудофиа ва дар ин замина 1400 сарбозу афсари ҷоннисоркарда аз давлатӣ Шӯравӣ ба мерос монд. Тамоми ин ҳодисаҳо дар назди Президенти кишвар Ҷаноби олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулияти бештарро мегузошт. Президенти кишвар аз рӯзҳои нахустини Раиси Шӯрои Олӣ интихоб гардиданашон дар Қасри Арбоб бо чунин суханҳои мондагори хеш «Шахсан ман ҷонибдори давлатӣ демократии ҳуқуқбунёди дунявӣ ҳастам» собит намуданд, ки дар ҳақиқат ба ватану миллати хеш содиқ мемонанд ва хушбахтона чунин ҳам шуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои 1992 сар карда ба ҳалқаи хуни бародакӯш оғушта гашт. Қисман сарбозону афсарон аз кор рафта, қисми дигар кушта шуданд ва чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳояшон қайд намуданд, ки «Дар он рӯзҳои душвор барои таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ ягон заминаи моддӣ мавҷуд набуд, ҷангу нооромӣ, фалаҷ гардидани иқтисодиёт, вазъи нооромии сиёсӣ, нарасидани техника, силоҳу муҳиммоти ҷангӣ, кадрҳои соҳибихтисос, хӯрокворӣ ва сарулибос пайваста эҳсос мешуд», дар чунин шароити бисёр вазнин ва басо мураккаб ҳар фармону супорише, ки аз ҷониби сарвари кишвар мешуд зарурӣ ва барои миллати тоҷик басо муфид буд.

Прокурои генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Юсуф Аҳмадзод қайд мекунанд, ки: «Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни кишварҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ӯ ягона кишваре буд, ки пас аз барҳамхурии Иттиҳоди Шӯравӣ аз Қуввахои Мусаллаҳи он чизе ба мерос нагирифт, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёди Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҷои холӣ аз сифр оғоз намуданд». Бар замми ин дар кишвар гурӯҳу ҳаракатҳои тундгаро ва шахсони силоҳбадаст пайдо гаштанд, ки ин оқибатҳои нохушро бо худ дошт. Дар ин замина ҳукумати мамлакатро зарур буд, ки Қуввахои Мусаллаҳи кишварро таъсис диҳанд. Танҳо баъди ба пуррагӣ ба роҳ мондани фаъолияти ҳукумати қонунӣ ва ба вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ интихоб гардидани сиёсатмадори ҷавон, Роҳбари оқилу хирадманду дурандеш Эмомалӣ Раҳмон, заминаи ҳуқуқии ташкили Артиши миллӣ қабул гардида, 18-уми декабри соли 1992 Фармони Раёсати Шӯрои Олӣ дар бораи таъсисёбии Қуввахои Мусаллаҳи

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид, ки ин фармон як заминаи устуворро барои таъсисёбии Артиши миллӣ муҳайё сохт. Ҳамчунин дар ин рӯз аввалин Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-майор А.В. Шишлияников таъин гардид.

Баробари ба имзо расидани Фармони Раиси Шӯрои Оли Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулинро зарур омад, ки якчанд қисмҳои ҳарбии наверо ташкил диҳанд, ки пеш дар ҳайати Вазорати Мудофиаи кишвар вуҷуд надошт. Чуноне ки собиқ Котиби Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдураҳим Қаҳҳоров қайд мекунанд, ки: «5-уми декабри соли 1992 роҳбари давлат яке аз фармонҳояшонро дар бораи ташкил кардани қисми ҳарбии 3571- ВКД имзо карданд, ки минбаъд Гвардияи Президент ва ҳозира Гвардияи миллӣ дар заминаи ҳамин қисми ҳарбӣ ба вуҷуд омад. Баъдан қариб се моҳ нагузашта моҳи феврали соли 1993 гуфтан мумкин аст, ки қариб дар ҷои холӣ ва набудани ягон хел баззаи моддию техникӣ Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шуд, ки он барои ба тартиб даровардани вазъияти дохилии мамлакат хеле саҳми калон гузошт».

Дар таърихи 23-юми феврали соли 1993 намоши расмии гузашти низомӣ Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол баргузор гардида буд, ки онро метавон гардиши куллие дар ҳаёти Артиши миллии мамлакат номид.

Таъсиси Артиши миллӣ дар шароити нооромии вазъи сиёсӣ сурат гирифт, ки онро ба се марҳила ҷудо намудаанд, ки ҳар як марҳилаи он аз вазифа ва мақсадҳои худ иборат буд.

Мақсади асосии марҳилаи аввал таъсиси Артиши миллӣ, буд, ки қобилияти таъмини истиқлолият, якпорчагии хоки Ватан ва оромии ҳаёти осоиштаро дошат бошад.

Дар давраи дуввум вазифаи асосӣ такмили сохторҳои ташкилию штатии навъҳои асосии артиш ба ҳисоб мерафт.

Марҳилаи сеюми сохтори Артиши миллӣ баъди ба имзо расидани Созишномаи сулҳ ва ризоияти миллӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва собиқ мухолифини муттаҳидаи тоҷик оғоз гардид.

Ҳамин тавр дар ҳаёти низомии мамлакат як силсила қарорҳо қабул гардид, аз ҷумла дар соли 1993 ташкили Қӯшунҳои хушкигарди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Ва соли 1994 Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ташкил ёфт, ки соли 2005 бо Қӯшунҳои мудофиаи зидди ҳавоӣ муттаҳид гардонида шуда, ки дар натиҷа унвони Қӯшунҳои ҳарбии ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро соҳиб гашт. Баъди 10 соли таъсиси Артиши миллӣ бо Фармони Президенти кишвар Сарфармондеҳи Қувваҳои олии мамлакат Эмомалӣ Раҳмон моҳи сентябри соли 2003 Қӯшунҳои зудамали Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт.

Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои чор Оинномаи махсус мебошад. Оинномаи Интизомии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Сафороии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Хизмати Дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи Хизмати Гарнизони ва Сафороии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қабули Оинномаҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист, кори Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар заминаи ҳуқуқӣ ба роҳ монад.

Аз моҳи апрели соли 1995 то соли 2013 вазифаи Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро Шералӣ Хайруллоев ба уҳда доштанд. Аз соли 2013 тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро генерал-полковник Шералӣ Мирзо ба уҳда доранд.

Ҳамасола бо ташаббуси бевоситаи сарвари давлат ба кормандони Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурӣ кӯмак ва дастгириҳои моливу моддӣ карда шуда, қариб ҳамасола бо харҷи миллионҳо сомонӣ ба кормандони ин соҳа хонаҳои истиқоматӣ туҳфа карда мешавад. Тамоми ин ғамхориву ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кормандони ин соҳа далел ва натиҷаи кории хӯбӣ онҳо мебошад.

Мо мардуми соҳибтамаддуни тоҷик ба Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар боварии комил дошта хидмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишварро вазифаи муқаддаси шаҳрвандии худ медонем.

Боиси зикр ва ёддоварист, ки Тоҷикистони азизи мо дар тӯлӣ 30 соли соҳибистиқлолии худ, зери роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, пешрафти комил дар тамоми соҳаҳои ҳаёт новобаста аз шакл ва тарзи идораашон дар ин давра ба хубӣ ва дар сатҳи баланд ба назар мерасад.

Қуввaҳои Мусаллаҳи кишвар дар таърихи 23-юми феврали соли 2022 29 соли муваффақ аз таърихи пурсамари худро натиҷагирӣ намуда, афсарону сарбозони шуҷоъи Ватан, боз ҳам дар таҳкими сулҳу субот ва тинҷиву оромӣ нақшаҳои муайяни кории худро роҳандози карда, барои ҳифзи марзу буми кишвар камари ҳиммат мебанданд.

Мо насли ҷавону ояндасози даврони Истиқлоли ин Ватан мекӯшем то ба қадри хидматҳои шоёни Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон расем ва хидмат ба халқу Ватан ва арзишҳои миллиро эҳтирому эътироф карда, дар пешрафт ва рушди мамлакати азизи хеш саҳми босазо гузорем.

Бори дигар тамоми ҳамватанонамонро ба фарорасии 29 солагии рӯзи таъсисёбии Артиши миллӣ муборакбод мегӯем.

Адабиёт:

1. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 364 с.
2. Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои Истиқлол. – Душанбе: Ганҷ-нашриёт, 2018. – 436 с.
3. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён (нари дувум). – Душанбе: Ирфон, 2016. – 704 с.

Калидвожаҳо: *Пешвои миллат, Президент, Эмомалӣ Раҳмон, артиш, Артиши миллӣ, Истиқлол, Ватан, Қуввaҳои Мусаллаҳ, Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Аннотатци

ВКЛАД ОСНОВОПОЛОЖНИКА МИРА И НАЦИАЛЬНОГО ЕДИНСТВА-ЛИДЕРА НАЦИИ, ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН УВАЖАЕМОГО ЭМОМАЛИ РАХМОНА В СОЗДАНИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ АРМИИ

В настоящей статье исследуется 29-летний путь развития Национальной армии и роль Основоположника мира и нациального единства-Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона в ее становлении и развитии. Авторы приводят высказываний других исследователей по данной теме.

Ключевые слова: Лидер нации*, Президент, Эмомали Рахмон, армия, Национальная армия, Независимость, Родина, Вооруженные силы, Республика Таджикистан.*

Annotation

THE CONTRIBUTION OF THE FOUNDER OF PEACE AND NATIONAL UNITY-LEADER OF THE NATION, THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN DEAR EMOMALI RAHMON IN THE CREATION OF THE NATIONAL ARMY

This article explores the 29-year path of development of the National Army and the role of the Founder of Peace and National Unity - the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, respected Emomali Rahmon, in its formation and development. The authors cite the statements of other researchers on this topic.

Keywords: *Leader of the Nation, President, Emomali Rahmon, Army, National Army, Independence, Motherland, Armed Forces, Republic of Tajikistan.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Валиев Ҷамшед Абдурасулович, ассистенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Телефон: (+992) 907048591. E-mail: jamshedvaliev93@gmail.com; valiev_jamshed@mal.ru

Ҳалимзода Шоҳрух Абдунаим, магистранти соли аввали факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: (+992) 550751575

Сведения об авторах: Валиев Джамшед Абдурасулович, ассистенти кафедра теория и практики лингвистика языконание ТГПУ им. Садриддина Айни. *Телефон: (+992) 907048591. E-mail: jamshedvaliev93@gmail.com; valiev_jamshed@mal.ru*

Халимзода Шохрух Абдунаим, магистрант первого курса факультета таджикской филологии ТГПУ па имени С. Айни. Телефон: (+992) 550751575

About the authors: Valiev Jamshed Abdurasulovich, assistant of the Department of Theory and practice of linguistics of Tajik State University Sadriddin Aini. Phone number: (+992) 907048591. E-mail: jamshedvaliev93@gmail.com; valiev_jamshed@mal.ru

Halimzoda Shohrukh Abdunaim, is a fourth-year student at the tajik philology faculty of Tajik State Pedagogical University by named after S. Aini. Phone number: (+992) 550751575

Раҳимзода Дилрабо Маҳмади,
магистранти соли аввали факултети таърих

СИЁСАТИ БРИТАНИЯИ КАБИР ДАР АФҒОНИСТОН ДАР ОХИРИ АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX

Империяи Британияи Кабир дар асри 19 ба кишвари Афғонистон таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуд ва тобеияти аморати Афғонистонро хамчун минтақаи стратегии минбаъда муҳим медонист.

Тобеияти Афғонистон имкон дод, ки ин кишвар ба Эрон ва Русия фишор оваранд. Дар ибтидо барои расидан ба мақсади мутеъ гардондани Афғонистон сиёсати Англия ба принсипҳои куҳнашуда – сиёсати таҷовузкорона, ки қаблан дар Ҳиндустон татбиқ карда мешуд, асос ёфта буд.

Дар давраи Ҷанги якуми Англияю Афғонистон, (солҳои 1838 – 1842), ки дар он мақсади асосии Британияи Кабир тадриҷан ба мустамлика табдил додани ин кишвар ва ба музофоти оддие, ки зери назорати ширкати «Ост-Индия» ва генерал-губернатор буд, ба ҳисоб мерафт. Ҳодисаҳо аз рӯи нақшаи маъмулӣ, ки борҳо дар Ҳиндустон бомуваффақият санҷида шуда буданд, пеш мерафт, аммо бе дарназардошти хусусиятҳои хоси миллати афғон, ки боиси нокомии низомии қолаби экспедитсионӣ гардиданд. Инглисҳо маҳз дар хоки Афғонистон бори аввал (дар давраи пешравии худ дар Осиёи Ҷанубӣ) ба муқобилияти фаъолонаи Русия ва дипломатияи подшоҳӣ дучор шуданд, ки дар маҷмуъ, хеле самарабахш баромад. Дастгирии маънавии Русия як омили муҳими водор кардани раҳбарони Афғонистон ба инкори дархостҳои Британияи Кабир буд. Мавқеияти Англия дар минтақа ба қадри кофӣ қавӣ буд, аммо ин бартарият амалӣ карда нашуд. Он дар ниҳоят ба барқароршавии давлати мустақили Афғонистон ва сустшавии муваққатии экспансияи Британия оварда расонид [7, 91].

Шикасти ҳалокатоваре, ки ба қӯшунҳои Англия аз тарафи халқи Афғонистон расонида шуд, империяи Британияи Кабирро маҷбур кард, ки усулҳо ва шакли сиёсати худро нисбат ба ин кишвар ба таври ҷиддӣ аз нав дида барояд. Онҳо аз ҳуҷуми бевоситаи ҳарбӣ, ба монанди ҷанги солҳои 1838-1842, ки экспансионистҳои Англия сар карда буданд, ба «сиёсати наздикшавии дӯстона» гузаштанд [4, 174]. Дар як қатор ноҳияҳои тобеи Англия, ки ба маҳалҳои сукунати қабилаҳои афғон наздик буд, маъмурияти мустамликавии Англия барои гузарондани фитна ва амалиёти тахрибкоронаи зидди Афғонистон имкониятҳои хеле бештар пайдо кард.

Солҳои 50-60-уми асри XIX,– давраи баъди фалокати ташкилнамудаи Афғонистон, ки солҳои 1841-1842 ба сари армияи Англия омад, ин давраи хукмронии тарафдорони тактикаи эҳтиёткор, интизорӣ (вале бо вуҷуди ин, хеле фаъол) мебошад. Комиссари олии Британия оид ба Панҷоб-Ҷон Лоуренс идеологи он маҳсуб мешуд. Пас аз забт шудани Панҷоб ҳукумати Англия махсусан, бо Афғонистон робитаи наздик мекард [8, 302]. Кӯшиш мекард, ки бо вай алоқаи зич барқарор намояд ва аз вай ба манфиати сиёсати таҷовузкоронаи худро дар Шарқ ба истифода барад. Дар моҳи марти соли 1855 шартномаи Англия ва Афғонистон ба имзо расид. Ин шартнома дар бораи сулҳ ва дӯстии байни ин ду кишвар, инчунин эҳтироми байниҳамдигарӣ нисбат ба молу мулк ва ғайра иборат буд. Британия шартнома Афғонистонро ба мадори сиёсати худ кашид ва истиқлолияти сиёсии ин кишварро барҳам дод.

Вазъияти байналхалқии Афғонистон дар солҳои 70-уми асри XIX, ки бо рақобати байни Англия ва Русияи подшоҳӣ дар Шарқи наздик муайян карда шудааст [6, 83], арзи вуҷуд кард. Империяи мустамликавии Англия аз ҷануб ба сарҳадҳои Афғонистон наздик шуда, як қисми заминҳои дар соҳили рости дарёи Ҳинд истиқоматкардаи афғонҳоро забт кард. Сарҳади мулки Русияи подшоҳӣ бошад, дар Осиёи Миёна аз шимол наздиктар мешуд. Дар соли 1862, ноиби президиуми Ҳиндустон Лорд Каннинг «сиёсати қассоб ва ҷаллод»-ро нисбат ба кӯҳсори Афғонистон эълон кард, ки моҳияти он ташкил намудани экспедитсияҳои хунини ҷазодиҳӣ буд.

Дар охири солҳои 60-ум ва ибтидои солҳои 70-ум доктринаи Англия дар бораи «сарҳади пӯшида» дар шимолу ғарбии Ҳиндустон бо «сиёсати таҷовузкорона» иваз карда шуд. Ин маънои ба ҷанг фаъолона омода кардани империяи Британияро дошт. Баробари ба сари ҳокимият омадани Дизразлӣ (1874), омодагии Англия ба ҷанги дар пешистода, бо Афғонистон вусъат ёфт. Доираҳои ҳукмрони Англия дар вақти омода кардани аннексия (ғасб намудан) бо афкори ҷамъиятӣ чӣ дар дохили мамлакат ва чӣ дар Аврупо фаъолона амал менамуданд.

Дар маъракаи таблиғотӣ мавзӯи «таҳдиди» ҳуҷуми қӯшунҳои рус ба Ҳиндустон баррасӣ шуд. Вазири корҳои хориҷии онвақтаи Русия-Горчаков пешниҳод карда буд, ки Афғонистон дар байни кишварҳои Русияи подшоҳӣ дар Осиёи Марказӣ ва Ҳиндустони дар зери мустамликаи Британия буда, «минтақаи бетараф» дониста шавад. Ҳамзамон, пешбинӣ шуда буд, ки истиқлолияти Афғонистон аз ҷониби Русия ва Британия кафолат дода мешавад. Аммо ҳукумати Британия, ки барои ҳамла ба Афғонистон омодагӣ медид, аз додани чунин кафолат худдорӣ намуд. Соли 1873 ҳукумати подшоҳӣ аз таклифи пешинаи худ дар бораи безарар гардондани Афғонистон даст кашида, ба таври расмӣ ба англисҳо итминон дод, ки «Афғонистонро берун аз доираи нуфузи Русия медонад» [11, 107].

Доираҳои ҳукмрони Англия бетарафии Русияи подшоҳиро таъмин намуда, ба муқобили Афғонистон амалиёти дипломатӣ оғоз намуданднд. Моҳи сентябри соли 1873 дар конференсияи Симла бо иштироки вакилони афғон, ноиби Ҳиндустон талаб кард, ки сокинони Англия ба шаҳрҳои гуногуни Афғонистон қабул карда шаванд, то ки дар сарҳадҳои шимолии мамлакат қалъаҳои мустамликавии Англия барпо карда, ба ҳаёти дохилии он назорат бубаранд.

Аммо ҳукуматдорони Афғонистон сиёсати хирадмандона пеш гирифта, нисбат ба империяи Британия гузашти ҷиддӣ накарданд ва бо ҳар роҳ тактикаи муносибати эҳтиётқоронаро дар сиёсати худ риоя карда, аз зиддиятҳои байни империяҳои Русия ва Англия моҳирона истифода мебурданд.

Ҷараёни минбаъдаи воқеаҳо қаблан муайян карда шуда буд. Ҳукумати Англия бо роҳи дипломатӣ ба натиҷаҳои «бо роҳи осоишта» ноил нагардида, қарор дод, ки сиёсатро бо дигар воситаҳо пеш гирад. Дар нимаи соли 1877 тамоми омодагиҳо ба ҷанг бо Афғонистон анҷом ёфтанд ва Британияиҳо мунтазири баҳонаи муносиб барои оғози амалиёти ҷангӣ буданд. Чунин баҳона тобистони соли 1878 ба Кобул омадани намояндагии дипломатии рус бо сардории генерал Н. Столетов буд. Ҳадаф таъкид намудани мавқеи дӯстонаи Русия ба Афғонистон буд. Дар вазъияти бемайлон афзудани душмании ошкорои Англия нисбат ба давлати Афғонистон фиристодагони ҳамсояи шимолиро ба таври фавқулода ботантана ва гарму ҷӯшон пешвоз гирифтанд.

Яке аз максадҳои муҳими ҷанг, аз нуктаи назари Литтон, дар Ҳирот бунёд намудани қароргохи Англия буд, ки онро отряди калони ҳарбӣ дастгирӣ мекард. Меморандуми Литтон, чунон ки аз гуфтаҳои боло бар меояд, барномаи муфассали забт кардани Афғонистон ва ба князии тобеият табдил додани он буд. Муқоисаи дастури ба Чемберлен ва меморандуми Литтон додашуда, хислати иғвогаронаи сафоратхонаи пешбинишударо ба таври боварибахш исбот мекунад. Ба ин сафоратхона супориш дода шуд, ки ба ҳеч чиз нигоҳ накарда, дар назди ҳукумати мустақил талабҳои нангини барҳам додани сохибихтиёрии Афғонистонро ба миён гузорад. Доираҳои ҳукмрони Англия ба барбод рафтани сафоратхонаи Чемберлен кам шубҳа надоштанд ва тайёр буданд, ки ин вазъиятро барои сар задани амалиёти ҷанг истифода баранд.

Давраи Ҷанги дуюми Англияю Афғонистон солҳои 1878-1880 буд. Дар давраи ҷанг сиёсатмадорони Британияӣ тарҳҳои тақсимкунии Афғонистонро ба «молияти мустақил» дар зери итоати империяи Британия таҳия карданд, аммо ба шарофати муборизаи афғонҳо дар давраи ҷанг ба империяи Британия муяссар нашуд, ки Афғонистонро ба мустамликаи худ табдил диҳад ва барои бо кадом роҳе хотима додан ба ҷанги бемуваффақияти ҳукумати нави Лондон ба ҳокими нави Афғонистон амир Абдурраҳмон такя намуд. Ин далелро агенти ҳарбӣ дар Лондон генерал-майор А. П. Горлов қайд карда, дар маърӯзаи худ менависад, ки «Ҳукумати ҳозираи Британия бо ҳар роҳ мехоҳад, ки оташи ҷангро дар Афғонистон ҳарчи зудтар хомӯш кунад ва қушунҳоро аз Кобул барорад.Умеди асосӣ дар Кобул ба тахт нишастани Абдурраҳмон мебошад [1, 323].

Минбаъд бо Афғонистон созишномае баста шуд, ки мувофики он назорат аз болои сиёсати берунии мамлакат муқаррар карда шуд. Империяи Британия ба ивази он ваъда дод, ки ба амири Афғонистон ҳар сол имкон диҳад ва барои ҳифзи қудрати ӯ аз «таҷовуз» кӯмак кунад. Ин шарт барои кӯшишҳои минбаъдаи Британияи Кабир барои ноил шудан ба таслими ниҳоии Афғонистон асос гардид.

Ниҳоят, тобеияти Афғонистон дар натиҷаи фаъолияти ислоҳоти амири Афғонистон Абдурраҳмон тадриҷан афзудани истиқлолияти он буд. Давраи ҳукмронии амир Абдурраҳмон (1880-1901) давраи пурзӯр гардидани ҳокимияти марказӣ ва муборизаи суботкоронаи амир ба муқобили феодалҳои саркаш ва тамоюлҳои сепаратистии аз тарафи онҳо зуҳурёфта буд. Абдурраҳмон ҳокимони маҳаллиро, ки ба ҳукумати марказӣ итоат кардан намехостанд, бераҳмона пахш карда, онҳоро бадарға намуд ва заминҳои онҳоро мусодира намуд.

Ноиби раиси Ҳинд лорд Керзон бовар дошт, ки амир Абдурраҳмон идеяи табдил додани Афғонистонро ба як қудрати мустақили ҳарбӣ, ки қодир аст бо душманонаш дар шароити баробар гуфтугӯ кунад, эҳё кардааст. Ба сифати душмани Афғонистон лорд Керзон Англия ва Русияро дар назар дошт.

Доираҳои ҳукмрони Англия Афғонистонро рақиби потенсиалии ҷиддӣ ҳисоб карда, инчуни кӯшиш мекарданд, ки ба мустаҳкам шудани он халал расонанд. Онҳо метарсиданд, ки ҳаракати миллии озодихоҳӣ дар Ҳиндустон бо дастгирии Афғонистон дучор меояд

Дар охири асри 19 майлу хохиши доираҳои ҳукмрони Англия ба таслими ниҳоии Афғонистон хеле афзуд. Ин мақсади таҷовузкорона гуё барои ҳифзи Ҳиндустон аз таҳдиди кишвари Русия ба миён гузошта шуда буд. Нафрати мардуми афғонро нисбат ба Британияи Кабир афзоиш медод ва ҳамчун таҳдид низ, ба амнияти ин кишвар дониста мешуд [3, 211].

Бо чунин ҳадафҳо, як қатор тадбирҳо андешида шуданд: дар Афғонистон роҳи оҳан барпо карда шуд, ки он ба зуд забт кардан ва ба зери тасарруф даровардани Афғонистон мусоидат мекард. Ҳукумати Британия дар соли 1893 як миссияи Дюрандро ба Кобул фиристод. Ин миссия бо фишор ва таҳдид аз амир Абдурраҳмон хостааст, ки аз тамоми ҳуқуқҳо ба заминҳои хати сарҳадӣ, ки дар нишебии ҷанубии кӯҳҳои «Сулаймон» воқеъ аст, даст кашад. Сарҳади нави байни Ҳиндустон ва Афғонистон сарҳади Дуранд номида мешавад.

Баъди вафоти амир Абдурраҳмон дар соли 1901 писараш Ҳабибулло амир таъйин гардид. Британия умедвор буд, ки амири нави Афғонистон нисбат ба падараш хушмуомилатар хоҳад буд. Ба сиёсати Англия нисбат ба Афғонистон амалиёти империяи Русия, ки нияти барқарор намудани робитаи бевоситаи дипломатиро бо Афғонистон эълон карда буд, таъсири калон расонд.

Дар ибтидои асри 20 ду империяи Британия ва Русия зарурати тағйир додани сиёсати хориҷии кишварҳои худро эътироф карданд. Британияи Кабир дарк кард, ки империяи Олмон рақиби асосии он шуда истодааст ва муносибатҳо бо империяи Русия бошад, дар минтақа тағйир ёфтанд. Ҳукумат мутмаин буд, ки сиёсати худро нисбат ба Афғонистон таҳмил карда наметавонад, вале саъй кард, ки Русия назорати Британияро бар сиёсати хориҷии Афғонистон эътироф кунад. Аммо ҳукумати подшоҳӣ ҳанӯз ҳам назорати Англияро дар ин мамлакат эътироф кардан нахост ва ҷустуҷӯи созишҳо аз рӯи «масъалаи Афғонистон» байни ду империя давом кард. Пас аз рақобати чандинсола, 18 (31-уми августи соли 1907) Конвенсияи Англия ва Русия ба имзо расид, ки дар он ихтилофҳои зиёде оид ба «масъалаи Афғонистон» байни империяҳои деринаи рақиб бартараф карда шуданд.

Ҳамин тариқ, Афғонистон муддати тулонӣ ҳадафи империяи Британия буд, ки бо роҳҳои гуногун кӯшиш мекард, ки кишварро ба қудрати худ мутеъ созад. Усулҳои тобеият аз кӯшишҳои ҳуҷуми бевосита, ки дар ду ҷанги Англияю Афғонистон ба амал бароварда шуда буданд, то кӯшишҳои ба империя бор кардани тобеияти мамлакат ва пешгирии мустаҳкам шудани давлати Афғонистон гуногун буданд.

Адабиёт:

1. «Большая игра» в Центральной Азии: «Индийский поход» русской армии: сборник архивных материалов. / отв. ред. М.Р. Рыжанков. – М.: Наука, 2005. – 323 с.
2. Ерофеев Н. А. Очерки истории Англии. – М.: Соцэкгиз, 1959. – 211 с.
3. Ерофеев Н. Английский колониализм в середине XIX в. Очерки. – Москва: Наука, 1977. – 174 с.
4. Истории стран Среднего Востока. – М., 1951. – 134 с.
5. Парфенов И. Колониальная экспансия Великобритании в последней трети XIX – начале XX в. – Москва: Наука, 1981. – 83 с.
6. Ромодин В. Очерки по истории и культуры Афганистана, середина XIX - первая треть XX в. – Москва: Наука, 1982. – 91 с.
7. Сили Дж., Крэмб Р., Британская империя. – Москва: Наука, 2004. – 302 с.
8. Социально-экономической литературы. – Москва, 1959. – 121 с.
9. Халфин Н. А. Провал британской агрессии в Афганистане (XIX в.— начало XX в.). – М., 1998.
10. Хвостов В. Проблемы истории внешней политики России и международные отношения в конце 19 - нач. 20 в. – Москва: Наука, 1977. – 107 с.
11. Юлдашбаева Ф. Из истории английской колониальной политики в Афганистане и Средней Азии (70-80-е годы XIX в.). – Ташкент: Госиздат УзССР, 1963. – 123 с.

Калидвожаҳо: *Афғонистон, Англия, Руссия, ҷанг, сиёсат, Ҳиндустон.*

Аннотация

ПОЛИТИКА ВЕЛИКОБРИТАНИИ В АФГАНИСТАНЕ В КОНЦЕ XIX И НАЧАЛА XX ВЕКОВ

В статье подчеркивается, что с древних времен до наших дней Афганистан был предвзятой мишенью нескольких заинтересованных стран, ни одна из которых не мечтала о свободе, стабильности и мире в Афганистане. Британская империя также пыталась различными способами подчинить страну своей власти. Методы подчинения стали результатом прямого наступления в двух англо-афганских войнах, афганского конфликта.

Ключевые слова: *Афганистан, Англия, Россия, война, политика, Индия.*

Annotation

THE POLICY OF THE GREAT BRITAIN IN AFGHANISTAN AT THE END OF THE XIX AND THE BEGINNING OF THE XX CENTURIES

Thus, from ancient times until today, Afghanistan has been a biased target of several interested countries, none of which dreamed of freedom, stability and peace in Afghanistan. The British Empire also tried in various ways to subjugate the country to its power. The methods of subordination were the result of a direct offensive in the two Anglo-Afghan wars, the Afghan conflict.

Keywords: *Afghanistan, England, Russia, war, politics, India.*

Маълумотнома дар бораи муаллиф: Раҳимзода Дилрабо Маҳмади, магистранти соли аввали ихтисоси таърих, факултети таърихи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: +992 934592727

Роҳбари илмӣ: н.и.т., дотсент Фозилова М.

Сведения об авторе: Махмади Рахимзода Дилрабо, магистрантка первого курса исторического факультета Таджикского государственного педагогического университета. Айни. Телефон: +992 934592727

Научный руководитель: к.и.н., доцент Фозилова М.

About the author: Rahimzoda Dilrabo Mahmadi, 1st year Master Student in the History Faculty, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. Tel.: +992 934592727

Зокиров Абдумаҷид,
магистранти соли аввали факултети таърих

ҲАЁТ ВА ФАЪОЛИЯТИ АЛФРЕД ФОН ШЛИФФЕН

Дар асри XX империяи ҷавони Германия дар худ қувваи бадҳайбатро таҷассум мекард. Вазъи ҷаҳонӣ ҳар чӣ бештар мураккаб мешуд ва «ҷангеро наздик мекард, ки ба ҳама ҷангҳои дигар анҷом мебахшид». Иштирокчиёни ояндаи ин низоъ инро хуб дарк карда, ба он омодагӣ дида, нақшаҳо месохтанд. Вале пеш аз он ки нақшаҳоро дида бароем бояд одамеро хотирнишон намоем, ки ин нақша ба шарафи ӯ номгузорӣ шудааст, ин шахс Алфред фон Шлиффен мебошад [4, 23].

Шлиффен 28 феврали соли 1833 дар Берлин таваллуд шудааст. Падари ӯ ашроф, генерал – лейтенант буд. Аз рӯи анъанаи оилавӣ писар мебоист ҳарбӣ мешуд. Дар соли 1854 Шлиффен ба полки 2-юми гвардиягӣ афтод. Ба зудӣ то рутбаи лейтенанти дуюм хизмат кард. Дар соли 1858 ӯ ба мактаби муттаҳидаи ҳарбӣ, ки аз он беҳтарин афсарони империя мебаромаданд, фиристода шуд. Дар таҳсил муваффақ буд, курсҳои махсусро гузашта, дар соли 1861 ба рутбаи премер – лейтенант ба қисми ҳарбӣ қайд гардид. Аллакай баъди ду сол ба штаби Генералӣ афтод ва боз баъди 3 сол рутбаи капитани штаби Генералиро гирифт. Аввалан таҷрибаи ҷангиро дар ҷанги зидди Австрия дар соли 1866 ҳангоми дар ҳайати штаби корпуси кавалерии армияи 1-уми шоҳзода Фридрих қарор доштан, пайдо кард. Дар муҳорибаи ҳалкунандаи назди Кёниг гретс (3 июл) иштирок дошт [2, 45].

Дар замони ҷанги Франко – пруссӣ Шлиффен дар штаби герсоги бузург Фридрих Франки II хизмат мекард. Дар соли 1870 ба рутбаи майоирӣ гузаронда шуд. То анҷоми музаффаронаи ин ҷанг дар ин унвон монд. Баъди ҷанг фармондеҳии полки 1 – уми гвардиягии уланиро қабул карда, болоравии зина рутбаи полковник (онро соли 1881 гирифта буд) ба штаби Генералӣ гузаронда шуд, ки он ҷо мансаби сардори шуъбаро гирифт, ва дар соли 1886 рутбаи генерал – майор ва боз баъди ду сол мансаби обер – квартирмейстерро (ёвари асосии сардори штаби Генерали Велдезрей) соҳиб гашт. Дар соли 1891 Шлиффен манбаи сарвари штаби Генералии немисиро соҳиб шуд табиист, ки ин мансаб дар армияи германӣ мансаби олитарин ба шумор мерафт [4, 25].

Шлиффен ба таври олиҷаноб малакаҳои назариётчӣ ва амали созандаи ҳарбиро дар худ таҷассум мекард. Табиист, ки маҳз ӯ тавонист, ки дар шароитҳои барои ӯ муосир, нақшаи босамарро созмон диҳад. Аз амалиётҳои Ганнибал дар муҳорибаи назди Канна рӯҳу илҳом гирифта ӯ аз лиҳози назариявӣ стратегияи барқвор торумор кардани душманро ба воситаи зарбазании дутарафа асоснок кард, ки ин дар натиҷа ба муҳосираи тактикӣ оварда мерасонд. Натиҷаи ин худи ҳамон нақшаи Шлиффен дар соли 1905 гардид. Алфред андешаҳо, ғояҳо ва амалиётҳоро дар корҳои худ «Канна, Фридрихи Бузург ва Наполеон» ва «Ҷанги муосир» хеле хуб инъикос кардааст. Дар тӯли 15 соле, ки Алфред дар ин мансаб қарор дошт ғояҳои худро ончунон амиқ ба идеологияи стратегияҳои немис ворид карда буд, ки бисёр афсарон ба андешаҳои ӯ тан дода, баъдтар онҳо ба амали Рейхи Сеюм асос ёфта буданд [3, 123].

Моҳи январи соли 1906 Алфред фон Шлиффен ба истеъфо баромад. Баҳсҳо нисбати истеъфои ӯ гуногунанд. Расман гуфта мешуд, ки сабаби ин беморӣ ва синну соли ӯ мебошад, зеро дар он вақт стратеги бузург аллакай 73 сол дошт. Вале эҳтимол дорад, ки ба истеъфои ӯ юнеригарии пруссӣ, ки аз баъзе нуқтаҳои нақша норозӣ буд, алоқа дошта бошад. Мансабро ба Гелмут фон Малтке – ҷияни Хелмут Карл Бернхард фон Малтке, ки мо дар бораи ӯ аллакай маълумот дода будем супроида Шлиффен ба болоравии рутбавиро то генерал – фелд маршал (соли 1911) сазовор гашт. Баъди ду сол, дар соли 1913 Алфред фон Шлиффен дар Берлин вафот кард. Ӯ дар қабристони маҷрӯҳон дафн карда шуд. Худи император Вилгелми II шахсан дар сари қабри ӯ гулчанбар гузошт. Ҳаёти ин сарлашкари бузург ҳамин тавр ба охир расид.

Акнун бошад оиди шахсе ёдовар мешавем, ки охирин шуда ба нақшаи Шлиффен таъсир расондааст ва ба ақидаи бисёр муаррихон ва ҳарибён, тағйиротҳои ҷамъбастӣ барои рейхи Дуюм дар рафти ҷанги Якуми Ҷаҳонӣ фалокатбор гардиданд. Ин Гелмут фон Малткеи Хурдӣ буд. Ӯ 25 майи соли 1848 дар Макленбург таваллуд шудааст. Дар соли 1869 ҳаёти худро бо армия пайваст сохт. Дар соли 1879 академияи ҳарбиро дар Берлин хатм намуд. Дар ҷанги Франко – Пруссӣ иштирок дошт. Адютанти амаки худ Бенхард Малтке ва баъдтар Кайзер Вилгелм буд. Инчунин ба бригадаи якуми гвардиягии хушкигард ва дивизияи 1-уми гвардиягӣ роҳбарӣ мекард. Аз соли 1906 Алберт Шлиффенро дар мансаби сардори штаби Генералӣ иваз намуд.

Чи тавре ки гуфта шуд ӯ ҷияни қаҳрамони ҷанги франко-пруссӣ Карл Бернхард буд. Вале мутаассифона, ӯ дар санъати ҳарбӣ на ба Малткеи Калонӣ ва на ба Карл Бернхард баробар шуда наметавонист. Худи ӯ иқрор шуда буд, ки сарлашкари болаёқат ба ҳисоб намеравад ва аз ному насаби ба ҳама маълум доштани худ шарм ҳам мекунад. Вале ба ин нигоҳ накарда ҳамчун сарвари штаби Генералии Германия бори гарони соли аввали ҷанги бузург ба дӯши ӯ афтода буд.

Инак мо бо шахсиятҳое, ки саҳми худро дар нақша гузошта буданд, шинос шудем, вале вазъи байналхалқӣ, ки дар он нақша ташаккул меёфт чӣ гуна буд. Зеро ин ҳам, нисбати одамоне, ки онро офарида буданд, на камтар аз аҳаммият орӣ буд. Ғалаба дар ҷанги франко-пруссиягӣ солҳои 1870 – 1871 барои рушди мусоиди империяи ҷавони Германия вазъи мусоид фароҳам овард. Захираҳои тамоми заминҳо зери ҳокимияти муттаҳидаи як император товони калони ҷангӣ, ки аз Фаронсаи мағлубгашта рӯёнда шуда буданд, ин ҳама бо амалиётҳои хирадмандонаи «конслери оҳанин» Отто фон Бисмарк барои Германия хеле қулай буданд [2, 124].

Илова ба ин, дар соли 1882 Иттифоқи сегона таъсис дода шуд ва ба он Германия, Австро-Венгрия ва Испания дохил мешуданд. Ин ҷо мақсадҳо гуногун буданд. Фаронса баъди шикаст дар ҷанг, аз оне ки Германия ба нақша гирифта буд, хеле барвақт, босуръат барқароркунии худро ба роҳ монд. Аён буд, ки дер ё зуд душмани кӯҳна, барои чунин торумори қатъӣ ва шармандавор қассос хоҳад гирифт. Ва дар ҳолати оғози амалиётҳои ҳарбӣ аз ҷониби душманон, мамлакатҳои Иттифоқ ӯҳдадор шуданд, ки ба ҷанг дохил шаванд. Вале ин ҷо хотирнишон кардан лозим аст, ки Австро – Венгрияро барои ҷанги эҳтимолӣ бо Россия нигоҳ медоштанд. Италияи ба наздикӣ муттаҳид гашта дар сурати ба ҷанг ҳамроҳ шудани Англия, дар он иштирок карданро намехост. Наздикшавии Фаронса ва Россия Германияро ба ташвиш меовард, зеро дар сарҳадҳои ӯ акнун давлатҳои пуриқтидор ба ӯ рақобат мекарданд. Наздикшавии Россия ба Фаронса на танҳо ба манфиатҳои ҳарбӣ, балки ба омилҳои иқтисодӣ ҳам рабт дошт. Россия дар солҳои 70 – ум ба таври ҷиддӣ ба воситаҳо барои рушди роҳҳои оҳан ва саноат эҳтиёҷ дошт ва Фаронса бошад, айнан дар ҳамон давра ба сармоягузориҳои худ дар хориҷа манфиатдор буд [3, 45].

Империяи Германия давлати ҷавон буд ва он дар тамоми мулкҳои мустамликавӣ дер монда буд. Ва дар сиёсати беруна кӯшишҳои яқини ба даст даровардани имкониятҳои аз даст дода ба назар мерасид. Ва ин ба ӯ муяссар гашт. Мулкҳои сершуморро дар Африка, Осиё ва Океания ба монанди Того, Бурунди, Камерун дар Африка бандари Синдаос дар нимҷазираи Шандун Гвинеаи Нав, ҷазираи Королин ва ҷазираи Королин ва ғайраро дар Осиё ва Океания соҳиб шуд. Чунин фаъолияти мустамликавӣ табиат, ки наметавонист душмани империяи асосии мустамликавӣ Англияро ба миён наорад. Гарчанде Англия нақшаи ба Германия ба низоъ даромаданро надошт, вале мубориза барои мустамликаҳо баъдтар сабаби асосии ташаккулёбии Антанта гардид.

Ва дар ниҳояти кор иштирокчиёни Иттифоқи сегона мақсадҳои худро муайян карданд: Германия мехост, ки Британияи Кабирро аз иқтидори баҳрӣ ва мустамликаҳояш маҳрум созад. Инчунин нақша дошт, ки мустамликаҳои фаронсавӣ ва португалиро соҳиб шавад. Дар масъалаи шарқӣ бошад мақсад гузошта буд Полша ва Украинаро аз Россия кашида гирифта онро аз роҳи баромад ба баҳри Балтика маҳрум созад.

Мақсади Австро-Венгрия аз барқарор кардани ҳокимияти худ дар Балкан ва дар он ҷо хотима додан ба таъсири империяи Россия иборат буд. Аз ҷумла забт намудани Сербия ва Черногория ба нақша гирифта шуда буд. Инчунин Австро-Венгрия ба баъзе ҳудудҳои полшагӣ даъво дошт. Италияи ба наздики муттаҳидгашта мекӯшад, ки бо ёрии Германия заминҳои дар нимҷазираи Балкан бударо ғасб намояд. Туркия, ки дертар ба ҷанг ворид гашта буд, ба ивази кӯмаки худ, ҳудудҳоеро дар Закавказе талаб мекард, ки ба Россия мансуб буданд [2, 127].

Германия мекӯшид, ки унвони давлати Созмон ёфтани Иттифоқи Сегона ва мақсадҳои он муносибатҳои байналхалқиро ниҳоят тезу тунд гардонд. Яке аз «садоҳои изтиробомез» ин бӯҳрони гумрукӣ буд, ки ҳама иштирокчиёни он аз натиҷаҳои он норозӣ буданд. Мусаллаҳшавии бошитоб оғоз ёфт [1, 53].

Ҷавоб ба фаъолияти Иттифоқи сегона ин Антанта буд. Дар соли 1904 Англия бо Фаронса шартнома ба имзо расонд. Соли 1907 ба онҳо Россия ҳамроҳ шуд. Антанта таъсис ёфт, ки он ҳам чандон кӯшишҳои мудофиавӣ надошт.

Мақсаду табии Фаронса қассосгирӣ аз Германия барои мағлубият дар ҷанги Франко – пруссӣ ва баргардондани вилоятҳои аз даст дода иборат буд. Мақоми аввалини баҳрӣ будани худро аз даст надиҳад, зеро вобаста ба мусаллаҳшавии бошитоб Рейхи Дуюм аз ҳисоби мулкҳои

Туркия афзун гардонад. Россияро бошад, дар навбати аввал Балкан ҷалб месохт ва инчунин мақсад дошт, ки ба воситаи гулӯгоҳҳои аз рӯи қувваи флот баъди ӯ ба ҷойи дуюм баромада буд. Инчунин зарур буд, ки ӯ мустамликаҳои худро нигоҳ дошта аз рӯи имконият онҳоро туркии Босфор ва Дарда Нелл роҳи озоди баромадро пайдо кунад. Инчунин вазъият бинобар рақобати шадид дар бозори ҷаҳонӣ ниҳоят мураккаб мегардид.

Ҳамин тавр империяи Германия ва Австро-Венгрия ба туфайли ҷойгиршавии ҳудудии худ амалан дар муҳосира қарор доштанд (ҳанӯз Отто фон Томарк ба ин ишора карда буд) хусусан баъд аз он ки Италия ба ҷониби Антанта гузашт. Вале ин танҳо 26 апрели соли 1915 рӯй дод. Дар лаҳзаи тартиб додани нақшаи Шлиффен чунин хиёнатро ҳеҷ кас пешгӯи карда наметавонист ва ин имконнопазир ҳам буд. Бинобар ин Алфред дар нақшаи худ ба он нақши ҷалбсозкунанда ҷудо намуда буд ва гумон намекард, ки иттифоқчиён метавонанд ба ин дараҷа пуркувват шаванд.

Адабиёт:

1. Айрапетов О. Р. 1914 год. Начало. – М., 2014.
2. Зайончковский М. Мировая война. Маневренный период 1911-1915 годов на русском театре. – СПб., 2001.
3. Фриц Ф. Рывок к мировому господству. Политика военных целей кайзеровской Германии в 1914-1918 гг. Политическая энциклопедия, 2017.
4. Шлиффен А. Канны. – М.: Воениздат, 1938.

Калидвожаҳо: *Иттифоқи сегона, империя, Шлиффен, Австро-Венгрия, Рейхи дуюм, ситод, иштирокчиён, ҷанг, Пруссия.*

Аннотация

ЖИЗНЬ И ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ АЛЬФРЕДА ФОН ШЛИФФЕНА

В статье на основе исторических источников и труды ведущих специалистов рсаматривается история жизни и деятельности Альфреда фон Шлиффен. Подвергается анализу международная обстановка и доказательство о создани плана войны, его причины, подготовки плана Первой мировой войны 1914-1918 годов со стороны Германии во главе с Шлиффена против стран Антанты.

Ключевые слова: *Тройственный сою, империя, Шлиффен, Австро-Венгрия, Второй Рейх, штаб, участники, война, Пруссия.*

Annotation

THE LIFE AND WORKS OF ALFRED VON SCHLIEFFEN

The article, based on historical sources and the work of leading experts, deals with history of the life and efficiency of Alfred von Schlieffen, the international situation and the proof of the creation of a war plan, his reasons for preparing a plan for the Firs World of 1914-1918 with the country of Schlieffen against the Entente countries.

Keywords: *Entente, Triple Alliance, Empire, Schlieffen, Austria-Hungary, Second Reich, headquarters, participants, war, Prussia.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Зокиров Абдумаҷид Абдумухторович, магистранти соли аввали факултети таърих ва ҳуқуқ, ихтисоси таърих Донишгоҳи давлатиии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Телефон: +992 901082606

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои таърих, професор Ҳамза Камол

Сведения об автор: Зокиров Абдумадджид Абдумухторович, магистрант первого курса факультета истории и права по специальность история, Таджикского государственного педагогического университета имена Садриддина Айни. Телефон: +992 901082606

Научный руководитель: доктор исторических наук, професор Хамза Камол

About author: Zokirov Abdumajid Abdumukhtorovich, first year masters of the faculty history and law, Tajik Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Phone number: +992 901082606

Scientific director: doctor of historical sciences, professor Hamza Kamol

Азимова Матлуба,
магистранти соли аввали факултети таърих

МУДОХИЛАИ ШУРАВӢ ВА ДИГАР КИШВАРҲОИ ҒАРБ ДАР АФҒОНИСТОН

Афғонистон шояд ягона давлате бошад, ки дар сад соли охир аз ҳама бештар дар шаклу намудҳои мухталиф мавриди ҳамла ва ё худ дахолати низомии кишварҳои хориҷӣ қарор гирифтааст. Ҷанги истиқлолиятталаби афғонҳо бар зидди Британияи Кабир, ки замоне Афғонистонро ҳамчун мустамлика дар зери таъсири худ дошт.

27 апрели соли 1978 тарафдорони идеологияи марксистӣ – ленинӣ ру ба кишвари Иттиҳоди Шуравӣ ниҳода, режими Муҳаммад Довудро, ки 17 июли соли 1973 ба сари қудрат омада, ҷумҳурихоҳ буд барҳам зада Афғонистонро Ҷумҳурии Демократӣ эълон кард [1, 3].

Дар навбати худ ҳукумати навро дар Афғонистон ҳамсояи дигари пуриқтидори он Иттиҳоди Шуравӣ аз ҳар лиҳоз дастгирӣ менамуд ва чун нишонаҳои мағлубияти ҳукумати дастнишондаи Шуравӣ зоҳир гардид, роҳбарияти Иттиҳоди Шуравӣ тасмим гирифт, ки вориди амал шавад ва охирҳои декабри соли 1979 гӯё бо хоҳиши ҳукумати Афғонистон наздик ба сад ҳазор низомии хешро таҳти унвони «неруҳои маҳдуди низомӣ» ба хоки Афғонистон ворид намуд [5, 123]. Ин замоне рух дод, ки нирӯҳои хадамоти махсуси Шуравӣ дар як амалиёт роҳбари Афғонистон Ҳафизуллоҳ Аминро аз сари қудрат бартараф намуда, ба ҷои ӯ Бабрак Кармалро ба сари қудрат оварданд, ки он минбаъд сабаби ошкоро ба мухолифини низомии ҳукумати Афғонистон аз тарафи ИМА ва кишварҳои Ғарб расондани кӯмак гардид. Инчунин дар Ғарб ҳамеша аз ҳуҷуми Иттиҳоди Шуравӣ ба муқобили Афғонистон сухан мерафт.

Роҳбарияти Иттиҳоди Шуравӣ кӯшиши зиёде дар ҷабҳаи низомӣ, сиёсат ва махсусан иҷтимоиёт ба харҷ дод, киАфғонистон кишвари таҳти нуфузи он бимонад. Иншоотҳои маданӣ, маишӣ, корхонаҳои бузурги саноатиро шӯравиҳо дар Афғонистон сохтанд. Маҳз дар ҳамин давра Афғонистон ба ду нирӯи бо ҳам муқобили бузург тақсим шуд. Тарафдорони ҳукумат бо пуштибонони ҳукумати Шуравӣ ва мухолифини он бо қумакрасонҳояшон аз кишварҳои ғарбу исломӣ. Миёни ин ду нирӯ ҷангҳои шадиде сурат мегирифтанд ва дар ин набардҳо артиши Шуравӣ шикаст хӯрд.

Баъди дар соли 1989 аз Афғонистон хориҷ шудани қӯшунҳои Шуравӣ ҳукумати Афғонистон бо роҳбарии доктор Наҷибуллоҳ ҳамагӣ се сол тавонистанд, дар сари қудрат монанд.

Муҷоҳиддини Афғонистон бо қӯмакҳои кишварҳои хориҷӣ дар моҳи апрели соли 1992 ҳукумати доктор Наҷибуллоҳро суқут дода, ба сари қудрат омаданд. Танзимҳои муҷоҳиддин чун аз сӯи кишварҳои мухталлиф маблағгузорӣ мешуданд ва ҳпар кадоме аз ин танзимҳо мехост худ дар сари қудрат бошад, ихтилофу низоҳо миёни онҳо шиддат гирифта ва оқибат ба густариш ёфтани ҷанги дохили оварда расонд. Аз ин вазъият истифода бурда бархе аз нирӯҳо Афғонистонро ба маркази тайёр кардани нерӯҳои террористӣ табдил доданд. Ҳатто гуруҳи Толибоне ки ҳукумати муҷоҳиддини профессор Раббониро сарнагун карданд, аз нирӯҳои террористи пуштибонӣ мекарданд [2, 23].

ИМА ва шариконаш аз НАТО бо истифодаи усулҳои гуногуни амалисозии нақшаҳои дарозмуддати сиёсии худ дар минтақаи Осиёи Марказӣ солҳои 90-уми асри ХХ кӯшиш намуданд, ки ҳамчун «сулҳофар»-и ягонаи имконпазир ва кафили суббот дар Осиёи Марказӣ аз тариқи роҳандозии ҳамкориҳо тавассути барномаи НАТО «Шарики ба хотири сулҳ» баромад намоянд.

Воқеъаҳои фоҷиавии шаҳрҳои Ню – Йорк ва Вашингтон 11 сентябри соли 2001 тамоми Амрикоро ба ҳайрат овард ва шояд як давраи гардишие дар таърихи даҳсолаҳои охири Амрико гардида бошад.

Президенти ИМА Ҷорҷ Буши хурдӣ ин ҳуҷумро «ҷанги аввали асри ХХ1» номидааст [5, 162]. Ин ҳуҷуми ифротгароён тамоми ҷомеъаи амрикоиро дар даҳшат гузошт. Мувофиқи пурсиши гузаронидаи рӯзномаи «Лос – Анҷелес таймс», ки он 13 – 14 сентябри худи ҳамон сол баргузор гардида буд, 68% амрикоиҳо фикр доштанд,ки ИМА дар ҳолати ҷанг қарор дорад. Албатта баъди якчанд моҳ ин даҳшату ҳаяҷони амрикоиҳо суст гардид [3, 2]. Ҳамин тавр воқеъаҳои маълуми 9 ва 11 сентябри соли 2001, яъне куштори Аҳмадшоҳи Масъуд ва ҳамлаи ифротгароёнба ИМА сурат гирифт ва ҷаҳонро ба даврони нав ворид кард. Давроне ки ИМА бидуни ҷанг вориди на танҳо Афғонистон, балки тамоми Осиёи Марказӣ гардид. Ин воридшавӣ бо баҳонаи мубориза ба муқобили ифротгароёни байналхалқӣ бо розигии яке аз рақибони ИМА дар сиёсати ҷаҳонӣ Русия сурат гирифт. Инак беш аз 20 сол мешавад, ки

нирӯҳои низомии ИМА ва кишварҳои аъзои НАТО дар Афғонистон фаъолият доранд, вале нишоне аз ғалаба дар ҷанги зидди ифротгароён намудор нест. Ҷанг дар Афғонистон идома дорад. Беҳбудии ҷиддиеро мо дар вазъи Афғонистон эҳсос намекунем, гарчанде дар бораи пешравӣ дар масъалаи демократия ва ҳуқуқи занон ҳарф занем ҳам, вале ҳақиқат мухолифи ин суханҳост [4].

Ҳамин тавр бо дарёфти пойгоҳи ҳарбӣ дар Афғонистон, ИМА ба равандҳои ҷории иҷтимоӣ ва сиёсии минтақа фаъолона таъсир расонд, ки ин дар навбати худ ба раванди ҳифзи суббот дар минтақа хатарҳои муайянеро ба вуҷуд овард.

Имрӯз қӯшунҳои НАТО аз Афғонистон берун шуданд, аммо ҳукумати А. Ганӣ сукут намуда, толибон сари қудрат омаданд, ки вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоиро ба танзим дароварда натавониста истодаанд.

Адабиёт:

1. Афзалӣ М. Вазъи сиёсии Афғонистон дар арафаи воридшавии қушунҳои Шуравӣ // Тоҷикистони Советӣ. – 11 феврали соли 1980.
2. Бойко В. С. Политика США в Афганистане после событий 11 сентября 2001 г. – М., 2003. – 264 с.
3. Нагорнов С. К. Политика США в Афганистане // Международная политика. – 2005.- № 1. - С.23 – 24.
4. Режим доступ: http // www. terrorism.com / ihdex. Shtvl.
5. Терроризм – угроза человечеству в XX1 веке. – М.; Ин-т Востоковедения РАН, 2003. – 267 с.
6. То кай дар Афғонистон хун мерезад. // Фараж. 17 марти соли 2015.

Калидвожаҳо: *воридшавӣ, ҳуҷум, байналхалқӣ, алоқа, теракт, адлия, толибон, амалиёт, иҷро, полисӣ, ҳайат, қатънома.*

Аннотация

ВМЕШАТЕЛЬСТВО СОВЕТСКОГО СОЮЗА И ДРУГИХ ЗАПАДНЫХ ГОСУДАРСТВ В АФГАНИСТАНЕ

Автор в своей статье указывает причины вторжения НАТО в Афганистане, которое начался вечером 7 октября 2001 года в связи с нападением террористов на международный торговый центр США 11 сентября 2001 года. И о том, что президент США Джордж Буш-младший заверил ряд государств, что эти террористические группы находятся в Афганистане. Требовал от талибов, чтобы отдали главу Аль-Каида» Бен Ладена в руки правосудии США, но талибы отказались от выполнения данного требования, что являлось причиной вторжения НАТО в Афганистан.

Ключевые слова: *вторжение, нападение, международная, связь, терракт, правосудие, талибы, операция, выполнение, полицейский, контингент, резолюция.*

Annotation

INTERVENTION OF THE SOVIET UNION AND OTHER WESTERN STATES IN AFGHANISTAN

An author in her article indicates the reasons for the «NATO invasion of Afghanistan», which began on the evening of October 7, 2001 in connection with the terrorist attack on the US International Trade Center on September 11, 2001. And that US President George W. Bush has assured a number of states that these terrorist groups are in Afghanistan. He demanded from the Taliban to hand over the head of Al-Qaeda, bin Laden, to the hands of US justice, but the Taliban refused to comply with this demand. What was the reason NATO invaded Afghanistan.

Keywords: *invasion, attacks, international, connections, terrorist attack, justice, Taliban, operation, execution, police, contingent, resolution.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Азимова Матлуба, магистранти соли аввали кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии факултети таърихи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: н.и.т., дотсент Фозилова М.

Сведения об автора: Азимова Матлуба, магистрантка первого года кафедры всеобшей истории и международного отношения, исторического факультета ТГПУ имени С. Айни.

Научный руководитель: к.и.н., доцент Фозилова М.

About the author: Azimova Matluba, master of the first year of the department of general history and international relations, faculty of history, TSPU named after S. Aini.

Дӯстова Шаҳноза Ҷураевна,
магистранти соли аввали факултети таърих

ВАЗЪИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ НОҲИЯИ ШАҲРИНАВ ДАР ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Истиқлолият барои мо рамзи олии ватану ватандорӣи, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкорҳои пайгиронаи созандагӣ, азму талошҳои фидокоронаи расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро омӯзонда, меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таҳким бахшид ва дар як вақт ҳаёти озодонаи ҳар фард ва олитарин дараҷаи бахту саодати воқеии миллатро таъмин намуд.

Аз ҳамин нуқтаи назар, ватани азизамон - Тоҷикистон дар барорари соҳибитиқлол гардиданаш, дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла, дар соҳаи маориф дигаргуниҳои куллиро ба амал овард. Қабул намудани қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Консепсияи муассисаи миллӣ», «Стандарти давлатии маълумот», нақшаҳои нави таълимӣ кормандони соҳаи маорифро водор сохт, ки аз қолабҳои пештара даст кашида, дар таълиму тарбия самти самараноки замонавиро пеша кунанд.

Доир ба ҳалли ин масъала омӯзиш ва таҳлили паёмҳои Пешвои миллат собит месозад, ки мавзуи маориф ва илм ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорад. Сарвари давлат дар Паёми имсола низ ба соҳаи маориф таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, таъкид доштанд, ки «Дар даврони соҳибистиқлолӣ мо бунёди маорифи миллӣ ва ворид гардидан ба фазои таҳсилоти байналмилалиро ҳадафи муҳимтарин ва самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати мамлакат қарор додем» [2].

Бинобар ин, роҳбарони муассисаҳои таълимиро вазифадор намуданд, ки ба масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи дониш ва касбияти омӯзгорон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, бахусус, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоиву миёнаи касбӣ, такмили ихтисосу бозомӯзӣ ва тарбияи омӯзгорони ҷавони баландихтисос ва ба талаботи замона ҷавобгӯй дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот эътибори аввалиндараҷа диҳанд. Бинобар ин таҳлил ва баррасӣ намудани вазъи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Шаҳринав, ки меваи даврони истиқлол мебошад, масъалаи ҳалталаби рӯз аст.

Ноҳияи Шаҳринави Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал 3-юми ноябри соли 1929 ташкил шудааст. Маркази маъмуриаш Чиптӯра дар Шаҳринав (яъне Чиптӯраи боло). Тамоми идораҳои маъмурии ноҳияи Шаҳринав дар деҳаҳои Қаратоғ, Қадичӯйбор ва Чиптӯраи Боло ҷой гирифтаанд [3]. Ҳудуди маъмурии он дар ҷануб то ба ноҳияи Лақай - тоҷик (имрӯза ноҳияи Рӯдакӣ), дар шарқ то ба ноҳияи Сталинобод (имрӯза Душанбе) ва дар ғарб то ба Ҷумҳурии Узбекистон тӯл кашида буд, ки дар он 308 деҳа мавҷуд буда, аҳолиаш зиёда аз 61 ҳазор нафарро ташкил медод.

Аз ноҳияи Шаҳринав бо Қарори Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалисти Тоҷикистон 29 январи соли 1932 ноҳияи Ҳисор ва соли 1935 ноҳияи Регар (ҳоло Турсунзода) ҷудо карда шуданд. Соли 1959 бо мақсади калон кардани ноҳияҳои номбаргардида ноҳияи Шаҳринав барҳам дода шуда, як қисми он ба ноҳияи Ҳисор ва қисми дигараш ба ноҳияи Регар ҳамроҳ гардид.

Бо шарофати соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1992 бори дуюм бо Қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ноҳияи Шаҳринав аз нав барқарор гардид. Шумораи аҳолии ноҳия 87207 нафарро ташкил дода, майдони умумиаш 100696 гектарро ташкил медиҳад. Ноҳия аз 7 ҷамоати деҳот ва як шаҳрак иборат мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар баробари таъсис додани шуъбаи маорифи ноҳия ба ихтиёри он 35 муассисаҳои таҳсилотӣ, аз ҷумла, 4 ададаш ибтидоӣ, 9 ададаш асосӣ ва 21 ададаш миёнаи умумӣ бо теъдоди 14030 нафар хонанда фаъолият доштанд.

Баробари аз нав таъсис ёфтани ноҳияи Шаҳринав Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд, ки таъсири манфии он бевосита ба ноҳия низ расид. Ҷанг, хунрез, бенизомӣ мафҳумҳое буданд, ки беихтиёр аз забони ҳар шаҳрванд шунида мешуд. Алангаи ҷанг, аз ҷумла, ноҳияи Шаҳринавро ҳам фаро гирифту риштаи умри садҳо нафарро барканд. Руҳияи мардумро ноумедӣ фаро гирифт. Дигар касе бовар надошт, ки Тоҷикистон аз вартаи ҳалокат наҷот меёбаду дар он сулҳу амонӣ тантана мекунад. Ниҳоят, баъди ба сари ҳокимият омадани фарзанди фарзонаи асили миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари дигар соҳаҳо ба соҳаи маориф ҳам тағйироти азиме ба вуҷуд омад. Бо азму талош ва кӯшишҳои пайвастаи ӯ ҳаёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, ноҳияи Шаҳринав низ орому осуда гашт.

Шуъбаи маорифи ноҳияи Шаҳринав бо сабаби нарасидани муаллимони фаннӣ дар муассисаҳо солҳои хониши 1994-1998 дар назди шуъбаи маориф курси 8-моҳаи муаллимтайёркунӣ кушод. Дар ин курсҳо 70 нафар писарону духтарони қобилиятнок қабул карда шуданд. Дар муддати таҳсил ба онҳо омӯзгорони соҳибтаҷриба аз кормандони шуъбаи маорифи ноҳия ва ҷумҳурӣ дарс мегуфтанд.

Ҷавобан ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.12.2003 таҳти №508 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлати такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ барои солҳои 2004-2014» ба омӯзиши ин фанҳо диққати махсус дода шуд. Ба таълими забони русӣ 70 нафар омӯзгорон ва таълими забони англисӣ 40 нафар омӯзгорон вобаста гардиданд.

Барои дар сатҳи баланд омӯзонидани фанҳои забони русӣ ва англисӣ дар назди 20 муассисаи таълимӣ маркази омӯзиши забони русӣ ва англисӣ ташкил карда шудааст [4].

Агар соли таҳсили 1992-1993 дар ноҳияи Шаҳринав 40 адад муассисаҳои таҳсилотӣ, аз ҷумла, 6 -тоаш ибтидоӣ, 10 -тоаш асосӣ ва 24 -тоаш миёнаи умумӣ бо теъдоди 14030 нафар хонанда фаъолият дошта бошанд, пас дар соли таҳсили 2020-2021 шумораи онҳо ба 60 адад, аз ҷумла, 8 тоаш ибтидоӣ, 12 -тоаш асосӣ ва 40 -тоаш миёнаи умумӣ буда, бо теъдоди- 25600 нафар хонанда фаъолият доранд.

Таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти ноҳия бо кадрҳои баландихтисоси соҳаи омӯзгорӣ яке аз самтҳои асоси баланд бардоштани сифати таълим ва тарбияи хонандагон мебошад, ки дар ин самт корҳои зиёде ба сомон расидааст. Роҷеъ ба масъалаи мазкур омӯзгори МТМУ№26 – и ноҳия Исмоилов Ҷ, дар мақола « Паёмро сармашқи хеш кори хеш бояд кард» чунин қайд мекунад: «Агар донишу малакаи касбияти омӯзгор баланд набошад, мо ҳеҷ гоҳ ба ягон восита сифати таълиму тарбияро беҳтар карда наметавонем» [1].

Тибқи ҳисоботи мудири маорифи ноҳия М. Шарипова дар соли таҳсили 2020-2021 вазъи таъмини кардрҳо дар муассисаҳои таълимии ноҳия қаноатбахш арзёбӣ гардидааст. Аз ҷумла қайд менамояд, ки «Танҳо соли ҷорӣ 167 нафар мутахассисони ҷавон, ки донишкадаву донишгоҳҳои омӯзгории ҷумҳуриро хатм кардаанд, ба кор қабул карда шуданд, ки аз ҷумлаи онҳо 29 нафарашон бо роҳхати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор ҳозир шудаанд. Аз соли 2010 инҷониб 52 нафар мутахассисони ҷавон бо қарзҳон имтиёзнок таъмин карда шуданд» [5].

Айни замон дар муассисаҳои таҳсилоти ноҳия зиёда аз1818 нафар омӯзгорон ба кори таълиму тарбияи хонандагон машғуланд, ки аз ҷумлаи онҳо 1288 нафарашонро занон ташкил .медиҳанд. Шумораи мутахассисони дорои маълумоти олии ноҳия 70 %-ро ташкил медиҳанд.

Иштироки хонандагон дар озмунҳои даставӣ ва олимпиадаҳои фаннии мактаббачагон дар сатҳи ҷумҳуриявӣ нисбати солҳои пешин назаррас мебошад. Соли таҳсили 2021 дар олимпиадаҳои фаннии хонандагон дар даври минтақавӣ 7 нафар роҳхат гирифта, 3 нафаршон дар даври ҷумҳуриявӣ ғолибият ба даст оварданд. Соли таҳсили хониши 2020 45 нафар хатмкунандагони болаёқати ноҳия барои дар хориҷи кишвар таҳсил намудан имтиёз ба даст оварданд [4].

Сол то сол сафи довталабон ба озмуни квотаи Президентӣ дар ноҳия меафзояд. Агар дар соли таҳсили 2018-2019 **75** нафар ба даври ниҳоӣ роҳ ёфта бошанд, ин миқдор дар соли таҳсили 2020-2021 ба 85 нафар расид.

Дар ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар ноҳия чунин корҳо ба сомон расонида шудаанд:

- иҷрои «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии хусусӣ» дар соли таҳсили 2020-2021 вусъат ёфт. Аз ҷумла, соли ҷорӣ се муассисаи таълимии давлатӣ (№7,18,34) ва ду муассисаи таълимии хусусӣ («Нури Ирфон»), («Нур») ба истифода дода шудаст;

- 14 муассисаҳои таълимии ибтидоӣ ба асосӣ (9-сола) табдил дода шуда, татбиқи таълими ҳатмии асосӣ (9-сола) амалӣ гардид;

- ҳайати омӯзгорону мураббияҳои ноҳия ҷиҳати сайқал додани маҳорати касбии худ аз курсҳои босалоҳият гузаштанд;

- таъминот бо китобҳои фонди иҷора дар сатҳи баланд ба роҳ монда шуд;

- оид ба татбиқи «Консепсияи миллии тарбия» ва тарбияи насли наврас дар руҳияи худшиносии миллӣ, арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ ва ватандӯстӣ, озмунҳо, маҳфилҳо, анҷуману чорабиниҳои гуногун, аз ҷумла, озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон Ватани азизи

ман», «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва «Илм фурӯғи маърифат» дар ноҳия гузаронида шуданд;

- дар партави дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати татбиқи Сгратегияи муқовимат бо коррупсия, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон аз 30.08.2013, №1504 ба тасвиб расидааст, комиссияи дохилиидоравӣ фаъолият дошта, дар самти пешгирии сар задани хавфҳои коррупсионӣ ва амалҳои характери коррупсионидошта тадбирҳои амалӣ андешидаанд;

- ҳамзамон кабинетҳои технологияи иттилоотӣ ба 40 адад расонида шуд.

Адабиёт:

1. Исмоилов Ҷ. Паёмро сармашқи хеш кори хеш бояд кард. //Боргоҳи маърифат. №6(40), 2019. – С.15.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021, (21 декабр).
3. Ш. Неъматова., М. Асроров. Маҳфузгарони таърих. – Душанбе, 2010. – 63 с.
4. Шарипова М. Ташаббусҳои Президенти кишвар оиди рушди соҳаи маориф// Боргоҳи маърифат, №3 (41). – С. 5-9.
5. Шарипова М. Ҳисобот оид ба таҳлили вазъи соҳаи маорифи ноҳияи Шаҳринав. 30.11.2021.- С.2.

Калидвожаҳо: *истиқлол, Шаҳринав, ватандӯстӣ, истиқлоли сиёсӣ, иқтисод, маълумот, Тоҷикистон, стандарти давлатии маълумот, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, квотаи президентӣ, Консепсияи миллӣ, «Тоҷикистон – Ватани азизи ман».*

Аннотация

СОСТОЯННИЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ ШАХРИНАВСКОГО РАЙОНА В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

В данной статье рассматривается положение учебных заведений Шахринавского района в период независимости. При обсуждении вопросов темы были изучены проблемы обеспечения учреждений высококвалифицированными педагогическими кадрами, в том числе учителями русского и английского языков. В этом статье также освещается деятельность образовательных учреждений за тридцати лет низавимости Шахринавского района и в основном затрагиваются следующие вопросы: - по результатам Национального центра тестирования при Президенте Республики Таджикистан в 2018-2019 учебном году 75% выпускников района поступили в вузы страны, в 2020-2021 учебном году количество абитуриентов составляет 86,39 %, в прошлом году он увеличился на 11,39 %.; реализация Государственной программы развития частных дошкольных и общеобразовательных учреждений в 2020-2021 учебном году. В частности, в текущем году сданы в эксплуатацию три государственных общеобразовательных учреждения (№7,18,34) и два негосударственных общеобразовательных учреждения (Нури Ирфон), (Нур); о реализации Национальной Концепции образования и воспитания подрастающего поколения в духе национального самосознания, уважения национальных и патриотических ценностей, конкурсов, кружков, конференций и различных мероприятий, были проведены в том числе: Республиканский конкурс «Точикистон - Ватани азизи ман», «Фуруги субҳи доной китоб аст» и «Илм - фуруги маърифат»;

Ключевые слова: *независимость, Шахринав, патриотизм, политическая независимость, экономика, образование, Таджикистан, Государственный информационный стандарт, Министерство образования и науки Республики Таджикистан, Президентская квота, Национальная концепция, «Таджикистон – моё любимое Отечество».*

Annotation

SITUATION OF EDUCATIONAL INSTITUTIONS OF SHAKHRINAV DISTRICT DURING INDEPENDENCE PERIOD

This article deals with situation of educational institutions in the Shakhrinav district during the period of independency. While discussing the issues of the topic, the problems of providing institutions with highly qualified teaching staff, including teachers of Russian and English, were studied. This article also highlights the activities of thirty educational institutions of the Shakhrinav district and mainly addresses the following issues: - according to the results of the National Testing Center under

the President of the Republic of Tajikistan in the 2018-2019 academic year, 75% of the graduates of the district entered the country's universities, in the 2020-2021 academic year the number of applicants is 86.39%, last year it increased by 11.39%.; implementation of the State Program for the Development of Private Preschool and General Education Institutions in the 2020-2021 academic year. In particular, three state educational institutions (No. 7, 18, 34) and two non-state educational institutions (Nuri Irfon), (Nur) were put into operation this year; on the implementation of the National Concept for the education and upbringing of the younger generation in the spirit of national self-knowledge, respect for national and patriotic shrines, competitions, clubs, conferences and various events were held, including: «Ilm furugi marifat».

Keywords: *Independence, Shahrinav, patriotism, political independence, economy, education, Tajikistan, State Information Standard, Message, Government of the Republic of Tajikistan, war, outrage, highly qualified personnel, Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan, Presidential scholarship, National Concept, «Tojikiston Vatani azizi man», «Furughi Subhu Donoi Kitob ast», «Ilm Furughi Ma`rifat».*

Маълумот дар бораи муаллиф: Дустова Шаҳноза Ҷураевна, магистранти соли аввали факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел.: +992 905225254

Роҳбари илмӣ: н.и.п., дотсент Каримов М.

Сведения об автора: Дустова Шахноза Джураевна, магистрантка первого курса факультета истории Таджикского государственного педагогического университета им Садриддина Айни. Тел.: +992 905225254

Научный руководитель: к.п.н., доцент Каримов М.

About the author: Dustova Shakhnoza, 1st year of Master Student in the Department of Methods of Teaching History and Law of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini. Tel.: +992 905225254

Асророва Шаҳло,
магистранти соли аввали факултети таърих

САБАБҲО ВА ОМИЛҲОИ АФЗОИШИ МУҲОҶИРАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар баробари пош хӯрдани давлати абарқудрати Шуравӣ ва тезу тунд гардидани авзои сиёсӣ сатҳи иқтисодӣ-иҷтимоии ҷумҳурӣ ба косташавӣ рӯ ниҳод. Корхонаҳои хурду калони саноатӣ аз кор баромада, теъдоди бекорон афзун гардид. Ҳамчунин дар давраи ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-уми асри XX бо сабаби муташанниҷ гардидани вазъияти сиёсӣ сатҳи иқтисодӣ-иҷтимоии ҷумҳурӣ низ коста гардида, як қатор мутахассисони касбу кори гуногун қаламрави ҷумҳуриро тарк намуданд.

Дар ин давра сабаби асосии мунтазам паст рафтани истеҳсолот дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи Тоҷикистон, кӯч бастани русзабонон ба Федератсияи Россия ва дигар собиқ ҷумҳуриҳои Иттифоқи Шӯравӣ маҳсуб меёбад [4, 450].

Дар арафаи пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёиёни ҳаматарафа ташаккулёфта ҳаёт ба сар мебурданд. Онҳо чун намояндагони мамлакати мутаммадин кӯшиши барпо кардани ҷумҳурии сиҳибистиқлол ва ташкил кардани институтҳои демократии ҷавобгӯи ҷамъияти имрӯза доштанд [1, 385].

Давраи авҷи муҳоҷирати маҷбурии русзабонон аз Тоҷикистон ба дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ маҳз баъд аз воқеаҳои февралӣ оғоз гардид [5, 52].

Паст рафтани истеҳсолоти ҷамъиятӣ, беқурб шудани воситаи асосии муомилот- пул, фалаҷ гардидани ҳокимият ва ниҳоят рӯз ба рӯз фурӯ рафтани дараҷаи зиндагонии мардум, вобаста ба ҳамаи ин равандҳо афзудани шумораи ҷиноятқорӣ ва дигар амалиётҳои ғайриинсонӣ аз наздик будани таркишҳои сиёсӣ дарак медоданд [2, 130-131]. Ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-ум боиси тезу тунд гардидани вазъияти сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ гардида бошад ҳам, дар баробари он сабаби зиёд гардидани гурезаҳои иҷборӣ гардид, ки манзили зисти худро тарк намуда буданд.

Дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимою-иқтисодии Тоҷикистон Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ дар шаҳри бостонии Хуҷанд давраи ҷадидро боз кард. Яке аз масъалаҳои иҷлосияи шонздаҳум, ки мавриди баррасии вакилон қарор гирифт, «Ба маҳалли зисташон баргардонидани гурезаҳо» буд ва ба он диққати ҷиддӣ дода шуд. Вакили халқ Ҳикматулло Насриддинов оид ба лоиҳаи қонун «Дар бораи муҳоҷирати иҷборӣ», ки аз 13 модда иборат буд, изҳорот дод [7, 87].

Дар замони муосир бошад мафҳуми муҳоҷират хеле маъмул ва сериستеъмол буда, мавқеи муҳимро ишғол намудааст. Муҳоҷират ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ рӯ бу афзоиш оварда, ба яке аз масъалаи муҳими дорои аҳамияти глобалӣ мубаддал ёфтааст. Муҳоҷират ва захираҳои меҳнатӣ ҳамчун масъалаи муҳим дар радифи проблемаҳои умумисайёравӣ аз қабили равандҳои ҷаҳонии молиявӣ, тиҷоратӣ, илмӣ-техникӣ ва экологӣ қарор дошта, мақом ва нуфузи хосса пайдо намудааст. Равандҳои ҷаҳонишавӣ, бешубҳа ҷиҳати рушду тавсеаи муҳоҷират ва бо ҳам наздикшавии бозорҳои меҳнати миллӣ бо ҷаҳонӣ мусоидат мекунад [6, 123]. Масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ имрӯз дар қатори дигар кишварҳои ҷаҳон барои Тоҷикистон низ ба яке аз масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ табдил ёфта, нақши он дар рӯзгори ҳар як оилаи тоҷик ба назар мерасад.

Бояд зикр намуд, ки оид ба масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҷониби Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти иқтисод ва демография, Шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ ва дигар марказҳою созмонҳои ҷамъиятӣ тадқиқотҳои илмӣ баргузор гардидаанд ва натиҷаи онҳо дар шаклҳои мухталиф дастраси мардум гардидаанд. Инчунин вазъи масъалаи мазкур дар маълумотномаҳои таҳлилӣ аз ҷониби Кумитаи омори назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси худро ёфтааст.

Лекин ҳамзамон бояд ёдовар шуд, ки сарфи назар аз дараҷаи муҳимияташ таҳлилу таҳқиқи масъалаи мазкур аз ҷониби муассисаҳои илмию тадқиқотӣ, кафедраҳои дахлдори муассисаҳои олии касбии ҷумҳурӣ ва мақомоти расмии кишвар масъалаи мазкур дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. То имрӯз оид ба теъдоди умумии муҳоҷирон, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар ва маблағҳое, ки аз ҷониби онҳо ирсол мегардад, иттилои амиқ вуҷуд надорад.

Масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ, чун яке аз масоили доғи рӯз ва ҷанбаи глобалӣ дошта эътироф гардида, дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ фарҳангии мардумони ҷаҳон нақши муаассир дорад [9]. Аз ин рӯ, омӯзишу баррасии паҳлӯҳои мухталифи он яъне иқтисодӣ сиёсӣ, фарҳангӣ, ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, психологӣ ва ғайра бояд мунтазам мавриди таҳқиқи муҳақиқону мутахасисон қарор гиранд ва натоиҷи тадқиқот дастраси ҳамагон гарданд ва мардум оид ба ин масъалаи ҳаётан муҳим таассуроти амиқ пайдо намоянд.

Бояд гуфт, муҳаққиқону мутахассисон, пеш аз ҳама бо омӯзиши сабабҳо ва омилҳои асосие, ки боиси ба муҳоҷират рӯ овардани шаҳрвандон мегардад, таваҷҷӯҳ зоҳир намудаанд.

Чї тавре ба мо маълум гардид, заминаҳои муњољират дар Тољикистон њанӯз то замони истиқлолият ба вуљуд омада буд. Аммо бар асари љанги шањрвандї вазъи иқтисодї-иљтимоии љумњурї коста гардида ва зарурат ба муњољирати мењнатї пайдо гардид.

Дар ин давра аз минтақаҳои кӯҳистон, ки мардум бештар ба фаъолияти меҳнатии мавсимӣ машғул буданд, барои таъмини рӯзгор ва дарёфти кори сердаромад ба шаҳрҳои дохили ҷумҳурӣ ва берун аз он, аз ҷумла бо Федератсияи Россия мерафтанд [8, 56]. Дар замони истиқлолият бошад, муҳоҷират дар шакли нисбатан нав арзи ҳастӣ намуд, ки он шартан ба се марҳила ҷудо мешавад. Марҳилаи якуми он ба шикасти Иттиҳодӣ Шуравӣ шуруъ гардид. Пош хурдани Шӯравии абарқудрат ва тақсим шудани он ба давлатҳои мустақил боиси ба вуҷуд омадани нобоварӣ ба оянда ва тақдири минбаъдаи оила ва фарзандони мансуби миллатҳо ва халқиятҳои гуногун, ки то ин вақт дар фазои ягона зиндагӣ мекарданд, гардид. Бояд зикр кард, ки ин марҳила дар тамоми ҷумҳуриҳои Шуравӣ, ки Тоҷикистон низ як ҷузъи он буд, баробар оғоз ёфта буд.

Лекин бар хилофи ҷумҳуриҳои дигари Шуравӣ дар Тоҷикистон баъди истиқлолият нооромиҳо ва ҷанги шаҳрвандӣ оғоз ёфт, ки он ба саршавии марҳилаи нави муҳоҷират дар ҷумҳурӣ оварда расонд, ки ин раванд тахминан то охири солҳои 90 - ум идома ёфт. Ҳар ду ин марҳилаи муҳоҷират, дар муқоиса бо ҷумҳуриҳои дигари Шуравӣ дар ҳолате оғоз ёфтанд, ки иқтисодиёти ҷумҳурии моро вобаста ба офатҳои сиёсии ба вуҷуд омада бӯҳрони шадид фаро гирифта буд. Яъне ин ду марҳилаи муҳоҷират аз ҷумҳури вобаста ба тағйир ёфтани авзои авзои сиёсии он сурат гирифтанд.

Марҳилаи сеюми муҳоҷират дар ҷумҳурӣ, ки аз солҳои 2000-ум оғоз меёбад, давраи сифатан нав буда, ҳадафи асосии муҳоҷирон дарёфти ҷои кор ва маоши мувофиқ мебошад. Яъне сабаби асоси ба муҳоҷирати меҳнатии берун аз кишвар рӯ овардани шаҳрвандони мо ин набудани ҷойҳои корӣ ва маоши мувофиқ дар зодгоҳ ё ин ки ҷойи зисти муқимии онҳо ба шумор меравад. Соли 2012 аз ҷониби маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ тадқиқоти сотсиологии хело ҳам мукаммал гузаронида шуд, ки тибқи натиҷаи он зиёда аз 65 фоизи пурсидашудагон сабаби асосии муҳоҷиратро дар набудани ҷойи кор ва маоши арзанда мебинанд. Яъне марҳилаи сеюми муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҷумҳурии мо бо равандҳои ҷаҳонии муҳоҷирати меҳнатӣ умумият дошта, сабабҳои ягона, яъне вуҷуд надоштани ҷойҳои кори доимӣ барои шаҳрвандони ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад [10].

Бояд эътироф намуд, ки сатҳи бекорӣ дар ҷумҳурӣ сарфи назар аз тадбирҳои андешидаи Ҳукумати ҷумҳурӣ ҳанӯз ҳам баланд аст. Мутаассифона, дар ҳуҷатҳои расмӣ ин рақам хеле паст нишон дода мешавад, вале дар Ҳуҷҷати стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ сатҳӣ бекорӣ дар ҷумҳурӣ зиёда аз 30 фоиз муайян шудааст [3]. Бӯҳрони бардавоми иқтисодӣ ва ихтисор гардидани ҷойҳои корӣ дар корхонаҳои саноатӣ сокинони шаҳрҳоро бештар ба бекорӣ ва маоши паст рӯ ба рӯ карда, барои бештар ба муҳоҷират ба хориҷи кишвар водор месозад. Дар тӯли солҳои зиёд бо ин сабабҳо аз корхонаҳои саноатӣ ба хориҷи кишвар рафтани кормандону мутахассисони имрӯз барои корхонаҳо мушкилоти нав нарасидани кормандони баландихтисосро пеш овардааст. Мутахассисони баландихтисос ва собиқадор ба сабаби бекорӣ ё ба хориҷи кишвар рафтанд, ё ин ки бо соҳаи дигар – тиҷорат савдо, хизмати маишӣ, ва ғ. гузаштанд, ки акнун аз ин фаъолият даст намекашанд. Лекин теъдоди зиёди бекорон аз сабаби паст будани касбият ва малака ҷойҳои кори холии мавҷударо дар корхонаҳо пурра карда наметавонанд.

Албатта дар бозорҳои меҳнат қувваи корӣ сарфи назар аз дараҷаи тахассуси он харидори худро дорад. Лекин дар аксари мавридҳо кишварҳои қабулкунанда ба муҳоҷирони беихтисос таваҷҷӯҳ зоҳир намекунанд ва дар сурати қабул кардан, танҳо ба корҳое ҷалб карда мешавад, ки дар он тахассус талаб карда намешавад. Соли 2018 муҳоҷирати меҳнатиро (53%) ҷавонони синну соли 15-29 сола ташкил медиҳад, ки аксариати онҳо бе доштани ихтисоси муайян ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд, ки муҳоҷирати онҳо характери таваккалӣ дорад. Зеро

муҳоҷирати онҳо аслан на ба хотири пайдо кардани кори мувофиқ, балки аз руйи ноилоҷӣ яъне бинобар сабаби надоштани ихтисоси муайян дар ҷойи зист пайдо накардани ҷойи кор ва маоши арзанда ва ба хотири дарёфти маблағ амалӣ мегардад. Пас ин қабил одамон кадом корро ичро мекунанд бо ки кор мекунанд, аҳамият надорад ва ин гуна ашхос ҳатман ба коргарони арзонтарин ва аслан, ба ичрокунандагони корҳои сиёҳ табдил меёбанд, ки теъдоди онҳо аз ҷумҳурии мо хеле зиёд аст. Масъалаи дигаре, ки имрӯз ба муҳоҷирони тоҷикистонӣ аҳамиятӣ муҳим дорад ва масъулони соҳа барои ҳаллу фасли онҳо бояд андеша кунанд ин масъалаи ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ маҳсуб мешавад. Зеро то имрӯз масъалаи таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла масъалаи нафақа ва бо суғуртаи давлатии иҷтимоӣ фаро гирифтани муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон, ки берун аз кишвар кору фаъолият менамоянд, ҳалли худро наёфтааст.

Хулоса, сабабҳо ва омилҳои асосии афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҷумҳурӣ баъди соҳибистиқлол гардидан бо сабаби набудани ҷойи кори доимӣ ва паст будани сатҳи иқтисодӣ – иҷтимоӣ афзун гардида, ба яке аз проблемаҳои асосӣ табдил ёфтааст.

Ҳоло бошад, бо ташаббуси Сарвари давлат нисбати ин масъала чорабиниҳо идома меёбанд. Имрӯз то андозае ба баъзе мушкилоти муҳоҷирон сабукиҳо ворид мегардад, ки дар натиҷа иддае аз муҳоҷирон ба ватан баргашта, ба ҷойи кор таъмин мешаванд.

Адабиёт:

1. Абулҳаев Р. Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (солҳои 1917-2000). – Душанбе, 2012. – 385 с.
2. Абулҳаев Р. Аз таърихи фирориёни Тоҷикистон дар солҳои 20-90-уми асри бист. – Душанбе, 2018. – С. 130-131.
3. Документ стратегии снижения бедности. – Душанбе, 2012.
4. История таджикского народа. Т.6. Новейшая история (1941-2010). – Душанбе, 2011. – 450 с.
5. Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол. – Душанбе: Дониш, 2016. – 52 с.
6. Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол. – Душанбе, 2016. – 123 с.
7. Ҳайдаров Г. Ҳ. Начальнаяи поступь суверенного Таджикистана. – Худжанд: Нури маърифат, 2006. – 87 с.
8. Ҳотамов Н. Б. Социально-экономическое преобразования Республики Таджикистан в период суверенитета (1991-2006 гг.). –С. 56.
9. www rtsu. Tj.> upload >files> data> Тоҷикистони муосир pdf.
10. htpps//. Analytics.cabar. asia>tag>mu-o-ir.

Калидвожаҳо: *пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, камбизоатӣ, муносибатҳои иқтисоди бозорӣ, ҷанги шаҳрвандӣ, бекорӣ, бдозори меҳнат, муҳоҷират, афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ, касбият, мутахассисони баландихтисос.*

Аннотация

ПРИЧИНЫ И ФАКТОРЫ УВЕЛИЧЕНИЯ МИГРАЦИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье анализируется спад производства народного хозяйства после распада Советского Союза и во время гражданской войны в Таджикистане. Автор в своём публикации рассматривается факторы и причины внешней трудовой миграции. В начале 90-х годов XX века во многих бывших советских республиках стали расширяться масштабы бедности населения. В Таджикистане более высокий уровень бедности, наряду с причинами общими для всех постсоветских стран, был также обусловлен гражданской войной. В 2001 г. в стране уровень бедности составлял 83,5%. Создание после распада СССР демократических политических режимов, как проявление политической глобализации, явилось мощным толчком для бедных слоев населения в их устремлении изменить своё благосостояние на пути миграции в другие страны.

Ключевые слова: *Распад Советского Союза, рыночные отношения, бедность, гражданская война, безработный, рынок труда, миграция, рост трудовой миграции, профессионализм, высококвалифицированные кадры.*

Annotation

CAUSES AND FACTORS OF INCREASING MIGRATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article deals with decline in the production of the national economy after the collapse of the Soviet Union and daring the civil war in Tajikistan. The author in his publication examines the factors and causes of external labor migration. In the early 90s of the 20th century, the scale of poverty began to expand in many former Soviet republics. In Tajikistan, the higher level of poverty, along with the reasons common to the all post-Soviet countries, was also due to the civil war. In 2001, the poverty rate in the country was 83.5%. The creation of democratic political regimes after the collapse of the USSR as a manifestation of political globalization was a powerful impetus for the poor in their desire to change their well-being on the way of migration to other countries.

Keywords: *the collapse of the Soviet Union, market relations, unemployed, labor market, migration, growth in labor migration, professionalism, highly qualified personnel.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Асророва Шаҳло Сулаймоновна, магистранти соли аввали факултети таърихи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: +992 905250012

Роҳбари илмӣ: н.и.т., дотсент Фозилова М.

Сведения об автор: Асророва Шахло Сулаймоновна, магистранка первого курса исторического факультета ТГПУ по имени С. Айни. Телефон: +992 905250012

Научный руководитель: к.и.н., доцент Фозилова М.

About the autor: Asrorova Shahlo sulaymonovna, 1st year Master Student in the Faculty of History, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. Phone: +992 905250012

Scientific director: PhD in History, Associate Professor Fozilova M.

Қозизода Шуҳратҷон,
магистранти Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Донише
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

АЗХУДКУНИИ ЗАМИНҲОИ ДАШТИ ДИЛВАРЗИН ВА МУҲОҶИРАТИ МАСТЧОҲИЁН БА ЗАМИНҲОИ НАВ

Дар нимаи аввали солҳои 50-уми асри ХХ чун дар дигар мавзеҳои Иттиҳоди Шӯравӣ вобаста ба ҳаҷми заминҳои наву бекорхобидаӣ Ҷумҳури Тоҷикистон, ҷараёни гузаронидани муҳоҷиргардонии дохилӣ идома дошт. Бурҳону далелҳои зиёде шоҳиди онанд, ки дар ҳамин давра аз ноҳияҳои кӯҳиву баландкӯҳ бари азхудкунии заминҳо аз ҷониби деҳқонон хоҳишу дархостҳои ихтиёран ба водиҳои обои кӯчидан хеле зиёд буд.

Дар ҳамаи вақт дар натиҷаи аз худ кардани заминҳои Мирзочули тоҷик ва иншооти бузурги саноати ва обёрикунандаи Қайроқум, яъне сохтмони стансияи барқии дар он замон бузургтарини Осиёи Миёна – «Дӯстии Халқҳо» ва «Баҳри Тоҷик» ҷараёни муҳоҷиргардонии дохилӣ нисбатан тезтар гардид. Вобаста аз ин сохтмон Доманаӣ кору чорабиниҳои муҳоҷиргардонӣ нисбатан васеъ мешуд.

Мувофиқи қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 январи соли 1956 «Дар бораи нақшаи муҳоҷиргардонӣ ва интихоби муташаккилонаи коргарон дар соли 1956 барномаи муҳоҷиргардонии колхозчиён» ва дигар қисмҳои аҳолии ноҳияи кӯҳиву баландкӯҳ ба колхозу совхозҳои пахтакори ҷумҳурӣ чунин ба чашм мерасид: Дар вилояти Ленинобод соли 1956 (аз ноҳияи Мастчоҳ) мувофиқи ин нақша ба даштҳои Дилварзин 1200 хоҷагии деҳқонон муҳоҷир мешуданд [1, 129].

Маълум, ки колхозҳои ноҳияи Мастчоҳи кӯҳӣ дар миқёси ҷумҳурӣ хоҷагиҳои аз лиҳози иқтисодӣ сусту дорои соҳаҳои камдаромади хоҷагии кишоварзӣ буданд. Сабаби асосии ин вазъият дар он буд, ки ноҳияи кӯҳии номбурда камзамин буда, дар он ҷо ҳамон солҳо имконияти истифодаи техникаи хоҷагии кишоварзӣ вуҷуд надошт, тамоми корҳои заҳматталаби саҳроӣ бо қувваи дасту бозу иҷро карда мешуданд.

То дами ба даштҳои доманафароҳи Дилварзин муҳоҷир шудани мардум дар ин ноҳияи кӯҳӣ нуҳ колхози начандон калон рзи вуҷуд мекарданд, ки майдони умумии кишт хамагӣ ба 4700 га мерасид. Аммо бештари ин майдонҳои кишти зироатҳои хоҷагиҳои ишоварзи лалмикорӣ буда, бо олотҳои оддитарини меҳнати дастӣ асос ёфта буданд. Дар ин ноҳия саноату сохтмон вуҷуд надошт, 1 техникаи хоҷагии кишоварзӣ мавҷуд набуд, мардуми ин мавзеъ каме ба зироаткориву боғдори ва чорводорӣ машғул будад. Аз ин ҷост, ки қисми асосии аҳоли, алалхусус занҳо, бекора Дар хусуси даромади иқтисодии колхозҳо гап ҳам нест.

Масалан, даромади умуммии солонаи колхозҳо танҳо 4427. сумро (бо пули онвақта) ташкил мекард. Арзиши як рӯзи меҳнати кохозчиён дар миқёси ноҳия хамагӣ 1 суму 80 тин буд [2, д. 138, в 68]. Истеҳсоли чунин маҳсулоти соҳаи чорводорӣ: гӯшт, шир ва пашм дар колхозҳо ниҳоят кам буд. Масалан, соли 1953 дар ноҳия ҳамагӣ 180 тонна гӯшт, 397 тонна шир, 304 тонна пашм истеҳсол карда шуд [3, ф. 3. р 116, д. 138, в. 68].

Ҳар сол давлат ба ноҳияи Мастчоҳ пул (дотатсия) ҷудо кард, дар фасли зимистон то маҳкам шудани роҳҳо (чун ВАБК) ба ин ҷо ба таври таъҷилӣ хӯрокворию молҳои саноатӣ меовард.

Ҳамаи ин шароитро ба назар гирифта, бо мақсади минбаъд баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёту маданияти колхозу колхозчиёни ин ноҳияи баландкуҳ, КМ ҲК Тоҷикистон ва Шӯроӣ Вазирони ҷумҳурӣ меҳнаткашони Мастчоҳро даъват карданд, ки ба заминҳои дашти Дилварзин муҳоҷир шаванд. Ин даъвати ҳизбу Ҳукумати ҷумҳурӣ аз ҷониби меҳнаткашони ноҳия пурра дастгири ёфт.

Барои равшан кардани таърихи ба Тоҷикистон таалуқ доштани дашти Дилварзин, лозим мешуморем, ки оид ба ин масъала каме равшанӣ андозем. Дар солҳои 50-уми асри ХХ, пеш аз ҳама, ташаббускори ба дашти Дилварзин кӯчонидани меҳнаткашони ноҳияи Мастчоҳи кӯҳӣ муншии аввали ҳизби Коммунисти Тоҷикистон, марди оқилу фозил, олими бузург, арбоби Ҳизбу давлат, Бобоҷон Ғафуров буд.

Бояд махсус зикр кард, ки дар маҷмуъ, Б.Ғафуров ба ҳамагуна сиёсати муҳоҷиргардонӣ розӣ набуд. Ӯ намехост, ки мардуми минтақаҳои шимоли Тоҷикистон иҷборан аз макону деҳаҳои маъмулӣ ва заминҳои ҳосилхез кӯчонида шуда, дар он маҳалҳо обанбор созанд. Ин

сиёсат ба эҷоди сохтмони обанбор ва пойгоҳи барқии бузургтарин нерӯгоҳи барқии обии Осиёи Миёна - Қайроқум иртибот дошт. Бунёди ин пойгоҳи барқи на бо иродаи роҳбарони онвақтаи Тоҷикистон, балки ба хоҳиши ҳукумати марказӣ, ба хотири тараққи додани пахтакорӣ ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ буд. Комиссияи махсуси банақшагирии давлатии ИҶШС (Госплан) ба Коммисариати замини мамлакат (наркомзем) дастур дод, ки соли 1947 тарҳи истифодаи захираҳои оби Сирдарё ба мақсади рушди минбаъдаи соҳаҳои кишоварзӣ, моҳипарварӣ, сохтмони иншооти барқӣ ва киштгардонӣ лоиҳа пешниҳод намоянд. Пас аз чанд соли пешниҳоди тарҳи иншоот, бо иштироки ҷонишинони вазирони зироату техникии ИҶШС ва сарварони Ҳукумати Узбекистон, Тоҷикистон, Қазоқистон ва намояндагони вазорати оби ин ҷумҳуриҳо, комиссияи салоҳиятдор таъсис ёфт. Мувофиқи ҳисоби комиссия мебоист баъди анҷоми сохтмони иншооти бузурги Қайроқум 320 гектар заминҳои ҷумҳуриҳои Узбекистону Қазоқистон обёрӣ шуда, тавассути он чандин корхонаҳои саноатӣ эҷод мегардиданд [4, ф. 18, р. 6, д.7, в. 5-в].

Иншооти мазкур асосан ба манфиати Узбекистон ва Қазоқистон буд. Бояд зикр кард, ки даҳҳо ҳазор гектар заминҳои ҳамвору кароиои ҳосилхези Тоҷикистон зери об монданд. Дар соҳилҳои дарё обҳои зеризаминӣ ру зада, киштзорҳоро пахш карданд, ки дар натиҷа муҳити атроф хароб шуд.

Амру дастури Москавро дар он замон касе наметавонист рад созад. Аз ин рӯ, бо супориши Б. Ғафуров Ҳукумати Тоҷикистон дар доираи комиссияи номбурда ва тавассути он бо Ҳукумати Иттиҳод ин мавзуъро барасӣ сохта, тақозо кард, ки ба ивази заминҳое, ки зери обанбори Қайроқум мемонанд, аз ҳисоби заминҳои бекорхобидаи Ӯзбекистон, ки ба вилояти Ленинобод ҳамсарҳад аст, як миқдор замин ҷуброн гардад ва аҳолии аз манзилашон ҷудошуда ба заминҳои обёришудаву ҳамвор ва киштбоб кӯчонида шаванд [5, д. 76, в. 9].

Ин талабу дархостҳои Б. Ғафуров аз ҷониби Ҳукумати Иттиҳод ва Ҳукумати Ӯзбекистон бо таъхир амалӣ мешуданд. Бо супориши Ҳукумати Иттиҳод, Ҳукумати Ӯзбекистон соли 1958 аз минтақаҳои Мирзочӯл ба Тоҷикистон мебоист зиёда аз 50 ҳазор гектар замини бекорхобида ҷудо мекард [6].

Аммо, дар амал, Узбекистон аз ҳисоби талу теппаҳои ноҳияҳои Бекободу Боёвут ва Ховаси вилояти Тошканд барои Тоҷикистон каме бештар аз 40 ҳазор га замин ҷудо карду халос.

Б.Ғафуров ва дигар равшанфикру дилдодаи халқу ватанро аз ҳисоби обанбори Қайроқум кам шудани заминҳои корами вилояти Ленинобод ором намегузошт. Равшанфикрон ва қабл аз ҳама Б.Ғафуров дар замир ҳамеша фикру андешаи ободии даҳҳо ҳазор гектар заминҳои бекорхобидаи дашти Дилварзинро доштанд, ки дар сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон воқеъ буд. Ободонии заминҳои нав имконият медод, ки захираи заминҳои корами ҷумҳурӣ зиёд, маҳсулоти кишоварзӣ афзун, ва сатҳи равобити иқтисодию, қувваҳои корӣ ҷалб шуданӣ сатҳи зиндагию маданияти мардум хубтар гардида, равобити иқтисодию, фарҳангӣ ва техникӣ бо ҷумҳуриҳои ҳамсоя густариш ёбад. Масъалаи дигар, ки роҳбарияти ҷумҳуриро ба андешаи аниқ водор мекард. таввасути кадом қувва ин заминҳоро дар муддати кутоҳ ободу обёрӣ сохтан буд. Пас аз таҳлили Б. Ғрафуров ба хулосае омад, ки танҳо бо роҳи саросар кӯчонидани аҳолии ноҳияҳои кӯҳии камзамин ва аз лиҳози иҷтимоию иқтисодӣ ва сатҳи донишҳои техники ақибмонда, ин масъалаи ҳаётиро ҳаллу фасл кардан имконпазир аст. Ӯ, замони сарвари кишвар буданаш, ба ҳама ноҳияҳои ҷумҳурӣ сафар мекард вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва мадании мардумро аз наздик меомӯхт ва натиҷагирӣ мекард, ки кадом ноҳия ба муҳоҷирати дохилии ҷумҳурӣ бештар ниёз дорад.

Б. Ғафуров, бо дар назардошти бисёр омилҳо, масъалаи ба дашти ташналаби Дилварзин муҳоҷир кардани аҳолии ноҳияи Куҳистони Мастчоҳро пеш гузошт. Ин ноҳия, бидуни кӯҳсору рудҳояш, бо тамоми сохти маъмурӣ, номҳои ҷуғрофӣ, хоҷагиҳои Коллективӣ, мактабу муассисаҳои маданию маърифатӣ, коргузорӣ, пурра ба дашти Дилварзин кӯчонида шуд. Б.Ғафуров бештар аз заҳматкаш будани Мастчоҳиён, ба мардуми бонангу номус буданашон, эътимоду дилбастагӣ дошт. Минбаъд ҷараёни зиндагӣ дар ҳама ҷабҳаҳо ин пешбинии Б.Ғафуровро собит кард. Дар пахтакорӣ ва парвариши дигар зироатҳои хоҷагии кишоварзӣ на ҳама хоҷагиҳои ҷумҳурӣ бо мастчоҳиён ҳамсанг буданд. Эътимоди Б. Ғафуровро Мастчоҳиён исбот карда, дар шароити номусоиди табиию ҷуғрофии дашти Дилварзин кору пайкори суботкорона ба харҷ дода, заминҳои асрҳои аср партовро ба макони «тиллои сафед», боғу бустон табдил доданд.

Замоне фаро мерасад, - пешгуи карда буд ӯ, - мастчоҳиён даштҳои Дилварзинро обод карда, сатҳи Зиндагониашонро боло бардошта, баъдан Мастчоҳи кӯҳиро ҳам эҳё хоҳанд кард. Баъдан ин мардуми боиродату меҳнатдӯст Мастчоҳи кӯҳиро низ эҳё ва обод карданд [7, 135].

Ҷараёни муҳоҷиргардонии Мастчоҳиён чунин сура гирифта буд: КМ ҲК Тоҷикистон ва Шурои Вазирони дар назди комитети ҳизбӣ ва комиҷроияи вилояти дар бораи ба таври муташаккил ва сари вақт ба дашти Дилварзин кӯчонидани меҳнаткашони Мастчоҳи кӯҳӣ вазифаҳои ниҳоят масъулиятнок гузоштанд.

Ба ин муносибат Коммитети иҷроияи вилояти Ленинобод 28-уми марти соли 1956 «Дар бораи чорабиниҳо дар бораи ба заминҳои нави дашти Дилварзин муҳоҷир гардонидани меҳнаткашони Мастчоҳи кӯҳӣ қарори махсус бароварда.

Хоҳишу дархости заҳматкашони колхозҳои Мастчоҳи куҳиро оиди кӯчонидан ба дашти Дилварзин ба эътибор гирифта, дар қарори Комиҷроияи вилояти Ленинобод аз ҷумла изҳор шуда буд: «Хоҳишу дархостҳои колхозчиёни колхозҳои ба номи Ленин, Молотов, Жданов, Орҷоникидзе, Сталин, Куйбишев, Ворошилов, Энгелси ноҳияи Мастчоҳро дар бораи кӯчидан ба заминҳои нав азхуд кардашудаи дашти Дилварзин ҳамаҷониба дастгирӣ карда мешавад» [8, ф. р-1566, р. 2, д. 4, в. 233. 7].

Барои ба муҳоҷират омода кардани колхозчиёни колхозҳои Мастчоҳи куҳӣ саҳми фаъолони ноҳия: Н. Салимов, Сайфуллоев, А. Муллоҷонов, Д. САфаров, А. Азимов, Н. Охунов, Умаров, Пиров, Раҳимов, Ҷонмуҳаммаддовҳо, С. Каримова, Х. Раҳимова ва бисёр дигарон назаррас буд.

То ба ноҳияи Мастчоҳи нав муҳоҷир кардани деҳқонон як зумра ҷавонон ихтиёран дар сохтмонҳои се қитъаи дашти Дилварзин, ки ноҳияи нав бунёд мегардид, бо дили гарму умеди зиндагии минбаъдаи осудаҳолона, бо муваффақият кору пайкор мекарданд. Аз ин зумра ҷавонон метавон номҳои Диловарон аз қабили А. Қодиров, Д. Камолов, С. Азизов, Ш. Ниёзов, А. Ҳасанов, С. Охунов, Б. Ғозиев, К. Амонов ва бисёр дигаронро бо ифтихор номбар кард [9, в. 139-140].

Минбаъд дар ҷараёни азхудкунии заминҳои беканори дашти Дилварзин аз байни ин баҳодурони меҳнат сохтмончиёни варзида, инженерон, коргарон, роҳбарони соҳаҳои кишоварзӣ, мутахассисони баландихтиссоси хоҷагии халқ ба камол расиданд.

Дар натиҷаи ба таври оммавӣ кӯчонидани меҳнаткашони ноҳияи Мастчоҳ ба заминҳои навкорами дашти Дилварзин дар назди ташкилотҳои ҳизбиву шӯравӣ вазифаҳои душвору масъулиятноки муҳоҷиргардонӣ, корҳои зиёди сохтмони ва иншоотҳои обёрикунанда меистод. Қабл аз ҳама, вазифаи муҳим аз он иборат буд, ки як ноҳияро бо 18 ҳазор нафар аҳолӣ ва бо тамоми асбобу анҷоми хоҷагиаш аз маконе, ки одамон асрҳои аср хаёт ба сар мебурданд ба дашти синабирён ва заҳматталаби Дилварзин кӯчонидан лозим буд.

Таҷрибаи таърихӣ нишон дод ки, муҳоҷирати меҳнаткашони ноҳияи Мастчоҳи кӯҳӣ нисбат ба муҳоҷирати қаблии хоҷагихои дигар манотиқи ҷумҳурӣ вижагиҳои худро дошт. Зеро ин муҳоҷират ба худ хусусияти оммавӣ дошт.

Адабиёт:

1. Абдулхаев Р.А. Вопросы новейшей истории таджикского народа (Сборник избранных статей публикаций). – Душанбе, 2015. – 129 с.
2. Бойгонии ҳизбии Пажуҳишгоҳи таҳқиқоти сиёсии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон. – Душанбе. 138, в.68 (минбаъд БҲ ПТС ҲК Тоҷикистон).
3. БҲ ПТС ҲК Тоҷикистон. Ф.3. р116, д. 138, в.68.
4. Бойгони Марказӣ давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, (Минбаъд БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон), ф.18, р.6, д.7, в.5-в.
5. Дар ҳамон ҷо, д. 76, в.9.
6. Коммунист Таджикистана. 1958. - 5 июн.
7. Абдулхаев Р.А. Вопросы новейшей истории таджикского народа (Сборник избранных статьей публикаций). – Душанбе, 2015. С-135.
8. БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ф.р-1566, р.2, д.4, в.233. 7.
9. Дар ҳамон ҷо. в. 139-140

Калидвожаҳо: *Тоҷикистон, Б. Ғафуров, дашт, ноҳия, Ҳизби комунистии Тоҷикистон, Душанбе, муҳоҷирони дохилӣ, халқи тоҷик, инкишофи замин***.**

Аннотация

МИГРАЦИЯ МАТЧИНЦОВ НА НОВЫЕ ЗЕМЛИ И ОСВОЕНИЕ ЗЕМЕЛЬ ДИЛЬВАРЗИНСКОЙ СТЕПИ

Автор данной статьи опирается на архивные материалы и достоверные исторические источники о внутренней миграции граждан страны, в том числе и матчинцев в первой половине 50-х годов XX века в Дильварзинскую степь и роль Б. Гафурова в миграционной политике. Автор также говорит о переселении в новый Мастчинский район земледельцев и ряда молодых людей, которые добровольно и успешно работали на строительстве трех земельных участков в Дильварзинской степи, которые должны были быть созданы в новом районе.

Ключевые слова: *Таджикистан, Б. Гафуров, степь, район, Коммунистическая партия Таджикистана, Душанбе, внутренняя миграция, таджикский народ, освоение земеля.*

Annotation

MIGRATION OF THE MATCHINS TO NEW LANDS AND DEVELOPMENT OF THE LANDS OF THE DILVARZIN STEPPE

The author of this article relies on archival materials and reliable historical sources about the internal migration of citizens of the country, including Maschintsy, in the first half of the 50s of the twentieth century to the Dilvarzinskaya steppe and the role of B. Gafurov in migration policy. The author also talks about the resettlement of farmers and a number of young people to the new Mastchinsky district, who voluntarily and successfully worked on the construction of three land plots in the Dilvarzinskaya steppe, which were to be created in the new district. Key words: Tajikistan, B. Gafurov, steppe, region, Communist Party of Tajikistan, Dushanbe, internal migration, Tajik people, land development.

Keywords: *Tajikistan, B. Gafurov, steppe, region, Communist Party of Tajikistan, Dushanbe, internal migration, Tajik people, land development.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Қозизода Шуҳратҷон, магистранти Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33. Телефон: +992 936005059. E-mail: kozizoda_1997@mail.ru

Роҳбари илмӣ: д.и.т., профессор Убайдулло Н.К.

Сведения об авторе: Козизода Шухраджон, магистранти Института истории, археологии и этнографии им. Дониша Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33. Телефон: +992 936005059. E-mail: kozizoda_1997@mail.ru

Научный руководитель: д.и.н., профессор Убайдулло Н.К.

About the author: Kozizoda Shukhradjon, Master of the Institute of History, Archeology and Ethnography named after A. Donish National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenure, 33. Phone: +992 936005059, E-mail: kozizoda_1997@mail.ru

Беҳбудова Фарангис,
магистранти соли дуюми факултети таърих

ИНЪИКОСИ ҲУКМРОНИИ МИРПОДШОҲ ДАР БАДАХШОН ДАР «ТАЪРИХИ БАДАХШОН»-И САНГМУҲАММАДИ БАДАХШӢ ВА МИРЗО ФАЗЛАЛИБЕКИ СУРХАФСАР

«Таърихи Бадахшон»-и Сангмуҳаммади Бадахшӣ ва Мирзо Фазлалибеки Сурхафсар аз рисолаҳои таърихиест, ки ҳодисаҳои таърихии асри XVII ва ибтидои асри XX –и Бадахшонро дар худ инъикос мекунад. Дар хусуси зиндагиноми муаллифони ин рисола маълумоти равшан дастрас нест, вале тавре аз ин рисола бармеояд, Сангмуҳаммади Бадахшӣ соли 1211/1796 дар соли чоруми ҳукмронии амир Муҳаммадшоҳ аз Афғонистон омада, дар дарбори ӯ ба гурӯҳи «аҳли қалам» (котибон) пайвастааст. Дар ин ҷо ӯ ба вазифаи котибӣ (мирзоӣ) таъйин гашта, ба навиштани таърихи сулолаи ҳокимони Бадахшон машғул мешавад ва соли 1223 ҳ.қ. мувофиқ ба соли 1808 онро ба анҷом мерасонад. Қисми дигари воқеаҳои ин рисола, ки то соли 1907-ро дар бар мегирад, ба қалами муаллифи дуюми Мирзо Фазлалибеки Сурхафсар мутааллиқ мебошад [1, 32-33].

Тибқи ахбори «Таърихи Бадахшон» пас аз вафоти мири Бадахшон Юсуфалихон дар соли 1130/1717-18, ки аз писарони Ёрибекхон буд, писараш Мирподшоҳ ба тахти Файзобод нишаст. Аммо «...ҳангоме ки мир Юсуфалихон дар ҳолати муҳтазар (марг) буд, ки мардум ба иттифоқи худҳо дар шаҳри Файзобод бародари шашуми ҳамин мирони мутаваффо, ки ба мир Зиёуддинхоҷа мавсум буд, мумиилайҳиро ба ҳукумату мирӣ насб карда, ба ҳамроҳии худҳо мирро гирифта болои қалъаи Зағирчӣ рафта, нақораи шодиёна монда, эълони мирӣ карда. Ва аз ин рӯй писари марҳум Юсуфалихон - Мирподшоҳ ном бо ҳамроҳии аъвони (тарафдорони) худ дар Мадрасаи эшони Махдумзода ибни эшони шайх Муҳаммадамон маҳсуру қабал шуда, ба вартаи ҳайронӣ дармонданд» [4, 65]. Тибқи ахбори ҳамин манбаъ, Мирподшоҳ аз Пасокӯҳ ба Файзободу ҳуҷум карда, Зиёуддинро захмӣ кард ва Файзободро ба даст гирифта ба мансаби мирӣ нишаст. Зиёуддин ба тарафи Чатрор фирор намуда, аз он ҷо ба Кобул ва аз Кобул ба Қундуз расида, бо мирони Қатаған ва Қундуз иттифоқ баст ва бо ёрии онҳо ба Файзобод лашкар кашида, онро забт карда, боз ҳокимиятро ба даст оварда. Мирподшоҳ гурехта ба Пасокӯҳ рафт. Мирзо Набот, ки писари мир Зиёуддин буд, ҳокими қалъаи Фархор таъин гашт .

Таърихи ба сари ҳокимият омадани Мирподшоҳ ва гузаштагони ӯ дар дигар манбаъҳои таърихии роҷеъ ба таърихи Бадахшон, хусусан рисолаи «Таърихи Бадахшон»-и Қурбонмуҳаммадзода Охон Салмон ва Сайид Шоҳфутур [2] инъикос наёфтааст.

Бино ба иттилои Сангмуҳаммади Бадахшӣ мир Зиёуддин ба Файзобод ҳуҷум карда, онро ғасб менамояд ва Мирподшоҳ ба ҷониби Пасокӯҳ фирор менамояд [4, 66-67].

Қайд кардан ба маврид аст, ки Шоҳ Сулаймонбек (мири Файзобод) алайҳи суйқасди бадхоҳон, баъди 7 соли салтанатронӣ (соли 1713) кушта шуда, соҳиби «маснади калониву амирӣ» бародараш Юсуфалихон гардид. Замони салтанати ӯ тулонӣ набуда, соли 1717-18 вафот кардааст. Ҳарчанд аз рӯи васияти марҳум бояд писараш Мирподшоҳ ба маснади мирӣ менишаст, вале ӯ ба муқобилияти яке аз бародарони падараш Зиёуддинхоҷа дучор шуда, шикаст хӯрд ва фирор кард [3, 30].

Соли 1735 байни Зиёуддин ва писараш Мирзо Набот мухолифат сар зад. Мирзо Набот тарафдорони падарашро ба қатл расонад. Зиёуддин аз ин дар ғазаб омада, ӯро таъқиб кард ва Мирзо Набот гурехта дар хонаи қозӣ Оллоққул даромада пинҳон шуд. Ҳангоми наздик шудани Зиёуддин Қозӣ ӯро ба қатл расонад. Мирзо Набот бошад, пас аз дидани ин ҳодиса аз хонаи қозӣ фирор карда, ба мавзеи Аргу рафт. Мирподшоҳ баробари шунидани ин воқеа бо лашкари зиёде аз Садда ва Пасокӯҳ ба ҷониби Файзобод ҳаракат карда, онро дар тасарруфи худ даровард. Аммо писари Сулаймонбек Сулаймонхон, ки аз наберагони Ёрибекхон буд, бо Мирзо Набот иттифоқ баста, ба Файзобод ҳуҷум карданд: «Сулаймонхон, писари Шоҳ Сулаймонбек дар Ҷурм ҳоким буд. Ӯ ҳам аз қалъаи Ҷурм саворӣ намуда ба Мирзо Набот иттифоқ шуда, ҳар ду болои қалъаи Файзобод омаданд ва Мирподшоҳро муҳосира карданд. Ва баъд аз муҳосираи бисёр Мирподшоҳ боз ба ҷониби Пасокӯҳ роҳи мирӣ талабида, ба ҷониби Пасокӯҳ бозгашт кард ва Файзободро ба Сулаймонхон ибни Шоҳ Сулаймонбек, ки аз мерос мулки ӯ буд, таслим намуд. Ва чун худи Мирподшоҳ ба Саддаву Пасокӯҳ рафт, оқсақолони Саддаву Пасокӯҳро фиристод, ки ба қалъаи Файзобод рафта, расму ифои таҳнияту муборакбодӣ ва фотеҳахондӣ намуда, Сулаймонхонро қалъаи падарӣ ва ба ҳукумати меросӣ табрик намоянд» [4, 67].

Мирзо Набот аз ин воқеа огоҳ шуда ба Сулаймонхон қосид фиристода, хоҳиш кард, ки одамони Мирподшоҳро ба назди вай фиристад. Ин ба Сулаймонхон хуш наомад ва ба ӯ ҷавоб дод, ки ба ин мулки мустақил кордор нашавад. Мирзо Набот лашкар ороста, ба ҷониби Сулаймонхон ҳаракат кард ва қалъаро дар муҳосира қарор дод. Мирподшоҳ аз ин воқеа хабардор шуда ба Файзобод омад ва Мирзо Набот фирор кард. Сулаймонхон аз ин воқеа ба хулосае омад, ки Файзободро ба Мирподшоҳ дода, худаш ба қалъаи Ҷурм равад. Сабабаш дар он буд, ӯ аз уҳдаи идораи ин шаҳр баромада наметавонист.

Пас аз ин Мирподшоҳ дар Файзобод қарор гирифт ва ба муқбили Мирзо Набот лашкар тартиб дода, ба Аргу ҳаракат кард. Дар натиҷа ҷанги сахт рух дода, Мирподшоҳ шикаст хурда, ба ҷониби қалъаи Пасокӯҳ рафт. Мирзо Набот ба Файзобод омада онро гирифт.

Мирзобошӣ, ки калону умдаи қавми оқбӯрӣ буд, ӯро ба ҷониби Ила, ба назди Тӯраи қалмоқ фиристод, ки аз он ҷо ба ҷиҳати кӯмак лашкар оварда, Мирподшоҳро бо мулки Саддаву Пасокӯҳ дастгиру хароб созад. Мирподшоҳ бо ҳамроҳии тамомии мардум дар қалъаи Роғдашт омодагии ҷиддӣ гирифт, вале шикаст хурда, ба ҷониби Чоҳоб фирор кард [4, 68-69].

Дар «Таърихи Бадахшон» қайд мегардад, ки «Дафъаи сеюм Шоҳ Бӯзахӯрбек, ки бародари Мирзо Набот буд, аз ҷиҳати тақсиму расади ҳиссаи хеш дар умури мулкдорӣ аз бародари худ коҳиш ёфта, ба назди Тӯраи қалмоқ ба шаҳри Ила рафта, истиғоса (талаби ёрӣ) намуда, истимдоду кӯмак талабид. Фавҷе аз лашкари қалмоқ ба ҳамроҳии худ оварда ва баъд аз вуруди ин ноҳият аз кӯҳи Ҷулуғар то кӯҳи Регӣ хаймаву шомиёна зада фаромаданд. Ва мир Мирзо Наботро дар шаҳр муҳосира намуда, муддати мадид истоданд ва ҳаррӯза ҷангу ҷадал дар мобайн мекарданд» [4, 69].

Оқибат Мирзо Набот бо бародараш мусолиҳа намуд, аммо қалмоқ ҳангоми баргаштан дар яке аз маҳаллаҳои Қаротеген бо гурӯҳе мувоҷеҳ шуданд, ки тамоман куштаву тороҷ гардиданд. Пас аз ин Мирзо Набот ба фориғболӣ фармонфармои пойтахт - Файзобод гардид.

Мирзо Набот соли 1161 ҳиҷрӣ, мувофиқ ба соли 1747 аз ҷониби ғуломе кушта шуд. Мирподшоҳ ва Сулаймон, ки дар Чоҳоб буданд, бо лашкарҳо ба ҷониби Файзобод ҳаракат карда, онро ба даст гирифтанд. Мирподшоҳ Ҷурмро ба Сулаймонхон дод. Аммо дере нагузашта, Сулаймонхон ба Файзобод лашкар кашида, Мирподшоҳро аз он хориҷ кард. Мирподшоҳ дар назди Файзобд Лойоба қалъае сохта муддати нуҳ моҳ дар он ҷо иқомат кард. Пас аз нуҳ моҳ он аз ҷониби «қавми дегрезон» тасарруф шуд, ки дар ин ҳолат Мирподшоҳ бемор буда, ҳангоми фирор дар байни роҳ, дар мавзеи наздик ба Турёб вафот кард [4, 72].

Пас аз ин воқеа Сулаймонхон муддати ҳафт сол дар Файзобод ҳукмронӣ намуд. Юсуфалихони сонӣ –писари Мирподшоҳ дар Пасокӯҳ ва мир Султоншоҳ дар Чоҳоб ҳукумат карданд.

Ҳамин тариқ, пас аз вафоти Юсуфалихон ба тахти Файзобод Писараш Мирподшоҳ нишаст, аммо ӯ ба низоъҳои амакаш Зиёуддин рӯ ба рӯ шуда, тоб наёворада, ба Паскӯҳ фирор кард. Ӯ чанд маротиба кӯшиши ба даст овардани ҳокимиятро дар Файзобод кард. Пас аз вафоти Зиёуддин Мирподшоҳ ба таҳдиду ҳамлаҳои писари Зиёуддин Мирзо Набот мувоҷеҳ шуд, ки дар ин навбат чанд маротиба Файзободро аз даст дода ва дубора ба даст гирифт. Ҳамин аҳвол пас аз марги Мирзо Набот бо Сулаймонхон низ рӯй дод, ки оқибат Мирподшоҳ шикаст хурд ва Мирзо Набот ҳокимиятро дар Файзобод дар ихтиёри худ нигаҳ дошт.

Таърихи ба сари ҳокимият омадани Мирподшоҳ, ҳукмронӣ ва мухолифатҳои ҳокимони давр дар рисолаи «Таърихи Бадахшон»-и Сангмуҳаммади Бадахшӣ ва Мирзо Фазлалибеки Сурхафсар бо ҷузъиёташ тасвир ёфтааст. Ин масъала дар дигар манбаҳои хаттӣ зикр нашудааст.

Адабиёт:

1. Ғоибов Ғ., Холов М. Пешгуфтор/ Сангмуҳаммади Бадахшӣ ва Мирзо Фазлалибеки Сурхафсар. Таърихи Бадахшон. – Душанбе: Дониш, 2007. – С.4-57.
2. Қурбонмуҳаммадзода Охон Салмон ва Сайид Шоҳфутур. Таърихи Бадахшон. – Душанбе: ҶДММ «Сифат – Офсет», 2020. – 177 с.
3. Масов Р., Пирумшоев Ҳ. Файзи истиқлол дар «Боми ҷаҳон». – Душанбе: Дониш, 2019. – 412 с.
4. Сангмуҳаммади Бадахшӣ ва Мирзо Фазлалибеки Сурхафсар. Таърихи Бадахшон. – Душанбе: Дониш, 2007. – 210 с.

Калидвожаҳо: *Бадахшон, Файзобод, Мирподшоҳ, «Таърихи Бадахшон», лашкаркашӣ, тасарруф, инъикос.*

Аннотация

ОТРАЖЕНИЕ ПРАВЛЕНИЯ МИРПОДШАХА В БАДАХШАНЕ В «ИСТОРИИ БАДАХШАНА» САНГМУХАММАДА БАДАХШИ И МИРЗО ФАЗЛАЛИБЕКА СУРХАФСАРА

В статье прослеживается приход к власти одного из бадахшанских князей Мирподшаха, его правление и внутренние конфликты бадахшанских правителей в «Истории Бадахшана» Сангмухаммада Бадахши и Мирзо Фазлалибека Сурхафсара. Автор статьи отмечает, что после смерти бадахшанского князя Юсуфалихона в 1130/1717-18 годах на престол Файзабада взошел один из сыновей Ёрибекхана - Мирподшах. Однако, несмотря на волю отца, что эмиром должен был стать его сын Мирподшах, он потерпел поражение от одного из братьев отца, Зиуддинходжи, правившего 18 лет. После смерти Зиёуддина Мирподшаха ему угрожал и нападал сын Зиёуддина Мирзо Набота, который несколько раз терял Файзабад и отбивал его.

В заключение автор делает вывод, что история прихода к власти Мирподшаха, правления и противостояния правителей того времени подробно описана в трактате «История Бадахшана» Сангмухаммада Бадахши и Мирзо Фазлалибека Сурхафсара, а данная работа является один из важнейших исторических источников.

Ключевые слова: *Бадахшан, Файзабад, Мирподшах, «Таърихи Бадахшан», милитаризация, узурпация, отражение.*

Annotation

MIRPODSHAH'S RULE IN BADAKHSHAN IS REFLECTED IN SANGMUHAMMAD BADAKHSHI'S «TARIKHI BADAKHSHAN» AND MIRZO FAZLALIBEK SURKHAFSAR

The article traces the rise to power of one of the Badakhshan princes, Mirpodshah, his rule, and the internal conflicts of the Badakhshan rulers in the «Tarikhi Badakhshan» by Sangmuhammad Badakhshi and Mirzo Fazlalibek Surkhafsar. The author of the article notes that after the death of the Badakhshan prince Yusufalikhon in 1130 / 1717-18, one of Yoribekkhan's sons, his son Mirpodshah ascended the throne of Faizobod. However, despite his father's will, his son Mirpodshah was to become mayor, but he was defeated by one of his father's brothers, Ziyouddinkhoja, who ruled for 18 years. After Ziyouddin Mirpodshah's death, he was threatened and attacked by Ziyouddin Mirzo Nabot's son, who lost Faizobod several times and recaptured it.

In the end, the author concludes that the history of Mirpodshah's coming to power, the rule and opposition of the rulers of the time are described in detail in the treatise « Tarikhi Badakhshan» by Sangmuhammad Badakhshi and Mirzo Fazlalibek Surkhafsar, and this work is one of the most important historical sources.

Keywords: *Badakhshan, Faizobod, Mirpodshah, «Tarikhi Badakhshan», militarization, usurpation, reflection.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Беҳбудова Фарангис, магистранти соли дуюми факултети таърихи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121. Тел.: +992 919626252

Роҳбари илмӣ: д.и.т., профессор Саидов А.

Сведения об авторе: Бехбудова Фарангис, магистрантка второго курса исторического факультета ТПГУ имена С. Айни, г. Душанбе, проспект Рудаки 121. Тел.: +992 919626252

Научный руководитель: д.и.н., профессор Саидов А.

About the author: Behbudova Farangis, the 2nd year of Master Student in the history faculty of the Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. Tel.: +992 919626252

Scientific supervisor: Doctor of History, Professor Saidov A.

Ҳусейнова Ҳалима,
магистранти соли дуюми факултети таърих

ШАҲРҲОИ ЗАМОНИ КУШОНӢ ДАР ҲУДУДИ БОХТАРИ ҚАДИМ ТИБҚИ БОЗЁФТҲОИ БОСТОНШИНОСӢ

Бозёфтҳои бостоншиносӣ нишон медиҳанд, ки дар ҳудуди Бохтари қадим ва Тоҷикистон ва Тоҷикистони имрӯза як қатор шаҳрҳои замони кушонӣ вуҷуд доштанд. Пеш аз ҳама рушди шаҳрсозӣ дар ин давра дар вилояти Сурхандарёи Ӯзбекистон, ки як ҷузъи Бохтари замони кушониён ба ҳисоб мерафт, хеле тараққӣ карда буд. Ба миқдори зиёд сохта шудани шаҳрҳо дар давраи кушониён, на фақат дар Сурхандарё, балки дар минтақаҳои қисми ҷанубии Тоҷикистон, яъне Хатлон низ ҷой дошт [2, 77].

Дар ҳудуди Бохтари қадим шаҳрҳои замони кушонӣ, аз ҷумла шаҳри Кайқубодшоҳ (воқеъ дар ноҳияи Шаҳритус) ёфт шуданд. Мувофиқи маълумотҳои бадастомада одамон дар рӯди Кофарниҳон аз нимаи дувуми ҳазораи I пеш аз милод маскун буда, шабакаи густардаи обёрӣ падид оварда будаанд. Киштзори каронаи рости ин рӯдро ҷӯйе обёрӣ мекардааст, ки саргаҳаш 18 км шимолтар аз шаҳраки Қубодиён ҷой дошта аст. Як ҷӯи дигар киштзори каронаи чапи рӯдро обёрӣ мекардааст [3, 253]. Дар сарзамини Шаҳритӯс ёдгориҳои зиёд аз аҳди бостон ва садаҳои миёна боқӣ мондаанд [8, 12]. Тибқи маълумоти Бобоҷон Ғафуров он ҳанӯз дар давраи Юнону Бохтар таъсис ёфта буд, дар давраи Кушониён низ вуҷуд дошт ва дар ноҳияи поёноби Кофарниҳон маркази калони минтақаи зироаткорӣ буд. Шаҳр девори мустаҳками мудофиавӣ дошт, ки майдони чоркунҷа (375Х 285 м) шаҳрро иҳота карда буд. Дар тарафи дарози ин чоркунҷа 9 бурҷ ва дар тарафи кӯтоҳи он 7 бурҷ ба назар мерасид. Ғайр аз ин, дар ҳар гӯша низ гулдастае буд. Ҳамаи бурҷҳо чоркунҷаанд. Ҳафриёти баъзе қисмҳои девор нишон дод, ки аз дарун, қад-қади девор, долоне тул мекашид ва он ба чанд қисм тақсим шуда буд. Пайваста ба долон хонаҳои чоркунҷа ҷой доштанд. Аз ин ҷо ашёи зиёде, аз ҷумла сафолот, ҳайкалчаҳо, асбоби зебу зиннат ба даст омад [1, 210].

Дар давраи ҳукмронии кушониён дар минтақаҳои Тоҷикистони имрӯза хоҷагии қишлоқ низ рушд намуда буд. Мардум дар водиҳо бештар ба киштукори обӣ ва чорводорӣ машғул буданд. Зимни таҳқиқотҳо каналҳои дар ин давра кофташуда, ба монанди водии Вахш ёфт шуданд. Барои обёрӣ на фақат оби дарё, балки оби чашмаҳо низ, ки дар он давра хеле бисёр буданд, пайдо гардиданд. Масалан, дар шимоли водии Вахш заминҳо асосан аз канали дарёи Вахш бо об таъмин карда мешуданд, вале якчанд манзилҳо, ба монанди димнаи Ҳалқаҷари қарибии Ӯялӣ, ки аз дарё хеле боло ҷой гирифта буданд, аз дарёи Обикиик истифода бурда мешуд.

Ин далелҳо собит месозанд, ки сарзамини Тоҷикистон дар асрҳои I-IV яке аз қисматҳои муҳими давлати Кушониён ба ҳисоб рафта, баробари тараққии соҳаҳои иқтисодӣ, муомилоти пулӣ, вазъи фарҳангию маънавӣ, динӣ ва ғайраҳо шаҳрсозӣ низ дар ҳудуди ин давлат ба тадриҷ инкишоф ёфтааст.

Дигар аз шаҳрчае, ки дар аввали пайдоиши давлати Кушониён сохта шуда, тамоми биноҳояш ба он давра мансубанд, шаҳраки Ҳалқаҷар мебошад, ки бино ба маълумоти муҳаққиқон сохтмони он давраи Кудҷула Кадфиз оғоз ёфтааст. Он дар канори деҳаи Сарбанд ҷойгир буда, масоҳаташ 3-4 гектарро ташкил медиҳад. Аммо атрои он 1000 гектар беш буда, 25 деҳаи хурдро дар бар мегирифт.

Шаҳри дигари замони кушонӣ дар Қурғонтеппа мебошад. Дар асрҳои гузашта, хусусан дар асрҳои I –IV дар аҳди Кӯшониён дар ин минтақа шаҳре ба вуҷд меояд, ки Леваканд ном доштааст ва маъноаш «шаҳри лабканда» мебошад. Муайян шудааст, ки теппаи таърихии шаҳр табиӣ набуда, бо дасти инсон, яъне бо роҳи сунъӣ ба вуҷуд омадааст. Ба ривояти мардумӣ гӯё ҳокими шаҳри Леваканд бо мақсади сохтани он «андози хок» ҷорӣ карда, мардуми ин музофот, ки барои хариду фурӯш ба бозори шаҳр меомаданд, бояд ҳар кадом як хӯрҷинӣ хок оварда ба болои ин теппа мерехтанд. Дар натиҷа теппаи баландиаш аз рӯи ривоятҳо зиёда аз 150- метра бунёд гардида, атрофи онро девори бараш то 12 метр иҳота мекард, ки аз болои он ароба бемалол гашта метавонист. Қасри ҳокими Леваканд низ дар болои ин теппа сохта шуда буд.

Таърихномаҳо ва осори ҷуғрофӣ низ гувоҳӣ медиҳанд, ки Қурғонтеппа дар гузашта Леваканд ном доштааст. Тибқи бозёфтҳои бостоншиносӣ шаҳр дар ҷои Бохтар ҳанӯз дар замони Кушониён (садаҳои I – IV м.) вуҷуд доштааст [9, 69]. Он шаҳр то замони густариши

Ислом дар Хатлон яке аз ободтарин шаҳрҳои Вахш ба ҳисоб мерафт. Дар авохири садаи VII – оғози садаи VIII ин шаҳрро арабҳо ишғол намуданд ва аз он пас дар сарчашмаҳои таърихӣ ва осори ҷуғрофидонони исломӣ ин шаҳр ба номи Ловаканд ва Леваканд ёд шудааст. Чунончӣ, Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Муҳаммад Истахрӣ менависад ки «**аз Ловаканд то Ҳаловард як манзил ва то Пули Сангин ду манзил роҳ будааст**» [5, 217]. Номи ин шаҳр дар «**Ҳудуд ул-олам**»низ зикр шудааст [11, 119].

Пас аз ҳафтсад сол вайронаҳои Левакандро бостоншиноси шӯравӣ Т.И. Зеймаль пайдо кард. Дар паи кофтуковҳои бостоншиносӣ ва баррасиҳои ҷуғрофӣ ошкор шуд, ки Леваканд ҳамон харобаҳои Қурғонтеппа буда, калонтарин харобаест, ки аз садаҳои миёна дар бахши шимолии водӣ бозмондааст [4, 37-67].

Ҳамчунин, аз дигар шаҳрҳои замони кушонӣ шаҳре дар наздикии ноҳияи имрӯзаи Ёвон ёфт шудааст. Тибқи маълумотҳои бостоншиносӣ 8 километ дуртар аз Ёвон як шаҳре пайдо шудааст, ки мансуб ба даври Кушониён мебошад ва масоҳати он 40 гаро ташкил медод. Дар ин шаҳр дунгие ёфт шудааст, ки ба арк шабоҳат дорад. Мувофиқи маълумоти Бобоҷон Ғафуров «пайваста ба ин дунгӣ теппае ҳаст, ки баландиаш 8 м, вусъаташ 380-200 м мебошад. Тамоми ин майдонро девор печонида гирифтааст. Берун аз ин девор баъзе ҳавлиҳои алоҳида ва сағонаҳо воқеъ буданд. Ҳафриёт асосан дар майдони арк ва дигар ҷойҳо гузаронида шуд. Қатори иморатҳо ёфт шуданд, ки хонаҳои на чандон калон буда, гурӯҳ-гурӯҳ қад-қади ду тарафи тангкӯча ё роҳрави сарбаста ҷой гирифтаанд» [1, 210-211]. Боқимондаи иморатҳо аз панҷ давра иборат мебошанд, яъне мутахассисон исбот намуданд, ки «санаи табақаи аз ҳама поёнии асри 1-уми то милоду ҳудуди эраи нав ва санаи табақаи аз ҳама боло асрҳои IV-V эраи нав аст» [1, 210-211]. Аз ин ёдгорӣ бозёфтҳои сафолӣ ва устухонӣ ёфт шуданд

Бояд қайд кард, ки дар давраи кушониён деҳаи хурдакаки зироаткорӣ дар Бохтари Шимолӣ низ маълум карда шудааст, ки ин манзилгоҳи Оққурғон мебошад ва он дар қарибии шаҳри ҳозираи Шерободи вилояти Сурхондарё воқеъ аст. Дар ин давра машғулияти асосии аҳолӣ зироаткорӣ, чорводорӣ ва майдакосибӣ буд, ки дар ноҳияи Қубодиёни қадим, аз ҷумла Теппаи Шоҳ, Оқтеппаи 2 ва ғайраҳо зимни ҳафриёт маълум шуданд.

Қайд кардан ба маврид, ки аз дар ҳудуди Бохтари қадим дар шимолу ғарбии Тирмизи имрӯзаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ибодагоҳи буддоӣ пайдо гардид. Ин ибодатгоҳ Қаратеппа (Теппаи сиёҳ) ном дошта, дар масофаи 5 км дуртари Тирмиз дар се қуллаи теппа ҷойгир аст. Масоҳати умумиаш 8 гектарро ташкил медиҳад [6, 43]. Харобаҳои он аз муҳимтарин ёдгориҳои таърихии дини буддоии Осиёи Марказӣ ба ҳисоб рафта, ба асри II мелодӣ, замони ҳукмронии Кушониён мансуб мебошад. Дар ин давра, хусусан баъд аз ҳуҷуми Кушониён ба Ҳинд дини будоӣ дар Осиёи Миёна роҳ ёфта, шоҳони кушонӣ ба хотири ҳиндуҳои бутпарасти империяи худ ибодатгоҳҳои будоӣ ва ступаҳо месохтанд [7, 286]. Эҳтимол меравад, ки ибодатгоҳи будоии Қаратеппа низ дар ҳамин замина бунёд шудааст. Биноҳои берунии он аз хишти похса ва хом сохта шудаанд. Дохили маъбадҳо бо муҷассамаҳои сангӣ, гилӣ ва расмҳои деворӣ оро ёфтаанд. Дар девори яке аз маъбадҳо сурати Буддо тасвир шудааст, ки хоҳишҳои нафсонӣ, иродаи бад, танбалӣ ва дигар монеаҳоро паси сар карда, марҳилаи ҳафтуми Йогаи Аштанга (дяна) -ро эҳсос кардааст.

Ибодатгоҳи будоии Қаратеппа дар замони ҳукмронии Кушониён (асрҳои I-III) «Хадева-ка вихара», яъне дайри подшоҳӣ номида шуда, маъруфияти хосса дошт. Дар асри IV бо шикаст хурдани Кушониён аз ҷониби Сосониён ин ибодатгоҳ аҳамияти худро аз даст дод. Дар асри V барои дафни ҷасадҳои одамон табдил ёфтааст [10, 104].

Ҳамин тариқ, бозёфтҳои археологӣ ба исбот расонданд, ки дар давраи ҳукмронии Кӯшониён Бохтари қадим аз қисматҳои муҳими он ба ҳисоб рафта, дар он шаҳрҳои хурду бузург бунёд ёфтааст.

Адабиёт.

1. Ғафуров Б. Тоҷикон. Ҷ.1. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 704 с.
2. Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. – Душанбе: Дониш, 2006. – 906 с.
3. Дьяконов М. М. Археологические работы в нижнем течении реки Кафирнигана (Кобадиан). Труды Таджикской археологической экспедиции. Т. 2. – М.; - Л., с. 252-292.
4. Зеймаль Т. И. Древние и средневековые каналы Вахшской долины. Страны и народы Востока, вып. 10. Средняя и Центральная Азия. – М., 1971. – с. 37-67.
5. Истахрӣ, Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Муҳаммад Форсӣ. Масолик вал-мамолик. (Ба эҳтимоми Эраҷ Афшор). – Теҳрон: Интишороти ширкати интишоротии илмӣ ва фарҳангӣ, 1368 ш. / 1989 м.

6. Материалы тохаристанской экспедиции. Выпуск 8. Елец – 2011. – 251 с.
7. Мкртычев Т. К. Буддийское искусство Средней Азии. I-X вв. – М.: Академкнига, 2002. – 286 с.
8. Окладников А. П. Исследования памятников каменного века Таджикистана. Труды Таджикской археологической экспедиции. Т. 3. – М.; - Л., 1958. – 362 с.
9. Ставиский Б. Я. Кушанская Бактрия. Проблемы истории и культуры. – М.: Наука, 1977. – 296 с.
10. Ставиский Б. Я. (ред.) Буддийский культовый центр Кара-тепе в Старом Термезе. Основные итоги работ 1965. – 1971 г.
11. «Ҳудуд ул-олам мин ал-Машриқ илал-Мағриб» (соли 372 ҳичрии қамарӣ 982 милодӣ). (Вироиши доктор Манучеҳр Сутуда). – Теҳрон: Интишороти китобхонаи Таҳурӣ, 1362 ш. / 1983 м.

Калидвожаҳо: *Шаҳрҳо, бозёфтҳо, бостоншиносӣ, Қубодиён, Леваканд, Вахш, обёрӣ, Бохтар.*

Аннотация

ГОРОДСКИЕ ПОСЕЛЕНИЯ КУШАНСКОГО ПЕРИОДА НА ТЕРРИТОРИИ ДРЕВНЕЙ БАКТРИИ В СВЕТЕ АРХЕОЛОГИЧЕСКИХ ДАННЫХ

В статье отражено развитие градостроительного искусства во времена кушанов в древней Бактрии. На основании археологических находок и письменных исторических источников автор отмечает, что в древней Бактрии существовал ряд кушанских городов. Прежде всего, развитие градостроительства в этот период было высоко развито в Сурхандарьинской области Узбекистана, входившей в состав Бактрии в кушанский период. Автор рассматривает руины города Кубодиён, археологические находки исследователей, открытие Леваканди и других памятников этого периода, а также растениеводство, животноводство и орошение в Вахшской долине, которая была важной её частью, где небольшие и были построены большие города.

Ключевые слова: *города, открытия, археология, Кубодиён, Леваканди, Вахш, орошение, Бактрия.*

Annotation

ARCHAEOLOGICAL FINDS OF THE KUSHAN PERIOD ON THE TERRITORY OF ANCIENT BACTRIA

The article reflects the development of the art of urban planning in the time of the Kushans in ancient Bactria. Based on archeological finds and written historical sources, the author notes that there were a number of Kushan cities in ancient Bactria. First of all, the development of urban planning during this period was highly developed in the Surkhandarya region of Uzbekistan, which was part of Bactria during the Kushan period. The author examines the ruins of the city of Qubodiyon, archeological finds by researchers, the discovery of Levakandi and other monuments of this period, as well as crop, livestock and irrigation in the Vakhsh Valley. It was an important part of it, where small and large cities were built.

Keywords: *cities, вiscoveries, archeology, Qubodiyon, Levakandi, Vakhsh, lrrigation, Bactria.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҳусейнова Ҳалима, магистранти соли дуюми факултети таърихи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121. Тел.: +992 200891313

Роҳбари илмӣ: д.и.т., профессор Ҳусайнов А.

Сведения об авторе: Хусейнова Халима, магистрантка второго курса исторического факультета, специальности истории ТПГУ имена С. Айни, г. Душанбе, проспект Рудаки 121. Тел.: +992 200891313

Научный руководитель: д.и.н., профессор Ҳусайнов А.

About the author: Huseinova Halima, the 2nd year of Master Student in the history faculty of the Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. Tel.: +992 200891313

Scientific adviser: Doctor of Historical Sciences, Professor Kusainov A.

Сафаров Меҳрубон,
магистранти кафедраи муносибатҳои байналхалқии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

РОБИТАҲОИ ДУҶОНИБАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН

Муносибатҳои башардӯстонаи Ҷумҳурии Мардумии Чин дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша афзалиятнок буда, сабаби ин на танҳо вазни сиёсӣ ва иқтисодии Чин дар ҷаҳон ва минтақаи Осиё, балки ба робитаҳои таърихӣ, арзишҳои муштараки фарҳангӣ ва сиёсӣ, ҳадафҳои якхелаи иқтисодӣ ва мавҷудияти сарҳади муштарак низ вобаста аст.

Муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин 4 январи соли 1992 барқарор шудааст. Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистону Ҷумҳурии Мардумии Чин бо тамоюли зичи робитаҳо дар сатҳи баланд ва заминаи мустаҳками шартномавию ҳуқуқӣ тавсифёбӣ мешавад. Заминаи ҳуқуқии робитаҳои дуҷониба зиёда аз 200 шартномаву созишномаҳои соҳаҳои мухталифро дар бар мегирад. Аз ҷумлаи ҳуҷҷатҳои асосӣ, инҳо [2]:

- Эъломияи муштарак оид ба принсипҳои асосии ҳамкориҳои мутақобила миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин (ш. Пекин, 9 марти соли 1993);
- Созишнома оид ба дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ҳусни ҳамсоягӣ (ш. Пекин, 15 январи соли 2007);
- Эъломияи муштараки саронии давлатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин оид барқарор кардани муносибатҳои шарокати стратегӣ (ш. Пекин, 20.05.2013)- ба шумор мераванд.

Дар рафти сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин аз 31 август то 3 сентябри соли 2015 як қатор ҳуҷҷатҳо ба имзо расиданд:

- Ёддошти тафоҳум миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба коркарди Барномаи ҳамкорӣ;
- Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи техникиву иқтисодӣ;
- Барномаи табодули фарҳангӣ Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Мардумии Чин.

Моҳи майи соли 2013 сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин баргузор шуд. Дар рафти сафар мулоқоти расмӣ бо сарвари давлати Чин Си Ҷинпин гузаронда шуд, ки дар натиҷа якчанд созишнома, аз ҷумла Эъломияи муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба барқарор кардани муносибатҳои хислати стратегӣ ба имзо расид.

Моҳи сентябри соли 2014 сарвари давлати Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин ба Тоҷикистон бо сафари давлатӣ ташриф овард. Дар рафти сафар Эъломияи муштарак оид ба тақвият додани муносибатҳои шарокати стратегӣ ба имзо расид. Дар сатҳи байниҳукуматӣ механизми вохӯриҳои мунтазами Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин амал мекунад.

Моҳи сентябри соли 2016 сафари корӣ Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин анҷом дод ва дар Намоиши байналхалқии «ЭКСПО Чин – Авруосиё» дар шаҳри Урумчии Ноҳияи мухтрои Синзян Уйғур иштирок кард.

Тадриҷан ҳамкории байнипарлумонӣ рушд мекунад. Аз 16 то 19 апрели соли 2016 намояндагони Ҳизби халқӣ демократии Тоҷикистон бо сафари корӣ ба шаҳри Пекин ташриф оварданд. Дар рафти сафар вохӯриҳо бо Ҳизби коммунистии Чин ва намояндагони Ҳизби халқии Чин баргузор шуданд.

Дар робитаҳои дуҷониба Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин нақши калонро иҷро мекунад, ки ҳар сол дар шаҳри Душанбе ва шаҳри Пекин ҷаласаҳо мегузаронад. Ҳамкорӣ дар ҳошияи мақомоти сиёсати хориҷии ду кишвар фаъолона рушд мекунад.

Рӯзи 1 августи соли 2014 дар асоси даъвати Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин сафари расмии Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Мардумии Чин Ван И ба Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд [5].

Аз 22 то 25 июли соли 2015 сафари расмии Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин ба Ҷумҳурии Мардумии Чин баргузор шуд. Дар рафти сафар вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин бо Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Мардумии Чин Ван И, узви Шӯрои давлатӣ Ян Ҷечӣ ва роҳбарияти Кумитаи давлатӣ оид ба рушд ва ислоҳоти Ҷумҳурии Мардумии Чин вохӯрд. Миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин машваратҳо оид ба сиёсати хориҷӣ ба таври мунтазам дар сатҳи муовинони вазирони корҳои хориҷӣ гузаронда мешаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар соҳаи фарҳангиву гуманитарӣ ҳамкории фаъолона доранд. Якчанд созишномаҳо аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин ба имзо расидаанд, ки дар асоси он ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи маориф ба роҳ монда шудааст [2]:

- Созишнома миёни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф (аз 1 феврали соли 2002);
- Протоколи иловагӣ ба Созишномаи миёни Вазорати маорифи Тоҷикистон ва Чин оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф (аз 15 январи соли 2007).

Бо нишондоди маълумотҳои соли 2017 дар 112 муассисаи таҳсилоти олии Чин беш аз 2 ҳазор донишҷӯёни тоҷик таҳсил мекарданд. Соли 2016 ба ҷониби Тоҷикистон 298 квота барои донишҷӯёни тоҷик ҷудо карда шуд. Дар Тоҷикистон се маркази Донишкадаи Конфусий фаъолият мекунад. Дар Марказҳои «Конфусий» дар шаҳри Душанбе шумораи зиёди донишҷӯёни тоҷик таҳсил мекунанд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шӯъбаҳои забони чинӣ кушода шудааст. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Мардумии Чин дар мактабҳои олии гуногуни Тоҷикистон таҳсил мекунанд [6].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин аз рӯзҳои аввали барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ ба масъалаҳои таъмини амният, суботи минтақа ва муборизаи муштарак бо терроризми байналмилалӣ, ифротгароии динӣ, бунёдгароӣ ва сепаратизм, паҳнкунии ғайриқонунии маводи мухаддир аҳамияти аввалиндараҷа медиҳанд [1, 14].

Сатҳи баланди муносибатҳои сиёсии дуҷониба ба таври объективӣ барои ҳамкориҳои фаъол ва бомуваффақияти Тоҷикистону Чин дар арсаи байналмилалӣ ва дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, ки дар байни онҳо Созмони ҳамкории Шанхай мавқеи хоса дорад, шароити мусоид фароҳам оварда [3, 127].

Ҳамин тариқ, ду кишвар дар самти ҳамоҳангсозӣ ва ҳамоҳангсозии амалҳои муштарак дар чаҳорчӯби ҳамкориҳои бисёрвекторӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ таҷрибаи назаррас ҷамъ кардаанд, ки дар маҷмуъ ба рушди густурдаи табодули байнифарҳангӣ ва тамаддунӣ, таъмини амнияти мутақобила, саҳми муштарак дар таъмини сулҳу субот дар минтақа ва ҷаҳон мусоидат мекунад.

Адабиёт:

1. Ли Цзин, Сотрудничество Республики Таджикистан и Китайской Народной Республики в рамках ШОС. Автореферат диссертации по истории МО. – Душанбе, 2013.
2. Назаров Т. Н. Таджикистан и Китай: двадцать лет плодотворного сотрудничества. Эл.ресурс: http://russian.people.com.cn/31521/8143855.html
3. Шанхайская организация сотрудничества: к новым рубежам развития / Сост.: А.Ф. Клименко. - 1-ое. – М.: Ин-т Дальн. Вост., 2008. – 400 с.
4. Эмомали Рахмонов. Основатель дипломатии и внешней политики суверенного Таджикистан. Душанбе: Ирфон, 2001. – 30 с.
5. http://russian.people.com.cn/31521/8143855.html
6. https://tajikembassychina.org/tj/istoriya-i-perspektivy/

Ключевые слова: *Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, дипломатия, муносибатҳои байналхалқӣ, ҳамкориҳои дуҷониба, Созмони ҳамкориҳои Шанхай.*

Аннотация

ДВУСТОРОННИЕ ОТНОШЕНИЯ МЕЖДУ РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН И КИТАЙСКОЙ НАРОДНОЙ РЕСПУБЛИКОЙ

В данной статье автор рассматривает двустороннее сотрудничество между Республикой Таджикистан и Китайской Народной Республикой. Автором отмечено, что гуманитарные отношения Китайской Народной Республики всегда были приоритетными во внешней политике Республики Таджикистан, что обусловлено не только политическим и экономическим весом Китая в мире и Азиатском регионе, также зависит от общей границей между двумя государствами. Также в статье автор указывает, что высокий уровень двусторонних политических отношений объективно создал благоприятные условия для активного и успешного сотрудничества между Таджикистаном и Китаем на международной арене и в рамках международных и региональных организаций, особое место среди которых занимает Шанхайская организация сотрудничества.

Ключевые слова: *Республика Таджикистан, Китайская Народная Республика, дипломатия, международные отношения, двусторонние отношения, Шанхайская организация сотрудничества.*

Annotation

BILATERAL RELATIONS BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE PEOPLE'S REPUBLIC OF CHINA

In this article, the author considers bilateral cooperation between the Republic of Tajikistan and the People's Republic of China. The author noted that the humanitarian relations of the People's Republic of China have always been a priority in the foreign policy of the Republic of Tajikistan, which is due not only to the political and economic weight of China in the world and the Asian region, but also depends on the common border between the two states. Also in the article, the author points out that the high level of bilateral political relations objectively created favorable conditions for active and successful cooperation between Tajikistan and China in the international arena and within the framework of international and regional organizations, among which the Shanghai Cooperation Organization occupies a special place.

Keywords: *Republic of Tajikistan, People's Republic of China, diplomacy, international relations, bilateral relations, Shanghai Cooperation Organization.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Сафаров Меҳрубон, магистранти соли дуюми факултети муносибатҳои байналхалқии ДМТ. Телефон: +992 931130440

Роҳбари илмӣ: н.и.с., дотсент Нуриддин П.Р.

Сведения об авторе: Сафаров Меҳрубон, магистрант второго курса факультета международных отношений Таджикского национального университета. Телефон: +992 931130440

Научный руководитель: к.п.н., доцент Нуриддин П.Р.

About the author: Safarov Mehrubon, 2nd year of Master Student of Faculty of International Relations, Tajik National University. Phone: +992 931130440

Scientific director: PhD, professor Nuriddin P. R.

ИЛМ ВА ФАНОВАРӢ

Қурбонов Ҳасан Мухторович,
магистранти соли дуюми факултети биология

УНСУРҲО Ё МАЪДАНҲО

Унсурҳо – гурӯҳи элементҳои кимёиеанд, ки дар бунияи мавҷудоти зинда аз ҷумла одамон ба миқдори ниҳоят кам, андозаи 10^{-3} -10^{-12} %-ро ташкил мекунанд. Онҳо асосан дар таркиби бофтаҳо, ферментҳо ва ҳармонҳои бунияи одам ҷойгир шудаанд. Дар бунияи инсон тақрибан аз нисф зиёди элементҳои системаи даврии Менделеевро ёфтан мумкин аст. Мувофиқи маълумотҳои Воробёв Р.И (1990) адади онҳо 90 ва Романовский В.Е ва дигарон (2000) зиёда аз 70-торо ташкил медиҳанд [7].

Аз 92 унсуре, ки дар табиат мавҷуданд, 81-тои онро дар бунияи инсон муаяйн кардан мумкин аст. Дар баробари ин 15-тои он аз ҷумла: оҳан, руҳ, мис, йод, кобальт, хром, молибден, никел, ванадий, селен, манган, мышьяк, фтор, силисий, калсий, натрий, калий маводҳои ниҳоят муҳими ҳаётӣ ба ҳисоб мераванд [2].

Моддаҳои минералӣ ба бунияи инсон асосан тавассути истеъмоли маҳсулотҳои ғизоӣ ва об ворид мешаванд. Мубодилаҳои гуногуни дохили буния иштироки бевосита дошта, функтсияи пластикӣ, соохтори бофтаҳои устухон иштирок намуда мувозинати обу намак ва туршию-ишқории бунияро нигоҳ медоранд.

Макроунсурҳо: Сульфур, магний, хлор, кадмий, калсий, калиӣ, натрий, ва фосфор, ки миқдорашон дар буния ва таркиби маҳсулотҳои ғизоӣ нисбатан зиёданд, микроунсурҳо: оҳан, йод, фтор, манган, арзиз, хром, бром, никел, руҳ, никел, мис, кобалт, молибденг, кремний, селен, ки микдорашон камтаранд ва ултрамикроунсурҳо; тилло, сурб, симоб, нукра, радий, рубидий ва ғайра, ки микдорашон дар буния ва маводҳои ғизоӣ нисбатан хеле каманд [2, 7, 9].

Бояд тазаккур диҳем, ки дар ратсиони ғизоӣ одам ҷой доштани миқдори муайяни микро ва макроунсурҳо шарт ва ҳатмист. Бинобар ин бояд дар бунияи ҳар шахси алоҳида таносуби баробари турщию- ишқорӣ муҳаё карда шавад. Аз ҷумла тамаркузи унсурҳои ишқори (калий, натрий, калсий ва диг.) нисбати унсурҳои турш мизочи (фосфор, сера, хлор, фтор ва ғайра) бояд зиёдтар бошанд.

Миқдори унсурҳои барои буния бехавф (дар як шабонарӯз)
(ин нақша аз Тутельян В.А гирифта шудааст).

Гуруҳҳои аҳоли	Синну сол	М и к р о у н с у р ҳ о, мг.				
		Мис	Марганес	Фтор	Хром	Молибден
Кудакон	0,5 моҳа	О,4-0,6	О,3-0,6	0,1-0,5	14-40	15-30
	6м. 1 сола	0,6-0,7	0,6-1,0	0,2-1,0	20-80	20-40
	1-3 сола	0,7-1,0	1,0-1,5	0,5-1,5	20-80	25-50
	4-6 с.	1,0-1,5	1,5-2,0	1,0-2,5	30-120	30-75
	7-10 с.	1,0-2,0	2,0-3,0	1,5-2,5	50-200	50-150
	11 ва аз он боло	1,5-2,5	2,5-5,0	1,5-2,5	50-200	75-250
Калонсолон		1,5-3,0	2,0-5,0	1,5-4,0	50-200	75-250

Аз ҷумла дар таркиби маъҳсулотҳои ғизоии гӯшт, моҳӣ, тухм, нон, макаронҳо, панир, зироатҳо маводҳои турши зиёд буда истеъмоли яктарафа ва зиёдӣ онҳо ба вайроншавии таносуби ишқорию туршии буния оварда мерасонад. Таркиби ғизоҳои рустанӣ аз ҷумла карам, лаблабу, помидор, боимҷон, каду, мавизи сиёҳ ва ғайра, ки таркибашон аз калий бой аст ба беҳтар намудани кашишхурии мушакҳои дил мусоидат намуда миқдори моеъҳои зиёдатӣ ва хлориди натриро ба танзим меоранд.

Калсий - Дар инкишофи устухонҳо, дандонҳо, дар ҷараёни кобиляти ангезиши асабҳо, инкибоси мушакҳо, хунбаст ва рафти фаъолкунии ферментҳову ҳормонҳо иштирок мекунад. Калсий инчунин дар хорич намудани намакҳои металҳои вазнин, радионуклидҳо мусоидат намуда хосияти зидди оксиддиро дорост. Ғайр аз ин микдори холестерини таркиби хунро паст карда ба пастшавии фишори баланди хун мусоидат мекунад. Муайян карда шудааст, ки калсий шидати аллергияро суст мекунад.

Микдори умумии калсий дар бунияи инсон 25000 ммоль (1000 г) –ро ташкил медиҳад, ки аз он 99% дар дохили устухонҳои одам ҷойгир шудаанд [5, 6, 7].

Калсий бо сафедаҳо, фосфолипидҳо, кислотаҳои органики пайвастагиҳо ҳосил намуда дар ба танзим овардани нифозати мембранаҳои ҳучайраҳо, гузарондани импулсҳои асабҳо, кашишхурии мушакҳо иштироки бевосита, дошта фаъолияти баъзе ферментҳоро назорат мекунад.

Агар миқдори фосфор дар ғизо аз миқдори калсий 2 баробар зиёд бошад, боиси ҳосилшавии намакҳои ҳалшаванда гардида тавассути хун калсиро аз мағзи устухон берун месозад. Ин ҳолат боиси воридшавии калсий ба деворҳои рагҳои хунгард мегадад, ки он аз косташавии онҳо далолат мекунад. Ғайр аз ин калсий ба бофтаҳои гурдаҳо метавонад ворид шавад ва боиси сарзадани бемории санги гурда гардад.

Фосфор дар фаъолияти системаи марказӣ ва ниҳоии (периферические) асаб нақши муҳимро ба ҷо меорад. Ҳамчун як ҷузъи нуклетидҳо ва кислотаҳои нуклеини (ДНК, РНК) фосфат дар ҷараёни кодкунӣ, нигоҳ доштан ва истифодабарии маълумотҳои ирси (генетические), биосинтези кислотаҳои нуклеинӣ, сафедаҳо ва афзоишу тақсимшавии ҳучайраҳо иштирок мекунад.

Пайвастагиҳои фосфорӣ аз ҷумла кислотаҳои он дар сохтори молекулаҳои ферментҳое, ки нақши катализаториро дар ҷараёни мубодилаи моддаҳои органикие, ки барои истифода барии энергияи потенсиалӣ ба кор бурда мешаванд иштирок мекунанд. Аз ҷумла бокимондаҳои кислотаи фосфорӣ ба таркиби бисёре аз коферментҳо дохил мешавад, ки тавассути он витаминҳоро фаъол мегардонад. Фосфори ғайриорганикӣ бошад яке аз компонентҳои системаи буфери хун ба ҳисоб рафта дар таъмини баланси туршию-ишкорӣ ва нигоҳ доштани он дар ҳадди 7,33 –7,51 дар буния нақши муҳимро ба ҷо меорад.

Дар бунияи инсон ҳамаги 600-900 г фосфор мавҷуд аст. Ин миқдор асосан дар устухонҳо мавҷуд аст Миқдори барои буния зарури фосфорӣ таркиби хунобаи одами калонсол 1-1,5 ммоль/л ё 3,4,5 мг%-ро ташкил медиҳад. Барои кӯдакон 6 мг%. мебошад [4, 7].

Ниёзи шабонарӯзии фосфор барои калонсолон то 800 мг ва кӯдакон аз 300 то 1200 мг мебошад. Фосфор дар таркиби чунин пайвастагиҳои муҳими ҳаётӣ кислотаҳои нуклеини шомил аст, ки онхо барандагони насл ва инчунин дар таркиби кислотаи аденозинтрифосфорӣ, ки манбаъи энергияи буния мебошад, дохил мешавад. Бунияи инсон фосфорро асосан бо ғизоҳо қабул менамояд.

Бояд тазаккур диҳем, ки одам аз воридшавии миқдори зиёди фосфор бо ғизо эҳтиёт намояд ва таносуби фосфору калсийро (1:1, 5) дар буния нигоҳ дорад. Чун ки ҳангоми аз меъёр зиёд воридшавии фосфор ба хоричшавии миқдори зиёди калсий аз устухонҳо мусоидат мекунад ва аз меъёр зиёд ба буния воридшавии калсий бошад сабабгори санги гурда мешавад. Микдори зиёди фосфор асосан ба кӯдакони навзод, ки онҳоро бо шири гов парвариш мекунанд ва миқдори калсий дар он 5-7 маротиба нисбати шири модар зиёд аст хавфи калон дорад. Аз ин лиҳоз ба онҳо танҳо шири модар макондан лозим ҳасту халос.

Оҳан- яке аз унсурҳои васеъ паҳншудаи табиат буда, тамаркузи он дар буния 4,2 гр-ро ташкил медиҳад.

Манбаи асосии оҳан дар табиат маводҳои ғизоии рустанӣ ва ҳайвонотӣ аз ҷумла; ҷигар, гурда, гӯшт, тухми мург, замбурӯғи сафед, шафтолу, себ, зардолу, ҷавдор, ҷаъфарӣ, картошка, каду, лаблабу, биҳи, нахӯд, наск, лӯбиё, исфанох, ва ғайра, буда, ниёзи шабонарӯзии он барои мардҳо 10 мг, занҳо 15 мг, занҳои ҳомила 18 мг, кӯдаки ширмакдошта то 18 мг-ро ташкил медиҳад.

Норасоии оҳан одамро ба бемории камхун дучор месозад. Ҳадафи ин бемори асосан занҳо ва кӯдакон мегарданд.

Манган – Онро 70 сол қабл аз ин (Bertrand G., et.al., 1913) дар бофтаҳои ҳайвонҳо муайян намуда буд. Ин унсур дар кулли мубодилаи маводҳои буния иштирок намуда фаъолияти бисьёр ферментҳоро қавви мегардонад. Нақши он дар фаъолияти ғадудҳои ҷинсӣ, дастгоҳи ҳаракат, системаи асаб ниҳоят бузург буда, дар сохтори устухону бофтаҳо иштирок намуда ба биосинтези холестерин ва метоболизми инсулин мусоидат менамояд. Муайян карда шудааст, ки дар бунияи одами солими вазнаш 70 кг. миқдори умумии манган 10-20 мг (0,18 –0,36 ммоль/л)-ро ташкил месозад [5, 6, 7].

Манбаи асосии манган зироатҳо, лӯбиёгиҳо, чормағз, чой, қаҳва мебшанд. Дар як пиёла чой 1,3 мг манган мавҷуд аст. Аммо ҳангоми истеъмоли ғизо дар баробари он чой нушанд пас

фитатҳои таркиби чой ба ҷабидашавии мангани таркиби онҳо халал мерасонад, аз ин лиҳоз чойро бояд дар алоҳидаги истеъмол намуд.

Меъери шабонарӯзии он барои одами калонсол 2-3 мг-ро ташкил медиҳад. Мувофиқи тавсияҳои академияи ғизои ИМА. Соли 1989 барои кӯдакони ширмаки то 6-моҳа дар як шабонарӯз 0,3-0,8 мг; 6-12 моҳа 0,6-1 мг; 1-3 сола 1-1,5 мг; 4-6 сола 1,5-2 мг; 7-10 сола 2-3 мг; 11 сола ва аз он боло 2-5 мг ва одамони калонсол 2-5 мг. (R/Berkow et.al., 1997).

Адабиёт:

1. Абӯмансури Муваффақ. Гиёҳнома. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 192 с.
2. Азонзод Ҳ. А. Рустаниҳои шифоӣ. – Душанбе: Адиб, 1995. – 300 с.
3. Азонзод Ҳ., Абдулло С., Хоҷа М. Сад гиёҳи шифобахш. – Душанбе: Орёно, 1992. – 148 с.
4. Азонзода Ҳ., Абдулло С. Давои ҳазору як дард. – Душанбе: Адиб, 1985. – 188 с.
5. Васильев В. Н. Утомление и восстановление сил. – М., 1994.
6. Михайлов В., Палько А. Выбираем здоровье! - 2-е изд. – М.: Молодая гвардия, 1987.
7. Как быть здоровым. – М.: Медицина, 1990.
8. Книга о здоровье: Сборник // Сост.: Махотин Ю. В., Карева О. В., Лосева Т. Н.. Под. Ред. Лисицына Ю. П. – М.: Медицина, 1988.
9. Куценко Г. И., Новиков Ю. В. Книга о здоровом образе жизни. – М.; Спб.: Нева, 2003.

Калидвожаҳо: *намак, ғизо, хӯрок, саломатӣ, мубодила, ҳаёт, кудакон, унсурҳо ва ғайра.*

Аннотация

ЭЛЕМЕНТЫ ИЛИ МИНЕРАЛЫ

В данной статье рассматривается роль и значение элементов или минералов. Из 92 элементов, присутствующих в природе, 81 можно идентифицировать в человеческом теле. При этом 15 из них: железо, цинк, медь, йод, кобальт, хром, молибден, никель, ванадий, селен, марганец, мышьяк, фтор, кремний, кальций, натрий, калий. Минералы попадают в организм человека, в основном, через потребление еды и воды. Непосредственно задействованы различные внутренние обмены, поддерживая пластическую функцию, структуру кости и поддерживая водно-солевой и кислотно-щелочной баланс кости. Следует отметить, что в рацион необходимо включать определенное количество микро- и макроэлементов.

Ключевые слова: *соль, еда, еда, здоровье, совместное использование, жизнь, детские, элементы и так далее.*

Annotation

ELEMENTS OR MINERALS

This article deals with role and the significant elements or minerals. Of the 92 elements found in nature, 81 can be identified in the human body. Moreover, 15 of them are: iron, zinc, copper, iodine, cobalt, chromium, molybdenum, nickel, vanadium, selenium, manganese, arsenic, fluorine, silicon, calcium, sodium, potassium. Minerals enter the human body mainly through the consumption of food and water. Various internal exchanges are directly involved, supporting plastic function, bone structure and maintaining the water-salt and acid-base balance of the bone. It should be noted that a certain amount of micro and macro elements must be included in the diet.

Keywords: *salt, food, food, health, sharing, life, baby items and so on.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Қурбонов Ҳасан Мухторович, магистранти соли дуюми факултети биологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Тел.: +992 935802505

Роҳбари илмӣ: н.и.п., муаллимаи калон Бобоева З.

Сведения об автора: Курбонов Хасан Мухторович, магистрант второго курса биологического факультета Таджикского государственного университета им. Садриддина Айни. Телефон: +992 935802505

Научный руководитель: к.п.н., старший преподаватель Бобоева З.

About the author: Khasan Mukhtorovich Kurbonov, 2nd year Master Student of Faculty of Biology, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Phone: +992 935802505

Scientific adviser: C. of P. S., senior lecturer Boboeva Z.

Ғазабзода Ҳусейн,
магистранти соли аввали факултети математика

МАЪЛУМОТИ ИБТИДОӢ ОИДИ ЗАБОНИ БАРНОМАСОЗИИ VISUAL BASIC (VB)

Инсоният дар тамоми давраи мавҷудияти худ то ин дам дар ҳар давру замон ба дастовардҳои беназире соҳиб мегардад. Инсон вобаста ба тафаккур ва қобилияташ метавонад онро истифода кунад ва идора намояд. Аз ҳамин ҷо ба хулоса омадан лозим аст, ки баъд аз ихтироъи мошинаҳои гуногуни ҳисоббарорӣ зарурияти ба он дохил намудани барномаҳои гуногунсатҳ зарур буд. Бузургии қобилияти ақлии он буд, ки чунин мошинаҳоро созаду онро бо барномаҳо таъмин намуда идора намояд. Чӣ тавре ки ба ҳамагон маълум аст кампютер аз ду таъминот иборат аст, таъминоти таҷҳизотӣ ва таъминоти барномавӣ. Яъне компютер наметавонад танҳо бо таъминоти таҷҳизотӣ кор кунад. Барномаҳое, ки дар компютер истифода бурда мешавад маҳз ба воситаи забонҳои барномасозӣ тартиб дода мешаванд. Забони барномасози имконият медиҳад, ки мо барои ҳалли мушкилиҳо барномаҳоеро тартиб диҳем, ки компютер мушкилиҳоро ба ҷои инсон ҳал намояд. Барномаи компютерӣ гуфта пайдарпайии амалиётҳои мақсаднокеро меноманд, ки ба забони мошин фаҳмо мебошад. Яке аз забонҳои барномасозии сатҳи баланд ин забони Visual Basic (VB) мебошад, ки дар асоси забони «Basic» сохта шудаст.

VB системаи нави барномасозӣ мебошад, ки бо ёрии он барномаҳои дараҷаи мураккабиашон гуногунро сохтан мумкин аст. Ба воситаи ин забон натанҳо барномаҳои гуногун сатҳаи амалӣ, балки замимаҳои системаи операционии WINDOWS-ро хеле осон сохтан мумкин аст. VB аз зумраи он забонҳои барноманависии сифатан нав мебошад, ки дар он барномаҳо дар асоси идоракунии ҳодисаҳо сохта мешавад. Ҳодисаҳо гуфта амалҳои муқаррарӣ ба монанди интихоби командаҳо, пахшкунии тугмаҳои муш дар равзанаҳо ва ҷойивазкунии нишондиҳандаи муш чун дигар амалҳоро дар СО WINDOWS меноманд, ки онҳо бояд аз тарафи истифодабарандагон иҷро карда мешавад.

VB яке аз забонҳои пурқувваттарин ба ҳисоб меравад, ки бо ёрии он доираи васеи масъалаҳои амалиро ба даст овардан мумкин аст. Бартарии асосии ин забони барномарезӣ дар он аст, ки он дар худ соддагии истифодабарӣ, расои ва маҷмӯи имкониятҳои калони гуногунро муносиб мегардонад, ки дар навбати худ онҳо дар бар гирифтани ҳамаи соҳаҳои фаолияти барномарезиро фароҳам меоранд.

Соли 1991 корпаратсияи Microsoft барои истифодабарандагони компютер забони барномасози наверо бо номи VB пешниҳод намуд. Соли 1992 версияи дуюми забонро пешниҳод намуданд, ки вай нисбат ба версия якумаш пуриқтидортар аз он имкониятҳои зиёдтар дошт. Версияи сеюми забони VB 1993 баромадааст дар он асбобҳои пуриқтидортар мавриди истифода қарор дода шуданд. Ҳоло бошад версияҳои чорум, панҷум ва шашуми VB-ро истифода мебаранд, ки ҳаркадомаш аз ҳамдигар ба воситаи тавоноӣ ва имкониятҳои худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. VB системаи нави барномасозӣ буда, бо ёрии он барномаҳои дараҷаи кориашон гуногунро сохтон мумкин аст. Ба воситаи ин забон натанҳо барномаҳо балки замимаҳои WINDOWS –ро сохтан мумкин аст. Гарчанде асоси забони VB-ро забони алгаритмии Basic ташкил медиҳад, вале аз ҳамдигар фарқи калон доранд.

Дар номи ин забон калимаи «Visual» маънои усул, тарзро дорад, ки бо ёрии он бо ин забон интерфейси графикии истифодабаранда (Graphical User Guide) сохта мешавад. Агар пештар истифодабаранда пайдо кардани ин ё он объектро дар экран дар коди барнома меоварда бошад, акнун вай объектро дар раванди сохтани интерфейси барномаи худ дар ҷои лозима ҷойгир карда метавонад. Барои ин бисёр вақт элементҳои идоракунии дар даруни барномаи VB сохта шуда, истифода бурда мешаванд, ки онҳо ба маҷмуи методу, ҳодисаву хосиятиҳо оварда шудаанд. Барономасоз метавонад қимати ин ё он хосиятиҳои объекти интихобкардаашро иваз намояд, инчунин барояш ҳар гуна методҳоро тасвир ё интихоб кунад. Ба ғайр аз ин имконияти коркарди ҳама гуна ҳодисаҳо вуҷуд дорад, ки он ҳодисаҳо дар натиҷаи ягон амали истифодабаранда пайдо мешавад.

Баъди иҷрои ин амалҳо дар оинаи монитор муҳити интегрогнии VB (Integred Development Environment (IDE)) кушода мешавад.

Муҳити коркард интегронида мешавад, зеро, ки дар он амалҳои гуногунро ба монанди лоиҳакашии қисмҳои таркибии барнома, ислоҳи коди барнома, компилятсияи ҳамаи

элементҳои барнома ба файли ичрошаванда ва инчунин ислоҳи барнома ичро карда мешавад. Равзанаи барнома аз якчанд қисмҳо иборат аст. Ба монанди Menu, Toolbox(General), Properties Window, Project-Project1 ва ғайра. Барномаи VB аз чор панели асбобҳои асоси иборат аст:

- ✓ Debug;
- ✓ Edit;
- ✓ Form Editor;
- ✓ Standard;

Ҳангоми набудани тағиротҳо фақат панели Standard инъикос меёбад. Барои ворид ё хориҷ намудани панели инструменти дилхоҳ бояд аз менюи View командаи ToolBar ро интихоб намоем. Баъд аз он амал оинае пайдо мешавад, ки дар он рӯйхати панели инструментҳои асосӣ оварда шудаанд. Барои интихоби панели инструментхои лозима бояд дар болои он тугмачаи мушро пахш намоем.

Панели инструменти Debug. Панели Debug барои ислоҳи хатогиҳо истифода бурда мешавад. Дар VB имкониятҳои васеъи ислоҳии барнома мавҷуд аст: санҷидани қиматҳои тағирёбандаҳо, қадам ба қадам ичро намудани замимаҳо, муваққатан боздоштани ичрои барнома дар қадами муайян ва ғайраҳо. Номгӯи ҳамаи элементҳои панели Debug дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

Ҷадвали 1. Элементҳои панели инструментҳои Debug.

Тугмача	Ном	Вазифа
	Start	Ба кор сар додани барнома
	Break	Муваққатан боздоштани ичрои барнома (Пауза)
	End	Интиҳои кори замима ва гузариш ба марҳилаи коркард
	Toggle Breakpoint	Корбасти нуқтаи контроли, ки бо он қадами ичрои барнома ба назар гирифта мешавад
	Step Info	Барнома дар режими қатъ мавҷуд мешавад ва як оператори оянда ичро мешавад, дар ин ҳолат проседураҳои даъватшаванда қадам ба қадам ичро мешаванд
	Step Over	Ичрои як оператори оянда, дар ин ҳолат протседураҳо дар як қадам ичро мешаванд
	Step Out	Ба таври автоматӣ хотима бахшидани проседураи ичрошаванда дар режими ислоҳоти Step Info
	Locals Window	Кушодани оинаи Locals, ки дар оинаи Call Stack ва Watch мавҷуд аст. Онҳо барои санҷидани қимати тағийрёбандаҳо имконият медиҳанд
	Immediate Window	Барои ичрои коди тафтиши истифода бурда мешавад
	Watch Window	Санҷидани қиматҳои тағирёбандаҳо бо ёрии оинаи Watch
	Quick Watch	Инъикоси қимати як тағирёбанда ё ин, ки ифода дар оинаи Quick Watch
	Call Stack	Идоракунии фарёди функсия ва протседураҳо бо ёрии оинаи Call Stack

Панели инструменти Edit. Панели Edit оинаи кор ба матни барнома мебошад. Дар ин панел амалҳои редактори матниро ичро кардан мумкин аст: нусхабардорӣ ва буридани матн аз буфер, ҷустуҷӯ ё ивази калимаҳо ва иборахо дар матни барнома ва ғайрахо. Рӯйхати ҳамаи элементхои панели Edit дар чадвали 2 оварда шудаанд.

Ҷадвали 2. Элементҳои панели асбобҳои Edit.

Тугмача	Ном	Вазифа
	List Properties/Methods	Инъикоси ҳамаи метод ва хосиятиҳои мавҷудаи объект
	List Constants	Баровардани рӯйхати константаҳои объект
	Quick info	Инъикоси қимати тағийрёбандаи чори ҳангоми ичрои барнома

		дар режими қатъ
	Parameter Info	Хулоса барои проседура (метод)-и даъватшаванда номгӯи ҳамаи параметрҳои он
	Comlete Word	Ба таври автоматики навиштани номи оператори даровардаистода бо роҳи интихоби пасоянди лозимӣ аз рӯйхати пешниҳодшуда
	Indent	Сохтани фосила дар матн аз тарафи чапи саҳифа дар оинаи код
	Outdent	Рад намудани фосилаи корбастшуда аз тарафи чапи саҳифа
	Toggle Breakpoint	Корбаст ё рад намудани нуқтаи контроли дар ои дилхоҳи коди барнома
	Comment Block	Ҳамроҳкунии эзоҳ дар коди барнома бо ёрии ба таври автоматӣ гузошта шудани апостроф дар сари сатр
	Uncomment Block	Хориҷкунии символи апостроф
	Toggle Bookmark	Сохтани гузориш дар барнома
	Next Bookmark	Ҷойивазкунии курсор дар матни барнома ба гузориши оянда
	Previous Bookmark	Ҷойивазкунии курсор дар матни барнома ба гузориши пешина
	Clear All Bookmarks	Хориҷкунии ҳамаи гузоришҳои гузошташуда дар оинаи код

Панели инструменти Standard. Панели Standard муҳити коркарди панели асосӣ ҳисоб мешавад. Бо ёрии он амалҳои зиёдеро иҷро кардан мумкин аст, ки ин амалҳоро дар менюҳои File, Project, Debug ва run иҷро мешаванд. Панели стандартӣ одатан дар зери сатри меню ҷойгир мебошад. Аммо бо ёрии муш мо метавонем ҷойи онро иваз намоем. Дар ҷадвали 3 элементҳои асосии панели Standart ва вазифаҳои онҳо оварда шудаанд.

Ҷадвали 3. Элементҳои панели асбобҳои Standard.

Тугмача	Ном	Вазифа
	Add Standard EXE Project	Барои сохтани лоиҳаи нав истифода бурда мешавад.
	Add Form	Барои илова намудани формаи нав ё файл ба лоиҳа истифода бурда мешавад
	Menu Editor	Барои сохтани ва ислоҳии меню дар форма хизмат мекунад.
	Open Project	Барои кушодани лоиҳаи мавҷуда истифода бурда мешавад.
	Save Project	Барои сабти файлҳое, ки ба таркиби лоиҳаи кушодшуда дохил мешаванд, истифода бурда мешавад.
	Cut	Барои буридани объекти ҷудошуда ё матн истифода бурда мешавад.
	Copy	Барои нусхабардории матн ё объект хизмат мекунад.
	Paste	Барои гузоштани объект аз хотираи компютер ба ои истодаи курсор
	Find	Барои ҷустуҷӯ истифода бурда мешавад
	Undo	Барои рад намудани амали охирон иҷрошуда истифода бурда мешавад
	Redo	Барои такрор намудани амали радкардашуда истифода бурда мешавад
	Start	Барои оғози замима хизмат мекунад
	Braek	Муваққатан боздоштани иҷрои барнома (Пауза)
	End	Барои хотимаи кори замима истифода бурда мешавад
	Project Explorer	Барои инъикоси қисмҳои ташкилдихандаи лоиҳаи кушодашуда истифода бурда мешавад
	Properties Window	Барои иваз намудани хосиятиҳои элементи идоракунии интихобшуда истифода бурда мешавад
	Form Layout	Барои ҷойгир намудани формаҳо дар ҳолати лозима хизмат

	Window	мекунад
	Object Browser	Барои инъикоси рӯйхати объектҳои дастрас дар лоиҳаи чори, инчунин ҷойивазкунии тез дар коди барнома истифода бурда мешавад
	Toolbox	Барои инъикоси панели инструментҳо дар муҳити коркард истифода бурда мешавад

Панели инструменти Form Editor. Панели From Editor барои ҷойивазкунии элементҳои идоракунии дар форма, иваз намудани андозаи онҳо, баробаркуни нисбати онҳо ва дигар амалҳоро иҷро намудан мумкин. Рӯйхати ҳамаи элементҳои панели From Editor дар ҷадвали 4 оварда шудаанд, ки ба пураги ба он шинос шудан мумкин аст.

Ҷадвали 4. Элементҳои панели асбобҳои From Editor.

Тугмача	Ном	Вазифа
	Bring To Front	Барои ҷойгир намудани элементи интихобшуда ба сахни пеш хизмат мекунад
	Send To Back	Объекти интихобкардашударо ба саҳни қафо ҷойгир менамояд
	Align Lefts	Барои баробар намудани яканд элементи идоракунии дар рӯи форма мавҷудаи интихобшуда нисбати ягон объект истифода бурда мешавад
	Center Horizontally	Барои ҷойгир намудани объекти интихобшуда дар маркази форма нисбати тирҳои горизонтали ва вертикали
	MakeWidth Same Size	Барои иваз намудани андозаи ҳамаи элементҳои идоракунии интихобшуда, ки дар рӯи форма мавҷуданд, истифода бурда мешавад
	Lock Controls Toggle	Барои манъ намудани ивазкунии андоза ва ҷойгиршавии объект дар форма истифода бурда мешавад

Хосиятҳо дар VB атрибутҳо (сифатҳои тавсифдиҳанда)-и объектҳоро ифода мекунанд. Бо ёрии онҳо метавонем намуди зоҳирӣ ва ҳатто рафтори объектро идора намоем. Ҳар як объект дар VB ақаллан як ва ё якчанд хосият дошта метавонад. Дар баъзе объектҳо миқдори бештари хосиятҳоро мушоҳида кардан мумкин аст. Шарҳи баъзе аз хосиятҳоро меорем:

Хосияти **Backcolor.** Ин хосият ранги манзараи (фони) шаклро муайян менамояд. Барномасоз имконият дорад, ки аз рангҳои пешниҳод гардида истифода намуда, шакли барномаи худро зебо гардонад.

Хосияти **Border Style.**

Хосияти BorderStyle хосияти сарҳади иҳота кардаи шаклро муайян менамояд. Сарҳад метавонад, ки қайдгардида ё масштабнок бошад.

Хосияти **Caption.** Ин хосият матнеро муайян менамояд, ки дар сарлавҳаи равзана ва ё шакл мебарояд.

Хосияти **Controlbox.** Ин хосият қиматҳои True (ҳаққонӣ) ва False (қалбакӣ ё дурӯғин)-ро мегирад, ки он мавҷуд будан ё набудани тугмачаҳои менюи равзанаро муайян менамояд. Бояд қайд намоем, ки хосиятиии BorderStyle, Controlbox, Maxbutton ва Minbutton робитаи мутақобила доранд.

Хосияти **ForeColor.** Хосияти мазкур ба ранги объектҳо таъсири худро нарасонида, балки ранги матнро иваз менамояд. Масалан, агар хоҳед, ки матнҳоро бо ранги сурх бароред, он гоҳ дар хосияти ForeColor ранги сурхро интихоб кунед.

Хосияти **Name.** Ин яке аз хосияти муҳими барномасозӣ ба ҳисоб меравад. Вай номеро муайян менамояд, ки тавасути он VB объектҳоро ҳангоми ҳалли барномаҳо муайян менамояд. Барои дуруст фаҳмидани вазифаи замима номи вай бояд маънои пурмазмун дошта бошаду пеш аз он префикси frm илова карда шавад.

Хосияти **Maxbutton** ва **Minbutton.** Ин хосияти барои дар кунҷи равзанаи лоиҳа баровардани (қимати TRUE) ё нест гардонидани (қимати FALSE) тугмачаҳои калонкунӣ (Maxbutton) ва хурдкунӣ (Minbutton) хизмат мекунанд.

Хосияти **Height** ва **Width**. Хосияти Height баландии шаклро муайян менамояд. Вайро метавонем аз як тарафи шакл дошта иваз намоем. Хосияти Width барои муайян кардани дарозии шакл хизмат мекунад. Вай дар якчоягӣ хосияти Height истифода мешавад.

Хосияти **Left** ва **Icon.** Хосияти мазкур барои муайян кардани масофаи шакл то канори чапи равзанаи асосӣ хизмат менамояд. Вай бо хосияти Top якҷоя истифода мегардад. Хосияти Icon барои гузоштани суратча барои шакл хизмат мекунад. Барои интихоби суратча лозим аст, ки ба номи хосият ишораи мушакро бурда, тугмачаи онро ду бор паси ҳам зер кунем.

Адабиёт:

1. Брайан С., Джефф С. Использование Visual Basic 6.0. – СПб; Москва; СПб; Киев: 2008.
2. Король В. И. Visual Basic 6.0 и Visual Basic 6.0 for Applications. – М.: КУДИЦ-ОБРАЗ, 2000.

Калидвожаҳо: *забонҳои барномасозӣ, WINDOWS, системаҳои операсионӣ, панелҳо, тугмачаҳо, мошинҳои ҳисоббарор.*

Аннотация

ПЕРВОНАЧАЛЬНЫЕ СВЕДЕНИЕ О ЯЗЫКЕ ПРОГРАММИРОВАНИЯ VISUAL BASIC (VB)

В статье дается информация о языке программирования Visual Basic (VB). VB является новой системой программирования, с помощью которой можно создавать программ разной системы сложности. Посредством этого языка можно создавать не только различноые программы прикладного уровня, но и легко создать также приложений операционных систем WINDOWS.

Ключевые слова: *языки программирования, WINDOWS, операционные системы, панели, клавиши, вычислительные машины.*

Annotation

INITIAL INFORMATION ABOUT THE LANGUAGE PROGRAMMING OF VISUAL BASIC (VB)

The article provides information about the Visual Basic (VB) language programming. VB is a new programming system with which you can create programs of varying complexity. Using this language, you can create not only various application-level programs, but also easily create applications for WINDOWS operating systems.

Keywords: *programming language, WINDOWS, operating systems, panels, buttons, computers.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ғазабзода Ҳусейн, магистранти кафедраи ТИК-и факултети математикаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: +992934209493

Роҳбари илмӣ: дотсент Наимов Н. М.

Сведения об авторе: Газабзода Хусейн, магистрант кафедры ИКТ, ТГПУ имени С.Айни. Телефон: +992934209493

Научный руководитель: доцент Наимов Н. М.

About the author: Ghazabzoda Hussein, Master Student in the Department IKT, TSPU named after S. Ayni. Tel.: +992934209493

Scientific director: assistant professor Naimov N. M.

Ёрова Холбибӣ Сайфуллоевна,
магистранти соли аввали факултети математика

РОБИТАИ БАЙНИФАННИ МАТЕМАТИКА БО ГЕОГРАФИЯ

Аз диди васеи илмӣ, методологияи робитаи математика ва географияро ҳамчун таълими фалсафӣ оид ба методҳои донишандузӣ ва табдилдиҳиивоқеият ҳамчун татбиқи принсипҳои ҷаҳонбинӣ ва ҷараёни тафаккур ва амалия бояд фаҳмид.

Дар ин фаҳмиш проблемаҳои методологӣ диди умуми фалсафиро соҳиб шуда, методологияи робитаи математика бо географияро дар робита бо методологияи универсалӣ, қонуниятҳои умумии инкишофи тафаккур ва тағирёбии иқлимро меомӯзад, муоина мешавад.

Методологияи робитаии байнифаннии таълими математика бо география – таълимот дар бораи асосдиҳии назария ва амалияи робитаи байнифаннӣ ҳамчун соҳаи махсуси методикаи таълими математика ва география, дар бораи қонуниятҳо, принсипҳо, воситаҳо ва тарзҳои ҳосил кардан ва дар амал татбиқ кардани донишҳо мебошад. Асосдиҳӣ ва сохтори хар гуна назарияи дониш методологияи махсусро талаб мекунад. Объекти тадқоқотии методологӣ на танҳо методҳои омузиши методҳои математикӣ ва географӣ мешававнд, балки робитаи математика бо дигар соҳаҳои илм ва амалияи инсон буда алоқаи чудонашавандаи он аз он ҷумла бо географияро ташкил медиҳад, зеро он табиатан универсалӣ буда илми байни фаннӣ мебошад ва ба инкишофу сохтори методии онҳо нақши муҳимро бозида, дар пешрафту тараққиёти фанҳо ёрӣ мерасонад. Методологияи математика як қисми асосии методологияи илм мебошад.

Робитаи байнифанни барои ташаккул додани тасаввуроти ягона оид ба ҳодисоти табиат хизмат намуда, ба хонандагон барои истифода намудани дониши худ мавриди омузиши фанҳои дигар ва дар ташаккул додани меҳнати муфиди ҷамъияти кумак мерасонад.

Методҳои амалигардонии робитаи байнифаннӣ дар раванди омӯзиши асосҳои илм дар муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ гуногунанд. Ҳангоми омӯзиши математика ва робитаи он бо геграфия методҳои зеринро бояд истифода намуд.

- Вақти омӯзиши фанҳои гуногунро чунон бояд муқарар намуд, ки омӯзиши як фан хонандагонро ба омӯзиши фанни дигар водор намояд.
- Ташкил ва гузаронидани саёҳатҳои тавсифоти байнифаннидошта (саёҳатҳои комплекми, масалан саёҳат ба табиат, физика ва ҷуғрофия).
- Истифода намудани донишҳои дар дарсҳои фанҳои гуногун азхудкардаи хонандагон оид ба ҳал кардани масъалаҳое, ки дар онҳо татбиқи дониш аз фанҳои дигар(масалан географияи нуҷум ва ғайра) азхуднамудаи хонандагон лозим мешавад.

Аз ҷиҳати методологӣ робитаи байнифаннии математика ва географияро бояд қайд кард:

1. Мавқеъбандии математика дар омӯзиши (таҳлил ва тадқиқи) географияи дар мактабҳои муосир .
2. Тавсифи амали доштани математика ки бо универсалӣ доштани сохтор ва қонунҳояш, омӯзиши масъалаву мафҳумҳои мушахаси географияи ва фанҳои табииро муайян месозад.

Асоси робитаи байнифаннии математика бо географияро дар муасиссаҳои таълимоти миёнаи умумӣ барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ ташкил медиҳанд. Масалан дар китоби математикаи синфи 6 дар мавзуи масштаб чунин мисолҳо ва дар географияи ҳангоми омӯзиши хариташиносӣ ҳисобкунии масофаи байни ду нуқта, масофаи байни ду давлат ва масофаи байни ду шаҳр чунин мисолҳои робитаи байни фаннии математика ва географияи дида мешавад. Барои мисол якчанд мисолҳоро дида мебароем.

Мисоли 1. Масофаи байни шаҳри Душанбе ва Бохтар тақрибан 100 км аст. Онро дар харитаи маштабаш $1:500000$ муайян намоед.

Ҳал: Нишондод: Азбаски $1\ км = 100000\ см$,

$100\ км = 100 \cdot 100000 = 10000000\ см$ мебошад, пас

$10000000:500000 \cdot 1 = 20\ см$.

Ҷавоб: Онро дар харитаи маштабаш $1:500000$ ба $20\ см$ баробар будааст;

Мисоли 2. Дар харитаи маштабаш $1:500000$ масофаи байни шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд тақрибан ба $15\ см$ баробар аст. Дар асл ин масофа ба чанд километр баробар аст(Ҳисобкуни аз рӯи хати рост)?

Ҳал: $15 \cdot 500000:1 = 7500000\ см$;

Азбаски $1\ км = 100000\ см$. Пас,

$7500000 : 100000 = 75$ км;

Ҷавоб: Дар асл ин масофа ба 75 км баробар будааст.

Мисоли 3. Масофае, ки дар асл 30 км дарозӣ дорад, дар харитаи маштабаш $3 : 100000$ ба кадом порча мувофиқ меояд.

Ҳал: Азбаски 30 км $= 30 \cdot 100000 = 3000000$ см аст, пас $3000000 : 100000 \cdot 3 = 30 \cdot 3 = 90$ см мешавад.

Ҷавоб: Ин масофа дар харитаи додашуда ба 90 см баробар мешудааст.

Ҳамин тавр мо метавонем дар ҷараёни омӯзиш ин робитаи байнифаннии математикаро барқарор кардан мумкин ат.

Адабиёт:

1. Алгебра. Китоби дарси барои синфи 7 мактаби миёна. – Душанбе: Собириён, 1986. – 328 с.
2. Алгебра. Китоби дарси барои синфи 8 мактаби миёна. – Душанбе: Собириён, 2009. – 320 с.
3. Алгебра. Китоби дарси барои синфи 9 мактаби миёна. – Душанбе: Собириён, 2009. – 268 с.
4. Алгебра. Китоби дарси барои синфи 10 мактаби миёна. – Душанбе: ОПЕК, 2005. – 270 с.
5. Алгебра. Китоби дарси барои синфи 11 мактаби миёна. – Душанбе: Собириён, 2006. – 184 с.
6. Бабанский Ю.К. Об актуальных вопросах метологии дидактики. – Советская педагогика. – 1978. - №9. – с. 3-9.
7. Барномаи мактабҳои миёна. Математика 5-6. – Душанбе: Маориф, 2002. – 16 с.
8. Барномаи мактабҳои миёна. Алгебра 7-11. – Душанбе: Маориф, 2002. – 34 с.

Калидвожаҳо: *математика, география, робитаҳои байнифаннӣ, ташаккули тасаввуроти умумӣ, ҳодисаҳои табиӣ, меҳнати муфиди ҷамъиятӣ, омӯзиши асосҳои илм, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.*

Аннотация

МЕЖПРЕДМЕТНАЯ СВЯЗЬ МАТЕМАТИКИ С ГЕОГРАФИЕЙ

Межпредметная связь служит для формирования единного представления о природных явлений и помогает ученикам применить своих знаний при изучении проблем других предметов, формировании понятия полезного общественного труда..

Применяются различные методы осуществления межпредметных связей в процессе обучения основ науки в средних общеобразовательных учреждениях. В статье предлагаются конкретные методы межпредметной связи при обучении математики и географии.

Ключевые слова: *математика, география, межпредметная связь, формирование единного представления, природные явления, полезный общественный труд, обучения основ науки, средние общеобразовательные учреждения.*

Annotation

INTER-SUBJECT RELATIONSHIP OF MATHEMATICS WITH GEOGRAPHY

Interdisciplinary communication serves to form a unified idea of natural phenomena and helps students to apply their knowledge in studying the problems of other subjects, forming the concept of useful social labor.

Various methods are used to implement interdisciplinary connections in the process of teaching the basics of science in secondary educational institutions. The article proposes specific methods of interdisciplinary communication in teaching mathematics and geography.

Keywords: *mathematics, geography, interdisciplinary communication, formation of a unified idea, natural phenomena, useful social work, teaching the basics of science, secondary educational institutions.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ёрова Холбибӣ Сайфуллоевна, магистранти факултети математикаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: +992 934510809

Роҳбари илмӣ: д.и.п., профессор Нуъмонов М.

Сведения об авторе: Ёрова Холбибӣ Сайфуллоевна, магистрантка факультет математики ТГПУ имени С.Айни. Телефон: +992 934510809

Научный руководитель: д.п.н., профессор Нуъмонов М.

About the author: Ёрова Холбибӣ Сайфуллоевна, Master Student in the Department of IKT, TSPU named after S. Ayni. Tel.: +992 934510809

Scientific director: d.p.s., professor Nuqmonov M.

ТАБИАТ ВА МУҲИТ

Бердиева Нилуфар Давлатовна,
магистранти соли аввали факултети биология

ВИТАМИНҲО ВА АҲАМИЯТИ ОНҲО БАРОИ ҲАЁТИ ИНСОН

Хирадманде гуфта буд: «Инсоният он чизеро истемол мекунад, ки мавҷуд аст». Дар таркиби хӯроке, ки мо истеъмол мекунем, дорои як қатор моддаҳои зарурие, ки барои фаъолияти муътадили организм зарур аст: инчунин барои саломатии организм зарарровар дида мешавад [1, 2].

Табиат, хусусан табиати зинда ниҳоят пурасрор ва муъҷизакор аст. Вай тамоми шароитҳоро барои арзи вуҷуд доштани ҳаёт ба вуҷуд овардааст. Дар табиат қонунҳои ба он хос амал мекунанд ва вобаста ба ин қонунҳо чунон созгорие ҳукмрон аст, ки мизони ин созгорӣ доимо муваззан мебошад ва ин муваззаниро набояд вайрон кард.

Табиат манбаи зарурии ҳамаи ҷабҳаҳои зиндагии инсон мебошад, аз он ҷумла, манбаи канданиҳои фоиданок ва захираҳои ашёи хом, ба монанди металлҳо, минералҳо, об, ангиштсанг, нафт, газ ва ғайра, ки дар ҳаёти рӯзмарра истифода бурда мешаванд. Табиати зинда асосан бо олами наботот ва ҳайвоноти худ басо дилкаш аст, ки ҳаёти ҳаррӯзаи инсон бо онҳо зич вобаста мебошад. Хусусан, растаниҳои рӯи Замин, манбаи асосии ҳаёт мебошанд, зеро дар онҳо ҳодисаи хеле мураккаби биологӣ – протсесси фотосинтез мегузарад, ки он барои кулли мавҷудоти зинда боғоят зарур аст [3, 5].

Аксарияти растаниҳо (растаниҳои алафӣ, буттагӣ, дараҷаи олӣ ва ғайра) хосияти шифобахшӣ дошта, ҳамчун манбаи доруворихо машҳуранд ва дар соҳаи тиб васеъ истифода бурда мешаванд. Дар организми растаниҳо ва ҳайвонот моддаҳое ҳосил (синтез) мешаванд, ки аҳамияти калони тиббӣ ва амалӣ доранд. Бисёр моддаҳои заруриро, ҳамчун пайвастагиҳои муҳимтарини табиӣ аз организми растаниҳо ва ҳайвонот ҷудо менамоянд ё ин ки сохт ва таркиби чунин пайвастагиҳоро мукаммал ва ҳаматарафа омӯхта, онҳоро бо усулҳои химиявӣ синтез мекунанд. Ба ҷумлаи ин пайвастагиҳои муҳимтарини табиӣ- сафедаҳо, карбоҳидратҳо (ангиштобҳо), ферментҳо, чарбҳо, аминокислотаҳо, витаминҳо, алкалоидҳо ва ғайра мансубанд. Ҳар кадом аз ин пайвасатагиҳо бо сохт, таркиб, хосият ва функсияҳои биологии худ дар организм фарқ мекунанд. Дар байни ҳамаи пайвастагиҳои табиӣ – витаминҳо низ барои организми зинда аҳамияти калон дошта, мавқеи муайянро ишғол менамоянд.

Витаминҳо маводе мебошанд, ки миқдори ночизи онҳо барои инкишофи муқаррарӣ ва ҳаёти ҷисмии инсон зарур мебошанд. Витаминҳо дар таркиби беш аз 100 ферментҳо дохил мешавад [2]. Витамин дар мубодилаи моддаҳо, танзими равандҳои азхудкунӣ ва истифодаи моддаҳои асосии ғизоӣ – сафедаҳо, чарбҳо ва ангиштобҳо аҳамияти нахустиндараҷа доранд. Камбудии витаминҳо мубодилаи моддаҳоро вайрон намуда, қобилияти кории онҳоро коҳиш медиҳад ва боиси хастаҳолӣ гардида, ҳолати низоми асабиро табоҳ, падидаҳои дигари афсурдаҳолиро ба вуҷуд меоварад. Ҳамчунин 30 витаминҳои табиӣ маълуманд, ки дар замин бисёри онҳо дар таркиби гиёҳҳои шифобахш мавҷуданд. Миқдори витаминҳо дар маҳсулоти гиёҳӣ чигунаанд дар ҷадвали 1 оварда шудааст [1].

Витаминҳо (аз лотини vita – ҳаёт) пайвастагиҳои органикии қиёсан хурдмолекула буда, қисми таркибии зарурии хӯрок (ғизо) ба ҳисоб мераванд. Онҳо нисбат ба моддаҳои асосии ғизоӣ – сафедаҳо, карбоҳидратҳо ва чарбҳо – ба миқдори кам талаб карда шуда, дар организм функсияи катализиро иҷро менамоянд. Бо вуҷуди нисбат ба моддаҳои асосии ғизоӣ кам будани онҳо дар маҳсулоти хӯрокӣ, витаминҳо ба организм таъсири хеле муҳим ва ҳаматарафа мерасонанд. Яъне, витаминҳо хосиятҳои гуногуни химиявиро зоҳир намуда, миқдори ками онҳо барои фаъолияти муътадили ҳаётии организм зарур аст.

Ҷисми инсон ба воридшавии тақрибан 20 навъи витаминҳо аз хориҷ ниёзманд аст, витаминҳои боқимонда дар узвҳои дохилӣ таркиб меёбанд. Аз витаминҳои маълум хосиятҳои физикӣ – кимиёвӣ ва физиологии витаминҳои А, В (тиамин), B_2 (рибофлавин), B_6 (пиридоксин), B_{12}, B_{15} (тезоби аскарбин), Д, Е, Ф, К, Р (рутин) РР (тезоби никотин) инозит, холин, биотин ва як силсилаи дигар тавсиф шудаанд [2, 5].

Чӣ тавре ки қайд гардид, бисёр витаминҳо ба организм тавассути хӯрок дохил мешаванд ё ҳангоми фаъолияти бактерияҳои меъдаву рӯда синтез мешаванд. Аз ҳамин сабаб, пеш аз ҳама организмро доимо солим нигоҳ дошта, аз хӯрокҳои хушсифат ва дорои витаминҳои гуногун, инчунин меваю сабзавоти тару тоза истеъмол кардан лозим аст. Дар вақти иҷро намудани корҳои вазнини ҷисмонӣ, ҳолатҳои ҳомиладории занон, бемориҳои сироятӣ ва эндокринӣ


эҳтиёҷи одам ба витаминҳо хеле ҳам меафзояд. Витаминҳо на танҳо барои фаъолияти муътадили ҳаёти одам ва ҳайвонот, инчунин барои фаъолияти муътадили ҳаёти растаниҳои дараҷаи олӣ ва микрооганизмҳо низ зарур мебошанд. Масалан, решаи растаниҳо бе баъзе витаминҳо муътадил инкишоф ёфта наметавонад. Микроорганизмҳо ҳам барои инкишоф ва сабзиши муътадили худ дар муҳити ғизоӣ ба бисёр витаминҳо эҳтиёҷ доранд. Дар замони ҳозира баъзе микроорганизмҳо барои маълум намудан ва миқдоран муайян кардани витаминҳо истифода мешаванд.

Дар байни витаминҳо ва катализаторҳои биологӣ – ферментҳо алоқамандии зич мавҷуд аст. Бисёр витаминҳо бо сафедаҳои махсус пайваст шуда, ферментҳоро ҳосил мекунанд. Ҳамин тавр, касалие, ки дар натиҷаи норасоии ин ё он витамин дар хӯрок ба вуҷуд меояд, боиси он аст, ки дар организм ферменти дахлдоре (мувофиқе), ки ҳалқаи муайяни табдилоти биохимиявиро метезонад, ба таври кофӣ фаъол нест. Айнан бозdoшташавии сабзиши бофтаҳои растанӣ ё ки микроорганизмҳо ҳангоми норасоии ягон витамин сабаби фаъолияти пасти ферменти дахлдор мебошад, ки ба таркиби он ҳамон витамин дохил шудааст.

Эҳтиёҷи инсон ба витаминҳо ба шароити зиндагӣ ва кори ӯ, ҳолати ҷисми вай ва фасли сол вобастагӣ дорад. Дар захираҳои олами набототи Тоҷикистон навъҳои растаниҳо дорои витаминҳо маълум ниҳоят зиёд мебошанд. Онҳо дар тибби илмӣ ва мардумӣ ҳамчунин дар саноати хӯрокворӣ ба таври васеъ истифода мешаванд.

Миқдори витаминҳо дар маҳсулоти гиёҳӣ. Ҷадвали 1.

Ном	**Миқдор дар 100 гр маҳсулот, мг**	**Эҳтиёҷи шабонарузӣ**
Витамин B_1(тимин) 	0,05 – 0,40. Ҷигар, нони сиёҳ, ярма (ҷавдорӣ, марҷумакӣ), нахӯд, лӯбиё, соя, гулкарам, хамиртуруш, сӯк, нахӯди сабз, ангур, зардолу, лаблабу, пиёз ва ғайра	1,0 – 2,0
B_2(рибофлавин)  	0,09 – 0,30. Ҷигар, тахми мурғ, панир, шир, творог, моҳӣ, нон, гулкарам, каҳу, ярма (ҷавдорӣ, ҷавӣ), хамиртуруш, нахӯди сабз, испаноқ (шпинат), сабза, нахӯд, картошка, соя, олу, шафтолу, тамашк	1,5 – 2,0
B_3(тезоби пантотенӣ)	0,02 – 4,50. Соя, нахӯди сабз, гулкарам, бодоми заминӣ, биринҷ, ҷави русӣ, картошка, сабзӣ, хамиртуруш, гандум, ҷавдор, памидор, каду, харбуза	3,0 – 10,0
B_6(пиридоксин) 	0,06 – 2,0. Соя, нахӯди сабз, картошка, карам, памидор, сабӯси гандумӣ (2,5мг), ҷуворимакка, хамиртуруш, нок ва ғайра	2,0
B_c(тезоби фолиёвӣ)	50 – 280. Тарбуз, харбуза, замбурӯғ, хамиртуруш, тути заминӣ, тамашк (малина), гелос, гандум, бодоми заминӣ, картошка, себ, карам, сабзи, ҷаъфарӣ (петрушка), лаблабу	2,0 – 3,0
B_{12}(цианакабаламин) 	10 – 130. Ҷигар, панир, шир, моҳӣ, карами баҳрӣ  	0,001–0,002

B_{15}(тезоби пангамӣ)	Ҷигар, хамиртуруш	
С (тезоби скарбинӣ) 	10 – 1500. Настаран, меваи қот(смородина), меваи ғубайро (рябина), карам, помидор, картошка, шалғам, қизил, қулфинай, себ, гелос ва ғайра.	70,0 – 100,0
Р биолфлавонидҳо-рӯтин, катехин ва ғайра)	10 – 750. Чой, (махсусан сиёҳ), лимӯ(450-750), бодом, настаран (250-680), помидор, сабзи, қоти сиёҳ(500мг)	15,0 – 20,0
РР (тезоби никотинӣ, ниацин)	1,0 – 8,0. Бодоми заминӣ (8,6мг), чойи кабуд, нахӯд, марминҷон (410мг), ҷав, ҷуворӣ, ҷанини гандум (3,0мг), нон, лӯбиё, арзан, картошка	15,0 – 20,0
H_1 (биотин)	3,0 – 6,0мг. Соя, лӯбиёгиҳо, сабуси биринҷ, бодоми заминӣ, гулкарам, пиёз, мавиз, харбуза ва ғайра.	150 – 200мг
H_2(тезоби парааминобензойӣ)	5,0 – 1600мкг. Сабӯси биринҷ (1600), ҷанини гандум(180), сабзи, картошка, испаноқ	180мг
И (метилометионин)	5,0 – 20,0. Карам, ҷаъфарӣ, помидор, банан, қулфинай 	15,0-20,0
А (ретинол, дар гиёҳҳо, каротин) 	0,20 – 2,0. Ҷигар, равғани моҳӣ, қаймоқ, шир, саршир, сабзи, ангат, мурчи сурх, настаран, меваи ғубайро, зардолу, мандарин, испаноқ, шулха, коҳу, помидор, каду, пиёзи сабз, харбуза, биҳӣ	5000-6500 ЕД
Д (кальциферол) 	40 – 500 Е. Д.равғани моҳӣ, равғани маска (1) 500 Е. Д. шир қаймоқ, зардии тухми мурғ, замбурӯғ, хамиртуруш	500 ЕД
Е (топоферол)	3,0 – 6,0. Настаран, бодоми ширин, кедр, писта, ҷави русӣ, ҷанини ҷуворимакка, тухми офтобпараст, ангат, меваи ғубайро, карам, нахӯд, ҷаъфарӣ (петрушка)	5,0
К (фитохинонҳо)	0,05 – 4,50. Соя, карам, газна(3,2-15,0мг), каду, помидор, картошка, пиёзи сабз, ғубайро, настаран, ангат, тамашк, тути заминӣ	
F(тезобҳои чарбуи ғайримамбуълинолӣ, линоленолӣ, арахидонӣ)	40 – 70%. Равғани растанӣ: соявӣ, зағир, ҷуворимакка, кунҷид, пахта ва ғайра.	1,0 – 4,0гр

Адабиёт:

1. Абдулло С. Дорухонаи табиат. – Душанбе: Ирфон, 1991. – 22 с.
2. Азонзод Ҷ. Рустаниҳои шифоӣ ва ғизоӣ. – Душанбе: Адиб, 2010. – С. 655-657.

3. Бердимуҳаммедов Г. Рустаниҳои шифобахши Туркманистон. – Душанбе, 2010. – С. 1991-1992.
4. Нуралиев Ю. Лекарственные растения. – Душанбе: Маориф, 1988. – С. 245-248.
5. Ҳайдаров Ҳ. Растаниҳои шифобахши Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 1988. – С. 23-21.

Калидвожаҳо: *витаминҳо, фермент, модаҳо, сафедаҳо, чарбҳо, растанӣ, карам, сабзӣ ва ғайра.*

Аннотация

ВИТАМИНЫ И ИХ ЗНАЧЕНИЕ В ЖИЗНИ ЧЕЛОВЕКА

В этой статье рассматривается витамины и их значение в жизни человека. Автор отмечает что, каждый человек хочет быть здоровым. Здоровье – это то богатство, которое нельзя купить за деньги или получить в подарок. Витамины очень важны и недостаточное поступление витаминов в организм человека – проблема мирового масштаба. В развивающихся странах она тесно связана с голоданием или недостаточным питанием, значительной части населения.

Ключевые слова: *витамины, фермент, самки, белки, жиры, растения, капуста, морковка.*

Annotation

VITAMINS AND THEIR IMPORTANCE IN HUMAN LIFE

This article deals with study of vitamins and their importance in human life. The author notes that everyone wants to be healthy. Health is a wealth that cannot be bought with money or received as a gift. Vitamins are very important and insufficient intake of vitamins into the human body is a global problem. In developing countries, it is closely associated with starvation or malnutrition of a significant part of the population.

Keywords: *vitamins, enzyme, females, proteins, fats, plants, cabbage, carrots, etc.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Бердиева Нилуфар Давлатовна, магистранти соли аввали факултети биологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Тел.: +992 000051498

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои педагогика, дотсент Шарипов М. М.

Сведения об автора: Бердиева Нилуфар Давлатовна, магистрантка первого курса биологического факультета Таджикского государственного университета им. Садриддина Айни. Телефон: +992 000051498

Научный руководитель: кандидат педагогических наук, доцент Шарипов М. М.

About the author: Berdieva Nilufar Davlatovna, 1st year Master Student in the Biology Faculty of the Tajik State University named after Sadriddin Aini. Phone: +992 000051498

Scientific adviser: Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor Sharipov M. M.

Абдукаримов Баҳриддин Баҳронович,
магистранти соли дуюми факултети биология

БАҲОДИҲӢ БА ФАЪОЛИЯТИ УЗВҲОИ ҶИНСИИ ЗАНОНА АЗ РӮИ ТАҲЛИЛИ СИТОЛОГИИ МОЛИШАКИ МАҲБАЛ

Омили занона қариб 60%-и ҳолатҳои сабабҳои никоҳи безурётиро ташкил мекунанд, ки тавассути таҳқиқотҳои гуногун тасдиқи худро ёфтааст. Сабаби безурётии занона ҳанӯз дар давраи инкишофи ҷанини шуруъ гардида, мутаносибан гузариши патологии ҳомиладори бемориҳои ҳамрадиф, омилҳои номусоиди тарзи ҳаёти модар ва маводҳои доругие, ки давраи ҳомиладори истифода гардидаанд нақши калидиро дар инкишофи ҷанин мебозанд [1, 330]. Як қатор бемориҳое, ки дар давраи бармаҳали кӯдаки ва сини мактаби инчунин метавоанд сабаби вайроншавии оогенез рафторҳои номатлуб (тамоку кашидан, нӯшидани алкогол ва истеъмоли маводи мухаддир) ва бемориҳои сироятию-илтиҳобӣ дар узувҳои пешобу ҷинсӣ мебошанд [3, 15-4-17].

Ба ақидаи муаллифи рисола, дар 50%-и ҳолатҳо сабабҳои асосии безурётӣ дар давоми ҳаёт пайдо мегарданд. Агар як гурӯҳи ин бемориҳо дар давраи кӯдакӣ аз беаҳамиятии падару модар ба амал оянд, гурӯҳи дигари сабабҳои безурётӣ бошанд, дар зери таъсири касалиҳои сироятӣ ва риоя накардани қоидаҳои оддитарини гигиенӣ ба амал меоянд [6, 12].

Мувофиқи маълумотҳои Ташкилоти байналхалқии тандурустӣ дар мамлакатҳои рӯ ба тариққиниҳода зиёда аз 180 млн зан аз безурётӣ азият мекашанд. Новобаста аз он ки дар давоми 5-сол кӯшиши зиёд дар мавриди ҳомиладорӣ ба харҷ дода шуд, натиҷаи дилхоҳ надод.


Муаллифон аз Швейтсария [5, 13] ва ИМА [6, 12] қайд мекунанд, ки аз безурётӣ тахминан 15%-и оилаҳои ҷавон қарор доранд. Олимон аз Белгия бошанд сатҳи безурётиро дар дунё нисбатан пасттар нишон медиҳанд, ки он аз 8 то 12%-ро ташкил медиҳад [7, 33], баръакс, олимони Ҷумҳурии Исломии Эрон безурётиро нисбатан баланд нишон медиҳанд. Ба ақидаи ин олимон, зиёда аз 30%-и аҳолӣ аз безурётӣ азият мекашад. Масъалан, дар худи Эрон оилаҳои безуриёт 2 млн-ро ташкил медиҳанд [8, 86].

Безурётии занона яке аз проблемаҳои асосии тамоми давлатҳои рӯи дунё ба ҳисоб меравад. Ин проблема аз як тараф табиати тиббӣ дошта бошад, аз тарафи дигар табиати иҷтимоӣ дорад. Бо сабаби безурётии занона ҳар сол ҳазорҳо оилаҳо вайрон гардида, барои табобат миллионҳо сомониро харҷ мекунанд [9, 540].

Мақсади асосии ин таҳқиқот тавассути таҳлили морфологии молишаки занона баҳо додан ба узвҳои ҷинсии занона ба ҳисоб меравад.


Мавод ва усули таҳлил. Барои гузаронидани ин таҳқиқот мо зиёда аз 50 молишаки занона, ки аз пардаи луобии маҳбал тайёркардашуда зери санҷиши худ қарор додем. Аз рӯи санҷиши морфологии молишакҳо ҳамаи занҳои дар зери таҳқиқот қарордодаро ба чор гурӯҳ ҷудо намудем.

Дар молишакҳои зери санҷиш қарордодашуда дар асоси аломатҳои морфологии эпителияҳои пардаи луобии маҳбал индекси болиғшавӣ, мавҷудияти микрофлора ва элементҳои илтиҳобӣ муайян карда шуд.




Расми 1. Индекси болиғшавии ҳуҷайраҳои пардаи луобии маҳбал.
1-ҳуҷайраҳои наздибазалӣ, 2-ҳуҷайраҳои мобайнӣ, 3-ҳуҷайраҳои болоӣ.

Чӣ хеле ки аз натиҷаҳои дар расми 1 дарҷгардида бар меояд, дар гурӯҳи якуми занҳо дар молишаки аз маҳбал тайёр карда шуда ҳуҷайраҳои наздибазалӣ бартарӣ доранд, ки онҳо зиёда аз 95%-ро ташкил мекунанд, ҳуҷайраҳои мобайнӣ 4%-ро, ҳуҷайраҳои болои бошанд ҳамагӣ 1%-ро ташкил мекунанд. Ин гуна типи молишак аз норасоии мутлақи гормонҳои ҷинсии занона хусусан эстрогенҳо маълумот медиҳад. Ҳангоми дар молишак бартари доштани ҳуҷайраҳои наздибазалӣ ин нишонаи атрофияи пурраи пардаи луобӣ ба ҳисоб меравад. Чӣ хеле ки ба ҳамагон маълум аст, ин гуна типи молишак барои он занҳое хос мебошанд, ки синну солашон аз 50 калонтар буда, фаъолияти тухмдонҳояшон тамоман паст гардида, дар давраи қатъшавии ҳайзбинӣ қарор доранд. Ба ғайр аз ин, мо ин гуна молишакро дар он занҳое мебинем, ки бо ин ва он сабаб тухмдонашон ба ягон беморӣ дучор гардида, фаъолияти гормонҳосилкунии он паст гардидааст.




Расми 2. Индекси болиғшавии ҳуҷайраҳои пардаи луобии маҳбал. 1-ҳуҷайраҳои наздибазалӣ, 2-ҳуҷайраҳои мобайнӣ, 3-ҳуҷайраҳои болоӣ.

Чӣ хеле ки аз натиҷаҳои дар расми 2 дарҷ гардида бармеояд, дар типи дуюми молишакҳо ҳуҷайраҳои наздибазалӣ 50%-ро ташкил менамоянд. Ҳуҷайраҳои мобайнӣ 45%, ҳуҷайраҳои болоӣ ҳамагӣ 5%-ро ташкил медиҳанд. Ин гуна типи молишакҳо барои он занҳое хос ҳастанд, ки дар организмашон норасоии миёнаи гормонҳои ҷинсии занона мушоҳида мегардад. Дар ин гурӯҳи занҳо ҳам пардаи луобии узвҳои ҷинсӣ нопурра инкишоф ёфта, мо атрофияи миёнаро мушоҳида мекунем. Хусусияти хоси ин гуна молишакҳо аз он иборат, аст, ки дар баробари набудани ҳуҷайраҳои қабати болоӣ мо элементҳои илтиҳобӣ ва вайроншавии таносуби бактерияҳои фоидаоварро мушоҳида мекунем. Аз рӯи таҳлили морфологии гурӯҳи дуюми молишакҳо маълум мегардад, ки ин гуна молишак ба он духтарҳое хос мебошад, ки дар зинаҳои аввали балоғати ҷинсӣ қарор доранд. Дар занҳои калонсол бошад ин гуна типи молишакро дар он занҳое мушоҳида мекунем, ки синашон аз 45-сола зиёдтар буда раванди ҳайзбинӣ низоми худро гум намудааст. [2, 25].



Расми 3. Индекси болиғшавии ҳуҷайраҳои пардаи луобии маҳбал. 1-ҳуҷайраҳои наздибазалӣ, 2-ҳуҷайраҳои мобайнӣ, 3-ҳуҷайраҳои болоӣ.

Чӣ хеле ки аз натиҷаҳои дар расми 3 дарҷгардида бар меояд, дар типи сеюми молишакҳо ҳуҷайраҳои наздибазалӣ ҳамагӣ 2%-ро ташкил менамоянд. Ҳуҷайраҳои мобайнӣ бошад 73%, ҳуҷайраҳои болоӣ ҳамагӣ 25%-ро ташкил медиҳанд. Ин гуна типи молишакҳо барои он занҳое хос ҳастанд, ки дар организмашон гормонҳои ҷинсии занона ҳосил мегардад, вале миқдори онҳо басанда нест. Дар ин гурӯҳи занҳо ҳам пардаи луобии узвҳои ҷинсӣ хубтар инкишофёфта мебошад, мо аломатҳои атрофияро мушоҳида намекунем. Хусусияти хоси ин гуна молишакҳо аз он иборат, аст, ки дар баробари бартарӣ доштани ҳуҷайраҳои қабати мобайнӣ элементҳои илтиҳобӣ камтар ба чашм расида, аз микрофлора бошад чӯбчабактерияҳои Дедерлейни баотарӣ доранд. Вале як чизро қайд намудан зарур аст, ки дар баробари мавҷуд будани микрофлораи нормалӣ дигар гурӯҳи бактрияҳо низ ба монанди стафилококкҳо, стрептококкҳо низ вомехӯранд. Аз рӯи таҳлили морфологии гурӯҳи сеюми молишакҳо маълум мегардад, ки ин гуна молишак ба он занҳое хос мебошад, ки дар зинаҳои аввали балоғати ҷинсӣ пурра қарор доранд, вале бо сабабҳои гуногун мавҷудияти сироят, норасоии ғизо ва фаъолияти садамавии равонӣ дучор гардида тухмдони онҳо ба таври қаноатбахш ҳосил намекунанд [10, 115].



Расми 4. Индекси болиғшавии ҳуҷайраҳои пардаи луобии маҳбал. 1-ҳуҷайраҳои наздибазалӣ, 2-ҳуҷайраҳои мобайнӣ, 3-ҳуҷайраҳои болоӣ.

Чӣ хеле ки аз натиҷаҳои дар расми 4 дарҷ гардида бармеояд, дар типи чоруми молишакҳо ҳуҷайраҳои наздибазалӣ ҳамагӣ 1%-ро ташкил менамоянд. Ҳуҷайраҳои мобайнӣ бошад, 19%, ҳуҷайраҳои болои бошад ҳамаги 80%-ро ташкил медиҳанд. Ин гуна типи молишакҳо барои он занҳое хос ҳастанд, ки дар организмашон гормонҳои ҷинсии занона ба таври муътадил ҳосил мегарданд. Дар ин гурӯҳи занҳо ҳамаи қабатҳои пардаи луобии узвҳои ҷинсӣ хуб инкишофёфта мебошад, мо аломатҳои атрофияро мушоҳида намекунем. Хусусияти хоси ин гуна молишакҳо аз он иборат, аст, ки дар баробари бартарӣ доштани ҳуҷайраҳои қабати болоӣ мо элементҳои илтиҳобиро тамоман мушоҳида намекунем, аз микрофлора бошад, танҳо чӯбчабактерияҳои Дедерлейни бартарӣ доранд. Аз рӯи таҳлили морфологии гурӯҳи чоруми молишакҳо маълум мегардад, ки ин гуна молишак ба он занҳое хос мебошад, ки дар зинаҳои хубтарини давраи таваллудкунӣ қарор доранд дар онҳо сикли ҳайзӣ муътадил аст, ҷараёни овулятсия сари вақт ба амал меояд, механизмҳои физиологии системаи муҳофизатии узвҳоиҷинсии занона муътадил фаъолият мекунанд [5, 35-38].

Адабтёт:

1. Хамраев О.А., Садикова Д.И., Рустамов У.М. и др. Современный подход к лечению мужского бесплодия. Молодой ученый. 2016; (3). 329-33. [Khamraev OA, Sadikova DI, Rustamov UM, et al. Modern approach to the treatment of male infertility. Molodoi uchenyi. 2016; (3): 329-333. (In Russ.)].
2. Овсянникова Т.В., Куликов И.А. Бесплодный брак: алгоритмы диагностики и лечения. Эффективная фармакотерапия. 2016; (22). 24-7. [Ovsyannikova TV, Kulikov IA. Infertile marriage: algorithms for diagnosis and treatment. Effektivnaya farmakoterapiya. 2016; (22). 24-27. (In Russ.)].
3. Серов В.Н., Прилепская В.Н., Овсянникова Т.В. Гинекологическая эндокринология. – Москва: МЕДпресс-информ, 2015. С. 8-48,

4. Оранская А.Н., Мкртумян А.М., Камалов А.А. и др. Эффективность и безопасность комбинации мио-инозитола и фолиевой кислоты в восстановлении фертильности. Эффективная фармакотерапия. 2018; (18). 14-18.
5. Здравоохранение в России – 2017 год. Статистический сборник. [Healthcare in Russia-2017. Statistical compendium.] С.14.30.
6. Тюрина Е.П., Сайфетдинова Ю.Ф. Причины женского бесплодия. Огарев-Online: 2014, С. 12-20.
7. Макаричева Э.В., Менделевич В.Д. Психический инфантилизм и необъяснимое бесплодие. Социальная и клиническая психиатрия. 1996, 6 (3). – С. 29-33.
8. Зыбайло В.С., Филимоненкова В.Ю., Копытов А.В. Исследование индивидуально-психологических особенностей женщин, страдающих бесплодием. Медицинский журнал. 2015 (1). – С.82-86.
9. Малкина-Пых ИГ. Тендерная терапия: справочник практического психолога. – Москва: Эксмо, 2006. – 1037 с.
10. Масягутова Л.Ф. Психологический взгляд на причины идиопатического бесплодия. Вестник науки и образования. 2018, (17-1). – С.113-116.

Калидвожаҳо: *безурётӣ, таҳлили ситологӣ, атрофияи пардаи луобӣ, микрофлораи нормалӣ, стафилокок, стрептокок, ҳайзбинӣ, гормонҳои ҷинсии занона.*

Аннотация

ОЦЕНКА АКТИВНОСТИ САМОК ЦИТОЛОГИЧЕСКИМ АНАЛИЗОМ

Основной целью данного исследования является оценка женских гениталий путем морфологического анализа женских гениталий. Таким образом, наши исследования показали, что цитологический анализ слизистой оболочки влагалища позволяет определить активность гормонов яичников в период менопаузы, наличие овуляции, наличие заболеваний эндокринной системы, возраст женщины, по причине бесплодия. Цитологическое исследование женских половых органов позволяет оценить активность нормальной микрофлоры женских половых органов и наличия большинства инфекционных заболеваний женских половых органов.

Ключевые слова: *бесплодие, цитологический анализ, атрофия слизистой оболочки, нормальная микрофлора, стафилококк, стрептококк, менопауза, женские половые гормоны.*

Annotation

EVALUATION OF FEMALE ACTIVITY BY CYTOLOGICAL ANALYSIS

The main purpose of this study is the evaluation of the female genitalia by morphological analysis of the female genitalia. Thus, our studies have shown that a cytological analysis of the vaginal mucosa makes it possible to determine the activity of ovarian hormones during menopause, the presence of ovulation, the presence of diseases of the endocrine system, the woman's age, and the cause of infertility. A cytological examination of the female genital organs allows us to assess the activity of the normal microflora of the female genital organs and the presence of most infectious diseases of the female genital organs.

Keywords: *infertility, cytological analysis, mucosal atrophy, normal microflora, staphylococcus aureus, streptococcus, menopause, female sex hormones.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Абдукаримов Баҳриддин Баҳронович, магистранти соли дуюми факултети биологияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: +992

Роҳбари илмӣ: н.и.б. Шамсудинов Ш. Н.

Сведения об авторе: Абдукаримов Бахриддин Бахронович, магистрант второго курса биологического факультета Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни.

Научный руководитель: к.и.н. Шамсудинов Ш. Н.

About the author: Abdukarimov Bakhriddin Bahronovich, 2nd year Master Student in the Faculty of Biology of the Tajik State Pedagogical University. S. Aini.

Scientific adviser: PhD Shamsudinov Sh. N.

Абдукаримов Баҳриддин Баҳронович,
магистранти соли дуюми факултети биология

БЕЗУРЁТИИ ЭНДОКРИНИИ ЗАНОНА

То замони ҳозира яке аз кафолати асосии зинда мондани ҳар як намуди биологӣ аз он иборат аст, ки аз худ насли зиёд боқӣ монад, ки он то як замоне давом меёбад. Дар зинаи муайяни инкишофи ҳар як намуди намояндаи олами ҳайвонот ва наботот номувофиқӣ нисбати манбаи инкишоф ва миқдори фардҳо, ки ин манбаҳоро истифода мекунанд, ба амал меояд. Масъалан 10 000 млн сол пеш обсабзҳо пайдо шудаанд, ки қобилияти фурӯ бурдани оксигени барзиёдро доштаанд, ки он дар натиҷаи фаъолияти ҳайётии пешгузаштагони олами наботот-сианобактерияҳо пайдо шуда буд [1,.80-150]. Бо мурури зиёд шудани саршумори обсабзҳо миқдори оксиген дар об кам гардида қисман зарурат барои кӯчбандии обсабзҳо ба хушкӣ гардид. Дар натиҷа растаниҳо пайдо шуданд, ки қобилияти аз атмосфера фурӯ бурдани оксигенро доштанд, ки дар он вақт миқдори зиёди ин газ ҷаъм шуда буд. Оҳиста-оҳиста дар ҷараёни мубориза барои ҳайёт як қисмати сарахсҳо, ки қади баланд доштанд, дар оянда дарахтҳо пайдо шуданд. Ҳамин гуна раванд барои одам низ тааллуқ дорад [2, 54].

Натиҷаи баҳодиҳӣ ба саломатии аҳолии кураи замин аз тарафи Созмони Байналмилалии Тандурустӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки сабаби асосии марги одамон дар мамлакатҳои тараққикарда, бемориҳои дилу рагҳои хунгард ва саратон дар натиҷаи аз меъёр зиёд истеъмол кардани миқдори сафедаҳо ва чарбҳои табиати ҳайвонидошта, кашидани тамоку ва нӯшидани машруботи спиртӣ ҳангоми маҳдуд будани фаъолнокии ҷисмонӣ ба ҳисоб меравад. Дар мамлакатҳои рӯ ба тараққиниҳода то ҳоло дараҷаи баланди муриш аз бемориҳои сироятӣ, ки дар натиҷаи дар шароити бади зиддисанитарӣ қарор доштан, инчунин мурдани кӯдакон аз норасоии ғизо ва дараҷаи баланди тавлид ба амал меояд [3, 96].


Танзими таваллуд яке аз муҳимтарин вазифаҳои ҳар як давлат буда ва омили асосии таъмин намудани шароити муътадил барои мавҷудияти наслҳои ояндаи одамон дар рӯи замин мебошад. Давраи бетартибона афзоиш намудани одамизод дар кураи замин, ки дар зери таъсири якҷояи ташкилотҳои байналхалқӣ ва мақомотҳои давлатӣ бояд ба охир расонида шаванд.

Дар баробари хатари афзоиши аҳолӣ дар як қисмати сайёра проблемаи дигар – зиёдшавии оилаҳои бефарзанд меистад. Проблемаи безурётӣ дар оила яке аз мубрамтарин масъалаҳое мебошад, ки аз замони қадим то инҷониб боқӣ мондааст. Эҳтимолан, аз як тараф, аз барои он ки миқдори оилаҳои бефарзанд зиёд шудааст, аз тарафи дигар, бо баландшавии сатҳи зиндагии ҷомеа моҳияти иҷтимои ин проблема боз ҳам зиёдтар мегардад [4, 620].

Бояд қайд намуд, ки пешавлодони қадимаи мо вазифаи асосии биологии худро нигоҳ доштани авлоди одамӣ шумурдаанд, ки дар давоми асрҳои зиёди мавҷудияти одамӣ ҳисобида мешавад. Дар замони ҳозира проблемаи безурётӣ низ дар байни аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойи намоёнро ишғол менамояд [5, 8].

Мақсади асосии ин таҳқиқот муайян намудани яке аз сабабҳои асосии безурётӣ дар байни занон ба ҳисоб меравад.


Барои муайян намудани сабабҳои безурётии занона мо 100 ҷуфти оилавиро зери санҷиши худ қарор додем, ки бо сабабҳои гуногун дар давоми 3 то 5 сол фарзанддор нагардиданд.



Расми 1. Паҳншавии безурётӣ дар байни аҳолии солим.

Чӣ хеле, ки аз натиҷаҳои дар расми 1 бармеояд, аз 100 нафар оилаи навбунёд, ки ба мо муроҷиат намуданд, безурётӣ дар байни онҳо 15±3%-ро ташкил медиҳад. Оилаҳои солиме, ки қобилияти таваллуд кардани фарзандро доранд 85±5%-ро дар бар мегирад.

Безуриётӣ гуфта ҳолатеро меноманд, ки ҷуфти оилавӣ баъди 1 соли бо низоми ҳаёти ҷинсии бемуҳофизат ҳомиладор намегарданд. Таҳлили адабиётҳои илмӣ нишон дод, ки тахминан 15%-и ҷуфт аз рӯйи номувофиқии геномашон, 35% аз рӯи омили занона, 30% аз рӯи омили мардона, 20% аз рӯи ҳарду омили мардона ва занона ва 15%-и безуриёти бесабаб ё ин ки бе ягон асос безуриёт мебошад. Безурётӣ дар никоҳ амалан ҳама вақт яке аз проблемаҳои иҷтимоӣ ва номусоиди руҳӣ ва дар бисёр ҳолатҳо ҷисмонӣ ба ҳисоб меравад. Номувофиқии руҳӣ аз он иборат аст, ки ҳама вақт дар ин гуна шахсон устувории ҷараёнҳои асабӣ суст гардида, боздорӣ зиёд шуда, пастшавии тавачуҳ нисбати муҳити атроф ва кор ба амал омада, шахс худро аз ҷиҳати рӯҳию-ҷисмони комилан нопурра ҳисоб мекунанд. Ин гуна вайроншавии руҳӣ на танҳо барои фарде, ки оилаи безуриёт барпо намудаст, балки ба ҷомеа низ таъсири манфӣ расонида, сабаби вайроншавии оилаҳои ҷавон мегардад. Бемориҳои занона, ки ба бордоршавӣ таъсир мерасонанд, бениҳоят бисёр мебошанд. То ҳоло ҳолатҳое вуҷуд доранд, ки имконияти ташхисӣ мондан ва пурра табобат намудан вуҷуд надорад. Ин гуна мизоҷонро ташхиси безуриётии идиопатикӣ меноманд, ин гуна шакли вайроншавии ҷинсӣ натиҷаи таъсири комплексии шароитҳои номусоиди муҳит ва инчуни бемориҳои то ҳоло номаълум меноманд.




Расми 2. Омилҳои асосие, ки сабаби безурётӣ мебошанд.
1-омили занона, 2-омили мардона, 3-омили омехта, 4-омили номаълум.

Дар расми 2 омилҳои асосие, ки сабаби безурётӣ мебошанд, дарҷ гардиданд. Аз 100 нафар оилае, ки дар давоми 3-5 сол қобилияти фарзанд таваллуд кардан надоштан бо сабаби чунин омилҳо ба амал омадааст. Аз рӯи таҳқиқоти гузаронидаи мо, ба ҳисоби миёна дар 35±4% сабаби асосии безурётӣ омили занона мебошад. Дар 30±4% сабаби безурётӣ ба омили мардона вобаста мебошад. Дар 20±2,4% сабаби безурётӣ омилҳои омехта, ки ба ҳарду ҷинс вобастаанд, ба мушоҳида мерасад. Дар 15±1,5% оилаҳои безуриёт сабаби таваллуд нашудани фарзанд номаълум мемонад.

Ба мо зарур аст, ки ба баъзе хусусиятҳои ин гуна бемориҳо гуфта гузарем.

Аввалан, безуриётӣ ин ташхиси клиникӣ мебошад. Ин гуна беморӣ наметавонад, ки дар асосӣ ин ва он натиҷаҳои таҳлили озмоишгоҳӣ, ки танҳо сабаби онро нишон диҳанд. Дуюм, ин гуна беморӣ ба ҷуфт тааллуқ дорад. Ҳангоми он як ё ҳарду-фарз қобилиятҳои ҳомиладор шуданро ба дигар шахс доранд. Сеюм, ин мафҳум каме дағал мебошад ва маънои пурра безуриёт буданро намефаҳмонад, гарчанде дар аксарияти ҳолатҳо сухан дар бораи қобилияти сусти бордоркунӣ меравад. Вобаста ба ин, барои ин проблема якчанд мавзуъҳо пешниҳод гардидааст, ки ба монанди паст шудани қобилияти наслмони субферитикӣ ва ғайра, ки дар замони ҳозир дастгирӣи ҳамагонро наёфтанд. Натиҷаҳои омории мавҷуда имконият медиҳанд, ки миқёси ҷаҳон проблемаи безурётӣ нишон дода мешавад. Бинобар ин, ин масъала на танҳо барои табибони уролог мубрам аст, балки барои тандурустӣ ва тамоми ҷомеа низ мубрам мебошад.


Дар байни бемориҳои занона, ки сабаби асосии безурётӣ мегардад, нақши безурётии эндокринӣ бениҳоят калон мебошад. Чӣ хеле ки ба ҳамагон маълум аст, ба инкишоф ва фаъолияти тухмдон таъсири гормонҳои гонадотропии гипофиз хеле калон мебошад. Аз таҳқиқотҳои гузаронидашуда маълум гардид, ки паст шудани миқдори гормонҳои гонадотропӣ ба суст шудани фаъолияти тухмдон оварда мерасонад.



Расми 3. Безурётии занонаи гипогонадотропӣ.
1-одамони солим, 2-занони ба безурётии гипогонадотропи дучоргардида.

Чӣ хеле ки аз натиҷаҳои дар расми 3 дарҷ гардида бармеояд, дар байни безурётии эндокринии занона аз 1 то 10 ҳолат ба 10 000 одами солим рост меояд. Яъне бо ибораи дигар, дар байни безурётии занона, ки дар заминаи вайроншавии ғадудҳои тарашшӯҳи дарунӣ баамаломада, ки сабабаш паст шудани ҳосилшавии гормонҳои гонодотропӣ мебошад, 10%-ро ташкил медиҳад. Ҳангоми ин намуди безурётӣ миқдори гормони лютеин ҳосилкунанда аз 3,0±0,3 Ед//л баробар аст.

Гормони лютеинҳосилкунанда табиати пептидӣ дошта, дар ҳиссаи пеши гипофиз ҳосил мешавад. Нишонаи асосӣ барои таъсири гормони лютеин ҳосилкунанда дар занҳо ҳуҷайраҳои пардаи тухмдон ва таначаи зардӣ ба ҳисоб меравад. Дар зери таъсири гормони лютеинҳосилкунанда тухмпазиш ба амал омада, дар ҳуҷайраҳои тухмдон синтези эстрогенҳо ва прогестерон фаъол гардонида мешавад [6,181].



Расми 4. Миқдори гормони лютеинҳосилкунанда дар зардоби хун.
1-кӯдакони то 11 сола. 2 зинаи фоликула ҳосилшавӣ. 3-зинаи тухмпазиш, 4-зинаи лютеин ҳосилшавӣ. 5-давраи қатъшавии ҳайзбинӣ. 6-мардҳо. 7- занҳои ба безурётӣ дучоргардида.

Дар расми 4 миқдори гормони лютеин ҳосилкунанда вобаста ба синну сол ва зинаҳои гуногуни давраи ҳайзбини дар занҳо ва зардоби хууни мардҳо дарҷ гардидааст. Дар таркиби зардоби хуни кӯдакони то 11-сола миқдори гормони лютеин ҳосилкунанда ба ҳисоби миёна 7±0,3 ЕД/л-ро ташкил медиҳад. Дар таркиби зардоби хуни занҳое, ки дар зинаҳои гуногуни ҳайзбинӣ қарор доранд, миқдори гормони лютеинҳосилкунанда бо таври боварибахш тағйир меёбад. Дар зинаи пухтарасии фоликулаҳо дар таркиби зардоби хуни занҳо миқдори гормони лютеинҳосилкунанда на он қадар зиёд буда, ба ҳисоби миёна 10±0,5 Ед/л-ро ташкил медиҳад. Дар зинаи тухмпазиш бошад, ба таври максималӣ зиёдшавии гормони лютеинҳосилкунанда мушоҳида гардида, ба ҳисоби миёна 60±5 Ед/л-ро ташкил медиҳад. Дар зинаи лютеинӣ бошад, миқдори ин гормон якбора кам гардида, ба ҳисоби миёна 8,5±0,4 Ед/л-ро ташкил медиҳад. Дар давраи қатъшавии ҳайзбинӣ бошад, миқдори гормони лютеинҳосилкунанда ба 45±4 Ед/л баробар аст. Дар баробари мавҷуд будани ин гормон дар таркиби хуни занҳо инчунин ин моддаи фаъоли биологӣ дар таркиби хуни мардҳо низ мавҷуд аст, ки ба ҳисоби миёна 5,5±0,20 Ед/л-ро ташкил намуд. Дар таркиби хуни занҳое, ки ба безурётии эндокрини дучор гардиданд, миқдори гормони лютеин ҳосилкунанда 45,5% нисбати мардҳо кам гардидааст. Аз натиҷаҳои бадастомада маълум гардид, ки яке аз сабабҳои асосии безурётии занона паст гардидани

гормони лютеин ҳосилкунанда меболшад. Камшавии миқдори ин гормон ҳангоми вайроншавии фаъолияти гипофиз ё гипоталамус, атрофияи наслдон, синдроми алоими Каллман, лоғаршавии руҳӣ, сустшавии сабзиш ва балоғати ҷинсӣ ва инчунин ҳангоми истеъмоли маводҳои гуногуни доругӣ ба амал меояд [7, 361].

Ҳамин тариқ, безурётии занона яке аз равандҳои паҳншуда буда дар байни занҳои ба синни таваллуд расида 35%-ро ташкил медиҳад. Дар байни безурётии занона – безурётии эндокрини нақши муайянро иҷро мекунад. Аз таҳқиқоти гузаронидашудаи мо маълум гардид, ки безурётии занона, ки дар заминаи пастшавии ҳосилшавии гормонҳои гонодотропӣ ба амал меояд, ба ҳисоби миёна 10%-ро ташкил медиҳад. Дар ин раванд нақши гормони лютеин ҳосилкунанда хеле бузург мебошад. Миқдори гормони лютеинҳосилкунанда вобаста ба синну сол даврaҳои гуногуни ҳайзбинӣ ва ҷинс тағйир меёбад. Пастшавии боварибахши гормони лютеинҳосилкунанда дар таркиби зардоби хуни занҳои ба безурётӣ дучоргардида мушоҳида гардид.

Адабиёт:

1. Боярский К.Ю. Клиническое значение тестов определения овариального резерва в лечении бесплодия: Автореф. дисс. канд.мед.наук. СПб., 2006.-26 с.
2. Бурдули Г.М., Флорова О.Г. Репродуктивные потери. – М.: Медицина Б, 1997. – 188 с.
3. Вихляева Е.М. Руководство по эндокринной гинекологии. – Москва, 1998. – 153 с.
4. Волков Н.И Бесплодие при наружном генитальном эндометриозе (клиника, диагностика, лечение, патогенез): Дисс. докт.мед.наук. – М., 1996. – 260 с.
5. Иловайская И.А., Зекцер В.Ю., Пищулин Н.П. и др. Эффективность заместительной гормональной терапии в лечении женщин с гипогонадотропным гипогонадизмом // Акушерство и гинекология. -2005. №4. - С.53-55.
6. Ищенко А.И., Кудрина Е.А. Эндометриоз. Диагностика и лечение. – М.: ГЭОТАР-МЕД, 2002. – С.90-99.
7. Йен С.С.К. Хроническая ановуляция, обусловленная периферическими эндокринными нарушениями. Репродуктивная эндокринология. / Под редакцией С.С.К. Йена и Р.Б. Джаффе (пер.с англ.). – Москва, 1998. - Т.1. – С.612-702.
8. П.Василевская Л.Н., Грищенко В.И., Щербина Н.А., Юровская В.П. Гинекология. – Ростов-на-Дону, 2005. – 401с.

Калидвожаҳо: *безурётии занона, гормони лютеини, гормони оликула фаъолкунанда, тухмпазиш, гипофиз, тухмдон.*

Аннотация

ЖЕНСКОЕ ЭНДОКРИННОЕ БЕСПЛОДИЕ

В статье автор обсуждает вопросы убедительного снижения сывороточного лютеин-продуцирующего гормона в сыворотке крови женщин с бесплодием. Результаты показали, что одной из основных причин женского бесплодия является снижение выработки лютеина.

Ключевые слова: *женское бесплодие, лютеинизирующий гормон, олигула-активирующий гормон, овуляция, гипофиз, яичник.*

Annotation

FEMALE ENDOCRINE INFERTILITY

In the article, the author discusses the issues of a convincing decrease in serum lutein-producing hormone in the blood serum of women with infertility. The results showed that one of the main causes of female infertility is a decrease in lutein production.

Keywords: *female infertility, luteinizing hormone, oligula-activating hormone, ovulation, pituitary gland, ovary.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Абдукаримов Баҳриддин Баҳронович, магистранти соли дуюми факултети биологияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: +992

Роҳбари илмӣ: н.и.б. Шамсудинов Ш. Н.

Сведения об авторе: Абдукаримов Бахриддин Бахронович, магистрант второго курса биологического факультета Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни.

Научный руководитель: к.б.н. Шамсудинов Ш. Н.

About the author: Abdukarimov Bakhriddin Bahronovich, the 2nd year Master Student of the Faculty of Biology of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini.

Scientific adviser: PhD Shamsudinov Sh. N.

Дӯстов Ҷинайдулло,
магистранти соли аввали факултети биология

МУАЙЯН НАМУДАНИ ПИГМЕНТҲОИ ПЛАСТИДҲОИ РАСТАНИҲОИ ГАНДУМ ВА ҶАВ

Бино ба маълумоти ҳафриётӣ, дар мамлакатҳои Осиёи Пеш (Туркия, Ироқ, Сурия, Эрон) 7-6, Юнону Булғория 6-5 ва Миср бештар аз 4 ҳазор сол то м. гандум кишт мегардид. Одамони қадим асосан аз гандуми худрӯй истифода мебурданд. Дони гандуми худрӯй баъди пухтан зуд мерехт, бинобар ин, эҳтимол одамон онро хом истеъмол менамуданд. Таҳқиқи хӯшаҳои дар ҳафриёт ёфташуда собит месозад, ки тақр. 10200-6500 сол қабл парвариши гандум оғоз ёфт. Гандуми мазруъ соли 6000 то м. дар Ҳиндустон, соли 5000 то м. дар Ҳабашистон, нимҷазираи Пиреней ва ҷазираҳои Британия ва баъд аз ҳазор соли дигар дар Хитой паҳн гашт. Дар ибтидои солшумории милодӣ гандум дар тамоми Осиё ва Африқо кишт мешуд. Дар давраи кишваркушоии румиҳо гандум ба Аврупо роҳ ёфт. Асрҳои 16-17 муҳоҷирони аврупоӣ гандумро ба Амрикои Ҷанубӣ, сипас ба Амрикои Шимолӣ, асрҳои 18-19 ба Канада ва Австралия бурданд. Ҳамин тавр, гандум дар тамоми дунё паҳн гашт. Кишти гандум дар Бохтари қадим аз садаи IV то м. маълум аст. Сайёҳи итолиёӣ Марко Поло навиштааст, ки гандум дар Помир бисёр кишт мешавад. Н. И. Вавилов Тоҷикистонро дар Осиёи Миёна маркази навъҳои гуногуни гандум ба қалам додааст. Дар «*Иршоду-з-зироъа фӣ илми-л-ҳироса*» навъҳои гуногуни гандум (сафедак, сурхак, сурхаки баҳорӣ, уштурдандон, канагандум, каллагандум, гулгандум, паҳнгандум, сиёҳдона, сурххӯша, сафедаки калон, сафедаки реза, сафедаки баҳорӣ ва ғайра) қайд гардидааст, ки далели яке аз марказҳои парвариши гандум будани Осиёи Марказӣ аст [3, 2].

Ҷав дар шароити лалмӣ ба омилҳои экологӣ мутобиқ шудааст, пигментҳои пластидҳоро фаъолона ҳосил мекунад ва дар дараҷаи оптималӣ фотосинтезро мегузаронад [1].

Дар таҷрибаҳо мо ҷави Волжкаи 1-и аз Россия овардашуда, ба сифати стандарт ҷави маҳалии навъи ҷави маҳалии навъи зироаткор ва гандуми маҳалии навъи Зафарро истифода бурдем.

Аз рӯи маълумотҳои мо да баргҳо ва пояи ҷави Волжкаи 1 пигментҳои пластидхуди аввали давраи нашънамо бошиддат ҳосил мешавад ва то охир миқдори он оҳиста – оҳиста зиёд шудан мегирад [5].

Нишон дода шудааст, ки мавҷудияти хлорофилл дар ҷави россиягӣ аз 0,927 мг/г вазни тар дар давраи панҷазанӣ то 1,10 мг/г вазни тар дар давраи гулкунӣ зиёд мешавад. Дар поя низ зиёдшавии хлорофилл аз 0,191 то 0,408 мг/г вазни тар дар давраи хӯшабандӣ дида мешавад. мушоҳида мешавад ва баъдан давраи хӯшабандӣ 3,66 маротиба зиёд шуда, дар як сатҳ қарор гирифт, аммо давраи ширабандӣ ва хамирамонандшавӣ миқдори пигментҳо кам шуд.

Дар поя ҳам дар давраи найчабандӣ дар ҷави Волжкаи 1 камшавӣ мушоҳида мешуд, баъд дубора 3-4 маротиб азиёд шуд ва оҳиста – оҳиста миқдори хлорофили b дар давраи оянда зиёд шуд.

Дар ҷави маҳалии навъи Зироаткор дар давраи хӯшабандӣ дар барг миқдори хлорофилли a 1,38 маротиба кам шуд, аллакай дар давраи гулкунӣ 1,5 маротиба зиёд шуд, дар поя дар давраи найчабандӣ хлорофилли a 2,66 маротиба кам шуд, аммо дар давраи хӯшабандӣ 2,65 маротиба зиёд шу два алакай то давраи гулкунӣ каме зиёд мешавад [4].

Миқдори хлорофилли b дар баргҳодар давраи найчабандӣ кам мешавад, аммо баъд яку якбора зиёдшавии хлорофилл b давраи хӯшабндӣ мушоҳида мешавад ва ин зиёдшавӣ то ширабандӣ боқи мемонад.

Дар пояи ҷави навъи зироаткор миқдори хлорофилли b дар давраи найчабандӣ 3,2 маротиба кам мешавад, аммо баъд дар давраи хӯшабандӣ 3,7 маротиба, давраи гулкунӣ бошад бузургии он каме зиёд мешавад, ки мумкин аст онро хатогии оморӣ номид.

Ба сифати стандарт дар баробари ҷави маҳалли боз гандуми Зафар гирифта шуд, ки дар он чунин нишондодҳои ҳосил ва захирашавии пигментҳои пластидӣ дида мешавад. Хорофилли a дар баргҳои гандуми навъи Зафар дар давраи панҷазанӣ миқдори аз ҳама максималӣ дошт, дар давраи найчабандӣ ва хӯшабандӣ миқдори хлорофилли a 1, 3 маротиба кам шуд, аллакай дар давраи гулкунӣ ба миқдори кам зиёдшавӣ мушоҳида мешуд. Дар пояҳо миқдори хлорофилли a номураттаб буд, аввал 2 маротиба кам шуд, баъд каме баланд шу два охир зиёда аз 3 маротиба зиёд шуд. Миқдори хлорофилли b ҳам номураттаб буд, дар давраи найчабандӣ камшавии миқдори хлорофилли b зиёда аз 2 маротиба мушоҳида мешуд, баъд дар давраҳои оянда то 1,5-3 маротиба зиёд шуда ва боз паст шуд [2].

Таносуби миқдори хлорофилли a ба миқдори хлорофилли b таъсироти омилҳои экологва асосҳои физиолог – биохимиявии генотипҳои ду навъи ҷав ва гандум дар шароити гуногуни экологӣ парваришшаванда нишон медиҳад.

Аз рӯи таносуби миқдори хлорофилли a ба миқдори хлорофилли b мо чунин мушоҳида намудем: дар ҷави россиягии Волжскаи 1 таносуби хлорофилли a ба хлорофилли b дар барг аз 1,51то 4,8 дар поя аз 3,2 то 5,20; дар ҷави Зироаткор дар барг аз 1,42 то 2,49, дар поя аз 2,73 то 3,98; дар гандуми навъи Зафар ин таносуб дар барг аз 1,2 то 2,42 маротиба дар поя аз 1,75 то 4,115 маротиба буд. Ин таносуб нишон дод, ки ин бузургӣ дар баргҳо нисбат ба поя камтар аст [1, 2].

Миқдори пигментҳо дар гандум ва ҷав

Навъ	Давраи нашъунамо	Узвҳои растанӣ	Хл a мг/г вазни тар, %		Хл b мг/г вазни тар, %	
Гандуми навъи Зафар	Панҷазанӣ	Барг	1,488±0,745	70,7	0,615±0,306	29,3
		Поя	0,233±0,13	77,4	0,068±0,036	22,6
	Найчабандӣ	Барг	1,136±0,001	68,3	0,526±0,080	31,7
		Поя	0,112±0,001	80,5	0,027±0,002	19,5
	Хӯшабандӣ	Барг	1,13±0,06	52,9	1,004±0,09	47,1
		Поя	0,157±0,01	72,6	0,059±0,002	27,4
	Гулкунӣ	Барг	1,348±0,17	35,7	0,751±0,11	64,3
		Поя	0,577±0,15	63,6	0,33±0,08	36,4
Навъ	Давраи нашъунамо	Узвҳои растанӣ	Хл a мг/г вазни тар, %		Хл b мг/г вазни тар, %	
Ҷави Россиягии Волжскаи 1	Панҷазанӣ	Барг	0,927±0,054	70,5	0,387±0,031	29,5
		Поя	0,191±0,079	77,6	0,055±0,030	22,4
	Найчабандӣ	Барг	0,941±0,078	83,1	0,196±0,151	16,9
		Поя	0,087±0,011	81,3	0,020±0,002	18,7
	Хӯшабандӣ	Барг	1,089±0,070	60,9	0,718±0,27	39,8
		Поя	354±0,09	83,8	0,086±0,01	16,2
	Гулкунӣ	Барг	1,1026±0,06	50,2	0,704±0,18	49,5
		Поя	0,408±0,11	76,6	0,124±0,04	23,4

Адабиёт:

1. Вавилов Н. И. Пшеница. – М., 1964. – 110 с.
2. Гандум / Г. Раҳмихудоев, З. Эшонова, Ҷ. Қосимов // Вичлас — Гӯянда. — Д. : СИЭМТ, 2015. — (Энсиклопедияи Миллии тоҷик: [тахм. 25 ҷ] / сармуҳаррир Н. Амиршоҳӣ, 2011—2017, ҷ. 4). — ISBN 978-99947-33-77-4.
3. Қосимов Ҷ. Қ. (ва дигарон). Зироатҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 1975. С. 25.
4. Қосимов Ҷ. Қ. (ва дигарон). Рустанипарварӣ бо асосҳои тухмишиносӣ. – Душанбе, 2011. С. 78-80.
5. Сухобрус И. Г. Определитель пшениц и ячменей Таджикистана. – Душанбе, 1951. С. 145-150.
6. Тавсияҳо оид ба парвариши навъҳои нави гандум дар кӯҳистони Тоҷикистон. – Душанбе, 2010. С. 25.
7. Тавсияҳо оид ба парвариши навъҳои нави гандум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2008. С. 14-25.

Калидвожаҳо: *хлорофил, пигмент, барг, поя, гандум, сурхаки баҳорӣ, уштурдандон, канагандум, каллагандум, гулгандум, паҳнгандум, сиёҳдона, сурххӯша, сафедаки калон, сафедаки реза, сафедаки баҳорӣ*

Аннотация

ОПРЕДЕЛЕНИЕ ПЛАСТИЧЕСКИХ ПИГМЕНТОВ РАСТЕНИЙ ПШЕНИЦЫ И ЯЧМЕНЯ

Пшеница – одна из самых популярных культур в мире. Среди растений этот урожай является одним из самых потребляемых и, в первую очередь, по срокам использования. Хлорофилл – это зеленый пигмент, который содержится в растениях, где происходит фотосинтез. В этой статье описывается количество пигмента хлорофилла в листьях и стеблях пшеницы и некоторых других растений на разных стадиях роста.

Ключевые слова: *хлорофилл, пигмент, лист, стебель, пшеница, яровой красный, страус, каннабис, рожь, пшеница, крупный белок, ржаной белок, яровой белок.*

Annotation

DETERMINATION OF PLASTIC PIGMENTS IN WHEAT AND BARLEY PLANTS

Wheat is one of the most popular crops in the world. Among plants, this crop is one of the most consumed, and primarily in terms of use. Chlorophyll is a green pigment found in plants where photosynthesis takes place. This article describes the amount of chlorophyll pigment in the leaves and stems of wheat and some other plants at different stages of growth.

Keywords: *chlorophyll, pigment, leaf, stem, wheat, spring red, ostrich, cannabis, rye, wheat, large protein, rye protein, spring protein.*

Маълумот дар бораи муалиф: Дӯстов Ҷинайдулло Нарзуллоевич, магистранти соли аввали факултети биологияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Тел.: +992 937777449

Роҳбари илмӣ: н.и.б., дотсент Раҳимов М. М.

Сведение об авторе: Дустов Джинайдулло Нарзуллоевич, магистрант первого курса факультета биологии ТГПУ имени Садриддина Айни. Тел.: +992 937777449

Научный руководитель: к.б.н., доцент Рахимов М. М.

About the author: Dustov Jinaydullo Narzulloevich, master of the 1st year of Master Student in the Department of Biology of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni. Tel.: +992 937777449

Scientific director: PhD, Associate Professor Rahimov M. M.

Айдарова Мавзуна Бозоровна,
магистранти соли аввали факултети биология


ТАҒЙИРЁБИИ МИҚДОРИ ЛЕЙКОСИТҲО ҲАНГОМИ СИРОЯТИ ШАДИДИ БАКТЕРИЯВӢ

Лейкоситҳо ҳуҷайраҳои сафеди хун буда дар мағзи сурхи устухон ва гиреҳҳои лимфатики ҳосил мегарданд. Аз рӯи аломатҳои морфологӣ ва фаъолияти физиологияшон лейкоситҳоро ба ду гурӯҳи калон ҷудо менамоянд. Гурӯҳи якумро лейкоситҳои доначадор ташкил менамояд. Гурӯҳи дуюмро бошад лейкоситҳои бедона ташкил мекунанд. Дар байни лейкоситҳо нейтрофилҳо аз ҷиҳати миқдор ҷойи аввалро ишғол менамоянд [1, 378].

Нейтрофилҳоро ҳамчун хати аввали муҳофизати аз ҷисмҳои беруна ва даруна шуморида, барои доими нигоҳ доштани муҳити дохилии организм равона мегардад. Кучбандии босуръат тавассути ҳуҷайраҳои эндотели дар зери таъсири ситокинҳои зиёд аз он ҷумла хемокинҳо ба амал меояд. Вазифаи асоси нейтрофилҳо иштирок дар мубориза бо микроорганизмҳо бо роҳи онҳоро фурубурдан яъне фагоситоз ба амал меояд. Маҳсули доначаҳо қобилияти вайронкуни амалан ҳамагуна микробро доранд. Дар доначаҳои азурофили ва махсуси нейтрофилҳо зиёда аз 20 ферментҳои гуногуни протеолитики миелопероксидаза интегринҳо сафедаҳои зидди бактерияви (лактоферин, дефенсинҳо, сафедаҳои катиони зидди СД микробҳо) лизосим фосфатазаи ишқори бактериолиз ва ҳазмкуни микроорганизмро ба вуҷуд меорад. Миқдори зиёди эластаза мавҷуд буда яке аз омилхое, ки ба вайроншавии бофтаҳо дар минтақаи илтихоб мебошад. Ду металпротеазаҳо коллагеназа, желатиназа метавонанд ба вайроншавии моддаҳои байни ҳуҷайрави расонанд. Дар мембранаи нейтрофилҳо гурӯҳҳои гуногуни ресепторҳо мавҷуд буда алокаи нейтрофилҳоро бо микромуҳит барпо намуда фаъолноки функсионали таъмин мекунад [2, 53].


Мақсади аосии ин таҳқиқот омӯзиши тағйирёбии миқдорӣ ва функсионалии лейкоситҳо ҳангоми сирояти шадиди бактериявӣ ба ҳисоб меравад.

Мавод ва усулҳои таҳлил. Барои гузаронидани ин таҳқиқот мо 20 нафар бемори дучори илтиҳоби шадиди нойи нафас, 20 нафар дучори илтиҳоби шадиди шуш, ки табиати бактериявӣ доранд ва 20 нафар одамони солимро барои муқоиса зери санҷиши худ қарор додем. Миқдори лейкоситҳоро тавассути гемоанализатори микрос-20 пилюс, формулаи лейкоситариро тавассути рангкуни бо усули Романовски ва дар зери микроскоп ҳисоб намудем.



Расми 1. Тағйирёбии миқдори лейкоситҳо ҳангоми сирояти шадиди бактериявӣ. 1-одамони солим, 2-илтиҳоби шадиди нойи нафас, 3- илтиҳоби шадиди шуш.


Чӣ хеле, ки аз натиҷаҳои дар расми 1 дарҷ гардида бар меояд ҳангоми сирояти шадиди бактериявӣ миқдори лейкоситҳо ба таври боварибахш зиёд мегарданд. Дар гурӯҳи бемороне, ки дучори илтиҳоби шадиди нойи нафас, ки табиати бактериявӣ доранд ба ҳисоби миёна миқдори лейкоситҳо $13\pm2,0x10^{9/л}$ ро ташкил медиҳанд, ки ин нишондод нисбати одамони солим 2 маротиба зиёдтар мебошад. Дар баробари зиёд шудани миқдори лейкоситҳо дар беморон илтиҳоби роҳи нафас дигар аломатҳои клиники ба монанди ҳароратбаланди, сулфа, захролудшави, паст шудани иштиҳо, бекуввати ва бемадори мушоҳида гардид. Дар гурӯҳи сеюм беморон, ки дучори илтиҳоби шадиди шуш, ки табиати бактериявӣ доранд миқдори лейкоситҳо ба ҳисоби миёна $18\pm2,5x10^{9/л}$ ташкил намуд. Ин нишондод дар одамони солим бошад ба $6,5\pm0,5x10^{9/л}$ баробар мебошад. Аз натиҷаҳои ба даст омада бар меояд, ки миқдори лейкоситҳо дар таркиби хуни беморони дучори илтиҳоби шуш зиёда аз 3 маротиба зиёд гардидаанд.



Расми 2. Тағйирёбии миқдори нейтрофилҳо ҳангоми сирояти шадиди бактериявӣ. 1-одамони солим, 2-илтиҳоби шадиди нойи нафас, 3- илтиҳоби шадиди шуш.

Аз натиҷаҳои дар расми 2 дарҷ гардида маълум гардид, ки ҳангоми сирояти шадиди бактериявӣ, нойи нафас аз миқдори умуми лейкоситҳо зиёда аз 70±6%-ро нейтрофилҳо ташкил медиҳанд. Ин нишондод дар таркиби хуни одамони солим ба ҳисоби миёна 55±5, %-ро ташкил медиҳад. Миқдори нейтроилҳо дар таркиби хуни беморони илтиҳоби шадиди шуш ба 90±7% баробар буда, нисбати одамони солим 40% зиёдтар гардиданд. Аз натиҷаҳои ба даст омада маълум гардид, ки ҳангоми сирояти шадиди бактериявӣ асосан зиёдшавии лейкоситҳо аз ҳисоби нейтрофилҳо ба амал меояд.

Дар расми 3 миқдори лимфоситҳо ва эозинофилҳо дарҷ гардидааст. Чӣ хеле, ки аз натиҷаҳои ба даст омада маълум гардид дар таркиби хуни беморони дучори илтиҳоби шадиди нойи нафас ба ҳисоби миёна миқдори лимфоситҳо 20±2% дар таркиби хуни беморони дучори илтиҳоби шадиди шуш ин нишондод ҳамаги 3±0,5%-ро ташкил намуд. Дар таркиби хуни одамони солим бошад миқдори лимфоситҳо ба ҳисоби миёна ба 35±4% баробар мебошад. Аз натиҷаҳои ба даст омада бармеояд, ки дар баробари зиёдшавии миқдори нейтрофилҳо мутаносибан камшавии миқдори лимфоситҳо ба амал меояд.



Расми 3. Тағйирёбии миқдори лимфоситҳа ва эозинофилҳо ҳангоми сирояти шадиди бактериявӣ. 1-одамони солим, 2-илтиҳоби шадиди нойи нафас, 3- илтиҳоби шадиди шуш.

Аз формулаи лейкоситари маълум гардид, ки миқдори эозинофилҳо дар таркиби хуни илтиҳоби шадиди нойи нафас ба ҳисоби миёна 6,0±2%- ро ташкил мекунанд. Ин нишондод дар таркиби хуни беморони илтиҳоби шадиди шуш ба 7,0±2% баробар мебошад, ки нисбати одамони солим 2 баробар зиёдтар мебошад.

Муҳокимаи натиҷаҳо. Нейтрофилҳо 60-70% ҳаҷми умумии лейкоситҳои хунро ташкил медиҳанд. Баъди аз мағзи устухон баромадани нейтрофиҳои доначадор ба хуни канори кисми онҳо озодона дар дохили рагҳои хунгард гардиш намуда (захираи гардишкунанда) дигар қисмашон дар назди девори рагҳои хунгард ҷойгир шуда захираи назди девориро ташкил медиҳанд. Дар одамони солим таносуби ҳуҷайраҳои гардишкунанда ва назди девори 1:3 мебошад. Ҳуҷайраҳо аз захираи назди девори дар зери таъсири омилҳои гуногун ба захираи гардишкунанда ё муқобил мегузаранд. Суръати аз нав сози захирави баробар аст 1,6810:9кг вазни бадан дар давоми шабонарӯз. Нейтрофилҳои болиғ дар хуни гардишкунанда 8-10 соат нигоҳ дошта шуда баъдан ба бофта мегузаранд, аз руи миқдор захираи бойи ҳуҷайравиро

ташкил медиҳанд. Давомнокии ҳаёти нейтрофилҳои доначадор дар бофтаҳо ба ҳисоби миёна 2-3 рӯзро ташкил мекунанд. Дар ин раванд ҳуҷайраҳо пир шуда, шакли пикнозиро мегиранд. Дар одамон дар як шабонарӯз, кариб 10:11 нейтрофилҳои доначадор коркард мешавад, бинобар ин ба ғайр аз ҳосилшави барои организм берун намудани онҳо бениҳоят муҳим аст, ки он аз руи механизми апоптоз ба амал меояд. Сикли ҳаёти нейтрофилҳо чунин мебошад: агар ҳуҷайра соати дохила дошта бошад барномаи марги онро танзим мекунад. Ин барнома метавонад вайрон гардад ҳангоми апоптози пуршиддат, ки он ҳангоми бемориҳои гематологи мушоҳида гардида онро кам гардидани маҳсули нейтрофилҳо (камхуни апластики, халоими Чедика-Хигаси) ва баъд таъсири маводҳои доруги. Нокусии хар як қисмати сикли ҳаётии нейтрофилҳо ба вайроншавии системаи муҳофизати организм расонида,ки он ба сирояти вазнини бактериявӣ ва занбуруғи дучор мегардад. Хемотаксис адгезия бедоначагарди фурубари. Ин ресепторҳо барои Фс-порчаи иммуноглобулинҳо қисмати комплимент (С3, С5а, СР1) мебошанд. Да болои нейтрофилҳо интегринҳо селектинҳо дарёфт гардида ба ҳам таъсиррасони нейтрофилҳо бо ҳуҷайраҳои эндотели таъмин намуда баъдан куч банди нейтрофилҳоро аз хун ба бофтаҳо таъмин мекунад. Нейтрофилҳо қобилияти ҳосил кардан ва тарашшуҳи як қатор ситокинҳо (ФНО-а, ИЛ-1а, ИЛ-1бетта, ИЛ-6, ИЛ-6, ИЛ-8) омили калони ангезишдиҳанда (ГМ-КСФ, Г_КСФ, М-КСФ), омили сабзиши бетта. Ин моддаҳои фаъоли биологи имконият медиҳанд, ки нейтрофилҳо дар раванди илтиҳоб иштирок намуда болиғшави ва фаъолияти функсионали онҳоро таъмин намуда инчунин таъсири нейтрофилҳоро ба дигар ҳуҷайраҳо муайян мекунанд [3, 86-250].

Вазифаи муҳими нейтрофилҳо фагоситоз буда, ки онро И Мечников дар охири асри 19 кашф гардааст. Як чанд зинаи раванди фагоситозро аз якдигар чудо мекунанд: хемотаксис адгезия(часпиш) фаъолкуни порчаи мембрана фагосит, фурубари, ҳосилшави фагосомаҳо, ҳазмкунии ҷисм, озодшави аз маҳсули вайронгардида. Хемотаксис ҳаракати интиҳоби ҳуҷайраҳо ба тарафи ҷисмҳои ангезанда, (хемоатрактантҳо) ки онҳо метавонанд маҳсули ихроҷи микроорганизмҳо ва ҳуҷайраҳои фаъолгардида дар қитъаи илтиҳоб, ИЛ-8 маҳсули таҷзияи қисматҳои комплимент С-сафедаи реактиви нейропептидҳо порчаи иммуноглобулинҳо бошанд.

Доначаҳои ситоплазматики нейтрофилҳо дорои омилҳои зидди бактерияви буда, ба фагосома бе иштироки оксиген таъсир мерасонад. Ин протеазаҳо, фосфолипазаҳо, гликолизадаҳо лизосим, сафедаҳои катиони, лактоферин эластаза ва дигар сафедаҳо, пептидҳо фаъолият ва сохтори микроорганизмҳоро вайрон мекунад. Лизосим девори ҳуҷайраи бактерияро ҳал мекунад. Лактоферин инчунин ба он осеб мерасонад ва барои лизосим дастрас мегардонад. Ба ғайр аз он лактоферин оҳанро пайваст карда, таъсири бактериостатики мерасонад чунки аксарияти бактерияҳо ҳангоми норасои оҳан афзоиш карда наметавонанд [5, 156].

Ба омилҳои фаъоли зидди бактеривӣ маҳсули мубодилаи нитроген таалуқ дошта, масалан оксиди нитроген ва радикалҳои манфи. Маҳсули вайроншудаи микроорганизмҳо дар якчояги бо маҳсули фаголизосом аз ҳуҷайра берун партофта дар натиҷаи чараёне, ки ба монанди бе донача гардони метавонад дар дохили ҳуҷайра ва берун аз он ба амал ояд. Дар дохили ҳуҷайра бедонача гардон ҳангоми ба якдигар омехташудани фагосомаҳо ва лизосомаҳо ба амал меояд. Ҳангоми бедоначгардони берун аз ҳуҷайраи партофтани моддаҳои фаъоли биологи аз ҳуҷайра ҷой дошта, ба осеб расони муҳити атроф меорад. Ин гуна имконияти бедоначагардони вакте ки доначаҳо яклухт аз ҳуҷайра тела дода мешаванд (экзоситоз) ё ин ки ихроҷи маҳсули ҳалшудаи доначаҳо холишавии доначаҳо ба амал меояд(бедоначашавии тарашуҳӣ) [6, 38; 7, 112].

Ҳамин тариқ, лейкоситҳо ҳуҷайраҳои сафеди хун буда, организми одам ва ҳайвонро аз ҳама гуна ҷисмҳои бегона муҳофизат мекунанд. Ҳангоми сирояти бактериявӣ дар як муддати кӯтоҳ бо суръат зиёдшавии миқдори лейкоситҳо ба амал омад. Вобаста ба шиддатнокии илтиҳоб, ҳангоми сирояти шадиди роҳҳои болои нафаскаши миқдори лейкоситҳо 2 маротиба, илтиҳоби шуш бошад 3 маротиба зиёд гардиданд.

Зиёдшавии лейкоситҳо ҳангоми сирояти шадиди бактериявии роҳҳои нафас аз ҳисоби нейтрофилҳо ба амал омадааст. Нейтрофилхо дорои гуногуни доначаҳо буда, дар таркибашон моддаҳои гуногуни химияви дошта таъсири онҳо барои нест кардани бактерияҳо равона гардида аст. Нейтрофилхо метавонанд дар ҷавоби иммуни аз нав баркароршави ва репаратсияи бофтаҳо ва ба ҳосилшавии омос ва гайрахо таъсир мерасонанд.

Адабиёт:

1. Блиндарь В. Н. Современное представление о роли нейтрофилов в противоопухолевом иммунитете / В. Н. Блиндарь, Г. Н. Зубрихина // Клиническая лабораторная диагностика. - 2005. - № 8. - С. 51-54.1.
2. Егорова, Е. А. Ферментативные изменения в нейтрофилах крови у больных лакунарной ангиной, осложненной паратонзиллярным абсцессом на фоне комплексной терапии / Е. А. Егорова, Х. М. Галимзянов, Р. С. Аракелян // Universum: Медицина и фармакология. - 2014. - 2014. - № 2 (3). - С. 4.3.
3. Иваненко М. О. Исторические аспекты изучения фагоцитоза. современные представления о фагоцитарном процессе. Климова Е.М.1, Иваненко М.О.2 Том 24 (63). 2011. № 4. С. 110-118.4.
4. Маянский А. Н. Очерки о нейтрофиле и макрофаге / А. Н. Маянский, Д. И. Маянский. – Новосибирск, 1989. – 344 с.
5. Пинегин Б. В. Нейтрофилы: структура и функция / Б. В. Пинегин, А. Н. Маянский // Иммунология. - 2007. - № 6. - С. 374-382.
6. Ходжаева Н. Н. Клинико-иммунологические особенности течения железо дефицитных анемий у детей / Н. Н. Ходжаева, К. И. Исмаилов // Педиатрия и детская хирургия Таджикистана, №1. – Душанбе, 2010. – С. 36-40.
7. Ходжаева Н. Н. Состояние клеточного, гуморального иммунитета и фагоцитарной активности нейтрофилов у детей с ЖДА / Н. Н. Ходжаева, К. И. Исмаилов, Н. М. Содиков // Вклад ТГМУ в подготовку кадров, медицинскую науку и улучшение здоровья общества; 57-я науч. практ. конф. – Душанбе, ТГМУ, 2009. – С. 155-157.

Калидвожаҳо: *лейкосит, нейтрофил, лимфосит, эозинофил, фагоситоз, илтиҳоб, хемотаксис, фурӯ бурдан, муҳофизат.*

Аннотация

ИЗМЕНЕНИЕ КОЛИЧЕСТВА ЛЕЙКОЦИТОВ ПРИ ОСТРОЙ БАКТЕРИАЛЬНОЙ ИНФЕКЦИИ

Лейкоциты - это белые кровяные тельца, которые защищают организм человека и животного от любых инородных тел. Во время бактериальной инфекции за короткий промежуток времени произошло быстрое увеличение количества лейкоцитов. В зависимости от тяжести воспаления при ОРЗ количество лейкоцитов увеличивается в 2 раза, а при пневмонии - в 3 раза. Повышение лейкоцитов происходит при острых бактериальных инфекциях дыхательных путей за счет нейтрофилов. Нейтрофилы содержат множество гранул, которые содержат различные химические вещества, предназначенные для уничтожения бактерий. Нейтрофилы могут влиять на регенерацию и восстановление тканей при иммунном ответе и образовании опухолей и так далее.

Ключевые слова: *лейкоциты, нейтрофилы, лимфоциты, эозинофилы, фагоцитоз, воспаление, хемотаксис, глотание, защита.*

Annotation

CHANGES IN THE NUMBER OF LEUKOCYTES IN ACUTE BACTERIAL INFECTION

Thus, leukocytes are white blood cells that protect the human and animal body from any foreign bodies. During a bacterial infection, a rapid increase in the number of leukocytes occurred in a short period of time. Depending on the severity of inflammation with acute respiratory infections, the number of leukocytes increases 2 times, and with pneumonia - 3 times. An increase in leukocytes occurs in acute bacterial infections of the respiratory tract due to neutrophils. Neutrophils contain many granules that contain various chemicals designed to kill bacteria. Neutrophils can affect the regeneration and repair of tissues during the immune response and the formation of tumors, and so on.

Keywords: *leukocytes, neutrophils, lymphocytes, eosinophils, phagocytosis, inflammation, chemotaxis, swallowing, protection.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Айдарова Мавзуна Бозоровна, магистранти соли аввали факултети биологияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: +992 901031753, Почтаи электронӣ: aydarovamavzuna@gmail.com.

Роҳбари илмӣ: н.и.б., дотсент Шамсиддинов Ш.

Сведения об авторе: Айдарова Мавзуна Бозоровна, магистрантка первого курса биологического факультета ТГПУ имени С. Айни. Телефона: +992 901031753. Электронная почта: aydarovamavzuna@gmail.com.

Научный руководитель: к.б.н., доцент Шамсиддинов Ш.

About the author: Aydarova Mavzuna Bozorovna, first year master of the biological faculty of the TSPU named after S. Aini. Phone number: +992 901031753. e-mail address: aydarovamavzuna@gmail.com.

Раҳматова Замира Кенҷаевна,
магистранти соли аввали факултети биология

ТАРКИБИ ҲУҶЙРАҲОИ ХУН ВА ДИГАРГУНШАВИИ ОН ВОБАСТА БА МАВСИМИ СОЛ

Хун - муҳити моеи дохилии организм ба ҳисоб рафта, шароити ҳаётан муҳими организмро таъмин менамояд. Таркиби хуни канорӣ доимо ва муназзам дар давоми мавсими сол ва инкишофи фардӣ тағйир меёбад. Омӯзиши тағйирёбии мавсимии нишондиҳандаҳои хуни одам дар фаслҳои гуногуни сол ба фаъолияти ҳаррӯзаи ӯ, дигаргуншавии шиддати набз ва нафаскашӣ, вазни бадан, хунофарӣ ва инчунин ба тағйирёбии таносуби обу намак ва таркиби хун аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ дорад. Дар ин ҳолатҳо вазифаи системаи нафаскашӣ дилу рагҳо, ҳолати терморегулятсия, таркиби хун вайрон шуда, он ба бадшавии вазъи саломатии инсон ва дар ҳайвонот ба камшавии маҳсулнокии онҳо таъсир мерасонад.

Зиёдшавии аҳолӣ, рушди саноат, заводу корхонаҳо, афзоиши нақлиёт дар шаҳри Душанбе таъсири амиқи худро ба фаъолияти ҳаётии мардуми таҳҷоӣ расонида, ба азнавсозии мутобиқшавии организм дар ҳамаи дараҷаҳо - физиологӣ, морфологӣ, биохимиявӣ ва иммунологӣ ба вуҷуд меорад. Раванди пуршиддати гузариши сокинони шаҳр аз тарзи ҳаёти суннатӣ ба тарзи ҳаёти муосир дар шароити ҳаётии онҳо тағйиротҳои тиббию биологӣ ва иҷтимоиро ба вуҷуд овардааст.

Ғайр аз ин, гузаштан ба шакли ғизогирии «аврупоӣ» зиёдшавии талаботро ба маҳсулотҳои аз хориҷ воридшаванда афзуда, истеъмоли маҳсулотҳои маҳаллии ғизоиро кам намудааст, ки ин ҳолат низ ба саломатии мардуми таҳҷоӣ таъсир мерасонад. Бинобар ин, тағйирот дар таркиби морфологии хуни канорӣ дар зери таъсири омилҳои гуногун ва мавсимҳои сол ба вучуд меояд.

Дар солҳои охир тадқиқотҳои зиёде гузаронида шудаанд, ки мавҷудияти тағйирёбии нишондиҳандаҳои гематологиро ҳам дар хун одамони болиғ ва ҳам дар кӯдакон тасдиқ менамоянд. Ин масъала аҳамияти калони ташхисӣ ва таҷрибавӣ дошта, зеро баҳодиҳии нишондиҳандаҳои меъёрӣ бе баҳисобгирии омилҳои мавсимӣ ғайриимкон аст. Аммо натиҷаҳои тадқиқотҳои мавсимии хуни одамон дар минтақаҳои гуногун якхела набуда, хусусиятҳои динамикаи мавсимии нишондиҳандаҳои гематологӣ вобаста ба шароитҳои иқлимию географии маҳали зисти одамон муайян карда мешавад.

Тағйирёбии мавсимӣ дар организми одам бо маҷмӯи равандҳои физиологӣ, мубодилаи биохимиявии моддаҳо ба фаъолнокии ҳуҷайраҳо таъсир мерасонад. Маълум аст, ки хосияти асосӣ ва шакли мавҷудияти системаҳои зинда ба қобилияти мутобиқшавии онҳо ба шароити муҳити тағйирёбанда вобастагии калон дорад. Дар ин ҳолат тағйирёбии динамикаи мавсимии фаъолнокии функсионалии системаи хунгард бо тағйирёбии мубодилаи энергетикӣ рост меояд.

Мувофиқи маълумоти аксари олимон бузургии максималии зудии кашишхӯрии дил, фишори артериявӣ, вазифаи кашишхӯрии миокард бо ҳаҷми дақиқавии гардиши хун дар одамони солим дар мавсими зимистон мушоҳида мешавад [3].

Маълум аст, ки системаи хун вобаста ба мавсими сол, шароити муҳити иқлимию ҷуғрофӣ ва биогеохимиявӣ тағйиротҳои ҷиддиро аз сар мегузаронад. Дар мавсимҳои гуногуни сол мунтазам миқдори лейкоситҳо, эритроситҳо, қанд ва холестерин дар хун тағйир меёбад [3].

Барои омӯхтан таркиби морфологии хуни канории одамон дар фаслҳои сол 198 нафар мизоҷони (114 нафар занон ва 84 нафар мардон) синну солашон аз 16 то 58 сола иштирок намуданд. Таҷрибаҳо дар фасли тобистон, тирамоҳ, зимистон ва баҳори солҳои 2020 ва 2021 дар шуъбаи ташхиси хуни Муассисаи давлатии гастроэнтеролога гузаронида шуданд. Дар давоми мавсими соли ҳарорати ҳаво ба воситаи ҳароратсанҷ чен карда мешуд. Таркиби морфологии хуни периферио пагоҳӣ ва нисфирӯзӣ муайян менамудем. Таҷрибаҳо оид ба муайянкунии нишондиҳандаҳои гематологииро дар рӯзҳои хунсупории гуногуни фаслҳои сол гузаронида мешуданд. Хун аз венаи оринҷ ва ангушти чоруми дасти мизоҷон барои таҳлил гирифта мешуд. Баъди ба ангӯшт халонидани сӯзан пешакӣ ҷойи осебдидаро бо пахтае, ки ба спирти 96° тар карда шуда буд, тоза карда, қатраи якуми хунро бартараф намудем. Баъдан аз қатраи дуюм хунро ба найчашишаи капиллярӣ ҷамъ кардем.

Иқлими шаҳри Душанбе дохили континенти субтропикӣ буда, тобистон тӯлонӣ ва гарм аст ва боришот аҳён - аҳён дида мешавад. Зимистон бошад нисбатан кӯтоҳ буда, бо сабаби зиёд будани ҳавои намнок фасли зимистон серборишмебошад. Мавсими баҳор боронӣ буда, нисбатан дуру дароз аст. Оғози тирамоҳ, хушк буда, баъдан боронӣ ва рутубатдор мешавад. Ин омилҳо ба вазифаи узвҳо ва системаҳо организми одам ва ҳайвонот таъсир расонида,

имконияти ба бемориҳои гуногун оварда расониданро дорад. Ин нишондиҳандаҳоро Комаров ва дигарон [1]дар тадқиқотҳои худ низ қайд кардаанд.

Натиҷаҳои таҳлили омории динамикаи хуни канории сокинони шаҳри Душанбе нишон медиҳад, ки фаслҳои сол ба нишондиҳандаҳои хуни одам таъсири гуногун доранд ва боиси тағйирёбӣи ва вайроншавии нишондиҳандаҳои физиологӣ мегарданд. Қайд намудан ба маврид аст, ки дараҷаи вайроншавии ин нишондиҳандаҳо аз мӯҳлати таъсири омилҳои иқлимӣ вобастагӣ калон дорад [2].


Омилҳои иқлимӣ дар равандҳои асабию гуморалӣ, иммунӣ, морфофизиологӣ, биохимиявӣ тағйирот ба вуҷуд оварда, ба механизмҳои мутобиқшавӣ, ки ба азнавсозии организм дар шароитҳои экстрималӣ меоянд, низ таъсир мерасонанд. Дар натиҷаи он нишондиҳандаҳои гематологии хуни периферӣ низ тағйир ёфта, ин тағйиротҳои ба нишондиҳандаҳои хун - миқдори эритроситҳо, гемоглобин, гематокрит, нишондиҳандаи ранга, миқдори лейкоситҳо, тромбоситҳо таъсир мерасонанд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки миқдори максималии эритроситҳо, гемоглобин (НЬ), гематокрит (Ht), нишондиҳандаи ранга ва дар фасли зимистон мушоҳида карда шуда аз ҳама нишондиҳандаи пасттарин дар фасли баҳор ба қайд гирифта шуд. Ғайр аз ин, аз таҳлилҳо бармеоянд, ки дар фаслҳои гуногун сол дар нишондиҳандаҳои морфолога ва биохимиявии таркиби хуни канории занон (миқдори максималии эритроситҳо, гемоглобин, гематокрит, нишондиҳандаи ранга) нисбат ба мардон фарқиятҳои айёнӣ мушоҳида карда мешавад ($p < 0,05$-$0,001$). Дар фасли зимистон дар одамон зиёдшавии миқдори эритроситҳо ва дар баҳорон лейкоситҳо ба қайд гирифта шуд, ки ин натиҷаи ба даст омада бо тадқиқотҳои Н. А. Агаджанян ва дигарон [3] мувофиқ мебошад.

Эҳтимол, камшавии дараҷаи гемоглобин дар фасли баҳор нисбат ба зимистон бештар буда, он ба тағйирёбиии ҳарорат, намнокӣ ва ғайраҳо вобастагӣ дорад. Ғайр аз ин, дар баҳору аввали тобистон кори мушакҳои пурзӯр мешавад, ки як қисми гемоглобин ба миоглобин мегузарад [4, 5, 6].

Миқдори миёнаи гемоглобин дар эритросит аз ҳама бештар аз дараҷаи гематокрит вобастагӣ дорад ва аз ҳама камтар ба пастшавии миқдори эритроситҳо дар хун мебошад. Тағйирёбиии мавсимии гематокрит дар хун нисбат ба омилҳои дохилии организм бештар ба омилҳои иқлимӣ вобастагӣ доранд.

Самти муайян ва мақсадноки ритмҳои моҳонаи консентратсияи эритроситҳо аҳамияти мусбатро дар мавсими тобистон, тирамоҳ ва зимистон ва аҳамияти манфиро дар фасли баҳор дошт. Дараҷаи базавии максималӣ (акрофаза) дар зимистон ва минималӣ (батифаза) - дар баҳор мушоҳида карда шуд (диаг. 1).




Диаграммаи 1. Раванди вектории низомҳои мавсимии консентратсияи эритроситҳо.

Таҳлилҳои ба дастомада нишон медиҳанд, ки суръати максималии такшоншавии эритроситҳо (СТЭ) дар фасли тобистон ба қайд гирифта мешавад ва консентратсияи миёнаи гемоглобин дар эритросит фасли тирамоҳ мушоҳида мешавад. Дар ин ҳол, нишон дода шуд, ки аҳамияти миёнаи солонаи СТЭ дар занҳо нисбат ба мардон баланд буда, он ба($p < 001$) аст. Вале консентратсияи миёнаи гемоглобин дар эритросит дар мардҳо нисбат ба занон бештар аст ($p < 0,01$).

Дар тадқиқоти гузаронидаи мо муқаррар карда шуд, ки миқдори максималии лейкоситҳо дар ташхисшавандагон дар фасли баҳорон ба қайд гирифта шуд. Дар ин ҳол муайян карда шуд, ки аҳамияти миёнаи солонаи миқдори лейкоситҳои мардон нисбат ба занҳо бештар аст ва он ба $p<0,05$ аст.

Муқаррар карда шуд, ки дараҷаи миёнаи камтарини (мезор) миқдори гемоглобин дар хуни канорӣ дар фасли баҳор ва аз ҳама бештар дар фаслҳои тирамоҳу зимистон ба қайд гирифта шуд ($P<0,001$) (диаг. 2.).



Диаграммаи 2. Миқдори гемоглобини таркиби хуни канории занону мардон дар мавсимҳои гуногуни сол.

Ҳамин тавр, дар ҷараёни гузаронидани тадқиқот қонуниятҳои муайян вобаста ба хусусиятҳои тағйирёбии динамикаи мавсимии хуни канории сокинони шаҳри Душанбе муайян карда шуданд. Хосияти мутобиқшавии системаи зинда, моҳияти дараҷаи сиҳатии фардӣ буда, меъёри солимӣ маҷмӯи критерияҳои эндогенӣ, экзогенӣ, аз он ҷумла, иҷтимоию иқтисодӣ ба шумор мераванд, онҳо сифати ҳаётро муайян мекунанд. Тағйироти бофтаҳои хун ва мазмуни он вобаста ба муҳлати мавсим муаллиф саъй кардааст, ки натиҷаҳои омори ва динамикии хуни канории сокинони шаҳри Душанберо вобаста ба ифлосшавии ҳаво, ки таъсири гуногунро нигоҳ дошта,сабаби тағйирот гардидаанд. Бояд қайд карди,ки дараҷаи вайроншавии хуни периферӣ дар маҷмуъ аз таъсири дарозмуддати ҳарорат ва омилҳои экологӣ вобаста аст.

Адабиёт:

1. Wilson O. Human adaptation to the life in Antarctica // Biogeography and Ecology in Antarctic. – Hague, 1965. – P. 123-187.
2. Агаджанян Н. А., Игнатьев Л. И., Радыш И. В. - Влияние природно-климатических факторов на сезонные ритмы системы крови у жителей Кисловодска// Экология человека, 2007, №03. – С.3-8.
3. Андронова Т. И., Деряпа Н. Р., Соломатин А. П. Гелиометеотропные реакции здорового и больного человека. – Л.: Медицина, 1982. – 248 с.
4. Комаров Ф. И., Рапопорт С. И., Хараян Л. В. Сезонные ритмы взаболеваниях внутренних органов // Сов. медицина. 1985, №5. – С. 80-84.
5. Садыкова Э., Авзалов Р. Сезонные изменения морфо-биохимических показателей крови уток// - Ж. «Птицеводческое хозяйство. Птицефабрика». 2011, №11. – С. 42-46.
6. Тихончук В. С., Умаков И. Б., Карпов В. П., Зуев В. Г. Возможности использования новых интегральных показателей периферической крови человека // Военно-медицинский журнал. 1992, №3. С. *ШШ.*

Калидвожаҳо: *хун, омор, динамикӣ, фаслҳои сол, физиология, войроншавӣ.*

Аннотация

ИЗМЕНЕНИЕ КЛЕТОК КРОВИ И ЕГО СОСТАВА В ЗАВИСИМОСТИ ОТ СЕЗОНА ГОДА

В статье приведены статистические и динамические результаты периферической крови жителей города Душанбе, которые показали, что в зависимости от сезона загрязнения воздуха оказывают различное влияние и становится причиной изменения и нарушения физиологических показателей крови человека. Следует отметить степень нарушенния показателей периферической крови во многом зависит от длительного влияния температурных и экологических факторов.

Ключевые слова: *кровь, статистические, динамические, сезон, физиология, нарушение.*

Annotation

THE CHANGES OF THE BLOOD TISSUE AND ITS CONTENT IN DEPEND OF SEASON'S TERMS

The author tries to describe the statistic and dynamic results of periphery blood of the inhabitants of Dushanbe in depend of air pollution that maintain a various influence and becoming the reason of changes and violation of physiological indicates of man's blood. It should be noted that the degree of violated indicates of periphery blood in whole depends on long influence of temperature and ecological factors.

Keywords: *blood, statistic, dynamic, season, physiological, violation.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Раҳматова Замира Кенҷаевна, магистранти соли аввали факултети биологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, бо ихтисоси биология 1-020401. Суроға: н. Исмоили Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ 125. Тел.: +992 907332256

Роҳбари илмӣ: н.и.б., дотсент Иронова С. Ш.

Сведения об автора: Рахматова Замира Кенжаевна, магистрантка первого курса биологического факультета Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, по специальности биология 1-020401. Адрес: Исмоилиский район, проспект Рудаки 125. Тел.: +992 907332256

Научный руководитель: к.б.н., доцент Иронова С. Ш.

About the author: Rahmatova Zamira Kenjaevna, 1st year master of the biological faculty of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, specialty Biology 1-020401. Address: Somoni district Rudaki avenue 125. Tel.: +992 907332256

Scientific adviser: PhD, Associate Professor Ironova S. Sh.

Фатҳуллоев Бузургмеҳр Сайдуллоевич,
*магистранти соли аввали факултети биологи*я

ХУСУСИЯТҲОИ БИОЛОГИИ ВИРУСИ ГЕПАТИТИ Е

Дар даҳсолаи охир, як қатор дастовардҳои муҳим дар соҳаи биолоогияи молекулавӣ, вирусология, муҳандисии генӣ ба амал омад. Он имконит дод, ки вирусҳои нави баамаловарандаи гепатити Е кашф гардида, механизми катогенетикии онҳо чуқуртар омӯхта шуда, системаи ташхись мукамалтар гардида, роҳои нави табобат ва пешгирии онҳо кор карда шавад. Ба ин нигоҳ накарда дар замони ҳозира ҳанӯз хатари баланди сироятёбии худро гепатити вируси А, В, С, D, Е, нигоҳ дошта, ҳар кадоми онҳо бемории сироятии алоҳидаро ба амал оварда, таснифоти онҳо гуногун мебошад. Умумияти ҳамаи ин вирусҳои гепатропӣ он аст, ки ҳамаи онҳо ба таври интихобӣ ба бофтаҳои ҷигар таъсир расонида илтиҳоби онро ба амал меоранд.

Гепатитҳои вируси А, В, С, D, Е, G аз рӯи ҳамаи он аломатҳои таснифотӣ, механизми сироят ва роҳҳои гузариш, патогенез, иммуногенез, аломатҳои клиникӣ, дараҷаи гузариш ва ибтидо, эҳтимолияти ба бемории музмин табдил ёфтан, нишондодҳои ташхиси махсус, барномаи гуногуни табобат ва пешгириро талаб мекунад [1, 2].

Дар ҷаҳон ҳар сол 20 миллион одамон мавриди сирояти гепатити Е ва беш аз 3 миллион мавриди бемории гепатити шадиди Е гирифтор мешаванд, ки беш аз 57 000 фавт ба гепатити Е вобаста аст. Баландтарин паҳншавии гепатити Е дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ, Ҳиндустон ва минтақаҳои шимоли Чин ба мушоҳида мерасад. То айни замон дар Тоҷикистон қариб ташхиси эпидемиологӣ, молекуляри-генетикӣ ва клиникии гепатити Е гузаронида нашудааст.

Вируси гепатити Е яке аз бемориҳои васеъ паҳн гардидаи дунё ба ҳисоб рафта, хусусан тавассути обҳои сироятёфтаи ошомиданӣ, ғизо, сабзавот, маводҳои гӯштӣ ва риоя накардани қоидаҳои гигиенӣ ба одамон мегузарад. Аломатҳои клиникии беморӣ на он қадар пуршиддат буда, дар бисёри ҳолатҳо бо сабукӣ беморӣ мегузарад. Хатари ҷидии таъсири вируси гепатити Е дар занҳои ҳомиладор мушоҳида мегардад. Аз адабиётҳои мавҷуда маълум гардид, ки муриш дар байни занҳои ҳомиладор, ки бо гепатити Е сироят ёфтанд, 20%-ро ташкил медиҳад. Аз рӯи таснифот вируси гепатити Е ба гурӯҳи дорандагони РНК тааллуқ доранд.

Дар байни аҳолии болиғи Тоҷикистон вируси гепатити Е дар байни мардҳо 19% ва дар байни занон 29%-ро ташкил медиҳад. Вобаста ба синну сол бошад паҳншавии вируси гепатити Е дар байни аҳолии синашон аз 40 то 55 аз 6,6 то 7,5 %-ро ташкил медиҳад. Яке аз сабабҳои асосии паҳншавии вируси гепатити Е мавҷуд будани ҷангҳои табиии дар байни хукҳо ва гавазнҳо мебошад. Ба ғайр аз ин вируси гпатити Е дар байни парандагони хонагӣ низ мушоҳида мегардад [1].

Аломатҳои клиникии гепатити Е ба гепатити А монанд буда, аз дараҷаи сабуктарин то гепатити фулминантӣ мерасад. Вируси гепатити Е таъсири мустақим нисбати ҳуҷайраҳои ҷигар дошта, вайроншавии онҳоро ба амал меорад, ба ақидаи баъзе олимон, ҳангоми гепатити Е механизми иммунопатологӣ нақши начандон калонро мебозад. Давраи инкубатсионӣ ҳангоми гепатити Е давомнокиаш ба ҳисоби миёна 40-рӯз буда, майли он аз 14 то 60 рӯзро дар бар мегирад [6, 7]. Ихроҷи вирус тавассути фазла аз давраи пеш аз зардӣ шурӯъ шуда, ҳангоми пайдо шудани аломатҳои зардӣ ба охир мерасад.

Давраи пеш аз зардиаш одатан аз 3 то 7 рӯз буда, онро зиёдшавии беҳолии умумии бадан синдроми диспепсия баъзан дар буғумҳо ва шикамравӣ ҳамроҳӣ мекунад. Баъзан баландшавии ҳарорати бадан ба мушоҳида мерасад. ҳангоми пайдо шудани зардӣ одатан аҳволи беморон беҳ намегардад. Таснифи ин давра: калон шудани ҷигар, дар хун баланд гардидани миқдори билирубин ва баланд шудани аминотрансферазаҳо: аланин-аминотрансфераза (АлАТ), ва аспартат аминотрансферазаро (АсАТ). Баландшавии фаъолнокии аминотрансферазаҳо пеш аз пайдошавии зардӣ ба мушоҳида мерасад. Ҳангоми гепатити В-ориза давраи зардӣ аз 12 то 15 рӯз давом ёфта сиҳатшавии пурра баъди як моҳ ба амал меояд.

Аломати хоси гепатити Е дар одамон гузариши вазнини он дар занони ҳомиладор ба амал омада сабаби марги зиёди беморон мегардад. Дар минтақаҳое, ки сирояти вируси гепатити Е хеле паҳн шудааст, фавт дар байни ҳомиладорон то 20%-ро ташкил медиҳад. Гепатити Е сирояти босуърат инкишофёбанда буда, зуддӣ ва аломатҳои вазнини он бо дарозшавии давраи ҳомиладорӣ зиёд мегардад ва дар натиҷа ба норасоии шадиди ҷигар мерасонад [1, 2].

Сабабҳои интихобан вазнин гузаштани сирояти вируси гепатити Е дар ҳомиладорон, ки ҳангоми сирояти дигар вирусҳои гепатитӣ дар замони ҳозира ҳанӯз номаълум мемонад. Ба ақидае, вазнин гузаштани гепатити Е дар ҳомиладорон аз генотипҳои он вобастагӣ дорад, масъалан таҳқиқоте, ки дар қисмати шимолии Ҳиндустон гузаронида шудааст, муриш аз генотипи 1-уми гепатити Е дар байни ҳомиладорон аз 39 то 63%-ро ташкил медиҳад. Вале таҳқиқоти дигаре, ки дар қисмати ҷанубии Ҳиндустон ва Миср гузаронида шудааст, дараҷаи пасти муришро дар байни ҳомиладорон, ки дучори генотипи якуми гепатити Е мебошад, ҳамаги 3,4%-ро ташкил намудааст. Натиҷаҳои бадастомада шоҳиди онанд, ки дар ин ҷараён дигар омилҳое, ки табиати ғайривирусӣ доранд, ба мушоҳида мерасад [5].

То вақтҳои наздик дар байни олимон ақидае вуҷуд дошт, ки сирояти вируси гепатити Е шакли музмини гузаришро надорад, вале таҳқиқотҳои солҳои наздик ҳолатҳоеро мушоҳида намуданд, ки дар шахсоне, ки системаи иммуниашон бениҳоят паст буда, дар онҳо пайванди мағзи сурхи устухон гузаронида шудааст, шакли музмини сирояти вируси гепатити Е ба қайд гирифта шудааст. Давраи барандагии вирус 14 рӯзро дар бар мегирад. Ҳамингуна натиҷаҳои монандро ҳангоми сирояти шадиди гепатити Е дар 14 беморе, ки пайванди ҷигар ва ғадуди зери меъда гузаронида шудааст ба қайд гирифтанд. Дар ҳамаи беморон КРН-и вируси гепатити Е муайян гардид. Дар 8 нафар бемор аломатҳои клиникии гепатити музмини Е бо нишондодҳои баланди ферментҳо муайян гардидани КРН генотипи 3 ва аломатҳои гистологие, ки барои гепатити музмин хос аст, муайян гардид [4].

Ҳангоми таҳқиқӣ маводҳои биологӣ дар бойгони мавҷуд буда, дар 2 бемор, ки пайванди ҷигар гузаронида шудааст, гепатити Е муайян гардид. Дар як нафар бемор баъди 2 моҳи пайванд кардани ҷигар гепатити музмини Е, ки дар оянда ба серрози ҷигар расонидааст, ба қайд гирифта шудааст. Ҳангоми такроран пайванд кардани ҷигар баъди 7 сол КРН-и вируси гепатити Е такроран муайян гардид, ки дар натиҷа ба гепатити музмин табдил ёфт. Дар ҳарду ҳолат КРН-и вируси гепатит Е ва генотипи сеюм муайян гардид.

Натиҷаҳои ба даст омада шоҳиди онанд, ки сирояти вируси гепатити Е дар шахсони системаи иммуниашон паст гардида ба гепатити музмин ва сабаби инкишофи серрози ҷигар мегардад. Исбот гардид, ки ҷараёни инкишофи патологии вируси гепатити Е дар бисёри ҳолатҳо аз генотип субтипи вирус, инчунин ҳамро¸ гардидани дигар вирусҳо, ки сабаби илтиҳоби ҷигар мегарданд, вобастагӣ доранд.

Ҳангоми омузиши ҳолатҳои вазнини сироятёбии вируси гепатити Е ва омӯзиши пайдарпайи нуклеотидҳои КРН-и вируси гепатити Е, ки аз 8 бемор дар Япония гузаронида шудааст, генотипи С ба қайд гирифта шудааст. Ҳангоми омӯзиши генотипи 4-и вируси гепатити Е, ки дар Ҳиндустон гузаронида шудааст, нисбати натиҷаҳои Чин, Ҷопон ва Тайванд муайян гардид, ки 26 аминокислотаҳои якдигарро иваз намудаанд. Дар ин ҳолат хусусияти сироятёбии нисбати одам нест мегардад [3].

Вируси гепатити Е шакли курашакл буда, андозааш аз 30 то 32 мкм аст. Дар маркази вируси гепатити Е як занҷири КРН ҷойгир мебошад. Ин вирусро аз берун пардаи махсус пӯшонидааст. Вируси гепатити Е-ро аз фазлаи маймунҳои бо роҳи таҷриба сироятёфта муайян карда мешавад.

Вируси гепатити Е дорои чор генотипи инсонӣ мебошад. Генотипи якум асосан дар мамлакатҳои Осиё ва Африка зиёдтар буда, боиси эпидемия мегардад. Генотипи дуюм бошад, дар Мексика ва Африка зиёдтар вомехӯрад. Генотипи сеюм дар аксарияти мамлакатҳои дунё хусусан дар Аврупо ва Япония зиёдтар вомехӯрад. Генотипи чорум бошад бештар дар мамлакатҳои Осиё дида мешавад [1, 2].

Адабиёт:

1. Дустов А., Ҳакимова З., Умаров С., Шарапова Н. HEV-инфекция в Таджикистане. 22 Объединенная Российская гастроэнтерологическая недея, 2016. – 210 с.
2. Дустов А., Азимова С.,Одинаев Р. И., Алимова Н. Особенности клиническогог течения гепатита Е в Таджикистане. 22 Объединенная Российская гастроэнтерологическая недея, 2016. – 209 с.
3. Дустов А., Азимова С. М., Алимова Н., Умаров С., Шарапова Н. Особености клинического течения хронического вирусного гепатита В в зависимости отего генотипов. 22 Объединенная Российская гастроэнтерологическая неделя, 2016. – 208 с.
4. Дустов А. Гепатит Е в Таджикистане. Журнал Проблемы гастроэнтерологии. – Душанбе, 2016. №2, Р. – С.33-38.

5. Полещук В. Ф., Михайлов М. И., Замятина Н. А Приматные модели вирусных гепатитов человека // Вопросы вирусологии. 2006, №4. – С.6-13.
6. Фёдорова О. Е., Балаян М. С., Михайлов М. И. и др. Гепатит Е в неэндемичном районе антитела к вирусу гепатита Е в различных группах населения // Вопросы вирусологии. – 1996. №41. – С. 104-107.

Калидвожаҳо: *генотип, гепатити А, давраи инкубатсиони, аломатҳои клиникӣ, вирус, сироятёфта, музмин, эпидемия, патология, иммунопатология, фулминанти, механизм.*

Аннотация

БИОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ВИРУСА ГЕПАТИТА Е

В этой статье изложены основные особенности гепатита Е. Автор отмечает, что вирус гепатита Е является одним из самых распространенных заболеваний в мире и передается человеку, особенно через зараженную питьевую воду, продукты питания, овощи, мясо и несоблюдение правил гигиены. Клиническая симптоматика заболевания выражена слабо и в большинстве случаев протекает легко. Существует серьезный риск инфицирования вирусом гепатита Е беременных женщин. Клинические симптомы гепатита Е аналогичны симптомам гепатита А, варьируя от легкого до молниеносного гепатита. Вирус гепатита Е оказывает прямое воздействие на клетки печени и вызывает их разрушение, по мнению некоторых ученых иммунопатологический механизм, играет незначительную роль при гепатите Е. Инкубационный, период гепатита Е длится в среднем 40 дней, с тенденцией от 14 до 60 дней.

Ключевые слова: *генотип, гепатит А, инкубационный период, клиника, вирусный, инфекционный, хронический, эпидемический, патология, иммунопатология, фульминантный, механизм.*

Annotation

BIOLOGICAL FEATURES OF HEPATITIS E VIRUS

This article outlines the main features of hepatitis E. The author notes that the hepatitis E virus is one of the most common diseases in the world and is transmitted to humans, especially through contaminated drinking water, food, vegetables, meat and poor hygiene. Clinical symptoms of the disease are mild and in most cases are mild. There is a serious risk of hepatitis E virus infection in pregnant women. The clinical symptoms of hepatitis E are similar to those of hepatitis A, ranging from mild to fulminant hepatitis. The hepatitis E virus has a direct effect on the liver cells and causes their destruction, according to some scientists; the immunopathological mechanism plays a minor role in hepatitis E. The incubation period of hepatitis E lasts an average of 40 days, with a trend of 14 to 60 days.

Keywords: *genotype, hepatitis A, incubation period, clinic, viral, infectious, chronic, epidemic, pathology, immunopathology, fulminant, mechanism.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Фатҳуллоев Бузургмеҳр Сайдуллоевич, магистранти соли аввали факултети биологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, бо ихтисоси биология 1-020401. Суроға: ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Н. Қарабоев 55, хонаи №25. Тел.: +992 006447701

Роҳбари илмӣ: н.и.п., дотсент Ваҳобов А.А.

Сведения об автора: Фатхуллоев Бузургмехр Сайдуллоевич, магистрант первого курса биологического факультета Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, по специальности биология 1-020401. Адрес: город Душанбе, район Фирдавси, ул. Н. Карабаев 55, кв. №25. Тел.: +992 006447701

Научный руководитель: к.п.н., доцент Вахобов А. А.

About the author: Fatkhulloev Buzurgmehr Saidulloevich, 1st year master of biological faculty of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, specializing in biology 1-020401. Address: Dushanbe city, Firdavsi district, N. Karabaev 55, sq. №25. Tel.: +992 006447701

Scientific adviser: PhD, Associate Professor Vankhobov A. A.

Ғафуров Самариддин,
магистранти соли дуюми факултети география

ПИРЯХИ ХИРСОН ВА ТАВСИФИ УМУМИГЕОГРАФИИ ОН

Пиряхи Хирсон дар қисмати шимоли ғарбии минтақаи табиии Помир, дар қисматҳои ғарбии нишебиҳои қаторкӯҳҳои Академияи Илмҳо ҷойгир мебошад. Қаторкӯҳи Академияи Илмҳо вобаста ба мавқеи ҷойгиршавии худ баландбардориҳои тектоникии навро соҳиб гаштааст, ки дар ҳудуди амплитудаи худ тақрибан то ба 6 -7 км мерасад. Бояд қайд намуд, ки баландбардошташавии қаторкӯҳ то ба ҳол давом ёфта истодааст, ки бо хусусиятҳои сейсмикии ҳудуди мазкур робитаи зич дорад. Баландбардории қисми меҳварии қаторкӯҳ низ хуб ба чашм расида, боиси пайдоиши водиҳои кӯҳӣ гашта истодааст.

Ҳоло водии пиряхи Хирсон аз ду қисми асосӣ иборат аст, ки онҳо аз рӯйи буришҳои чуқури эрозионӣ ва шакли умумии морфологӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Қисми водӣ, ки забонаи пиряхро дар бар мегирад (водии Хирсдара, дарёи Абдуқаҳор, шохоби чапи дарёи Ванҷ), аз дараи фарезнишебидошта, ки бо хати тектоникии шикаста иҳота шудааст ва асосан аз қабати ғафси ҷинсҳои метаморфӣ ва вулконо-такшонии эраи протерозой таркиб ёфтааст, иборат мебошад. Бояд қайд кард, ки он ҷинсҳои кӯҳӣ бо гранитоидҳои интрузивии сини алпӣ робита доранд. Самти дара бо структураи геологии иҳота шудааст: аз самтҳои ғарбии ҷанубӣ ғарбӣ ба қисмати шарқии шимоли шарқӣ. Чуқурии дара 1500 – 2000 м. буда, дараҷаи миёнаи нишебӣ 35 – 40°-ро ташкил медиҳад. Нишебии дара бо сойи калоне бурида шудааст, ки ҳамчун роҳи баромади ярч, сел, сангпар ва тарма мусоидат менамояд. Васегии атрофии нишебиҳои чапи дара барои ғизогирӣ (акумулятсия)-и пиряхи Хирсон аҳамияти махсус дорад. Дар қисматҳои доманаи нишебиҳо тасмаи шлейфҳо (мафҳуми геоморфологӣ буда, таҳшиншудаҳои ковокиҳои нишебиҳои дилхоҳ баландиро иҳотакунанда, ки таркибан аз моддаҳои дар натиҷаи фарсудашавӣ ҳосилгашта, иборат мебошад) кашол ёфтаанд, ки ба тасмаи моренаҳои канораҳо пайваст мебошанд. Забонаи пиряхи Хирсон ва шохаҳои он тақрибан аз моренаҳо сер мебошанд [1].

Қисми поёнии трог (сой)-и пиряхи Хирсон бо водии Абдуқаҳор бо зери кунҷи рост пайваст буда, он ба самти шимол гардиш хӯрда, кашол ёфтааст. Дар ҳангоми ҳаракатҳои пиряхӣ (лағжишҳо) вақте, ки қисми фаъоли пирях баландтар аз гардиши мазкур қарор дорад, қисми поёнии он қисман урён мегардад ва аён мешавад, ки он ҳамчунин бо моренаҳо ва боқимондаҳои флювио-глятсиалӣ яклухт пӯшида шудааст ва аз қисми поёнии зандра (калимаи немисӣ буда, маънояш «қум») мебошад. Ҷинсҳое, ки аз ҷониби ҷӯйчаҳои аз ях ҷоришаванда оварда шудааст ва дар натиҷаи такшоншавӣ ҳамвориҳоро ташкил додаанд [2]) - и пеш аз пиряхӣ ҳеҷ тафовуте надорад. Водии Талвег дар миёни дарёҳои Абдуқаҳор ва Дустироз бо қисми кашолёфтаи чапи он, ки ҳангоми дидан харсангҳои монолитӣ (яклухт) – ро пеши назар меоварад ва тақрибан то баландиҳои150 – 200 м. дар он боқимондаҳои пиряхии зимни лағжиш аз пирях монда, мушоҳида мешаванд, омехта гаштааст. Фрагмент ё порчаи моренаҳои соҳилҳои чап танҳо дар қисмҳои тангбари дараи дарёҳои Абдуқаҳор ва Дустироз боқӣ мондаанд, ки ҳангоми ҳаракати пирях онҳо тақрибан бо пуррагӣ пӯшонида мешаванд.

Қад – қади канораҳои рости водӣ (дар самти нишебии хамӣ) дар шакли тасмаи нисбатан паҳн моренаи соҳилии зиче, ки хамии ҷараёнгоҳи дарёи Абдуқаҳорро убур мекунад, кашол ёфтааст. Он аз нишебиҳои асосии пастхамиҳои чуқури то 80 метраи водиҳо, ки дар соли аввал баъди ҷудошавии кӯлҳои зерипиряхӣ шохобҳои дарёи Абдуқаҳорро ҳосил мекунад, оғоз гашта, қисми охираш бошад, то ба забонаи пирях кашол ёфтааст. Вақто, ки дарёи Абдуқаҳор пиряхро то ба қисми асосии он мебурад ва то ба сарҳади водии асосӣ ҳаракат мекунад, шохаи асосӣ ҳамчун функсияи таъмини шохаи поёнии дарёчаи Соёйи Мурдаро иҷро мекунад. Хоктеппаҳои моренагӣ тадриҷан бо хати ҷараён паҳн гашта, аз қисми рости водиҳо ба самти марказ ҳаракат мекунанд ва ин одатан анҷоми ҳаракати онҳо мебошад. Ҳангоми ҳаракати пирях онҳо пӯшонида шуда, канораҳои кандашудаи худро то ба 30 – 40 м. дар сатҳи гребени ин хоктеппаҳо баланд мебардорад.

Айниҳол вилояти фирнии пиряхи Хирсон асосан аз се шохаҳои асосӣ иборат мебошад: [1]

1. Шохаи Ҷанубӣ;
2. Шохаи Шарқӣ;
3. Шохаи Шимолӣ;



Расми 1. Пиряхи Хирсон

Шохаи аввалини он «Ҷанубӣ» мебошад. дарозии он ба 5,1 км расида, масоҳаташ бошад, ҳамагӣ ба 12,6 км^2 мерасад. Шохаи дуюмини он «Шаркӣ» буда, дарозиаш ба 4,6 км ва масоҳаташ ба 4,7 км^2 мерасад. Шохаи охирини он бошад, «Шимолӣ» мебошад, ки бо дарозии 2,1 км ва масоҳати 4,4 км^2 – и худ фарқкунанда мебошад. Ҳамин тавр, масоҳати умумии мулдои фирнӣ ба 21,7 км расида ва бо ҳудудҳои болотар аз минтақаҳои фирнӣ 22,2 км^2 – ро дар бар гирифтааст. Дар ин ҷо тибқи ақидаи А. Б. Казанский манбаи ғизогирии асосии пирях шохаи «Шимолӣ» ба ҳисоб меравад [3, 4].

Адабиёт:

1. Долгушин Л. Д., Осипова Г. Б. Пульсирующие ледники. – Ленинград: Гидрометеоиздат, 1982. – 192 с.
2. Забиров Р.Д. Оледенение Памира. – М.: Географгиз, 1955. – 372 с.
3. Казанский А. Б. Результаты обследования области питания ледника Медвежьего. – Геофиз. бюл. 1964, № 15, с. 52 – 60.
4. Каталог ледников СССР, т. 14, вып. 3, часть 11. Бассейн р. Ванҷ; сачт 12 Бассейн р. Язғулем. Л.: Гидрометеоздать, 1978. – 84 с.

Калидвожаҳо: *водиҳои кӯҳӣ, пирях, забонаи пирях, аккумулятсия, пулсатсия, геоморфологӣ, глятсиогенӣ, потамогенӣ, пиряхи Хирсон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ИДМ.*

Аннотация

ЛЕДНИК ХИРСОН И ЕГО ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА

В данной статье описан весь процесс, а также некоторые потамогенные, гляциогенные, гляциогенно-геологическое строение, процессы аккумуляции и абразии ледника, а также географическое положение Херсонского пульсирующего ледника с использованием имеющихся данных. При этом, в зависимости от имеющихся данных, отмечалось и его геоморфологическое строение. Следует отметить, что вышеупомянутый пульсирующий ледник, являющийся непосредственно одним из самых опасных ледников зимой и весной (сезон таяния или процесс абразии ледников), находится не только на территории Республики Таджикистан, но и в всего Содружества Независимых Государств (СНГ).

Ключавые слова: *горные долины, ледники, аккумуляция, пульсация, геоморфология, гляциогенные, потамогенные, ледник Херсон, Республика Таджикистан, СНГ.*

Annotation

THE KHIRSON GLACIER AND ITS GENERAL CHARACTERISTICS

This article describes the whole processes, as well as some potamogenic, glaciogenic, glaciogen - geological structure, accumulation and abrasion processes of the glacier, as well as the geographical location of the Kherson pulsating glacier using the available data. At the same time, depending on the available data, its geomorphological structure was also noted. It should be noted that the aforementioned pulsating glacier, which is directly one of the most dangerous glaciers in winter and spring (melting season or glacier abrasion process), is located not only on the territory of the Republic of Tajikistan, but also in the entire Commonwealth of Independent States (CIS)

Keywords: *mountain valleys, glaciers, the glaciers, accumulation, pulsation, geomorphology, glaciogenic, potamogenic, Kherson glacier, Republic of Tajikistan, CIS*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ғафуров Самариддин, магистранти соли дуюми факултети географияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Телефон: +992 777003383

Роҳбари илмӣ: н.и.г., дотсент Рауфов Р. Н.

Сведения об авторе: Гафуров Самариддин, магистрант второго курса географического факультета ТГПУ имени Садриддина Айни. Телефон: +992 777003383

Научный руководитель: к.г.н., доцент Рауфов Р. Н.

About the author: Gafurov Samariddin, second year undergraduate student of the Faculty of Geography, TSPU named after Sadriddin Aini. Phone number: +992 777003383

Scientific director: PhD, Associate Professor Raufov R. N.

Сатторова Севара Раҳимбобоевна,
магистранти соли аввали факултети география

ТАШАББУСИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР МАВРИДИ ПРОБЛЕМАИ ОБ ВА ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ

Аз рӯи маълумотҳои омӯзиш ва таҳлилҳо давоми 100 соли охир ҳарорати миёнаи глобалии ҳаво ба 0,2 + 0,6^{0}С баланд шуда аст. Тамоми марҳилаи мушоҳидаҳои обу ҳаво ва иқлим дар Тоҷикистон муқаррар намуд, ки ҳарорати миёнаи солона дар минтақаҳои кӯҳӣ ба 0,5^{0}С, нисбат ба ҳамвориҳои ҷумҳурӣ ба 1,0^{0}С баланд гаштааст. То соли 1990 давраи камбориш ё сербориши обу ҳаво бо тамоюли зиёдшавии миқдори боришот бо навбат пеш меояд. Баъд аз соли 1990 солҳои 1998-1999 сербориштарин буда даврaҳои минбаъда солҳои 2000-2001 камбориштарин буданд, ки қариб тамоми минтақаҳои мамлакатро хушкӣ фаро гирифт.

Аз рӯи баҳогузории пешакӣ дар оянда чунин вазъият такрор хоҳад ёфт. Боришоти селии солҳои 1998-1999, 2009, 2010 дар ҳудуди ҷумҳурӣ боиси хисороти зиёд гашта, 7 ҳазор хонаҳои истиқоматӣ ва зиёда аз 138 нафарро нобуд кард. Обхезии солҳои 2002-2003 ва 2005 дар ҳавзаи диёри Зарафшон хонаҳо, иншоотҳоро шуста, боиси ҳалокати одамон гашт. Ҳамзамон дар Помир аз сабаби рахна шудани оби пирях обхезии калон ба вуҷуд омад (ноҳияи Роштқалъа ва Ҳамадонӣ). Мутахассисони Тоҷикистон дар ин соҳа тахмин менамоянд, ки бо тағйирёбии иқлим зарар ба минтақаи аҳолинишин, иқтисодиёт ва захираҳои табиӣ танҳо зиёд мегардад, агар сари вақт чораҳои зарури андешида нашавад.

Пиряхҳо ва қуллаҳои барф дар кӯҳҳои Тоҷикистон манбаъҳои асосии об барои минтақаи Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо қариб ҳамаи захираи обии дарёҳои Панҷ, Вахш, Қизилсу, Кофарниҳон, Зарафшон, Бартанг, Ғунд, Ванҷ ва ғайраҳо ташаккул меёбанд. Аз сабаби баланд гаштани ҳарорат, хусусан дар тобистон ва миқдори ками барф пиряхҳои зиёде пурра об ва ба ғубор мубаддал гаштаанд. Пиряхи дарастарин ва бузургтарини Осиёи Марказӣ пиряхи Федченко дар асри XX қариб 1-1,5км об гаштааст. Пиряхи Гармо мунтазам об гашта, ба қисми ҷудогона пароканда мегардад. Аз соли 1932 то соли 2005 ин пирях то 7 км кӯтоҳ шуд. Пиряхи ҳаракаткунандаи РГО-Кашоляк мунтазам наздик мешавад. Аз соли 2005 то 200-500м пеш рафта ба резишгоҳи дарёи Абдуқаххор расидааст. Дар пайкари пирях фурӯравии ях пайдо шуда истодааст, ки ба тағирёбии мачро ва пайдоиши кӯли пирях оварда мерасонад. То охири асри XX пиряхи Совуқдара дар Помир ба 2км, пиряхи Зарафшон зиёда аз 1 км кӯтоҳ гаштааст. Аз рӯи маълумотҳо пиряхҳои Тоҷикистон минбаъд низ тамоюли кӯтоҳшавӣ дорад, ки он метавонад ба манбаъҳои обии тамоми Осиёи Марказӣ, хусусан ба деҳот, биёбон ва водиҳо таъсири манфии худро расонад.

Солҳои охир дар бораи баҳр-кӯли Арал ва камобу аз байн рафтани он бо нигаронӣ сухан меронанд. Барои натиҷаи он ҳар гуна созмонҳои байналмилалӣ таъсис дода шудааст, маблағҳои калон низ сарф карда мешавад. Воқеан ҳам он хатари калони экологӣ дорад ва ба минтақаи Осиёи Марказӣ таъсири баъд расонида истодааст. Аммо гармшавии глобалӣ ба манбаъҳои оби Тоҷикистон, ба хусус пиряхҳо аллакай таъсири худро расонида аст ва маълум, ки захираҳои об асосии рушди энергетикаи ҷумҳурӣ маҳсуб меёбанд. Неруи яксолаи захираҳои гидроэнергетикӣ дар ҷумҳурӣ 527млрд кВт/соатро ташкил медиҳад, ки қариб 40-50 фоизи он барои истеҳсоли қувваи барқ имкони техникӣ дорад.

Ин захираҳои энергетикаи ҷумҳурӣ аз пиряхҳо сарчашма мегиранд. Пиряхҳои 8 ҳазор км. мураббаъ масоҳад доранд. Аммо ин захираҳо адонашаванда нестанд. Пешбинӣ шудааст, ки то соли 2050 ҳарорати миёнаи солона то 1,8-2,9^{0}С баланд мешавад ва аз ин сабаб талаботи биологии рустаниҳо барои об 1-10 фоиз зиёд мегардад. Вобаста бо баландшавии ҳарорати гармӣ ҳазорҳо пиряхи майда нест мешаванд. Майдони умумии яхбандӣ то 20 фоиз ва ҳаҷми ях бошад, 25% кам мегардад. Тағйироти иқлим барои рушди иқтисодиёти кишвар, сарватҳои табиӣ ва қабл аз ҳама саломатии аҳолӣ оқибатҳои номатлуб оварда метавонанд. Дар ҷараёни тағйири иқлим организми одам ба як қатор омилҳои номатлубе гирифтор мешавад, ки давраи ташаккулёбии худ онро нагузаронида буд. Ва мутобиқшавии одам ба дараҷаи ин таъсиррасонӣ вобастагӣ дорад.

Бидуни андешидани чораҳои қатъӣ ва бетаъхир дар оянда офатҳои табиӣ (селу тарма, жола ва амсоли инҳо) метавонанд хисороти зиёд ба бор ованд ва сабаби ба таври зиёд паҳн гаштани бемориҳо гарданд. Аз ин сабаб дар доираи чорабинии соли байналмилалии қутбӣ

иштирок намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 1998 Конвенсияи меъёрии Созмони Милаи Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлимро ба тасвир расонида буд, зарурияти воқеӣ дорад. Ҳадафи асосии соли байналмилалии қутбӣ муайян намудани тағйирёбии феълӣ ва ояндаи иқлим, баҳодиҳии вазъи муҳити зист ва оқибатҳои ин дигаргунӣ ҷиҳати таҳияви тавсиявӣ амалӣ оид ба рушди устувори иҷтимоӣ – иқтисодии манотиқи қутбӣ мебошад.

Мақсади иштироки Тоҷикистон дар ин чорабинии муҳим аз гирифтани маълумоти тоза оид ба таҳаввулоти гидрометеорологӣ ва баландкӯҳи кишвар иборат аст. Доираи фаъолияти тадқиқотчиёни тоҷик вобаста ба ин чорабинии байналмилалӣ дар минтақаҳои кӯҳсор бурдани назорати метеорологӣ, биологӣ, тиббӣ, бо ҷалби мутахассисон ва захираҳои техникии созмонҳои байналмилалӣ ва давлатҳои ҳамҷудуд дар минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистону Осиёи Марказӣ гузаронидани экспедитсияи глятсиологӣ (яхшиносӣ), муҷаҳҳасозии марказҳои обу ҳавошиносӣ ва васеъ намудани барномаи фаъолияти онҳо мутобиқи самти афзалияти Соли байналмилалии қутбӣ, аз нав барқарор гардидани назорати пиряхи бузургӣ Осиёи Марказӣ-Федченко, ҳамкории бо марказҳои ҷаҳонии яхшиносии Руссия, Швецария, Олмон муайян сохтани ҳолати системаи экологӣ дар шароити тағйирёбии иқлим ва монанди инҳоро дар бар гирифт.

Чунин ҳадафҳо дар Консепсияи гидрометрологии Тоҷикистон дар давраи то соли 2025 инъикос ёфтаанд. Ба он аз ҷумла вазифаҳои таъмини тамоми инфрасохтори иттиоолотӣ гедрометорологӣ оид ба вазъи обу ҳавои манотиқи кӯҳсор дохил мешванд. Ин маълумотҳое мебошанд, ки барои рушди иҷтимоӣ иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзиши бебаҳо доранд. Онҳо пеш аз ҳама барои баланд бардоштани сатҳи амнияти миллӣ (пешгирии хатарва хисороти зиёд аз офатҳои табиӣ ва техникӣ) хизмат хоҳад кард.

Соли 2008 санаҳои 27-28 июн дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалӣ дар мавзуи «Оид ба коҳиши офатҳои табиии марбут ба об» барпо гардид. Мақсади асосии таҷлили конфронс муайян намудани роҳҳои бартарафкунии коҳиши офатҳои табиии марбут ба об буд. Аз ҷумла, қайд гардид, ки офатҳои табиие, ки дар давлатҳои Ҷопон, Германия, Хитой тайи чанд соли охир вобаста ба об рух доданд, ба андозаи 6 млиард доллари амрикоӣ хисороти молӣ оварданд.

Мутаассифона, ин гуна офатҳои табиӣ на танҳо зарари молӣ, балки зарари ҷонӣ меоранд. Масалан, танҳо соли 1998 дар Ҷумҳурии Халқии Хитой 13 обхезӣ ба амал омад, ки шумораи зиёди одамон ҳалок ва 56млн нафар одам ба ҷойҳои бехаф кӯчонида шуданд. Дар Тоҷикистон низ чунин ҳодисаҳо ба амал омаданд. Дар ноҳияи Ҷирғатол вобаста ба офати табиӣ, соли 2006 хонаҳои зиёде вайрон шуда аз ҷумла 16 нафар ҷони худро аздаст доданд. Аз рақамҳо бар меояд, ки ин гуна офатҳои табиии марбут ба об сол ба сол афзоиш ёфта сабаби талофоти калони молию ҷонӣ мегарданд. Дар маърузаҳо ҳамчунин оид ба пешомадаҳои баҳри Арал ва кӯли Сарез ақида, фикру мулоҳизаҳо баррасӣ гардиданд. Бинобар ба ақидаи мутахассисони соҳа, соли 2025 – ум дар минтақами Осиёи Марказӣ ҳам нарасидани об дар назар аст. Дар ҷаласаи якуми Конфронси байналмилалӣ олимон дар бораи тағйирёбии иқлим, захираҳои обӣ, таъсиррасонии об ба иқлим, эҳтиёҷоти мунтазами инсон ба об ва монанди инҳо изҳори ақида намуданд. Дар сурати дастрасӣ надоштан ба оби ошомиданӣ сар задани бемориҳои гузаранда аз эътимол дур нест. Масалан, дар ҷануби Гурҷистон ҳам мушкилоти иқтисодӣ ва беҳдоштиро ба миён овард. Тибқи иттилои мутахассисони СММ, имрӯз дар дунё 1,5 млрд нафар одам ба оби ошомиданӣ ниёз дорад. Ҳар рӯз ҳар 5-умин шахси рӯи олам аз нарасидани оби ошомиданӣ вафот мекунанд. Имрӯз 80 млн нафар одам дар давлатҳои Африқо аз оби ифлос истифода мебаранд. Аммо шукри онро мекунем, ки дар Тоҷикистони мо ин зуҳуроти номатлуб эҳсос намегардад. Албатта, об ба худ хусусияти зиёдро дорад, ки аксари онро мо медонем. Хушбахтона, аз ин хусусиятҳо қисми зиёдашон ба фоидаи инсонҳост. Аммо боз ҳодисаҳое ҳастанд, ки маҳз марбут ба об боиси бадбахтӣ ва талафоти ҷонӣ мегарданд. Маълум аст, ки Тоҷикистон кишвари дорои обҳои мусаффост ва дар ҳама гӯшаҳои диёри биҳиштосо аз он ба таври хеле фаровон истифода бурда мешавад. Вале зарурати механизми тақсимоти онро бояд ба роҳ монд.

Ҳамчунин дар ин анҷумани байналхалқии илмӣ оид ба коҳиши офатҳои табиии марбут ба об, оид ба фалокати табиӣ дар шароити Тоҷикистон, ба об алоқаманд мебошад, ёдовар гардиданд. Дар кишвари мо аксари фалокатҳои табиӣ вобаста ба об тарма, ярч, обхезӣ, сел мебошанд. Чанд сол қабл дар натиҷаи кандани сарбанди обанбори сунъӣ дар деҳаи Саргазони ноҳияи Данғара талафоти молӣ ва ҷонии зиёд овард. Моҳи феврали соли 1989 дар натиҷаи

зилзила деҳаи Шарораи ноҳияи Ҳисор зери хок монда, сабаби ҳалокати зиёди одамон гардида буд. Моҳҳои май-июни соли 1991, ҳамин давраи соли 1992, 1996 низ дар чандин минтақаи кӯҳистони Тоҷикистон, дар натиҷаи боронҳои пай дар пай ва селу обхезӣ ба хоҷагии халқи ҷумҳурӣ зарари зиёде оварда, чандин деҳаро тамоман хароб ва сабаби ҳалокати чандин одамон гардид. Моҳи июли соли 1999 бошад, дар натиҷаи сел деҳаи Даҳанаи ноҳияи Ашт зарари калон дид. Чунин ҳодисаҳо қариб ҳар сол дар гӯшаю канори гуногуни Тоҷикистон ба амал меояд. Бино ба ақидаи мутахассисон, дар 48 фоизи ҳудуди кишвари мо хатари омадани сел вуҷуд дорад, ки 36 фоизи он ба ноҳияҳои хатари ҷиддии омадани сел тааллуқ дорад. Ба ин ноҳияҳои кӯҳии Шимол, Марказ ва Ҷануби Ғарбии ҷумҳурӣ дохил мешавад. Хатари на онқадар ҷиддии омадани сел ба 23 фоизи ҳудуди ҷумҳурӣ (асосан Помири Ғарбӣ) рост меояд. Танҳо 12 фоизи ҳудуди кишвар (водиҳои дарёи Панҷ ва Помири Шарқӣ) ба минтақаи хатари суст ё ками омадани сел дохил мешавад. Дар 16 фоизи ҳудуди ҷумҳурӣ хавфи омадани сел таҳдид намекунад. Чунонки аз маркази омори ҷумҳурӣ ва Воситаҳои ахбори омма маълум мегардад, ҳодисаҳои сел ҳар сол ба хоҷагии мамлакат зарари калон мерасонад. Сел аз маҷрои дарёҳо баромада заминҳои киштро зери лойқа монда, роҳу кӯпрукҳо, хонаҳои истиқоматӣ бино ва иншоотҳои маъмуриро хароб мекунад, садҳо тонна қабати болоии ҳосилхези заминро аз заминҳои нишеб шуста, ба поёнобҳо мебарад, сабаби вайроншавии замин мегардад. Баҳри пешгирии хатари сел аз ҷумла, бо мақсади мустаҳкам намудани соҳилҳо мувофиқи имкон тадбирҳо андешида мешавад.

Ҳамазамон, бояд кайд кард, ки яке аз мушкилоти минтақаҳои кӯҳистон норасоии захираҳои энергетикӣ дар фасли зимистон мебошад. Аз ин рӯ, бо мардуми деҳанишин чорабиниҳо оид ба истифодабарии манфиатноки энергия гузаронида шуд. Моҳияти ин чорабиниҳо сарфи энергия мебошад. То ин дам аксари кӯҳистониён то 50 фоизи буҷаи оилавиро сарфи дастрасӣ ба захираҳои энергетикӣ (барқ, сӯзишворӣ) мекунанд. Дар як мавсими сардӣ ҳар оила ба ҳисоби миёна то 3 тонна сӯзишворӣ (ангиштсанг, ҳезум, таппак) сарф менамоянд. Аз як тараф, нурии органикиро ба ҷои ба замин рехтан месӯзанд, ки бисёр элементҳои зарурӣ барбод меравад. Ин боиси камҳосилии замин мегардад. Ғайр аз ин буридани дарахтон сабаби шусташавии қабати ҳосилхезии замин (эрозия) ва селу обхезиҳо мешавад. Ҳоло дар Қирғизистон ду кумитаи энергетикӣ таъсис ёфтааст. Дар доираи барнома инчунин технологияи теплоизолиятсияи хонаҳо низ кор карда баромада шуд. Бо истифода аз пахолу аррамайда ва лою коҳ шифту девор ва фарши хонаҳо рӯйпӯш мешаванд Аз ин ҳисоб 40-60 фоизи энергияро сарфа кардан мумкин аст.

Тақрибан 76 фоизи аҳолии кишварамон дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Тоҷикистон сарзамини кӯҳҳои баланд буда аксари аҳолии кӯҳдоман аз давраи Шуравӣ бо мушкилоти таъмини захираҳои энергетикӣ, озуқаворӣ, роҳҳои нообод, селу обхезӣ ва тармафароӣ рӯбарӯ буданд. Баъди соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон мушкилоти зикргардида доираи васеътарро фаро гирифтанд. Маркази тараққӣ ва ҳифзи муҳити зизти Донишгоҳи Берн бо мақсади ҳалли масоили мавҷуда барномаи кӯҳии Осиёи Марказро таъсис дод. Дар айни замон дар заминаи он се созмони мустақил фаъолият мекунанд, ки онҳо ҳамеша бо ҳам табодули таҷриба доранд.

Таҳти таъсири тағирёбии глобалии иқлим дар бахши энергетика низ дигаргуниҳои муайян ба вуҷуд меоянд. Афзоиши шумораи падидаҳои экстремалии вобаста ба вазъи ҳаво, ки мувофиқи пешгӯии гурӯҳи байниҳукуматии коршиносон дар натиҷаи тағирёбии иқлим имрӯз инсоният бо онҳо рӯ ба рӯ мешавад, боиси ба вуҷуд омадани дигаргуниҳои муайян дар истифодаи энергия мегардад.

Бинобар ин, дақиқ кардани иҳтиёҷот, қабули тадбирҳои мутобиқгардонӣ ва таъмини суббот дар бахши энергетика бо дар назардошти иқлими тағйирёбанда бояд аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун масъалаи афзалиятноки расидан ба рушди устувор баррасӣ гардад. Маълум аст, ки ҳиссаи асосии партови газҳо ба соҳаҳои энергетика ва саноат рост меёбад, ки онҳо барои таъмини эҳтиёҷоти истеъмолкунандагон асосан захираҳои сӯзишвориро истифода мебаранд. Бинобар ин, мо чунин мешуморем, ки зарурияти қабули тадбирҳои фаврӣ доир ба рушд ва азхудкунии манбаъҳои барқароршавандаи энергия дар ҷори кардани техналогияҳои каммасраф ба вуҷуд омадааст. Чунин иқдом сатҳи вобастагиро аз дигар навҳои анъанавии энергия, ки ба муҳити зист таъсири амиқ мерасонанд, паст мегардонанд. Дар Осиёи Марказӣ мисли бисёр минтақаҳои сайёра ҳиссаи асосии энергияи барқии истеҳсолшаванда (қариб 70%) ба неругоҳҳои барқи ҳароратӣ рост меояд, ки онҳоро ҳар сол ба атмосфера миллионҳо тонна партовҳои газро хориҷ мекунанд. Дар ҳолате, ки Осиёи Марказӣ иқтидори ниҳоят бузурги гидроэнергетикӣ

дорад, имрӯз танҳо дах фоизи он истифода мегардад. Танҳо дар Тоҷикистон иқтидори солонаи захираҳои гидроэнергетикӣ беш аз 527 миллирад кВт/соатро ташкил мекунад, ки ин нишондиҳанда нисбат ба эҳтиёҷоти имрӯзаи ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ се баробар зиёд мешавад.

Азхудкунии онҳо натанҳо боиси кам шудани ҳаҷми партови газҳо ба атмосфера метавонад, балки имконият медиҳад, ки неруи барқи арзон аз лиҳози экологӣ тоза истеҳсол карда шавад, ки дар навбати худ, ба мо барои дастрасии «кредитӣ карбонӣ» тибқи протаколи Киото имкон фароҳам меорад. Ба ҳайси мисол мо Тоҷикистонро зикр карда метавонем, ки аз нигоҳи партови газҳо дар Осиёи Марказӣ дар ҷои охирин қарор дорад. Ба назардошти масъала Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи азхудкунии маҷмуи иқтидорҳои мавҷудаи гидроэнергетикиро пеш гирифтааст, ки ин раванд имкон медиҳад, ки эҳтиёҷоти афзояндаи натанҳо кишвари мо, балки кишварҳои ҳамсоя низ намудҳои зеризаминии сӯзишвориро ҳамчун манбаи асосии истеҳсоли неруи барқ истифода мекунанд, қонеъ гардонида шавад. Аз маълумоти олимону мутахассисони соҳа бармеояд, ки дар давраи аз соли 1956 то 1990 сеяки захираҳои пиряххои Осиёи Марказӣ кам шудааст ва ин тамоюл идома дорад. Зиёда аз ин, пиряххои Тоҷикистон, ки манбаи ташаккули қариб 60 фоизи оби дарёҳои Осиёи Марказӣ мебошанд, дар асри XX беш аз 35 фоизи ҳаҷми худро гум кардаанд. Дар чунин шароит, яъне гармшавии фарогирии иқлим аҳамияти обанборҳое, ки дар назди неругоҳҳои барқи обӣ сохта мешаванд, ба маротиб меафзояд. Дар даврае, ки дар Осиёи Марказӣ ба асари коҳиши ҳаҷми оби дарёҳо ва афзоиши истеъмоли он камбудии захираҳои об торафт шиддад мегирад, обанборҳо дар масъалаи таъмини амнияти об дар минтақа нақши бисёр муҳим мебозанд.

Афзоиши аҳолии Осиёи Марказӣ, ки аз 20 миллион нафари соли 1956 то ба 73 миллион нафари имрӯза расидааст, шиддати масъаларо боз ҳам тақвият мебахшад. Чунин таркиши демографӣ табиист, ки боиси азхудкунии босуръати заминҳои обёршаванда гардида, майдони чунин заминҳо аз 2,5 миллион гектари ибтидои асри XX то 9 миллион гектар дар охири аср расидааст.

Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол солҳои охир дар барасии масъалаҳои ҳалталаби экологӣ, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, иштироки фаъолона дорад. Соли 1998 аз ҷониби Ҳукумати кишвар Конвенсияи тағйирёбии иқлим ба тасвиб расидааст ва дар асоси талаботи ин Конвенсия оид ба паст намудани шиддати таъсири тағйирёбии иқлим дар як қатор тадбирҳо андешида шудааст. Аз ҷониби Муассисаи давлвтии обуҳавошиносии Кумитаи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби васеи коршиносон ду Ахбороти миллӣ оид ба тағйирёбии иқлим таҳлил ва ҷамъбаст гардидаанд. Аз ҷониби Асосгузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҷабҳаҳои гуногуни ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла масъалаҳои тағйирёбии иқлим, оби тоза, гидроэнергетика, дар сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ ташаббусу пешниҳодҳои мушаххас ирода гаштаанд, ки онҳо ба беҳдошти вазъи экологӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ равона гардидаанд. 3 сентябри соли 2009 Асосгузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси байналмилалӣ оид ба тағйирёбии глобалии иқлим, ки дар Женева баргузор гардида, суханронӣ карда, вазъи тағйирёбии иқлимро дар минтақаи Осиёи Марказӣ таҳлил ва баррасӣ намуд. Дар маърӯзаи сардори давлат проблемаи нигоҳдории пиряххо ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар Осиёи Марказӣ таҳлил шуда, махсус зикр гардид, ки ҳалли самараноки ин проблема ба кӯшиши якҷояи ҷумҳурии Осиёи Марказӣ вобастагӣ дорад ва яке аз роҳҳои паст намудани шиддати тағйирёбии иқлим дар Осиёи Марказӣ инкишофи гидроэнергетика ба ҳисоб меравад. Истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия дар муқобили энергияи сӯзишворӣ метавонад партовҳои газҳои гармро ба атмосфера маҳдуд созад ва таъсири номатлуби, тағйирёбии иқлимро то андозае паст намояд.

Адабиёт:

1. Абдураҳимов С. Я. Геоэкологические проблемӣ техногенеза на территории Северного Таджикистана. – Перм: Изд-во Пермского ун-та, 2003. – 145 с.
2. Авакян А. Б., Шарапов А. А., Салтанкин В. П. Водохранилища мира. – М.: Наука, 1979. – 288 с.
3. Антимонов Б. А. Учение о реках. – М.: Изд-во МГУ, 1963.
4. Атлас Таджикской СССР. – Душанбе; Масква, 1968.
5. Баромадҳои призиденти Тоҷикистон Э. Раҳмон солҳои 1993-2013.
6. Берг Л. С. Очерки по физической географии. – М.: Изд-во АН СССР, 1949. – 430 с.

7. Маълумотҳо аз адабиётҳои даврӣ.
8. Маълумотҳо аз интернет.
9. Мухаббатов Х. Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон. – Душанбе, 2011.
10. Раҳимов М. Табиат ва сарватҳои табии Тоҷикистон. – Душанбе, 2002.
11. Тоҷикистон. Зери таҳрири Х.Саидмуродов. – Душанбе, 1986.
12. Тоҷикистон (Иттифоқи Саветӣ). – Маскова, 1986.
13. Ҳайдаров М. Комплекси истеҳсоли территориявии Тоҷикистони Ҷанубӣ ва ояндаи он. – Душанбе, 1982.

Калидвожаҳо: заминҳои обёршаванда*, обанборҳо, саддҳо, идоракунӣ, норасоии об, иқлим.*

Аннотация

ИНИЦИАТИВА ЛИДЕРА НАЦИИ ЭМОМАЛИ РАХМОНА ПО ПРОБЛЕМЕ ВОДЫ И ИЗМЕНЕНИЯ КЛИМАТА

В данной статье автор предоставляет подробную информацию об инициативах лидера нации Эмомали Рахмона по проблеме воды и изменения климата в мире и Таджикистане, а также экономическую оценку водных и климатических ресурсов в развитии национальной экономики Таджикистана. В последние годы вызывает беспокойство Аральское море и дефицит его воды. В результате созданы различные международные организации и тратятся большие суммы денег. Фактически, это представляет значительный экологический риск и оказывает последующее воздействие на регион Центральной Азии. Однако глобальное потепление уже затронуло водные ресурсы Таджикистана, особенно ледники, и очевидно, что водные ресурсы являются ключом к развитию энергетики страны. Факты и цифры показывают, что эта конструкция полностью соответствует требованиям, как с научной, так и с технической и практической точек зрения.

Ключевые слова: *орошаемые земли, водохранилища, плотины, управление, нехватка воды, емкость, климат.*

Annotation

INITIATIVE OF THE LEADER OF THE NATION EMOMALI RAHMON ON THE PROBLEM OF WATER AND CLIMATE CHANGE

In this article, the author provides detailed information on the initiatives of the leader of the nation Emomali Rahmon on the problem of water and climate change in the world and in Tajikistan, as well as an economic assessment of water and climatic resources in the development of the national economy of Tajikistan. In recent years, the Aral Sea and its deficit have caused concern. As a result, various international organizations have been created and large sums of money are being spent. In fact, this poses a significant environmental risk and has a subsequent impact on the Central Asian region. However, global warming has already affected Tajikistan's water resources, especially glaciers, and it is clear that water resources are the key to the country's energy development. Facts and figures show that this design is fully compliant, both from a scientific, technical and practical point of view.

Keywords: *flooded rivers, reservoirs, dams, management, available capacity, climate.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Сатторова Севара, магистранти соли аввали факултети географияи ДДОТ ба нами Садриддин Айнӣ. Тел.: +992 988749092
Роҳбари илмӣ: н.и.г., дотсент Табаруков М.

Сведения об авторе: Сатторова Севара, магистрантка первого курса географического факультета ТГПУ имена Садриддин Айни. Тел.: +992 988749092
Научный руководитель: н.и.г., доцент Табаруков М.

About the author: Sattorova Sevara, 1st year Master Student of the Faculty of Geography, TSPU named after Sadriddin Aini. Tel.: +992 988749092
Scientific adviser: n.i.g., associate professor Tabarukov M.

Хайдаров Саидмухтор Джафарович,
Административный директор ООО Страховая организация «БИМА»,
слушатель 2-го курса совместной программы Учреждение Образования
«Алматы Менеджмент Университет»

ИССЛЕДОВАНИЕ ПРОБЛЕМ СТРАХОВОГО РЫНКА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Страховой рынок РТ сегодня характеризуется рядом проблем, от разрешения которых зависит не только его стабильность и успех, но и дальнейшее развитие. Ведётся дискуссия по основополагающей проблеме развития современного страхового рынка, который является весьма сложным, и вопрос о его асимметрии остается открытым. Проблема заключается в том, что ряд экономических органов и агентов рынка не желает воспринимать страхование как стратегический аспект развития национального хозяйства.

Исследуя данный факт, можно заметить, что его институциональные аспекты, которые пока ещё не дали положительного результата в развитии, разрушают генезис страхования в условиях рыночных отношений. Это в свою очередь порождает определенные, негативные для развития страхового рынка, обстоятельства, например в виде налогового прессинга, в результате которого страховые услуги не только теряют привлекательность, но и становятся невыгодными и дорогими. Сбалансированность страхового рынка должна стимулировать интерес субъектов рынка страхования на основе осуществления на нём либерализационных процессов [5, 85]. Ещё одна проблема, которая требует решения, - налогообложение страховых операций. В новом Налоговом кодексе много неясностей, которые препятствуют развитию страхового рынка. Однако состояние налогообложения в страховой деятельности характеризуется, с одной стороны, отсутствием системы, единой методологической базы, доминированием ведомственного подхода к установлению налогов, отсутствием стимулов к развитию страхового рынка, и существованием проблем эндо- и экзогенного характера, - с другой. Отсутствуют монетарная и фискальная политика, разработанные на основе научной концепции эффективного функционирования данного рынка. Если говорить о денежно-кредитной концепции, то нужно учитывать теорию коэффициента монетизации, необходимой для экономики, которая в Республике Таджикистан составляет 14% [1, 34].

С точки зрения фискальной политики, в настоящее время прибыль от страховой деятельности облагается по повышенной ставке – 25 % налогооблагаемой прибыли [2, 20]. На протяжении длительного времени, согласно действовавшему законодательству, страховая выплата по случаю смерти рассматривалась как доход и облагалась подоходным налогом. Налоговая политика государства воспитывает у граждан потребность в страховании. Кроме того, поощряя страхование, государство с помощью страховых компаний получает огромные инвестиционные средства для развития экономики. Налоговая политика в области страхования, наоборот, влечет за собой процветание иждивенчества у большей части населения, привыкшего возмещать все за счет государства [3]. Стихийные бедствия, межнациональные конфликты и т.п. неизбежно приводят к потере имущества, получению увечья, гибели. В странах с развитой страховой культурой и рынком страхования причиненный ущерб в подобных случаях, естественно, возмещается страховыми компаниями, что имеет свои преимущества: во-первых, выплаты соразмерны причиненному ущербу, и, во-вторых, государство может оказать дополнительную помощь.

Рассматривая проблему страхового рынка, необходимо отметить, что эндогенные факторы напрямую влияют на развитие рынка страховых услуг (см. рисунок 1).

Эндогенные проблемы, которые связаны с правовым аспектом, во многом тормозят процесс развития рынка страховых услуг. Здесь уместно сказать, что достаточно неразвитые нормативно-правовые акты, необходимо требуемые законодательством, и правовые нарушения сильно воздействуют на рынок страховых услуг.

Первый фактор, который влияет на развитие страхового рынка, – это то, что в страховых компаниях не разработана инструкция по выплате страхового возмещения по многим видам страховой продукции, что осложняет работу при определении суммы ущерба и выплате страхового возмещения.



Рисунок 1 - Эндогенные аспекты развития рынка страхования в РТ.

Второй фактор, который влияет на развитие страхового рынка, – это экономический фактор. Состояние экономики и урбанизация серьезно влияют на страховой рынок, т.к. именно горожане являлись и являются основными потребителями страховых услуг. Концентрация потенциальных потребителей и капитала в городах, развитая инфраструктура и иные факторы способствуют развитию страхового рынка.

Третий фактор, влияющий на развитие страхового рынка, - это социальный фактор, который определяет динамику потребительских предпочтений, развитость страховой культуры, менталитет, структуру населения, его культурные и национальные традиции, социальный статус и т. п. Социальный фактор - это фактор, который связан с доходами населения. В частности, нарушение закономерности в политике доходов на начальном этапе реформ привело к деформации прожиточного минимума и, соответственно, первой проблемой населения остается не его вливание на рынок страхования, а наоборот, стремление создать стабильный доход в бюджетной политике семьи.

Четвёртый фактор, который влияет на развитие страхового рынка, - институциональный фактор. В этом отношении на страховом рынке Таджикистана отсутствуют: институт перестрахования, союз страховщиков, ассоциация страховщиков и институт актуариев. Наиболее важным моментом на современном рынке страхования являются его институциональные основы.

Весьма актуальными и уместными были бы его прозрачность и открытость, что в перспективе может масштабно увеличить количество покупателей страховых услуг и расширить емкость портфеля страхования.

В целом вышеуказанные проблемы эндогенного характера вызвали зависание рынка страхования. К глубокому сожалению, существуют также и другие аспекты торможения страхования. Перечень таких проблем: геополитических, международно-правовых, интеграционных, конкуренция, социально-экономические процессы, инвестиции и др. делает недоступным стабильное развитие национального рынка страховых услуг.

Благонадёжные устои на рынке страхования облегчают страховую деятельность субъектов хозяйства. А международная интеграция страховых рынков открывает путь для расширения предложения страховых продуктов и замедляет рост страховых тарифов для населения.

Наиболее актуальной и дискурсивной проблемой является конкурентоспособность отечественного страхового рынка, что малопривлекательно для иностранного капитала.

Среди наиболее насущных проблем, стоящих перед страхованием, можно выделить также острейшую проблему фактического отсутствия адекватных инвестиционных инструментов, удовлетворяющих требованиям страховых компаний. Вопрос о том, каким образом разместить временно свободные денежные средства страховых компаний — прежде всего страховые резервы — стал сейчас настоящей проблемой для страховщиков.

Суть проблемы заключается в следующем. Порядок размещения страховых резервов строго регламентируется государством, и отклонение страховых компаний от установленных

правил может стоить им лицензии на право занятия страховой деятельностью. Однако, установив определенные обязательные правила, государство не несет никакой ответственности, если выполнение указанных правил приведет к негативным последствиям. Практически отсутствуют инструменты, обеспечивающие гарантированные государством условия надежности инвестирования страховыми компаниями страховых резервов, прежде всего в части их своевременной возвратности и оговоренной доходности. К наиболее серьезным проблемам страхового рынка относится также работа Госстрахнадзора РТ, потому что уставной фонд некоторых страховых компаний не позволяет им принимать некоторые риски страхования. В этой связи многие страховые компании прекратили свою деятельность на данном рынке. В 2021 году можно заметить повышение уставного капитала по всем страховым компаниям, функционирующим на ранке страховых услуг (см. таблицу 1).

Барои сатҳи тараққиёти имрӯзаи назарияи иқтисодиёт истифодабарии васеи методҳои тарҳрезӣ хос мебошад. Ҳангоми тадқиқоти системаҳои мураккаби иқтисодӣ ҳодисаҳое рух медиҳанд, ки бевосита аз сабаби душворӣ ва вуҷуд надоштани назарияи комил ба даст овардани дониш ё пешгӯи намудани рафтори онҳо дар оянда имконнопазир нест. Дар ин ҳолат дар раванди тадқиқот метавонем системаи тадқиқотшаванда (аслӣ)-ро бо дигар объект иваз намоем, модел аз асли объект бо хусусияти рафтор ё ин ки тавсиф (модел) табиатан фарқкунанда мебошад. Бо модел амалиёт бурдан, тадқиқотбаранда дониши навро ба даст меорад, ки баъдан ба аслӣ гузаронида мешавад. Ҳамаи назарияҳои ҳозираи иқтисодӣ, ҳеҷ чизи дигаре ба ҷуз аз моделҳои функсионалии системаҳои иқтисодӣ намебошанд.

Объекти аслӣ, модели воситаи амалиёт метавонад хеле гуногун бошанд. Дар ҳодисаи умумӣ ҳеҷгуна маҳдудиятҳо барои истифодаи методи тарҳрезӣ гузошта намешаванд, бо назардошти он ки модел нисбат ба табиати он барои донишҳои ба даст оварда имконияти ба асл кӯчонидани онро диҳад.

Хусусияти он ҳодисаҳо, дар ҳолати истифодабарии методҳои тарҳрезӣ, худи хусусиятҳои истифодаи моделҳо дар раванди дарккунӣ, имконияти хулосабарорӣ, ки истифодаи методи тарҳкуниро метавон танҳо дар ҳолате, ки дар шуури тадқиқотбаранда оиди мавзуи тадқиқотӣ аллакай баъзе тассавуротҳои аввали назариявӣ ҷамъ шаванд. Ҳато тақрибан баъзе хусусиятҳои объект-аслро надониста, мо наметавонем ба интихоби модел шурӯъ намоем. Тарҳрезӣ методи пурсамари дарккунӣ танҳо дар он ҳолате ба ҳисоб меравад, ки назарияи аввалаи хулосабарории дониш оиди объекти тадқиқотӣ гузаронида шудааст, ва ин донишҳо аллакай бо ягон назария ба тартиб дароварда шуда бошад. Нақши модел дар тафтиши аслӣ будани ин хулосаҳои аввала ва такмилдиҳии онҳо дар оянда таҷҳасум мегардад. Ба ҳайси модел объекте гирифта мешавад, ки хусусиятҳои он ба дараҷаи кофӣ муоина шуда бошад. Танҳо дар ҳолати хуб донистани хусусиятҳои асл ва модел метавонем шабоҳати байни модел ва аслро муайян намуда, ба тадқиқотҳои минбаъда гузарем.

Дар ҳолати истифодаи усулҳои тарҳрезӣ аҳамияти бузургро масъалаи баҳодиҳии аслии моделҳо пайдо мекунад. Агар моделро ҳамчун намуди махсуси объекти тадқиқот аз назар гузаронем, дар ин ҳолат муносибати шабоҳат доштан ё шабоҳат надоштан байни онҳо ва сатҳи шабоҳати онҳоро метавонем дар назарияҳои дуруст ва ё ғалат будани онҳо, ва инчунин дар назарияҳои комилан ва ё нисбатан дуруст будани онҳо баҳодиҳӣ намоем. Ҳақиқат будани модел, ин мувофиқ будани модел бо объекти тадқиқотӣ мебошад. Мафҳуми ҳақиқат будани модел бояд, бо назардошти шароитҳое, ки дар асоси баъзе моделҳои ин ё он навъи ҳодисаи тадқиқотшавандаро ҳосил намудаем, гузаронида шавад. Маълум аст, ки барои моделҳои навъҳои гуногун ин шароитҳо гуногун мебошанд.

Ҷараёни тарҳрезӣ аз гузоштани масъалаи тадқиқот оғоз меёбад, ки ҳалли онро ба воситаи модел дарёфт карда метавонем. Бо мувофиқати масъалаи аниқ зарур меояд, якчанд хусусият ва муносибатро қайд намоем, ки муоинаи онҳо моро ба ҳадаф расонда метавонанд.

Баъди муайян намудани мавзӯи тадқиқот дар пеши тадқиқотбаранда зарурат ба васеъ намудани дониш дар бораи он пеш меояд. Натиҷаи тадқиқоти объект метавонад имконнопазирӣ ё ин ки душвориҳои зиёд дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда ба роҳи бевоситаи кор бо объект моро ру ба ру намояд. Барои аз ин гуна мушкилиҳо гузаштан тадқиқотбаранда дар ҷараёни дарк звенои фосилавӣ – моделро месозад. Дар ҷараёни тарҳрезӣ тадқиқотбаранда аз тадқиқоти пешинаи объект, тафсири он, ба тартибдиҳӣ ё интихоби ин гуна объекте, ки дар асоси омӯзиши он, маводҳои зарурӣ оиди объекти ибтидоӣ ба даст оварда метавонад. Ҷустуҷуйи модел ҳам дар ососи интуитивӣ ва ҳам дар ососи қатъиян мантиқӣ имконпазир аст.

Баъди интихоби модел онро бояд аз муоина гузаронем, яъне ӯ ба объекти тадқиқотӣ мубаддал мегардад. Дар ин сурат ҳамаи амалиётҳо аллакай дар рӯйи модел бурда мешаванд ва ба самти дастрасии маводҳо оиди ин объект, муайян намудани қонуниятҳои тараққиёт, хусусиятҳо ва муносибатҳои он равона мешаванд.

Марҳалаи охири тарҳрезӣ ба асл гузаронидани маълумотҳои ба воситаи модел дастрасшуда ба ҳисоб меравад. Ба туфайли мавҷуд будани мувофиқати муайяни қисмҳо ва муносибатҳои модел бо қисмҳо ва муносибатҳои асл, имконияти бо ёрии модел ба асл гузаронидани маводҳо мавҷуд аст. Алоқаи мувофиқати қисмҳо ва муносибатҳои модел бо қисмҳо ва муносибатҳои асл аз тарафи тадқиқотбаранда дар раванди тадқиқот муайян мешавад. Маънои эвристикии тарҳрезӣ дар он тахассум ёфтааст, ки дар натиҷаи муқаррар кардани як қатор мувофиқатҳои хусусиятҳои умумии модел бо асл, тадқиқотбаранда ба асл якчанд хусусиятҳои нав, ки дар раванди тадқиқоти модел муайян шудаанд илова менамояд.

Тамоми амалиёти истифодаи методи тарҳрезӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки гарави муваффақият қобилияти аз ҷониби тадқиқотбаранда худсарона сохтани конструктсияҳои тафаккурӣ (таркиби зеҳнӣ), балки пеш аз ҳама дар қобилияти дуруст дарҷ намудани алоқаҳои мавҷуда, возеҳ кардани қонуниятҳои беғараз дар асоси назардошти дурустии тарафҳо ва хусусиятҳои номуайян вобастагӣ дорад. Ба мисли ҳеҷ гуна усулҳои дигар ба методи тарҳрезӣ ягонагии зичи назария ва амалия хос мебошад.

Амалия дар шакли сохтани модел ва озмоиши моделӣ дар ин ҷо на танҳо ба монанди марҳилаи аввали дарк, балки пеш аз ҳама ба монанди шакли такмили назария ба пеш мебарояд. Тарҳрезӣ инчунин ба таври қатъи бо хусусияти диалектикӣ ба монанди робитаҳои мутақобила ва гузашти донишҳои куҳна ва нав, ба монанди ҳаракат аз маълум (тадқиқ шуда) ба номаълум (ноозмуда) тавсиф мешавад.

Моделҳои системаҳои иқтисодиёт бо андозаи васеъ ва душвориҳо тасниф мешаванд. Тадқиқи онҳо танҳо дар компютерҳо имконпазир мебошанд. Аз ҳамин сабаб дар вақтҳои охир тарҳрезии компютерӣ бо воситаҳои тартибдиҳӣ ва тадқиқоти моделҳои системаҳои душвор дар компютерҳо бо шиддат тараққӣ меёбад.

Адабиёт:

1. Дьяконов В. П. Maple 6: учебный курс. – СПб.: Питер, 2001.
2. Говорухин В. Н., Цибулин В. Г. Введение в Maple V. Математический пакет для всех. – М.: Мир, 1997.
3. Прохоров Г. В., Леденев М. А., Колбеев В. В. Пакет символьных вычислений Maple V. – М.: Петит, 1997.
4. Латипов С. О., Идиев Ғ. А., Наимов Н. М. Усулҳои ҳалли масъалаҳои математикӣ дар системаи компютерии математикии Maple. – Душанбе: ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, 2019.
5. Латипов С. О., Идиев Ғ. А. Татбиқи табдилдиҳии айниятии ифодаҳо дар системаи компютерии математикии Maple. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмю амалӣ ва методии «Масъалаҳои муҳими рушди илми информатика ва мушкилиҳо дар ҷараёни таълими он дар муассисаҳои таълимӣ» («Бахшида ба бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040). – Душанбе, 2020. Саҳ. 7-11.

Калидвожаҳо: *модел, иқтисодӣ, компютер, математика, системаи компютерии математикӣ*.

Аннотация

РАЗРАБОТКА И ПРИМЕНЕНИЕ ЭКОНОМИЧЕСКИХ МОДЕЛЕЙ В КОМПЬЮТЕРНОЙ МАТЕМАТИЧЕСКОЙ СИСТЕМЕ MAPLE

Данная статья посвящена применением экономических моделей в компьютерной математической системе ***MAPLE.***

Ключевые слова: *модель, экономика, компютер, математика, математическая компьютерная система.*

Annotation

DEVELOPMENT AND APPLICATION OF ECONOMIC MODELS IN THE COMPUTER MATHEMATICAL SYSTEM MAPLE

This article is devoted to the application of economic models in the computer mathematical system MAPLE.

Keywords: *model, economics, computer, mathematics, mathematical computer system.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Бегимов Акбар Давронович, магистранти кафедраи ТИК-и факултети математикаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: +992 934209493

Роҳбари илмӣ: н.и.п., дотсент Наимов Н. М.

Сведения об авторе: Бегимов Акбар Давронович, магистрант кафедры ИКТ, ТГПУ имени С.Айни. Телефон: +992 934209493

Научный руководитель: к.п.н., доцент Наимов Н. М.

About the author: Begimov Akbar Davronovich, Master Student in the Department of IKT, TSPU named after S. Ayni. Tel.: +992 934209493

Scientific director: PhD, Associate Professor Naimov N.M.

Қосимова Амина,
донишҷӯйи соли чоруми факултети иқтисодиёт ва идоракунии маориф

АУДИТИ ҲИСОББАРОБАРКУНИҲО ОИДИ МУЗДИ МЕҲНАТ ВА ДИГАР ҲИСОББАРОБАРКУНИҲО

Музди меҳнат ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии давлат, манбаи асосии баланд бардоштани сатҳи некуаҳолии корманд ва воситаи муҳимми таконбахши аъзои ҷомеа ба меҳнати сермаҳсул ва босифат мебошад.

Музди меҳнат ин нархи қувваи корӣ аст, ки ба арзиши ашёи истеъмолӣ ва хизмат мувофиқ буда, такрористеҳсоли қувваи кориро таъмин карда, талаботи моддӣ ва маънавии коргар ва аъзои оилаи вайро қонеъ менамояд. Музди меҳнат ин ҳиссаҷудокунӣ аз қисми муҳимми арзиши аслӣ ва нархи молҳо мебошад [3].

Музди меҳнатро ба ду қисм ҷудо кардан мумкин аст: музди меҳнати асосӣ ва музди меҳнати иловагӣ. Музди меҳнати асосӣ ва иловагӣ ба куллӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Музди меҳнати асосӣ – ин муздест ки коргар аз рӯи вақти кор, миқдор ва сифати кори иҷрокардаи он, аз рӯи арзиши музди корбайъ; мизони тарифии маош; мукофот аз рӯи кори барзиёд иҷрошуда, иловагӣ вобаста ба фарқияти шароити муътадили кор, барои кор дар вақти шабона, барои аз вақти муқарраршуда зиёд кор кардан, барои роҳбарӣ, ҳақдиҳӣ барои барои бекористии коргар, ки бо айби ӯ рух надодааст, ҳисоб карда мешавад.

Музди кори иловагӣ – ҳақдиҳӣ барои вакти корнакарда (кори иҷронакарда), ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ шудааст:

- музддиҳӣ барои рухсатии навбатии меҳнатӣ;
- танаффус дар вақти кори модарони кӯдакони хурди ширхӯрдошта;
- соатҳои имтиёзноки ноболиғон;
- ёрдампулии истироҳат дар вақти аз кор озод кардани коргар иборат аст.

Ду шакли музди меҳнат: вақтбайъ ва корбайъ вуҷуд дорад.

Низоми пардохти музди меҳнати вақбайъ ва корбайъ бо санадҳои меъёрии дохили худи ташкилотҳо муқаррар карда мешавад.

Мутобиқи талаботи моддаи 108-и Кодекси меҳнати Ҷуҳурии Тоҷикистон муҳлатҳои пардохтҳои музди меҳнатро шартномаҳои меҳнатӣ, коллективӣ, созишномаҳои соҳавӣ ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар менамояд, вале он наметавонад дар ҳар ниммоҳа аз як маротиба кам бошад. Музди меҳнат бевосита ба худи корманд пардохт мегардад ба шарте ки тибқи шартнома меҳнатӣ ё санади дигари қонунӣ тарзи дигари он муқаррар нагардида бошад. Агар дар шартномаи меҳнатӣ дар асоси боваринома пардохт намудани музди меҳнати корманд пешбинӣ шуда бошад, дар ин ҳолат музди меҳнати кормандони ҳузурнадошта ба шахси боваринок дода мешавад. Музди меҳнати пардохтнашудаи корманди фавтида ба мерос гузошта намешавад ва он ба узви оила ё шахси хароҷоти дафни корманди вафоткардаро ба уҳда гирифта, дода мешавад.

Инчунин дар Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди музди меҳнат дарҷ шудааст. Мутобиқи моддаи 35 «Ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳақ дорад. Музди кор аз ҳадди ақали музди меҳнат набояд кам бошад.Дар муносибатҳои меҳнати ҳама гуна маҳдудият манъ аст. Барои иҷрои кори якхела музди баробар дода мешавад [2].

Дар замони муосир Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷараёни ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ фаъолона ва бо маром қадам гузошта истодааст. Ба ҳаҷми зиёд воридшавии асъори хориҷӣ, пайдошавии зиёди ширкатҳои хориҷӣ ва намояндагони онҳо, бахш ва корхонаҳои фаръӣ талаб мекунанд, ки ҳисобу китоб ва банақшагирии байни онҳо мутобиқи қоидаҳои байналмилалӣ ба роҳ монда шавад. Ислоҳоти иқтисодӣ дар низоми ҳисобдорӣ ва назорат тақозо дорад, ки фаъолияти минбаъдаи онҳо тибқи қонуниятҳои нав роҳандозӣ гарданд. Дар давраи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ шаклҳои гуногуни моликият пайдо шуданд, ки ин раванд ба инкишофёбии аудит асос гузошт. Солҳои охир барои ҷорӣ намудани фаъолияти комили аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр корҳо ба субот расонида шуд. Мақсади асосии аудит ин таъмин намудани назорат барои саривақт расонидани иттилооти боэътимод ба истифодабарандагон мебошад, ки он дар ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ) дарҷ меёбад.

Дар корхонаҳо ба ҳайати хароҷот на танҳо арзиши моддӣ, балки хароҷоти музди меҳнат низ дохил мешавад. Аудитор хароҷоти музди меҳнатро тафтиш карда бояд донад, ки аз як тараф ба ин муносибат ба корхонаҳо ҳуқуқи зиёд дода шудааст(аз он ҷумла дар интихоби тартиби кор), аз тарафи дигар давлат барои ҳамаи субъектҳои иқтисодӣ новобаста аз шакли моликият меъёрҳои муайян муқаррар намудааст. Ба ин меъёрҳо ҳадди ақали музди меҳнати моҳона ва давомнокии рухсатии меҳнатӣ, давомнокии ниҳоии (максималии) рӯзи корӣ, пардохтҳои иловагии гуногун барои иҷрои корҳо дар вақти аз меъёр зиёд, шабона, дар рӯзҳои ид, истироҳат ва ғайра дохил мешаванд [4].

Мақсади тафтиш – маълум кардани хароҷоти музди меҳнат ва дигар пардохтҳо, дуруст муайян кардан ва ба арзиши аслии маҳсулот бурдани онҳо, чунки пардохтҳо мумкин аст аз фонди музди муҳнат ва сарчашмаҳои гуногун ба амал бароварда шаванд, аз ин рӯ онҳо набояд ба арзиши аслӣ бурда шаванд.

Вазифаи асосии тафтиши ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи пардохти меҳнат ин риояи санадои меъёрӣ-ҳуқуқӣ барои ҳисоб кардани пардохти меҳнат, нигоҳдории пардохтҳои ҳатмӣ аз музди меҳнат ва бо тартиби дуруст гузаронидани ҳисобгирии муҳосиботии ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи пардохти меҳнат мебошад.

Номгӯи хароҷоти музди меҳнат, ки ба арзиши аслӣ бурда мешавад, дар Низомнома дар бораи калкуятсияи арзиши аслии маҳсулот даркорхона ва ширкатҳо, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №210 аз 12 майи соли 1999 тасдиқ шудааст, оварда шудааст.

Сарчашмаҳои ахборотие ки ҳангоми гузаронидани тафтиши музди меҳнат истифода мешаванд, пеш аз ҳама, маҷмуи ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии ҳайати шахсӣ, ҳисобкунӣ ва пардохти музди меҳнат мебошанд:

- фармон оиди ба кор қабул намудани коргар;
- карточкаи шахсӣ;
- табели баҳисобгирии вақти корӣ ва ҳисобкунии музди меҳнат;
- ведомости ҳисобӣ;
- ведомости пардохтӣ ва ғайра.

Бақайдгирии штатӣ ва ғайриштатиро аз ҳам фарқ мекунанд. Барои коргарони штатӣ ҳангоми қабул ба кор фармон бароварда мешавад, ки дар он маош ё разряд ва муҳлати санҷишӣ муайян карда мешавад. Барои коргарони ғайриштатӣ чун қоида, шартномаи меҳнатӣ барои иҷрои корҳои муайян баста мешавад, ки бо қувваи корхона иҷро карда намешавад.

Дурустии муқаррар намудани маошро ҳангоми қабул ба кор тафтиш намуда аудитор бояд ба он диққат диҳад, ки: Оё музди кор ба андозаи камтар аз музди ҳадди ақали муҳнатӣ муқаррар нашудааст? Оё шакли муқарраршудаи музди кор бо қонунгузории амалкунанда ихилоф надорад?

Боздориҳо аз музди меҳнат мувофиқи қоидаи умумӣ бо ризоияти хаттии коргар (моддаи 140 ва 141 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон) имкон дорад ва ҳангоми набудани ризояти коргар – бо қарори суд амалӣ карда мешавад.

Новобаста аз ризояти коргар боздоштан аз музди меҳнат дар ҳолатҳои зерин ба амал бароварда мешавад:

1. Барои иҷрои қарорҳои судӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои иҷроия.
2. Барои талофии пешпардохти харҷнашудаи корхона додашуда.
3. Барои талофии зарари коргар, ки ба кордеҳ расонидааст (агар андозаи зарар аз музди меҳнати моҳонаи коргар зиёд набошад).
4. Барои баргардонидани маблағи ба таври иловагӣ партохташуда дар натиҷаи иштибоҳи ҳисобӣ.
5. Барои рӯзҳои рухсатӣ, ҳангоми аз кор озодкунии коргар то анҷоми ҳамон соли корие, ки коргар рухсатӣ гирифт [4].

Мувоиқи моддаи 132-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон коргар уҳдадор аст, ки зарари бевоситаи ҳақиқиро ба кордеҳ талофӣ намояд.

Зарари бевоситаи ҳақиқӣ гуфта, камшавӣ ё бадшавии воқеии амволи кордеҳро меноманд.Бояд қайд кард, ки зарари дар натиҷаи дуздӣ ва талафи амвол ба кордеҳ расида аз рӯйи нархи бозории дар ҳамон маҳал амалкунанда (аммо на камтар аз арзиши харид), дар рӯзи расонидани (ё ошкоркунии) зарар, (моддаи 138 Кодекси меҳнат ва моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳисобдорӣ) новобаста аз муҳлати дохилшавии арзишҳо ба ҳисоботи шахси масъули моддӣ, ҳисоб карда мешавад.

Хулоса, омӯзиши ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи пардохти музди меҳнат яке аз масъалаҳои асосие мебошад, ки аз ҷониби аудитор мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор мегирад. Мақсади асосии тафтиши ин самти муҳим баҳри муайян намудани риояи қонунгузории меҳнат, бо тартиби дуруст иҷро кардани амалиётҳои ҳисоббаробаркунӣ, ҳуҷҷатноккунии амалиётҳо, тарзи дурусти дар ҳуҷҷатҳо нишон додани амалиётҳо ва дигар муносибатҳои ба ҳисоббаробаркуниҳои меҳнатӣ алоқаманд равона шудааст.

Адабиёт:

1. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар таҳрир аз 3 майи соли 2002, №10.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016.
3. Қодирова Г. Т, Ғаффоров Ф. Ф. Аудит. – Душанбе: Ирфон, 2013.
4. Саидов Р. Н. Назорат ва тафтиш. – Душанбе: ЭР-граф, 2014.
5. Шариф З. Иқтисоди маориф. – Душанбе, 2010.
6. Шариф З., Шодии Д. Баҳисобгирии муҳосибӣ дар соҳаи маориф. – Душанбе, 2019.

Калидвожаҳо: *меҳнат, музди меҳнат, сиёсати иҷтимоӣ, ҳисоббаробаркуниҳо, арзиш, нарх, пардохт, шартномаи меҳнатӣ, меъёр, коргар, корхона, хароҷот, моликият, аудит, тафтиш, аудитор, табел.*

Аннотация

АУДИТ ЗАРАБОТНЫЙ ПЛАТЫ И ДРУГЫХ РАСЧЕТОВ

Изчение начисления заработной платы является одним из основным вопросов, которого является анализируемый и изучаемый проверяющим. Основной целью проверки по этому важному направлению является определение соблюдения трудового законодательства, надлежащего учета, оформления сделок, правильности оформления сделок и других отнашений, связанных с трудовом учетом. Основной задачей проверок и расчетов по оплате труда является соблюдение нормативных правовых актов на расчет оплаты труда, удержание обязательных платежей из заработной платы и правильность учета выплат.

Ключевые слова: *труд, заработная плата, срциальная политика, расчеты, стоимость, цена, оплата, трудовой договор, норма, работник, предприятие, стоимость, имущество, ревизия, проверка, ревизор, табель.*

Annotation

AUDIT OF WAGES AND OTHER CALCULATIONS

The study of payroll accounting is one of the main ones in which the issues are analyzed and studied by the investigator. The main purpose of the inspection of this important area is to determine compliance with labor legislation, proper accounting, documentation of transactions, the correctness of the documentation of transactions and other religions related to labor accounting. The main task of checking the settlements on the payment of labor is the observance of normative acts- the right to calculate the payment of labor,withholding mandatory payments from the salary and proper accounting of payments.

Keywords: *labor, wages, social policy, settlements, cost, price, payment, labor contract, norm, worker, enterprise, cost, property, audit, inspection, auditor, table.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Қосимова Амина, донишҷӯйи соли чоруми факултети иқтисодиёт ва идоракунии маорифи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: н.и.и., дотсент Бегов А.

Сведения об авторе: Косимова Амина, студентка четвертого курса факулет экономики и управления в сфере образования Таджикского Государственного педогогического университета имени Садриддина Айнӣ.

Научный руководитель: к.э.н., доцент Бегов А.

About the author: Qosimova Amina, 4th year student in the Department of Economics and Education Management of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.

Supervisor: Candidate of Economics, Associate Professor Begov A.

Ҳайдаров Олимҷон Мирзобоқиевич,
донишҷӯи соли чоруми факултети технология ва иқтисодиёт

МАВҚЕИ БИЗНЕСИ ХУРДУ МИЁНА ДАР РОБИТАҲОИ ИҚТИСОДИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мафҳуми соҳибкории хурд. Мамлакатҳои инглисзабон мафҳуми «соҳибкории хурд»-ро «бизнеси хурд» меноманд. Дар дигар давлатҳо бисёртар истилоҳи «корхонаҳои хурд» низ истифода мешаванд.

Гарчанде соҳибкории хурд бо як калима истифода шавад ҳам, он гуногунтаркиб аст. Соҳибкории хурд корхонаҳои хурди гуногуншакли фардие, ки онро соҳибкор ё соҳибкорон идора мекунанд ва кооперативҳоро дар бар мегирад. Соҳибкории хурд ба соҳаи бизнеси таваккалӣ дохил мешавад, чунки аз даҳтои он танҳо ду-се корхона тоб меоваранд. Одатан бизнеси хурдро олимон, инжинерон-ихтироъкорон идора мекунанд, ки мақсади онҳо тезтар ба амал овардани фикр, ихтироъ ва тадқиқоти худро доранд. Ба ғайр аз ин соҳибкории хурд имконияти ҳалли баъзе муаммоҳои иҷтимоиро, ки дар шароити бозорӣ пайдо мешавад, ҳамчун муаммои шуғли аҳолӣ, баландшавии даромад дар натиҷаи якҷояшавии якчанд кас бо мақсади манфиати якхеларо медиҳад. Бо вуҷуди ин корхонаҳои калон дар марҳилаҳои муайяни рушди худ аз «аломати бизнеси калон» азоб мекашанд, ки бо мураккабшавии системаи идоракунӣ, пастшавии самаранокии бастани алоқаи бевосита бо муҳити атроф вобаста аст. Дар ин вақт корханаҳои дидаву дониста сохтори идоракуниро соддатар карда, аз он якчанд корхонаҳои хурдро бо идораи мустақилкардашуда ҷудо мекунанд. Ин корхонаҳои хурд бизнеси калонро пурра карда, самаранокӣ ва тезҳаракатии онро таъйин менамояд. Ҳамин тарз, соҳибкории хурд, ё мустақилан таҳти дастгирии давлат ва фондҳои молиявии гуногун, ё ҳамчун аз бизнеси калон вобаста ва барои баланд бардоштани самаранокии он фаъолият мебарад, пайдомешавад. Миқдори зиёди корхонаҳои хурд ва миёнаи махсуси баланди технология дар бозор бо бизнеси калонтари сустҳаракат рақобат менамоянд. Ин рақобат роли ракобаткунандаро бозида, ба сохтори монополистии бозор монеъ мешавад. Самаранокии ҳалли бисёр масъалаҳои ичтимоӣ-иктисодӣ бизнеси хурдро элементи мустақили иқтисодиёти бозорӣ воситаи муҳими ташкилёбии сохти зидди монополии он мекунанд. Меъёри дохилкунии ин ё он корхона ба қатори корхонаи хурд шартӣ буда ва дар ҳар мамлакат гуногунанд.

Мамлакат	**Шумораи машғулон, одамон**
ИМА	то 500
Итолиё	то 200
Олмон	то 200
Ҷопон	30-300
Греция	10-50
Фаронса	то 200
Мамлакатҳои Аврупо	то 10

Ин андозаҳо мувофиқан дар баъзе соҳаҳо тафовут доранд. Ба ин гуна корхонаҳо асосан корхонаҳои хусусӣ, ширкати, саҳҳомӣ, колективӣ, кооперативӣ ва дигарҳо дохил мешаванд.

Мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (№204 аз 10.10.1991) ба корхонаҳои хурд чунин корхонаҳо бо чунин миқдори коркунон дохил мешаванд:

- дар саноат ва сохтмон –то 200 нафар;
- муассисаҳои илми ва хизматрасонии илмӣ – то 100 нафар;
- дигар соҳахои истеҳсолӣ – то 50 нафар;
- соҳаи гайриистеҳсолӣ – то 25 нафар;
- дар савдои чакана – то 15 нафар;

Баъдтар аз 1-уми январи соли 1996 меъёри дохилкунии корхонаҳо ба қатори корхонаҳои хурд дигаргун карда шудаанд:

- дар сохтмон, соноат ва нақлиёт – то 100 нафар;
- дар соҳаи илми техникӣ – то 60 нафар;
- дар савдои яклухт то 50 нафар;

- дар савдои чакана ва хизматрасонии илмӣ – то 30 нафар;
- дар дигар соҳаҳо ва намудҳои хизматрасонӣ – то 50 нафар;

Қудрати таҳрибавии бизнеси хурд:

Фаъолияти мустақил. Бизнесени хурди худаш хуҷаин, ба ҳеч кас итоат намекунад, ин ба соҳибкори серҳаракат ва ташаббускор имконият медиҳад, ки худаш қарорҳои лозимиро қабул намояд.

Имконияти ҳалли тезтар ва чобуктари масъалаҳо. Дар муқоиса бо корхонаҳои калон дар майдасоҳибкории сохтори қабули қарорҳо осон карда шудааст, ки имконияти тез мутобиқшавӣ ба шароитҳои номаълум тезтар ва чобуктар ба дигаргунии вазъи бозор таъсир кардааст. Мутобиқат ба хусусиятҳои шароитҳои маҳаллӣ майдасоҳибкор ба таври олӣ ташкил шудааст ва барои аз худ намудани дархостҳо, манфиатҳо, урфу одатҳо ва дигар хусусиятҳои бозори маҳаллӣ мутобиқ шудааст.

Нисбат ба соҳибкории хурд таввақуҳ доштан. Бизнеси хурд бо «орзуҳои амрикоӣ» муттаҳид мешавад, барои ҳамин таввақуҳи мусбӣ бисёртар ба бизнеси хурд равона карда мешавад, нисбат ба баҳодиҳии манфие, ки ба бизнеси калон тааллуқ доранд. Дар ИМА анъанаи «дастгирии он ҷавони хурди нағз» амал мекунад. Соҳибкории хурд дар конгресс дастгирӣ карда мешавад, махсусан, дар нақшаи пардохтани андозҳо.

Хароҷотҳои нисбатан пасти амалиётҳо. Дар муқоиса бо корпоратсияҳои калон корхонаҳои хурд барои нигоҳдорӣ ва хизматрасонии худ хароҷотҳои пасттар мекунанд (нисбатан фонди хурди музди меҳнат, маблағгузории кам таҷҳизот, хароҷотҳои пасти идоракунӣ). Мисол: аъзоёни оилаи соҳибкор вазифаҳои бисёр коргаронро иҷро мекунанд.

Имконияти муваффақияти моддии худ. Гирифтани музди меҳнат ва ҳамаи даромадҳо аз бизнес дар як вакт.

Фоидаҳои дарозмуддат. Соҳибкор воситаҳои худро ба фаъолияти фирмаи худ маблағгузорӣ намуда, фаъолияти худро бомуваффақият менамояд ва дар ҳар маврид дар вақти зарурӣ имконияти фурӯхтани онро дорад. Ин омил соҳибкоронро ба худ ҷалб менамояд.

Таъвизи якчанд тахассус. Шахсоне ҳастанд, ки дар симои худ «устои даҳ ангушташ ҳунар»-ро дидан мехоҳанд. Дар фирмаҳои хурд ин хел одамон имконият доранд, ки худро хамчун «бисёрдастгоҳ» нишон медиҳанд.

Бартарии соҳибкории хурд дар бозори махсус ва шахсӣ. Азбаски рақибони нисбатан калон аз рӯи расму қоидаҳои таҳиякардаи корхонаи асосӣ кор мекунанд, фаъолияти онҳо нисбатан маҳдуд мебошад. Бизнеси хурд дар ин масъала зудҳаракаттар мебошад, махсусан, дар он вактҳое ки бозор хусусиятҳои махсус ва мавсимӣ дорад.

Нигоҳдоштани хусусиятҳои соҳибкорона. Нисбат ба корпоратсияҳои калон дар корхонаҳои хурди соҳаҳои муосири ояндадор, хосияти инноватсионии соҳибкорӣ дида мешавад, ки оиди ғолибии бизнеси хурд дар соҳаҳои муосир шаҳодат медиҳад (электроника, компютерҳо, муҳандисиҳои генӣ).

Асосҳои умумии бақайдгирӣ ва литсензиякунонии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ. Бо фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони воқеӣ, яъне шаҳрвандони Тоҷикистон, хориҷиён ва шахсони бешаҳрвандӣ, инчунин шахсони ҳуқуқӣ, яъне ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, ташкилотҳои хориҷӣ, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, метавонанд машғул шаванд. Ҳар як субъекти фаъолияти соҳибкорӣ бояд аз қайди давлат гузарад. Субъекти фаъолияти соҳибкори бақайдгирии давлатии дар идораи ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи тартибе, ки бо санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд, воҷиб аст. Идораи ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин идораҳои ҳокимияти иҷроия дар маҳаллаҳо барои бақайдгирии субъектони ҳамаи шаклҳои соҳибкорӣ, ҳуқуқӣ, истифодабарии шартҳои иловагиро, ба ғайр аз онҳое, ки бо қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, надорад.Саркашӣ аз бақайдгирии давлатии субъекти фаъолияти соҳибкорӣ танҳо дар мавридҳое, ки номгӯи хуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва маълумотҳо дар онҳо ба талаботҳои бо қонун муайяншуда мувофиқат накунад, имконпазир аст.

Саркашии ғайриқонунӣ ё рад кардани бақайдгирии давлатии субъекти фаъолияти соҳибкорӣ, мувофиқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Соҳибкории шахсӣ, ҳуқуқи дар идораи юститсия мувофиқи тартибе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, ба қайд гирифта мешавад. Бақайдгирии давлатии соҳибкории инфиродӣ (бе ташкили шахси ҳуқуқи) бо органҳои

ваколатдори андозбандӣ гузаронида мешавад. Дар ариза намуди фаъолияти соҳибкорие, ки соҳибкор дар оянда машғул шуданист, қайд мешавад. Дар ин маврид идораи андозбандӣ дар муҳлати се рӯз аз рӯзи қабул кардани ҳуҷҷат бақайдгирии давлатии соҳибкори инфиродиро мегузаронад ва ба аризадиҳанда патент ба муҳлати то як соли календарӣ медиҳад. Андозаи пардохт барои патент аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мегардад. Пардохти патент ба воситаи ташкилотҳои бонкӣ, ки аз аҳолии пардохтҳои андоз ва дигарҳоро қабул мекунад, ба амал меояд. Патент ва шаҳодатнома барои фаъолияти соҳибкорӣ мувофиқи талаботи шахси вазифадори идораҳои андозбандӣ пешниҳод мешаванд. Талаб намудани дигар ҳуҷҷатҳо ё иҷро кардани дигар амалҳо дар бақайдгирии давлатии соҳибкори инфиродӣ роҳ дода намешавад. Агар соҳибкор дар муҳлати муайяншуда ба қайд гирифта нашавад ё бақайдгирии ӯ беасос рад карда шавад, ӯ ҳуқуқ дорад, ки ба суд мурољиат кунад. Дар мавриди дасткашии ғайриқонуни ё кашол додани бақайдгирии шахс ҳамчун соҳибкор аз тарафи идораи бақайдгиранда, ӯ ҳуқуқи талаб кардани товони талафотҳоро дар тартиби судӣ дорад. Соқибкор мувофиқи ҳуҷҷатҳои таъсисие, ки бо санадҳои меъёри – ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда нашудаанд, имконият дорад, ки намудҳои дилхоҳи фаъолияти хоҷагидориро ба амал орад. Соҳибкор шахсан молҳои харида ё истеҳсолкардаи худро мефурӯшад.

Вобаста ба андозаи шаҳр ва тақсимоти маъмурӣ-минтақавии он, бақайдгирии корхонаи хурд имконият дорад, дар палатаи бақайдгирии шаҳрӣ ё дар яке аз шуъбаҳо ё филеалҳои минтақавии (ноҳиявӣ, районӣ) он ба амал ояд. Аз нуқтаи назари назариявӣ корхонаи худро дар асоси шакли дилхоҳи ташкилӣ-ҳуқуқӣ таъсис додан мумкин аст. Умуман ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳо ва бақайдгирии онҳо якхел мебошад. Азбаски шакли нисбатан маъмули ташкилӣ-ҳуқуқии дар таъсиси корхонаи хурд ҷамъияти масъулияташ маҳдуд мебошад (ҶММ), пас тартиби бақайдгирии корхонаи хурдро маҳз дар мисоли ҳамин шакл дида мебароем. Барои аз қайд гузаронидани корхонаи хурд дар идораи ноҳиявии бақайдгирӣ ё дар шуъбаи он тайёр намудан ва пешкаш кардани ҳуҷҷатҳои зерин зарур аст:

- ариза, шакли №6 дар ду нусха (бланкаҳои шаклҳои додашуда аз тарафи идора ё шуъба дода мешавад);
- шартномаи таъсиси дар ду нусха (агар таъсисдиҳанда як нафар бошад, қарор оиди таъсиси ҷамъиятро пешниҳод намудан лозим аст);
- оиннома, ки аз тарафи таъсисдиҳандаҳо пешниҳод карда мешавад, дар ду нусха;
- протоколи маҷлиси саҳмгузорон, ки дар он тартиби таъсиси ҷамъият аз тарафи ду ё зиёда шахсон қайд гаштааст;
- ҳуҷҷате, ки оиди пардохти боҷи давлатӣ ва маблағи бақайдгири шаҳодат медиҳад (квитансияи пардохти онҳо дар бонки амонати мувофиқи шакли №ПД-4);
- ҳуҷҷате, ки оиди пардохти 50 фоизи сармояи оинномавӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ қайд шудаанд, шаҳодат медиҳад;
- маълумотномае, ки оиди такрор намудани номи ҷамъият дар реестри бақайдгирӣ шаҳодат медиҳад;
- нусхаи шаҳодатномаҳо оиди бақайдгирӣ ба ҳар як симои ҳуқуқӣ, агар таъсисдиҳандаи ҷамъияти додашуда симои ҳуқуқӣ бошад;
- карточкаи бақайдгирӣ дар шакли муқарраршуда, дар ду нусха.
- номаи кафолатӣ, ки оиди ҷои ҷойгиршавии корхона шаҳодат медиҳад, розигии моликиятдор ё дорандаи баланс барои пешниҳоди суроғаи худ хамчун суроғаи ҳуқуқии корхонаи таъсисшаванда (балки номаи кафолати аз тарафи идораи бақайдгирӣ ё шуъбаи он дода мешавад);

Суроғаи ҳуқуқӣ бояд ба суроғаи бинои ғайриистиқоматӣ мувофиқат кунад. Агар ин суроға аз тарафи моликиятдор пешниҳод шавад, пас ӯ бояд дорои ҳуҷҷатҳои тасдикшуда оиди ҳуқуқи дорандагии бино ё нусха аз паспорти идораи баруихатгирии техникӣ бошад (шакли №1А). Агар суроға аз тарафи иҷорагиранда пешниҳод шавад, (дар асоси ҳуқуқи соҳибиҷора), пас барои ин бояд дорои нусхаи тасдиқшудаи шартнома оиди иҷора ва розигии бо муҳр тасдиқшудаи номаи кафолатии моликиятдор бошад. Агар дар шартномаи иҷора иҷорадиҳанда барои субиҷора иҷозат диҳад, пас тасдиқи хаттии иҷозати моликиятдор талаб карда намешавад. То вақтҳои охир маблағ барои бақайдгири дувуним музди миёна, барои соиҳбкори инфиродӣ бошад як музди минималиро ташкил медод. Боҷи давлатӣ барои бақайдгирӣ 10 фоиз аз музди меҳнати минималӣ (МММ) - ро ташкил медиҳад. Андозаи сармояи оинномавии корхонаи хурди

навтаъсис – на кам аз 100 музди ақали меҳнат, корхонаи муштараки (КМ) навтаъсис на кам аз 1000 музди ақали меҳнат бояд бошад. Баъди ба расмият даровордани тамоми ҳуҷҷатҳои дар боло қайдшуда, онҳо ба идораи шаҳрии бақайдгирӣ ё ба шуъбаи он супорида мешаванд, ки ба таъсисдиҳанда шаҳодатномаи муввақатӣ оиди бақайдгирӣ корхонаи хурд дода мешавад. Баъди гирифтани шаҳодатномаи муваққати оиди бақайдгири бояд аз шаҳодатномаи муваққатӣ, оиннома, шартномаи таъсисӣ дар шаш нусха нусхабардори намуда, онҳоро дар идораи нотариус ё идораи бақайдгирӣ (шуъба) тасдиқ намудан лозим аст. Дар оянда ин нусхаҳоро ба ин идораҳо пешниҳод бояд кард:

- ба нозироти андоз;
- ба бонк барои кушодани ҳисоб;
- ба фонди нафақа;
- ба фонди шуғли аҳолӣ;
- ду нусхаро барои корхонаи хурд мондан лозим аст;
- гирифтани номаи ахбороти оиди додани рамзи классификатори умумитоҷикистонии корхонаҳо ва ташкилотҳо дар Маркази асосии ахборотӣ- таҳлилии Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дар шуъбаи минтақавии нозироти андоз худро аз қайд гузаронидан;
- дар бонки дилхоҳ ҳисоб кушода, инҳоро пешниҳод намудан:
- ариза ба унвони маъмурияти бонк;
- нусхаҳои тасдиқшудаи шаҳодатномаи муваққатӣ оиди бақайдгирии корхона, оиннома, шартномаи таъсисӣ;
- нусхаҳои имзои роҳбар ва сармуҳосиб, ки аз тарафи нотариус тасдиқ шудааст;

Аз қайд гузаштан дар шуъбаҳои минтақавии Фонди нафақа дар ҷои ҷойгиршавии суроғаи ҳуқуқӣ.

Аз қайд гузаштан дар шуъбаҳои минтақавии Фонди шуғли аҳолӣ ва фондҳои иҷтимоӣ. Баъди иҷро намудани амалҳои дар боло зикршуда барои гирифтани шаҳодатномаи доимӣ оиди бақайдгирии корхонаи хурд, ба идораи бақайдгирии шаҳрӣ ё ба шуъбаи он, ки аз он ҷо шаҳодатномаи муваққатӣ дода шуда буд, ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намудан лозим аст:

- Шаҳодатномаи муваққати оиди бақайдгирӣ;
- Маълумотнома аз маркази ахборотӣ – аналитикии асосии кумитаи давлатии Омор;
- Маълумотнома аз бонк оиди кушодани ҳисоб ва саҳмгузорӣ ба фонди оинномавии корхона;
- Маълумотнома аз шуъбаи минтақавии Фонди нафақа оиди ба қайд гирифтан;
- Маълумотнома аз шуъбаи минтақавии нозироти андоз оид ба қайд гирифтан;
- Маълумотнома аз шуъбаи минтақавии Фонди шуғли аҳолии оиди ба қайд гирифтан;
- Баённома барои ангораи муҳри доирашакл ва тамаи секунҷа бо номи корхонаи таъсисшаванда, ки бо ду тараф пур карда шудааст ва тасдиқ карда шудааст.
- штампи махсус бо номи шуъбаи минтақавии идораи бақайдгирӣ;
- рақами реестр; санаи бақайдгирӣ;
- имзои шахси масъул, ки барои бақайдгирӣ уҳдадор аст;
- муҳри шуъбаи минтақавии идораи бақайдгирӣ;

Марҳилаи охирин дар таъсиси корхонаи хурд ба расмият даровардан ва гирифтани муҳри доирашакл ва тамғаи секунҷа мебошад, ки бе онҳо фаъолияти соҳибкории корхонаи хурди навташкил ғайри имкон аст. Дар идораи корҳои дохилии минтақавӣ дар шуъбаи мувофиқ нусхаи муҳр ва тамғаро нусхабардорӣ карда, аз рӯи он нусха ба рассом фармоиши кашидани расми муҳр ва тамғаро ба андозаи қоғази чопӣ ба нишон додани реквизитҳои корхонаи хурди навташкил баъди тайёр шудани расмҳо ба идораи корҳои дохили ҳуҷҷатҳои зерин дода мешаванд:

- ариза барои додани иҷозат ба тайёр кардани муҳр ва тамғаи секунҷа;
- баённома ба ангораи муҳр ва тамға, ки бо идораи бақайдгирӣ тасдиқ шудааст;
- расми муҳри доирашакли корхонаи хурди навтаъсис;
- расми тамғаи секунҷаи корхонаи хурди навтаъсис;

Баъди гирифтани иҷозати идораи корҳои дохилии минтақавӣ барои тайёр кардани муҳр ва тамғаи таъсисдиҳанда расмҳои муҳри доирашакл ва тамғаи секунҷаро, ки аз тарафи идораи корҳои дохилӣ тасдик гаштааст, ба устохонаи рассомии мувофиқ барои истеҳсоли онҳо месупорад.

Мувофиқи қонунгузории амалкунанда барои амалӣ намудани як қатор намудҳои фаъолият бояд иҷозатномаи махсус – ҷивознома (литсензия) гирифт. Ба литсензиякунонӣ чунин намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ тааллуқ дорад, ки амалӣ кардани онҳо ба ҳуқуқ, манфиатҳои қонунӣ, саломатии шахрвандон, мудофияи мамлакат ва бехатарии давлат, зарар расонида метавонад.

Барои корхонахои хурде, ки дорои хуқуқи дастгирии органҳои идоракунии шаҳрӣ мебошанд, патентҳои шаҳрӣ дода мешаванд, ки ба онҳо ҳуқуқи имтиёзӣ барои намудҳои алоҳидаи фаъолият. Инчунин гирифтани имтиёзҳое, ки бо санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ пешбинӣ шудаанд, медиҳанд ва муайянкунии кафолатҳои иловагӣ ва ҷубронҳо ба объектони соҳибкории хурдро дар бар мегирад. Тартиби додани патентҳо ба субъектони соҳибкории хурд ва андозаи имтиёзҳову афзалиятҳои пешниҳодшаванда бо санадҳои қонунгузорӣ муайян мешаванд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар системаи андозбандӣ ба шумораи андозаҳои маҳаллӣ боҷи савдоро дохил намудааст, ки ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои мувофиқро талаб мекунад. Фаъолияти тиҷоратӣ дар аксар мавридҳо бо истифодаи иншоотҳо ба амал меояд, ки ҷойгиркунии онҳо дар ҳудудҳои шаҳр ё ноҳияҳо иҷозати мувофиқи органҳои ҳокимиятиро талаб мекунад. Риояи ин талаботҳо ба литсензиякунонии фаъолияти тиҷоратӣ баробар аст. Дар шаҳрҳо тартиби додани иҷозатнома барои ба амал овардани савдои чакана дар асоси як қатор қонунҳо оиди тартиби тайёр намудани пешниҳодҳо ва додани иҷозат барои ҷойгир ва истифодаи объектҳои савдои чакана ва хизматрасонӣ, танзим карда мешавад. Ба объектҳои хурди савдои чакана киоскҳо, дукончаҳо, павилончаҳо ва комплексҳои зуд сохташавандаи ғайридоимӣ дохил мешавад.

Аҳамияти иқтисодӣ ва иҷтимоии соҳибкории хурд. Инкишофи васеи соҳибкории хурд ин равияи асосии иқтисодии азнавсозии ҷамъият, такмили муносибати моликиятӣ ва тараққиёти ҳамаи шакҳлои ҳаҷмдорист. Афзудани субъектҳои бозор ва рақобат ба тезинкишофёбӣ, фаъолияти эҷодӣ ва такмили сифати маҳсулот шароит фароҳам меоварад. Корхонаҳои хурд барои беҳтар таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулот ва хизматрасонӣ, истеҳсоли навъҳои дигари маҳсулот, самаранок истифода бурдани неруҳои моддӣ, молиявӣ ва захираҳои меҳнатӣ ёрӣ мерасонад. Ин хел корхонаҳо тез созмон дода шуда, муҳлати худтаъминкунии кутоҳ доранд ва асосан бо мол бозори маҳаллиро таъмин намуда, бюжети онро ғанӣ менамояд. Дар асоси корхонаҳои хурд, моделҳои нави иқтисодӣ, хоҷагидорӣ омӯхта мешавад. Аз инкишофи соҳибкории хурд таъмини талаботи шахси ва истифодаи даромади аҳолии дар ҳаёти хоҷагидор вобаста мебошад. Соҳибкории хурд воситаи муборизa бо ҷаллобӣ ва баробартақсимкунӣ, исрофкорӣ ва талафи маҳсулот, бюрократизм ва монополияҳои корхонаҳои зараровар ва ҳалли проблемаи дастгоҳи идора ёри мерасонад. Баробари гузаштан ба иқтисодиёти бозорӣ, сурат гирифтани такмили таркиби истеҳсолот, маҳдуд шудани барномаҳои сармоягузорӣ, пешравии илмӣ - техникӣ, истифодаи хуби меҳнат дар натиҷаи такмили механизми хоҷагидорӣ, афзоиши бекорон, ҳатмӣ мебошад. Инкишофи соҳибкории хурд имконият медиҳад, бекорон ва коркунони бекоршударо бо кор таъмин намояд ва даромади оилаҳои камбизоатро зиёд намояд. Ин корхонаҳо метавонанд занҳои хонашин, нафақахӯрон, донишҷӯёнро бо кор таъмин намоянд. Дар корхонаҳои хурд муносибати ҳар як коргар ба меҳнат аён буда, ба саҳми ҳар яки онҳо дар меҳнат мушахас ва дуруст дода мешавад. Дар натиҷа ҷараёни меҳнат ва натиҷаи ниҳоӣ зич алоқаманд мешаванд, ки ин ҳама сабабгори замонати тақсимоти одилона шуда метавонад.

Корхонаҳои хурд қисми ҷудонашавандаи ситемаи иқтисодӣ-ичтимоии мамлакат мебошад.

Якум – муътадилии муносибатҳои бозориро дастгирӣ менамоянд, чунки кисми зиёди аҳолии ба ин системаи муносибатҳо ҷалб шудаанд. (ба фикри олимони хориҷӣ, муътадилии система дар шароите, ки 20 - 30 фоиз (%) аҳолии дорои кори хусусӣ бошанд, таъмин карда мешавад).

Дуввум – онҳо зуд ҳаракатии зарурiро дар шароити бозорӣ таъин менамоянд, тахссуси аниқи чукур ва кооперацияи ба соҳаҳо тақсим шудаи истеҳсолотро ташкил мекунанд, ки бе он самаранокии баланди он мавҷуд дошта наметавонад.

Сеюм – мавқеи корхонахои хурд дар фаъолияти корхонаҳои миёна ва калон доимо зиёд мешавад.

Корхонаҳои хурд, барои таъсиси худ воситаҳои зиёдро талаб намекунанд. Онхо ба дигаргуншавии вазъи бозор фавран эътимод мекунанд, зуд ва чобукона фаъолияти хоҷагидории худро тағйир медиҳанд. Соҳибкории хурд муҳити мусоид барои равнақи ташаббускорӣ ва уҳдабароӣ мебошад, ки бе онҳо иқтисодиёти самаранок ва муккамали ҷамъияти мутараққӣ вуҷуд дошта наметавонад. Қисми зиёди фикру ақидахои нави тез

инкишофёбанда, ки бо тараққиёти соҳибкорӣ вобастаанд, маҳз дар таҷрибаи корхонаҳои хурд ба вуҷуд меоянд ва дар амал татбиқ мешаванд. Ҳиссаи ҳайати коркунон дар корхонаҳои ИМА ва Ҷопон, фоизи шумораи умумии бо кор машғулон дар корхонаҳо.

Ҷадвали 2

Мамлакатҳо	Корхонаҳо			
	Хурд	Миёна	Калон	Ҳамагӣ
ИМА	54.5	24.0	21.5	100
Ҷопон	77.0	14.8	8.2	100

Чӣ хеле ки аз ҷадвал маълум мешавад, дар давлатҳои иқтисодиёташон мутараққӣ ҳиссаи коргарони бизнеси хурд нисбат ба нишондиҳандаҳои шуғл дар дигар корхонаҳо хеле зиёд аст.

Соҳибкории хурду миёна яке аз масъалаҳои муҳими иқтисоди бозорӣ буда, мавриди таваҷҷуҳи иқтисодчиён қарор дода шудааст. Перомуни мавзуи мазкур олимони соҳаи иқтисод баҳсу мунозираҳои гуногун намуда, фикри хешро баён намудаанд. Ба ҳама камбудию норасоиҳои ҷузъӣ нигоҳ накарда, соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳолати буҳронӣ раҳо ёфта, собиқадамона ба сӯи ояндаи худ равон аст. Соҳибкории хурду миёна дар оянда мавриди танзиму идораи оқилона, фаъолияти ташаббускоронаю судманди соҳибкорӣ, истифодаи боғайратонаву ҳамаҷонибаи захираҳои мавҷуда, татбиқ намудани усулу шаклҳои пешқадами хоҷагидорӣ, зиндагонии нисбатан осоиштаву некуаҳволии баландро барои шаҳрвандони кишвар муҳайё гардонида, бо ҳамин васила имкон медиҳад, ки миллати тоҷик дар миқёси тамаддуни башарӣ мавқеи намоёнро ишғол намояд. Корхонаи хурд - ташкилоти тиҷоратии шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқиест, ки фаъолияти соҳибкориро дар ҳудудҳои начандон калон мутобиқи талаботҳои муайяни бо қонунгузории муқарраршуда ба амал мебароранд.

Соҳибкории хурд дар кшиварҳои инкишофёфтаи хоҷагии бозорӣ муҳимтарин танзимкунандаи иқтисодиёт мебошанд, чунки барои созмон додани муҳити рақобатнок мусоидат намуда, бунёди умедбахши иҷтимоӣ ва эҳёи синфи миёнаро таъмин мекунад. Аз ибтидо дигаргунисозиҳои бозорӣ мафҳуми «соҳибкории хурд», «бизнеси хурд» ба ҳаёти мо ворид гардиданд.

Ба субъектҳои соҳибкории худ соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие, ки ба фаъолиятҳои зерин машғул мебошанд, дохил карда намешаванд:

- истеҳсоли молҳои зераксизӣ;
- таҳвили алюмини аввалия;
- фаъолият дар соҳаи истифодабарии қаъри замин;
- фаъолияти бонкӣ (ё барои машғул шудан бо намудҳои алоҳидаи амалиёти бонкӣ) ва суғуртавӣ;
- фаъолияти вобаста ба идоракунии фондҳои инвеститсионӣ;
- фаъолияти касбӣ дар бозори коғазҳои қиматнок;

Ҳамин тариқ, барои дохил намудани ташкилоти тиҷоратӣ ба корхонаи хурд ду аломат мавриди истифода қарор дода мешавад:

- мустақилияти нисбии иқтисодӣ аз дигар шахсон, яъне аз давлат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шахсони ҳуқуқие, ки соҳибкори хурд маҳсуб намешаванд;
- миқдори кормандон вобаста аз соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ.

Аз омӯзиши расмии Қонун дар бораи дастгирии соҳибкорӣ чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки танҳо ҷамъиятҳои хоҷагӣ, аз ҷумла, ҷамъияти саҳомӣ, ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ ҳамчун соҳибкори хурд баромад менамоянд, чунки танҳо ҳамин ташкилотҳои тиҷоратӣ сармояи оинномавӣ доранд.

Адабиёт:

1. Бузгалина М.М. Экономика переходного периода: учебник / под ред. Радаева В.В. – Москва: изд-во МГУ, 1995, ст-133-135.
2. Ершова И.В. Предпринимательское право: учебник. – М.: ИД «Юриспруденция», 2006. – 560с.
3. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2003.
4. Кодекси гражданин Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2008.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», аз 9.12.С.2004 //Маҷмӯи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ оид, ба танзими фаъолияти мақомоти зиддимонополистии ҶТ. – Душанбе, 2005.

Калидвожаҳо: *истеҳсолот, иқтисодиёт, равиш, сармоя, роҳбар, ташаббускорӣ, соҳибкории миёна, назорат, вобастагӣ, рушд.*

Аннотация

ПОЗИЦИЯ МАЛОГО И СРЕДНЕГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА ВО ВНЕШНИХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ СНОШЕНИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В этой статье рассматриваются некоторые вопросы развития предпринимательства с указанием уровня показателей производства и бизнеса основы малый бизнес в иностранных государствах является их основной задача. Малый бизнес помогает государстве в развитии его экономики и образованию разных денежных фондов.

Ключевые слова: *производство, экономика, процесс, фонды, инвестиция, малый бизнес, зависимость, руководит, самостоятельность, разнообразность.*

Annotation

THE CONTENT AND CONTENT OF THE BUSINESS PLAN AS A MEANS OF ATTRACTING ENTREPRENEURS TO INVEST

First of all, this is in regard to the use of large hydropower resources. The study shows that to completely satisfy the needs of the local economy. With electricity this type of hydropower energy is needed, which could become a driving force of development for the producers in the region.

This article provides some issues on the development of the business, and the indicator on the production level and the entrepreneurial indicators.

Keywords: *production, economics, the process, stock, work, investcaeson, provides, tehnological, loca, regard.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҳайдаров Олимҷон Мирзобоқиевич, донишҷӯи соли чоруми факултети технология ва иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: н.и.и., дотсент Оймаҳмадов Г.

Сведения об авторе: Хайдарова Олимджон Мирзобокиевич, студент четвертого курса факультета технологии и экономики Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни.

Научный руководитель: к.э.н., доцент Оймахмадов Г.

About the author: Haidarov Olimjon Mirzoboqievich, is a fourth -year student of the faculty of technology and economics of the Tajik State Pedagogical University by name S.Ayni.

Scientific director: Candidate of Economics, Associate Professor Oimahmadov G.

Ашурова С.,
донишҷӯйи солиҷоруми факултети иқтисодиёт ва идоракунии маориф

ХУЛОСАИ АУДИТОРӢ ВА ТАРТИБИ ПЕШНИҲОД НАМУДАНИ ОН

Хулосаи аудиторӣ дар асоси натиҷаҳои аудити ҳисоботи молиявии субъекти хоҷагидор, ки аз ҷониби ташкилоти аудиторӣ гузаронида мешавад, тартиб дода мешавад. Дар ҳисоботи аудиторӣ объекти аудит бояд ё бо номи ҳамаи қисмҳои ҳисоботи молиявӣ, ки нисбат ба онҳо аудит гузаронида шудааст, нишон дода мешавад.

Дар нишондоди объекти санҷиш инчунин бояд давраи хисоботӣ, санаи ҳисоботӣ ва номи субъекти хоҷагидор бошад, номи субъекти хоҷагидор мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсисии он нишон дода шавад.

Агар хулосаи аудиторӣ нисбат ба ҳисоботи молиявии субъекти хоҷагидор, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси ҳуқуқӣ мебошад, тартиб дода шуда бошад, пас чунин ҳисоботи молиявӣ бояд нишондиҳандаҳои тамоми филиалҳо ва воҳидҳои субъекти хоҷагидорро, новобаста аз мавқеи ҷуғрофӣ, ҷойгиршавӣ, сохтори ҳисобот, дараҷаи мустақилияти иқтисодию молиявӣ ва муносибатҳои дохилихоҷагӣ (аз ҷумла онхое, ки ба баланси алоҳида тақсим карда шудаанд), инчунин намояндагиҳоро дар бар гирад [5].

Ҳангоми тартиб додани хулосаи аудиторӣ ташкилоти аудиторӣ бояд тамоми ҳолатҳои муҳими дар натиҷаи аудити ҳисоботи молиявии субъекти хоҷагидор муқарраршударо ба назар гирад.

Хулосаи аудиторӣ наметавонад ва набояд аз ҷониби субъекти хоҷагидор ва истифодабарандагони манфиатдори хулосаи аудиторӣ ҳамчун кафолати ташкилоти аудиторӣ дар бораи мавҷуд набудани ҳолатҳои дигаре, ки ба ҳисоботи молиявии субъекти хоҷагидор таъсир мерасонанд ё таъсир расонида метавонанд, шарҳ дода шавад.

Агар дар натиҷаи аудит субъекти хоҷагидор ба ҳисоботи молиявӣ пеш аз пешниҳоди онҳо ба истифодабарандагони манфиатдор ислоҳҳои зарурӣ ворид карда бошад, пас дар хулосаи аудиторӣ набояд нишондодҳои ин ислоҳҳо мавҷуд бошанд.

Хулосаи аудитор бояд аз ҷониби шахсони ваколатдори ташкилоти аудиторӣ тибқи тартиби муқарраргардида шахсан имзо карда шавад. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои меъёри ҳуқуқӣ имзоҳои аудиторӣ бо меъёи дахлдор тасдиқ карда мешаванд.

Хулосаи аудиторӣ бояд ба забони давлатӣ навишта шавад. Нишондиҳандаҳои хароҷот дар ҳисоботи аудиторӣ бояд бо асъори миллӣ ифода карда шаванд. Дар хулосаи аудитор ислоҳҳо роҳ дода намешавад [1].

Субъекти хоҷагидоре, ки нисбат ба онҳо санҷиш гузаронида шудааст, инчунин шахсони дигар, аз ҷумла андоз ва дигар мақомоти давлатӣ ҳуқуқ надоранд аз ташкилоти аудиторӣ пешниҳоди ҳуҷҷатҳои корӣ ё нусхаи онро талаб кунанд, ба истиснои ҳолатҳои бевосита. ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст. Маълумоте, ки дар ҳуҷҷатҳои корӣ мавҷуд аст, махфӣ буда, аз ҷониби ташкилоти аудиторӣ ошкор карда намешавад. Ташкилоти аудиторӣ аз ҷониби худ вазифадор нест, ки ба субъекти хоҷагидоре, ки нисбати онҳо санҷиш гузаронида шудааст, ҳуҷҷатҳои кориро пешниҳод намояд. Вай ҳуқуқ надорад ва вазифадор нест, ки ба шахсони дигар, аз ҷумла андоз ва дигар мақомоти давлатӣ ҳуҷҷатҳои корӣ пешниҳод кунад, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита пешбинӣ кардааст [5].

Ҳамаи масъалаҳои муҳиме, ки мулоҳизаҳои касбии аудиторро тақозо мекунанд, якҷоя бо хулосаҳое, ки аз рӯйи ин масъалаҳо бароварда шудаанд, бояд дар ҳуҷҷатҳои корӣ инъикос карда шаванд. Он бояд ба қадри кофӣ мукаммал ва муфассал бошад, то аудитори ботаҷриба бо хондани он дар бораи аудити ташкилоти аудиторӣ фаҳмиши зарурӣ пайдо кунад. Маълумоте, ки ба ҳуҷҷатҳои корӣ дохил карда шудааст, тафсирҳои норавшанро истисно мекунад, мазмун ва шакли ифодаи онҳо танҳо метавонад хеле равшан ва равшан бошад.

Ҳуҷҷатҳои корӣ бояд сари вақт таҳия карда шаванд, яъне пеш, дар давом ва баъд аз аудит. То ба субъекти хоҷагидорӣ пешниҳод намудани ҳисоботи аудиторӣ ҳамаи ҳуҷҷатҳои корӣ бояд тартиб дода (қабул карда шаванд) ва пурра карда шаванд [2].

Сабтҳо дар ҳуҷҷатҳо бояд бо роҳи таъмини бехатарии сабтҳо дар муҳлате, ки барои нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳои корӣ дар бойгонӣ муқаррар шудааст, анҷом дода шаванд.

Автором на основе анализа высказываний и мнений исследователей даётся оценка особенностям социализации в различных коллективах, определяется граница между понятиями «коллектив» *и «социальная группа».*

Ключевые слова: *установка, социализация, фактор, развитие, команда, образование, результативность, деятельность, учащихся младшего возраста, личность, роль, род занятий, процесс, эффективность, технология, метод.*

Annotation

SOCIAL APPROACHES AND FACTORS OF ITS INFLUENCE ON THE FORMATION OF COLLECTIVE STUDENTS OF PRIMARY SCHOOL

This article states that all collectives (labor, educational, sports, etc.), regardless of the type of socially useful activity, are a certain part of society. Based on the analysis of statements and opinions of researchers, the author gives an assessment of the features of socialization in various groups, defines the boundary between the concepts of "collective" and "social group".

Keywords: *attitude, socialization, factor, development, team, education, performance, activity, young students, personality, role, occupation, process, efficiency, technology, method.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Набиев Сазовор Амрохонавич, магистранти соли аввали кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Суроға: 734003 ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121. Тел.: +992 989095132

Роҳбари илмӣ: н.и.п., дотсент Сатторов С. О.

Сведение об автора: Набиев Сазовор Амрохонавич, магистрант первого курси кафедры общей педагогики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, Адрес: 734003 г. Душанбе, проспект Рудаки 121. Тел.: +992 989095132

Научный руководитель: к.п.н., доцент Сатторов С. О.

About the author: Nabiev Sazovor Amrokhonavich, 1st year undergraduate student of the Department of General Pedagogy of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Address: 734003 Dushanbe, 27 Krupskaya Avenue. Tel.: +992 989095132

Раҷабова Манижа,
магистранти соли аввали факултети психология ва таҳсилоти фарогир

МУШКИЛИҲОИ ПСИХОЛОГИИ ОИЛАҲОИ МУОСИР

Зиндагӣ собит намудааст, ки ишқу муҳаббати ҷавонон масъалаи дигар асту оила барпо кардан масъалаи дигар. Зеро ҳаёт баъзан нозу инҷиқиҳои ошиқонаро мебардорад, вале оила наметавонад чунин амалҳоро иҷро намояд.

Психологон мушкилиҳои асосии психологии оилаҳои муосирро дар чунин сабабҳо мебинанд:

1. Гузашт карда натавонистан ба ҳамдигар. Агар дар оила ҳарду ҳамсар ё яке аз онҳо гузашт карда наметавонад ва тавоноии гузоштани қадами аввалинро надошта бошад, пас ин амал аксар вақт ҷуфти оиладорро ба ҷудоӣ оварда мерасонад. Психологон бар он ақидаанд, ки дар муносибатҳои оилавӣ бояд ҳарду ҳамсарон гузашт кунанд. Лекин аввалин шуда шахсе гузашт мекунад, ки вай дарк мекунад, ки муқовимат кардан ба ҷудошавӣ оварда мерасонад.

Албатта дар таҷрибаи ҳаётӣ омӯхтани истодагарӣ, бо боварӣ ҳимоя карда тавонистани нуқтаи назари худ хеле муҳим аст. Инчунин дар суҳбат далелҳои мантиқӣ додан ва нутқи эмотсионалиро кам кардан лозим аст. Ҳангоми ҳамсарро бовар кунонида натавонистан хуб аст, аз баҳси бефоида даст кашида роҳи сулҳу салоҳро пеша намоед. Муноқишаҳои оилавиро ба ҷанҷол, низоъ ва равшанкунии муносибат ҳал кардан ғайримкон аст. Эҳтиром кардани якдигарро ёд гирифтан низ ифодагари фарҳанги ботинии инсон аст, ки мақсади он фароҳам овардани муҳити солими оилавӣ мебошад. Пас бояд ҳадди ақал дар баробари талаботҳои ҳамсар гузашт намудан аҳамиятнок аст. Ҳолатҳое мавҷуданд, ки гузашт кардани яке аз ҳамсарон зарур ва ҳаётан ниҳоят муҳим аст.

Баъзе аз онҳо инҳоянд:

1) Ҳамсараш афсурдаҳол аст, буҳрони шадиди эмотсионалиро аз сар мегузаронад, худро беэътимод эҳсос мекунад. Муносибат намекунад, на ба он хотире, ки дар ғазаб аст, балки барои он ки хафа аст ва фикр мекунад, ки азизу маҳбуб нест ва бадбахт аст.

2) Ҳамсар ҳақиқатан дар иддаои кардааш ҳақ аст, бинобар ин қадами аввалинрр намегузорад. Ҷасур буданро бояд фаромӯш накунед ва дар худ қувваеро пайдо кунед, то ки хатоги ва гуноҳи худро эътироф кунед. Баъзан барои оштӣ шудан якчанд калимаи бо муҳаббат ва таваҷҷуҳи одди кифоя аст. Баъзан ихтилофҳоро бо ёрии суҳбати ҷиддӣ ҳал намудан лозим аст. Албатта қадами аввалинро бояд шахсе мегузорад, ки иштибоҳ аз ӯ сар задааст.

3) Баъзан, барои ҳалли мушкилоти вазнин, аз низоъҳои тулонӣ баромадан кофӣ аст, ки яке аз ҳамсарон бо ҳамсари худ алоқа барқарор кунад ва инчунин созиш ё роҳи баромадан аз ин ҳолатро дарёбанд. Бинобар ҳамин вакте, ки ихтилофҳои оилавӣ ба вайрон шудани муносибат ва ҷудошавӣ оварда мерасонад, шумо бо кӣ маслиҳат мекунед? Бояд андешаронӣ намоед на фармону супориш диҳед. Дар хотир гиред, ки аксар вақт шахси тавоно, хирадманд ва қобилияти ҳамдардӣ намуданро дорад гузашт менамояд [4, 126].

2. Мувофиқат накардани худбаҳодиҳии ҳамсарон. Аз хурдсолӣ волидайн ба кӯдак баҳо медиҳанд, баъдтар бошад –одамони гирду атроф. Дар натиҷаи худтаҳлилнамоӣ ва сабабҳои берунаи дар боло овардашуда, дар ҳар як шахс худбаҳодиҳӣ ба вуҷуд меояд. Худбаҳодиҳӣ баланд, паст ва миёна шуда метавонад. Худбаҳодиҳӣ дар муносибати одам бо атрофиён ва ба воситаи худсобиткунӣ зоҳир мегардад. Шахсе, ки худбаҳодиҳии паст дорад, шармгин, ноуҳдабаро буда, эҳтиётқорона ба корҳои гуногун ҳамроҳ мешавад. Ӯ қобилият ва имкониятҳои худро пасттар баҳо медиҳад. Одами дорои худбаҳодиҳии баланд нисбати одамони гирду атроф муносибати бад доранд. Дар ин ҳолат худтанқидкунӣ инкишоф меёбад. Аксар вақт ӯ имкониятҳо ва комёбиҳои воқеии худро аз ҳад зиёд баҳогузорӣ мекунад. Чунин шахс худро нисбат ба одамони атрофиёнаш баланд баҳогузорӣ мекунад. Барои чунин шахс хушбахт будан душвор аст, зеро вай доимо аз чизе –шароити зиндагӣ, муҳити атроф, амалигардонии хоҳишҳои худ муомилаю муносибати одамони гирду атроф ва ҳатто аз аҳли хонавода норозӣ аст. Барои ӯ тағйир додани тасаввуротҳо дар бораи худ осон нест. Ин аз худи шахс ва наздикони ӯ саъю кӯшишҳои зиёдеро талаб мекунад. Барои тағйирёбӣ замон ва баъзан ёрии психолог лозим мешавад. Одаме, ки дорои худбаҳодиҳии паст аст, барои ӯ низ аксар вақт осон нест. Вай аз ба воқеият ҳамроҳ шудан ва муошират намудан метарсад. Ба ӯ чунин ба назар мерасад, ки ӯро нокомӣ ва ноомадиҳо интизор аст. Қисми зиёди чизҳои вай бо ҳиссиёти манфӣ алоқаманд аст.

Аксар вақт чунин шахс ҳолати «чашмҳои тар аст» –ро ифода мекунад, ки яъне табъи хира дорад ва ин муносибати манфиии атрофиёнро нисбати ӯ дучанд мекунад ва ақидаю андешаҳои онҳо маҳкам мешавад.

Агар рафиқ ё ҳамсар бомаърифат бошад, суханони таҳқиромез нагӯяд, ба хатогиҳои кӯчак аҳамият надиҳад ва кӯшиш намояд, ки ҳамсарашро ором кунад, итминон диҳад, ки ҳеҷ чизи даҳшатноке рух намедиҳад ва ҳама чиз хуб хоҳад шуд, пас ҳаёташон хушбахтона ва зиндагиашон устувор шуда метавонад. Шахсе, ки хамсараш дорои худбаҳодиҳии паст мебошад, донистани он лозим аст, ки чунин шахс дар таҳи дил ақида дорад, ки ӯро барои ҳеҷ чиз дӯст намедоранд аз ин рӯ вай «ниқоб» мепӯшад ва мекӯшад, ки хушҳол, чақчақӣ ва баъзан ҳатто саркаш бошад. Ин рафторро ҳангоми муошират намудан ва ҳалли мушкилот ба назар гирифтан лозим аст. Одаме, ки худбаҳодиҳии миёна дорад дақиқ медонад, ки ба чӣ қодир аст ва он кореро ба уҳда мегирад, ки итминон дорад муваффақ мешавад. Психологон ақида доранд, ки зану шавҳаре, ки худбаҳодиҳии миёна доранд, барои ҳукмфармоӣ ва ба тобеъ кардани якдигар қодир нестанд. Онҳо аксар вақт рафиқу ҳамсари ҳамақидаанд ва дар як сатҳи инкишоф ҳастанд, якдигарро дастгирӣ мекунанд.

3. Эгоизм ё худ худбинӣ (худдӯстдорӣ, худхоҳӣ) аз тарафи ҳамсарон. Ин яке аз сабабҳои маъмултарини низоъҳои оилавӣ мебошад. Дар чунин оила зан ё шавҳар танҳо дар бораи худ ва талаботҳои худ фикр карда, манфиатҳои дигаронро ба назар намегирад. Масалан, зан метавонад фикр кунад, ки бо издивоҷ кардан бо ҳамсараш ӯ шавҳарашро хушбахт кард. Инчунин, тақрибан дар ҳамаи ҷуфтҳои ҷудошуда ва ихтилофҳои байни ҳамсарон буда, онҳо намефаҳманд, ки чаро ҳамсараш аз онҳо розӣ нест, зеро онҳо гунаҳкор будани худро ҳис намекунанд. Қариб ҳамаи одамон амалҳо, кирдор ва рафтори дигаронро аз нуқтаи назари талаботҳои худ баҳогузорӣ мекунанд. Агар ҳамзамон баъзеҳо ҳанӯз мақсад ва хоҳишҳои дигаронро нафаҳманд, ки ин ба ҳамдигарнофаҳмӣ ва сар задани низоъҳо оварда мерасонад. Дар натиҷа чунин мешуморанд, ки издивоҷашон муваффақ набуд. Аксар вақт дар оилаҳое, ки эгоизм ҳукмфармост, як узви оила (зан ё шавҳар) ба дигараш итоат мекунад. Махсусан шахсе, ки итоат мекунад кӯшиш менамояд, ки талаботҳои «ҳоким»-ро қонеъ намояд. Одатан ин талаботҳо моддӣ мебошанд. Пас итоаткорон амали дуюми худро мечӯянд ва мекӯшанд бо ҳар роҳ»пул» ба даст оранд, аммо тавре ки таҷрибаҳо нишон медиҳад, талаботҳо рӯз то рӯз зиёд шудан мегирад. Дар натиҷа шахс азоб кашида худро бадбахт ҳис менамояд ва ба дигарон ҳасад мебарад.

Маҳз дар чунин оилаҳо низоъ зиёд ба чашм мерасад. Аммо аксар вақт ҳалли ин низоъҳо ба мустаҳкамшавии оила оварда намерасонад, балки оиларо вайрон мекунад. Зеро талаботҳои зердастон ҳамоно ношунида мондааст, алалхусус аз он сабаб, ки дар аксари ҳолатҳо онҳо созиш накардаанд.

Дар аксари ҳолатҳо ақидае, ки ҳамсарашон ҳақ нест дар шахси ҳукмфармо мустаҳкам мегардад, чунки ҳамсарон ба талаботҳо ва шартҳои онҳо розӣ мешаванд.

Пеш аз он ки чунин тарзи ҳаёт ба талоқ омада расад, вақти зиёде мегузарад. Гузашта аз ин, ҳарду ҳамсарон худ ба ақидаи ҷудошавӣ меоянд, зеро як кас ба талаботи афзояндаи дигараш тоб намеорад ва дуввуми розӣ намешавад, ки «сабр» кунад ва хоҳишҳои худро нобуд кунад, яъне талаботҳои худро маҳдуд намояд.

4. Бевафоии ҳамсарон, ки баъзан муддати тулонӣ давом мекунад ва ё баръакс, ба тезӣ маълум мегардад. Бевафогии ҳамсарон –яке аз сабабҳои маъмултарини талоқ мебошад. Чӣ ҳамсаронро ба хиёнат водор мекунад? Дар ҷомеа ақидае вуҷуд дорад, ки онҳо ҳангоми бо муҳаббати нави ҳамаро фарогиранда рӯ ба рӯ шудан хиёнат мекунанд.

Сабабҳои бевафогии ҳамсарон гуногун шуда метавонад. Тибқи маълумотҳои оморӣ, сабаби хиёнат дар навбати аввал ҳолати мастӣ ва идора накардани рафтори худ мебошад. Дар ҷои дуюм, мароқ ва хоҳиши ҳиссиётҳои нав мебошад. Сеюм, набудани таъсири ҳамсар дар вақти ҷудошавӣ ё худ муддати тулонӣ аз ҳамдигар дар дурӣ будан. Чорум, яке аз маъмултарин падида дар замони муосир дар заминаи тақлидкунӣ, ҳавою ҳавас, интихоб намудани маъшуқа дар ҷои кор, аз ҳисоби шиносҳои айёмӣ мактаббачагӣ мебошад. Боз ҳангоми ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани мард. Аксари мардони тоҷик баъди оиладоршавӣ ба Русия ба муҳоҷиратӣ меҳнатӣ мераванд ва хонаводаи худро фаромӯш мекунанд. Ин низ боисӣ бевафогӣ ва дилсардии ҳамсарон мегардад. Дар ҷомеаи муосир, ин вазъиятро секунҷаи ҳамсардорӣ меноманд. Психологон аз рӯи таҷрибаи амалӣ чунин мешуморанд, ки «секунҷа» то дараҷаи кам ё зиёд ба нисфи тамоми ҷуфтҳои ҳамсарон дахл дорад.

Пештар мардон бо ноустуворӣ фарқ мекарданд. Ҳоло шумораи хиёнаткунандагон дар ҳарду тараф баробар шудааст.

Шавҳари хиёнаткор –метавонад эгоисте бошад, ки танҳо дар бораи қонеъ кардани талаботҳои худ фикр мекунад ва дигарон барояш аҳамияте надоранд. Ӯ шахсе буда метавонад, ки ҳамеша дӯст доштани зани худро изҳор медорад, тасмими аз ҳамсараш ҷудо шуданро надорад, аммо «вай ҳамин хел офарида шуда аст» ва дар ин бора ҳеҷ кор карда наметавонад. Ҳастанд нафароне, ки аз фазои нохуби хона фирор намуда, кӯшиш мекунанд, ки дар дигар ҷо гармӣ ва роҳатро пайдо кунанд ва дар охир вақте ки шахс тобеъи рағбати худ мешавад азоби виҷдон мекашад. Чунин шавҳарон мекӯшанд, ки иштибоҳи худро ҷуброн намоянд, аз ҳад зиёд бодиққат мешаванд ва ҳамаи хоҳишҳои занро кӯшиш мекунанд, ки иҷро кунанд.

Одатан, дӯстони мардони оиладор аз занони худ хеле ҷавонтаранд. Аммо шавҳаронро на танҳо синну сол ҷалб мекунад, балки онҳо мехоҳанд ба худ исбот кунанд, ки ҳоло ҳам тавоноии диққат ҷалб карданро доранд. Дар зиёда аз 75% ҳолатҳо, мардон дар шарики тасодуфӣ чизе ки интизориашро доштанд пайдо намекунанд ва ҳамсаронашонро бештар қадр мекунанд. Онҳо оиларо тарк намекунанд, аммо шахсони рафта аксар вақт бармегарданд. Аммо, ҳатто агар дар байнашон оштишавӣ сурат гирад ҳам, сояи нобоварӣ ва дилозорӣ боқӣ мемонад.

Чаро занон хиёнат мекунанд? Дар инҷо низ якчанд сабабҳо мавҷуданд. Шавҳар низ гунаҳкор буда метавонад: барои ҳамсараш маҳбуб шуда натавонист ва ҳамсараш худро хушбахт ҳис намекунад. Инчунин мешавад, ки зан аз алоқаи ҷинсӣ бо тарафдорони худ бештар ҳаловат мебарад. Ба вай чунин менамояд, ки ин беҳтарин вариант аст. Дар асл, ин тарафдорон танҳо дар муносибат бо дигар занон бо назокат ҳастанд, лекин занони худро таҳқир мекунанд. Илова бар ин, мушкилии зиёди занон дар он аст, ки онҳо таваҷҷуҳи ҳамсарони худро пай намебаранд ва комплиментҳои мардони дигар (ошиқонашон) ба назарашон исботи муҳаббат аст. Чунин амал аз тарафи дигар дар байни занон, дар 90% ҳолатҳо ба ноумедӣ, пушаймонӣ ва азоби виҷдон оварда мерасонад. Онҳо чунин меҳисобанд, ки ҳифзи оила маъное надорад. Бисёри одамон ақида доранд, ки хиёнат яке аз роҳҳои ҷудошавӣ мебошад. Психологон бар ин ақида розӣ нестанд. Набояд ба эҳсосот дода шуда, теша ба реша зад. Албатта, хиёнат бисёр ғаму андуҳро меорад. Аммо, хиёнатҳое, ки бо гуноҳи сабукфикрӣ ва заифии хислат ба вуҷуд омадаанд ба издивоҷи онҳо таҳдид намекунанд, балки ба беҳурматӣ нисбати ҳамсарашон шаҳодат медиҳанд [3, 150].

Адабиёт:

1. Алешина Ю. Е. Индивидуальное и семейное психологическое консультирование. – Москва, 2003. – 175 с.
2. Алешина Ю. Е. Удовлетворенность браком и межличностное восприятие в супружеских парах с различным стажем семейной жизни: Дисс. канд. психол. наук. – М., 1995. – 250 с.
3. Психология семейных отношений с основами семейного консультирования. Уч псс. Для вузов. Под ред. Силяевой Е.Г. – Москва: Изд-во Центр «Академия», 2002 – 192 с.
4. Хуррам Раҳимзод. Бунёди оилаи солим. – Душанбе, 2010. – 213 с
5. Хуррам. Раҳимзод, Ш. Ёрмуҳаммадзода, Л. Назирова, Н. Амонов. Маърифати оиладорӣ. – Душанбе: Маориф, 2015. – 192 с.

Калидвожаҳо: *худбаходиҳӣ, мутобиқати психологӣ, эгоист, муҳаббат, зебопарастӣ, талабот.*

Аннотация

ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ СОВРЕМЕННЫХ СЕМЕЙ

Психологи и социиологи считают, что психологические проблемы в молодых семьях возникают по причине отсутствия привязанности и любви между мужем и женой, несоответствие типов темперамента, в материальном и душевном требовании, различные мечты на будущее, ранное вступление в брак, неумении прощать друг друга, несоответствия

самооценки между супругами. Автор излагает краткую информацию про каждой из этих проблем.

Ключевые слова: *самооценка, психологическая совместимость, эгоизм, любовь, симпатия.*

Annotation

PSYCHOLOGICAL PROBLEMS OF MODERN FAMILIES

Phychologists and sociologists think that reasons to psychological provlems in young families et absence attachment and love between husband and wife, inconsistency the tupe of tempenament, materiolly and mental demand, different dreams about future, errliest marriage, not being able to forgine each other, self_rating discrepancy between marrieds. Author exposition briefly inforation about each of these problems.

Keywords: *self-esteem, psychological compatibility, selfishness, love, sympathy.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Рачабова Манижа, магистранти соли аввали ихтисоси психологияи амалии факултети психология ва таҳсилоти фарогири ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Телефон: +992 907333775

Роҳбари илмӣ: н.и.п., дотсент Худойдодова Ф.

Сведения об авторе: Раджабова Манижа, магистрантка первого курса прикладной психологии факультета психологии и инклюзивного образования ТГПУ им. С. Айни. Телефон**:** +992 907333775

Научный руководитель: к.п.н., доцент Худойдодова Ф.

About the author: Rajabova Manizha, first-year master of applied psychology, faculty of psychology and Inclusive Education, Tajik State Pedagogical University S. Aini. Tel.**:** +992 907333775

Scientific adviser: PhD, Associate Professor Khudoidodova F.

Ғафурова Мадина Шералиевна,
магистранти соли аввали факултети психология ва таҳсилоти фарогир

РАВАНДИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ИРТИБОТОТӢ ДАР КӮДАКОНИ ГИРИФТОРИ АУТИЗМ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли афзоиши шумораи кӯдакони гирифтори ихтилоли соҳаи эмотсионалӣ ва ихтиёрӣ, аз ҷумла кӯдакони гирифтори аутизм хеле зиёд мушоҳида мешавад. Дар ин кудакон, ки заковат, нутқ, шунавию бинишашон суст инкишоф меёбад ва муддати дароз барномаҳои таълимиро аз худ карда наметавонанд. Барои ин гуна кӯдакон усулҳои махсуси кор карда баромада шудаанд. Аз ҷумла барои ин гуна кӯдакон дар мактабҳои олӣ мутахассисон дефектолог ва логопед тайёр карда шудаанд. Системаи кумак ба кӯдакони аутист дар даҳ соли охир ба роҳ монда шуда истодааст. Ҳангоми кор бо чунин кӯдакон муносибати махсусро аз мутахассисон талаб карда мешавад. Пеш аз ҳама, шароити махсус ба ин кудакон фароҳам овард шарт ва зарур шуморида мешавад. Ҳолати эҳсосӣ ва равониро дар корҳои ислоҳӣ ва педагогӣ ба қайд гирифтан лозим аст. Дар айни замон аз тарафи мутахассисон Лебединская К.С., Никольская О.С., Баенская Е.Р., Либлинг М.М., Мамайчук И.И. сарчашмаҳои махсуси педагогика ва психологияи коррексионӣ омода карда шудааст [5, 93].

Аутизм чунин намуди бемориест, ки он ба муошират нутқи ва ғайринутқӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ, рафти инкишоф таъсир мерасонад.

Нишонаҳои бемории аутизм инҳоянд: инкишофи ақлию зеҳнӣ, қобилият ва рафтори онҳо аз кӯдакони солим фарқ мекунад, баъзеи онҳо гап намезананд, доираи нутқашон маҳдуд ва калимаю ибораҳо, ҷумлаҳоро такрор менамоянд. Дар ҳолати ба дараҷаи сабуки аутизм гирифтор будан, кӯдак доир ба баъзе мавзуъҳо сухан меронанд, вале ба онҳо тафаккури абстрактӣ хос аст. Баъзан ин кӯдакон якбора ба раванди машғулиятҳо, хусусияти ашёҳо вокуниши ғайристандартӣ мушоҳида карда мешавад.

Ба дунё омодани кӯдакони дорои аутизм дар оила мушкилиҳоро ба вуҷуд меорад. Баъзе волидайн баъд аз таваллуди кӯдаки дорои аутизм, ба аффект дучоршуда, мӯҳлати дурру дароз худро идора карда наметавонанд. Ба волидайн ақидаи ғайриилмӣ ба вуҷуд меояд. (Ман гуноҳе кардам ва барои ин гуноҳам ба манн худованд ҳамин кӯдакро офарид). Ақидаҳои ғайриилмӣ аз сабаби надоштани дониш, маҳорат ва малака пайдо мешавад.

Волидайне, ки то имрӯз нисбати кӯдакони дорои аутизм маълумот доштанд, фикру ақидаи худро барои тарбияи кӯдак сарф мекунад. Аз ҷумла: худхизматрасониро ба ӯ аз хурдӣ меомӯзад, кӯдакро ба мактаб тайёр мекунад ва ғайра.

Мавҷудияти ин беморӣ то синни 3-солагӣ аллакай маълум мегардад. Аввалин маротиба ин бемориро волидайн мушоҳида менамояд.

Ин кӯдакон дорои ду хусусият мебошанд, аввал:

-аз муошират кардан канорачӯи мекунанд;

-дури ҷустан аз одамон ва фурӯ рафтан бо олами ҳиссиёти худ;

-диққати ноустувор доранд;

-тез монда мешаванд;

-асабӣ мешаванд;

Дувум:

-бо телефонии мобилӣ ё планшет кор кардан барояшон ҷоиз аст (бо ин роҳ бо дигарон муошират мекунанд);

-кашидани расмро дӯст медоранд;

-бавоситаи фаъолият (бозӣ) гузаронидани машғулият;

Аутизм кӯдакро ба ҳолати танҳоӣ оварда мерасонад. Онҳо ҷаҳони дигар доранд. На онҳо моро, балки мо онҳоро бояд дарк намоем ва кӯшиш намоем, ки дар ҷаҳони онҳо тобеъ шавем. Ҳар як фард аз якдигар фарқ мекунад. Ҳар як фард намуди фарқкунанда дорад, муошираташон фарқ мекунад, қобилияти гуногун доранд ва ғайра. Кӯдакони дорои аутизм низ аз кӯдакони дигар фарқ доранд [5, 29].

Мутахассисон то ҳол иллати муоина ва ташхис кардани кӯдакони дорои аутизмро ошкор накардаанд. Аз ин лиҳоз дар шароити имрӯза дар ҳамаи мактабҳои ҳамагони кӯдакони дорои аутизм баробари дигар кӯдакон, таълим ва тарбия дода мешаванд. Маълум аст, ки системаи мактаб мушкилӣ дорад на кӯдак. Муаллимон кӯшиш намоянд, ки ситемаи мактабро барои кӯмак расонидан ба кӯдак мутобиқ гардонанд.

Мисол: машғулияти суруд ё мусиқӣ барои кӯдакони дорои аутизм зарур шуморида шуда майнаи сари онҳоро инкишоф медиҳад. Дар дарси рашмкашӣ бештар кӯдакон худ варақ, ранг, қаламро интихоб менамоянд ва ба хоҳиши худашон расм мекашанд. Баъзан омӯзгор метавонад танҳо як рангро пешниҳод кунад, ё ин ки баъзан дар замин, девор ё тахтаи синф барои расмкашидан иҷозат медиҳад, яъне омӯзгор ҷои расмкаширо иваз менамояд. Кӯдакони дорои аутизм ба ин оҳиста-оҳиста мутобиқ мешаванд.

Саволе ба миён меояд, аутизм бемори ҳисобида мешавад ё на? То имрӯз дар тамоми мамлакатҳои дунё ин проблема ҳалли худро наёфтааст. Табобати аутизм танҳо аз худи шахсият вобастагӣ дорад. Кӯдакони дорои аутизм ба дарс шавқу ҳаваси беандоза доранд. Волидайн ва омӯзгорон вазифадоранд, ки рағбати кӯдаконро мушоҳида намуда, мувофиқи қобилияту тавоноияшон вазифаҳо пешниҳод намоянд.

Барои беҳтар кардани таълиму тарбияи кӯдакони дорои аутизм барои мактабҳо чунин шароит фароҳам овардан зарур аст.

- тайёр намудани мутахассисон;
- мадади ташкилотҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои байналмиллалӣ;
- гузаронидани семинарҳо барои волидон;
- қадам ба қадам омӯхтани маводҳои таълимӣ (ҳар рӯз як мавзуи нав);
- ҳавасмандкунии кӯдакони дорои аутизм (офарин, бале, хеле хуб, донояки ман, задани қарсак ва ғайра);

Ба мавриди аст, ки омӯзгор меҳнати кӯдаконро ба инобат гирифта дарси худро сабт (видеокамера) намуда, ба хонандагон пешниҳод намояд. Дар ин ҳолат кӯдак ба меҳнати худ баҳо дода, натиҷабардорӣ карда метавонад.

Чуноне ки дар боло қайд гардид, кӯдакони дорои аутизм баъзан ба хомӯшӣ риоя мекунанд, баъзан дар лаҳзаҳои дарс доду фарёд мекунанд. Ин, албатта, равиши дарсро вайрон мекунад. Барои кӯдакони дорои аутизм хондан, навиштан ва ҳисоб кардан зарур аст ва ба мактаб рафтани ин кӯдакон муҳим аст, чунки:

- таълим ба кӯдакон кӯмак мерасонад, ки одами калонсоли мустақил гарданд;
- таълим кӯдаконро барои қобилият доштан ба кор ва омӯхтани зиндагӣ омода месозад;
- таълим кӯдаконро оиди чӣ тавр ба дигарон алоқаи хуб доштан, чӣ тавр рафтор кардан бо дигаронро меомӯзад;
- таълим қобилиятҳое, ки кӯдакон доранд онҳоро инкишоф медиҳад;
- таълим ба кӯдакон кӯмак мерасонад, ки қоидаҳоро қабулкунанд ва ҷавобгариҳоро ба ӯҳда гиранд;
- таълим ба кӯдакон ёрӣ мерасонад, ки дӯстиро барқарор намоянд ва ҳиссиёти ба гурӯҳ дахлдоштанро ба онҳо пешниҳод мекунад;
- таълим бо кӯдакони дорои аутизм оиди аъзои манфиатовари оила ва ҷомеа фаъолиятҳо бурданро меомӯзад [1, 28].

Ҳамаи инҳо кӯмак мерасонад он маҳдудияте, ки кӯдакони дорои аутизм доранд, бартараф карда шаванд.

Адабиёт:

1. Никольская О. С, Баенская Е. Р, Либлинг М. М. Аутичный ребенок. Пути помощи. – М.: Центр традиционного и современного образования «Теревинф», 2007. – 342 с.
2. Деряевой О. В, Научн. ред. Л. М. Шипициной, Д. Н. Исаева. – М.: ВЛАДОС, 2002. – 144 с.
3. Рубан О. В. Молодые ученые нашей новой школе. Материалы 10 юбилейной научно - практической межвузовской конференции молодых ученых и студентов учреждений высшего и среднего образования городского подчинения. – М.: МГППУ, 2011.
4. Рубан О. В. Коррекция и профилактика нарушений поведения у детей с ограниченными возможностями здоровья. Материалы Первой всероссийской научно - практической конференции. – М.: МГППУ, 2011. – 400 с.
5. Рубан О. В. Русская традиция «пестования» в воспитании современными матерями детей с нормативным и проблемным развитием [Текст] Н. Л. Белопольская, О. В. Рубан, А. А. Слепухина, Безпальчева О. В. Актуальные проблемы психологического знания. 2014. - № 4. – 290 с.

Калидвожаҳо: *Кӯдак, аутизм, нутқ, мушкилот, волидайн, психология, расм, мутахассисон, шавқурағбат*

Аннотация

ПРОЦЕСС РАЗВИТИЯ КОММУНИКАТИВНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ У ДЕТЕЙ С АУТИЗМОМ

Аутизм – расстройство, возникающее вследствие нарушения развития, характеризующееся выраженным и всесторонним дефицитом социального взаимодействия, а также ограниченными интересами и повторяющимися действиями. Так же аутизм можно охарактеризовать как «экстремальное» одиночество ребенка. При аутизме наблюдается снижение способности к установлению эмоционального контакта, коммуникации и социальному развитию. Особенно ярко это проявляется в неумении детей продолжить и развить диалог, который часто распадается из-за отсутствия встречной активности партнера. Для ребенка значительно важнее его собственное действие или высказывание, а инициатива сверстника в большинстве случаев им не поддерживается.

Ключевые слова: *Дети, аутизм, речь, трудности, родители, психологическая картина, профессиональный, заинтересовать.*

Annotation

THE PROCESS OF DEVELOPING COMMUNICATION ACTIVITIES IN CHILDREN WITH AUTISM

This is especially clearly manifested in the inability of children to continue and develop a dialogue, which often falls apart due to the lack of reciprocal activity of the partner. For a child, his own action or statement is much more important, and in most cases the initiative of a peer is not supported by him. Autism is a developmental disorder characterized by severe and pervasive deficits in social interaction, as well as limited interests and repetitive activities. Similarly, autism can be characterized as the «extreme» loneliness of a child. In autism, there is a decrease in the ability to establish emotional contact, communication and social development.

Keywords: *Children, autism, speech, difficulties, parents, psychological, picture, professional, interest.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ғафурова Мадина Шералиевна, магистранти соли аввали факултети психология ва таҳсилоти фарогири ДДОТ ба номи С, Айнӣ. Тел.: +992 900657979

Роҳбари илмӣ: н.и.п., дотсент Рамазонова Р. С.

Сведения об авторе: Гафурова Мадина Шералиевна, магистрантка первого курса факультета психологии и инклюзивного образования ТГПУ имени С.Айни. Тел.: +992 900657979

Научный руководитель: к.п.н., доцент Рамазонова Р. С.

About the author: Gafurova Madina Sheralievna, master of the first year, Faculty of Psychology and Inclusive Education, S. Aini TSPU. Tel.: +992 900657979

Каримова Шаҳноза,
магистранти соли аввали факултети психология ва таҳсилоти фарогир

МАФҲУМИ ФАРД, ШАХС ВА ШАХСИЯТ ДАР ИЛМИ ПСИХОЛОГИЯ

Фард сифатҳои табиӣ ва дар зиндагӣ пайдокардаи одамро ифода мекунад. Хусусияту сифатҳое, ки фарди муайян дорад, дар ҳамин шаклу зуҳурот ба дигарон хос нест. Фард махсусияту муайянии хоссаи морфологӣ, физиологӣ ва психологии худро дорад, ки дар ҳамбастагӣ бо муҳит ва фаъолияти он сурат мегирад. Махсусияти ҳар як фард дар сатҳи зиндагии биологии он низ зоҳир мешавад. Худи табиат дар ҳар як фард нотакрории онро муайян мекунад. Психологон низ бар он ақидаанд, ки хусусиятҳои характери фард танҳо ба худи ҳамон шахс хос аст. Ҳар як фард новобаста аз типи мизоҷ хусусиятҳои характери ба худ хосро доро мебошад.

Фард махсусият ва муайянии мушаххаси одами алоҳида, сифатҳои табиӣ ва дар зиндагӣ пайдокардаи онро ифода мекунад. Хусусияту сифатҳое, ки фарди муайян дорад, дар ҳамин шаклу зуҳурот ба дигарон хос нест. Фард махсусияту муайянии хоссаи морфологӣ, физиологӣ ва психикии худро дорад, ки дар ҳамбастагӣ бо муҳити зиндагӣ ва фаъолияти он сурат мегирад. Махсусияти ҳар як фард дар сатҳи зиндагии биологии он низ зоҳир мешавад [2, 121].

Дар зери мафҳуми «фардият» ташаккулу зуҳуроти хислату хусусиятҳои фард фаҳмида мешавад, ки дар махсусияти худ ба дигарон монанд нест. Фардият нотакрории фарди алоҳидаро дар кулли сифатҳо ва зуҳуроти он ифода мекунад. Фардияти инсон фақат дар ҷамъият ва муносибатҳои ҷамъиятии бо дигарон доштааш сурат мегирад. Кӯдакони аз ҷамъият берунмонда фақат аз ҷиҳати биологӣ ва он ҳам бошад, аз рӯи нормаи биологии ба ҳайвон хос амал мекунанд. Дар байни онҳо зиндагӣ карда, ба воя расида, «тарбия» гирифта, ҳангоми ба ҷамъият ва муҳити зиндагии инсонӣ баргардониданашон фардияти инсонӣ пайдо карда натавонистанд, ҳарчанд ки генотип ва хусусиятҳои табиӣ -ҷисмонии худро нигоҳ доштанд.

Фардияти ҳар як кас нотакрор буда, бо ирсияти биологӣ ва шароити зисту фаъолияташ дар ин ё он муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ, хусусан муҳитҳои хурди иҷтимоӣ (микросреда) ташаккул меёбад. Шароиту вазъияти нотакрори муҳити хурди зисту фаъолияти ҳар як фард дар ӯ хусусияту сифатҳои нотакрорро ба вуҷуд меорад. Фардият дар зуҳуроту алоҳидаи худ маҷмуи ҳамаи ҷабҳаҳои онро ташкил медода нест, чунки доимо дар тағйирёбӣ аст. Барои ҳамин ҳам, фардият худ аз худ маҷмуи зуҳуроту омилҳо ва ҷабҳаҳои ташаккулёбии он набуда, балки ягонагии яклухт ва аз ҳампайвандии онҳо дар ҳар як фард аст, чунки дар воқеияти ҳақиқии худ ҷудо-ҷудо вуҷуд дошта наметавонанд. Мазмуни мафҳуми «фардият»-ро тақсимнашавандагии ҳамаи унсурҳои он ташкил медиҳад. Фардияти одам мутлақ ва як чизи ба охиррасида нест. Шароиту меъёрҳо ва андозаҳои доимо мутаҳаррику тағйирёбандаи зиндагиву фаъолият ва муносибатҳои он бо дигарон шарту меъёрҳои тағйирёбии фардияти ӯст [1, 52].

Дар психологияи иҷтимоӣ мафҳумхои «фард», «фардият ва шахс» хеле возеҳ ҷудо ва шарҳи худро ёфтаанд. Фард –инсон ҳамчун мавҷудияти ягонаи табий, маҳсули тараққиёти филогенетикӣ ва этногенетикӣ, ягонагии хусусиятҳои модарзодӣ ва бадасговардашуда, барандаи хислатҳои махсуси фардӣ (нишонаҳои истеъдод, майлҳо ва ғ.) аст, фард ин намояндаи алоҳидаю ҷудогонаи ҷамъияти инсонӣ, ки аз доираи маҳдудиятҳои табиии (биологӣ) худ мебарояд, мавҷудияти иҷтимоӣ, ки олоту аломатҳоро истифода мебарад ва тавассути ғояҳо рафтор ва протсессҳои психикии худашро аз худ менамояд. Ҳар ду маънои истилоҳи «фард» бо ҳам алоқаманданд ва инсонро аз ҷиҳати алоҳидагию ҷудогонагии ӯ маънидод мекунанд. Тавсифдиҳандаҳои нисбатан умумии фард: «пуррагии ташкилоти психофизиологӣ, устувории фаъоли бохамтаъсиррасонӣ ба олами иҳотакарда.

Фардият - «инсон, ки аз тарафи «фарқиятҳои аз дигар одамон доштаи муҳити иҷтимоӣ»-аш тавсиф дода мешавад; гуногунии психика ва шахсияти фард, такрорнашавандагии ӯ. Фардият дар хусусиятхои мизоҷ, характер, дар махсусияти шавқу ҳавасхо, сифатхои протсессҳои персептивӣ ва ақл, талабот ва қобилиятхои фард зоҳир мешавад».

Шахс бошад мафҳуми аз ҳама асосӣ ва волотарини маънидодкунии моҳияти инсон аст. «Шахс» мафҳумест, ки сифатҳои иҷтимоии одам, орзуву ормонҳои ғоявӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, тарзу услубҳои тафаккур, иродаокӣ ва ба ин монанд сифатҳои иҷтимоии онро ифода мекунад. Мафҳуми «шахс» моҳияти иҷтимоӣ, маданӣ, фарҳангӣ ва фаъолияти одамро ифода мекунад. Инчунин мавҷудоти ғайри одамӣ шахсият надоранд. Шахс — одами дорои худшиносӣ ва

ҷаҳонбинӣ аст, ки таъиноту вазифаҳои ҷамъиятии худро муайян кардааст. Сифатҳои шахсӣ аз ду манбаъ ғизо мегиранд — аз тарзи иҷтимоии зиндагӣ ва аз ақлу хирад. Ба ташаккулу камолоти шахс се чиз сабаб мешавад: ворисияти табиӣ-биологӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва муҳити иҷтимоӣ-маданӣ, ниҳоят сатҳи зиндагӣ. Дар натиҷаи баҳампайвастану ва ба ҳам мусоидаткунӣ ва таъсиррасониҳои ин омилҳо, ки инсонро ҳамчун шахс ташаккул медиҳанд, ӯ сифатҳои дахлдор: қобилияту талабот, одобу ахлоқ, мақсаду манфиат ва дигар сифатҳое пайдо мекунад, ки қувваҳои моҳиятиашро ташкил медиҳанд ва дар гуногунрангии беҳудуд вуҷуд доранд. Гуногунрангии талаботу қобилият ва дигар қувваҳои моҳиятии одамон қонунияти инкишофи иҷтимоӣ ва мадании онҳо аст. Ҷамъият наметавонад, ки фақат ҷамъияти чӯпонҳо ё фақат ҷамъияти олимону шоирон ва ҳофизон, ё фақат ҷамъияти ҳокимону сиёсатмадорону психологон бошад. Ҳамаи номбурдагон дар ҷамъият бе якдигар вуҷуд дошта ва кору амал карда наметавонанд. Гуногунрангии касбу ҳунарҳо, тарзу шаклҳои фаъолияту муносибатҳои байни онҳо, гуногунрангии фардиятӣ ва шахсиятӣ дар ҷамъият маҳсули ягон қуввои берунаи то ҷамъиятӣ ва новобаста аз ҷамъият набуда, балки маҳсули фаъолияту муносибатҳои ҷамъиятии худи одамонанд. Вобаста ба робитаи инсон ва ҷомеа дар силсилаи дарки ифодаи инсон мафҳуми шахсиятро истифода мебаранд [4, 60].

Дар доираи ин муносибатҳо шахс на фақат объект, балки субъекти чунин муносибатҳо ба шумор меравад. Дар фаъолияти шахс сифатҳои гуногун ба монанди қобилият, хислат, худшиносӣ, одамдӯстӣ ва ғайра зоҳир мегарданд. Сифатҳои фардӣ ирсӣ, модарзодӣ буда, дар натиҷаи тарбия шаклҳои худро дигар карда, ба сифатҳои шахсӣ табдил меёбанд. Аз ин рӯ одам бо сифатҳои фардӣ ба дунё омада, бо сифатҳои шахсии худ дар ҷомеа шинохта мешавад. Шахс ҷавҳари фардият ва ифодаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва вазифаҳои одамон, субъекти маърифат ва дигаргунсозии олам, ҳуқуқ ва вазифаҳо, меъёрҳои ахлоқӣ, эстетикӣ ва ҳамаи дигар меъёрҳои иҷтимоист. Шахсият гуфта ҳамеша одамеро дар назар доранд, ки дар ҷамъият мавқеи муайян дорад.

Шахс дар рафти фаъолияту муошират ба камол мерасад. Ба ибораи дигар гӯем, ташаккули шахс аслан ҷараёни иҷтимоишавии фард аст ва ин протсесс бо роҳи ташаккули ботинии симои нодиру нотакрори вай давом мекунад. Рафти иҷтимоишавӣ аз фард фаъолияти сермаҳсулро талаб мекунад, ки он дар ислоҳи доимии амалу рафтор ва кирдораш ифода меёбад. Ин ҳолат дар навбати худ талаб менамояд, ки дар қобилияти худбаҳодиҳӣ вусъат ёбаду он бо равнақи худшиносӣ алоқаманд аст. Худшиносӣ ва худбаҳодиҳӣ якҷоя ҳамон воситаи асосиеро муҳайё менамояд, ки дар атрофи он ҷиҳату нозукиҳои сешумору нотакрори хислати фақат ба шахс хос ташаккул меёбад.

Шахсият бошад, маҳсули иҷтимоӣ ва субъекти ҷамъиятист, ки таърихан дар зери таъсири муҳити ҷамъиятӣ, тараққии қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ ташаккул ва инкишоф меёбад. Тарзи муайяни истеҳсолот, маданият ва хусусиятҳои биологи характер, ирода, фаъолияту амалиёти хоси шахсиятро ба миён меорад. Моҳияти шахсият «сифати иҷтимоии вай» аст Дар айни замон фардияти инсон ифодаи (инварианти) шахсияти он аст, ки тағйир меёбад ва ҳам устуворияти худро дар зиндагиаш нисбатан нигоҳ медорад. Ду назарияи асосии шахсият вуҷуд дорад: 1) Шахс ҳамчун шарҳу сифати фаъолияти-функсионалӣ, ин ё он мақом доштани одам дар зиндагиву фаъолияти ҷамъиятӣ; 2) Шахс ҳамчун шарҳи моҳиятии инсон. Назарияи аввал ба фаҳмишу муайян кардани вазифаҳо (функсияҳо), таъиноти инсон ва мақоми иҷтимоӣ-фаъолиятии он асос ёфтааст. Шахсияти инсон фақат дар ҷамъият ташаккул меёбад. Вале чунин фаҳмиши шахс имконият намедиҳад, ки олами ботинии он ошкор сохта шавад, чунки фақат рафтору амали зоҳирии онро ба назар мегирад. Маънидодкунии шахс аз мавқеи функсионалӣ яктарафа, нокифоя аст. Муайянкунии моҳияти айниятноки шахс дар имкониятҳои ботинии худи он дар фаъолияту маънавият, худсозиву худвоқеъиятдиҳии шахсии инсон, сифатҳои он ҳамчун субъекти озодона ва бошуурона амалкунанда ифода меёбад. Бо ин тарзҳо ӯ моҳияти ботинӣ-инсонии худро месозад, зоҳир мекунад ва воқеӣ мегардонад. Сифатҳои шахсӣ таҷассум ва ифодаёбии муносибатҳои ҷамъиятии одамон ва дар ин муносибатҳои онҳо аст. Берун аз доираи ин муносибатҳо одамон субъектҳои зиндагӣ, ахлоқу маърифат, фарҳанг ва фаъолияти ҷамъиятии худ шуда наметавонанд.

Адабиёт:

1. Ғуломов О. Сотсиология. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2000.
2. Идиев Х. У., Самиев Б. Ҷ. Сотсиология. – Душанбе, 2006.

3. Идиев Х. У., Маслова О. М. Сотсиологияи амалӣ. – Душанбе, 2008.
4. Кравченко А. Н. Социология. – М., 2004.
5. Радугин А. Социология. Курс лекций. – М., 1995.
6. Спиркин А. Г. Философия. – М., 2004.

Калидвожаҳо: *шахс, фард, мафҳум, иҷтимоӣ, сифатҳои шахсӣ, маданӣ-иҷтимоӣ, муҳит, талабот.*

Аннотация

ПОНЯТИЕ ИНДИВИД, ЛИЧНОСТЬ И ИНДИВИДУАЛЬНОСТЬ В ПСИХОЛОГИИ

Индивид – единичный представитель человеческого рода, безотносительно к его антропологическим особенностям. Индивидуальность – совокупность физиологических, психологических особенностей индивида, составляющих его своеобразие, отличие от других людей. Личность – это совокупность социально значимых качеств индивида. В стаье подчеркивается, что личные качества являются отражением и олицотворением общественных отношений человека, а вне этих отношений люди не могут быть субъектами своей жизни, этики и познания, культуры и и общественной деятельности.

Ключевые слово: *личность, индивид, понятие, социальные, личностные качества, культурно-социальные, окружающая среда, потребности.*

Annotation

THE CONCEPT OF AN INDIVIDUAL, PERSONALITY AND INDIVIDUALITY IN PSYCHOLOGY

An individual is a single representative of the human race, regardless of its anthropological features. Individuality - a set of physiological, psychological characteristics of an individual that make up his originality, difference from other people. Personality is a set of socially significant qualities of an individual. The flock emphasizes that personal qualities are a reflection and personification of a person's social relations, and outside these relations people cannot be subjects of their life, ethics and knowledge, culture and social activities.

Keywords: *personality, individual, concept, social, personal qualities, cultural and social, environment, needs.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Каримова Шаҳноза, магистранти соли аввали ихтисоси психологияи амалии факултети психология ва таҳсилоти фарогири ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Тел.: +992 003332200

Роҳбари илмӣ: н.и.п., дотсент Латифзода С.

Сведения об авторе: Каримова Шахноза, магистрант первого курса прикладной психологии факультета психологии и инклюзивного образования ТГПУ им С. Айни. Тел.: +992 003332200

Научный руководитель: к.п.н., доцент Латифзода С.

About the author: Karimova Shahnoza, first year master of applied psychology, Faculty of psychology and Inclusive Education, Tajik State Pedagogical University S. Aini. Tel.: +992 003332200

Норбутазода Холиса,
магистранти соли аввали факултети педагогика

ОМӮЗИШИ ФАРҲАНГИ ЭКОЛОГӢ ДАР ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Омӯзиши олами атроф барои ҳар як шахс зарур аст. Муҳите, ки моро иҳота кардааст, пур аз ашё ва ҳодисаву воқеа мебошад. Ҳар як ҳодисаи атроф ба одам таъсире мерасонад. Донистани ашё ва ҳодисаҳои табиӣ муносибати одамро бо олами атроф беҳтар мегардонад. «Одам бо табиат зинда аст, зеро табиат сарчашмаи асосии қонеъ гардонидани талаботи моддӣ ва маънавӣ ба ҳисоб меравад» [2, 3].

Масъалаи байни одаму табиат доимӣ аст, ки алоқамандии байни организмҳои зиндаро ба муҳити атрофро экология меомӯзад. Инчунин экология роҳҳои бехдошти муҳити зистро нишон медиҳад.

Мафҳуми экологияро соли 1866 олими табиатшиноси олмонӣ Эрнст Геккел пешниҳод кардааст. Вай экологияро ҳамчун илми умумӣ дар бораи муносибати организмҳои зинда ба муҳити атроф эътироф кардааст.

«Экология - илмест, ки муносибати организмҳои зинда (микроорганизмҳо, растаниҳо ва ҳайвонот) - ро аввалан байни худ, баъдан бо муҳити зист ва мавқеи инсонро дар табиат меомӯзад» [2, 6].

Экология ин илм дар бораи муносибати организм ё худ гурӯҳи организмҳо ба муҳити онҳоро иҳота карда ё худ илм дар бораи таъсири мутақобилаи байни организмҳои зинда ва муҳити бавуҷудоии онҳо мебошад [4, 15].

Ҳанӯз аз замонҳои қадим фаҳмиши инсон нисбат ба қонуниятҳои муҳити зист асоси илмӣ надоштанд. Бо гузашти вақт манбаъҳои дониши экологии онҳо ташаккул ёфтанд. Таърихи аҳамияти инсон ин таърихи истифодабарии табиат аст. Инсон бошад қисми ҷудонашавандаи табиат буда, бе вай наметавонад зиндагӣ кунад, нафас кашад ва дар хонааш гармию рӯшноиро таъмин намояд. Барои фаҳмидани ҳодисаву воқеаҳои олами атроф, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи онҳо, муносибати бошуурона нисбат ба муҳити зист, баланд бардоштани маърифати экологӣ, дар бораи тарзи ҳаёти солим ва бехатарии ҳаёт дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз тарафи муаллифон Қодиров Н., Абдуллоев И., Исоев К, Давлатов С. китобҳои «Табиатшиносӣ» (синфҳои 2, 3, 4) пешниҳод гардидааст.

Солҳои охир муносибати нодурусти одамон ба табиат аз меъёр зиёд ва бетартибона ҷамъоварӣ кардани растаниҳо, бешазорҳо, шикори ҳайвонот сабаби камшавии намудҳои зиёди набототу ҳайвонот гардида истодааст. Дар натиҷаи истифодаи нодурусти замин, афзоиши босуръати аҳолӣ, ба эътибор нагирифтани шароити муҳит ё мувозинати экологӣ, инчунин афзудани дахолати инсон ба табиат, муҳити зист харобу ҳаво олуда шудааст, ки ин ба саломатии инсон таъсири манфӣ мерасонад. Фаҳмиши педагогии вазъият нишон медиҳад, ки калиди ҳалли ин масъала дар ташаккули арзишҳои нав, муносибатҳои маънавию ахлоқӣ дида мешавад, ки имкон медиҳад, бегонашавии инсон аз табиат, ташаккули ҷаҳонбинии экологӣ, императивҳои экологии ҳамкории байни ҷомеа ва табиатро ба танзим медарорад. Ин проблемаи рафъи буҳрони экологиро ба соҳаи маориф мегузаронад. Вай омили ҳалкунандаи мутобиқ гардондани муносибатҳои байни инсон ва табиат мегардад. У. М. Стапп чунин мешуморад, ки инсон ягона махлуқест, ки метавонад, муҳити атрофро идора кунад, онро вайрон ва ҳифз кунад... [5, 4].

Омӯхтану донистани ҳаёту хусусиятҳои олами растаниҳо, ҳайвонот, наботот, ғамхории доимӣ дар бораи тозаю зебо нигоҳ доштани боду ҳаво, муҳити зист, таъсири омилҳои экологӣ ба саломатии руҳию маънавӣ ва ҷисмонии инсон, зиндагию авлодони ояндаи одам ва ғайра масъалаи асосӣ мебошанд, ки ин ба масъалаи марказии тарбияи экологии хонандагон дохил мегардад. Ба он муяссар шудан лозим аст, ки талабагон моҳияту мазмуни масъалаи марказӣ ва маълумоти экологӣ, муносибати солими байни инсону табиатро бошуурона фаҳманд. Дар шароити ҳозира яке аз воситаҳои тарбияи одамон, алалхусус ҷавонону наврасон баланд бардоштани маърифати экологии онҳо мебошад, ки аз оила боғчаи кӯдакон, мактаб, сохторҳои давлатӣ, воситаҳои ахбори умум ва ғайра маншаъ мегирад.

«Тарбияи экологӣ равандест, ки ба манфиати шахс, ҷамъият, давлат ва табиат равона шудааст» [2, 4].

Ҳама гуна тарбия, аз ҷумла тарбияи экологӣ аз синни хурдсолӣ оғоз мегардад. Барои ҳамин хусусан нақши мактабҳои ибтидоӣ дар тарбияи экологӣ бағоят бузург аст зеро, ки маҳз дар синфҳои ибтидоӣ хонандагони мо бо табиат, обу ҳаво, замин, олами набототу ҳайвонот донишу тасаввурот ва маълумот пайдо мекунанд. Воситаҳои таълиму тарбия, дарси мукаммал, маҳфилҳо, корҳои беруназсинфӣ аз қабили саёҳатҳои фаҳмондадиҳии таълимӣ барои ташаккули фарҳанги экологӣ ва маърифату тарбияи экологии хонандагон мусоидат мекунад.

Дар адабиётҳои илмии фалсафа ва махсуси экологӣ табиат чун арзиши фарҳангӣ баррасӣ мешавад. Дар низоми арзишҳои фарҳанги муосир табиат беш аз пеш мақоми сифатан нави хударзишӣ касб мекунад, ки он дар низоми муносибатҳои маърифатӣ, эстетикӣ ва этикии инсон ба олам зоҳир мегардад. Фарҳангӣ экологӣ он қисми фарҳанги умумӣ мебошад, ки номутобиқатии фаъолияти иҷтимоиро ба муҳити табиӣ нишон медиҳад. Ташаккули фарҳанги экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути корҳои беруназсинфӣ, саёҳатҳо, кашидани расмҳои гунонун, корҳои фаҳмондадиҳӣ, шинонидану дарахтон сурат гирад, ки шавқи хонандагонро нисбати табиат баланд мебардорад.

Яке аз масъалаҳои муҳими тарбияи ахлоқию экологӣ ташаккули муносибати инсондӯстона нисбат ба табиат дар шуури онҳо ҷой додани табиат ҳамчун арзиши умумибашарӣ барои ҳаёти инсон зарурати муносибати эҳтиромона ва эҳтиёткорона мебошад. Ҳалли ин масъала махсусан дар марҳалаи ташаккули шахсияти насли наврас дар банди миёнаи таълими мактабӣ аҳамияти калон дорад. Раванди ташаккули муносибати инсондӯсти нисбат ба табиат дар байни хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҳолате самаранок хоҳад буд, ки агар моҳият мазмун, сохтори муносибати инсондӯстии инсон ба табиат муайян карда шавад.

Табиат барои инсоният объекти донисташаванда ва бахусус воситаи ҳаловатбахши эстетикӣ мебошад. Воқеан он ҳодисаи комилан эстетикӣ буда, ба одами аз ҷиҳати зебошиносӣ рушдёфта ҳаловати амиқи руҳӣ мебахшад. Ва албатта, донистани асрорҳои ташаккули ҷаҳонбинии илмии шахсиятро тақозо мекунад. Бо ин зарурати тарбияи умумӣ, ҳатмии ибтидоии экологӣ, ки дар он асоси маданияти экологии одам гузошта мешавад, шарт аст [3, 217].

Дар тарбияи экологии хонандагон фанҳои гуманитарӣ, забони модарӣ, тарбияи ҷисмонӣ, санъат ва меҳнат, табиатшиносӣ кӯмаки калон мерасонад. Сохтори дарсҳо имкон медиҳад, ки бо истифодаи усулҳои махсуси фаъолгардонии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар самти тарбияи экологӣ ва роҳҳои бавуҷудоӣ, мустаҳкамкунӣ ва инкишофи дониш, маълумот ва тасаввуротҳои экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян карда мешавад. Донистани оқибатҳои таъсири муҳити зист як ҷузъи муҳими фарҳанги башарист. Ҳозиру ояндаи табиатро асосан одам муайян мекунад. Дар навбати худ, амалҳое ки шахс анҷом медиҳад, аз таҳсилоти ӯ муайян карда мешавад.

Ҳадафи асосии таълиму тарбияи экологӣ аз он иборат аст, ки хонандаро ба омӯзиши масъалаҳои муҳими экологӣ ҷалб намуда, дар ботини ӯ бояд нисбат ба олами набототу ҳайвонот, обу хок, ҳавою табиати зебоманзар муносибати дилсӯзонаро ташаккул дода, ба ин васила барои наслҳои оянда муҳити зисти тоза ва манзараву мавҷудоти бенуқсоэнро боқӣ гузорад.

Адабиёт:

1. Абдулвахобов А. Экология. – Душанбе: Полиграф групп, 2003. – 364 с.
2. Акрамов С. Асосҳои муҳофизати табиат. – Душанбе: Ирфон, 1991. – 240 с.
3. Жукова Е. Ю. Диссертатсия: Формирование гуманного отношения к природе у учащихся 5-8 классов в процессе нравственно-экологического образования. – Коломна, 2011. – 228 с.
4. Қодиров Н., Давлатзода С., Исоев К., Абдуллоев И. Табиатшиносӣ (синфи 3). – Душанбе: Полиграф групп, 2017. – 256 с.
5. Саидов М., Исоев К., Давлатов А., Дарвозиев М. Экология. (синфи 9). – Душанбе: Ирфон, 2019. – 240с.
6. Раҳимов Х., Нуров А. Педагогика. – Душанбе: Маориф, 2007. – 404 с.
7. Стадитский Г. В., Радионов А. И. Экология. – Санк-Петербург; - Москва, 1995. – 340 с.

Калидвожаҳо: *муносибат, табиат, муҳити зист, инсон, тарбияи экологӣ, ҳайвонот, наботот, растаниҳо, ташаккул, инкишоф.*

Аннотация

ОБУЧЕНИЕ ЭКОЛОГИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССА

Для улучшения знаний учащихся начальных классов по охране окружающей среды, рациональному использованию природных ресурсов, отношении с животным и растительным миром мы как будущие педагоги должны организовать важные экологические материалы, внеклассные и внешкольные воспитательные мероприятия, чтобы повысить уровень экологических знаний учащихся и подробное руководство по разьяснительной работе о скверах и проспектах Республики Таджикистан.

Ключевые слова: *отношение, природа, окружающая среда, человек, экологическое воспитание, животное, растительность, растения, становление, развитие.*

Annotation

THEACHING ECO - CULTURE IN PRIMARY SCHOOL

To improve the knowledge of primary school students on environmental protection, the rational use of natural resources, the relationship with animals and the flora, we as future theachers, should organize, important environmental materials, outside the classroom and out of school edicational activities to increase the level of environmental knowledge of students and in more detail a guide on explanatory work of squares and awenues of the Republic of Tajikistan.

Keywords: *Attitude, natura, enviroment, human, enviromental edication, animal vegetation, formation, development.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Норбутазода Холиса Нуралӣ, магистранти соли аввали факултети таҳсилоти ибтидоии ДДОТ ба номи С.Айнӣ. Тел.: +992 881882329. Суроға: ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Ҳалқаҷар

Роҳбари илмӣ: д.и.п., профессор Раҷабов Тағоймурод

Сведения об авторе: Норбутазода Холиса Нурали, магистрантка первого курса факультета начального образования Таджикского государственного университета им. Садриддин Айни. Тел.: +992 881882329. Адрес: район Рудаки, джамоат Гулистон, село Халкаджар

Научный руководитель: д.п.н., профессор Раджабов Тагоймурод

About the author: Norbutazoda Kholisa Nurali, is a first- year master's student at the primary education of Tajik State University named after S. Toraighyrov. Ayni. Tel.: +992 881882329. Address: Rudaki district, Guliston jamoat, Halkajar village

Scientific dviser: d.p.s., professor Rajabov Tagoymurod

Додоҷонова Ҷамила Ҷӯрабоевна,
магистранти соли аввали факултети психология ва таҳсилоти фарогир

ВОСИТАҲОИ ИСЛОҲ НАМУДАНИ НУҚСОНИ НУТҚ ВА БА МАКТАБ ОМОДА НАМУДАНИ КӮДАКОНИ АҚЛАН АҚИБМОНДА

Тараққиёти рӯзафзӯни илму техника ва муносибатҳои нави фарҳангию илмӣ, дипломата ва робитаҳои хоричии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар асари ҷаҳон водор месозад, ки барои тарбияи насли наврас новобаста аз нуқсони ақлӣ роҳҳо ва чораҳои наверо ҷустуҷӯ намоем. Дар ин ҷода муассисаҳои олии таълимӣ дар тарбияи ҷавонон ва ҳамчун мутахассис ба камол расидани онҳо нақши муҳим доранд.

Дар шароити имрӯзҳо донишҷӯён бояд ахлоқӣ ҳамидаро соҳиб гашта, доимо дар ҷустуҷӯи эҷодкорӣ ва аз панду андарзҳои бузургони миллат ва олимони машҳури ҷаҳон бархурдор бошанд, то ин, ки на танҳо ба кӯдакони солим инчунин ба кӯдакони ақлан ақибмонда тарзи ба ҳаёт омода намудан ва касомӯзии онҳо чораҳои мушаххас андешанд. Аз ин лиҳоз вазифаи ҳар як мутахассис омода намудани кӯдакони ақлан ақибмонда ба мактаб мебошад.

Овозҳои нутқ аз ҷиҳати аккустикӣ ва артикулятсионӣ ба 2 гурӯҳи калон ҷудо мешаванд:

1. Овозҳои садонок
2. Овозҳои ҳамсадо

Системаи овозҳои садонокро дар забоншиносӣ «вокализм» (лот. «vokalis»-садо) меноманд. Овозҳое, ки дар талаффузашон ҳаво аз шуш ба монеаҳо дучор нашуда мебарояд, «садонок» ном доранд.

Садонокҳо асосан дар натиҷаи ба садопардаҳо бархӯрдани ҳаво ҳосил мешаванд. Бинобар он садонокҳо танҳо аз садо иборатанд, онҳо шавшув надоранд.

Мувофиқи ҳолати забон ва лабҳо овозҳои садонокро аз 3 ҷиҳат ба гурӯҳҳо ҷудо мекунанд:

а) аз рӯи қатор;

б) аз рӯи дараҷаи бардошта шудани забон;

в) аз рӯи иштироки лабҳо [6, 190].

Аз рӯи қатор, яъне ҳаракати забон ба пеш ё қафо садонокҳо ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешаванд:

1. Садонокҳое, ки дар талаффузи онҳо забон ба пеш кашида мешавад:

и э а (қатори пеш);

2. Садонокҳое, ки ҳангоми талаффузашон забон ба ақиб моил мешавад:

о у (қатори ақиб);

3. Садонокҳое, ки дар талаффузи онҳо қисмҳои гуногуни забон баробар ба тарафи ком бардошта мешаванд: ӯ (қатори миёна)

Овозҳои ҳамсадоро аз чунин ҷиҳатҳо ба гурӯҳҳо ҷудо мекунанд:

1. Аз ҷиҳати мавҷудияти садо ва шавшув ҳамсадоҳо шавшувдор ва сонорӣ мешаванд.

а) Овозҳое, ки ҳангоми талаффуз ҳаво ба садопардаҳо бар нахӯрда, танҳо ба онҳо молиш хӯрда, ба органҳои дигари нутқ расида ҳосил мешаваду танҳо аз шавшув иборатанд, ҳамсадоҳои шавшувдор номида мешаванд: п, т, б, д, г, с, з, ш, ж, ч, ы, г

б) Овозҳое, ки дар натиҷаи ба садопардаҳо бархӯрда ларзиш пайдо кардани ҳаво ҳосил мешаванду унсури садо нисбат ба шавшув зиёд аст, ҳамсадоҳои сонорӣ ном доранд: м, н, л, к, р, й

Аз ҷиҳати ҳаракату фаъолияти садопардаҳо ҳамсадоҳо ба 2 гурӯҳ-ҷарангдор ва беҷаранг тақсим мешаванд:

а) Овозҳое, ки дар натиҷаи ларзиши садопардаҳо ва оҳанги ҷарангосӣ пайдо кардани онҳо ташкил меёбад, ҳамсадоҳои ҷарангнок номида мешавад. Дар талаффузи ҷарангнокҳо садопарда таранг ва сӯрохии байни онҳо танг шуда, ҳавои аз шуш мебаромадагӣ ба монеъаи сахт дучор мешавад ва ларзиш ба вуҷуд меояд. Дар ин вақт овози мусиқавӣ пайдо мешавад, ки онро ҷаранг ё садо мегӯянд. Барои муайян кардани ҳолати ин гуна овозҳо онҳоро баландтар талаффуз кардан шарт аст: б, д, л, м, н, г, з, в, ж, р, й, щ, ж

б) Овозҳое, ки ҳангоми талаффузашон ҳаво садопардаро наларзонида ё каме ба онҳо молиш хӯрда мебарояд, ҳамсадои беҷаранг номида мешавад. Дар талаффузи беҷарангҳо садопардаҳо суст шуда, сӯрохии байни онҳо васеъ мешавад: п, ф, т, к, х, с, т, ш, ч, ы

Аз ҷиҳати тарзи талаффуз ҳамсадоҳо ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешаванд:

а) ҳамсадоҳои зич ва ё тарканда. Овозҳое, ки дар вақти талаффузашон органҳо ба якдигар зич шуда, ҷараёни ҳаво онҳоро канда мебарояд ва дар натиҷа шавшуви лаҳзагӣ ҳосил мешавад, ҳамсадоҳои зич ё тарканда ном доранд: б, г, д, ч, к, т, п, м, н, ы, ж

б) Ҳамсадоҳои фрикатив ё роҳ

Овозҳое, ки ҳангоми гуфтани онҳо органҳои нутқ ба ҳам наздик мешаванд ва ҳаво ба органҳои нутқ молиш хӯрда, шавшув ҳосил карда мебарояд, яъне органҳо ба якдигар зич нашуда, ҳаво ба андаке молишхӯрӣ берун меояд, ҳамсадоҳои фрикативӣ, равон ва ё роҳ номида мешаванд: ф, с, л, р, ш, х, з, в, ь, щ

в) ҳамсадоҳои димоғӣ

Овозҳое, ки дар талаффуз забонча роҳи жавфи даҳонро мегираду, ҳаво бовоситаи димоғ мебарояд, ҳамсадои димоғӣ номида мешавад: м, н.

г) ҳамсадоҳои ларзон [4, 96].

Онҳое, ки дар талаффузашон фишори ҳаво нӯги забонро ба ларзиш меорад: (р)

4. Аз ҷиҳати махраҷ, яъне ҷои ташкилёбиашон махсусан аз рӯи ҳолати лабҳо ва забон овозҳои ҳамсадо ба чунин гурӯҳҳо тақсим мешаванд:

а) ҳамсадоноко лабӣ

Овозҳое, ки ҳангоми талаффузашон лабҳо ба ҳамдигар зич мешаванд, ҳаво бо дучор шудан ба монеаи лабҳо берун меояд, ҳамсадоҳои лабӣ ном дорад: Б, п, м, в, ф

Дар ин гурӯҳ б, п, м ҳамсадоҳои лабулабӣ, в, ф ҳамсадоҳои лабудандонӣ шуморида мешавад.

б) ҳамсадоҳои ғайрилабӣ овозҳое, ки дар вақти талаффузашон лабҳо ба ҳамдигар зич нашуда бо андаке бо органҳои дигари нутқ наздик шудан ҳаво берун меояд, ҳамсадоҳои ғайрилабӣ шуморида мешавад: т, н, д, з, р, с, ш

в) ҳамсадоҳои пешизабонӣ

ҳамсадоҳое, ки дар талаффузҳояшон нӯги забон ба пеш кашида шуда ба дандонҳо мерасанд: н, д, т, ч, з, р, с, ш, ж

г) ҳамсадоҳои миёнзабоннӣ: й

д) ҳамсадоҳои пасизабонӣ: ы, к, щ, х

е) ҳамсадоҳои халқӣ; ь, ъ [2, 42].

5. Аз ҷиҳати таркибашон ҳамовозҳои ҳамсадо ба 2 гурӯҳ ҷудо мешаванд:

а) овозҳои содда. Дар протсесси ташкилёбии чунин овозҳо қисми муайяни органҳои нутқ ҳаракат карда боз ба ташкил кардани овозҳои дигар мувофиқ мешаванд. Дар таркиби ин овозҳо фақат як овоз ё танҳо шавшув мавҷуд аст: д, г, з, ш, щ

б) овозҳои африката, мураккаб ё пайваста.

Дар он 2 овоз хусусияти ягонагӣ пайдо мекунад:

Аз рӯи қонуни артикулятсия дар таркиби африката як овози монеадор (т, д) ва як бемонеа (ш, ж, с) мавҷуд аст.

Африкатаҳо инҳоянд: ч-тш, ж-д-ҷ

Системаи корҳои логопедии инкишофи нутқи бачагонро 6 давра фаро мегирад:

1. шинохтани овозҳои ғайринутқӣ;
2. фарқ кардани баландӣ, қувва ва тембри овоз;
3. фарқ кардани калимаҳое, ки сохти овозиашон якхела аст;
4. тафриқакунонии ҳиҷоҳо;
5. тафриқакунонии овозҳо;

6 ташаккули малакаи ташхиси овозӣ;

Давраи 1 (овозҳои ғайринутқӣ баробар табиӣ)

Гузаронидани бозиҳои «Зангӯла», «Чашмбандак», «Ин овози чист?»

Давраи 2 (қувва, баландӣ, тембр)

Бозии «Гурбача», «Се хирсак», «Ин оча аст ё бача?»

Давраи 3. Логопед расмро нишон дода ҳангоми талаффузи нодуруст аз бачагон хоҳиш мекунад, ки онҳо чапак зананд.

китоб-»читоб», китоб-»кишоб»

Давраи 4. Фарқ кардани ҳиҷо.

Логопед якчанд ҳиҷоҳоро такрор мекунад: на-на-на-па. Бачаҳо муайян мекунанд, ки ким кадом ҳиҷо ин ҷо бегона аст.

Давраи 5. Расмҳоро нишон дода логопед хоҳиш мекунад, ки овози предметҳоро бачагон талаффуз кунанд:

поезд-у-у-у-у…

занбӯр-з-з-з-з…

пуфак-ф-ф-ф-ф…

Давраи 6. Машғулиятҳои забонӣ аз рӯи расм

1. «Соат»-(такрор) 15-20м-ба;
2. «Аспакча»-10-15м;
3. «Занбӯруғ»-15м;
4. «Арғунчак»-10-15м;
5. «Мураббои болаззат»-15м;
6. «Морча»-15м;
7. «Рангубаргӣ»-10м;
8. «Шалтакча»-15м [3, 61].

Сабабҳои асосии вайроншавии инкишофи нутқ осебҳои шамолхӯрӣ, ҷароҳати мағзи сар, хунравӣ дар мағзи сар дар натиҷаи таваллуди тулонӣ, осебҳо дар ҷанин ва гирифтор шудани кӯдак ба бемории менинго-энсефалит дар синни то яксолагӣ мебошад. Ҳамчунин дар натиҷаи аз сар гузаронидани бемории рахит, бемориҳои системаи нафаскашӣ, вайроншавии хоб ва хӯрокхӯрӣ дар давраи навзодӣ ва ғайра ба вуҷуд омада метавонад. Аз ин лиҳоз ислоҳ намудани нуқсони нутқ ва ба мактаб омода кардани кӯдакони ақлан ақибмонда вазифаи аввалиндараҷаи логопед ба ҳисоб меравад.

Адабиёт:

1. Арутюнян Л. З. Как лечить заикание. – М., 1993. – 300 с.
2. Белякова Л. И., Дьякова Е. А. Логопедия: Заикание. Учебник для студ. высш. пед. учеб. заведений. – М., 2003. – 270 с.
3. Власова Н.А. Логопедическая работа с заикающимися. – М., 1999. – 624 с.
4. Леонова С. В. Психолого-педагогическая коррекция заикания у дошкольников: учеб. пособие для высш. учеб. Заведений. – М., 2004. – 128 с.
5. Заикание у подростков: Кн. для логопеда: Из опыта работы. Е. В. Богданова, М. И. Буянов, Т. В. Калошина и др; Сост. М. И. Буянов. – М., 1989. – 175 с.

Калидвожаҳо: *ислоҳ, нутқ, овоз, вокализм, лаб, садонок, талаффуз, тарканда, даҳон, фишор, ҳаво, артикулятсия, забон*

Аннотация

СРЕДСТВА ИСПРАВЛЕНИЯ ДЕФЕКТОВ РЕЧИ И ПОДГОТОВКИ УМСТВЕННО ОТСТАЛЫХ ДЕТЕЙ К ШКОЛЕ

Проблема дефектов речи у умственно отсталых детей и их неподготовленности к школе затрагивает разные поколения людей. В предыдущей литературе по коррекционным упражнениям были собраны различные теории о механизмах нарушения речи у детей и их подготовке к школе. В ходе научных разработок авторы этих научных источников обратились к этой проблеме. В древности нарушение речи у детей считалось заболеванием, связанным с языком и мозгом. Во избежание детских ошибок желательно проводить коррекционные упражнения, требующие физических нагрузок. Эти упражнения должны соответствовать возрасту детей и способствовать развитию мускулов конечностей и исправлению дефектов речи, чтобы в будущем дети могли легко подготовиться к школе.

Ключевые слова: *коррекция, речь, голос, вокализм, губы, гласный, произношение, взрывное, рот, давление, воздух, артикуляция, язык.*

Annotation

MEANS FOR CORRECTING SPEECH DEFECTS AND PREPARING MENTALLY RETARDED CHILDREN FOR SCHOOL

The problem of speech defects in mentally retarded children and their unpreparedness for school affects different generations of people. In the previous literature on remedial exercises, various theories have been collected about the mechanisms of speech impairment in children and their preparation for school. In the course of scientific development, the authors of these literary sources turned to this problem. In ancient times, speech impairment in children was considered a disease associated with the language and the brain. In order to avoid children's mistakes, it is advisable to carry out corrective exercises that require physical exertion. These exercises should be age-appropriate and should help develop limb muscles and correct speech impairments so that children can easily prepare for school in the future.

Keywords: *correction, speech, voice, vocalism, lip, vowel, pronunciation, explosive, mouth, pressure, air, articulation, language.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Додоҷонова Ҷамила Ҷӯрабоевна, магистранти соли аввали факултети психология ва таҳсилоти фарогири ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Тел.: +992 902000144

Роҳбари илмӣ: н.и.п., дотсент Рамазонова Р. С.

Сведения об авторе: Додожонова Джамила Джурабоевна, магистрантка первого курса, факультета психологии и инклюзивного образования ТГПУ имени С.Айни. Тел.: +992 902000144

Научный руководитель: к.п.н., доцент Рамазонова Р. С.

About the author: Dodozhonova Ch. Dzh., Master of the first year, Faculty of Psychology and Inclusive Education, TSPU named after S. Aini. Tel.: +992 902000144

Гулова Бибиоиша,
магистранти соли аввали факултети психология ва таҳсилоти фарогир

ПРОФАЙЛИНГ

Профайлинг – ин маҷмуи методҳои психологии баҳодиҳӣ ва пешгӯии рафтори инсон дар замина (асос)-и таҳлили хусусиятҳои психологии шахси мушаххас, аз қабили тавсифномаи симо, рафтори шифоҳӣ ва ғайришифоҳӣ мебошад. Асоси омӯзиши шахс ва хусусиятҳои психологии ӯро дар профайлинг тавсифдиҳандаҳои таъҷилӣ ташкил медиҳанд.

Дар аввал мафҳуми «профайлинг» дар илми криминалистика дар заминаи тартиб додани симои психологии ҷиноятқор истифода мешуд ва дар замони муосир бошад, мафҳуми мазкур ба таври васеътар истифода мешавад: фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ҳангоми интихоби кадрҳо, таъмини амният дар нақлиёт, дар амалияи психологӣ дар ҳолати зарурати ташхиси фаврии шахс ва ғ. Асоси профайлинг мушоҳида ва пурсиши сохторӣ ба ҳисоб меравад, инчунин ҳангоми он маҳз ахбороти психологии пинҳонӣ (махфӣ) оид ба шахс ошкор карда хоҳад шуд.

Методи «профайлинг» ба равияи необихевиористӣ (бихевиористони нав) такя менамояд. Дар асоси тадқиқотҳои психолог Пол Экман (1978) оид ба омӯзиши ифодаёбии эмотсионалӣ, муассиса (ташкилот)-и «Гурӯҳи Пол Экман», ки барномаҳои компютериеро, ки имкон медоданд ҳолати эмотсионалии шахсро хонанд (ҳисоб кунанд), таҳия намуданд.

Аз ҳама ҷанбаи мушкил, профайлинги этникӣ ба ҳисоб меравад, ки он дар асоси фарзияи иртибот байни қавмияти этникии шахс ва эҳтимолияти рафтори ғайриқонунӣ асос меёбад.

Дар профайлинг воситаҳои зерин истифода мешаванд:

1. Воситаҳои асосӣ:

- ташхиси психологии таъҷилӣ (фаврӣ), муайян намудани психотипи шахс;
- муайян кардани дурӯғ ва хондани эҳсосҳо. Зоҳир ва ошкор намудани дурӯғ тавассути мимика ва пантомимика.

2. Воситаҳои иловагӣ:

- мубоҳисаи (музокироти) дағал, кор бо манипулятсияҳо (барои пахш намудани шакли «дағал»- и музокирот);
- транс ва гипнотехнологӣ;
- ҷалбкунӣ ва нетворинг (маҳорати роҳандози кардани алоқаю робитаҳо);
- графология (муайян кардани характер аз рӯи хусни хат);
- омӯзиш аз рӯи тарҳи рӯй.

Мутахассиси соҳаи криминалистика, доктори илмҳои фалсафа, Скотт Банн бар он ақида аст, ки аввалин кӯшишҳо барои истифодаи профайлинг ҳанӯз дар соли 1888 ҳангоми омӯзиши шахсияти қотили силсилавӣ Ҷек Потрашител мавриди истифодаи амал қарор гирифта буд. Ҷек Потрошител – ин тахаллуси як қотили силсилавии номаълуме буд, ки дар нимаи дуюми соли 1888 дар Уайтчапел ва минтақаҳои атрофии Лондон зиндагӣ мекард. Ин лақаб аз номае, ки ба Агентии марказии хабарҳо фиристода шуда буд, гирифта шудааст ва муаллифи ин нома ҷавобгарии ҳамаи кушторҳоро ба зиммаи худ гирифтааст. Бисёре аз мутахассисон (коршиносон) бар он ақидаанд, ки нома қалбакӣ буда, танҳо барои ҷалб намудани диққати омма аз тарафи рӯзноманигорон сохта шудааст. Инчунин Потрашителро боз «Қотил аз Уайтчепел» ва «Пешдомани чармӣ» низ ном мебаранд. Қурбониҳоеро, ки ба Ҷек Потрошител мансуб медонистанд, асосан фоҳишаҳои фақирнишин буданд, ки қотил пеш аз берун кардани узвҳои дохилиашон гулӯяшонро мебурид ё ин ки буғӣ мекард. Гирифтани узвҳои дохилии қурбониён фикреро ба бор овард, ки қотил дорои маълумоти хуби анатомӣ мебошад, ки ба ҷарроҳи ҳирфаӣ баробар аст.

Асосан профайлинг дар криминалистика тараққӣ мекард - бо ин мафҳум вақти зиёд усули тартиб додани симои психологии қотил ва муаяйн намудани дар кучо ва чӣ тавр содир шудани ҷиноятро меномиданд. Дар охири солҳои 70-уми асри гузашта методи мазкурро ширкатҳои ҳавопаймоии давлати Изроил истифода бурданд. Он вақт профайлерҳо мусофирони эҳтимолан хатарнокро аз рӯи аксуламали ғайриоддӣ ба саволҳои одӣ муайян менамуданд.

Профайлери ботаҷриба чунин рафтор мекунад: аввал ӯ рафтори шахсро дар ҳолате, ки ӯ дурӯғ намегӯяд меомӯзад. Мисол, ба ҳамсуҳбат ёрӣ медиҳад то ӯ худро ҳангоми суҳбат роҳат ҳис намояд. Баъд ба ӯ савол дода, аксуламалҳои ӯро таҳлил менамояд-агар ҳамсуҳбат дурӯғ гӯяд, имову ишора, эҳсосҳо иваз мешаванд, микроэкспрессия ба назар мерасад, ки ба шахси омоданабуда онро идора карда наметавонад. Дурӯғро аз рӯи рафтор муайян кардан мумкин аст. Масалан: шумо аз шахс чизеро мепурсед, ӯ «не» мегӯяд, аммо дар ин лаҳза худ бо ишораи тасдиқ сар меҷунбонад. Кори нозуктар - муайян намудани сохторҳои нутқии ғайриоддӣ ва ишораҳои хурди ғайристандартӣ мебошад. Ҳатто дурӯғгӯёни моҳирро метавон ошкор сохт, агар ба нишонаҳои идоранашавандаи физиологӣ ба монанди сурх шудани пӯст диққат дод. То чӣ андозае ҳамсуҳбати шумо моҳир бошад, ҳамон қадар муайян намудани рафтор, дурӯғ ва аксуламалҳои ӯ мушкил мешавад. Ба мутахассис - профайлер зарур меояд то ба ҳамсуҳбат саволҳои зиёди муқаррарӣ бидиҳад ва нишонаҳои хурдтарини дурӯғро пайхас намояд.

Ҳамин тариқ, алгоритми асосии кор дар самти мазкур тақрибан чунин аст:

1. Аз муайянкунии сохти базавии рафтор оғоз намоед. Бо шахс дар мавзӯъҳои гуногун суҳбат кунед. Якчанд саволи муқаррарӣ диҳед, ки ба онҳо ҷавоби дурӯғ додан мушкил бошад. Метавон аз « smoll talk» - суҳбати хурд дар бораи обу ҳаво, тамбашавии роҳҳо истифода бурд. Smoll-talk – ин суҳбати тасодуфӣ дар мавзуъҳои гуногуни абстрактӣ мебошад, ки қарор, аҳду паймон ва уҳдадориҳоро дар назар надорад. Оё шумо зуд-зуд дар бораи обу ҳаво суҳбат мекунед? Агар ин тавр бошад, пас ин Smoll-talk ба шумор меравад. Бо кӯмаки чунин суҳбат метавон аз таваққуфҳои ногувор канорагирӣ кард. Мутахассисон бар он ақидаанд, оғози ҳама гуна муошират – суҳбати сабук аст. Бо кӯмаки он одамон ҳамдигарро аз назар мегузаронанд. Ин на танҳо ба шиносоиҳои оддӣ дахл дорад. Smoll-talk дар пешбарии фаъолияти корӣ низ нақши муҳимеро мебозад, зеро муошират ва барқарор намудани алоқа (муносибат) бо одамони муайян, мувафаққияти ояндаро муайян мекунад.

2. Кӯшиш намоед, ки имову ишораҳои асосии шахсро ҳангоми фикр кардан ё чизеро ба ёд оварданаш муайян намоед. Ба шумо лозим аст, то аксуламалҳои асосии ҳамсуҳбатро дар ҳолате, ки ба ӯ дурӯғ гуфтан зарур нест, таҳлил намоед.

3. Оҳиста – оҳиста ба саволҳои мураккабтар гузаред. Имову ишораи ӯ чӣ гуна иваз (дигаргун) шуданд? Рафтори ӯ аз рафтори чанд лаҳза пешаш бо чӣ фарқ мекунад?

4. Агар шахс ягон ишораи навро нишон диҳад, онро ба хотир гиред: эҳтимол аст, ки ин яке аз ҳолатҳои дурӯғ, яъне кӯшиши пинҳон намудани чизест.

Адабиёт:

1. Антонян Ю. М. Психология убийства. – М., 1997.
2. Анфиногенов А. И. Психологическое портретирование неустановленного преступника. – М., 2002.
3. Васильев В. Л. Юридическая психология. – Питер, 1998.
4. Қодиров Қ. Б., Давлатов М. Т., Расулов С. Х. Вожаномаи тафсирии истилоҳоти психологӣ ва педагогӣ. – Душанбе, 2008.
5. Латифзода С. З. Симои психологии қотилони силсилавӣ. – Душанбе, 2021.
6. Столяренко А. М. Черненилов В. И. Понятие, структура и приемы составления психологического портрета // Преподавание юридической психологии и ее практическое применение. – Тарту, 1986. Ч. 2.
7. Тележникова В. Н. Криминолого-психологическая характеристика лиц, виновных в многоэпизодных убийствах и изнасилованиях. Автореферат дис.канд.юр.наук. ВНИИ МВД России. – М., 1999.

Калидвожаҳо: *профайлинг, усулҳои психологӣ, криминология, псевдопсихология, симои психологии шахс, профайлер.*

Аннотация

ПРОФАЙЛИНГ

Профайлинг – это набор психологических методов оценки и прогнозирования поведения человека в контексте анализа конкретных характеристик, таких как описание изображения, вербальное и невербальное поведение и т.д. Основой изучения человека и его психологических характеристик в профилинге являются оперативные дескрипторы. Таким образом, профиль человека будет составлен с возможностью описания и прогнозирования.

Ключевые слова: *профайлинг, психологические методы, криминология, псевдопсихология, психологический образ человека, профайлер.*

Annotation

PROFILING

Profiling is a set of psychological methods for assessing and predicting human behavior in the context of analyzing specific characteristics, such as image description, verbal and non-verbal behavior, etc. Operational descriptors are the basis for studying a person and his psychological characteristics in profiling. Thus, a person's profile will be compiled with the ability to describe and predict.

Keywords: *profiling, psychological methods, criminology, pseudopsychology, psychological image of a person, profiler.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Гулова Бибиоиша, магистранти соли аввали ихтисоси психологияи амалии факултети психология ва таҳсилоти фарогири ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Тел.: +992 919329252

Роҳбари илмӣ: н.и.п., дотсент Латифзода С.

Сведения об авторе: Гулова Бибиоиша, магистрантка первого курса специальности практической психологии факультета психологии и инклюзивного образования Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни. Тел: +992 919329252

Научный руководитель: к.п.н., доцент Латифзода С.

About the author: Gulova Bibioisha, first-year master of practical psychology, Faculty of Psychology and Inclusive Education, Tajik State Pedagogical University. S. Aini. Tel.: +992 919329252

Мусоева Фотима Зоировна,
магистранти соли аввали факултети технология ва соҳибкорӣ

ФАРҲАНГИ ЗЕБОИПАРАСТӢ ВА ТАШАККУЛИ САНЪАТИ ОРОИШӢ

Дар ҳар марҳилаи таърихӣ аҳолии Осиёи Марказӣ ҳамгироии таърихӣ-фарҳангии муайянеро намояндагӣ мекард, ки баъзе аз ҷузъиёти онҳо дар марҳилаҳои гуногун таҳаввул пазируфтанд. Ташаккулёбии давлатдорӣ ба ҷангу муҳорибаҳо, муҳоҷират ва омехташавии қавмҳо иртибот дошта, дар замонҳои қадим форсзабон: бохтариҳо дар минтақаи Амударё, суғдиҳо дар ҳавзаҳои Зарафшон ва Қашқадарё, портиҳо дар Хуросон, мурғобиён дар Мурғоб, хоразмиён дар қисмҳои поёнии Амударё, парканиҳо дар Фарғона, сакоию масагетиҳо дар кӯҳҳо ва баландиҳои Аралу Каспий, усуниҳо дар Ҳафткӯл мусоидат кардаанд [1, 6].

Дар Тоҷикистон кашидадӯзӣ чун яке аз намудҳои ҳунарҳои қадима таърихи чандинасра ва хусусияти таърихиро дорост.Унсурҳои кашида-дӯзӣ ҳам либосҳо, ҳам пойафзолҳо, ҳам таҷҳизоти аслӣ, ҳам ҷиҳози дохили манзилҳо ва асбобҳои гуногуни рӯзғорро фаро гирифта буданд. Дар осорхонаҳои кишваршиносии Тоҷикистон бисёре аз намунаҳои анъанавии қадима ва марҳилаҳои минбаъдаи гулдӯзиҳои миллӣ ҷамъоварӣ ва эҳтиёткорона нигаҳдорӣ мешаванд. Аз замонҳои қадим ду навъи асосии кашидадӯзӣ вуҷуд дошт: якум кашидадӯзии тоҷикони кӯҳистонӣ, дувум кашидадӯзии тоҷикони водинишин ва бо ибораи дигар ҳар ду «мардумӣ» мебошанд. Кашидадӯзони водинишин бештар ба ороиши ҷиҳози хона ва кашидадӯзони кӯҳистонӣ бошанд, ба кашида-дӯзӣ намудани сару либос аҳамияти калон медиҳанд.

Сӯзании ин маҳалҳо бо композитсияи аҷиби худ қолинҳои нақширо ба хотир меорад. Онҳо аз матоъҳои шоҳӣ, сатин, бахмал ва дигар матоъҳо буда, астардор мешаванд. Сӯзанӣ як навъи маснуоти миллии ниёгон ба шумор меравад, ки онро дастӣ дӯхта мешавад. Ин санъати миллиест, ки дар матоъ бо таври кашидадӯзӣ оро дода мешавад.

Дар сурате, ки кашидадӯзии мардумӣ бо расму оинҳои қадима алоқаи зич дошт ва аз синни 13-15 солагӣ духтарони деҳот бояд аллакай барои худ ҷиҳоз тайёр мекарданд.Инҳо либосҳои миллӣ, дастурхонҳои дӯхташуда, рӯймолҳо, рӯйпоккунҳо (рӯймолча) буданд. Дар назди меҳмони ба тӯй омада, пеш аз ҳама, ба таври ошкоро ҷиҳозро намоиш медоданд, ки ифодакунандаи меҳнатдӯстӣ ва ҳунармандии арӯс буд. Баъд аз он, арӯс ба хешовандони домод маҳсулоти кори худро ҳадя медод. Дар оилаҳои аҳолии деҳот либосҳоро аз матоъҳои пахтагӣ ва пашмӣ медӯхтанд. Он ғайр аз ороишоти зиёди кашидадӯзӣ, инчунин бо турдӯзӣ, тасмачаҳо аз матоъҳои рангин зеб дода мешуд. Дар тӯли садсолаҳо санъати гулдӯзӣ доимо такмил дода шудааст. Одамоне, ки дар иҳотаи табиат зиндагӣ мекарданд, бойгарӣ ва гуногунрангии онро эҳсос намуда, ҳанӯз аз замонҳои қадим мавзуъҳои мухталифро дар асоси рустанӣ ва гулҳо истифода мебурданд. Аз онҳо намудҳои одӣ ва содаи нақшҳо ба вуҷуд омада буданд. Намуди геометрии баъзе рустаниҳо ва гулҳо одамонро ба андешаи истифодаи онҳо ҳамчун нишонаву аломат ва рамзҳо водор мекарданд, ки бо он муносибати ҷаҳоншиносӣ, арзёбии зуҳуроти табиатро нишон медоданд. Дар ин композитсияҳо инсон маънои ба ӯ маълумро инъикос мекард ва хату нишонаҳои ифодаи ҷаҳони ботинӣ ва яке аз воситаҳои алоқа маҳсуб меёфтанд. Дар тӯли солҳо ҳунармандони кашидадӯз мавзуъҳои мушкилтарро истифода мебурданд, мутобиқати расму тасвирҳо ба назар гирифта мешуд. Ин ба эҷоди ороишоте, ки аз такрори пайдарпайи унсурҳои алоҳида иборат буда, бо истилоҳи «гузориш» ном бурда мешавад, мусоидат намуд. Ҳар яке аз нақшҳо дорои мазмуну мавзуи мушаххас ҳастанд, ки бо таърих ва фарҳанги халқ алоқаманд мебошанд. Ихтироъкунандагони мавзуъҳо ороишот ҳама вақт аз табиат илҳом гирифта, ба таври оқилона чизҳои дидаашонро истифода бурдаанд. Ҳар як халқ дар кашидадӯзӣ орзуву эҳсоси амиқ, фаҳмиш, ақидаи наздик ба фарҳанги кишвар, хусусият, завқи зебопарастии худро ифода мекард. Ороишоти эҷодгашта бо гуногунии мавзуъҳои алоҳида фарқ карда мешуданд, ки тасаввуроти дӯзанда оид ба табиати гирду атроф дар мувофиқа бо ақидаҳои мифологӣ ва афсонавӣ ифода ёфтаанд. Ҳамҷоя кардани унсурҳои алоҳида ороишотро «таркиб» (композитсия) меноманд, ки мазмуни бадалшавии қисмҳои таркиб ва сатрҳои он: ба тарзи уфуқӣ, амудӣ ва кутрӣ (диагонал)-ро дорад. Намудҳои зоҳирӣ ва тарзи иҷро намудани ороишоти кашидадӯзии халқӣ ба хусусият ва таркиб (бофт)-и матои дар шароити хона таҳияшуда вобаста аст. Бо ин сабаб, қисми асосии нақшҳо аз унсурҳои геометрӣ фароҳам омадаанд. Унсурҳои маъмул ва умумии ороишоти геометрӣ иборат аз нуқтаҳо, хатҳои рост ва шикаста, доираҳо, салибҳо, секунҷаҳо, чоркунҷаҳо, бисёркунҷаҳо мебошанд.

Раванди рангубор аз ҳар як шахс пуртоқатӣ, эҳтиёткор будан ва маҳорати калонро талаб менамояд, ин хусусиятҳо албатта дар натиҷаи таҷрибагузарониҳо ташаккул ёфта, самараи хуб медиҳанд. Хотиррасон намуданием, ки на ҳама намуди ресмонҳо ва матоъ ба ранг тобеъ мешаванд, бинобар он пеш аз рангубор бояд, нахи ресмон ё матои рангшаванда аввал муайян карда шавад.

Инсоният барои таҳияи мавқеъ ва мутобиқати унсурҳои анъанавии ороишот ва таносуби онҳо бо зебогии либос ва пойафзол, ҷойгиркунии композитсияҳои ороишӣ, ки шаклу андоми касро равшан таъкид мекунанд, садсолаҳо умр сарф кардааст. Ороишоте, ки дар тамоми маҳсулот ё қисмҳои алоҳидаи он ҷойгиранд, на танҳо вазифаи зиннатбахшӣ, инчунин нишон додани шаклу андозаи маҳсулотро иҷро

менамоянд. Имрӯз дарк карда мешавад, ки тарзи ҷойгиркунии унсурҳои зиннатдиҳанда дар ин ё он намуди маҳсулот вобаста ба мақсад, андоза ва шакл, завқ, эҳсосот, дониш, анъана ва тасаввуроти дӯзандагон сурат мегирад. Муд барои навъҳои гуногуни кашидадӯзӣ мунтазам тағйир меёбад, баъзеашон метавонанд муддате тамоман аз байн раванд ва пас аз муҳлати муайян боз аз нав маъмул шаванд, вале намудҳои асосӣ ҳамеша бетағйир мемонанд.

Кашидадӯзӣ дар замони муосир бо беҳтарин анъанаҳои санъати кашидадӯзии мардумӣ ва усулҳои қадими гулдӯзӣ бо коркарди мошинҳо ва технологияи нав ғанӣ гардонида шудааст.

Кашидадӯзӣ бо дӯхти ороишотӣ маъмул аст. Иҷрои онҳо сабуку зебо буда, ба маҳсулот ороишоти бадеӣ мебахшанд.

Истифодаи дӯхти (бахия, дарз) нисбатан содатар, ба монанди «сӯзан аз пеш», «сӯзан аз қафо», «бузак», «арча», «лаганда», «йурмадӯзӣ» ва монанди инҳо мебошанд. Донишҷӯёни синфҳои боло дӯхтҳои нисбатан мушкилро (хомадӯзӣ, ислимӣ, нақшдӯзӣ) метавонанд иҷро намоянд ва бо онҳо сачоқҳо, пойандозҳо, борхалтаҳо (сумка) ва либосҳоро оро диҳанд. Лаганда ва йурмадӯзӣ, маъмулан, барои дӯхтӣ шаклҳои давра, хатҳои зудбадали (гибкий) ороишоти рустанишакл, ислимӣ ва нақшҳои гуногуни ороишӣ дар хатҳои уфуқӣ ва амудӣ истифода бурда мешаванд.

Техникаи кашидадӯзии ислимӣ ҳангоми гулдӯзии нақшҳои паранда, моҳӣ, ҳайвонот аксар вақт ба намудҳои аслӣ чандон шабоҳат надошта, вале ба шаклҳои геометрӣ наздиктар ҳастанд [1, 4].

Мисли дигар дӯхтҳо, дӯхтҳои ороишӣ ва лагандаҳое иборатанд, ки чунинанд: якум, матоъро бо сӯзан аз боло то поён хат мекашанд. Масофаи байни ин ду нуқта лаганда ҳисобида мешавад. Дарзҳои ороиширо метавон дар матоъҳои гуногун истифода намуд: катон, пахтагӣ, пашмӣ.

Танҳо муҳим аст, ки риштаҳо равшантар намоён шаванд, зеро онҳо аксар вақт ҳангоми дӯхтан ҳисоб карда мешаванд. Инчунин бояд онҳо ғафсии якхела дошта бошанд, вагарна нақша на чоркунҷа, балки яктарафаи бетартиб мешавад. Қатори дарзҳои ороишӣ «бузича», «арча», «нақш» байни ду хатҳои параллелӣ иҷро карда мешаванд. Онҳоро бо риштаҳои аз матоъ баромада нишон додан мумкин аст. Дар ҳамин маврид дӯхт ҳамвор ва муназзаму ботартиб шуданаш мумкин аст.

Метавон ба матоъ тагдӯзӣ намуд ва болои он гулдӯзиро анҷом дод, аммо бо ин усул гулдӯзӣ чандон зебо ва хушнамуд ба монанди он ки ҳангоми ҳисобкунии риштаҳо ҳосил мешавад, нест.

Машғулиятҳои амалии гулдӯзӣ бо шарҳи таъмини бехатарии кор (гузаронидани ришта ба сӯзан) оғоз меёбанд. Риштаҳои гиреҳшуда, одатан, дар кашидадӯзӣ истифода намешаванд, зеро гулдӯзиҳоро ғафсу безеб мекунанд. Барои мустаҳкам кардани риштаҳо аз чашми сӯзан ресмонро гузаронида, бо як давр занондан гиреҳ бастан лозим аст.

Кашидадӯзӣ монанди ҳар гуна корҳои дигари донишҷӯёни муассисаҳои арзиши махсуси тарбиявиро дар сурати идроки манфиати он ва иҷрои ҳамагонӣ ба даст меорад. Огоҳӣ аз роҳҳои дӯхти одии дастӣ барои бахия кардан (чок кардан) хеле муҳим аст, зеро он асоси тамоми кор бо сӯзанро ташкил медиҳад.

Ҳосил кардани малакаҳои истифодаи сӯзан гулдӯзиро осонтар мегардонад. Қайчӣ бояд ду ҷуфт бошад: калон барои буридани матоъҳо ва майдатар бо нӯгҳои тез барои кашидадӯзӣ. Пеш аз он ки роҳу усулҳои дӯзандагӣ фаҳмонида шавад, муаллим бояд ба ҳолати иҷрокунанда ҳангоми кор диққат диҳад. Барои ҳар гуна намуди дӯзандагӣ ё кашидадӯзӣ бояд дурустии вазъи нишаст риоя карда шавад. Баландии курсии кори бояд ба баландии мизи корӣ мувофиқ бошад, на он қадар баланд бошад, ки сари худро кас ба поён хам кунад, барои рост нигоҳ доштани сар кӯшиш намояд.

Вақти гулдӯзӣ зери даст гузоштани болиштчаҳои аз гил ё худ оҳанпора пур карда шуда лозим аст, то ки аз вазнинии он ҳангоми кашола кардани риштаи матоъ аз ҷой наҷунбад.

Ҳар як кор тайёрии пешакиро талаб мекунад ва ҳар қадар ки ин омодагӣ бодиққатона сурат гирад, сифати маҳсулот баланд ва зебо хоҳад шуд.

Барои гулдӯзӣ чизҳои дигар низ зарур аст, ки нақши тасвир бояд ба матоъ нусхабардорӣ карда шавад, қобилияти мувофиқ ба андозаи гулдӯзии маснуот ҳаҷман васеътар ё тангтар карданро дошта бошад.

Бахияҳое, ки аз ҷониби ҳунармандон дар Тоҷикистон ва Ӯзбекистон бештар истифода мешаванд, инҳо босма, кандахаёл, чиндахаёл, хомадӯзӣ, йӯрмадӯзӣ, ироқидӯзӣ, чамак ва дигар намудҳо мебошанд. Ин дарзҳо барои истеҳсоли ороишоти асосии маҳсулот истифода мешаванд; дарзҳои дигар ҳамчун ёрирасон ба кор мераванд, бо онҳо қисмҳои хурди гулдӯзиҳо (ҷудокунӣ, хатҳои контурӣ, қисмҳои дохилии нақшҳои хурд) иҷро карда мешаванд.

Адабиёт:

1. Агапова Н. Г. Интегрированные уроки художественного эстетического цикла сущность, предназначение, типология. – Москва, 2006. – 204 с.
2. Аглаева В. М. Взаимосвязь художественного воспитания в процессе обучения младших школьников декоративно прикладному искусству и лепке (на материалах Таджиксой ССР): автореф. дисс… канд. пед, наук. – Москва, 1988. – 16 с.
3. Азизов А. А. Методика преподавания предпринимательства. Учебник на таж. яз. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 156 с.

4. Азизов А. А. Программа по предмету «Технология» для 5-11 классов общеобразовательных школ Республики Таджикистан на тадж. яз.. – Душанбе: Матбуот, 2003. – 68 с.
5. Алтшуллер Г. С. Алгоритм изобретения. – Москва: Изд. «Моск. Рабочий», 1973. – 426 с.
6. Васильченко О. А. Формирование эстетического вкуса подростков в процессе школьной музыкально – хоровой деятельности: Автореф. дисс.канд. пед.наук. – Т., 1991. – 17 с.
7. Галайда С. Д. Обучение старших школьников отражению явлений общественной жизни в изобразительной деятельности: дис. …канд. пед. наук 13.00.01. – Москва, 1981. – 258 с.
8. Гончаров И. Ф. Эстетическое воспитание школьников средствами искусства и действительности. – Москва: Педагогика, 1986. – 126 с.
9. Дремов А. К. Эстетический идеал современной литературы. – М.: Знание, 1973. – 62 с.
10. Куренкова Р. А. Эстетика: учеб, для студ.высш. учеб, заведений. – М.: Изд – во ВЛАДОС – ПРЕСС, 2004. – 18 с.
11. Сафронова Е. М. Воспитание эстетического вкуса старших подростков: Автореф. дисс. канд. пед. наук/ Мин – во образования РФ, Волгоградский ордена «Знак Почета» Гос.пед.институт имени А.С. Серафимовича. – Волгоград, 1992.

Калидвожаҳо: *фарҳанги зебоипарастӣ, фарҳангшиносӣ, мардумӣ, ҳамгироӣ, касбӣ, диалектика, омилҳо, фалсафа, иҷтимоъ.*

Аннотация

КУЛЬТУРА КРАСОТЫ И ФОРМИРОВАНИЕ ИСКУССТВО ДЕКОРА

Понятие «культура красоты» все чаще используется различными этнографами, которые считают, что это то же самое, что культура фольклора или народного искусство и искусство художественного творчества. Важно прояснить одну из диалектики народа и единства профессиональной и народной культуры.

Ключевые слова: эстетическая *культура, культурология, народная, интеграция, профессионализм, диалектика, факторы, исследование, общество.*

Annotation

THE CULTURE OF BEAUTY AND THE FORMATION OF DECORATION ART

The concept «the culture of beauty» is widely used by different ethnographers, which consider this idea the same as «the culture of folklore» or «the human art» and «the artistic creation». It is important to clarify one of the dialectics of people and the unity of professional and human culture.

Keywords: *aestheticism, body-building, folk, fusion, professionalism, dialectic, factor, investigation, society.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Мусоева Фотима Зоировна, магистранти соли аввали факултети технология ва соҳибкории ДДОТ ба номи Садриддин Айни, нишонӣ: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121. Телефон: +992 904420345; +992 777707511

Роҳбари илмӣ: н.и.п., дотсент Мухторова Г.

Сведения об авторе: Мусоева Фотима Зоировна, магистрантка первого курса факультета технологии и передпринмательства Таджикиского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, адрес: город Душанбе, проспект Рудаки 121. Тел.: +992 904420345; +992 777707511

Научный руководитель: к.п.н., доцент Мухторова Г.

About the author: Musoeva Fotima Zoirovna, first year master Faculty of Technology and Entrepreneurship Tajik State Technical University named after Sadriddin Aini. Ave Rudaki 121. Tel.: +992 904420345; +992 777707511

Латифзода Сомон Зариф,
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон
Бозоров Аюб,
магистранти соли аввали факултети психология ва таҳсилоти фарогир

ҶАНБАҲОИ ПСИХОЛОГИИ ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ

Мақомоти корҳои дохилӣ яке аз институтҳои давлатии ҳифзи ҳуқуқ шумурда шуда, баҳри нест кардани ҷинояту ҷиноятқорӣ ва фароҳам овардани сулҳу субот ва тартиботи ҷамъиятӣ таъсис дода шудааст. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (оянда кӯтоҳ истифода мешавад-ФОҶ) – яке аз самти асосӣ ва афзалиятноки мақомоти корҳои дохилӣ мебошад, зеро қисми зиёди ҷиноятҳои содиршуда тариқи ФОҶ ошкор карда мешаванд «….қариб 90% ҷиноятҳо маҳз тавассути фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ошкор карда мешаванд» [7, 21].

Шартан ФОҶ-ро метавон ба чунин қисмҳо ҷудо намудан мумкин аст:

Муошират байнишахсӣ. Пурсиши оперативии шоҳид, ҷабрдида, гумонбаршуда, суҳбат бо экспертҳо, додани нишондод дар мурофиаи судӣ, кор бо манбаҳои иттилоотии махфӣ. Ин бахши кор дар субъектони ФОҶ метавонад тақрибан 40% вақти кориро ташкил диҳад [2, 67].

ЧОҶ. Тақрибан метавонад 35% вақти кориро ташкил бидиҳад (тафтиши биною иншоот, тартиб додани маълумотнома, пурсиши шаҳрвандон, мушоҳидакорӣ, тайёрӣ ва гузаронидани ЧОҶ барои дастгир намудани гумонбаршуда).

Кор бо ҳуҷҷатҳо. Шиносоӣ бо маводи кори ҷиноятӣ, бақайдгирии он.

Ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аслан дар 2 шакл амалӣ карда мешаванд:

1. Дар якҷоягӣ бо муфаттиш, ваколатдори оперативӣ ба ҷои ҳодисаи рухдода раҳсипор мешавад ва дар азназаргузаронӣ, ҷустуҷӯйӣ, дастгиркунӣ ва дигар амалҳои тафтишотӣ иштирок менамояд.
2. Кормандони ваколатдори оперативӣ усулҳои касбиро истифода намуда, пешгиринамоии амалҳои ҷиноятӣ, пешбинии ин гуна амалҳои ҷиноятиро дар назди худ мақсад мегузоранд. Дар ин вазъиятҳо, ба василаи усулҳои махсус, маълумоти заруриро оид ба фаъолияти ҷиноятқорӣ гирифта, алоқаҳою доираи муошират онҳо, ҷойи қарордошт ва амалҳои ӯ ҷамъ карда мешаванд. Дар бештари мавридҳо, натиҷаи ана ҳамин гуна фаъолият аст, ки ҷиноятқор дарҳол дастгир карда мешавад.

Пас аз таҳлили ин гуна корҳо метавон тахмин кард, ки чорабиниҳои коршоямии касбӣ-психологӣ як ҷузъи ҷудонашавандаи мақомоти корҳои дохилиро ташкил медиҳанд. Аз ҳамин лиҳоз, баланд бардоштани масъулиятнокӣ ва ё самаранокии он тариқи чорабиниҳои коршоямии касбӣ-психологӣ яке аз роҳҳои маъмулу оптималӣ шумурда мешавад ва инчунин барои муайян намудани меъёрҳои навини психологию психофизиологии кормандони оперативӣ имкон фароҳам меоранд.

Олими соҳаи психологияи ҳуқуқӣ В. Л. Василев [1] дар шахсияти кормандони мақомоти тафтишотӣ шаш ҷанбаи психологиро ҷудо намуда буд ва чунин андеша дорем, ки ҷанбаҳои зикршуда дар ФОҶ низ муҳим буда, ҳангоми амалияи фаъолияти мазкур зарур мебошанд:

Ҷанбаи ичтимоии ФОҶ. Ҷанбаи сиёсии фаъолияти кормандони оперативиро ҳамчун ташкилотчигии мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ фарогир мебошад. Инчунин, гузаронидани чорабаниҳои пешбининамоиро низ дар бар мегирад. Дар ҷои ҳодисаи рухдода субъектони амаликунандаи ФОҶ ба чунин саволҳо ҷавоб меҷӯянд: дар ин ҷо чӣ ҳодиса рух дод ва аз ҷиноятқор чӣ нишонаҳо боқӣ мондааст? Дар натиҷаи ин кор, ваколатдори оперативӣ оид ба маводи моддӣ (изи дастон, пойҳо, воситаҳои нақлиёт, силоҳе, ки ба воситаи он ҷиноят содир кардашудааст) ва ё оид ба маводи идеалӣ (оид ба ҳодисаи ҷиноятӣ, шахсияти ҷиноятқор, нишондодҳои шоҳидон, ҷабрдидаҳо ва ғ.) маълумот ҷамъ меоварад. Раванди гирифтани ин гуна маълумот дорои характери давранок мебошад.

Ҷанбаи ҷустуҷӯӣ ва ё маърифатии ФОҶ. Ҷанбаи ҷустуҷӯӣ ва ё маърифатӣ дар навбати аввал аз ҷониби ваколатдори оперативӣ ҷамъ кардани ахбороти оперативӣ дар бораи ҳодисаҳои ҷиноятӣ шумурда мешавад. Фаъолии маърифатӣ аз назари илми психология чунин шарҳ дода мешавад: «шахсият бояд доимо дар ҷустуҷӯйӣ роҳҳои нави кушодани ҷиноят бошад». Асри XXI асри системаи иттилооти техникӣ буда, ҷиноятҳои дар ин давра содиршуда, аллакай, аз ҷиноятҳои пештара бо куллӣ фарқ мекунанд. Ҷиноятқор ба воситаи технологияи муосир ҷиноятро содир намуда, аз худ изе ҳам намегузорад. Барои дастгир намудани ин гуна

ҷиноятқорон бояд ба мисли онҳо аз тамоми системаи иттилотӣ замони муосир бохабар буд. Моҳияти ҷанбаи ҷустуҷӯйӣ дар фаъолияти ваколатдори оперативӣ дар ошкор намудани изҳои ҷиноятқор ва тартиб додани «симо»-и ҷиноятқор асос меёбад. Инро бо ибораи дигар метавон чунин ёдовар шуд: «тартиби тавсифдиҳандаҳое, ки имконияти ҷустуҷӯйиро аз рӯи идентификатсияи шахсият (изи дастон ва ғ.) медиҳанд» [1, 280].

Ба шоҳмотбози касбӣ барои дарки мавқеъҳои душвори тахтаи шоҳмот ҳамагӣ 5 сония басанда аст, нафари бетаҷриба ва ё нафари бозиро нав оғозмекарда барои ин соатҳоро сарф мекунад. Ваколатдори оперативӣ дар ҷои ҳодисаи рухдода маълумоти заруриро қайд намуда, ба мисли шоҳмотбози касбӣ ба «шаклҳои душвор» муттамарказ мегардад (ҷасад, ҷои шикастани қулф ва ғ.) ва «майдонҳои критикӣ» (роҳҳои воридгардӣ ва роҳҳои баромадани ҷиноятқор ва ғ.). меомӯзад.

Ҷанбаи реконструктивии ФОҶ. Ҷанбаи реконструктивӣ ҳангоми гузаронидани ЧОҶ дар худ таҳлили маълумоти ҷамъшуда ва такя ба ин таҳлилу таркибнамоӣ, маънидод кардани ҳодисаи рухдодаро фаро мегирад. Бо ёрии онҳо кормандони оперативӣ конструксияи сохтаи худро мавриди санҷиш қарор медиҳанд. Банақшагирӣ низ натиҷаи фаъолияти реконструктивист. Моҳиятан, ҷанбаи реконструктивиро метавон чунин шарҳ дод: фикран тартиб додани манзараи ҳодисаи ҷиноят, коркарди фарзияҳои асосӣ оид ба кори мазкур ва ташкили нақша баҳри бомувафаққият ошкор намудани ҷиноят равона шудааст.

Ҷанбаи шаҳодатномавӣ (тасдиқӣ)-и ФОҶ. Ин маълумоти аз ҷониби субъектони амаликунандаи ФОҶ ҷамъшуда бояд ба як тартиби муайян, яъне дар шакле, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст, дар шакли суратҷаласа қайд карда шавад. Ахбороти оперативии аз ҷанбаҳои коммуникативӣ бадастомада, дар фаъолияти шаҳодатномавӣ дар шакли махсусе, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст, амалӣ мешавад. Бинобар ин, кормандони оперативӣ бояд нутқи хаттӣ, маҳорати тез тарҷума намудани нутқи даҳонӣ ба хаттиро дошта бошанд.

Ҷанбаи ташкилотчигии ФОҶ. Талаботи бештар ба ҷанбаи фаъолияти ташкилотчигӣ ҳангоми гузаронидани ЧОҶ дода мешавад. Дар давоми рӯз ба ҷои ҳодиса якчанд маротиба сафар карда, бо одамони зиёд вохӯрӣ кардан, рафтан ба муассисаҳои тиббӣ (пурсиши оперативӣ бо ҷабрдидаҳо), дар боғ будан, дар майдонҳои варзишӣ, ба дискоклубҳо рафтан, хуллас ба ҳамаи ин ҷойҳо вақти рафтанро ёфтан. Бинобар ин, дараҷаи баланди интизом, маҳорати ба нақша дароварда тавонистани вақти худ ва дигарон, ташкил кардани ёрдамчиҳо ва нафарони дигарро ба кӯмак даъват карда тавонистан, яке аз талаботҳои асосии ваколатдори оперативӣ ба ҳисоб меравад.

Фаъолияти ташкилотчигӣ – ин такя намудан ба амалҳои иродавие, ки барои амалинамоӣ ва санҷиш қарор додани фарзияҳо ва нақшаҳо кӯмак мекунанд, асос меебад. Ин фаъолият дар ду шакл зоҳир мешавад: худташкилнамоӣ ва ташкил намудани дигар одамон барои ҳалли масъалаҳо ва ё супориши касбӣ. Худташкилнамоӣ дар маҳорати ташкил намуда тавонистани ҳолати психикии худ зоҳир мешавад. Аз ин рӯ, субъектони ФОҶ-ро зарур аст, то дорои малакаҳои идоранамоии ирода ва соҳаи эмотсионалии худ ва дар доираи қонун назорати эҳсосҳои пурсидашавандаро соҳиб бошанд. Ҷанбаи дигар ин бар дӯш гирифтани қарори масъулиятнок мебошад.

Аслан чунин андеша бараъло ҳукмрон аст, ки дар амалияи ФОҶ ҳангоми гузаронидани ЧОҶ чунин сифатҳои ташкилотчигӣ заруранд:

- устуворӣ, нерӯмандӣ, худташилотчигӣ, ки мақсаднок будани ҷустуҷӯйӣ ҷиноятқоронро таъмин менамоянд;
- уҳдабароӣ, масъулиятнокӣ, серталабӣ, маҳорати нигоҳ дошта тавонистани махфият;
- таҳаммулпазирӣ, боинтизомӣ, худтанқиднамоӣ, иззати нафс дар муносибат бо ҳамкорон ва роҳбарият [5, 216].

Ҷанбаи иртибототии ФОҶ. Дар ҷамъ овардани маълумоти зарурӣ дар бораи фаъолияти ҷиноятқорӣ тавассути муошират асос меёбад. Хусусан, ҷанбаи мазкур ҳангоми пурсиши оперативӣ нақши муҳимро мебозад. Дар рафти пурсиши оперативӣ на доимо тақдири пурсидашавада, балки тақдири дигар одамон низ ҳал мешаванд. Муборизаи ақлҳо оғоз мегардад. Барои ғолиб омадан дар ин муҳориба ба кормандони оперативӣ донишҳои махсуси илмии соҳаи психология ва усулҳои пурсиш, маҳорату малакаҳои касбии дуруст ба роҳ мондани пурсиш кӯмак хоҳад расонид. Ҷанбаи иртибототии кормандони амалкунандаи ФОҶ - ин ташкили ба даст овардани ахбороти оперативӣ аз нафарони гуногун оид ба шахсияти ҷиноятқор ва алоқаҳои он маҳсуб меёбад.

Раванди маърифатӣ ҳангоми кушодани ҷиноят дорои равияи эҷодист ва дар он зоҳир мегардад, ки дар ҳар як давра масъалаҳо ҳал карда мешаванд, дар худ тартиби масъалагузорӣ, таҳлили он, ҷустуҷӯйӣ маълумот, гузоштани фарзияҳо ва санҷиши онҳо мебошад.

Ҳангоми сар задани вазъияти проблемавӣ дар ин маврид, хусусан, тафаккури корманд бояд фаъолияти пешбарандаро ичро намояд. Аслан дар намуди амалиётҳо, ки дар ичроиши ҳалли масъалаҳо равона гардидааст, зоҳир мешавад. «Дар ҳақиқатан ин раванди фикрӣ, одатан дар рафти фаъолияти мушаххас, меҳнати амалӣ, масъалаи муайян ҳалли худро меёбад, амалӣ мешавад…», қайд мекунад, С. Л. Рубинштейн [8, 98].

«…Дар кори амалии мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳангоми ҳалли вазифаҳои дар наздашон гузошташуда, ҳолатҳое вомехӯранд, ки вобаста ба ошкор ва кушодани баъзе ҷиноятҳо, алалхусус ҷиноятҳои муташаккил, коркарди оперативии онҳо мумкин аст марҳилаи дуру дарозро дар бар гирад (аз 1 то 5 сол ва ҳатто зиёдтар)…» [4, 36].

Дар бештари мавридҳо барои ичрои бомуваффақияти уҳдадориҳои вазифавӣ аз ваколатдори оперативӣ дараҷаи баланди мустақилӣ, ҷасурӣ ва фаъолии шахсӣ талаб карда мешавад. Як қатор коршиносон оид ба психологияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ дар кормандон мавҷудияти «майл ба таваккалнамоии оқилона»-ро зарур мешуморанд [9, 57].

Ҳамин тариқ, мувофиқи андешаи мо доир ба масъалаи тавсифи психографии ФОҶ ва ҷанбаҳои психологии он, метавон се давраи таърихиро ҷудо намуд [3, 89].

Давраи аввал бо интиқол додани маълумотҳои психологӣ ба ФОҶ тавсиф дода мешавад. Якчанд донишмандону олимон бартариятро маҳз ба ин давра бахшидаанд (А. И. Алексеев., И. И. Басецкий, В. П. Бахин, Р. К. Безруких, В. Г. Бобров, А. С. Вандышев, А. Ф. Возный, К. К. Горяинов, Д. В. Гребельский, В. Н. Гриднев, В. В. Дементьев, А. М. Качур, И. А. Климов, А. Г. Лекарь, В. А. Лукашов, В. Д. Пахомов, В. Г. Самойлов, Г. К. Синилов).

Дар давраи дуюми сарбориҳои таҳқиқотии олимон, ҳуқуқшиносону психологон, ки баъзе мушкилоти ФОҶ-ро омӯхта буданд, пурратар намуданд. Онҳо бо ин мақсад усулҳо ва воситаҳои махсуси психологиро истифода карданд. Инчунин, кӯшишҳои мутобиқ кардани донишҳои психологӣ дар соҳаи фаъолияти субъектони ФОҶ-ро намуданд (Ю. Е. Аврутин, А. В. Губин, Е. Г. Самовичев, В. А. Черепанов ва диг.).

Давраи сеюм амалинамоии таҳқиқи махсуси назариявии мушкилоти ФОҶ аз нигоҳи ҳуқуқшиносону равоншиносон, инчунин коркард намудани усулҳо, воситаҳои амалӣ ва дастурамалҳоро дар худ дар бар мегирад, дар ин давра аллакай нақши олимони ватанӣ низ бараъло эҳсос мегардад (олимони ватанӣ – Раҳимзода Р. Ҳ., Шарипов Ҳ. Ш., Маҷидзода З. Ҷ., Солиев Б. ва диг., олимони хориҷ – В. В. Аврамцев, Ю. Е. Аврутин, В. М. Атмажитов, И. И. Басецкий, В. Г. Бобров, В. Т. Вербовой, С. И. Винокуров, К. К. Горяинов, А. В. Губин, В. А. Данилов, С. В. Игнатов, В. А. Ильичев, И. А. Климов, А. С. Коноплев, О. Г. Ковалев, А. П. Ковачев, В. В. Лисицын, В. А. Лукашов, И. В. Михалева, Е. А. Пономарева, Е. Г. Самовичев, Г. К. Синилов, В. И. Филиппенко, М. И. Цыганенко, В. В. Шувалов ва диг.).

Адабиёт:

1. Васильев В. Л. Юридическая психология. – Санкт-Петербург, 1998.
2. Қосимов Ф. М., Латифзода С. З. Тавсифи психограммии (равоннамоӣ)-и фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. // Идоракунии давлатӣ (маҷаллаи илмӣ-сиёсии Донишкадаи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии тоҷикистон). №3 (35).
3. Латифзода С. З. Ташхиси коршоямии касбӣ-психологии шахс дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли довталабони самти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ) (диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300-Психология). – Душанбе, 2021.
4. Маҷидзода Ҷ. З. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ». – Душанбе, 2015.
5. Мангутов М. С., Уманский Л. И. Организатор и организаторская деятельность. – Л., 1975.
6. Основные виды деятельности и психологическая пригодность к службе в системе органов внутренних дел. /Под ред. Бовина Б. Г., Мягких Н. И., Сафронова А. Д. – М., 1997.
7. Раҳимзода Р. Ҳ. Фаъоляити оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 5-ум. – Душанбе: Эр-граф, 2017.
8. Рубинштейн С. Л. Проблемы общей психологии. – М., 1973.
9. Скалин Ю. Е. Профессиональный психологический отбор сотрудников уголовного розыска (Диссертация на соискание ученой степени кандидата психологических наук). – Санкт-Петербург, 2009.

Калидвожаҳо: *фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ҷанбаҳои психологӣ, ҷанбаи коммуникативӣ, ҷанбаи реконструктивӣ, ҷанбаи маърифатӣ, ҷанбаи иҷтимоӣ, хусусиятҳои психологии шахсияти корманди оперативӣ.*

Аннотация

ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

В данной статье рассматривается психологическое описание одного из главных приоритетной деятельности органов внутренних дел – оперативно-розыскной деятельности. В этом направлении, то есть в процессе определения психологических аспектов может быть использовано два термина: оперативно-розыскная деятельность (сокращенно ОРД) и Оперативно-розыскное мероприятие (далее ОРМ). ОРД - вид деятельности, который открыто или кондифициально проводится в рамках закона, путем проведения оперативно-розыскной мероприятий в целях защиты жизни, здоровья, права человека и гражданских свобод, собственности, обеспечения безопасности общества и государства от уголовных преступлений. ОРМ - система мер, установленных законодательством Республики Таджикистан, открыто или косвенно осуществляемая оперативно-розыскными операциями с целью разрешения оперативно-розыскной деятельности.

Ключевые слова: *оперативно-розыскная деятельность, оперативно-розыскные операции, психологические аспекты, коммуникативные аспекты, социальные аспекты, психологические свойство личности оперативника.*

Annotation

PSYCHOLOGICAL ASPECTS OF OPERATIVE-PINK ACTIVITY

In this article, a psychological description of one of the main priority activities of law enforcement agencies, operational-search activity is considered. In this direction, that is, in the process of defining psychological aspects, two terms can be used: operative-search activity (abbreviated to the ORD) and the Operative-Search Activity (hereinafter OMM). The ORD is a type of activity that is openly or legally formalized within the lawful way by carrying out operational search activities to protect life, health, human rights and civil liberties, property, ensuring the safety of society and the state from criminal offenses. ORM is a system of measures established by the legislation of the Republic of Tajikistan, openly or indirectly carried out by operative-search operations with the purpose of resolving operational search activity.

Keywords: *operative-search operations, operative-search operations, operational personnel, psychological aspects, aspects of communication, recreational space, educational aspirations, social aspirations.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Латифзода Сомон Зариф**,** эксперт-психологи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия. Тел.: +992 880008384; Latifzoda_01@mail.ru

Бозоров Аюб, магистранти кафедраи педагогика ва психологияи умумии ДДОТ ба номи С. Айнӣ

Роҳбари илмӣ: н.и.п., дотсент Дадабоева М.

Сведения об авторах: Латифзода Сомон Зариф**,** эксперт-психолог МВД Республики Таджикистан, майор милиции. Тел.: +992 880008384; Latifzoda_01@mail.ru

Бозоров Аюб, магистрант кафедры общей и педагогической психологии ТГПУ им. С. Айни

Научный руководитель: к.п.н., доцент Дадабоева М.

About the authors: Latifzoda Somon Zarif, expert psychologist of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, police major. Тел.: +992 880008384; Latifzoda_01@mail.ru

Bozorov Ayub, Master student of the Department of General and Pedagogical Psychology, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini.

Одинабекова Меҳрангез Сафармамадовна,
магистранти соли аввали факултети забонҳои романӣ-германӣ

НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТИВУ ИРТИБОТОТӢ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ ОЛМОНӢ

Асри XXI-ро асри технология ва компютор номидан беҳуда нест, зеро имрӯзи моро бидуни техникаи иттилоотӣ, ба хусус компютор ва интернет, осон нест. Зеро ин ду чизи муҳим барои осон намудани садҳо мушкилии мо дасти мадад мерасонанд ва кори моро дар лаҳзаи кӯтоҳ иҷро мекунанд.

Нақши технологияи иттилоотӣ дар таълим, ба хусус дар таълими забони хориҷӣ, ниҳоят бузург аст. Буҳрони COVID-19 дар тамоми ҷаҳон исбот намуд, ки нақши технологияи иттилоотӣ ба вижа видеоконфренсияҳо бағоят бузург аст.

Нақши муаллим вобаста ба дараҷаи мукаммалии технологияҳо бештар ба роҳбарии раванди таълим бурда мерасонад, аммо ин таъсири онро ба фаъолияти идрок кам намекунад ва онро аз доираи раванди таълим намебарорад [2, 65].

Технологияи иттиолоотӣ ва иртибототӣ ба ҳаёти ҳамарӯза ба таври амиқтар дохил мешавад. Дар омӯзиши забони олмонӣ нақши технологияи иртибототӣ бузург аст, зеро на ҳар як китоби дарсӣ ба талаботи имрӯзаи маориф ҷавобгӯ аст. Ҳангоми истифода аз технологияи иртибототии таълимӣ зарур аст, ки истифодабарии он барои ҳар як хонанда ва гурӯҳи хонандагон санҷида шавад. Зеро пайдоиши технологияи иртибототӣ мақсади наверо дар омӯзиши забони хориҷӣ ба миён меорад. Асоси донистани забони хориҷӣ ин яъне муошрати байни соҳибзабон ва талаба мебошад.

Нисбат ба методикаҳои урфӣ ҳангоми истифодаи шаклҳои муштараки таълим донишҷӯ шахси асосии амалкунанда мегардад ва худ роҳи омӯзишро пеш мегирад. Муаллим дар ин радиф нақши мушовирро мебозад ва вазифаи асосии ӯ ташкил ва шавқоваркунонии раванди таълим мебошад [4, 125].

Раванди омӯзиши технологияи компютерӣ як қатор навгониҳо ва масолеҳи техникию илмиро ба инсоният тақвият мебахшад, ва инчунин дараҷаи баланди илмиро дар илми имрӯзаи мо тақозо менамояд.

Инчунин ба ғай аз он, ки донишҷӯён бо соҳибзабон муошрати густарда дошта бошанд, бояд пайваста филмҳо бо забони олмонӣ тамошо кунанд. Нишон додани филмҳо тариқи тахтаи электронӣ ба шахсият як қатор малакаҳои нав меофарад [1, 32].

Банақшагирии дарси забони хориҷӣ бо истифодаи технологияи иттилоотии нав риояи муайяни принсипҳои дидактикӣ ва вазъияти илмӣ-методологиро талаб мекунад, ки дар дидактикаи анъанавӣ бо шарофати технологияи муосир мухтасар ифода ёфтааст.

Дарси имрӯза бояд аз истифодаи технологияҳои иртибототӣ ва иттилоотӣ бошад. Истифода аз технологияи иттилоотии муосир дар дарси забони хориҷӣ дар ҷараёни таълим дарсро ҷолиб намуда, суръати раванди омӯзишро метезонад [6, 72-73].

Дар ҳоли ҳозир технологияи иттилоотӣ нафақат омӯзандаи забони хориҷӣ, балки имтиҳонгиранда низ мебошад. Масалан, бо истифода аз барномаҳои гуногун мо метавонем дониши омӯхтаи худро бо шаклҳои гуногун санҷем.

Воситаҳои нави иттилоотӣ дар ҳаёти имрӯзаи мо ҷои намоёнро ишғол менамоянд. Онҳо дар дарсҳои забони хориҷӣ барои баланд бардоштани малака ва маҳорати хонандагон истифода бурда мешаван, инчунин малака ва маҳорати хонандагонро инкишоф медиҳанд. Истифодаи технологияи иттилоотӣ- иртибототӣ дар раванди таълиму тарбия барои мунтазам ва мушаххас кардани таълим кӯмак мекунад, шавқи хонандаро нисбати фан зиёд мекунад, барои аз хатогиҳо холӣ шудан ёри медиҳад [1, 14-16].

Дар вақти банақшагирӣ омӯзгор бояд, хусусан давраи оғозин, онро ошкоро фикр карда барояд. Чӣ қадаре ки он оғози дарсро ҷолиб мекунад, ҳамон қадар хонандагонро осонтар ба фазои сирати забони хориҷӣ ҷалб месозад, ки ба мувафақияти тамоми дарс вобаста аст. Мутаасифона, омӯзгорон зуд-зуд нақшаи якранги оғози дарсро истифода мебаранд: бо навбатдор дар бораи таърихи рӯз ran задан, дар бораи шахсони набуда дар бораи обу ҳаво ва ғайра.

Дар доираи ҳар як давраи дарс бояд, ки гузаштро аз гуфтори содда ба мураккаб дида барояд, ки ба муошрати нутқи ҳақиқи наздик шавад. Инчунин муҳим аст, ки гузашт аз як давра ба давра ба таври муошрати равона карда бошанд. Бо мақсади ташаккули салоҳияти

коммуникатсионӣ иҷро намудани машқҳои гуногуни коммуникативӣ доир ба расму оин, анъана ва тарзи зиндагии соҳибзабонони хориҷӣ ва мардуми тоҷик мебошад. Инкишофи малакаҳои нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дар ҷараёни муошират бо соҳибзабонони хориҷӣ [6, 54-55].

Ҳадафи омӯзиши забони хориҷӣ - ин ташаккул додани қобилияти муоширатии хонанда дар забони хориҷӣ, яъне амалан истифода карда тавонистани забони хориҷӣ мебошад. Вазифаи омӯзгор бошад тезонидани фаъолияти ҳар кадом хонанда дар раванди таълим ва ба вуҷуд овардани ҳолат барои фаъолияти эҷодии онҳо мебошад. Як гурӯҳ воситаҳои таълим барои баландбардорӣ ва фаъолсозии раванди омӯзиш заминаҳоро фароҳам меоранд. Қисми зиёди методҳо ва воситаҳои омӯзиш дар забонҳои хориҷӣ истифодаи дастгоҳҳои махсус барои сабти овоз, гӯш кардани овози сабтшуда ва дар айни замон ба амал овардани таҷрибаҳои шифоҳӣ дар воситаҳои лингафониро талаб менамоянд. Донистани забони хориҷӣ дараҷаи маълумотҳои гуманитарии хонандагонро баланд бардошта, барои сохтани шахсият ва ёфтани мавқеи иҷтимоии хонандагон дар шароити ҷаҳони бисёрзабона ва босуръат тағйирёбанда хизмат мерасонад [5, 132-134].

Диққати асосӣ ба донишҳои байнифаннӣ додашуда, ҳавасмандкунии доимии малакаҳои фикрронӣ ва иттилоотии дараҷаи баланд ба роҳ монда мешавад. Асосан ҳалли мушкилот, дастрасӣ, ташкил, таҳлил ва муаррифии донишҳо ва намоиш додани малакаҳо муҳтавои асосии мақсади таълимро ташкил медиҳанд. Хонандагон бо омӯзгор якҷоя мақсаду вазифаҳои таълимро дар асоси мушкилоти мавҷуда ва донишҳои қаблии хонандагон муҳокима карда, бо шавқу ҳавас ба таҷрибаи пешина ҳамкорӣ мекунанд.

Воситаи инкишофи тафаккур - нутқ - амалан бекор мемонад. Хонанда таҷрибаи кофӣ дар муошират бо забони омӯхташаванда гирифта наметавонад, аммо бе ин таҷриба, чӣ тавре ки таҳқиқотҳои равоншиносӣ нишон медиҳанд, тафаккури мустақилона инкишоф намеёбад. Таълим дар он вақт самаранок шуда метавонад, ки агар низоми воситаиҳои дидактикӣ ва тарбиявие, ки дар дарс истифода мешаванд, ба ҳадафи фаъолият, имкониятҳои ҳақиқии синф, хонандагони алоҳида ва гурӯҳи хонандагон мувофиқат кунанд.

Дарси забони хориҷӣ - ин муҳити иҷтимоии муайянест, ки дар он омӯзгор ва хонандагон дар муносибатҳои муайяни иҷмтимоӣ баромад мекунанд. Раванди таълим бошад - ин муносибати байниҳамдигарии ҳамаи иштирокчиёни дарс мебошад. Дар ин ҳолат муваффақият дар дарс - ин натиҷаи кори дастҷамъонаи истифодаи ҳамаи имкониятҳо барои омӯзиш ба ҳисоб меравад. Муаллими баландтаҷриба истифода дар ин ё он дарс ба нақша гирифта натанҳо мақсадҳои дидактикӣ, ки онҳоро ба ин восита дастрас мекунад, балки натиҷаи истифодаи онҳоро, кори иловагӣ бо хонандагонро муайян мекунад. Талаботи муҳим аз он иборат аст, ки ҳамон вақт истифода бурда шавад, ки хонандагон ба он омода бошанд ва ба воситаи он мақсадҳои дидактикӣ ба даст оянд. Дарс бо истифода ба нақша гирифта, муаллим маводи таълимиро муайян мекунад, ки барои омӯзиши он ҳатмист; аз фонди дастурамалҳо ҳамонашро мегирад, ки барои ҳалли масъалаҳои пешгузоштааш лозим аст; ҷои дастурамалро дар дарс муайян мекунад; методикаи истифодаи онро ҳангоми дарс эҷод мекунад [2, 37-38].

Адабиёт:

1. Амонашвили Ш. А Воспитательная и образовательная функция оценки учения школьников Педагогика. – М., 1984. – 12 с.
2. Афзалов Х., Раҳимов Б. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1994. – 18 с.
3. Бим И. Л. Методика обучения иностранных языков как наука и проблемы школьного учебника. – М.: Русский язык, 1977. – 67 с.
4. Джонназаров Х. Д. История развития педагогического образования в Таджикистане. – Душанбе: Дониш, 1990. – 56 с.
5. Мирзоахмедов Ф. Таълими фаъол дар киёси омӯзиши анъанавӣ. Газетаи Омӯзгор, №20. – Душанбе, 2000. – 16 с.
6. Сайфуллоева З. Х. Игровые методы обучения к формированию коммуникативной компетентности студентов / Материалы республиканской научно-пракической конференции, посвященной 100-летию Константина Симонова «Русский язык и литература в современных культурных контекстах». – Душанбе: ТГПУ, 2015. – С.8-17.

Калидвожаҳо: *технологияи иттилоотӣ, дарси забони олмонӣ, омӯзгори забони хориҷӣ, тафаккури нутқ, шунавоӣ, салоҳиятнокӣ, методҳои муосир.*

Аннотация

РОЛЬ ИНФОРМАЦИННО-КОМУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИИЙ НА УРОКАХ НЕМЕЦКОГО ЯЗЫКА

В статье рассматривается процесс использования информационно-комуникационных технологиий на уроках немецкого языка. Кроме того, раскрывается важность обучения культуры народа, чей язык мы изучаем. Исходя от иследований определяются конкретные задачи поликультурного или межкультурного образования:

- планирование урока иностранного языка с использованием новых информационных технологий;
- общение может быть с одним или несколькими людьми;
- хорошая возможность пообщаться с носителем языка;

Ключевые слова: *информационные технологии, уроки немецкого языка, учитель иностранного языка, речевое мышление, аудирование, компетентность, современные методики.*

Annotation

THE ROLE OF INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES IN GERMAN LESSONS

The article discusses the process of the role of information and communication technologies in the lessons of the German language. In addition, the importance of teaching the culture of the people whose language we are studying is revealed. Based on the research, specific tasks of multicultural or intercultural education are determined:

- planning a foreign language lesson using new information technologies;
- communication can be with one or more people;
- a good opportunity to communicate with a native speaker;

Key words: *information technology, German lessons, foreign language teacher, verbal thinking, listening, competence, modern methods.*

Маълумот дар бораи муалиф: Одинабекова Меҳрангез Сафармамадова, магистранти соли аввали факултети романӣ-германӣ, кафедраи забони олмонии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Роҳбари илмӣ: профессор Сайфуллоев Х. Ғ.

Сведения об авторе: Одинабекова Мехрангез Сафармамадова, магистрантка первого курса романо-германского факультета, кафедры немецкого языка Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни

Научный руководитель: профессор Сайфуллоев Х. Г.

About the author: Odinabekova Mehrangez Safarmamadovna, 1st year student of the Romano-Germanic Faculty of the German Language Faculty of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini

Scientific adviser: Professor Saifulloev Kh.G.

Ахмедова Дурдона,
магистранти соли аввали факултети таҳсилоти ибтидоӣ

ТАРБИЯИ ҲУҚУҚИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ХУРДСОЛ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Ҳуқуқ – маҷмуи қоидаю қонунҳои аз тарафи давлат муқарраршуда ё ба тавсибрасидаро гӯянд. Ҳуқуқ муносибатҳои одамонро дар ҷомеа ба танзим меорад ва хусусияти синфӣ дорад.

Ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои шаҳрвандони ҷомеаи демократӣ асоси ҳуқуқи шахсиятро дар ҷомеа муайян мекунад. Ҳуқуқи демократӣ шакли олии таърихии ҳуқуқ ба шумор меравад. Принсипҳои асосии он барҳам додани истисмори одам аз тарафи одам, баробарии ҳамаи шаҳрвандон, кафолати ҳуқуқу озодиҳои демократӣ, инсонпарастӣ ва адолат мебошад.

Ташаккули тарбияи ҳуқуқӣ ва рафтори ҳуқуқнигории насли наврас – қисми муҳими тарбияи шаҳрвандӣ аст. Ин ҷо гап дар бораи ташаккули ҳуқуқи давлати демократӣ меравад. Дар мактаб тарбияи эҳтиромӣ қонун, маданият, демократизм, фаъолияти волои шаҳрвандӣ ва эҳсоси масъулият эътибори хосса дода мешавад. Чунин номгузории масаъла он маъноро надорад, ки мо кормандони соҳаи илм ва маориф тамоми масъулиятро аз сари худ соқит намуда, танҳо онро ба зимаи падару модарон вогузор мекарда бошем. Набояд фаромӯш кард, ки мо худ низ ба ҳайси падару модар бояд масъулияти баланд ба зима дошта бошем [5, 52-54].

Дар доираи Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ташкил намудани озмоишҳои педагогию равоншиносӣ, аз қабили ташкили пурсишномаҳои синфӣ дар таълимгоҳҳо, гурӯҳи назоратӣ ба мағозаҳо, гулгаштҳо, ба оилаҳои хонандагони дарсгурезу оворагард, коргоҳҳои падару модарон, кӯчаю тангкӯчаҳои мавзеъҳои истиқоматӣ (вобаста ба нишондоди ҳамсинфону ҳамсолони чунин хонандагони аз таълимгоҳҳо дурмонда) мувофиқи мақсаданд. Дар ҳамкорӣ бо равоншиносону китобхонаҳои мактабӣ, Кумитаи падару модарон, роҳбарони синфҳо, ташкилотчиёни корҳои тарбиявӣ ва дигар шахсони масъул тавсия дода мешавад, ки нақшаҳои ҳамкориҳои умумии коргузорӣ таҳия намуда, дар алоқамандӣ бо падару модарон ва кумаки намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз пайи ислоҳи камбудию норасоиҳои ҷойдошта бошанд ва дар татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф саҳми арзанда гузоранд.

Барои кӯдакон иштирок дар маҳфилҳои худфаъолиятии мактаб, рафтан ба театри лухтак бо ҳамроҳии волидон ба онҳо таъсири маънавию ахлоқӣ расонидан аст. Онҳо бисёри вақт «сири дил» ва ҳиссиёти баланди худро на ба муаллимон, балки ба волидони худ изҳор мекунанд ва дар бораи дастовардҳои варзишӣ, озмунҳои санъати мусиқӣ, технологияи ихтирокорӣ ва дастовардҳои варзишӣ бо волидон ва атрофиёни худ баҳс намуда, худро дар муҳити зебою хуррам ҳис мекунанд.

Чунки дар ин синнусол ҳиссиёти кӯдакон бисёр ҳам баланданд ва танҳо падару модарон метавонанд ба онҳо ошкоро фаҳмонда диҳанд. Фаъолияти эҷодкорӣ дар мактаб он вазифаи баландеро, ки падару модарон дар ҷаҳони манавию ахлоқӣ, меҳанпарастию башардӯстии кӯдакони худ дар оила ба таври фардӣ ба вуҷуд меоваранд, иҷро карда наметавонанд. Аз ин лиҳоз омӯзгорони фаннӣ ва ташкилотчиёни корҳои тарбиявӣ бояд ҳама вақт ба падару модари хонандагони худ кумаки методию маслиҳатҳои муфид диҳанд. Ба онҳо такя намуда истода, аз онҳо низ дар масъалаҳои кушодани сиру асрори нозуки фаъолгардонӣ кумаки амалӣ гиранд.

Вазифаи тарбиявӣ аз идеали рафтори одам дар ҷомеаи ҳуқуқбунёди демократи аз иҷрои нормаҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқии шуурона ва фаъолонагӣ сар мезанад. Дар ҳамаи замина ҳамкории илмҳои педагогӣ ва юридики асос меёбад: педагогика аз тарбияи нарбияи нормаҳои ахлоқ ба ҳуқуқ ҳаракат мекунад, ҳуқуқшиноси бошад, аз ҳуқуқ ба ахлоқ. Ин ҳар ду илм вазифаи ягона – ташаккули маданияти ахлоқию ҳуқуқии одамро ҳал мекунад.

Ҷузъиёти возеҳи системаи тарбияи ҳуқуқи хонандагон мақсади тарбияи ҳуқуқии насли наврас мебошад. Он бояд хонандагонро бо ҳуқуқҳои муносибати иҷтимоии мураккаб шинос кунад, бо ёрии ҳуқуқ як қатор пробдемаҳои тарбиявиро, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» зикр ёфтаанд даркнамоянд. Аввало дар онҳо ташаккул додани ҳисси шаҳрванди ҳуқуқшиносӣ давлатӣ бояд. Хонанда тадриҷан узвияти соддаи саводнокии юридикиро бояд азхуд кунад, ҳуқуқҳоро фаҳмад, вазифадорӣ ва масъулияти ҳуқуқнигаҳдориро ҳис кунад. Дар шуури ӯ маданияти ахлоқӣ – ҳуқуқии руҳи ҷараён ёбад. Нормаҳои ахлоқи фаҳмиши нормаҳои ҳуқуқиро сабук мегардонад. Ниҳоят, тарбияи ҳуқуқӣ баҳри ҳавасмангардонии фаъолияти иҷтимоии хонанда, саъю кӯшиши ӯ барои муборизаи фаъол бо ҳодисаҳои нохуши ҳуқуқвайронкунӣ саҳм мегузорад [6, 8]. Дарк кардани мақсади тарбияи

ҳуқуқӣ барои тафаккури педагогӣ дар масъалаи мавқеи он дар раванди яклухти тарбия, дарки алоқамандии он бо дигар намудҳои фаъолияти кӯдакон ёрӣ мерасонад. Фаҳмиши муносибатҳои ҳуқуқи ба хонандагон дар чунин намудҳои фаъолият – худидоракунии умумимактабӣ, меҳнатӣ истеҳсолӣ, мусобиқаҳои варзишӣ дастрас мегардад.

Хонандагони хурдсол бештар «маълумоти ҳуқуқӣ»-и худро дар рафти корҳои ташкилкардаи ахлоқӣ-ҳуқуқӣ идома медиҳанд. Онҳо тавассути раванди таълим дар бораи давлат, рамзҳои он, ҳуқуқ ва вазифаҳои шаҳрванд тасаввуроти умумӣ мегиранд. Дар тарбияи ҳисси маънавӣ-ҳуқуқии онҳо мусиқӣ, санъати тасвирӣ, ёд гирифтани суруди миллӣ, тасвири ҳаёти иҷтимои дар суратҳои нақши муҳим мебозад.

Тарбияи ҳуқуқии мактаббачагони хурдсол барои муаллим кори осон нест. Истилоҳи ҳуқуқиро фаҳмидан душвор аст, бинобар ин, барои хоанандагони синфҳои ибтидоӣ дуруст мутобиқ кардани матнҳои сарчашмаҳои ибтидоии ҳуқуқӣ муҳим аст.

Кӯдак ҳар қадар зудтар бо ҷанбаҳои ҳуқуқии давлат ошно шавад, ҳамон қадар имкони ба камол расидани шахси арзанда, ки ҳуқуқи худро медонад, ба воя мерасад. Тарбияи ҳуқуқии мактаббачагон фанни мустақил нест, вай ба раванди тарбияи ахлоқии кӯдакон ва аз худ намудани меъёрҳои рафтори ҷамъиятӣ аз ҷониби онҳо ба таври органикӣ пайваст мешавад.

Маълумот дар бораи фарҳанги ҳуқуқӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба таври бозича, осон омӯхта ва дар асоси мисолҳо аз ҳаёти ҳаррӯза овардан мумкин аст. Хонандагони синфҳои ибтидоӣ бояд бо ҳуқуқҳои пешбининамудаи қонун дар бораи ҳуқуқи кӯдак, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва Конститутсияи Ҷумҳурии тоҷикистон шинос шаванд. Хонандагон бояд қонунҳои кишварро эҳтиром кунанд ва эътиқоди қаътӣ дошта бошанд, ки онҳоро вайрон накунанд [5, 77-78].

Хонандагони синфҳои ибтидоӣ бояд донанд, ки:

- ҳар як одами мамлакати мо гражданин аст ва дар давлате зиндаги мекунанд, ки вайро муҳофизат мекунад;

- ҳар якшахс дар назди қонун баробар аст ва ҳуқуқ дорад (ба зиндагӣ, таҳсил, истироҳат, озодии сухан ва ғ.);

- агар шахс қонунро вайрон кунад, пас вай ҷавобгар аст.

Ин дониш ба хонанда истифодаи ҳуқуқи озодиҳо, донистани меъёрҳои рафтор дар ҷомеа, иҷрои уҳдадориҳои худ, пайдо кардани малакаҳои муошират бо одамони гуногун дар ҳолатҳои гуногун, эҳтироми дигарон, ғамхори ба моликият, азони худ ва дигарон. Тарбияи ҳуқуқии хонандагони хурдсол низ ташаккули ватандӯстиро дар бар мегирад. Муҳим он аст, ки кӯдак мансубияти як миллат, Ватан, аҷдодони худ ифтихор кунад, рамзҳои давлат, таърихи зодгоҳашро донад. Омӯзгор ҳамчун усулҳои тарбияи фарҳанги ҳуқуқӣ метавонад ҳамаи намудҳои таъсири педагогӣ ва психологиро истифода барад: суҳбат, бовар кунондан, ташвиқ, пешниҳод, маҷбур кардан ва бо волидайн гузаронида шавад. Омузгоро зарур аст,ки дар равиши дарс нисбат ба қисмати назарияви-амалӣ аҳамияти махсус дода тавонад. Барои лексияҳо ва маслиҳатҳо он мавзуҳоеро интихоб намудан лозим аст, ки худи падару модарон онҳоро мефаҳманд ва мехоҳанд. Таъсири волидонро дар бораи ташаккули тарбияи маънаию ахлоқӣ ва завқи эстетикии хонандагон фаҳмонида истода, омӯзгор яке аз чорабиниҳои асосии варзишӣ ва санъаткориро новобаста аз хусусиятҳои синнусолӣ ҳам дар оила ва ҳам дар мактаб (инҳо- сурудхонӣ, ихтирокорӣ, бозии шашкаю шоҳмот, расмкашӣ, лоиҳасозӣ, тениси рӯимизӣ, навохтан дар созҳои мусиқӣ, рақсидан ва ғайраҳо) ташкил намояд ва ба ҳавасмандгардонии онҳо мусоидат намояд.

Шаклҳои таълими ҳуқуқӣ гуногун буда метавонанд: суҳбатҳо, маърузаҳо, лексияҳо, тамошои видеофилмҳо, истифода бурдани газетаҳои деворӣ, китобу журналҳо дар соҳаи ҳуқуқ. Шинос шудан бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ метавонад бевосита дар синфхона ё рафти корҳои беруназсинфӣ сурат гирад.

Мазмуни тарбияи ҳуқуқӣ дар раванди мароми педагогӣ зимни назардошти синну сол сурат мегирад. Асосҳои ахлоқи тарбияи ҳуқуқӣ асноди кӯдакии бармаҳал дар муносибати ахлоқии оила тибқи ҳавасмандонӣ ва боздории рафтори ахлоқӣ гузошта мешавад. Кӯдак ҳуқуқ ва вазифадории худро ҳамчун узви оила дарк мекунад: хоҳиш ва зарурат, имконпазир ва номатлуб, имконият ва манъ. Вай ҳамаи инро бо модар меҷаббад ва баъд бо шуури муайяни одаткардаи худ, бо талабот ва вазифадорӣ ба мактаб меояд [5, 30-33].

Адабиёт:
1. Безруких М. М. Ступеньки в школе. Книга для педагогов и родителей. – М 1988.(с.30-33)
2. Возрастное и педагогическое психология. Под. Ред. А. В. Петровского. – М., 1979.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд».
4. Подласый И. П. Педагогика. – М., 2000 (с.6-8).
5. Раҳимов Х., Нуров А. Педагогика. – Душанбе, 2007 (с.52-54).
6. Смирнова Е. О. Детская психология. – М.: Владос, 2003.
7. Юнусов Й. Педагогика. – Душанбе, 2005.

Калидвожаҳо: *ҳуқуқ, тарбия, хонандагони хурдсол, волидайн, тарбияи ҳуқуқӣ, демократия, давлат, масъулият, падару модар, фарзанд, кӯдак, мактаб, фаъолият.*

Аннотация

ПРАВОВОЕ ВОСПИТАНИЕ УЧАЩИХСЯ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ ШКОЛ

Формирование правового воспитания молодого поколения является важной частью гражданского воспитания. Понимание цели правового воспитания помогает педагогически осмыслить его роль во всем процессе воспитания, понять его связь с другими видами детской деятельности.

Ключевые слова: *право, воспитание, учащаяся молодежь, родители, правовое воспитание, демократия, государство, ответственность, родитель, ребенок, школа, деятельность.*

Annotation

LEGAL EDUCATION OF YOUNG STUDENTS IN SECONDARY SCHOOLS

Formation of legal education of this young generation is an important part of civic education. Understanding the purpose of legal education helps to think pedagogically about its role in the whole process of education, to understand its connection with other types of children's activities.

Keywords: *law, education, young students, parents, legal education, democracy, state, responsibility, parent, child, child, school, activity.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ахмедова Дурдона, магистранти соли аввали факултети таҳсилоти ибтидоии ДДОТ ба номи С. Айнӣ

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои педагогӣ Давлатзода Фаридун

Сведения об авторе: Ахмедова Дурдона, магистрантка первого курса факультета начального образования ТГПУ им. С. Айни

Научный руководитель: кандидат педагогических наук Давлатзода Фаридун

About the author: Akhmedova Durdona, first-year master's student of the Faculty of Primary Education Ayni

Supervisor: Candidate of Pedagogical Sciences Davlatzoda Faridun

Одинаева Машҳура Баҳодуровна,
магистранти соли аввали факултети забони англисӣ

ТАШАККУЛИ МАЛАКАҲОИ ПОЛИЛОГИИ ДОНИШҶӮЁНИ КУРСҲОИ БОЛОӢ БО ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Айни замон дар партави дигаргуниҳо, ки дар системаи маорифи ватанӣ ҷараён дорад, дар назди омӯзгорони забони англисӣ, чи донишгоҳҳо ва чи коллеҷҳои омӯзгорӣ вазифаҳои сершумор ва гуногунранг истодаанд. Яке аз онҳо ин таълими полилогии донишҷӯён ҳамчун воситаи муошират шифоҳӣ ва зарурати додани донишҳои воқеӣ дар ин самт мебошад. Ин на танҳо истифода бурдани шаклҳои нави назорат ва шаклҳои арзёбии дониши донишҷӯён, балки ҷустуҷуи усулу технологияи навро дар бар мегирад. Дар ҷараёни омӯзиши забони англисӣ бошад аввалин маҳорати нутқ ин полилог мебошад, ки он дар навбати худ хамчун шакли амали муқобилияти нутқ баромад мекунад. Аз ин лиҳоз, полилогро мо ҳамчун амали мутақобилаи шифоҳии ду ё зиёда ашхос дар доираи фазои ба истилоҳ баҳс мефаҳмем. Дар шароити раванди таълим, полилог ҳамчун суҳбати роҳнамо ба ҳисоб меравад.

Дар муассисаҳои таълимӣ муаллимони забонҳои хориҷӣ элементҳои забонию ҷамъиятию маданӣ эҷод мекунанд. Барои ба амал баровардани мақсади полилогӣ бо роҳи таълими гурӯҳӣ, муҳити зарурӣ фароҳам овардан зарур аст. Ҳамаи ин дар навбати худ, ба ҳамкории самарабахши коллектив мусоидат мекунад, ки яке аз субъектҳои он гурӯҳи донишҷӯёни курсҳои болоӣ мебошанд.

Асоси ҳамкории коллективӣ, ҳамчун яке аз шартҳои ташкили ҳамкорӣ барои ривоҷи нутқ ва муошират мебошад. Принсипи асосӣ ин ёрии ҳамдигарӣ, на рақобат барои омӯхтани маводи нав дар шакли гурӯҳи мебошад. Омӯзиши муштарак дар муассисмаҳои таълимӣ муҳим аст, зеро амалиёти омӯзиш ба гурӯҳҳои хурд такя мекунад ва барои баланд бардоштани саводнокӣ аз фаъолиятҳои гуногуни омӯзишӣ истифода мекунад.

Дар ин раванд дар амалҳои тадқиқоти муштараки якчанд нафар дар бораи иштирокчиёни муошират нутқ оид ба ягон масъалаи мавзуи нав маълумотҳо ба даст оварда мешавад. Муносибати мутақобилаи донишҷӯён бо ҳамдигар дар курсҳо болоӣ, малакаҳои иртибототии онҳоро инкишоф медиҳад. Қобилияти ташкили микродиалогҳоро бо истифода аз ибораҳо барои нигоҳ доштани суҳбат қобилияти ҷудо кардани иттилооти миллӣ-фарҳангӣ, ки барои гузаронидани полилог зарур аст, то ҳадди имкон ба ҳаққонияти нутқи забони хориҷии донишҷӯён наздик бояд шавад. Малакаҳои роҳбарӣ барои ривоҷи қобилияти шифоҳӣ, барои баён кардани натиҷаҳои кори муштарак, қобилияти таҳлили иҷрои мақсадҳо ва таҳлили муваффақияту нобарорӣ мавқеи хосро дорост

Омӯзиш дар гурӯҳҳои курсҳои болоӣ ба тарбия ва ҷорӣ намудани малакаҳои ташкилотчигӣ (муҳокима, маҳорати ҳалли масъалаҳо, қабули қарорҳои оқилона ва ғайра) нигаронида шудааст. Ин на танҳо ҷустуҷӯи муштараки роҳҳои ҳалли мушкилоти таълимӣ, балки ҳамкории мутақобилаи омӯзгор ва донишҷӯён бо забони англисӣ мебошад. Маҳорат ва малакаҳое, ки дар раванди ҳамкории даста ба даст оварда шудаанд, на танҳо барои ташаккули салоҳияти забонӣ муҳиманд, балки метавонанд дар ташкили ҳамкории тиҷоратӣ низ истифода шаванд.

Мавҷудияти системаи донишҳои зарурӣ барои амалисозии фаъолияти мутақобилаи нутқ дар фазои таълимии забони англисӣ,(сохтор, шаклҳо, намудҳо, принсипҳои он, шароити ташкили он, аз ҷумла бозиҳо, тренингҳо ва ғ.) ҷузъи ҷудонашавандаи раванди таълим ба ҳисоб мераванд. Равандҳои маърифатӣ бо як қатор дигар нуқтаҳо ба монанди: диққат, дарк, хотира, тасаввурот, тафаккур ва сухан баррасӣ карда мешаванд. Ҳамаи ин падидаҳо заминаеро ташкил медиҳанд, ки раванди азхудкунии дониш дар фазои таълимӣ бар асоси он сохта мешавад. Дониш инчунин аз мафҳумҳои фаъолият, мотив, эҳсосот, шахсияти омӯзанда, ҷудонашаванда аст. Мо чунин мешуморем, ки яке аз самарабахштарин чорабиниҳои тайёр кардани мутахассисони ояндаи соҳибкасб бо доштани маҳорати муомилаи нутқ ва гирифтани дониш дар ин самт шакли полилогии фаъолияти нутқ мебошад. Тайёрии донишҷӯён ба муомилоти нутқӣ дар ин маврид бо дониши маводи омӯхташуда, донистани меъёрҳои ахлоқӣ, хусусиятҳои минтақавӣ, огоҳии намудҳои гуногуни воқеият, ки хусусиятҳои фарҳанги омӯхташавандаро инъикос мекунанд, муайян карда мешавад.

Бояд гуфт, ки қобилияти ба даст овардани муваффақияти муайян дар соҳаи суханронӣ на танҳо ба донишҷӯн, балки бештар ба омодагии худи омӯзгор ба ташкили раванди таълими муошират нутқ дар шакли полилог вобаста аст. Ба фикри мо, ба мақсад мувофиқ мебуд, ки омӯзгор машғулиятҳои амалии нутқӣ, супоришҳои дорой характери эҷодиро дар лексияҳо, бозиҳое, ки алоқаи бевоситаи нутқиро таъмин мекунанд, дар семинарҳо, мизи мудаввар, суҳбатҳо, семинарҳои эҷодӣ ва ғайра дохил намояд.

Барои таъмини сатҳи баланди маҳорати суханронии полилогии донишҷӯёни дар раванди муошират нутқ ташаккул додани малакаҳое зарур аст, ки ба ноил шудан ба ҳадафи гузошташуда нигаронида шудаанд.

Ба гуфтаи олимон «аз нуқтаи назари забони хориҷӣ салоҳияти иртибототии маҳоратро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: гуфторӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ.

Маҳорати нуткӣ (иртибототӣ) дар методологияи таълими забонҳои хориҷӣ ҳамчун қобилияти шахс барои амалӣ кардани амали муайяни нутқ дар заминаи ҳалли масъалаҳои муошират дар асоси малакаҳои ташаккулёфта ва донишҳои гирифташуда фаҳмида мешавад. Ҳангоми омода кардани намудҳои гуногуни ҳамкорӣ: бозиҳои таълимӣ, лоиҳаҳо, бозиҳои нақшбозӣ, машғулиятҳои ривоҷи нуткӣ, хучуми майна ва ғайра ҳам чун иҷрокунанда ва ҳам ташкилотчии ин гуна чорабиниҳо баромад мекунанд. Дар рафти як қатор таҷрибаҳо ин имкон медиҳад, ки донишҷӯ маҳорати махсус ва касбии методиро, ки дар шакли полилог алоқаи нуткро таъмин мекунанд, пайдо кунад ва ин ҳам барои ифодаи шахсии донишҷӯён имкониятҳои калон дорад. Бояд гуфт, ки маҳорат дар шароити мо ягонагии фикрӣ ва амали мебошад ва амали муаллимони оянда барои роҳнамоӣ ба фаъолияти хонандагон - ин аст он чизе, ки барои амалӣ намудани таъсири мутақобилаи нутқ дар шакли полилог зарур аст.

Адабиёт:

1. Балаян А. Р. Монолог дар бораи муколама (полилог). – Москва: 1981, №4. – С. 62-66.
2. Бутенко Ж. Б. Таълими муошарати касбӣ дар полилог барои донишҷӯёни хориҷии донишгоҳи тиббӣ: Дис. Cand. пед. илмҳо. – М., 1990. – 199 с.
3. Махновская П. И. Усулҳои таълими мубоҳисавӣ ва гуфтугӯии донишҷӯёни филология: Дис. Cand. пед. илмхо. – М., 1992. – 245 с.
4. Пасов Э. Л. Омӯзиши коммуникативии забони хориҷӣ: консепсияи рушди шахсият дар муколамаи фарҳангҳо. – Липецк: Нашриёти ЛГПИ, 1998. – 159 с.

Калидвожаҳо: *полилог, муошарати шифоҳӣ, донишҳои воқеӣ, технологияи нав, маҳорати нутқ, мутақобила, сӯҳбати роҳнамо.*

Аннотация

РАЗВИТИЕ ПОЛИЛОГИЧЕСКИХ НАВЫКОВ СТУДЕНТОВ СТРАШИХ КУРСОВ НА АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье рассматриваются методы полилогического обучения студентов вузов как средство устного общения в старших группах и необходимость предоставления реальных знаний в этой области. Это включает не только использование новых форм контроля и функций для оценки знаний студентов, но и поиск новых методов и технологий. В процессе изучения английского языка первым навыком речи является полилог, который, в свою очередь, действует как практическая форма речевого сопротивления. Таким образом, мы понимаем полилог как словесное взаимодействие двух или более людей в так называемом тематическом пространстве – дискуссии. В контексте учебного процесса полилог рассматривается как руководство к беседе.

Ключевые слова: *полилог, устное общение, реальные знания, новые технологии, разговорные навыки, взаимодействие, руководство.*

Annotation

DEVELOPMENT OF POLYGOLIC SKILLS OF STUDENTS IN ENGLISH LANGUAGE

The article express the methods of polylogical teaching of university students as a means of oral communication in older groups and the need to provide real knowledge in this area. This includes not only the use of new forms of control and functions for assessing students' knowledge, but also the search for new methods and technologies. In the process of learning English, the first speech skill is polylogue, which in turn acts as a practical form of speech resistance. Thus, we understand polylogue as the verbal interaction of two or more people in the so-called thematic space - discussion. In the context of the educational process, the polylogue is seen as a guide to the conversation.

Keywords: *collogue, oral communication, real knowledge, new technologies, speaking skills, interaction, leadership.*

Маълумот оид ба муаллиф: Одинаева Машҳура, магистранти соли аввали факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел.: +992 009091126

Роҳбари илмӣ: н.и.п., дотсент Карабаев Б. Б.

Сведение об авторе: Одинаева Машхура, магистрантка первого курса факультета английского языка Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Тел.: +992 009091126

Научный руководитель: к.п.н., доцент Карабаев Б. Б.

About the author: Odinaeva Mashura, 1st year master of the Faculty of English of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Tel.: +992 009091126

Supervisor: Karabaev B. B.

Олимова Мунира,
магистрантка второго курса факультета русского языка и литературы

ИЗУЧЕНИЕ СЕМАНТИКИ ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ

Фразеологический оборот, как известно, прежде всего отличает от свободного словосочетания обобщенность значения всего оборота в целом. Именно это и позволяет выделить особый вид значения оборота - **фразеологическое значение**, которое не совпадает с лексическим значением слов - компонентов, его составляющих. Кроме того, фразеологическое значение, как правило, не прямое, а переносное, возникающее на базе первичных, номинативных значений слов в тех или иных свободных сочетаниях. Следовательно, фразеологическое значение имеет не прямую, а опосредованную связь с предметом.

К семантической двуплановости необходимо относить не только случаи существования нового представления на фоне первичного у сочетаний слов в переносном значении (сматывать удочки, попадаться на крючок, заметать следы), но и как бы условного сосуществования двух представлений у сочетаний слов, которые обозначают в своём прямом значении не существующие в действительности реалии – кот наплакал, лужёная глотка, курам на смех и т.п.

Далее, по сравнению с прямым значением слов в семантике фразеологизмов заметно усиление оценочности выражаемых наименований, признаков, действий и т.д. (ср.: *разориться - вылететь в трубу; голодать - положить зубы на полку* и пр.).

Итак, фразеологическое значение складывается не из суммы лексических значений слов, их составляющих, а представляет собой новый семантический обобщенный тип значения всего оборота в целом [5, 30].

Категория «фразеологического значения» часто служит предметом обсуждения. Как совершенно справедливо заметила А.М. Мелерович, подход к определению понятия «фразеологическое значение» целиком зависит от принятых исследователем критериев фразеологичности. Термин «фразеологическое значение» не используют лингвисты, включающие в объект фразеологии только абсолютно идиоматические комплексы, компоненты которых якобы не являются словами, наделёнными какими-либо значениями. Не используют его и представители прямо противоположного направления, относящие к введению во фразеологию все без исключения сочетания лексем, являющиеся номинативными единицами языка и утверждающие, что «…совмещение в слове хотя бы двух значений автоматически превращает каждое из них в несвободное, контекстуально связанное» [1, 117].

Но исследователи, занимающие промежуточную позицию между двумя указанными выше концепциями, выдвигают понятие «фразеологическое значение» и стремятся его эксплицировать. Такое значение отыскивается у омонимичных сочетаний лексем, являющихся как «свободными», так и собственно фразеологическими. Например, в сочетании тёмный лес изучаются особенности значения «что-то непонятное» по сравнению со значением «лес, в который не проникает солнечный свет». В таком значении правильно отмечается наличие коннотативного компонента, который является ведущим и создаётся на основе образа [2, с. 214]. Отмечаются также диффузность, широта и недетализированность семантики, широкая семантическая основа, дающая возможность прилагать ФЕ к широкому классу предметов. Указывается также на сплетение интеллектуального и чувственного отражения объективного мира, на наличие эмоционально - экспрессивного компонента.

Кроме того, во фразеологическом значении выделяются следующие свойства: способность быть средством обозначения понятия, обязательная сложность, наличие нескольких одинаково важных семантических элементов, цельность номинации, широта и отвлечённость, омонимичность синтаксического значения нефразеологическому.

Факт наличия в языке устойчивых выражений, представляющих собой уникальный лингвистический феномен, воспроизводимый в речи в готовом виде, обладающий яркой выразительностью, образностью и эмоциональностью, привлекает внимание исследователей русского языка на протяжении длительного времени. Под различными названиями («крылатые слова», афоризмы, обороты речи, идиомы и т.д.) фразеологизмы объяснялись как в специальных сборниках, так и в толковых словарях, начиная с конца XVIII века.

В последнее время по фразеологии написано значительное количество статей, книг, монографий. Фразеология находит своё место в курсах по общему языкознанию, в грамматических сочинениях и исследованиях по истории литературного языка и языка писателя. Намечены самые различные аспекты изучения фразеологии, причем как

приверженцами традиционных методов исследования, так и сторонниками новых направлений в современном языкознании.

Не смотря на это, в лингвистике до сих пор нет единого мнения о том, что такое фразеологизм и каковы границы фразеологии. Различные ученые выделяют те признаки фразеологизма, которые считают наиболее важными, и на их основе дают определение фразеологизма.

Большинство исследователей, таких, как Н.М. Шанский, В.В. Виноградов, А.И. Молотков и др., в качестве основных признаков фразеологизма выделяют: устойчивость - проявляется на разных уровнях языка: лексическом (постоянство состава), морфологическом (невозможность образования отдельных грамматических форм), синтаксическом (невозможность изменения порядка слов), воспроизводимость – ФЕ не рождается в речи, а извлекается из памяти в готовом виде.

В.Н. Телия говорит о полной или частичной идиоматичности, то есть дословной непереводимости на другие языки, и принадлежности к номинативному инвентарю языка, то есть способности к называнию.

В.П. Жуков считает важным 1) целостность значения: значение фразеологической единицы не выводится из значений составляющих ее слов, ФЕ членится на компоненты, формально соотносимые со словом, а также 2) экспрессивность – фразеологические единицы служат не только для номинации, но и для характеристики явлений, в них может быть заложена оценка [3, 412].

Кроме того, А.И. Молотков выделяет такие важные качества фразеологизма, как 1) валентность, то есть способность единиц сочетаться с определенными словами, группами, разрядами слов, причем определенным образом – по законам лексической и грамматической сочетаемости единиц языка; 2) возможность структурных вариантов или новообразований. Данное свойство определяет гибкость и диалектичность, проявляющуюся в живом употреблении фразеологических единиц. Этот признак обуславливает развитие фразеологического запаса, его жизнь и историческую изменчивость, а также возможность авторских трансформаций фразеологического фонда русского языка.

Проблема состоит в том, что в состав фразеологии одни учёные относят все устойчивые сочетания слов, воспроизводимые носителями языка в готовом виде, другие ограничивают перечень фразеологизмов только определённой группой устойчивых словосочетаний. У одних учёных во фразеологию языка попадают пословицы, поговорки, присловья, «крылатые слова» и афоризмы; у других – не попадают. Зачастую в состав фразеологии включаются различные описательные и аналитические обороты речи, сложные союзы, сложные предлоги, составные термины и т.д. Некоторые учёные называют фразеологизмами словосочетания типа горбатый нос, жмурить глаза, раннее утро и т.п., а также отдельные слова, например: сумбур, тарабарщина и другие, именуемые однословными идиомами.

Обобщая широкий спектр взглядов на фразеологию, можно отметить, что в современной лингвистике наметились два подхода к исследованию в данной области: узкий и широкий.

При узком понимании объема фразеологии, в её состав включаются только словосочетания со связанным значением, исходные компоненты которых переосмыслены до конца, либо переосмыслен хотя бы один из лексических компонентов. В первом случае фразеологизм получает слитное значение, не разложимое на значения его лексических компонентов: смотреть сквозь пальцы, видал виды, курам на смех, отлегло от сердца. Такие фразеологизмы «разложимы лишь этимологически, в историческом плане» [4, 85]. Во втором случае у переосмысленного слова формируется фразеологически связанное значение, которое способно реализовываться только в сочетании с определенным словом или рядом слов, что «приводит к образованию устойчивых словесных комплексов, обладающих аналитическим (расчлененным) значением: белое мясо, золотая молодежь, раб страстей…».

Такое понимание объёма и состава фразеологии отражают, например, работы В.В. Виноградова, В.П. Жукова, А.И. Молоткова. Сторонники данного подхода выделяют три типа фразеологических единиц: фразеологические сращения, фразеологические единства, фразеологические сочетания и фразеологические выражения.

Литература:

1. Ахманова О. С. Очерки по общей и русской лексикологии. – М.: Едиториал УРСС, 2004. – 294 с.
2. Бабкин А. М. Русская фразеология, ее развитие и источники. – Л.: Наука, 1990.

3. Жуков В. П., Сидоренко М. И., Шкляров В. Т. Словарь фразеологических синонимов русского языка / Под ред. В.П. Жукова. – М., 1987. – 619 с.
4. Попов Р. Н. Методы исследования фразеологического состава языка. – М., 1996.
5. Современный русский язык: Учебник / Под редакцией Н.С. Валгиной. – Москва: Логос, 2002. – 528 с.

Ключевые слова: фразеологическое значение, *прямое* значение, *переносное* значение, *фразеологически связанное значение.*

Аннотатсия

ОМӮЗИШИ СЕМАНТИКАИ ФРАЗЕОЛОГИЗМҲО

Маънои фразеологизмҳо аз маънои аслии ҷузъҳои таркиби онҳо муайян намегардад. Маънои фразеологӣ худ маънои маҷозӣ буда, дар асоси маънии аслии ҷузҳо ба амал меояд, ки бо он маънии номинативии калимаҳо дар ибораҳои озод истифода бурда мешаванд. Бинобар ин, маънии фразеологӣ бо предмет алоқаи бавосита дорад.

Калидвожаҳо: *маънои фразеологӣ, маънои аслӣ, маънои маҷозӣ, маънои алоқамандии фразеологӣ.*

Annotation

ИЗУЧЕНИЕ СЕМАНТИКИ ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ

The phraseological meaning does not coincide with the lexical meaning of the component words that make up it. Phraseological meaning, as a rule, is not direct, but figurative, arising on the basis of primary, nominative meanings of words in various free combinations. Consequently, the phraseological meaning has not a direct, but an indirect connection with the subject.

Keywords: *phraseological meaning, direct meaning, figurative meaning, phraseologically related meaning.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Олимова Мунира, магистранти сои дуюми факултети забон ва адабиёти руси ДДОТ ба номи С.Айнӣ

Роҳбари илмӣ: н.и.п., дотсент Валиев Н.

Сведения об авторе: Олимова Мунира, магистрантка второго курса факультета русского языка и литературы ТГПУ им.С.Айни
Научный руководитель: к.п.н., доцент Валиев Н.

About the author: Olimova Munira, 2st year master student of the Faculty of Russian Language and Literature, TSPU S. Aini

Scientific adviser: candidate of pedagogical sciences, associate professor Valiev N.

Абдуллоева Идимоҳ Абдуллоевна,
магистранти соли аввали факултети забонҳои романӣ-германӣ

ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ФАРҲАНГИ ЭТНИКИИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДАИ ЗАБОНИ ОЛМОНӢ ДАР ШАРОИТИ НИЗОМИ КРЕДИТИИ ТАҲСИЛОТ

Фарҳанг асоси зиндагӣ ва бунёди ҳастии инсон аст. Пайдоиши фарҳанг бо таърихи башарият пайвастагии мустаҳкам дорад: он дар робита бо инсон ба вуҷуд омада, баробари инкишофи шууру маънавиёти ӯ такомул меёбад. Воқеан, фарҳанг офаридаи худи инсон аст, ки ба тавассути он одамон на фақат тамоми ниёзу ҳастии худро таъмин менамоянд, балки ба муҳити табиию иҷтимоӣ дигаргунӣ дароварда, худро низ комилан тағйир медиҳанд. Фарҳанг дар тули таърихи инсоният тамоми паҳлуҳои рӯзгори мардум ва ҷомеаро фаро гирифта, ба дараҷаи пешрафту қудрати созандагии инсон ривоҷу равнақ мебахшад.

Вожаи «фарҳанг» маънои «тарбия, омӯзиш, тараққиёти рафтор, риоя намудан»-ро дорад. Калимаи «фарҳанг» маънои васеъ дорад ва бахшҳои зиндагии мардумро соҳиб аст.

Умуман зери мафҳуми «фарҳанг» рафтори инсонро, ки дар шаклҳои гуногун дарҷ мегардад, фаҳмида мешавад. Масалан, тарзи либоспӯшӣ, рафтори сухангӯӣ, рафтори хӯрокхӯрӣ, рафтори тақсимоти боигарӣ, тарзи омӯзиш ва дигар намудҳои рафтори инсонӣ.

Яке аз арзишҳои муҳими умумибашарӣ ва қисмати ҷудонашавандаи фарҳанг ин забон мебошад. Бинобар ин, омӯзиши ҳам забони модарӣ ва ҳам забони хориҷӣ барои ташаккули шахсият аҳамияти бузург дорад. Аз рӯи ақидаи профессор Бим И.Л. «Забони хориҷӣ барои ворид гаштан ба ҷаҳони муосир ҳамчун равзанаи иловагие мебошад, ки тавассути он шахс ба арзишҳои фарҳанги ҷаҳонӣ роҳ меёбад» [3, 5].

Омӯзиши забон ва тамаддуни ҷаҳон воситаи муҳиме барои васеъ гардидани муошират миёни мардумон ва мустаҳкам кардани ҳамкориҳои байналмиллалӣ мебошад. Аз ин ру СММ соли 2001-умро «Соли муколамаи миёни фарҳангҳо» номида буд. Алҳол ақидаи роҷеъ ба ҷудо накардани омӯзиши забони хориҷӣ аз фарҳанги кишвар, таърих ва ҳаёти ҳаррӯзаи он аҳамияти муҳим пайдо кардааст.

Вобаста ба ин аз ҷониби олимон ва методистони машҳур профессорон Кузовлёв В.Т., Пассов У.И., Коростелёва В.С. пешниҳод гардид, ки бинобар сабабҳои тағйиротҳои таърихӣ ва сиёсӣ дар кишварҳои ИДМ мақсадҳои таълимии забонҳои хориҷӣ аз нав дида баромада шаванд. Олимони мазкур қисматҳои таркибии мақсадҳои таълимро пешкаш намудаанд, ки дар он таълими фарҳанги хориҷӣ низ ҷойи асосиро ишғол мекунад.

Ба ҳамин муносибат ба хонандагон теъдоди муайяни мундариҷаи фарҳанги хориҷӣ бо хусусиятҳои иҷтимоӣ ва лингвистию кишваршиносӣ таълим дода мешавад. Дар ин масъала эътибору шаъни омӯзгори забони хориҷӣ ҳамчун соҳибкасб хеле баланд мегардад. Бинобар ин омодагии фарҳангии ӯ низ бояд дар дараҷаи баланд бошад. Салоҳияти касбии омӯзгор водор месозад, ки ӯ дорои салоҳияити байнифарҳангӣ буда, донишҳои фарҳангии хеш ва таҷрибаи шахсиашро дар фаъолияти педагогиаш фаъолона ҷорӣ намояд.

Муошират байнифарҳангӣ дар замони ҳозира асоси раванди интегратсионӣ ба ҳисоб рафта, донистани забони хориҷӣ на фақат эҳтиром ба халқи бегона, балки тавассути забони хориҷӣ роҳ ба сӯи муошират байни шахсҳо ва баланд бардоштани сатҳи касбии шогирдон мебошад [4, 207].

Тавре ки маълум аст, ҳадафи ниҳоии омӯзиши забони хориҷӣ - ин саводнокӣ, забондонӣ ва салоҳиятмандии донишҷуён, хонандагон ва албатта худи омӯзгорон низ мебошад. Салоҳияти миёнифарҳангӣ на танҳо дар дохили синф ва ё аудитория, балки дар давоми фаъолияти беруназаудитории омӯзгорону донишҷӯён низ ҳосил гардида метавонад. Ба фаъолияти беруназаудиторӣ дохил мешаванд: вохӯрӣ бо донишҷӯёни хориҷӣ ва ё намояндагони забони омӯхташудаистода, намоишҳои театрӣ, адабӣ, композитсияҳои мусиқӣ, тамошои филмҳо ва ғайраҳо. Зарур ҳисобидан лозим аст, ки ташриф ба театру музейҳо, намоиши филмҳо ба хотири рушди қобилияти фарҳангӣ- иҷтимоӣ ва рушди муколама хеле мусоидат мекунад. Дар дарсҳои забони хориҷӣ баҳри ҳосил намудани салоҳияти миёнифарҳангӣ шароит барои рушди зеҳнӣ, эҷодӣ, шахсияти маънавӣ, қобилияти муошират дар ҳама гуна фазои фарҳангӣ фароҳам меояд. Ҳадафи ниҳоии омӯзиши забони хориҷӣ бо зарурати инкишофи салоҳияти иртибототии хонандагон муайян карда мешавад. Салоҳияти иртибототии хонандагони забони хориҷӣ имкониятҳо барои талабагон барои алоқа ба забони хориҷӣ, ба таври озод ва кофӣ ба забони хориҷӣ ҳарф заданро таъмин менамояд. Зеро дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ рукнҳои зеринро ба хонандагони забони хориҷӣ пешниҳод карда мешавад: маводи забоншиносии маҳдуд барои дарсҳои муқаррарӣ, салоҳияти иртибототӣ ҳамчун қобилияти гуфтор, баён, тафсир ва муҳокимаи ҳар гуна масъалаҳои таълимӣ, аз ҷумла ҳамкориҳои байни ду ё зиёда одамони аҳли сухан ва ғайраҳо [1, 5].

Таҷрибаҳои омӯзишии забонҳои хориҷӣ дар солҳои гузашта дар донишгоҳҳои Тоҷикистон нишондиҳандаи онанд, ки донишҷуёни ин ришта баъд аз омӯзиш, дониши васеъи забоние касб карда метавонанд, аммо дар ҳолати истифода, дар гуфтор (муошират воқеӣ) дучори мушкилоти зиёде мешаванд. Ин дар ҳоле аён мегардад, ки донишҷӯ барои омӯзиши забони хориҷӣ машғул мешавад ва худро аз омӯзиши фарҳанги хориҷа канора мегирад. Баъзе натиҷаҳо нишон додаанд, ки аксарияти забономӯзон ба фарҳанги он давлате, ки забонашро меомузанд, ҳеҷ шавқу ҳавас ва ё назари нек надоранд. Ин боиси он мегардад, ки дар омӯхтани забони хориҷӣ, нуқсоне дар мо рух диҳад. Дар фарҳанг на танҳо дунёи воқеӣ перомуни инсон ва ба шароити зиндагии ӯ инъикос мегардад, балки худогоҳии иҷтимоии миллат, яъне тафаккур, шеваи зиндагӣ, расму ойин, системаи арзишҳо ва ҷаҳонбинии инсон низ инъикос меёбад. Тамоми ин маворид то ҷое дар забон айният меёбанд. Ба ибораи дигар забон ҳаммонанди пӯшиши моддӣ барои фарҳанг ба шумор меравад. Дар натиҷа метавон чунин гуфт, ки ҳар дарси забони хориҷӣ ҳаммонанди бархурди фарҳангҳо ва таҷрибаи амалии иртиботи миёни фарҳанге аст, зеро ҳар вожаи хориҷӣ дунёи хориҷӣ ва фарҳанги хориҷиро инъикос мекунад.

Дар соҳаи таҳсилоти муосир усулҳо ва робитаҳои байнифарҳангӣ дар соҳаи забоншиносӣ хеле ба кор меравад. Ҳамчуноне, ки Ю. В. Кузменкова қайд кардааст: «Дар шароити муосир робитаҳои байналмиллалӣ бояд густариш ёбанд ва бо забони хориҷӣ равон сӯҳбат кардан бояд хуб ба роҳ монда шавад». Албатта салоҳияти байнифарҳангии шахс набояд танҳо забондонии ӯ бошад, балки одоби сухан гуфтан ва муошират кардан, нисбати он фарҳанг эҳтиром доштан низ салоҳияти миёнифарҳангӣ шуморида мешавад.

Дар ҷаҳони имрӯза, ки муносибатҳои байни давлатҳо хеле мустаҳкам шуда истодаанд, омӯхтану донистани забонҳои хориҷӣ аҳамияти калон дорад. Ҳар як фарди ҳозиразамон бояд донандаи ақалан як забони хориҷӣ бошад, барои он ки муошират ва дӯстию ҳамкорӣ дар байни халқҳо моро наздик мегардонад. Бе донистани забони хориҷӣ ҳамкорӣ вуҷуд дошта наметавонад. Ҳоло барои муоширати байналмиллалӣ шаклҳои гуногуни инкишоф вомехӯранд: вохӯриҳои байналмилалӣ, намоишгоҳҳо, чорабиниҳои адабӣ ва варзишӣ, бизнесҳои ҳамкор ва монанди инҳо. Одамон забонҳоро бо сабабҳои гуногун меомӯзанд. Барои баъзеҳо омӯзиши забон барои кору фаъолият, барои дигарон барои сайёҳат ба хориҷа, ва сеюмин барои шавқу завқи худ мебошад. Ба ҳар ҳол омӯзиши забонҳо ҳаёти моро бой мегардонанд, яъне имконияти хондани адабиёти бадеӣ, муоширати байни намояндагони давлатҳои дигар, шиносоӣ бо маданияту иқтисодиёт, илму фарҳанг, техникаро пайдо мекунад. Касбҳое вуҷуд доранд, ки барои онҳо донистани забонҳои хориҷӣ шарту зарур аст. Ин касбҳо ба монанди тарҷумон, омӯзгорони забони хориҷӣ, дипломатҳо, рӯзноманигор, олимон, роҳбаладон, роҳбаладони ҳавопаймо, ронандагони таксӣ ва монанди инҳо мебошанд.

Забонҳои хориҷӣ ҷаҳонбинии моро васеъ ва бой мегардонанд. Ийоҳан Волфганг Гёте чунин гуфта буд: «Шахс то дараҷае комил аст, ки ӯ чанд забонро балад мебошад» [8].

Имрӯзҳо омӯзиши забони олмонӣ дар давлати мо ва тамоми дунё боз васеътар шуда истодааст. Олимон дар ҷустуҷӯи имкониятҳои нав, намуд ва шаклҳои муошират, ҳамдигарфаҳмӣ, гуфтугӯи самараноки маданият, ҳурумату эҳтиром нисбати маданияти ҳамкорон мебошанд. Ҳамаи ин ба он оварда расонд, ки дар омӯзиши забони хориҷӣ аҳамияти махсус ба масъалаҳои муоширати маданият ҷудо карда шудааст.

Зарурияти омӯзиши забони хориҷӣ дар алоқаи зичи ҷудонашавандаи маданияти халқе, ки соҳиби забон буда, забони онро меомӯзанд, дар методикаи таълими забони хориҷӣ чун аксиома (қоидаи асосие, ки ба исботу далел қабул карда мешавад) қабул шудааст [2].

Дар факултети забонҳои романӣ - германӣ барои ҳосил намудани салоҳияти фарҳанги этникӣ гузаронидани муколама, бозиҳои нақшофарӣ, намоишномаҳои театрӣ аҳамияти муҳим дорад. Чанд сол пеш (то оғози ковид-19) ба факултет соҳибзабонон аз Олмон ва Австрия ташриф меоварданд. Аз ҷумла, донишҷӯёни шӯъбаи забони олмонӣ бо донишҷӯёни Олмон намоишномаи «Тӯй дар Амондара» ро ба саҳна гузоштанд. Дар факултет клубҳои мубоҳисавӣ амал мекунанд, ки барои таҳкими муошират ва салоҳияти байнифарҳангии донишҷӯён мусоидат карда метавонад.

Аз тамоми ин гуфтаҳо ба хулосае омадан мункин аст, ки мақсади асосии забонукишваромӯзӣ ин таъмини робита дар коммуникатсияи умумиҷаҳонӣ мебошад. Забоншиносони муосир нақши асосии забонукишваршиносиро дар робитаи мадании аз худ кардани суханҳои шахси ҳамсӯҳбат ва матнҳои асосӣ аз ҷониби соҳибони забон мебинад. Омӯзиши забон дар асоси таъриху маданият ва анъанҳои мардумӣ дар нақшаи шиносоӣ бо маданияти халқи забонаш мавриди омӯзиш инъикос меёбад, зеро, ки бо ёрии омӯзиши забон одамон бо хусусиятҳои тарзи зиндагии ин ё он миллат, таърихи кишвар, хусусиятҳои табиию географӣ, маданият, сиёсату анъанаҳо шинос мешавад [7].

Адабиёт:

1. Абдулина О. А. Общепедагогическая подготовка учителя в системе высшего педагогического образования. – М.: Просвещение, 1984. – 208 с.
2. Барышников Н. В. Параметры обучения межкультурной коммуникации в средней школе //Иностранные языки в школе, №2, 2002 г.
3. Бим И. Л. Некоторые актуальные проблемы современного обучения иностранным языкам. ИЯШ, № 4, 2001 г., с. 5.
4. Вербицкий А. А. Активное обучение в высшей школе: контекстный подход: Метод. пособие [Текст]. – М.: Высшая школа, 1991. – 207 с.
5. Дейк Т. А. Язык. Познание. Коммуникация. – М., 1989. – 312 с.
6. Сайфуллаев Х.Г. Педагогические условия формирования лингвосоциокультурной компетенции студентов в пол иэтнических группах педагогических вузов Республики Таджикистан (на материале немецкого языка). Дис. … д-ра пед.наук. – Душанбе, 2014. – 306 с.
7. Шацкая А. В. Современные наукоемкие технологии. – 2004, № 4. – С. 78-79.
8. https://donishju.net/mafhumi-farhang/

Калидвожаҳо: *фарҳанг, маданият, салоҳиятнокӣ, забони хориҷӣ, фарҳанги этникӣ, омӯзгори оянда, муносибатҳои байнифарҳангӣ.*

Аннотация

ФОРМИРОВАНИЕ КОМПЕТЕНТНОСТИ ЭТНИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ БУДУЩЕГО УЧИТЕЛЯ НЕМЕЦКОГО ЯЗЫКА В УСЛОВИЯХ СИСТЕМЫ КРЕДИТНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

В статье рассматривается процесс формирования компетентности этнической культуры у будущих учителей иностранного языка. Кроме того, раскрывается важность обучения культуры народа, чей язык мы изучаем. Исходя от иследований определяются конкретные задачи поликультурного или межкультурного образования:

- глубокое и всестороннее овладение учителями культурой своего собственного народа, что является непременным условием интеграции в другие культуры;
- формирование у студентов и учителей представлений о многообразии культур в мире и в Таджикистане, воспитание позитивного отношения к культурным различиям, обеспечивающим прогресс человечества и условия для самореализации личности;

Ключевые слова: *культура, цивилизация, компетентность, иностранный язык, этническая культура, будущий преподаватель, межкультурные отношения.*

Annotation

FORMATION OF THE COMPETENCE OF ETHNIC CULTURE OF THE FUTURE TEACHER OF GERMAN LANGUAGE IN THE CONDITIONS OF CREDIT SYSTEM OF EDUCATION

The article examines the process of forming the competence of ethnic culture among future teachers of a foreign language. In addition, the importance of teaching the culture of the people whose language we are studying is revealed. Based on the research, specific tasks of multicultural or intercultural education are determined:

- deep and all-round mastery by teachers of the culture of their own people, which is an indispensable condition for integration into other cultures;
- the formation of students and teachers of ideas about the diversity of cultures in the world and in Tajikistan, fostering a positive attitude towards cultural differences that ensure the progress of humanity and the conditions for self-realization of the individual;

Keywords: *culture, civilization, competence, foreign language, ethnic culture, future teacher, intercultural relations.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Абдуллоева Идимоҳ Абдуллоевна, магистранти соли аввали факултети забонҳои романӣ-германӣ, кафедраи забони олмонии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Роҳбари илмӣ: профессор Сайфуллоев Х. Ғ.

Сведения об авторе: Абдуллоева Идимох Абдуллоевна, магистрантка первого курса, романо–германского факультета, кафедры немецкого языка, Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.

Научный руководитель: профессор Сайфуллаев Х. Г.

About the author: Abdulloeva Idimokh Abdulloevna, 1st year Master of Romance - Germanic Faculty, Department of German Language, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.

Scientific adviser: Professor Sayfulloev Kh. G.

Азизхонова Бахмал,
магистранти соли дуюми факултети биология

ОҚИБАТҲОИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ЗӮРОВАРИИ ОИЛАВӢ НИСБАТ БА КӮДАКОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ПЕШ АЗ ДАВРАИ ИСТИҚОЛИЯТ

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Шуравӣ аз ҷиҳати географӣ мавқеи ҷойгиршавӣ, миқдори аҳолӣ ҷои намоёнеро ишғол менамуд. Гарчанде 93%-и ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро кӯҳҳо ташкил медиҳанд ҳам, вале ҳар як минтақаи он аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Чӣ хеле, ки аз сӯҳбати як устоди варзида маълум гашт даврони Шуравӣ яке аз замонҳои гулгулшукуфии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар ин давра заводу фабрикаҳои зиёд дар шаҳрҳои калонтарини ҷумҳурӣ сохта шуда буданд. Қариб 100%-и аҳолӣ бо кори доимӣ таъмин буд. Иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар як дараҷаи хубе қарор дошт, ки дар ҷумҳурӣ камбизоат ва бенаво вуҷуд надошт. Аксарияти заводҳо ва комбинатҳои бофандагӣ дар пойтахти ҷумҳурӣ - ш. Душанбе ва ш. Ленинобод ҷойгир буданд. Ин заводу фабрикаҳо дар 3 басти корӣ фаъолият намуда ҳазорҳо одамон бо ҷойи корӣ таъмин буданд. Маоши хуби кормандон ва таварруми паст имконият медод, ки аҳолӣ зиндагии худро бе ягон душворӣ гузаронида, қисмати маблағи муайянеро захира менамуданд. Аз ҳама беҳтарин дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он иборат буд, ки хизматрасонии маориф ва тиб пурра бепул буда ҳамаи қавонони ҷумҳурӣ имконияти касбомӯзиро доштанд. Дар аксарияти ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ театрҳои касбӣ фаъолият намуда, мардум аз ҳунари волои онҳо бархурдор буданд. Байни ноҳияҳо ва пойтахти ҷумҳурӣ алоқа тавассути автобус ва қатораҳо ҳама вақт вуҷуд дошт. Аз сабаби он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари аграрӣ буд аксарияти аҳолӣ дар деҳаҳо қарор дошт. Барои самаранок пеш бурдани фаъолияти хоҷагии қишлоқ аксарияти аҳолӣ дар маҳаллаҳо дар савхозҳо муттаҳид шуда, ба меҳнати коллективона машғул буданд. Савхозҳо ба таври марказонида шуда техникаи хоҷагии қишлоқро харидорӣ менамуд ва ҳамаи онҳо дар як марказ нигоҳ дошта мешуданд. Чӣ хеле, ки аз нақли устод бар меояд дар ин солҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 1 млн тонна пахтаро ҷаъмоварӣ намуда буд, ки баъди пурра иҷро намудани нақшаи пахтасупорӣ ҷамъомади калони идонаи ҷумҳуриро фаро гирифта буд. Роҳбарияти ҷумҳурӣ кӯшиш менамуд, ки марказҳои ноҳиявиро инкишоф дода фарқияти байни деҳот ва шаҳрро кам менамуд. Ҳанӯз дар он солҳо ш. Душанбе ба мегаполис табдил наёфта буд, чунки дар он давра аз 500 то 600 ҳазор аҳолӣ дар маркази пойтахт истиқомат менамуданд. Ба ҳамаи ин пешравиҳо нигоҳ накарда дар даврони шуравӣ ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хушунати дохили оилагӣ нисбати кӯдакон дар як дараҷаи баланд қарор дошт. Ин хушунат дар маркази вилояту ноҳияҳо вобаста ба вазъи географӣ дар шаклҳои гуногун зоҳир мегашт. Масалан дар ноҳияҳои Вилояти Худмухтори Бадахшон ва водии Зарафшон аксарияти аҳолӣ ба парвариши тамоку сару кор дошт. Дар ин замон хушунати кӯдакон аз он иборат буд, ки онҳоро ҳамчун манбаи ҷисмонӣ вазмин истифода менамуданд. Чӣ хеле, ки ба ҳамагон маълум аст дар он давра аксарияти заминҳо ба аҳолӣ барои парвариши тамоку ҷудо карда шуда буд. Тамоку растании гармидӯст мебошад, онро аз моҳҳои январ-феврал дар парникҳои махсус кишт намуда дар аввали баҳор баъди шудгор намудани заминҳо ва ҷӯяк кашидани онҳо ба кишти ин растанӣ шуруъ мекунад. Кишти ин растанӣ хело душвор буда барои амалӣ гардонидани он аз меҳнати кӯдакон васеъ истифода бурда мешуд. Чунки барои ҳар як растанӣ заминро сӯрохи алоҳида намуда масофаи байни онҳоро 10 см нигоҳ медоштанд. Баъди ба анҷом расонидани зинаи нави кор дар заминҳо тамокупарварӣ шуруъ мегардид. Дар ин зина ҳам, ки аз алаф тоза кардани ҷӯякҳо ва мулоим кардани бехи растаниҳо иборат буд меҳнати кӯдакон бениҳоят васеъ истифода бурда мешуд. Барои он, ки заминҳои тамоку кишткарда ҳосили дилхоҳ диҳанд ба аҳоли зарур буд, ки тамоми қоидаҳои агросаноатиро риоя карда заминро 2-3 маротиба хишова намуда, бехи растаниҳоро мулоим менамуданд ва ба ғизои иловагӣ аз намакҳои маъданӣ дода мешуд. Растании тамоку яксола мебошад, бо суръати баланд сабзиш менамояд. Қади ин растанӣ то 2м расида, ғавсии пояааш 5-6 см-ро ташкил менамуд. Растании тамоку дар охири моҳи август ва сентябр ба гулкунӣ шуруъ мекунад. Балоғати баргҳо аз қисмати поёни растанӣ шуруъ мегарданд. Дар ин давра аҳолӣ чиндани баргҳои тамокуро аз қисмати поёни поя шуруъ менамуд. Дар ин зина ҳам меҳнати кӯдакон бениҳоят васеъ истифода мешуд. Барои он ки баргҳои чидашуда осеб набинанд, онҳоро дар зарфҳои калон бо як тартиби муайян болои якдигар нигоҳ медоштанд. Баргҳои чидашударо ба хона интиқол дода дар навбати аввал онҳоро дар зери оби равон мешустанд, баъдан 1 соат

нигоҳ медоштанд, ки оби зиёдатӣ аз баргҳо дур гардад. Дар зинаи минбаъда ҳар як баргро дар шакли ҷудогона аз ресмон мегузаронианд, ки ин меҳнати пурмашаққатро танҳо кӯдакон иҷро менамуданд. Баргҳои дар ришта кашидашударо дар ҷойҳои соя то хушк шуданашон нигоҳ медоштанд. Баъдан онҳоро дар ҷойи муайян нигоҳ дошта пеш аз он, ки ба марказҳои қабули тамоку супорида шаванд, онҳоро дар падвалҳои махсус бӯғронӣ намуда дар кепҳои махсус мисли пресс онҳоро бандпеч менамуданд, ки дар ин зина ҳам меҳнати кӯдакон васеъ истифода бурда мешуд. Ҷаъмоварии барги тамоку аз моҳи сентябр шуруъ гардида дар аввалҳои моҳи декабр ба анҷом мерасид. Баъди ба итмом расидани ҷамъоварии барги тамоку зинаи нави меҳнати ҷисмонӣ шуруъ мегардид, ки ин тоза намудани замин аз реша ва пояи тамоку иборат мебошад. Дар ин зина ҳам меҳнати кӯдакон истифода бурда мешуд. Сабаб он аст, ки пояи тамоку яке аз манбаҳои беҳтарини сӯзишворӣ ба ҳисоб мерафт. Аз мушоҳидаҳои солҳои пешин маълум мегардад, ки ҳар як сари аҳолӣ аз 500 то 1 тонна тамокуро ба шуъбаҳои қабули тамоку месупорид. Вобаста ба сифати нави тамоку аҳолӣ даромади бениҳоят хуберо ба даст меовард. Вале як чизро бояд қайд намоем, ки дар он хоҷагиҳое, ки кӯдакон вуҷуд надоштанд ва меҳнати онҳоро истифода намекарданд на он қадар ҳосили дилхоҳ мегирифтанд. Аксарияти аҳолии ин минтақаҳои кӯҳӣ барои парвариши тамоку, ки меҳнати сангинеро талаб менамуд, аз меҳнати кӯдакон ва мактаббачагон бениҳоят васеъ истифода мебурданд, ки ин дар он солҳо чӣ ба инкишофи ҷисмонӣ ва равонии кӯдакон таъсири бениҳот сахтеро мерасонид.

Дар аксарияти ноҳияҳои ҷанубии ҷумҳурӣ бошад, ки онҳо ба парвариши пахта машғул буданд истифодаи меҳнати кӯдакон дар чунин шаклҳо зоҳир мегашт. Устоди дигар, ки истиқоматкунандаи ноҳияҳои ҷанубӣ мебошад дар суҳбати худ чунин изҳор намуд. Аз сабаби он, ки пахта растании гармидӯст мебошад онро дар моҳҳои апрел ва аввали май кишт мекунанд. Дар он давра кишти пахта тавассути трактарҳои махсус амалӣ мегашт. Баъди аз пунбадона баромадани пахта ниҳолаҳои ин растанӣ бениҳоят зич мебошанд, бинобар ин ба пахтапарварон лозим буд, ки дар зинаи аввал ниҳолҳои пахтаро аз якдигар ҷудо намоянд. Дар ин зина ҳам аз меҳнати кӯдакон васеъ истифда бурда мешуд. Дар охирҳои моҳи май пахта то 10см сабзидааст зинаи нави меҳнат шурӯъ мегардид. Чӣ хеле, ки ба ҳамагон маълум аст дар охирҳои моҳи май дар заминҳои пахапарварии ноҳияҳои ҷанубӣ ҳарорати ҳаво аз 40^{o} баландтар мегардид. Дар ин давра чӣ хеле, ки аз забони шоҳидон бар меояд соати 5-и пагоҳӣ занон вакӯдаконоро аз хоб бедор карда дар болои мошинҳои боркаш бор намуда ба заминҳои пахтапарварӣ интиқол медоданд. Занон ва кӯдакон аз субҳи содиқ ба хишоба ва чобуқ намудани бехи пахта шуруъ намуда ин амал то соати 12 давом менамуд. Аз соати 12 то соати 4 деҳқонон, занон ва кӯдакони ба ин меҳнат фаро гирфташуда ба истеъмоли ғизо машғул шуда то 2 соат истироҳат мекунанд. Сабаб он аст,дар зери офтоби таспон дар ин соатҳо (2-4) меҳнат намудан ғайри имкон аст. Аз соати 4:00 шуруъ гардида то соати 7 боз аз сари нав тамоми меҳнаткашон ва кӯдакон ба кори худ давом мдиҳанд. Баъди фарорасии шом кӯдакон ба хонаи худ бар мегарданд. Ин амал то моҳи август 2 ё 3 маротиба давам мекунад. Дар охирҳои моҳи авуст пахта ба гулкунӣ шуруъ мекунад. Дар ин даври зинаи нави меҳнат шуруъ мегардад.

Чӣ хеле ки ба ҳамагон маълум аст, дар ин давра на танҳо меҳнати кӯдаконро истифода менамуданд, балки тамоми донишҷӯёни ҷумҳурӣ баҳри ҷамъоварии пахта сафарбар карда мешуданд. Сисёсати ҳукумати он давра аз он иборат буд, ки то порчаи охирини ҳосили бештарро ҷамъоварӣ накунем, ором намешинем.

Гарчанде дар ҷумҳурӣ қонун нисбати истифодаи меҳнати кӯдакон мавҷуд аст, вале дар амал вобаста ба минтақа ва сатҳи иқтисодии хонавода дигар мебошад. Аз мушоҳидаҳои гузаронидаи мо маълум гашт, ки дар замони ҳозира қариб, ки дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ меҳнати кӯдаконро васеъ истифода мебаранд.

Аз мисолҳои овардашуда аён мегардад, ки дар даврони шуравӣ ҳам хушунати дохилиоилавӣ нисбати кӯдакон баръало намудор буда, онҳоро ҳамчун як ғуломи корӣ васеъ истифода мебурданд.

Адабиёт:

1. Агрессия и психическое здоровье /Под ред. Т. Б. Дмитриевой, Б. В. Шостаковича. – СПб., 2002.
2. Алексеева Л. С. О насилии над детьми в семье. – М., 2002.
3. Антонян Ю. М., Бородин С. В. Преступное поведение и психические аномалии. – М., 1988.
4. Антонян Ю. М., Ткаченко А. А., Шостакович Б. В. Криминальная сексология. – М., 1999.

5. Берковиц Л. Агрессия: Причины, последствия и контроль. – СПб., 2001.
6. Бернс Р. Я – концепция и Я – образы / Самосознание и защитные механизмы личности. – Самара, Изд. Дом «Бахрах», 2003.

Калидвожаҳо: *зӯроварӣ, хушунати хонаводагӣ, ҷиноят нисбати кӯдакон, намудҳои зӯроварии оилавӣ, кӯдакон ҳамчун қурбаи корӣ.*

Аннотация

МЕДИКО-СОЦИАЛЬНЫЕ ПОСЛЕДСТВИЯ ДОМАШНЕГО НАСИЛИЯ ПО ОТНОШЕНИЮ ДЕТЕЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН ДО НЕЗАВИСИМОСТИ СТРАНЫ

В статье затрагивается тема домашнего насилия, его медико-социальные последствия. Рассматривается понятие домашнего насилия в отношении детей и подростков и приводится развернутая характеристика видов насилия в семье, а также определяется круг жертв такого насилия советской эпохи.

Ключевые слова: *насилие, домашнее насилие, преступления в отношении детей, виды домашнего насилия.*

Annotation

MEDICAL AND SOCIAL CONSEQUENCES OF DOMESTIC VIOLENCE AGAINST CHILDREN IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article touches upon the topic of domestic violence, its medical and social consequences. The concept of domestic violence against children and adolescents is considered and a detailed description of the types of domestic violence is given, and the circle of victims of such violence is determined.

Keywords: *violence, domestic violence, crimes against children, types of domestic violence.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Азизхонова Бахмал Мамадазизовна, магистранти соли дуюми факултети биология, кафедраи биохимия ва генетикаи тиббии ДДОТ ба номи С.Айни, суроға: ш. Вахдат, кӯч. Нақибхон Туғрал 19 «А», хонаи 17. Тел.: +992 935233295

Роҳбари илмӣ: н.и.б., дотсент Ғоибов А. Ғ.

Сведения об авторе: Азизхонова Бахмал Мамадазизовна, магистрантка второго курса биологического факультета, кафедры биохимии и медицинской генетики Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни, адрес: Вахдат, Накибхон Туграл 19 «А», кв: 17. Тел.: +992 935233295

Научный руководитель: к.б.н., доцент Гоибов. А. Г.

About the author: Azizkhonova Bakhmal Mamadazizovna, 2 year master of the Faculty of Biology, Department of Biochemistry and Medical Genetics, Tajik State Pedagogical University named after V. I. S. Aini, address: Vahdat, Naqibkhon Tugral 19 «A», office 17. Tel.: +992 935233295

Scientific director: PhD, Associate Professor Goibov: A. G.

Ахунова Фархундахон Ғайратовна,
магистранти соли дуюми факултети психология ва таҳсилоти фарогир

БУҲРОНИ НАВРАСӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН

Синни наврасӣ давраи мураккабтарин дар онтогенези инсон мебошад, зеро тағйирёбии сифатии инсон, аз ҷумла тағйирёбии ҷисмонӣ, эмотсионалӣ, зеҳнӣ, ахлоқӣ ба вуҷуд меояд, дар ин давра бозсозӣ дар сохтори психологии инсон ба вуҷуд омада, навгониҳо ба назар мерасанд, ба рафтори бошууронаи инсон асос гузошта мешавад, дар ташаккули тасаввуротҳои ахлоқӣ ва мақсадҳои иҷтимоӣ самти муайян пайдо мешавад.

Мураккабии давраи наврасӣ боз дар он аст, ки дар худшиносии кӯдаки ба балоғатрасанда тағйиротҳои ҷиддӣ бавуҷуд меоянд. Маҳз дар ҳамин давра ҳисси камолот ва «Ман-консепсия» ташаккул меёбад, рефлексия ба вуҷуд меояд, ҷаҳонбинӣ, худмуайянсозӣ бо «ВАЙ» ташаккул меёбад, худтарбиякунӣ имконпазир мегардад [1, 15].

Инкишоф дар ин давра бо суъати тез ба роҳ монда мешавад, психологҳо наврасонро бо ноустувории шахсӣ тавсиф медиҳанд. Дар онҳо хислатҳои мухталиф, кӯшишҳо, тамоюли дар як ҷо ба ҳам мавҷуд будан, ба ҳам бархурдан, зиддияҳо дар характер ва рафтори кӯдаки бакамолрасидаистода муайян карда шудааст.

Анна Фрейд ин давраро чунин арзёбӣ намудааст: «Наврасон қатъиян худбин мебошанд ва худро маркази олам ва яккаву ягона, лоиқи тававҷуҳ меҳисобанд, инчунин ба онҳо вафодорӣ ва ҳаёти худро барои ягон шахс ё кор фидо кардан хос аст, ки дар дигар давраҳои синнусолӣ чунин хусусият ба назар намерасад. Онҳо ба муносибатҳои ҷинсии аҷиб ворид мешаванд ва ин муносибат чӣ тавре, ки ногаҳон оғоз шудааст, ҳамин тавр ногаҳон аз байн меравад.

Аз як тараф, онҳо бо ҷидду ҷаҳд ба ҳаёти ҷамъиятӣ дохил мешаванд, аз дигар тараф ба танҳоӣ ва канорачӯӣ майл доранд. Онҳо кӯр-кӯрона ба саркори интхобкардаашон тобеъ мешаванд ва нисбати ҳама гуна таъсиротҳо зиддият зоҳир мекунанд. Онҳо худбинанд, парҳезгоранд, канорачӯянд ва ногаҳон ба соддалавҳӣ, беинтизомию фосиқӣ ғӯта мезананд. Баъзан онҳо нисбат ба одамони атроф дағалона ва бетакаллуфона рафтор мекунанд, аммо худи онҳо хеле зудранҷ мебошанд. Ҳолати руҳии онҳо байни некбинӣ ба руҳафтодагӣ қарор гирифта, зуд тағйир меёбад. Баъзан онҳо бо руҳбаландии барзиёд меҳнат мекунанд, баъзан беҳафсалагӣ дар онҳо ба назар мерасад [1, 54].

Қайд кардан зарур аст, ки дар давраи балоғатрасӣ шаклҳои гуногуни буҳронҳои инкишоф муайян карда шудааст. Психиатр Х.Ремшмидт, ки бевосита ба омӯзиши психикаи кӯдакон ва наврасон машғул аст, дар тадқиқотҳояш чунин гурӯҳбандии буҳрони наврасиро нишон додааст:

1. Вайроншавии инкишофи ҷинсӣ. Ба балоғатрасӣ, ибтидои амал кардани ғадудҳои ҷинсӣ омили аз ҳама муҳимтарини инкишоф дар синну соли наврасӣ мебошад. Давраи балоғатрасӣ дар синни 15-16-солагӣ асосан ба итмом мерасад, узвҳо дар ҳамин давра аз нуқтаи назари ҷинсӣ ба камол мерасанд, вале ошкор аст, ки дар ин синну сол дар бораи камолоти пурраи ҷисмонӣ ва илова бар ин дар бораи камолоти маънавӣ, идеявӣ, иҷтимоӣ, шаҳрвандӣ ба қарор омадан барвақт аст.

Вобаста ба балоғатрасӣ дар наврасон пайдо шудани ҳиссиёти ба онҳо ношинос ва дар маънои муайян ногаҳонии майли ҷинсӣ ва фикрҳои мувофиқ, шавқу ҳаваси хос ба ҷинси дигар, ба мазмуни мувофиқи китобҳову кинофилмҳо сарфаҳм рафтан табиӣ ва муқаррарист. Ба он муваффақ шудан лозим аст, ки ин шавқу ҳавас ба хусусиятҳои зарарнок майл накунад, бо ягон хел зуҳуроти нофорами психологӣ алоқаманд набошад. Дар ҷараёни балоғатрасии наврасон ба худ чунин саволҳо мегузоранд: байни ману дигар наврас (масалан, рафиқам) дар инкишофи ҷинсӣ бартарият мавҷуд аст ё не? Дар инкишофи ҷинсиам норасоӣ мавҷуд аст ё не? Ман метавонам диққати ҷинси муқобилро ба худ ҷалб намоям? Мумкин, вақти он расидааст, ки бо ҷинси муқобил муносибати шаҳвонии мунтазам дошта бошам? ва ғайра.

Ҳамаи ин шубҳанокӣ бо он алоқамандаст, ки наврас дар бораи алоқа ва рафтори ҷинсӣ тасаввуроти амиқ надорад ва ё онҳо «фишороварии иҷтимоиро нисбат ба муносибатҳои шаҳвонӣ» ҳис мекунанд.

2. Буҳрони худмуайянкунӣ. Ин шакли буҳрон ҷавобе мебошад ба аздастдодани мақоми кӯдакӣ, мувофиқат накардани имкониятҳои биологӣ бо иҷтимоӣ, нобоварӣ нисбат ба пайдо кардани салоҳият дар мақоми нав, ба тағйиротҳои ногаҳонии биологӣ, ки дар организми шахси ба балоғатрасидаистода бавуҷуд меоянд.

Дар маркази ҷустуҷӯи худмуайянкунӣ дар наврас чунин саволҳо ба миён меоянд: «Ман чӣ гуна ҳастам? Чӣ гуна шудан мехоҳам? Маро чӣ тавр қабул мекунанд?» Бе такя ба оила ҳамчун намуна ва берун аз он наврас ба ин саволҳо ҷавоб пайдо карда наметавонад, зеро маҳз дар ин синнусол онҳо зери шубҳа қарор мегиранд, ки ба пайдо шудани як қатор низоъҳо оварда мерасонад. Нобоварӣ ва

тарсу изтироб дар ин давраи буҳронӣ ба дараҷае оварда мерасонад, ки мумкин аст хавфи аз даст додани ягонагии ҷисмонӣ ва руҳӣ ба вуҷуд ояд. Дар ин ҳолат наврасон дар рафтор одатҳоеро эҷод мекунанд, ки кӣ ва чӣ тавр буданашонро барои худ муайян мекунанд (мунтазам ба ойна нигоҳ кардан, бадани худро ламс кардан, сабт кардани фикрҳои худ дар телефон ва ғ.). Ташаккулёбии худшиносӣ ва талаботи худро ҳамчун шахс фаҳмидан яке аз лаҳзаҳои муҳимтарини инкишофи шахсияти наврас мебошад. Наврас нисбат ба худ, ба ҳаёти ботинӣ ва ба сифатҳои шахсии худ шавку ҳавас пайдо мекунад, дар ӯ талаботи худбаҳодиҳӣ, худро ба дигар одамон муқоиса кардан пайдо мешавад. Дар асоси инкишофи худшиносии наврас, афзудани талабот, мавқеи нави худро дар коллектив фаҳмидан, дар наврас саъю кӯшиши худтарбия, саъю кӯшиши шуурона ва мақсаднок дар худ тарбия намудани сифатҳои мусбат ва боз доштани зуҳуроти манфӣ, бартараф намудани хислатҳои нохуб ва камбудиҳои худ ба вуҷуд меояд. Дар синну соли наврасӣ хислатҳои иродавии характер – суботкорӣ, устуворӣ ва маҳорати бартараф карда тавонистани монеаю душвориҳо дар роҳи ба даст даровардани мақсад баръало инкишоф меёбад [2, 60].

3. Буҳрони авторитетҳо. Маълум аст, ки наврасон дар давраи балоғатрасӣ аксуламали эътироз баён карданро ба худ муносиб медонанд. Мазмуни эътирози онҳо аз муқобилият зоҳир намудан ба авторитетҳо ба қонунҳои қабулшудаи ҷамъиятӣ, ба сохтори меъёрҳои иҷтимоӣ иборат аст. Инчунин шаклҳои инкор кардани ин муқобилиятҳо, ё худдорӣ кардан, ё гурехтан аз он. Рафтори худдорӣ ё гурехтан аз муқобилотҳоро аз моддаҳои фаъолгардонии психикӣ (МФП) вобаста аст ва ё аз он шаҳодат медиҳад, ки наврас ба ягон ҷамъиятҳои ғайрирасмӣ (динӣ) аъзо шудааст.

4. Таасуроти бепар воӣ ва дилхунукӣ (деперсонализатсия ва дереализатсия) Зери мафҳуми «таасуроти бепарвоӣ ва дилхунукӣ» тағйирёбии дарки худ (деперсонализатсия), дарки дигар одамон ва ё муҳити атроф (дереализатсия) фаҳмида мешавад, ки он ҳамчун шакливазкунии воқеият ё ҳамчун аз даст додани ҳақиқат ба назар мерасад. Чунин таасуротҳо хеле вазнин аз сар гузаронида мешаванд ва аз тарафи наврас ҳамчун «расидан ба кулминатсияи худрефлексия» баҳо дода мешавад.

5. Нодуруст арзёбӣ кардани симои зоҳирии худ. Наврас ҳис мекунад, ки функсияҳои соматикии (ҳаёт) ӯ тағйир ёфта истодаанд ва тасаввуроти ӯ нисбат ба бадани худ дигаргун мешаванд. Тағйиротҳои бавуҷудомадаро бодиққат мушоҳида карда, худро бо дигарон муқоиса мекунад, аксар вақт норасогиҳояшро аз будаш зиёд мебинад, ки худро ба ҳолати вазнини буҳронӣ оварда мерасонад (вайроншудани худбаҳодиҳӣ, фикрҳои ғаразона доир ба ҳаёт).

6. Буҳрони нартитсизм. Ин буҳрон дар наврасон мутамарказиятро ба шахсияти худ (эгоцентризм), ки бо хусусиятҳои физиологии давраи балоғатрасӣ алоқаманд аст, ба вуҷуд меорад. Ин гуна наврасон ба арзёбии барзиёди имкониятҳои худ, шӯхратпарастӣ, иззатталабӣ, муносибати нописандӣ нисбати атрофиён, номеҳрубонӣ нисбати наздикон зоҳир мекунанд. Дар худбаҳодиҳии чунин наврасон аз меъёр зиёд баҳо додан ё ҳисси норасоӣ дида мешавад.

Агар арзишҳои маънавӣ-ахлоқии наврас дар асоси меъёри муайяни иҷтимоӣ, ки дар он мафҳумҳои «дуруст» ва «нодуруст», хубӣ ва бадӣ фаҳмонида мешавад, ташаккул ёбанд, наврас ба муваффақият ноил мегардад. Аммо афсӯс, ки дар наврасони ҳозира аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва ахлоқӣ гумроҳшавӣ ба назар мерасад [3, 17].

Наврас ба таваҷҷуҳ ниёз доранд, зеро ӯ худро танҳо ва дуршуда меҳисобад. Вобаста ба синусол ӯ аз ҳаёти хонавода ва мактаб қонеъ намешаванд, ӯ алакай аз меъёрҳои муайяни ахлоқии одатшуда як зина балландтар меистад, аксар вақт низоҳҳоро бавуҷуд меорад- наврастаро ҷамъияти калонсолон бо тамоми қонунҳояш ба худ ҷалб мекунад, сохтори ҳаёти калонсолон аз ҳаёти наврас ва кӯдак ба куллӣ фарқ мекунанд. Дар ин ҷо ӯ ба мушкилотҳо дучор мешавад: бояд ба шароити нав мутобиқ шавад, худро эътироф намуда, эътирофи дигаронро ҳамчун калонсол, ҳамчун шахсият ба даст орад.

«Ман кӣ ҳастам? Чӣ хел одам ҳастам? Барои чӣ маҳз ҳамин тавр ҳастам?»- ин ва ба ҳамин монанд саволҳо ба наврасон хос буда, аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ ба худаш муроҷиат карда истодааст. Ҷавоб ба ин саволҳо танҳо дар ҳолати рӯ ба рӯ шудан бо ҳақиқат ба даст оварда мешавад. «Ман ва дигарон», «Ман ва олам» - проблемаҳои марказии давраи наврасӣ мебошад. Наврас худро бо атрофиён муқоиса мекунад ва ин муқоисаҳо дар аксар вақт субъективӣ буда, бар зарари ӯ мебошад.

Ҳамаи ин мазмуни буҳрони наврасӣ, буҳрони худшиносро ифода мекунад, ки онро паси сар карда, дар инсон «ҳисси фардият» пайдо мешавад [4, 36].

Хулоса, агар арзишҳои маънавӣ-ахлоқии наврас дар асоси меъёри муайяни иҷтимоӣ, ки дар он мафҳумҳои «дуруст» ва «нодуруст», хубӣ ва бадӣ фаҳмонида мешавад, ташаккул ёбанд, наврас ба муваффақият ноил мегардад. Аммо афсус, ки дар наврасони ҳозира аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва ахлоқӣ гумроҳшавӣ ба назар мерасад. Инсонеро тасаввур мекунем, ки дар ҷангалзори ношинос қарор дорад. Ӯ номи растаниҳоро намедонад, кадоме аз онҳоро истеъмол кардан мумкин аст ва кадомашро не. Дар ин ҳолат чӣ бояд кард? Ӯ кӯшиши онро мекунад, ки ба роҳи калон барояд. Аммо

барои нигоҳ доштани ҳаёт ӯ бояд ғизо истеъмол намояд. агар замбуруғҳои захрнокро бихурад, ӯ захролуд шуда мефавтад. Агар ғизо нахурад, ӯ аз гуруснагӣ мефавтад. Дар болои кунда нишаста, марги худро интизор шавад… ӯ тезтар мемурад. Албатта ин истиора аст- вазъиятро яқин дар шакли содда нишон доданд. Аммо надонистани асосҳои ахлоқии ҳаёт (хубу бад, дуруст-нодуруст, некӣ-бадӣ) аксар вақт наврасро ба тарафи «растаниҳои захролуд»- майнӯшӣ, маводи мухаддир, алоқаҳои ҷинсии бетартибона мебарад, ё ба тарафи «кунда» мебарад, ки маънои руҳафтодагии иҷтимоӣ ва шахсиро дорад.

Адабиёт:

1. Аксарина Н. М. Воспитание детей раннего возраста. – М., 1981. – С.7-22.
2. Виготский Л. С. Проблема возрастной периодизации детского развития. Вопросы психологии, 1972, №2 март-апрел 1972. - С.114-124.
3. Виготский Л. С. Масъалаҳои таълиму тарбия. Маводи илмӣ-назариявӣ барои донишҷӯёни шуъбаи томактабӣ. – Д., 2009.
4. Виготский Л. С. Мышления и речь.//Собр.соч. – М., 1982. Т. 2. – 352 с.
5. Виготский Л. С. Вопросы детской (возрастной) психологии// Собр.соч. – М., 1984. Т. 4. – 160 с.
6. Эльконин Д. Б. Избранные психологические труды. – М., 1989. – 560 с.

Калидвожаҳо: *буҳрон, кӯдак, наврас, синну сол, калонсолон, ҳамсолон, психика, фаъолият, мактаб, таълим, рафтор, муқоиса, томактабӣ, эҳсос.*

Аннотация

ПОДРОСТКОВЫЙ КРИЗИС И ЕГО ОСОБЕННОСТИ

Подростки, девочки и мальчики экспериментируют со своим «Я» и связывают его со своим самосознанием. Они экспериментируют со своими именами и фамилиями и выбирают себе разные имена и прозвища, такие как: Вишня, Нос, Низкий, Длинный, Толстяк и другие. Экспериментируя со своей внешностью, они находят привлекательные материалы для макияжа, изменение цвета волос, выбор прически, образ любой фигуры, выбор одежды. Экспериментируя над своим телом, они расширяют руки и ноги любыми способами (с помощью белка) или садятся на диету, чтобы их разрушить. Они также проверяют свое сознание и употребляют наркотики и алкоголь.

Ключевые слова: *кризис, ребенок, подросток, взрослый, ровесник, психика, деятельность, школа, образование, поведение, сравнение, дошкольный, чувство*

Annotation

TEENAGE CRISIS AND ITS FEATURES

Teenagers, girls and boys experiment with their «I» and connect it with their self-consciousness. They experiment with their first and last names and choose different names and nicknames for themselves, such as: Cherry, Nose, Short, Long, Fat Man and others. Experimenting with their appearance, they find attractive materials for makeup, changing hair color, choosing hairstyles, the image of any figure, choosing clothes. Experimenting with their body, they expand their arms and legs in any way (using protein) or go on a diet to destroy them. They also test their consciousness and use drugs and alcohol.

Keywords: *a crisis, child, teenager, adult, peer, psyche, activity, School, education, behavior, comparison, preschool, feeling.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Ахунова Фархунда Ғайратовна, магистранти соли дуюм, ихтисоси психологияи амалии факултети психология ва таҳсилоти фарогири ДДОТ ба номи Садриддина Айнӣ. Телефон: +992 919706202

Роҳбари илмӣ: профессор Маҷидова Б.

Сведения об авторе: Ахунова Фархунда Гайратовна, магистрантка второго курса, специальности практический психолог факультета психологии и инклюзивного образования ТГПУ им. Садриддина Айни. Телефон: +992 919706202

Научный руководитель: профессор Маджидова Б.

About the author: Akhunova Farkhundakhon Gayratovna, magistrand of the 2nd course, specialty practical psychologist, faculty psychology and inclusive observer TGPU name Sadriddin Ayni.Phone: +992 919706202

Scientist: professor Majidova B.

РАВИШИ ТАДРИС

Убайдуллоев Шукрулло Давлаталиевич,
магистранти соли дуюми факултети психология ва таҳсилоти фарогир

ИСТИФОДАИ МАШҚҲОИ ЛОГОПЕДӢ ДАР ТАЛАФФУЗИ ОВОЗҲО БО ВОСИТАИ БОЗӢ

Хонандагони дорои нуқсони нутқдошта истифодаи мафҳуми бозиро дар машғулиятҳои логопедӣ аз тарафи логопед ҳангоми талафузи овоз ва ё супориш додан ислоҳ карда мешавад.

Мафҳуми бозӣ вобаста ба мақсад, вазифа, мазмун, метод ва хусусиятҳои кори тадқиқоти аз тарафи намояндагони соҳаҳои гуногуни фанҳои гуманитарии мавриди истифода қарор гирифтааст. Д. Б. Элконин назарияҳои гуногунро доир ба истифодабарии мафҳуми бозӣ, хусусияти иҷтимои доштани бозӣ таҳлил намуда таъкид менамояд, ки бозӣ барои ислоҳ намудани нуқсони нутқ дар машғулиятҳои логопедӣ истифода карда мешавад.

Талаффузи овоз аз узвҳои пешбаранда дар вақти ҳаракати ин ё он узв, ки дар ковокии даҳон ҷой гирифтааст (забон, ҷоғи поён), лаб, рӯй санҷида мешавад. Пешравии узвҳои аппарати талаффуз - малакаи ҳаракатҳои хонандаи лакнатзабон барои ба забон овардани овозҳои забони модарӣ ба иҷро расонида шуда, баъдан имконияти аз як ҳаракат ба ҳаракати дигар гузаштан - муқобили якум, ба назар мерасад. Чунин ҳаракатҳо барои ислоҳ намудани нуқсони нутқ ба тариқи бозӣ пешниҳод намудем:

1. Лабҳо ҳангоми табассум кашида шуда, мижаҳо ошкор мегарданд (дандонҳои марказии пеш), лабҳо ғафс шуда, ба пеш кашида мешаванд. Лабҳоро аз ҳолати муқаррарӣ ба ҳалоти «табассумкунӣ» овардан мумкин аст (беҳаракати ҷоғи поён);
2. Дар ҳолати табассум лабҳо ва дандонҳо ғафс мешаванд, милкҳо ошкор гардида, дандонҳо аз ҳам ҷудо мешаванд, (тахминан 2-3 см) лабҳо дар вақти табассум ғафс шуда, мижаҳо ошкор мешаванд. Чоғҳои поён дар натиҷаи ҳаракат гоҳ ғафс ва гоҳо худо мегарданд (бе иштироки лаб, ҷоғҳои поён ба пеш кашида мешаванд);
3. Дандонҳо тахминан 2 см, лабҳо ҳангоми табассум мижаҳоро ошкор менамоянд: забон дар даҳон ба тарафи рост кунҷи даҳон гардонида шуда, забон бошад, ба тарафи кунҷи чапи даҳон бурида мешавад. Навбати ҳаракати забон аз кунҷи чап ба рост ва баръакс, дар ҳолати табассум лаб (бе ҳаракати хоғи поён ба тарафи чап ва рост);
4. Забони паҳн дар самти лаби поён хоб меравад, даҳон кушода мешавад. Забони борик байни ду омилҳо мехобад. Лабҳо ҳангоми табассум, милкҳо ошкор мегарданд, даҳон бошад кушода мешавад. Забон аз ҳолати паҳмӣ ба ҳолати борики омада даҳон кушода мешавад (бе ҳаракати лабҳо);
5. Нӯги забони паҳн бардошта шуда ба теппаи дандонҳои боло, лаб дар ҳолати табассум вораҳоро ошкор намуда, даҳон кушода, нӯги забони паҳн ба лаби поён омада, лаб дар ҳолати табассум ва вораҳо хавс шуда, даҳон кушода мегардад. Дар навбати худ ҳаракати забон паҳн шуда гоҳ ба боло гоҳ ба поён оварда мешавад.

Барои иҷрои чунин сифатҳои ҳаракатҳои хонандаи лакнатзабон бо чунин тарз баҳо дода мешавад:

1. Чолокӣ - хонандаи лакнатзабон самти ҳаракати лаб ва забонро дониста, кӯшиш мекунад, ки ҳаракатҳои лозимаро пурра ихро намояд;
2. Мунтазамӣ - ҳаракатҳо сабук, ҳамвор, бе такоб додан;
3. Деферентсиалӣ - иҷрои ҳаракатҳо ба воситаи як узв -узвҳои талаффуз (бо забон), бе дахолат ва ҳаракатҳои узвҳои дигар (лаб, ҷоғи поён);
4. Аниқӣ - натиҷаҳои мувафаққияти дурусти охир, хонандаи лакнатзабон ба шакли лозимӣ ё зарурии ҳолати лаб, забон ноил гаштааст;
5. Баробарӣ - иҷрои ҳаракатҳо ё доштани ҳолати чап ва рост ягон узви пешравандаи аппаратӣ талаффузкунанда;
6. Устуворӣ - дошта тавонистани ҳолати бе тағйири вақт (дар назорати калонсол аз 1 то 5 бо оромӣ зиёд намудани он то 10);
7. Тағйир додан - малакаи тавонистани бисёркаратаи сабук, мумтазам, ба қадри имкон тез гузаштани ҳолати ҳаракат ба нигоҳ доштани ҳисоби сифатҳои ҳаракатҳои фаъол.

Гимнастикаи талаффузкунонӣ барои хонандагони лакнатзабон ҳамчун бозӣ истифода бурда мешавад.

Яке аз воситаҳои вайроншавии ҳаракати овоз талаффуз ин номукаммал будани муҳаррики талаффуз - гимнастикаи талаффуз мебошад. Гимнастикаи - талаффуз - ин машқҳои комплексии интихоб шуда барои беҳтар намудани сифати узвҳои ҳаракати талаффуз ва ба меъёри овардани он хизмат мекунад. Муҳим он аст, ки машқ ҳар рӯз такрор карда шавад. Ҳар як машқи талаффуз барои беҳтар намудани дар хотир нигоҳдорӣ ба худ нигоҳи махсус ва рамзӣ доранд. Машқ дар назди ойна иҷро карда мешавад (хонандаи лакнатзабон чун тамошобин амали худро назорат карда тавонад).

Маҷмуимашқҳои талаффуз. Маҷмуимашқҳо барои овозҳо (с), (з), (тс) (овозҳои ҳуштакдор).

«Най»

1. Лабҳо бошиддат ба пеш кашида мешаванд. (дандонҳо ҳавс хоҳад шуд).

«Девор - шиғ»

Бо шиддат табассум карда, дандонҳо ошкор мегарданд. (дандонҳо васл мешаванд).

«Блин - куймоқ»

1. Табассум
2. Даҳон кушода мешавад.
3. Забони паҳнро ба болои лапи поён мегузорад.

«Хамира»

1. Табассум мекунад.
2. Забонро байни ду лаб гирифта – «пя-пя-пя…» гуфтан.
3. Нӯги забонро газидан. (Ин ду ҳаракатро бо навбат иҷро мекунад).

«Дандон тоза мекунем»

Табассум карда даҳонро мекушоем. Охири забонро аз дарун тоза кунед, бо навбат аввал дандонҳои поён баъдан дандонҳои боло. Маҷмуимашқҳо барои овозҳо. (ш), (ж), (ч), (щ-шч) (Овозҳои камда).

«Сурнай»

1. Лабҳо бошиддат ба пеш мераванд (дандонҳо ҷафс мешаванд).

«Деворча - шиғ»

Бошиддат табассум мекунем ва дандонҳо васл мешаванд. (дандонҳо хафс мегарданд).

«Косача»

1. Табассум кардар.
2. Даҳонро калон кушодан.
3. Забони паҳнро ба даруни ворид намудан ва ба ӯ сохти «косача» додан. (Ба сабуки нӯги забонро бардоред).

«Мураббои бомазза»

1. Табассум кардан.
2. Даҳонро кушоед.
3. Бо забони паҳн лесидани лаби ки шакли косачаро мегирад.

«Чиндор»

1. Табассум кардан.
2. «Замбурӯғ» кардан. (Забони паҳнро бо коми мулоим макидан)
3. Забонро дур накарда, даҳонро пӯшидан ва маҳкам кардан. (дандонҳоро ҷафс накунед).

«Рангзан»

1. Лабҳо дар табассум.
2. Даҳонро кушодан.
3.Нӯги забонро молидан ба коми мулоим.

Маҷмуимашқҳо барои овози «Л»

«Деворча»

1.Дандонҳоро баробар ҷафс карда, деворча мекунем.

«Индукчаҳо»

1.Даҳонро каме мекунашоям, Забончаро боло мебардорам.
Болои лаб мегузорам.

Машқҳои коплексӣ барои овози (р)

«Соатчаҳо»

1.Ба чап - ба рост.Ба чап - ба рост.
Забони ман бо ҳазл мегардад. Ҳаракат менамояд. Забон ба чап - ба рост.

«Дандонҳоро тоза мекунам».

1.Тоза кунам, тоза кунам,
Аз даруну берун озода кунам.
Ҳаракати забон ба боло,
Дандон болову поён ва аз рост ба чап.
Баъд боз ба дандонҳои поён.

«Аспак»

Ман аспак - паҳлуям сурхак,
Бо наълам мекунам тақ - тақ.
Агар хоҳӣ - мешавӣ савор.
Охири забонро макида, ба коми мулоим шалпос задан.

«Поймонакҳо»

Забонча саёҳат рафт,
Ба зиначаҳо қадам зад.
Ҳаракати забон ба боло қарор гирифта, ба поён ба сӯи манаҳ.

Ҳамин тавр, ин машқҳо бо тариқи бозӣ барои рушд ёфтани мушакҳои соддаи аппарати талаффуз, ки хонандаи лакнатзабонро барои дуруст талаффуз намудани овозҳо омада менамояд, пешниҳод гардидааст. Логопед, мафҳуми бозиро маҳз ба хонандагони нуқсони нутқдошта мутаалиқ медонем. Вақте, ки тифл аввалин ҳолатҳои рӯҳии худро дар шакли ханда, хушҳолӣ, даступочакзанӣ ифода мекунад, онро «бозӣ кард» мегӯем. Минбаъд ҳаракату амалҳое, ки барои қонеъ гардондани талаботҳои худ бача ичро мекунад, онро чун бозӣ қабул мекунем, номатлуби онҳоро бо ибораи «бозӣ накун» манъ мекунем.

Адабиёт:

1. Левина Р. Е. Об эмоциогенных факторах заикания, возникающих в процессе формирования произвольной речи. Дефектология. – М., 1981. № 1. – С.7-13.
2. Лисина М. И. Проблемы онтогенеза общения. – М., 1986.
3. Мухина В. С. Изобразительная деятельность ребенка как форма усвоения социального опыта. – М., 1981.
4. Основы теории и практики логопедии. Под ред. Р. Е. Левиной. – М., 1968.
5. Развитие речи детей дошкольного возраста. Под ред. Ф. А. Сохина. – М., 1976.
6. Цветкова Л. С. Нейропсихология счета, письма и чтения; нарушение и восстановление. Воспитание детей раннего возраста. Под ред. Г. М. Ляминой. – М., 1974.
7. Эльконин Д. Б. Психология игры. – М.: Педагогика, 1978.

Калидвожаҳо: *логопед, бозӣ, нуқсони нутқ, кӯдакон, ислоҳ, забон, аспак, машқҳо, мураббия, лабҳо, талафуз*

Аннотация

ПРИМЕНЕНИЕ ЛОГОПЕДИЧЕСКИХ УПРАЖНЕНИЙ ПРИ ПРОИЗНОШЕНИИ ЗВУКОВ ЧЕРЕЗ ИГРЫ

Игровые приемы применяются в коррекционной работе для профилактики речевых нарушений, нарушений лексической структуры речи у детей. Используя игровые методы, можно добиться определенных успехов в исправлении нарушений словарного запаса у детей с дефектами речи. Исследователь изучил игры «Най», «Девор-шиг», «Блин-Куймок», «Хамира», «Дандон тозаемек», «Сурнай», «Косача», «Мураббой бомаза», «Чиндор», «Рангзан», «Деворча», «Индукча», «Саатчахо», «Зубная паста», «Аспак», «Поймонакхо» предоставили доказательства, исправляющие дефекты речи. Игра – это деятельность, которая создает оптимальные условия для обучения детей с дефектами речи и является эффективным средством коррекционной работы по развитию речи у детей с дефектами речи.

Ключыевие слова: *логопед, игра, нарушения речы, дети, коррексия, язык, лошадка, упражнения, воспитател, губы, произношение*

Annotation

THE USE OF SPEECH THERAPY EXERCISES WHEN PRONOUNCING SOUNDS THROUGH GAMES

Game techniques used in correctional work for the prevention of speech disorders, violations of the lexical structure of speech in children. Using play methods, you can achieve some success in correcting vocabulary disorders in children with speech impairments. The researcher studied the games «Nai», «Devor-shig», «Blin-Kuimok», «Hamira», «Dandon tozaimek», «Surnai», «Kosacha», «Murabboy bomaza», «Chindor», «Rangzan», « Devorcha», «Indukcha», «Saatchhaho», «Toothpaste», «Aspcha «and» Poimonakho «provided evidence that corrects speech defects. Play is an activity that creates optimal conditions for teaching children with speech impairments and is an effective means of corrective work on the development of speech in children with speech impairments.

Keywords: *speech therapist, play, speech disorders, children, correction, language, horse, exercises, educator, lips, pronunciation*

Маълумот дар бораи муаллиф: Убайдуллоев Шукрулло, магистранти соли дуюми факултети психология ва таҳсилоти фарогири ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Тел.: +992 900696979

Роҳбари илмӣ: н.и.п., дотсент Рамазонова С.

Сведения об авторе: Убайдуллоев Шукрулло, магистрант второго курса факультета психология и инклюзивного образования ТГПУ имени С. Айни. Тел.: +992 900696979

Научный руководитель: к.п.н., доцент Рамазонова С.

About the author: Ubaidulloev Shukurllo, second year master's Faculty of Psychology and Inclusive Education, TSPU named after S. Aini. Tel.: +992 900696979

Лайлои Шералӣ,
магистранти соли аввали факултети таҳсилоти ибтидоӣ

РУШДИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДКОРӢ ДАР ФАЪОЛИЯТҲОИ МУСАВВИРӢ БО ИСТИФОДАИ МАВОДҲОИ ТАБИӢ

Дар илми педагогикаи томактабӣ масъалаи ташаккули қобилияти эҷодкорӣ муддати тулонӣ яке аз масъалаҳоимуҳимтарин ба шумор меравад. Мафҳум, сохтор ва хусусиятҳои зуҳури фаъолияти эҷодӣ дар асарҳои файласуфон, педагогҳо ва равоншиносон баррасӣ карда мешавад [1, 7-8]. Муҳаққиқони ин соҳа О. В. Дибина, Т. С. Комарова, В. С. Кузин, Я. А. Пономарев, С. Я. Рубинштейн, Н. П. Сакулина, Б. М. Теплов, Э. А. Флерина, Т. Я. Шпикалова ва дигар таъкид мекунанд, ки эҷодкории кӯдакон аз ташкили дурусти фаъолияти таълимӣ вобастагӣ дорад. Ҳар қадаре ки кӯдак ба фаъолияти эҷодӣ ҷалб карда шавад, дар рушди умумии бадеии ӯ натиҷаҳои беҳтар ба даст овардан мумкин аст. Воситаи беҳтарини ташаккули эҷодии дар синни томактабӣ, ба ақидаи олимон Э. А. Флерина, Н. П. Сакулина, Э. И. Игнатев, Т. Г. Казакова, Т. С. Комарова ва Р. М. Хумичева фаъолияти эҷодӣ мебошад [2, 12-15]. Кор бо маводи гуногун чунин як фаъолияти пурсамар аст, ки дар натиҷаи он кӯдакони томактабӣ метавонанд на танҳо ҳунарҳо ва бозичаҳои гуногун эҷод кунанд, композитсияҳои ҳамвор ва ҳаҷмӣ иҷро кунанд, балки муносибати худро ба муҳити атроф низ баён кунанд. Кор бо маводи табиӣ, барои наздик шудан ба табиат, тарбия намудани муносибати эҳтиёткорона, ғамхорӣ нисбат ба он ва ташаккули малакаҳои аввалини меҳнатӣ имкониятҳои калон дорад. Сохтани бозичаҳо, айёниятҳои дастӣ аз маводҳои табиӣ кори душвор, хурсандибахш ва хеле гуворо аст [3, 26-27].

